# *АХТАРОНИ АДАБ*

# 17

**ҲАЙАТҲОИ МУШОВАРА ВА ТАҲРИРИЯИ**
**50-ҶИЛДАИ ОСОРИ КЛАССИКОН ВА МУОСИРОН**
**АЗ СИЛСИЛАИ «АХТАРОНИ АДАБ»**

**ҲАЙАТИ МУШОВАРА**

*Саидмурод Фаттоев*
*Мирзошоҳрух Асрорӣ*
*Абдуҷаббор Раҳмонов*
*Мамадшо Илолов*
*Меҳмон Бахтӣ*
*Акбар Турсун*
*Гулназар*
*Фарҳоди Карим*

**ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ**

*Абдулҳамид Самад*
*Сайидалӣ Маъмур*
*Абдунабӣ Сатторзода*
*Худоӣ Шарифов*
*Мирзо Муллоаҳмадов*
*Алии Муҳаммадии Хуросонӣ*
*Гурез Сафар*

САНОИИ
ҒАЗНАВӢ

# МУНТАХАБИ АШЪОР

ДУШАНБЕ,
«АДИБ»
2011

ББК 83,3(0)9+83,3 (2 тоҷик)
А-19

*Мураттиб, муаллифи пешгуфтор, тавзеҳот ва луғату таркибот*
***Кароматулло Олимов***

Муҳаррир
***Сайидалӣ Маъмур***

А-19 ***Ҳаким Саноӣ.*** *Мунтахаби ашъор.* — Душанбе: «Адиб», 2011. - 480 саҳ.

Ин ҷилд мунтахабе аз маснавии «Ҳадиқатулҳақиқа», қасоид ва ғазалиёти Ҳаким Саноии Ғазнавиро дар бар мегирад, ки дурдонаҳое аз ганҷинаи ирфону маънавиятро дар худ нуҳуфтааст.

**ISBN 978-9947-2-033-0**

**© Нашриёти "Адиб", 2011.**

## ҲАКИМ САНОӢ СИМОИ БУЗУРГИ НАЗМУ ҲИКМАТИ ИРФОНӢ

Ховаршиноси намоёни шӯравӣ Евгений Бертельс таъкид карда буд, ки агар асарҳои Саноӣ намебуданд, назми ирфонӣ дар он шаклу мазмуне, ки Фаридуддин Аттор ва Ҷалолуддини Балхӣ эҷод карданд, инкишоф намеёфт.

Мавлавии Румӣ идомадиҳандаи кори бузурги адабию ирфонии Саноӣ будани худро борҳо таъкид кардааст ва як байташ, ки хеле машҳур аст, гувоҳи равшани эътиқоду эҳтироми шоири гениалӣ мебошад:

Аттор рӯҳ буду Саноӣ ду чашми ӯ,
Мо аз паи Саноию Аттор омадем.

Номи пурраи ӯ Абулмаҷд Маҷдуд ибни Одам буда, Саноӣ тахаллуси шоирӣ ва Ғазнавӣ ишора ба маҳалли таваллуд ва зиндагии ӯ мебошад. Ахбороти манбаъҳои адабӣ ва тазкираҳоро ба инобат гирифта, иддае аз донишмандон соли вафоти ӯро 525 ҳ.қ., 535 ҳ.қ. зикр кардаанд.

Муаллифи муқаддимаи «Ҳадиқат-ул-ҳақиқат»-и Саноӣ Алӣ ал-Раффо (ё Рақҷо), ки бо шоир бевосита шинос будааст, вафоти ӯро 11 шаъбони 525 навиштааст. Вале Мударриси Разавӣ ва Саид Нафисӣ, баъдан Е.Э.Бертельс низ ба ин далел, ки дар маснавии дигари Саноӣ «Тариқ-ут-таҳқиқ» таърихи итмоми иншои онро худи муаллиф 528 ҳ.қ. сабт кардааст, рақами 525 ҳ.қ.-ро аз забони ал-Раффо ғалат донистаанд, зеро шояд котиб ҳангоми навиштани 2 ба ҷои 3, ки дар алифбои форсӣ монанд аст, саҳв карда бошад. Саноӣ худ гуфтааст:

Понсаду бисту ҳашт, з-охири сол
Буд, к-ин назми нағз ёфт камол.[1.]

Ҳамчунин яке аз шоироне, ки ҳангоми вафоти Саноӣ дар Ғазнин будааст, моддаи таърихи вафоти ӯро чунин зикр намудааст:

Ақл таърихи нақли ӯ гуфта:
«Тӯтии авҷи ҷаннати воло».[2.]

---

1. Макотиби Саноӣ, чопи Назир Аҳмад. – С.10 м.
2. Девон, чопи Мударриси Разавӣ. – С. Наб.

Мисраи охир ба ҳисоби «абҷад» ҳамон 535 мешавад, ки ба дуруст будани он аз ду ҷиҳат набояд шубҳа кард. Аввалан, касе, ки моддаи таърих гуфта аст, бевосита аз вафот бохабар буда. Дуюм дар моддаи таърих, ки ба шеър гуфтааст ва бо ҳисоби абҷад зикр намудааст, роҳ ёфтани саҳв хеле кам имкон дорад.

Далели дигари мӯътамадтар байте аз «Ҳадиқа» дар охири он аст, ки Саноӣ таърихи оғоз ва анҷоми маснавиашро ба таври сареҳ баён кардааст.

Понсаду биступанҷ рафта зи ом,
Понсаду сиючор гашт тамом.[1.]

Баъзеҳо соли вафоти Саноиро 550 ҳ.қ. ва 545 ҳ.қ. низ навиштаанд, Донишманди эронӣ Муҳаммад Бақоии Мокон бар девони Саноӣ (табъи ахир) соли вафоти шоирро 529-и ҳ.қ. мутобиқ ба 1136-и милодӣ таърихи «қобили қабултарин» дониста шудааст. Вале ин муҳаққиқ ба таърихе, ки дар охири «Ҳадиқа» худи шоир иншо кардааст ва дар боло зикр шуд, ишорае накардааст, барои радди он  низ далеле наовардааст. Бинобар ин, ба назари мо, таърихи 529 ҳ.қ. низ қобили эътимод намебошад.

Баъдтар донишманди афғонистонӣ Сарвар Ҳумоюн дар китобаш «Ҳаким Саноӣ ва ҷаҳонбинии ӯ», ки дар соли 1977 дар Кобул ба табъ расида, 545 ҳ.қ. (яъне 1151 милодӣ)-ро саҳеҳтар медонад.

Ҳамин тариқ, бештари далелҳо собит мекунанд, ки Саноӣ соли 535-и ҳиҷрии қамарӣ, мутобиқ ба 1140/41-и милодӣ аз олам даргузаштааст. Ва бо дарназардошти   баъзе ишораҳо, ки ӯ шасту ду сол умр дидааст гуфтаанд, соли таваллудашро 1078/79 тахмин кардан аз ҳақиқат дур нахоҳад буд. 850-мин солгарди вафоти Саноӣ ба феҳристи санаҳои таърихии ЮНЕСКО ба асоси 550-552-и ҳ.қ. ворид гардид ва тавре аз далелҳои боло маълум мешавад, ин таърих чандон саҳеҳ нест. Вале бо вуҷуди ин дар феҳристи шахсиятҳои таърихи адабу фарҳанги ҷаҳонӣ ворид шудани Саноӣ гувоҳи бузургии

1. Ҳадиқа, 1383. – С.747. Инчунин ниг. К.Олимов. Мировоззрение Саноӣ, Душанбе, 1973. – С.22-23.

шахсияти адабии ӯ ва мақоми баланди мероси гаронбаҳои ӯ дар радифи шоҳкориҳои назми ҷаҳонӣ аст, ки ифтихори муштараки форсизабонон мебошад.

Шахсият ва осори Саноӣ диққати аҳли илму адаб ва тазкиранависону таърихнигорони адабиётро ҷалб карда будааст. Дар «Лубоб-ул-абоб»-и Муҳаммад Авфӣ, «Чаҳор мақола»-и Низомии Арӯзии Самарқандӣ, «Тазкират-уш-шуаро»-и Давлатшоҳи Самарқандӣ, «Оташкада»-и Лутфалибеки Озар, «Маҷмаъ-ул-фусаҳо»-и Ризоқулихони Ҳидоят, «Рӯзи равшан»-и Мавлавӣ Ҳусайни Сабо, «Шеър-ул-Аҷам»-и Шиблии Нӯъмонӣ, «Намунаи адабиёти тоҷик»-и устод Садриддини Айнӣ ва ғайра Саноӣ дар қатори бузургтарин шоирони форсигӯй ва пешравони тасаввуф номбар шудааст.

Чанд иқтибосро ихтисоран меоварем, ки таъкид ва эътироф бар бузургию забардастии Саноӣ дар шеъру ҳикмат ва ирфон мебошад:

«Устод-ул-ҳукамо, хатм-уш-шуаро… дар дидаи ҳикмат рӯшноӣ… (Муҳаммад Авфӣ)», «Китоби «Ҳадиқат-ул-ҳақиқат» бар камоли вай (Саноӣ – К.О.) дар шеъру баёни азвоқ ва мавоҷиди арбоби маърифат ва тавҳид далеле қотеъ ва бурҳоне сотеъ аст» (Абдураҳмони Ҷомӣ), «аз бузургони дин ва ашрофи рӯзгор аст ба ҳама забонҳо сутуда» (Давлатшоҳи Самарқандӣ), «Устод-ул-ҳукамо Маҷдуддин Одам ас-Саноӣ ваҳиди замони худ буда» (Амин Аҳмади Розӣ), «Офтоби сипеҳри маҷд ва санои кавкаби дарӣ, самои азза ва ало, мирсод-ул-қудамо, устод-ул-ҳукамо, аснод-ул-уламо, қоид-ул-муҳаққиқин, соиқ-ул-мудаққиқин, шаҳсавори арсаи матонат ва фитан, сипаҳсолори маёдини дониш ва сухан, сайёҳи тариқаи дақоиқ, фаллоҳи ҳадиқаи ҳақоиқ, ҳовии фаҳовии маҷозӣ ва ҳақиқӣ, ҷомеъи маҷомеъи суварӣ ва маънавӣ… аршади фусаҳо ва шуаро, амҷади азкиё ва асфиё, ахтари бурҷи сано, гавҳари дурҷи зако…» (Тақиаддин Авҳадии Булёнӣ), «Машриқи тулӯъи ҳақоиқ, меҳвари фалаки дақоиқ, маъдани ҷавоҳири асрори илоҳӣ, махзани нуқуди рамузи номутаноҳӣ…» (Волаи Доғистонӣ), «аз акобири авлиё ва аозими булағост. Дар манқабати ӯ ин маънӣ бас, ки мисли Мавлавии Рум маърифатпарваре чун Ҳаким Хоқонӣ

суханваре ба улуввi шаънаш эътироф доранд ва дар ҷамеъи маротиби каломи ҳақоиқ иртисомаш комилиёр мешуморанд» (Абӯтолиби Табрезӣ), «манбаи ирфону дониш ва ҷонаш махзани ҳикмату иқону биниш, назди ҳукамо файласуф ва пеши урафо ба шайхият мавсуф» (Озар Бекдилӣ), «вайро байни ҳукамо ва урафо пояи аъло ва камолаш аз каломаш пайдост» (Ризоқулихони Ҳидоят).

Муҳаққиқони Ғарбу Шарқ дар бораи зиндагӣ ва осори Ҳаким Саноӣ дар Эрон,Афғонистон ва Тоҷикистон, Шветсия, Ҳоланд, Россия асарҳо таълиф кардаанд ва осорашро низ ба табъ расондаанд. Мусаввиди ин сатрҳо соли 1973 китоберо ба забони русӣ ва мақолаҳоеро низ дар ин бора ба нашр расонда буд. Ҳамчунин маҷмӯаи осори шоирро дар ду ҷилд ва маснавии «Ҳадиқатул-ҳақиқа ва шариат ут-тариқа»-ро (китоби охир бо ҳамкории А.Ҳисориев) ба хатти сирилик ба табъ расондааст. Мирзо Солеҳов «Баргузидаи Ҳадиқат-ул-ҳақиқа»-ро, ки доктор Маҳдавии Домғонӣ дар Эрон бо тавзеҳот ба табъ расонда буд, ба сирилик баргардон намуда ба табъ расондааст. Аз муҳаққиқони осори Саноӣ хидмати Халилуллоҳи Халилӣ, Мударриси Разавӣ, Мазоҳири Мусаффо, Шафеии Кадканӣ, Де-Бройн, Бо Утас, Е.Э.Бертельс, Заҳро Дуррӣ, Ғуломризо Солимиёнро бояд зикр кард.

## Замон ва зиндагии Ҳаким Саноӣ

Ҳаким Саноӣ дар хонадони боэътибор ва соҳибмаърифат ба дунё омада, гузаштагонаш дар Ғазна шахсони мӯътабар будаанд. Дар ин бора худи шоир бо ифтихор гуфтааст:

Падаре дорам аз нажоди киром,
Аз бузургӣ, ки ҳаст Одам ном.

Ҳаёти сиёсӣ ва иҷтимоию фарҳангӣ дар даврai зиндагии Саноӣ, қатъи назар аз он ки дар Ғазнин нисбатан ором буд, вале дар атрофи кишвар, махсусан Хуросон, задухӯрдҳои пайдарҳам бо Салҷуқиён рух медод ва ба тадриҷ давлати ғазнавиро заиф мекард. Дар баъзе шаҳрҳо, махсусан Нишопур, тороҷу ғорат авҷ гирифта, ба илму адаб аз ин ноорамиҳо зарбаи шадид ворид мегардид.

Яке аз муҳаққиқони машҳури таърихи асрҳои миёна А.Якубовский навиштааст, ки дар Хуросон бар асари ҷангҳои ғазнавиён ва салҷуқиён бисёр шаҳрҳо хароб, заминҳои кишт беҳосил, шабакаҳои обёрӣ вайрон шуда, чорводорӣ зарари ҷуброннопазир дида, бетартибиҳои тасаввурнашаванда рух доданд.[1]

Оқибати ин ҷангҳо чунон фоҷиавор буданд, ки дар Хуросон ҳазорон кас аз гуруснагӣ мурда, одамон маҷбур мешуданд сагу гурбаҳоро хӯранд. Академик Б.Ғафуров ба истинод ба манобеи он давра навиштааст, ки ҳатто ҳодисаҳои одамхӯрӣ низ ҷой доштанд.[2]

Ҳамин вазъият ба рӯхияи мардум, махсусан аҳли илму фарҳанг таъсири амиқ расонда, боиси ривоҷи ақидаҳои ирфонӣ гардид. Дар фалсафа ва афкори иҷтимоӣ тасаввуф ҳарчи бештар мешуд. Барои аҳли фазлу дониш андешаҳои тасаввуфӣ василаи таскиндиҳанда ва ҳидоятгари роҳи наҷот аз бадбахтиҳои иҷтимоӣ буд. Ақидаҳои ирфонии навафлотунӣ, ки бо ақидаҳои Арасту омезиш ёфта буданд, ба фалсафаи машшои шарқӣ рангубори ирфонӣ бахшида пайравони собитқадами Арасту низ орои афлотуниро ҳамчун таълимоти муаллими аввал қабул карданд ва ҳатто принсипҳои асосии машшоъро бо назарияи нубуввати исломӣ ғанӣ карданӣ шуданд. Чунончи, Ибни Сино дар асарҳои худаш «Ишорот ва танбеҳот», «Мабдаъ ва маъод» бобҳои махсусе ба нубувват ва таълимоти тасаввуфӣ низ бахшидааст, ҳарчанд Шайхурраис пайрави тасаввуф набуд.

Дар ҳамин давра равияҳои гуногуни фалсафӣ, динӣ, динию фалсафӣ ва ирфонӣ интишор доштанд, ки машҳуртарини онҳо машшоия, чунонки зикр шуд, калом, исмоилия, зардуштия, тасаввуф буданд.

Осори Ҳаким Саноӣ оинаи равшани муборизаҳои фикрӣ ва тазодҳои ҷомеаи феодалии асримиёнагӣ, баёнгари тараққии тасаввуф ва вусъати бештари он дар олами исломи он давра мебошад.

Ҷавонии Саноӣ дар давраи ҳукумронии Шоҳ Масъуди сеюм (1099-1115 мелодӣ) дар Ғазна гузашта будааст. Дар

---

1. Якубовский А. Сельджукское движение и туркмены в Х1 веке. // Изв. АН СССР. Отд.обществ. наук., №4. 1937. – С.943.
2. Б.Ғафуров. История таджикского народа. М. 1955. - С.248.

ҳамин давра табъи равон ва истеъдоди шоирии ӯ шӯҳрат ёфта, шояд ба дарбор даъват мешавад. Дар бораи ба дарбор даъват шудани Саноӣ дар маъхазҳо ишораи возеҳ нест. Вале қасидаҳое, ки дар васфи Масъуди сеюм, Баҳромшоҳ ва вазирони ғазнавӣ Саноӣ сурудааст, аз иртиботи хуби шоир бо подшоҳон ва вазирону соҳибмансабони дастгоҳи давлати Ғазнавиён гувоҳӣ медиҳад. Ҳамчунин қасидаҳои ба шоҳ Масъуд ва Баҳромшоҳ, Қавомуддини вазири ғазнавиён, Маликшоҳи салҷуқӣ ва дигар амалдорони давлатҳои ғазнавию салҷуқӣ бахшидаи Саноӣ гувоҳӣ аз он медиҳанд, ки муносибати шоир ба ин шахсону ашхоси саҳибмақоми дарбори онҳо хуб буда, шояд қасидаҳо бо супориш низ эҷод шуда бошанд.

Дар бораи тарки дарбор ва қасидасароӣ кардани Саноӣ равояте дар тазкираҳо ва маъхазҳои асримиёнагӣ нақл шудааст. Гӯё Саноӣ ҳангоми зимистон қасидае ба Султон Масъуди Ғазнавӣ (баъзеҳо Султон Иброҳим гуфтаанд) бахшида ба дарбори шоҳ мерафтааст. Ва дар паҳлуи роҳ ҳаммоме воқеъ будааст, ки дар он гӯлахӣ ва лойхор (дурднӯш ва майпараст) бо ҳам шароб менӯшидаанд ва ҳангоми қадаҳ боло кардан сухане мегуфтаанд. Навбати сухан ба лойхор, ки мерасад, гуфтааст: «Пур кун қадаҳро то ба кӯрии чашми Саноиян бинӯшем!» Гӯлахӣ гуфтааст, ки ӯ шоири машҳур аст, чаро чунин таҳқир мекунӣ? Лойхор ҷавоб додааст, ки агар ӯ шоири хуб мебуд, дар ин зимистони сард, ки шоҳ азми лашкар кашидан ба Ҳинд дорад ва мардумро хонахароб карданист, қасида навишта ба шоҳ намебурд.

Чун Саноӣ ин суханро мешунавад, қасидаҳояшро пора карда, пас мегардад ва дигар ба дарбор намеравад, ба зиндагии дарвешона ва орифона оғоз менамояд. Баъзе аз муҳаққиқон ба ҳақиқати ин ривоят чандон бовар надоранд, ки ба назари мо дуруст аст.

Саноӣ дар сини 25-27 солагӣ аз Ғазнин озими Балх шудааст. Ба ақидаи Е.Э.Бертельс Саноӣ дар Балх аз ҳаёти дунявӣ даст кашида ба фиқҳ мутаваҷҷеҳ шуд.[1.] Мударриси Разавӣ бар ин андеша аст, ки Саноӣ баъд аз бозгашт аз Макка

1. Е.Э.Бертельс. История персидско-таджикской литературы. М., 1950. – С.404.

ба Балх омад ва ба тасаввуф рӯ овард.[1] Ақидае низ мавҷуд аст, ки Саноӣ баъд аз сафари Макка ба Балх омадааст. Де Бройн – олими ҳоландӣ сафари Саноиро аз Ғазна бевосита ба Балх медонд.[2] Дар бораи сафари Саноӣ аз Ғазна аз тарафи муҳаққиқон андешаҳои гуногун баён шудаанд, ки онҳоро зикр кардан суханро тӯлонӣ мекунад.

Саноӣ дар ҷавонӣ, тақрибан дар соли 1105 милодӣ, ки эҳтимолан 24-25 сола буд, аз Ғазнин озими Балх шудааст. Дар маснавии аввалинаш, ки «Корномаи Балх» аст ва танзу ҳаҷв дар он бештар аст, аз мушкилиҳои роҳи тайкардааш то Балх ҳикоят дорад. Ӯ аз кӯҳҳои баланди теғдор ва барфҳои баланд бо машаққати зиёд, ҳатто таҳдиди марг, убур намудааст. Баъзе муҳаққиқон мегӯянд шояд ӯ аз кӯҳи Соланг гузашта бошад, ки дар байни роҳи Ғазна-Кобул-Балх воқеъ аст.

Саноӣ дар ҳамин ҳангом рӯ ба тасаввуф оварда будааст. Е.Э.Бертельс бар ин назар аст, ки Саноӣ дар Балх ба илоҳиёт машғул шуд ва аз зиндагии дунявӣ дур гардид. Лекин дар осори дар Балх ва баъдан эҷод кардаи Саноӣ гӯшанишинии сирф маълум намегардад. Ҳарчанд ишқи ирфонӣ дар ғазалиёт ва қасидаҳои ӯ тобиши равшан доранд, боз ҳам баёнгари андешаҳои як диндори эътидолиро бештар таъйид менамояд. Мударриси Разавӣ, ки муҳаққиқи барҷастаи адабиёт ва махсусан осори Саноӣ аст, ақида дорад, ки мутафаккир баъд аз сафари Макка ба Балх баргашта, баъдан ба тасаввуф рӯ овардааст.

Аз «Корномаи Балх» ва баъзе қасидаҳои Саноӣ маълум мешавад, ки вазъи зиндагии шоир дар ин шаҳр номатлуб буда, муносибати ногувори гурӯҳе ӯро ба тарки шаҳр водор мекунад.

Саноӣ дар шаҳрҳои Хуросон-Марв, Нишопур, Абивард, Сарахс, Ҳирот ва ғайра сафарҳо доштааст. Аз қасидаҳое, ки дар девони ӯ мавҷуданд, маълум мешавад, ки дар ҳар ҷо дӯстоне аз доираҳои илму маърифат ва қозиёну давлатмандон доштааст. Ӯ аз Балх ба Сарахс омада, дар ҳамин ҷо то соли 518 ҳ.қ. (1124-1125 милодӣ) истиқомат доштааст. Зиндагии

1. Ҳаким Саноӣ. Девон. Муқаддима. – саҳ.лав.
2. Де Бройн. Ҳакими иқлими ишқ. Тарҷумаи Меҳёри Алавӣ ва Муҳаммад Ҷаводи Меҳдавӣ. Машҳад. 1378. – С.158.

ӯ дар Сарахс бинобар дастгирии Қозиюлқузоти Сарахс Муҳаммад ибни Мансур, ки мулаққаб ба Абулмафохир будааст, нисбатан ором ва мусоид будааст. Аз маснавии «Сайр-ул-ибод илал маод» низ равшан мешавад, ки Муҳаммади Мансур аз шахсиятҳои баландпояи динӣ ва давлатӣ будааст. Дар айни замон аз абёти охири «Сайр-ул-ибод» маълум мешавад, ки Муҳаммади Мансур дар тасаввуф ҳам мақоме доштааст ва Саноӣ ӯро нур дониста ва роҳбари худ хондааст.

Гуфтам: Он нур кист? Гуфт: Он нур
Буломафохир Муҳаммади Мансур.

Саноӣ аз Сарахс тақрибан соли 518 ҳ.қ. ба Ғазна бармегардад ва то охири умр дар гӯшаи узлат зиндагӣ менамояд. Ин узлати манфӣ, яъне комилан тарки дунё кардан ва аз ҳамаи корҳо канорачӯӣ кардан набуда, узлате будааст олимона, эҷодкорона. Осоре, ки дар ҳамин давра Саноӣ офаридааст худ гувоҳи заҳмати зиёди асарофаринии ӯ мебошад. Ва ин осор шаҳодати он аст, ки Саноӣ узлате гузида, ки боиси эҷоди осори ҷовидонаи тасаввуфӣ гардида, маснавии «Ҳақиқат-ул-ҳақиқа»-аш дар адабиёти ҷаҳонӣ мақоми хосеро соҳиб шудааст.

Саноӣ дар Ғазнин хонае ҳам надоштааст. Ва бо вуҷуди он ки падараш аз нажоди киром буда ва дар «Корномии Балх» ӯро чунин тавсиф кардааст, маълум мешавад меросе ҳам ба шоир намондааст. Дар охири «Ҳадиқат-ул-ҳақиқа» аз лутфу марҳамати Аҳмади Теша ном шахсе, ки ба Саноӣ хонае дода ва хоҳиш кардааст, осорашро ҷамъоварӣ кунад, ба некӣ ёдовар мешавад. Ва аз баъзе абёти он низ бармеояд, ки рӯзгори Саноӣ дар ҳамин давра, яъне солҳои охири зиндагиаш, ба душворӣ ва дасткӯтоҳӣ мегузоштааст.

Дар ҳамон хонае, ки Аҳмади Теша дода буд, Саноӣ девони ашъорро фароҳам сохт ва мансавии бузургтарини худ «Ҳадиқат-ул-ҳақиқа ва шариат-ут-тариқа»-ро эҷод кард. Ва дар ҳамон ҷо дунёро падруд гуфт.

## Осори Саноӣ

Ҳаким Саноӣ шоири бағоят сермаҳсул аст. Қатъи назар аз ин ки зиндагии орому осуда ва таъминоти кофии моддӣ надошта ва борҳо ишора мекунад, ки баъд аз шастсолагиаш бемору нотавон гашта ва мусибатҳое низ шояд домангираш шуда бошанд («Бар ман омад зи шаст сад бедод» гуфтааст), нирӯи маънавию эҷодиаш ҳамеша қавӣ буда ва осори гаронбаҳояш шаҳодати истеъдоди фавқулоддаи ӯ мебошад. Аз ҷумлаи асарҳои маъруфаш – девони ашъор аст, ки ғазалиёт, қасоид, тарҷеъбанд, таркиббанд, мусаммат, муқаттаот ва рубоиётро, ки 12 ҳазор байт аст, дар бар гирифтааст. Охирин табъи девони Саноӣ, ки аз тарафи Муҳаммади Бақоӣ (Мокон) дар Теҳрон сурат гирифта бештар аз 1200 саҳифаи бузург аст. Ҳаким Саноӣ устоди бузурги маснавӣ мебошад. Маснавиҳои «Тариқ-ут-таҳқиқ», «Корномаи Балх», «Ақлнома», «Ишқнома», «Сайр-ул-ибод илал маод», «Таҳримат-ул-қалам», «Ғарибнома» ба масъалаҳои фалсафию ирфонӣ бахшида шудаанд.

Саноӣ бо ҳамзамонони худаш, шахсиятҳои илмию адабӣ ва дӯстонаш мукотиба доштааст. Донишманди ҳиндӣ Назир Аҳмад чордаҳ номаи Саноиро ба табъ расондааст, ки аз ҷумла се нома ба Умари Хайём навишта шудааст. Ин номаҳо аз ҷиҳати таърихӣ ва адабӣ хеле муҳим ҳастанд.

Асари бузургтарин ва муҳимтарини Саноӣ «Ҳадиқат-ул-ҳақиқа» мебошад, ки бештар аз даҳ ҳазор байт буда, масъалаҳои фалсафӣ, иҷтимоӣ, илмӣ, ирфонӣ ва адабиро дар бар гирифтааст. Ин асар аз ҷумлаи шоҳкориҳои назми форсӣ шинохта шуда, аввалин асари бузурги назмӣ дар тасаввуф мебошад. Аз ин ҷиҳат Саноиро асосгузори назми ирфонии форс-тоҷик хондаанд. Девон ё худ куллиёти ашъори Саноиро дар Эрон Мазоҳири Мусаффо, баъдан Мударриси Разавӣ низ ба табъ расонда буданд. Ва бояд гуфт, ки ҳар ду донишманди эронӣ ба девонҳои ба чоп таҳия кардаашон муқаддимаҳои муфассал ва ҷолиб навиштаанд.

Мударриси Разавӣ дар табъу нашри осори Саноӣ, бахусус «Ҳадиқа» заҳмати зиёд кашидааст. Ҳамчунин ӯ маснавиҳои дигари Саноиро дар маҷмӯаи алоҳида тахти

унвони «Маснавиҳои Ҳаким Саноӣ» ба чоп ҳозир ва манзури ҳаводорон намудааст.

«Сайр-ул-ибод»-ро марҳум Саид Нафисӣ ва баъдтар олим ва шоири афғонистонӣ Моили Ҳиравӣ бо замимаи шарҳи ба он навиштаи Фахриддини Розӣ ба табъ расонда буданд.

Муаллифи ин сатрҳо «Мунтахаботи Ҳаким Саноӣ»-ро дар Душанбе дар ду ҷилд солҳои 1993 ва 2005 ва матни пурраи «Хадиқат-ул-ҳақиқа»-ро( бо ҳамкории А.Хисориев) соли 2008 омода намуда, ба табъ расондааст.Номаҳои Саноӣ ба Хайёмро низ мусаввиди ин сатрҳо дар маҷаллаи «Маориф» ба чоп расонда буд.

**<u>Олами андешаи Ҳаким Саноӣ</u>**

Ҳаким Саноӣ бад-он сабаб ҳаким унвон гирифтааст, ки ӯ аз фалсафа ва улуми замонаш огоҳии комил дошта, дар осораш андешаҳои фалсафӣ ва динию фалсафиро ба тарзи махсус, дар қолаби назми олӣ ғунҷонидааст. Муқаддимаи ба девони ашъораш навиштаи ӯ низ ин гуфтаи моро тасдиқ мекунад. Вақте осори Саноиро мутолиа мекунем, ба зудӣ эҳсос мешавад, ки ӯ шоири файласуф аст ва орифи ҳақиқатҷӯ, муаллими ахлоқ аст ва инсондӯсти адолатхоҳ.

Баъзе муҳаққиқон дар бораи мазҳаби Саноӣ бархурди якҷониба ва таассубомез карда, ӯро шиимазҳаб ва баъзе сирф суннимазҳаб донистаанд. Ҷавоби беҳтарин роҷеъ ба тааллуқ ба кадом мазҳаб доштанашро худи Саноӣ ошкоро гуфтааст:

Аз кешу тариқатам чи пурсӣ
Ишқ аст маро тариқату кеш.

Аз мазҳабҳои фиқҳӣ ҳанафию шофеиро бештар мавриди эътимод медонад ва дар васфи асосгузорони онҳо ашъори хубе сурудааст. Дар девони ашъор ва «Ҳадиқа» шахсияти онҳоро аз ҳаргуна интиқод ва маломат ҳимоят мекунад. Чунончи, дар «Ҳадиқа» мегӯяд:

Гар туро Бӯҳанифа дев намуд
Ӯ сӯи дин ба ҷуз фаришта набуд.

Шофеъӣ гар бари ту Бӯлаҳаб аст,
Ба суи ман амини ҳақнасаб аст.
Ҳар ду ҳакканд, ботил аз ману туст,
Ботил аз хубси ин дили ману туст.
Бар ман он ҳарду меҳтаранду имом,
Бар равоншон зи ман дуруду салом.[1.]

Аз эътиқоди зиёдаш Саноӣ ба Абӯҳанифа борҳо таъкид мекунад ва ӯро «чароғи умматон» мехонад:

Шамъи ҷаннат хонд Уммарро Набӣ як бору бас,
Бӯҳанифаро чароғи умматон гуфт ӯ се бор.[2.]

Саноӣ орифест, ки маънавияти волои инсониро таблиғ ва талқин мекунад. Маснавии «Ҳадиқат-ул-ҳақиқа» асари ҷомеъе мебошад, ки ҷаҳонбинии Саноиро ба таври кулл инъикос кардааст. Ин асар воқеан ҳам як намунаи барҷастаи асари тасаввуфӣ аст, ки назари Саноиро дар бораи матолиби муҳимтарини ирфони он замон дар бар гирифтааст.

Саноӣ дар илоҳиёт пайрави тавҳиди исломӣ буда, ягонагии Худоитаъолоро дар паҳнои таълимоти Қуръон шарҳу тавзеҳ медиҳад.

Худоитаъоло воҳид аст, офаридгори ҳастӣ, ақл, сабаби тамоми сабабҳо ва соҳибихтиёр аст. Оғози «Ҳадиқа», ки «Дар тавҳиди Боритаъоло» унвон дорад руҷӯи динию фалсафӣ ва баёнгари андешаҳои Саноӣ дар бораи муносибати Худо ва махлуқот аст. Худо комил аст ва далели он аҷзи махлуқот аст. Ҳамин аст, ки куфру дин ӯро меҷӯянд. Ва Саноӣ дар ҷустуҷӯи Худо куфру динро баробар медонад, яъне мақсади ӯ эҳтиёҷи ҳар ду ба мадади Худо мебошад, ки роҳи ҳақро пайдо кунанд. Боби аввали «Ҳадиқа» ва «Кимиёи саодат»-и Имом Ғаззолӣ дар бораи тавҳиди Худо ва маърифати ӯ монандиҳое доранд, ки аз ҳамназарии онҳо дар ин масъала шаҳодат медиҳад. Чунончи, Имом Ғаззолӣ гуфтааст: «Ва аз камолу ҷамоли вай ҳеҷ офарида огоҳ нест ва ҳеҷ касро ба ҳақиқати маърифати вай роҳ нест, балки иқрор додан ба аҷз аз ҳақиқати маърифати вай мунтаҳии

1. Ҳадиқа, чопи Мударриси Разавӣ. – С.281.
2. Девон. – С.391.

маърифати сиддиқон аст. Ва эътироф овардан ба тақсир дар ҳамду санои вай ниҳояти санои фариштагон ва пайғамбарон аст. Ва ғояти ақли уқало дар ишроқи ҷалоли вай ҳайрат аст…»

Саноӣ мегӯяд:

Сонеъу мукриму тавоно ӯст,
Воҳиду комрон, на чун мо ӯст.
Ҳайю Қайюму Олиму Қодир,
Розиқи халқу Қоҳиру Ғофир.
Фоили ҷунбиш асту таскин аст,
Ваҳдаҳу ло шарика лаҳ ин аст.
Аҷзи мо ҳуҷҷати тамомии ӯст,
Қудраташ ноиби асомии ӯст…
Дили ақл аз ҷалоли ӯ хира,
Ақлу ҷон бо камоли ӯ тира…
Ақл монанди мост сагардон
Дар раҳи кунҳи ӯ чу мо ҳайрон.[1]

Ақидаи Саноӣ дар масъалаи офариниш ба мутакаллимон монанд буда, ашъораш бохабар будани ӯро аз мантиқ нишон медиҳад.

Дар масоили ҳастишиносӣ Саноӣ ба мисли файласуфони асрҳои миёна ҳастиро ба воҷибулвуҷуд ва инмконулвуҷуд ҷудо мекунад. Воҷибулвуҷуд мафҳуми ифодакунандаи холиқ, сабаби сабабҳо ва бемислу бемонанд аст. Имконулвуҷуд тамоми олами моддӣ, рӯҳ нафс, мода ва сурат, фазо, вақт, хулоса ҳама он чизе, ки ба сабаб ниёзманд аст.

Воҷибулвуҷудро Саноӣ мабдаи тамоми олами вуҷуд ва офаридашуда медонад, ки ҳама боз ба ҳамон мабдаъ боз мегардад:

Ҳама аз сунъи ӯст кавну фасод,
Халқро ҷумла мабда асту маод.[2]

Ин ақидаи Саноиро шореҳи «Ҳадиқа» Абдуллатифи Аббосӣ чунин шарҳ додааст: «Чун ҳасти ҳақиқӣ  эзид – субҳона аст ва боқӣ ҳастҳо ба ҳастӣ мавҳум аст андар ҳар

1. Ҳадиқа. – С.60-61.
2. Ҳадиқа, Лакҳнав. – С.28.

чизро, ки аз асл ва фаръ, яъне аз муҷаррадот ва моддиёт ҳаст гуфтӣ барои ӯ ҷалла ва субҳона шарик гуфтӣ».[1]

Дар тасаввури Саноӣ воҷибулвуҷуд дар тамоми авсоф мутлақ аст. Вай қодири мутлақ, асоси ғайримоддӣ, маҳвнопазир, офаринанда, зебоии маҳз мебошад. Ӯ дорои тамоми хислатҳо буда, вале мафҳумҳое, ки инсон барои дарки ӯ эҷод кардааст, ноқис мебошанд, зеро онҳо тамоми сифоти ӯро дарбар гирифта наметавонанд. Сифати қодир будани ӯ ба ҳама кор метавонад ифодакунандаи сифатҳои дигараш, ки дар асмои ӯ зикр шудаанд, бошад:

Аҷзи мо ҳуҷҷати тамомии ӯст,
Қудраташ ноиби асомии ӯст. [2]

Саноӣ барои исботи вуҷуди воҷибулвуҷуд аз усули бурҳони онтологӣ истифода мекунад. Яъне вуҷуди мафҳуме, ки сифоти офаридгоро таҷассум мекунанд, барои исботи вуҷуди ӯ далел мебошанд. Нуқсони ақли инсон дар он зоҳир мегардад, ки он бо мавҷудот маҳдуд аст, бинобар ин ягонагии холиқро, ки аз шумору рақамҳо берун аст, наметавонад ба таври воқеъӣ баён намояд. Суолҳои «чанд» ё «чун», ки ба шумор ва кайфияти ашё мутааллиқанд, барои офаридгор мумкин нест. Танҳо эътиқоди росих ба ягонагии офаридгор зарур асту бас. Ҳар гуна суолҳо, роҷеъ ба шумор ва ваҳдонияти ӯ боиси ба вуҷуд омадани шакку тардид мешавад, ки эътиқодро халалдор менамояд ва ба куфр мебарад:

То туро дар дарун шумору шакест,
Чи яке дон чи ду, ки ҳар ду якест.[3]

Чанд суоле ҳаст, ки ба зоти Худованд онҳоро додан мумкин нест, мегӯяд Саноӣ. Чунки одамизод тавоноии ҷавобро ба ин суолҳо надорад. Бинобар ин Саноӣ бар ин андеша аст, ки:

1. Ҳамон ҷо. – С.29.
2. Ҳамон ҷо. – С.60.
3. Ҳамон ҷо. – С.64.

Кас нагуфта сифоту мабдаи ҳу,
Чанду чуну чарову чӣ каю кӯ![1]

Баҳс дар мавриди макон доштан ё надоштани воҷибулвуҷуд дар фалсафа ва калом сурат дошт, ки тасаввуф низ ба он кашида шуда буд. Ва Саноӣ ҳам дар «Ҳадиқа» ҷонибдории худро аз ақидаи ломакон будани Худо иброз медорад. Ба андешаи Саноӣ Худоитаолоро дар макон тасаввур кардан ӯро маҳдуд кардан аст, ки хилофи бузургӣ ва лоятаноҳӣ будани ӯст. Бинобар ин мегӯяд:

Ҳаст дар ҳар макон Худо маъбуд,
Нест маъбуд дар макон маҳдуд.[2]

Ин ақида бо афкори Қуръонӣ  созгор аст. Вале баъдан Саноӣ майле ба сӯи ақидаи ваҳдативуҷудӣ мекунад, Ӯ Худоро дар ҳама ҷо ва дар ҳама чиз мебинад. Ҳастҳо офаридаи ӯ бошанд ҳам, Худо бо онҳо мебошад. Зеро ба ақидаи Саноӣ, ки ташбеҳе ба офтобу нур мекунад, ҳамзот будан ва ҷудо набудани онҳоро таъкид месозад. Ин фикри Саноӣ ба фалсафаи ишроқ, ки баъдтар ба як назарияи томи ирфонии фалсафӣ табдил ёфт, наздик аст. Саноӣ мӯътақид аст, ки ҳастиҳо аз ҷониби воҷибулвуҷуд идора мешаванд, ҳамроҳи ӯ ҳастанд, вале дар ҷустуҷӯи ӯ мебошанд. Ин ҷо масъалаи бозгаштан ба асл аст, ки дар фалсафаи тасаввуф ҷойгоҳи хоса дошта, дар доираи қавси суудӣ, яъне бозгаштани рӯҳ ба мабдаъро, ки Худоитаоло аст, эътироф менамояд:

Ҳастҳо таҳти қудрати ӯянд,
Ҳама бо ӯву ӯ ҳамеҷӯянд.
Ҷунбиши нур сӯи нур бувад,
Нур з-офтоб кай дур бувад.[3]

Ин ақида, ки дар фалсафаи Урупо ҳамчун пантеизм ном бурда мешавад, бо фаҳмиши шариати исломӣ муғойират дорад. Дар илоҳиёти исломӣ зоти боритаоло аз офаридаҳои

1. Ҳадиқа. – С.64.
2. Ҳамон ҷо.
3. Ҳамон ҷо. – С.65.

ӯ комилан ҷудост ва махлуқот ночиз ва ҳақиранд. Онҳо аз лиҳози онтологӣ умумияте надоранд.

Вале дар «Ҳадиқа» бо вуҷуди он ки ӯ тамоми аҳкоми Қуръонӣ ва шаръиро эътироф, таблиғ ва талқин мекунад, дар баёни тариқат мақсуди соликро пайвастан ба зоти маъшуқи азалӣ медонад ва ишқи ирфониро дараҷаи олии ишқ ва роҳи расидан ба Ҳақ мешуморад.

Саноӣ гоҳо як шахсест комилан мутаашарреъ, гоҳо лоуболи маломатӣ, гоҳо гӯшанишин, гоҳо сӯфии сукрпешаи пайрави Боязид ва Мансур ва гоҳо шахси маъюсу бепарво ҷилвагар мегардад. Вале ӯ орифест мутафаккир, ҳақиқатгӯ ва адолатхоҳ. Муносибати Саноӣ ба фалсафаи машшоъ, хусусан юнонӣ, манфӣ буда, дар назари ӯ Афлотун, Арасту, Суқрот бо вуҷуди донишмандиашон аз кашфи сабаби аслии ҳодисаҳо, ки Худойтаъоло аст, оҷиз мондаанд. Аз «Ҳадиқа» ва ашъори дигари Саноӣ маълум мешавад, ки ӯ фалсафаи юнониёнро комилан моддигароӣ дониста, онро мавриди интиқод қарор додааст. Чунончи, дар як қасидааш ба масъалаи сабабият дар гуногунии ҳодисаҳои олам андешаи Афлотун ва пайравони шарқии ӯро ботил донистааст. Ӯ дар ин қасида навиштааст:

Туро пурсид ман хоҳам зи сирри байзаи мурғе
Чӣ гуфта андар ин маънӣ туро талқинкун Афлотун.
Сапеду зард мебинам ду об андар яке байза
В-аз он як байза чандин гуна мурғ ояд ҳаме берун.
Нагӯӣ аз чи маънӣ гашт парри зоғ чун қатрон,
Зи баҳри чӣ думи товус рангин шуд чу бӯқалмун?!
Ҳумову чуғдро охир чӣ иллат буд дар хилқат
Чаро шуд он чунон маъшуму чун шуд инчунин маймун.
Нагӯӣ к-аз чӣ мегирад чақовулхони мусиқор,
Нагӯӣ к-аз чӣ мебофад тазарв анвои сақлотун?
Тафаккур кун яке дар хилқати шоҳину мурғобӣ,
Нагӯӣ к-аз чи маънирост он сақтону ин сақтун?...

Ин қасида хеле дароз аст ва Саноӣ суолҳои зиёде дар бораи гуногунии олами ҷонварон ва табиат медиҳад ва оҷиз будани хешро низ дар дарки гуногунрангии падидаҳои олам изҳор мекунад. Аз идомаи ин қасида ва фикрҳои Саноӣ чунин падидор мешавад, ки ӯ тамоми ин гуногунрангиро

дар мақсаднокии аз ҷониби офаридгор дар ҳар падида пешбинишуда мебинад. Ақидаи Саноӣ дар ин бора комилан телеологӣ буда, қонунмандии табиатро инкор мекунад. Ҷанбаи теологӣ ва телеологии фалсафаи Саноӣ хеле қавӣ мебошад.

Саноӣ аз мавқеи тасаввуф, ки бо калом дар ин маврид ҳамназарӣ дорад, фалсафаи машшоро қобили қабул надонад ҳам, вале бузургии он файласуфонро дар илму дониш эътироф мекунад ва ҳатто орзу мекунад, ки мақомаш дар ҳикмат ба мисли Абӯалӣ Сино бошад.

Ки ё раб, мар Саноиро саное деҳ ту дар ҳикмат,
Чунон к-аз вай ба рашк ояд равони Бӯалӣ Сино.[1.]

Саноӣ нуқси фалсафаи Юнон ва машшоиёни шарқиро пеш аз ҳама дар маҳдуд буданашон дар доираи ақл мебинад ва чунин андеша дорад, ки аз роҳи ақлгароӣ расидан ба кунҳи олами илоҳӣ номумкин аст. Ин кор ба воситаи ишқ ба даст меояд.

Ҳамин аст, ки ишқу имонро дар якҷоягӣ мояи наҷоти инсон аз гирифториҳои моддӣ медонад ва мегӯяд:

К-он наҷоту к-он шифо к-арбоби суннат ҷустаанд,
Бӯалӣ Сино надорад дар «Наҷот»-у дар «Шифо».[2.]

Аз ин байт хулосаи дигаре низ бармеояд, ки ба ақидаи Саноӣ илми калом низ, ки аз мантиқ ва усули фалсафаи машшоиён кор мегирифтаанд, ба роҳи дурусти худшиносӣ намебарад, зеро онҳо ишқро барои расидан ба Ҳақиқати азалӣ воситаи асосии маърифат қарор надодаанд.

Дар масъалаи имконулвуҷуд таъсири ақидаи навафлотуниён, ки ба афкори исломӣ русух карда буд, дар тасаввуф дида мешавад ва дар «Ҳадиқа» дар силсилаи маротиби мавҷудот аз мабдаи аввал, ё худ воҷибулвуҷуд, возеҳ баён шудааст.

Тавре аз мутолиаи «Ҳадиқа» бармеояд Саноӣ аввалин офаридаи Худоитаъолоро Ақли кул медонад ва баъд аз он

1. Девон. – С.57.
2. Ҳамон ҷо. – С.43.

Нафси кул ба вуҷуд омада, ба як низом ва тартиби муайян ақлҳо ва нафсҳои дигар ба вуҷуд меоянд. Ва дар ниҳоят олами таҳтулқамар ва модда ва сурат би вуҷуд омада аз пайвастани инҳо аҷсом пайдо мешаванд.

Афлок ва ҷаҳони моддӣ аз Ақли кул ва Нафси кул пайдо шудаанд ва Саноӣ онҳоро «падару модари ҷаҳон» медонад. Ақли инсон, ки аз «сухани пок» ба вуҷуд омадааст, боз ба «сухани пок» бармегардад.[1.]

Саноӣ дар таълимоти худ баъзе мушоҳидаҳояшро аз мантиқи объективии ашё хулоса карда, дар бораи ҳаракат, зиддият дар олам ва тағйиру таҳаввул фикрҳои ҷолиб баён медорад.

Яке аз инҳо назари Саноӣ дар бораи олам дар маҷмӯъ мебошад. Олам ба фикри Саноӣ мисли дарёест, ки дар ҳаракати доимӣ мебошад.[2.] Мутафаккир дар бораи моҳияти ҷаҳони моддӣ амиқтар андеша карда, чунин дармеёбад, ки вай ҳар лаҳза дигар мешавад, яъне дар тағйирёбии доимӣ ва пай дар пай аст. Ин ақидаи Саноӣ ба фикри файласуфи машҳури Юнон Ҳераклит, ки оламро дар тағйиру таҳаввули пайваста мепиндошт, зоҳиран хеле монанд аст.

Ба назар чунин мерасад, ки ақидаҳои фалсафӣ оид ба ҳаракат, робитаи ҳаракат ва оромӣ ва дигар масъалаҳои натурфалсафӣ дар қолаби назм хеле пурмӯҳтаво баён шудаанд. Чунончи:

Бо фалак осоишу ором чун бошад туро,
Чун фалакро дар ниҳод осоишу ором нест.[3.]

Ин мазмун дар қасидаи устод Рӯдакӣ равшан баён шудааст:

Ҷаҳон ҳамеша чу чашм асту гирдгардон аст,
Ҳамеша то бувад оин-ш гирдгардон буд.

Байти мазкур бевосита дар бораи ҳаракати ҳамешагии фалак, ҳамчун ақидаи натурфалсафӣ баён шуда бошад, байти болоии Саноӣ мазмуни иҷтимоӣ низ дорад.

---

1. Девон.– С.1.
2. Ҳамон ҷо.- С.602.
3. Девон. – С.602.

Як ҷиҳати хеле муҳими андешаҳои Саноӣ пай бурдани ӯ ба зиддияти ашё ва ҳодисаҳо мебошад. Саноӣ тазодро на тасодуфӣ, балки онро хоси моҳияти тамоми олами моддӣ медонад. Аз чорунсур то инсон ҳама аз тазод ногузиранд, вале бо вуҷуди ин дар вобастагӣ ба ҳамдигар қарор доранд. Дар «Ҳадиқа» мегӯяд:

В-аз даруни фалак ба чор гуҳар
Ҳама дар банду хасми якдигар.
Се маволид аз ин чаҳор аркон
Чун наботу маодину ҳайвон.
Чун наботӣ ғизои инсон шуд,
Ҳаявон ҳам ғизои инсон шуд.
Нутқи инсон чу шуд ғизои малак,
То бад-ин рӯй боз шуд ба фалак.[1.]

Саноӣ тазодро дар падидаҳои иҷтимоӣ низ дарк мекунад ва онро сабаби «шӯру шар» медонад. Дар девони Саноӣ бисёр қасидаҳое ҳастанд, ки дар онҳо ҳамин андешаи шоир васеътар ифода ёфтаанд. Аз ҷумла дар як қасидае мегӯяд:

Аз хилоф аст ин ҳама шар дар ниҳоди булбашар,
В-аз хилоф аст одамӣ дар дасти ҷангу шӯру шар.
Ҷуз хилоф охир киро ин даст бошад, к-оварад
Асли оламро ба пою умри одамро ба сар.
Ҷуз хилоф охир кӣ тонад даргусаст андар ҷаҳон
Чархро банди қабою кӯҳро тарфи камар...[2.]

Тавре, ки аз ду мисоли мухтасар бармеояд, Саноӣ дар таҳқиқи масъалаи тазод дар табиат ва ҷомеа амиқ фикр кардааст ва хилофро на танҳо сабаби шӯру шар, балки ба пой дорандаи асли олам низ медонад.

Чунин дарки Саноӣ, ба гумони ғолиб, натиҷаи огоҳии ӯ аз илмҳои замон будааст, ки «Ҳадиқа» сидқи ин ақидаро собит мекунад.

1. Ҳадиқа, Лакҳнав. – С.354.
2. Девон. – С.292.

«Ҳадиқат-ул-ҳақиқа» аз даҳ боб иборат аст. Ва дар ҳар боб масъалаҳои алоҳида мавриди тадқиқи шоирона ва ҳакимона қарор мегирад. Дар масъалаи нафс, чунон, ки аз «Ҳадиқа» ва «Сайрул ибод илал маод» маълум мешавад, Саноӣ назарияи файласуфони машшоъ ва каломро пайравӣ мекунад, ки аксари мутафаккирони мутасаввиф онро қабул карда буданд. Тибқи ин ақида нафс аз наботӣ, ҳайвонӣ, инсонӣ ва малакӣ иборат буда, яке идома ва дараҷаи болотари он мебошад. Саноӣ, ба монанди файласуфони мактаби машшоъ ва ихвонуссафо нафсро нирӯи муҳаррики ҷисм ва сабаби сабзишу тараққии организми зинда медонад:

К-аввалин мояи таносул буд
Ҷузвҳои наботро кул буд.
Ҷӯйҳое, ки хозини обанд,
Алифу нуни чамъ аз он ёбанд.[1.]

Саноӣ маншаи ҳамаи намудҳои нафсро Нафси кулӣ ҳисоб мекунад, ки барои ба ҳаракат овардани афлок ва бахшидани суратҳо ба аҷром ва аҷсом муаззаф шудааст. Агар ақидаи Саноӣ дар бораи Нафси кулӣ, ки аз тарафи воҷибулвуҷуд баъд аз Ақли кул офарида шудааст, мазмуни идеалистию динӣ дошта бошад, пас баёни намудҳои нафс дар олами хокӣ – аз растанӣ то одам ва эътирофи пайванди нафсу ҷисм кӯшишест барои ҷустуҷӯи манбаи ҳаракату инкишофи ҳаёт дар ҷаҳони моддӣ. Ақидаи Саноӣ дар ин масъала ба фикри машшоиён хеле наздик аст, ҳарчанд тафовутҳо ҳам дорад.

Албатта, ин андеша моддигароӣ набуда, ба ҳамон назарияи арастуӣ, ки обуранги навафлотунӣ гирифта буд, такя дорад.

Дар «Ҳадиқа» сареҳан мегӯяд:

Ҳам варои маротиби исмӣ,
Ҳам пазирон сурати ҷисмӣ.
Зоти ӯ гашта мустадир аз нафс,
Сурати ӯ асарпазир аз нафс.[2.]

---

1. Ҳаким Саноӣ. Мунтахаби осор. Ҷ.1. Душанбе, 2005. – С.306.
2. Ҳадиқа, Лакҳнав. – С.352.

Мақоми ақл дар «Ҳадиқа»-и Саноӣ болотар аз нафс буда ва аввал чизе, ки Худоитаъоло офаридаааст, Ақли кулл мебошад. Ба ғайр аз он ки дар тамоми бобҳои «Ҳадиқа» дар бораи ақл ҳамчун василаи муҳими дарки олам ва дониш сухан меравад, боби чаҳоруми манзума ба ақл бахшида шудааст. Истиноди Саноӣ дар шарафи ақл ба ҳадиси пайғамбари ислом Муҳаммад (с) мебошад, ки гуфтааст: «Аввалин чизе, ки Худоитаъоло офарида ақл аст». Ва дар идомаи он дар фасли «Андар сифати ақл ва оқил ва маъқул» нақши ақлро дар маърифат, ояндабинӣ, давлатдорӣ, шариат ва умури дигар аз мавқеи тасаввуф шарҳу тавзеҳ медиҳад. Дар ҳамин фасл ӯ чунин тавсифе аз ақл менамояд:

Ҳар чӣ дар зери чарх неку баданд,
Хӯшачинони хирмани хираданд.
Чун даромад зи боргоҳи азал
Шуд бад-ӯ росткор илму амал.
Ҳам калиди умур дар дасташ,
Ҳам раҳи амр баста дар ҳасташ…
Аз барои салоҳи давлату дин
Чашми ақл аввалест охирбин…
Ҷисмро ҷону бурдборидеҳ,
Нафсро илмбахшу ёридеҳ…
Иллати фаҳму ваҳму ҳуш омад,
Ки бараҳна бараҳнапӯш омад.
Шуда бе ҳеҷ айбу райбу шаке
Ақлу маъқулу оқил ин се яке.[1.]

Саноӣ ақлро ҳамчун василаи муҳимтарини шинохти ашё ва ҳодисаҳои олами моддӣ дониста, мақоми онро ҳамчун шоҳ васф мекунад (Ақл шоҳ асту дигарон ҳашаманд, з-он ки дар мартабат зи ақл каманд).

Вале дар марҳалае, ки ишқ меояд, ақл коргар нест. Саноӣ ишқи ирфониро, ки воситаи ба маъшуқи азалӣ, яъне ҳақиқати кул пайвастан мебошад, аз ақл боло мегузорад. Дар ин марҳала ақл, ки бо фалсафа сару кор дорад, дар пеши ишқ ночиз аст ва файласуф аз асрори олами илоҳӣ бехабар аст.

1. Ҳадиқа. – С.295-296.

Дар ҳамин масъала сӯфиён ихтилоф бо фалсафаи машшоъ ва калом доранд ва Саноӣ мегӯяд:

Ақл дар кӯи ишқ нобиност,
Оқилӣ кори Бӯалӣ Синост.[1.]

Ин андешаи Саноӣ, танҳо ба марҳалаи ишқи илоҳӣ дахл дорад. Вале дар мавридҳои дигар Саноӣ дар мавқеи ратсионализми идеалистӣ қарор дорад. Ӯ хирадро наҷотдиҳанда аз ҷаҳл ва ҳидоятгари роҳи дурусти динӣ ва дунявӣ медонад. Баланд шудани мартабаи инсон ба ақл аст:

Аз хирад хоҷа шав, ки санги сапед
Лаъл шуд зери домани хуршед. [2.]

Нафси куллӣ ҳам ҳангоми пайвастан ба ақл мартабати воқеӣ пайдо мекунад. Ҳангоме аз нуқсони моддӣ озод мегардад, нафс ба ақл пайваст мешавад ва соҳиби шавқ шуда ба сӯи Худойтаъоло аз ақл пешрав мегардад:

Ҷавҳараш чун шавад зи нуқсон нақл,
Бартар ояд, яке шавад бо ақл.
Чун шуд аз файзи ақл бар худ шоҳ
Хилъати шавқ ёбад аз Аллоҳ.
То кунун ақл буд бар вай мир,
З-ӯ кунун ақл гашт амрпазир.[3.]

Дар «Ҳадиқа» Саноӣ мартабаҳои ақл, қувваҳои ҳиссӣ ва зарурату нақши онҳоро дар маърифат тавзеҳ мекунад. Шеъри Саноӣ дар фаслҳое, ки ақл, нафс ва воситаҳои маърифати ҳиссию ақлиро баён кардаанд, шеъри фалсафӣ мебошад. Ӯ воқеан ҳамчун шоир, вале шоири ҳаким ва файласуф ҷилвагар мешавад.

Саноӣ дониши ақлиро ҳақиқӣ ҳисоб мекунад, зеро мӯтақид аст, ки ақл ба дурӯғ созгор нест. Ӯ ақлро бо дин пайванди ногусастанӣ доданӣ аст. Консепсияи тасаввуфии пайвастани

1. Ҳамон ҷо. – С.300.
2. Ҳамон ҷо. – С.307.
3. Ҳадиқа. – С.308.

ирфонро бо шариат Саноӣ дар муносибати ақлу дин устувор карданӣ аст. Дин ҳамон вақт вазифаи худро метавонад адо кунад, агар ба туфайли ақл борвар шавад, моҳияти ақлонӣ касб намояд.

Ба фикри Саноӣ ақл чун чашм аст, ки бе нур бино нест. Нури он таълимоти паямбарон мебошад:

Ақл чашму паямбарӣ нур аст,
Он аз ин, ин аз он на бас дур аст.
Ин ки дар дасти шаҳвату хашманд,
Чашми бе нуру нури бе чашманд…
Он касе, к-ӯ ба мулки ақл расид,
Ду ҷаҳонро чунонки ҳаст бидид.[1.]

Ақл ҳамон вақт ба мақсад мерасонад, ки шахси соҳибхирад ба илм рӯ оварад. Саноӣ диалектикаи таҷруба ва ақл, илму амалро ба хубӣ дарк кардааст. Бинобар ин дар назарияи маърифати ӯ ақл, илм ва таҷруба дар алоқамандии ҳам метавонанд манфиатбахш бошанд. Донише, ки инсон дорад барои татбиқ дар амал лозим аст. Саноӣ ҳамеша таъкид дорад, ки дониши ҷудо аз амал натиҷае ба бор намеоварад. Аз ҳамин ҷиҳат аст, ки мегӯяд:

Он чи донистаӣ ба кор дарор,
Пас дигар илм ҷӯй аз дари кор.[2.]

Дар ҳамин байт ду маънии хеле муҳим баён шудааст. Яке ба кор бурдани дониш аст, ки дар боло зикр кардем. Дуюм, аз кор ва амал низ ҳосил кардани илм аст. Яъне, ба ибораи дигар асоси илм дар амалия ва кор низ нуҳуфта аст. Ин нукта аз умқи тафаккури Саноӣ дар моҳият ва робитаи дуҷонибаи илму амал шаҳодат медиҳад.

Ҷиҳати дигари аҳамиятноки таълимоти маърифатии Саноӣ умуман ва дар бораи илм махсусан ин аст, ки мутафаккир зарурати ба ҳам пайвастани илму ахлоқро таъкид мекунад.

Ба ақидаи Саноӣ қабл аз илм ҳосил кардан инсон бояд ҳилм дошта бошад. Чунки бе ҳилм, фурӯтанӣ, одоб ва камоли

1. Ҳамон ҷо. – С.213-214.
2. Ҳадиқа.– С.315.

ахлоқӣ илм ба василаи зараровар табдил меёбад, он аз ҷаҳолат намераҳонад. Ин абёт аз «Ҳадиқа» ҳамин матлабро ба хубӣ возеҳ месозад:

Ҳилм бояд нахуст, пас илмат,
Бархур аз илм хонда бо ҳилмат.
Илм бе ҳилм хоки кӯй бувад,
Илм бо ҳилм оби рӯй бувад.
Сабри мардон чу ҷуфт шуд бо илм,
Чун бидонанд хулқ бошаду ҳилм.
Илм аз ҳилм некпай гардад,
Санг бе санг лаъл кай гардад?![1]

Саноӣ робитаи байни ҳис ва ақл, нақши аъзои ҳис ва қувваҳои ҳиссиро низ барои маърифат таъкид мекунад.

Чун сухан дар бораи маърифати офаридгор меравад, Ҳакими Ғазнавӣ ақлро оҷиз медонад ва мақоми ишқро баланд мебардорад. Ба ҳамин васила ӯ аз мавқеи ратсионализм ба ирратсионализми ирфонӣ мегузарад.

Саноӣ масалҳо ва ҳикоятҳоро аз гуфтору рафтори пирони тасаввуф ба монанди Ҷунайд, Шиблӣ, Боязид доир ба масъалаҳои маърифати тасаввуфӣ ва ишқи ирфонӣ оварда, тасаввуфро аз ҷиҳати назарӣ тақвият мебахшад.

Сӯфии воқеӣ дар назари Саноӣ шахсест вораста аз алоиқи дунё ва такаллуфҳо, покдин ва покдил, аз асрори Ҳақ огоҳ ва устувор дар андешаву ақидаи сӯфиёнаи худ аст:

Тоза андар баҳори Ҳақ сӯфист,
Сарв дар ҷӯйбори Ҳақ сӯфист.
Марди сӯфӣ тасаллуфӣ набувад,
Худ тасаввуф такаллуфӣ набувад.
Сӯфиёне, ки аҳли асроранд,
Дар дили нору дар сари доранд…
Сӯфӣ он аст, к-аз таманнию хост
Гашт безору яксара бархост.[2]

Дар идомаи ин суханҳо Саноӣ се хислатро барои сӯфӣ асосӣ медонад, ки марбут ба ахлоқи аҳли тасаввуф аст:

1. Ҳамон ҷо. – С.316.
2. Ҳадиқа. 1377. – С.494.

Аввал он, к-ӯ суол худ накунад,
Бад бувад худ суол, бад накунад.
Дуввум он-к ар касе аз ӯ хоҳад,
Моҳазар бидҳадаш, ки мешояд.
Сеюм он, к-аз ҷаҳон шавад берун
Набувад муддахар варо афзун.[1]

Саноӣ, тавре ки аз «Ҳадиқа» ва осори дигараш ба назар мерасад, сӯфии эътидолӣ, ақлгаро ва муаллими ахлоқи ҳамида аст. Тамоми осори Саноӣ, чи қасида, чи ғазал, чи маснавиҳо ҳама аксаран бори таълимоти ахлоқӣ мекашанд ва бозкунандаи роҳ ба сӯи олами инсонӣ ва камолоти маънавӣ ҳастанд.

Саноӣ гоҳо ба ваҳдати вуҷуд низ майл мекунад ва ҳамин иттисолро ба Ҳақиқати мутлақ, ки офаридгор аст, азбайнбарандаи гуногунрангиҳо ва найрангҳои олами моддӣ ё худ маҷозӣ медонад. Ваҳдати ошиқу маъшуқ, ориф ва Ҳақ ваҳдати аслист, ки аз ҳама ниёзмандиҳо бениёз мебошад:

Ин ҳама рангҳои пурнайранг,
Хуми ваҳдат ҳама кунад якранг.
Пас чу якранг шуд ҳама ӯ шуд,
Ришта борик шуд, чу як мӯ шуд.[2]

Чунонки ишора шуд «Ҳадиқа» саршор аз панду андарз ва ҳикмат аст. Инчунин асари ҷомеъи фалсафию ахлоқӣ, ки дар пояи дину ирфон қарор дорад дар адабиёту тасаввуфи халқҳои тоҷику форс камназир аст.

Дар бораи қасидасароӣ ва мадҳи шоҳон гуфтани Саноӣ ва баъдан гӯё тарки мадҳ кардани ӯ дар маъхазҳои қадим ва асарҳои муҳаққиқони ахир ишораҳое нсареҳ мавҷуд аст. Ҳарчанд дар ашъори Саноӣ гоҳо тақозое барои саллаву ҷома низ рафтааст, вале баъди касби камол ва дарки амиқи моҳияти ҳаёт ва дунё Саноӣ аз тамаъ ва мадҳи ғаразолуд қотеона даст кашидааст. Намунаи барҷастаи он номаи ӯ ба Баҳромшоҳи Ғазнавист, ки аз иродаи қавӣ ва ҷасорати инсонии ӯ шаҳодат медиҳад:

1. Ҳамон ҷо.
2. Ҳадиқа, Лакҳнав. – С.65.

Набувам бахри тӯъма мадҳатгӯй,
Ин наёбӣ зи ман, ҷуз аз ман ҷӯй.
На куҳан хоҳам аз касеву на нав,
Нек донад зи хӯи ман хусрав.[1]

Вале аз баъзе абёт ва ишораҳои дар «Ҳадиқа» ва номаҳои ӯ ҷой дошта метавон натиҷа гирифт, ки гоҳо шоир иҷборан бо даъвати шоҳони салҷуқӣ ва ё ғазнавӣ шеър месурудааст. Бинобар ин аз абёти зайл метавон ба хулосае омад, ки он қасоиду мадҳияҳои Саноӣ бе хоҳишу рағбати ботинии ӯ эҷод шудаанд:

Бар тану ҷони ман гумошт фалак
Ҳар чи иблисро ниёлу тагин.
Ин яке гӯядам, ки баргӯ, ҳон,
В-он дигар гӯядам, ки барҷаҳ, ҳин.
Гарчи гунгӣ биёву шеър бихон
В-ар чи кӯрӣ биёву садр бубин.[2]

«Ҳадиқа» саршор аз масоили ахлоқист. Саноӣ пеш аз ҳама фазилатҳои инсониро талқин мекунад. Ӯ бевосита ва ё бавоситаи тамсилу ҳикоятҳо ростӣ, қаноат, адолат, зӯҳд, дониш, ҳилм, тараҳҳум, меҳру муҳаббат, вафодорӣ, парҳезкорӣ ва ғайра сифатҳои ҳамидаро васф мекунад. Роҳи саодатро дар касби ин хислатҳои нек ва покию сидқ мебинад. Хислатҳои разила аз қабили бухл, ҳирс, сарватҷӯӣ, рибохорӣ, риёкорӣ, хашм, шаҳватпарастӣ, беадолатӣ, мағрурӣ, ҷаҳлу нодонӣ ва ғайраро шадидан интиқод намуда одамҳоро ба роҳи рост ва некӯ ҳидоят менамояд.

Танқиди афъоли бад аз ҷониби Саноӣ маънои иҷтимоӣ низ дорад. Ӯ бар алайҳи шарри иҷтимоӣ беҳарос муборизаи фикрӣ мекунад ва аз мавқеи тасаввуф мекӯшад то барои истиқрори инсофу адолат дар ҷомеа мусоидат кунад. Ва дар ин бора мегӯяд:

Саноӣ, гар ту худотарсию Худойшинос
Туро зи мир чи боку туро зи шоҳ чи ғам?![3]

1. Ҳамон ҷо.
2. Мактаби Саноӣ. – С.44.
3. Девон. – С.384.

Ё:

Куфр бошад аз тамаъ пеши дари ҳар мунъиме
Қомати озодагӣ чун ҳалқаи дар доштан.[1]

Дар «Ҳадиқа» фасоди иҷтимоӣ ва дастандаркорони он, махсусан қузот, рӯҳониёни риёкор, сӯфиёни сохтакор, амирони ҷаббор ифшо ва зери тозиёнаи сахти интиқод қарор гирифтаанд. Саноӣ чунин давлат ва низоми иҷтимоиеро орзу дорад, ки баробарӣ, қаноат, дастгирии ҳамдигар асоси он бошанд:

На якеро бувад зи мол афвоҷ,
В-он дигар кас ба ҳаббае мӯҳтоҷ.
Ҳама яксон тавонгару дарвеш,
Ба зару сим нашуда каму беш.[2]

Осори Саноӣ, хосатан «Ҳадикат-ул-ҳақиқа» ба шоирони мутафаккир ва мутасаввифи қарнҳои баъдӣ, хосатан ба Аттор, Ҷалолиддини Румӣ, Ҳофизи Шерозӣ, Хоқонӣ, Ҷомӣ ва бисёр дигарон таъсири амиқ кардааст. Метавон гуфт, ки осори Саноӣ, ки моҳияти он башардӯстӣ аст ва дар доираи тасаввуф изҳор шудааст, барои пешрафти андешаҳои гуманистии мутафаккирони тоҷику эронӣ, ҳиндӣ, озарӣ, ӯзбек ва ғайра нақши файзбахш бозидааст.

***Кароматулло Олимов***
***доктори илмҳои фалсафа,***
***узви вобастаи Академияи илмҳои ҶТ.***

1. Ҳамон ҷо. – С.472.
2. Ҳадиқа, Лакҳнав. – С.515.

# *ҲАДИҚАТУЛ -ҲАҚИҚА ВА ШАРИАТУТ - ТАРИҚА*

## ФАСЛ АНДАР ТАНЗЕҲ

Даҳр не қолаби кадимии ӯ,
Табъ не боиси каримии ӯ.
Нашавад даҳру табъ бе қавлаш
Ҳамчу ҷон аз ниҳод бе тавлаш.
Ину он ҳар ду ноқису абтар,
Ину он ҳар ду аблаҳу бебар.
Модати ӯ зи кӯҳнаву ну(в) нест,
Ӯст, к-аз ҳастҳо ба ҷуз ӯ нест.
Ба ниҳоят на мулки ӯ маъруф,
Ба бидоят на зоти ӯ мавсуф.
Зарқу талбису муҳрақа нахарад,
Сӯи тавҳиду сидқ беҳ нигарад.
Дидаи ақлбин гузинад ҳақ,
Дидаи рангбин набинад ҳақ.
Ботил аст, он чи дида ороярд,
Ҳақ дар аҳволи обу гил н-ояд.
Ақл бошад ба хилту ваҳм муҳит,
Ҳардувон лек дар бисот басит.
Халқро зот чун намояд ӯ,
Дар кадом оина дарояд ӯ?
Ҷою ҷон ҳар ду пешкори туанд,
Кӯтволу нафасшумори туанд.
Чун бурун омадӣ зи ҷону зи ҷой,
Пас бубинӣ Худойро ба Худой.
Бори тавҳид ҳар касе накашад,
Таъми тавҳид ҳар касе начашад.
Ҳаст дар ҳар макон Худо маъбуд,
Нест маъбуд дар макон маҳдуд.
Марди ҷисмӣ зи роҳ гумроҳ аст,
Куфру ташбеҳ ҳар ду ҳамроҳ аст.
Дар раҳи сидқ нафсро бигзор,
Хезу з-ин нафси шум даст бидор.
Аз дарунат нигошт сунъи илоҳ,
На зи зарду сапеду сурху сиёҳ.

В-аз бурунат нигошта афлок,
Аз чӣ? Аз боду обу оташу хок.
Феълу зоташ бурун зи олату сӯст,
Баски ҳуввияташ пур аз куну ҳӯст.
Кун ду ҳарф аст, бенаво ҳар ду,
Ҳу ду баҳр аст,беҳаво ҳар ду.
Зоти ӯ сӯи орифу олам,
Бартар аз «айн»-у «кайф», в-аз «ҳал»-у «лам».
Додаи худ сипеҳр бистонад,
Нақши Аллоҳ ҷовидон монад.
Он кӣ беранг зад туро найранг,
Боз настонад аз ту ҳаргиз ранг.
Нагузорад ба ту фалак ҷовид,
Ранги зарду сиёҳу сурху сапед.
Офаридат зи сунъ дар таклиф,
Кард фазлаш ба худ туро таъриф.
Гуфт: Ганҷе будам ниҳонӣ ман,
Холиқ-ул-халқ то бидонӣ ман.
Карда аз кофу нун ба дурри самин
Дидаро як даҳон пур аз ёсин.
Зери гардун ба амру сунъи Худой
Сохта чор хасм бар як ҷой.
Ҷамъи эшон далели қудрати ӯст,
Қудраташ нақшбанди ҳикмати ӯст.
Ҳама аздод, лек з-амри Илоҳ
Ҳама бо якдигар шуда ҳамроҳ.
Ҳамаро то абад ба амри қидам
Зада найранг дар сарои адам.
Чор гавҳар ба саъйи ҳафт ахтар
Шуда беранграо гузоришгар.
Он ки бе хома зад туро найранг
Ҳам тавонад гузордан бе ранг.
Нест гӯӣ ҷаҳон зи зишту накӯ
Ҷуз аз ӯву бад- ӯву балки худ ӯ.
Ҳама з-ӯ ёфта нигору сувар,
Ҳам ҳаюлониаслу ҳам пайкар.

Унсуру модаи ҳаюлонӣ,
Табъу албони чор арконӣ
Ҳамаро ғояти таноҳӣ дон
Нардбонпояи илоҳӣ дон.

## ФАСЛ АНДАР САФО ВА ИХЛОС

Пас, чу матлуб набвад андар ҷой
Сӯйи ӯ кай бувад сафар-т аз пой.
Сӯйи ҳақ шоҳроҳи нафсу нафас,
Ойнайи дил зудудан омаду бас.
Ойнайи дил зи занги куфру нифоқ
Нашавад равшан аз хилофу шиқоқ.
Сайқали оина яқини шумост,
Чист маҳзи сафой? Дини шумост.
Пеши он к-аш ба дил шаке набувад,
Сурату оина яке набувад.
Гарчи дар оина ба шакл бувӣ,
Он- к дар оина бувад, на тувӣ.
Дигарӣ ту, чу оина дигар аст,
Ойна аз сурати ту бехабар аст.
Ойнаи сурат аз сифат дур аст,
К-он пазирои сурат аз нур аст.
Нур худ з-офтоб набридаст,
Айб дар оинасту дар дидаст.
Ҳар кӣ андар ҳиҷоб ҷовид аст,
Масали ӯ чу буму хуршед аст.
Гар зи хуршед бум бенирӯст,
Аз паи заъфи худ, на аз паи ӯст.
Нури хуршед дар ҷаҳон фош аст,
Офат аз заъфи чашми хаффош аст.
Ту набинӣ ҷуз аз хаёлу хавос,
Чун най хатту сатҳу нуқташинос.
Ту дар ин роҳи маърифат ғалатӣ,
Солу маҳ монда дар ҳадиси батӣ.

Гӯяд он кас дар ин мақоли фузул,
Ки тачаллӣ надонад ӯ зи ҳулул.
Гар-т бояд, ки бар диҳад дидор,
Оина каж мадору равшан дор,
К-офтобе, ки нест нур дареғ,
Обгинат намояд андар меғ.
Юсуфе аз фаришта некӯтар,
Деврӯе намояд аз ханҷар.
Ҳақ зи ботил муоина накунад,
Ханҷарат кори оина накунад.
Сурати худ дар ойнаи дили хеш
Беҳ тавон дид аз он, ки дар гили хеш.
Бигсал он силсила, ки пайвастӣ,
Ки зи гил дур чун шудӣ, растӣ.
З-он ки гил музламасту дил равшан,
Гили ту гулхан асту дил гулшан.
Ҳар чӣ рӯйи дилат мусаффотар,
З-ӯ тачаллӣ туро муҳайётар.
На чу з-уммат фузун-ш буд ихлос,
Гашт Бӯбакр дар тачаллӣ хос.

**Ат-тамсилу фӣ шаъни ман кона фӣ ҳозиҳи аъмо фаҳува фи-л-охирати аъмо. Ҷамоъат-ул-ъумён ва аҳвол-ул-фил[i]**

Буд шаҳре бузург дар ҳади Ғӯр
В-андар он шаҳр мардумон ҳама кӯр.
Подшоҳе дар он макон бигузашт,
Лашкар оварду хайма зад бар дашт.
Дошт пиле бузурги боҳайбат,
Аз паи ҷоҳу ҳашмату савлат.
Мардумонро зи бахри дидани пил,
Орзу хост з-ончунон таҳвил.
Чанд кӯр аз миёни он кӯрон
Бари пил омаданд аз он урон,

То бидонанд шаклу ҳайъати пил,
Ҳар яке тозиён дар он таъҷил.
Омаданду ба даст месуданд,
З-он ки аз чашм бебасар буданд.
Ҳар якеро ба ламс бар узве,
Иттилоъ уфтод бар ҷузве.
Ҳар яке сурати муҳоле баст,
Дилу ҷон дар паи хаёле баст.
Чун бари аҳли шаҳр боз шуданд,
Барашон дигарон фароз шуданд.
Орзу кард ҳар яке з-эшон,
Ончунон гумраҳону бадкешон.
Сурату шакли пил пурсиданд,
В-он чи гуфтанд, ҷумла бишниданд.
Он ки дасташ ба сӯи гӯш расид,
Дигаре ҳоли пил аз ӯ пурсид.
Гуфт: Шаклест саҳмноку азим,
Паҳну саъбу фарох ҳамчу гилем.
В-он ки дасташ расид зӣ хартум,
Гуфт: Гаштаст мар маро маълум
Рост чун новдон миёнатиҳист
Саҳмнокасту мояи табаҳист.
В-он киро буд зи пил малмусаш
Дасту пои ситабр пурбӯсаш
Гуфт: Шаклаш чунонки мазбут аст,
Рост ҳамчун амуди махрут аст.
Ҳар яке дида ҷузве аз аъзо
Ҳамагонро назар фитода хато.
Ҳеҷ дилро зи куллӣ огаҳ не,
Илм бо ҳеҷ кӯр ҳамраҳ не.
Ҷумлагиро хаёлҳои муҳол
Карда монанди ғатфара ба ҷувол.
Аз худоӣ халоиқ огаҳ нест,
Уқалоро дар ин сухан раҳ нест.

**Ат-тамсилу фӣ асҳоби таманно ас-суъи**

Родмарде зи ғофиле пурсид,
Чун варо сахт ҷулфу ҷоҳил дид.
Гуфт ҳаргиз ту заъфарон дидӣ?
Ё ҷуз аз ном ҳеҷ нашнидӣ?
Гуфт:Бо мост хӯрдаам бисёр,
Сад раҳу бештар на худ як бор.
То варо гуфт родмарди ҳаким,
Ин-т бечора, ин-т қалби салим.
Ту басал низ ҳам намедонӣ,
Беҳуда риш чанд ҷунбонӣ.
Он ки ӯ нафси хеш нашносад,
Нафси дигар касе чӣ пармосад?
В-он ки ӯ дасту пойро донад,
Ӯ чи гуна Худойро донад?
Анбиё оҷизанд аз ин маънӣ,
Ту чаро ҳарза мекунӣ даъвӣ?
Чун намудӣ бад-ин сухан бурҳон,
Пас, бидонӣ муҷарради имон.
В-арна ӯ аз куҷову ту зи куҷо
Хомушӣ беҳ туро, ту жож махо.
Уламо ҷумла ҳарза мелофанд,
Дин на бар пои ҳар касе бофанд.
Он чи насс аст, ҷумла оманно,
В-он чӣ ахбор, низ салламно!

## ФАСЛ АНДАР ДАРАҶОТ

…Поя бисёр сӯи боми баланд,
Ту ба як поя чун шавӣ хурсанд?
Пояи аввал андар ӯ ҳилм аст,
К-ӯ ба таҳқиқи хоҷаи илм аст.
Ҷамъ кардӣ бар аввалин поя
Хираду ҷону сурату моя.

Ту ҳақиқат бидон, ки дар олам
Аз барои натиҷаи одам
Нест аз баҳри осмони азал
Нардбонпоя беҳ зи илму амал.
Баҳри болову шеби манзилро
Ҳикмати ҷон қавӣ кунад дилро.
Андар ин роҳ агарчи он накунӣ,
Дасту пое бизан, зиён накунӣ.
Ҳар кӣ ӯ тухми коҳилӣ корад,
Коҳилӣ кофириш бор орад.
Ҳар кӣ бо ҷаҳлу коҳилӣ пайваст,
Пояш аз ҷой рафту кор аз даст.
Батар аз коҳилӣ надонам чиз,
Коҳилӣ кард Рустамонро ҳез.
Аз паи корат офаридастанд,
Ҷомаи хилқатат буридастанд.
Ту ба хулқон чаро шавӣ қонеъ,
Чун нагардӣ бад-он ҳулал томеъ.
Ду-ду манзил яке кунад содиқ,
Се-се манзил яке кунад ошиқ.
Милку мулк аз куҷо ба даст орӣ
Чун маҳе шаст рӯз бекорӣ?!
Рӯз бекорию шаб осонӣ,
Нарасӣ бар сарири Сосонӣ.
Тоҷу тахти мулук бе нами меғ
Дастаи гурз дону қабзаи теғ.
Аз паи симу тӯъмаи гардун,
Пеши муште хасиси нокаси дун,
Кисаи пур мадӯзу парда мадар,
Косаро бармалесу ишва махар.
Илм дорӣ, ба ҳилм бош чу кӯҳ
Машав аз ноиботи даҳр сутӯҳ.
Илм бе ҳилм шамъи бенур аст,
Ҳар ду бо ҳам чу шаҳди занбӯр аст.

Шаҳди бемум рамзи аҳрор аст,
Муми бешаҳд бобати нор аст.
Баргузар з-ин сарои кавну фасод,
Бибур аз мабдаву бирав ба маъод,
К-андар ин хоктӯдаи беоб
Оташи бодпайкар аст сароб.

**Ат-тамсилу фӣ қавми юътуна-аз-закот[iii]**
Родмарде карим пеши писар,
Дод чандин ҳазор бадраи зар.
Писараш чун бидид базли падар,
Тарзабон шуд ба айбу азли падар.
Гуфт: Бобо, насибаи ман ку?
Гуфтам: Эй пур, дар хизонаи ҳу.
Қисми ту бе васию бе анбоз
Ман ба ҳақ додам, ӯ диҳад ба ту боз.
Ӯст чун корсозу мавлии мо
Ӯ на бас дини мову дунйии мо.
Ӯ ба ҷуз корсози ҷонҳо нест,
Накунад бо ту зулм, аз онҳо нест.
Ҳар якеро иваз диҳад ҳафтод,
Чун даре баст бар ту, даҳ бигшод.

## ДОСТОНИ БОСТОН

Аблаҳе дид уштуре ба чаро
Гуфт: Нақшат ҳама кажаст, чаро?
Гуфт уштур, ки андар ин пайкор
Айби наққош мекунӣ, ҳуш дор.
Дар кажиам макун ба айб нигоҳ,
Ту зи ман роҳи рост рафтан хоҳ.
Нақшам аз маслиҳат чунон омад,
Аз кажӣ ростий камон омад.
Ту фузул аз миёна берун бар,
Гӯши хар дархур аст бо сари хар.

Ҳаст шоиста, гарчит омад хашм,
Тоқи абрӯ барои ҷуфтии чашм.
Ҳарчи ӯ карда, айби ӯ макунед,
Бо баду нек ҷуз накӯ макунед.
Дасти ақл аз сахо ба нирӯ шуд,
Чашм хуршедбин зи абрӯ шуд.
Зишти некӯ ба назди аҳли хирад,
Сахт нек аст, аз ӯ наояд бад.
Ба худоӣ сазо мар ӯро дон
Шабу шабгир рав, мар ӯро хон,
Он накӯтар, ки ҳар чӣ з-ӯ бинӣ
Гарчи зишт он, ҳама накӯ бинӣ.
Ҷисмро қисми роҳат омаду ранҷ,
Рӯҳро роҳат аст ҳамчун ганҷ.
Лек море шиканҷ бар сари ӯст,
Дасту пое хурад, баробари ӯст.

**Ат – тамсилу ли қавмин янзуруна би айнил–аҳволи.**
**«Мунозиратул-валади маъа-л-волид»[iv]**

Писаре аҳвал аз падар пурсид,
К-эй ҳадиси ту бастаро чу калид.
Гуфтӣ: Аҳвал яке ду бинад. Чун
Ман набинам, аз он чи ҳаст фузун?
Аҳвал ар ҳеҷ к-ат шумор астӣ
Бар фалак маҳ, ки дуст чор астӣ.
Пас, хато гуфт он ки ин гуфтаст,
К-аҳвал ар тоқ бингарад, ҷуфт аст.
Тарсам андар тариқи шореъи дин
Ҳамчунонӣ, ки аҳвали кажбин.
Ё чу аблаҳ, ки бо шутур пайкор
Карда беҳуда аз паи кирдор.

❁ ❁ ❁

Рӯҳро аз хирад шараф ӯ дод,
Афвро аз гунаҳ алаф ӯ дод.

Нек донад Худой инобатро,
Ҳикматаш монеъ аст иҷобатро.
Гарчи бошад гаҳи суол муҷиб,
Надиҳад гил ба гулхуранда табиб.
Гули умри касе, ки гул хоҳад,
Кай диҳад гул-ш,агарчи дил хоҳад.
Кай шавад бесабаб намудаи ту,
Будаи ҳақ чу ақли пудаи ту.
Сахт бисёр кас бувад, ки хурад
Қадаҳи заҳр сирфу з-он намурад.
Балки ӯро ғизои ҷон бошад,
Ки зи бӯҳрон чу хайзарон бошад.
Ҳамаро аз тариқи ҳикмату дод,
Он чи боист, беш аз он ҳама дод.
Пилро пашша гар бидаррад пӯст,
Гӯ бар он, гӯши пашшарон бо ӯст.
Шапуш ар ҳаст, нохунат ҳам ҳаст,
Кайкро гӯшмол чун барҷаст.
Кӯҳ агар пур зи мор шуд, машкӯҳ
Сангу тарёк ҳаст ҳам дар кӯҳ.
В-ар зи каждум ба дил нишон дорӣ,
Кафшу наъл аз барои он дорӣ.
Дард дар олам ар фаровон аст,
Ҳар якеро ҳазор дармон аст.
Дар ҳам овехт аз паи тасвир,
Кӯраи замҳарирру чархи асир.
Мӯътадил баҳри ҷунбиши гилро,
Сардии мағз гармии дилро.
Ҷигару дил зи акҳалу шарён
Сӯи тан боду об карда равон.
То ҷасадро ба воситай даму хун
Ҷон диҳад ин ба ҷунбиш ,он ба сукун.
Малакут асту мулк дар олам
Забари тахти нуру тахти зулам.
Кард бахш ин ду мояро дар сунъ,
Чун бигустард сояро бар сунъ.

Малакут аз шараф равон дорад,
Мулк аз роҳи лутф ҷон дорад.
То даруну бурун пазирад қут,
Тан зи зилмулку ҷон зи зилмалакут.
Нӯш дон, арчи заҳри ӯ бошад,
Лутф дон, ҳар чи қаҳри ӯ бошад.
Бошад аз модарони мо бар мо
Ҳам ҳиҷомат накӯю ҳам хурмо.

## ҲИКОЯТ

Кард рӯзе Умар ба раҳгузаре
Сӯи ҷавқе ба кӯдакон назаре.
Ҳама машғул гашта дар бозӣ,
Карда ҳар як ҳаме сарафрозӣ.
Ҳар яке аз паи мусориате
Бинамудӣ зи худ мусориате.
Баркашида барои хатту адаб
Ҷома аз сар бурун ба расми араб.
Чун Умар сӯи кӯдакон нигарид,
Ҳашматаш пардаи тараб бидарид
Кӯдакон з-ӯ гурехтанд ба тафт,
Ҷуз ки Абдуллаҳи Зубайр нарафт.
Гуфт Уммар: «Зи пеши ман ба чӣ фан
Ту бинагрехтӣ?».Бигуфто:«Ман
Чӣ гурезам зи пешат, эй мукрим,
На ту бедодгар, на ман муҷрим».
Назди он кас, ки дид ҷавҳари х(в)ад
Чи қабулу чи рад, чи неку чи бад.
Мир чун ҷуфти дину дод бувад,
Халқро дил зи адл шод бувад.
В-ар бувад рои ӯ суи бедод
Мулки худ дод сар ба сар барбод.
Нек бошӣ, зи дарди сар растӣ,
В-ар бадӣ,ҷумла аҳд бишкастӣ.

Чун гирифтӣ зи адл тӯшаи хеш,
Маркаби ту бувад ду манзил пеш.
Ончунон шав ба ҳайратободаш,
Ки дигар ёд н-ояд аз ёдаш.

## ҲИКОЯТ

Саврӣ аз Боязиди Бистомӣ
Аз паи тоату накӯномӣ
Кард некӯ суолею бигрист,
Гуфт: «Пиро, бигӯ, ки золим кист?»
Пири вай мар варо ҷавоб бидод,
Шарбати вай ҳам аз китоб бидод.
Гуфт: Золим касест бадрӯзӣ,
Ки яке лаҳза дар шабонрӯзӣ
Кунад аз ғофилӣ фаромӯшаш,
Набувад банда ҳалқа дар гӯшаш.
Гар фаромӯш кардияш нафасе,
Золиме ҳарза нест чун ту касе.
В-ар бувӣ ҳозиру барӣ номаш,
Нест кардӣ зи ҷазм аҳкомаш.
Ончунон ёд кун, ки аз дилу ҷон
Нашавӣ ғоиб аз замину замон.

## ТАМСИЛ

Ёд дор ин сухан аз он бедор,
Марди ин роҳ Ҳайдари каррор.
Фаъбудур-рабба фӣ салоти тароҳ
В-ар набошӣ чунин ту воғавсоҳ.
Ончунонаш параст дар кавнайн,
Ки ҳамебинияш ба раъй-ул айн.
Гарчи чашмат варо намебинад,
Холиқи ту туро ҳамебинад.
Зикр ҷуз дар раҳи муҷоҳида нест,
Зикр дар маҷлиси мушоҳида нест.

Раҳбарат аввал арчи ёд бувад,
Расад он ҷо, ки ёд бод бувад.
З-он ки ғаввос аз даруни биҳор
Об ҷӯяд ,кашад ҳам обаш зор.
Фохта ғойиб аст, гӯяд ҳу?
Ту агар ҳозирӣ, чи гӯӣ ҳу.
Ҳозиронро зи ҳайбат аст манол,
Гар туро ҳисса ғайбат аст,бинол.
Нолаи шавқи фохта бишнав,
Ҳолату завқи сохта ба ду ҷав.
В-он ки хушнудии аҳад ҷӯяд,
Нури тавҳид дар лаҳад ҷӯяд.
Лаҳадаш равзаи биҳишт шавад,
Дар ду чашмаш биҳишт зишт шавад.
Ҳозир он гаҳ шавӣ, ки дар маъман
Ҳозири дил шавӣ, на ҳозири тан.
То дар ин хиттаи такопӯӣ,
Ё ҳама пушт, ё ҳама рӯӣ.
Чун аз ин хитта як ду хитват рафт,
Ҷони толиб инони ишқ гирифт.
Ҳар кӣ шуд лаҳзае зи худ хушнуд,
Солҳо банд шуд ба оташу дуд.
Кай бад-ин аслу мансаб арзонист,
Ҷуз касе, к-аш сари мусалмонист.
Ишқу оҳанги он ҷаҳон кардан,
Шарт набвад ҳадиси ҷон кардан.
Мурдагӣ ҷаҳлу зиндагӣ дин аст,
Ҳар чӣ гуфтанд, мағзи он ин аст.
Он касоне,ки марди ин роҳанд,
Аз ғами ҷону дил на огоҳанд.
Чун гузаштӣ зи олами такупӯй,
Чашмаи зиндагонӣ он ҷо ҷӯй.

## ТАМСИЛ

Золаке кард сар бурун зи нуҳуфт,
Киштаки хеш хушк диду бигуфт:

«К-эй ҳам они наву ҳам они куҳун,
Ризқ бар туст, ҳар чӣ хоҳӣ, кун!
Иллати ризқи ту ба хубу ба зишт,
Гиряи абр нею хандаи кишт.
Аз ҳазорон ҳазор беҳ яки ту
З-он ки андак набошад андаки ту.
Шӯълае з-ӯву сад ҳазор ахтар,
Қатрае з-ӯву сад ҳазор ахзар.
Бесабаб розиқӣ, яқин донам
Ҳама аз туст – нонаму ҷонам.
Мард набвад касе, ки дар ғами х(в)ар
Дар яқин бошад аз зане камтар».

## ҲИКОЯТИ МУРҒ БО ГАБР

Он бинашнидаӣ, ки бе нами абр
Мурғ рӯзӣ биёфт аз дари габр.
Габрро гуфт: «Пас, мусалмонӣ,
З-ин ҳунарпешаӣ, сухандонӣ,
К-аз ту ин макрамат бинапзиранд,
Мурғакон гарчи дона баргиранд».
Габр гуфт: «Ар маро бинагзинад
Охир ин ранҷи ман ҳамебинад.
З-он ки ӯ мукрим асту боэҳсон,
Накунад бухл бо карам яксон.
Даст дарбохт дар раҳи Ҷаъфар,
Дод эзид ба ҷои дасташ пар.
Дил ба феълу фузули халқ мабанд,
Дил дар ӯ банд, растӣ аз ғаму банд.
Кори ту ҷуз Худой накшояд,
Ба Худой, ар зи халқ ҳеҷ ояд.
То тавонӣ, ҷуз ӯ ба ёр магир,
Халқро ҳеҷ дар шумор магир.
Халқро ҳеҷ такягоҳ масоз,
Ҷуз ба даргоҳи ӯ паноҳ масоз.
К-ин ҳама такяҷойҳо ҳавас аст,
Такягаҳ раҳмати Худой бас аст.

То бақои шумост, нони шумост,
Илфолой ӯву ҷони шумост.
Ҳар дуро дар ҷаҳони ишқу талаб
Порсӣ боб дону тозӣ аб.
Чун надорӣ хабар зи роҳи ниёз,
Дар ҳиҷобӣ ба сони мағзи пиёз.
То ҷудоӣ зи нури Мӯсо ту,
Рӯзкӯрӣ чу мурғи Исо ту.
Аввал аз баҳри ишқи дилҷӯяш,
Сар қадам кун чу килку меҷӯяш.
То бад-он ҷо расӣ ба чуст дуруст,
Ки бидонӣ, ки менабояд ҷуст.

## ҲИКОЯТ

Дар муноҷот пир-Шиблӣ гуфт:
«Ки бурун ой аз ҳадиси нуҳуфт».
Гуфт: Гар з-он ки набвадам дурӣ
Бидҳадам дар ҳадис дастурӣ.
Лиман-ул-мулк гӯяд ӯ ба савоб,
Бидиҳам мар варо ба сидқ ҷавоб.
Гӯям: Алявм мамлакат онрост,
Ки зи диву парер меоростӣ.
Явму ғад мулкат, эй ба мо–бар чир
Ҳаст онро, ки буд дию парер.
Теғи қаҳри ту сарфарозонро
Сар бурад, пас ба сар диҳад ҷонро.
Нӯш дон баҳри суду савдоро,
Ҳарбаи офтоби ҳирборо.
Ҳар чӣ ҷуз ҳақ чу з-он гирифтӣ хашм,
Ҷабраилат наёяд андар чашм.
З-он ки аз ҳарфи «ло» ҳаме ба «Илоҳ»
Кас надонад, ки чанд бошад роҳ.
Роҳ то бо худӣ ҳазорон сол
Биравӣ рӯзу шаб ямину шимол.

Пас ба охир чу чашм боз кунӣ,
Кор бар хештан дароз кунӣ.
Хештан бинӣ аз ниҳоду қиёс,
Гирди худ гашта ҳамчу гови харос.
Бехуд ар ҳеҷ ой андар кор
Ёбӣ андар ду дам бад-ин дар бор.
З-ин масофат ду дасти ақл тиҳист,
В-он масофат Худой донад чист.
Эй Сикандар дар ин раҳи офат,
Ҳамчу Хизри набӣ дар ин зулмат
Зери пой ор гавҳари конат,
То ба даст ояд оби ҳайвонат.
Бо дилу ҷон набошадат Яздон,
Ҳар ду набвад туро - ҳам ину ҳам он.
Нафсро солу моҳ кӯфта дор,
Мурда ангорашу ба ҷо бигзор.
Чун ту фориғ шудӣ зи нафси лаим,
Бирасидӣ ба хулду нозу наим.
Биму уммедро ба ҷой бимон,
Чӣ кунӣ наъти молику ризвон?
Нестро масҷиду куништ якест,
Сояро дӯзаху биҳишт якест.
Пеши он кас, ки ишқ раҳбари ӯст,
Куфру дин ҳар ду пардаи дари ӯст.
Ҳастии дӯст пеши дидаи дӯст
Пардаи боргоҳи ӯйии ӯст.

**Фӣ таноқузи-д-дорайн**[v]

Иллати рӯзу шаб Хур асту Замин,
Чун гузаштӣ, на он-т монду на ин.
Эй ду бар зӯъми ту муроду мурид,
Дуӣ аз ақл дон, на аз тавҳид.
Дар чунин ҳазрат ар зи ман шунавӣ,
Чун ҳама шуд, яке маҷӯй дуӣ,

Ки бар ин дар ,агарчи пуршӯр аст,
Золи Зар ҳамчу золи безӯр аст.
Дар дуӣ дон машаққату тамйиз,
Дар якеӣ якест Рустаму ҳез.
Дар масофи сафову соҳати дил,
Бар фарози равону тораки гил,
Теғ то нафганӣ сипар нашавӣ,
То бинанҳӣ кулоҳ, сар нашавӣ.
То дилат бандаи кулоҳ бувад,
Феъли ту солу маҳ гуноҳ бувад.
Чун шудӣ фориғ аз кулоҳу камар,
Бар сарони замона гаштӣ сар.
Тарки таркиб рахши тавфиқ аст,
Нафйи тартиб маҳзи таҳқиқ аст.
Мурдани дил ҳалоки ҷон бошад,
Мурдани ҷон варо амон бошад.
Судраи садри подшоҳи сухун
Фориғ омад зи сӯзану нохун.
Андар ин раҳ ба ҳеч рӯй маист,
Нест гирду зи нест гаштан нест.
Гарм рав, гарчи филмасал танҳост,
Нест як тан, ки оламе барпост.
Чун ту бархостӣ зи нафсу зи ақл,
Ин ҷаҳонат бад-он ҷаҳон шуд нақл.
Ҳар саре,к- аз ту раст ҳам дар дам,
Сар бизан чун чароғу шамъу қалам.
З-он ки ҳар сар, ки диданӣ бошад.
Дар тариқат буриданӣ бошад.
Бесарӣ пеши гарданон адаб аст,
З-он ки пайваста сар кулаҳталаб аст.
Бесарӣ мар туро сар орад бор,
Дурҷи пурдур зи бесарист анор.
Сари калро кулаҳ паноҳ бувад,
Бо чунин сар кулаҳ гуноҳ бувад.

Ту ба зери кулоҳ ғаш дорӣ,
Лоҷарам ҷисри нор нагзорӣ.
Одамиро зи ҷоҳ беҳтар чоҳ,
Кал фузулӣ шавад чу ёфт кулоҳ.
Ҷоҳи Юсуф зи чоҳ пайдо шуд,
Нафси доно зи ақл гӯё шуд.
З-он ки дар боргоҳи раббонӣ
Ман бигӯям, агар намедонӣ.
Он накӯтар , ки андар ин меъроҷ
Даст бар сар кунӣ, наёбӣ тоҷ,
К-аз паи ғайб мард раҳ пӯяд,
В-аз паи айб кал кулаҳ ҷӯяд.
Чун Сулаймон камол раҳро дод,
Ҳамчу Юсуф ҷамол чаҳро дод.
То нашуд нақши суратат чоҳӣ,
Нашавад нақши сиррат аллоҳӣ.
Бо кулоҳат агар зиён бошад,
Қалби ӯ худ ҳалоки ҷон бошад.
Дар тариқат сару кулоҳ мадор,
В-арна дорӣ чу шамъ дил пурнор.
Гар ҳаме Юсуфет бояду ҷоҳ,
Пеши Ҳақ бошгуна пол чу чоҳ.
Сар , ки он бандаи кулоҳ бувад,
Ҳамчу Бежан асири чоҳ бувад.
В-ар кулаҳ боядат ҳаме ночор,
Ҳамчу шамъ он кулаҳ аз оташ дор,
К-он ки дар ишқ шамъи раҳ бошад,
Ҳамчу шамъ оташинкулаҳ бошад.
Эй зи сурат чунон ки ҷон аз исм,
Дил зи ваҳдат чунон ки мард аз исм.
Кӯшиш аз тан, кашиш зи ҷон хезад,
Ҷустан аз тарки ину он хезад.
То абад бо қидам ҳадас тифл аст,
В-он ки софӣ бурун аз ин сиқл аст.

То замин ҷои одамизой аст,
Хаймаи рӯзгор бар пой аст.
Ин замин меҳмонсарое дон,
Одамиро чу кадхудое дон.

## АНДАР ИЙСОР

Ҳар чӣ дорӣ барои ҳақ бигзор,
К-аз гадоён зарифтар исор.
Ҷону дил базл кун, к-аз обу зи гил
Беҳтар аз ҷудҳост ҷаҳди муқил.
Саййиду сарфарози оли Або
Ёфт ташрифи сураи «Ҳал ато».
З-он се қурси ҷавини бемиқдор,
Ёфт дар пеши ҳақ чунин бозор.
Хезу бигзор дунйии дунро,
То биёбӣ Худои бечунро.
Дираме садқа аз кафи дарвеш
Аз ҳазори тавонгар омад беш.
З-он ки дарвешро диле реш аст.
Аз дили реш садқа з-он беш аст.
Ба тавонгар ту он нигар, ки дилаш
Ҳаст торику тира ҳамчу гилаш.
Гили дарвеш сафвати азалист,
Дили ӯ кимиёи ламязалист.
Бишунав, то чӣ гуфт Фазлуллоҳ,
Бо кӣ гӯям, ки нест як ҳамроҳ.
Бо шаҳаншоҳу Хоҷаи лавлок
Гуфт: Ло таъду анҳуму айнок.
Аз тану ҷону ақлу дил бигузар,
Дар раҳи ӯ диле ба даст овар.
Сурату васфу айн дармонанд,
Он раҳим, ин машима, он фарзанд.
Сурататат пардаи сифот бувад,
Сифатат садди айни зот бувад.

Ҳарчӣ он нақши илму маърифат аст,
Дон, ки он куфри олами сифат аст.
Ин чу мисбоҳ равшан андар зот,
В-он ду ҳамчун зуҷоҷаву мушкот.
То нагаштӣ дар он гузургаҳ танг
Бо ду рӯҳею луъбате якранг,
То бувад насли одамӣ барҷой,
Ҳаст ороста варо ду сарой.
То дар ин хокдон набинад ранҷ,
Нарасад з-он сарой бар сари ганҷ.
Ин сарой аз барои ранҷу ниёз,
В-он сарой аз барои неъмату ноз.
Одамӣ чун ниҳод сар дар хоб,
Хаймаи ӯ шавад гусастатаноб.
Аз ту пурсам, ки илму ҳикмату шаръ
Ворис ой ҳаме ба аслу ба фаръ.
Дин зи сурат ҳамеша бигрезад,
То зи бад мардро бипарҳезад.
Як ҷавобам бидеҳ зи рӯи савоб,
Гар наӣ мурда ё наӣ дар хоб.
Чун туро бар ниҳоди худ нафас аст,
Аз ту ӯ мар туро иваз на бас аст.

## ҚИССАИ ҚАЙС ИБНИ ОСИМ, РАЗИЯЛЛОҲУ АНҲУ

Он замон к-аз Худой назди расул
Ҳукми «Манзаллазӣ» намуд нузул,
Ҳар касе он қадар, ки даст расид,
Пеши меҳтар кашиду сар накашид.
Гавҳару зар, сутуру бандаву мол,
Ҳар чӣ дар вусъ будашон дар ҳол.
Қайси Осим заифҳоле буд,
Ки накарда талаб зи дунё суд.
Рафт дар хона, бо аёл бигуфт,
З-он чӣ бишнид, ҳеҷ як нанҳуфт.

К-инчунин оят омадаст имрӯз,
Хезу моро дар интизор масӯз.
Он чӣ дар хона ҳозир аст, биёр,
То кунам пеши Саййид он исор.
Гуфт зан: Чиз нест дар хона
Ту найӣ з-ин сарой бегона.
Гуфташ: охир бичӯй з-он миқдор,
Ҳар чӣ ёбӣ сабук ба назди ман ор.
Рафту хона бичуст бисёре,
То барояд магар варо коре.
Ёфт дар хона соъе аз хурмо,
Дақалу хушкгашта то ба наво.
Пеши Қайс оварид зан дарҳол,
Гуфт: З-ин беш нест моро мол.
Қайс хурмо дар остин дар кард,
Шодмона бари расул овард.
Чун дарун рафт Қайс дар масҷид,
Н-аз сари ҳазл, балки аз сари ҷид.
Гуфт бо вай мунофиқи бадкор:
То чӣ овардаӣ, сабук бигзор.
Гавҳар аст ин матоъ ё зару сим,
Пеши меҳтар чӣ мекунӣ таслим.
З-он сухан Қайс гашт хору хиҷил,
Бинигар, то чӣ омадаш ҳосил.
Рафту дар гӯшае ба ғам биншаст,
Барниҳода зи шарм даст ба даст.
Омад аз сидра Ҷабраили амин,
Гуфт:К-эй сайиди замону замин.
Мардро андар интизор мадор,
В-он чи овардааст, хор мадор.
Мустафоро зи ҳол кард огоҳ,
«Ялмазуна мутавваъин» ногоҳ.
Мардро интизор чун доранд,
Малакут омада ба наззоранд.

Зилзила уфтода дар малакут,
Нест ҷои ҷарору ҷои сукут.
Ҳақ таоло чунин ҳамегӯяд,
Дили ӯро ба лутф меҷӯяд.
К-эй сарафроз, в-эй гузида расул,
Ин қадар зуд кун зи Қайс қабул,
Ки ба назди ман ин дақал ба аён,
Беҳтар аз зарру гавҳари дигарон.
З-ӯ пазируфтам ин матои қалил,
З-он ки дасташ расид, нест бахил.
Аз ҳама чизҳои бигзида
Ҳаст ҷаҳд ул- мақал писандида.
Қайсро з-он сабаб баромад кор,
З-он мунофиқ ба феъл, бадгуфтор.
Гашт расво мунофиқ андар ҳол,
Қайсро кор гашт аз он ба камол.
То бидонӣ, ки ҳар кӣ пеш омад,
Ҳам бар он сон, ки буд, беш омад.
Бо Худой он кӣ ӯ дудил бошад,
Аз ҳама феъли худ хиҷил бошад.
Ростӣ беҳтар аз ҳама коре,
Хонда бошӣ ту ин қадар боре.

**Фӣ-л-иттиҳод** [vii]

Дар ҷаҳон як зиён чу суди ту нест,
Ҳеч ҳабси абад чу буди ту нест.
Заҳаруннур зулминан бошад,
Баталаззур ҷону тан бошад.
Ғайб хоҳӣ, худӣ зи раҳ бардор.
Айбро бо сарои ғайб чӣ кор?
Ғайб гӯгирди сурхи Яздон аст,
Зардрӯии кишваре з-он аст.
Ту пур аз айбу қасди олами ғайб,
Натавон кард хоса бо шаку райб.

Барнахезад ба дасти бехирадит
Аз ду пои ниҳод банди х(в)адит.
Буди ту чун туро ҳиҷоб омад,
Aқли ту бо ту дар итоб омад.
Гуфт , рав, нафсро бикун падруд,
В-арна барсоз аз ин ду чашм ду руд.
Рӯзу шаб дар фироқи ақл бинол,
Беш бо ақли худ бадӣ масигол.
Ақлро з-ин ақила бозраҳон,
Баъд аз он бар ту айш гашт осон.
Бинӣ он гаҳ, ки ёбӣ аз дил қут,
Мулкро аз даричаи малакут.

**Ман омана битоатиҳи, фақад хасара хусронан мубинан**[viii]

Рӯбаҳе пир рӯбаҳеро гуфт:
«К-эй, ту бо ақлу рою дониш ҷуфт,
Чобукӣ кун, дусад дирам биситон,
Номаи мо бад-ин сагон бирасон».
Гуфт: «Аҷрат фузун зи дарди сар аст,
Лек коре азиму бохатар аст.
З-ин зиён чунки ҷони ман фарсуд,
Дирамат он гаҳам чӣ дорад суд?»
Эминӣ аз қазоят, эй Аллоҳ,
Ҳаст наздики ақл айни гуноҳ.
Эминӣ кард ҳар дуро бадном,
Он Азозилу он дигар Булъом.

**Ман заҳида фи-д-дунё, ваҷада мулкан ло ябло** [ix]

Буд пире ба Басра – дар зоҳид,
Ки набуд он замон чун ӯ обид.
Гуфт: Ҳар бомдод бархезам,
То аз ин нафси шум бигрезам.
Нафс гӯяд маро, ки ҳон, эй пир,
Чӣ хӯрӣ бомдод, кун тадбир.

Боз гӯ мар маро, ки то чӣ х(в)арам?
Ман-ш гӯям, ки маргу даргузарам.
Гӯяд он гоҳ нафси ман бо ман,
Ки чӣ пӯшам? Бигӯямаш, ки кафан.

Баъд аз он мар маро суол кунад,
Орзуҳои бас муҳол кунад,
Ки куҷо рафт хоҳӣ, эй дили кӯр?
Ман-ш гӯям: Хамӯш, то лаби гӯр.
То магар бар хилофи нафс нафас
Битавонам задан зи бими асас.
Баҳ, баҳ, он кас, ки нафсро дорад
Хору дар пеши хеш нагзорад.

**Фӣ сифати-з- зуҳд ваз-зоҳид**[x]

Зоҳиде дар миёни қавм битохт
Ба сари кӯҳ рафту савмаа сохт.
Рӯзе аз иттифоқ доное,
Олиме пурхирад, тавоное.
Баргузашту бидид зоҳидро,
Ончунон порсои обидро.
Гуфт: Вайҳак чаро бар ин болой
Сохтастӣ мақому маскану ҷой?
Гуфт зоҳид, ки аҳли дунё пок
Дар талаб карданаш шуданд ҳалок.
Боз дунё шудаст дар парвоз
Дарфиганда ба ҳар диёр овоз.
Ба забоне фасеҳ мегӯяд,
Дар ҷаҳон сайди хеш меҷӯяд.
Ҳар замон гӯяд аҳли дунёро,
Ҷуфти балвову фарди мавлоро:
Войи он, к-ӯ зи ман ҳазар накунад.
Дар талаб карданам назар накунад.
То нагардад, чунон ки дар Фустот
Андаке мурғу боз бар ифрот.

## Фӣ ҳубби-д-дунё ва сифати аҳлиҳи[xi]

Ҳаст шаҳре бузург дар ҳади Рум,
Боз бисёр андар он бару бум.
Номи он шаҳр шаҳри Фустот аст,
Соҳилаш то ба ҳадди Дамёт аст.
Андар ӯ мурғи хонагӣ напарад,
З-он ки боз аз ҳаво варо шикарад.
В-андар он шаҳр мурғ нагзорад.
З-он ки дар соаташ фурӯ борад.
Ҳамчу Фустот шуд замона кунун
Уламо ҳамчу мурғ хору забун.
Ман ба даст оваридам ин боло,
То шавам эмин аз бади дунё.
Гуфт доно,ки бо ту ин ҷо кист?
Бар сари кӯҳпоя ҳолат чист?
Гуфт зоҳид, ки нафси ман бо ман
Ҳаст рӯзу шаб андар ин маскан.
Гуфт доно, ки пас, нагардӣ ҳеҷ,
Беҳуда роҳи зоҳидон мабасиҷ.
Гуфт зоҳид, ки нафс дӯхтаанд
Дар ману зӣ ваям фурӯхтаанд.
Натавонам зи вай ҷудо гаштан
Чӣ кунам чораи раҳо гаштан.
Гуфт бо зоҳид он сутуда ҳаким: -
Нафс афъоли бад кунад таълим.
Гуфт зоҳид, ки ман бисохтаам,
З-он ки ман нафсро шинохтаам.
Ҳаст бемор нафсу ман чу табиб,
Мекунам рӯзу шаб варо тартиб.
Ба мудовои нафс машғулам
З-он ки гӯяд ҳаме, ки маълулам.
Гаҳ варо қасди фасд фармоям,
Акҳал аз дидагон-ш бигшоям.

Чун тасаъъуд кунад ,фурӯ борад,
Фасд таскине андар ӯ орад.
Гаҳ варо мусҳиле бифармоям,
Илал аз ҷисми ӯ биполоям.
Ҳубби дунёву ҳақду буғзу ҳасад,
Ғаму ғašташ бурун шавад зи ҷасад.
Гоҳ наҳйаш кунам ман аз шаҳавот
То магар бозмонад аз лаззот.
Аз хуриш хӯи хеш боз кунад,
Дари шаҳват ба худ фароз кунад.
Қуташ аз боқило ду дона кунам,
Хона бар вай чу гӯрхона кунам.
Соате нафс чун шавад дар хоб
Ман кунам як -ду ракъаташ ба шитоб.
Пеш аз он к-ӯ зи хоб бархезад,
Ҳамчу бемор дар ман овезад.
Як- ду ракъат бе ӯ чу бигзорам,
Баъд аз он нафс гашт бедорам.
Марди доно чу ин сухан бишунид,
Ҷома бар тан зи ваҷди ӯ бидарид.
Гуфт: – Лиллоҳ, дарка эй зоҳид,
Боракаллоҳ умрак, эй обид.
Ин сухан ҷуз туро мусаллам нест,
Мулки ту кам зи мулкати Ҷам нест.
Ҳар чӣ имрӯз ҳаст ороиш,
Дон, ки фардот бошад олоиш.
Нест олуда, к-аз гунаҳ хезад
Он к-аз андӯҳи оҳу ваҳ хезад.
З-он кунад баҳри меҳмонӣ пок
Мӯи абрӯву мӯи рух чолок.
Дил бад-ин ҷо ғарибу нодон аст,
То ба банди чаҳор аркон аст.
Хирад ин ҷо тиҳӣ кунад ҷаъба,
Ки таҳарро бад аст дар Каъба.

Пеши Каъба магар ки булҳавасе
Бишнавад илми самти қибла басе.
Ҳар кӣ дар Каъба бо таҳарро мурд,
Зираи тар ба сӯи Кирмон бурд.
Дар се зиндони ғуллу ҳақду ҳасад
Ақлро бастаӣ ба банду ҷасад.
Панҷ ҳис, к-аз чаҳор арконанд
Панҷ ғаммози ин се зиндонанд.
Дил шуда маҳрами хазонаи роз,
Чи кунад назди мунҳию ғаммоз.
Безабонон забони ӯ гӯянд
Бенишонон нишони ӯ гӯянд.
Ҳар чӣ ҷуз дӯст, оташ андар зан,
Он гаҳ аз оби ишқ сар бар зан,
Ки на ёранду ёр мебинӣ,
Ҳама зинҳор хор мебинӣ.
Гулбуни боғи хештанбинон
Шуда чун дулми дулми бадбинон.
Нек маълум кун, ки дар маҳшар
Нашавад ҳеҷ ҳоли халқ дигар.
Пешаш ояд ,ҳар он чи бигзинад,
Ҳар чӣ з-ин ҷо барад, ҳамон бинад.

**Фил-ихлос вал-мухлисун**
**ало хатари азим**[xii]

Чун зи даргоҳи туст гӯ, мемол
Хобро зери пои хайли хаёл.
Ҳамчу шамъ он киро намонд манӣ
Дар ту хандад, чу гарданаш бизанӣ.
Бо ту бо ҷоҳу ақлу зар чӣ кунам,
Дину дунё туӣ, дигар чи кунам.
Ту маро дил деҳу далерӣ бин,
Рӯбаҳи хеш хону шерӣ бин.
Гар зи тири ту пур кунам таркаш,
Камари кӯҳи Қоф гирам каш.

Ёри онӣ , ки бехирад набувад,
В-они онӣ , ки они х(в)ад набувад.
Ман чу дармондаам дарам бикшой,
Раҳ чу гум кардаам, раҳам бинмой.
Ҳеч худбин Худойбин набувад,
Марди худдида марди дин набувад.
Гар ту марди шариату динӣ,
Як замон дур шав зи худбинӣ.
Эй Худованди кирдгору ғафур,
Бандаро аз дарат магардон дур.
Бастаи хеш кун, бибар хобам,
Ташнаи хеш кун, мадеҳ обам.
Дил аз ину аз он чӣ бояд ҷуст?
Дард худ раҳнамои мақсади туст.
Умр зоеъ ҳамекунӣ дар кор,
Ҳамчу хар пеши сабза бе афсор.
Гирди ҳар шаҳр ҳарза мегардӣ,
Хар дар он раҳ талаб, ки гум кардӣ.
Хар агар дар Ироқ дуздиданд,
Пас, туро чун ба Язду Рай диданд?
Пул бувад пеш то нагардӣ кул,
Чун шудӣ кул, туро чи баҳру чи пул?
Андар ин раҳ зи доду дониши хеш
Бор созу зи ҳеч пул мандеш.
Қасди киштӣ макун, ки пурхатар аст,
Марди киштӣ зи баҳр бехабар аст.
Гарчи навхезу навгирифт бувад,
Бати кишититалаб шигифт бувад.
Баччаи бат агарчи дина бувад,
Оби дарёш то ба сина бувад.
Ту чу бат бошу дунйӣ оби равон,
Эмин аз қаъри баҳри бепоён.
Баччаи бат миёни баҳри Умон,
Харбате боз гашта киштибон.

Ёраб , ин харбатони оламро
Кам кун аз баҳри иззи одамро.
Қадам ар дар раҳи қидам дорӣ,
Қулзумеро зи даст нагзорӣ.
Қадамеро , ки бо қидам ба қул аст,
Сатҳи берунии муҳити кул аст.

**Фӣ қазоиҳи ва қадриҳи ва амриҳи ва сунъиҳи[xiii]**

Дода аз ҳукми ту таманноро,
Амри динрову ақли дунёро.
Он чи зояд зи олам, аз амр аст,
Вон чи гӯяд набӣ, ҳам аз амр аст.
Куфру дин ,хубу зишту кӯҳнаву нӯ,
Ярҷиил амри куллуҳу зӣ ӯ.
Ҳарчӣ дар зери амри Ҷабборанд
Ҳама бар вифқи амр дар коранд.
Ҳама маққуру қудраташ қоҳир,
Сунъи ӯ бар зуҳурашон зоҳир.
Ҳама мавқуфи қудрату ҳилмаш,
Ҳама маҳбуси собиқи илмаш.
Он ки омию он ки аз уламост,
Он ки маҳкуму он ки аз ҳукамост,
Ҳамаро бозгашти ҳазрати ӯст,
Ҳар киро миннатест миннати ӯст.
Ақлро нақл карда асбобаш,
Нафсро пай бурида ансобаш.
Насаби нафс сӯи олами ҷон,
Ҳамчу кӯр асту гавҳари Уммон.

## ҲИКОЯТ

Кӯрро гавҳаре намуд касе
З-ин ҳаваспеша марди булҳавасе,
Ки аз ин мӯҳра чанд меҳоҳӣ?
Гуфт: – Як гирдаву дуто моҳӣ.
Нашиносад касе, чӣ дорӣ хашм
Лаълу гавҳар магар ба гавҳари чашм.

Пас, чу ин гавҳарам надод Худой
Ин гуҳарро бибар ту, жож махой.
Гар нахоҳӣ, ки бар ту хандад хар
Назди гавҳаршинос бар гавҳар.
Дасти гавҳаршинос беҳ донад
Чун кафи пой бар садаф ронад.
Нек донӣ, ки дар фазои азал
Дасти сунъи Худои азза ва ҷалл
Гар набишт абҷаде зи дафтари хеш,
Натавонад к-аз ӯ кашад сари хеш.
Карда амри Худой дар ҳар фан
Қувватеро ба феъле обистан.
То чу роҳи машима бигшоянд,
З-он чи киштанд, ҳомилон зоянд.
Он ки ӯро адам барад фармон,
Кай вуҷуд орад андар ӯ исён.
Карда як амр ҷумларо бедор,
Ҳамагон омаданд дар паргор.
Ҳар чӣ устод барнабишту биронд,
Тифл дар мактаб он тавонад хонд.
Ақл шуд хома, нафс шуд дафтар,
Моя суратпазиру ҷисм сувар.
Ишқро гуфт: Ҷуз зи ман маҳарос!
Ақлро гуфт: Хештан бишнос!
Ақл доим раияти ишқ аст,
Ҷонсупорӣ ҳамияти ишқ аст.
Ишқро гуфт: – Подшоҳӣ кун!
Табъро гуфт: – Кадхудоӣ кун!

**Фӣ нафйи сифотил- мазмумати ан аллоҳи таъоло** [xiv]

Дар ҳақи ҳақ ғазаб раво набувад,
З-он ки соҳибғазаб Худо набувад.
Ғазабу ҳиқд ҳар ду маҷбуранд,
В-ин сифат ҳар ду аз Худо дуранд.
Ғазабу хашму кину ҳиқду ҳасад
Нест андар сифоти фарди аҳад.

Ҳама раҳмат бувад зи холиқи бор,
Ҳаст бар бандагони худ саттор.
Медиҳад мар туро ба раҳмат панд,
Ба худат мекашад ба лутфи каманд.
Гар наёӣ, ихонадат суи хеш,
Ба талаттуф биҳишт орад пеш.
З-он ки ҳастӣ бад-ин сарои дареғ,
Ту гирифта зи ҷаҳл роҳи гуреғ.
Дурри тавҳидро туӣ чу садаф,
Одами тозаро шудӣ ту халаф.
Гар кунӣ зоеъ он дури тавҳид,
Шавӣ аз муфлисӣ зи моя фарид.
В-ар ту он дурро нигаҳ дорӣ,
Сар зи ҳафту чаҳор бигзорӣ.
Ба сурури абад расӣ пас аз он,
Марасад мар туро зи халқ зиён,
Дар замона ту сарфароз шавӣ,
Дар қазои азал чу боз шавӣ.
Дасти шоҳон туро шавад манзил,
Ҳар ду поят бараояд аз буни гил.

**Ат – тамсилу фи-л-лазӣ ҳува йутъини ва яскин** [xv]

Бозро чун зи беша сайд кунанд,
Гардану ҳар ду пош қайд кунанд.
Ҳар ду чашмаш сабук фурӯ дӯзанд,
Сайд кардан варо биёмӯзанд.
Хӯ зи ағёру ода боз кунад,
Чашм аз он дигарон фароз кунад.
Андаке тӯъмаро шавад розӣ
Ёд н-орад зи тӯъмаи мозӣ.
Боздораш зи худ пиёда кунад,
Гӯшаи чашми ӯ гушода кунад.
То ҳама боздорро бинад,
Хулқ бар боздор нагзинад.
З-ӯ ситонад ҳама таому шароб,
Наравад соате бе ӯ дар хоб.

Баъди он баргушоядаш як чашм
Дар ризо бингарад дар ӯ, на ба хашм.
Аз сари расму ода бархезад,
Бо дигар кас ба табъ н-омезад.
Базму дасти мулукро шояд,
Садргаҳро бад-ӯ биёрояд.
Чун риёзат наёфт, ваҳшӣ монд,
Ҳар кӣ дидаш, зи пеши хеш биронд.
Ба риёзат наёфт кас мақсуд,
То насӯзӣ, туро чӣ бояд уд?
Фаррух он к-ӯ ҳама таому шароб
Аз мусаббиб ситад на аз асбоб.
Рав риёзат каш, ар-т бояд боз,
В-арна роҳи ҷаҳимро месоз.
Дигарон ғофиланд, ту ҳуш дор,
В-андар ин раҳ забон-т хомуш дор.

**Аттамсилу фӣ маъно улоика кал анъоми бал ҳум азалун**[xvi]

Курраеро , ки шуд се сол тамом,
Роизаш даркашад ба захми лигом,
Мар варо дар ҳунар бифарҳанҷад,
Тавсанӣ аз танаш биёҳанҷад.
Курраро бар лигом ром кунад,
Номи ӯ аспи хушлигом кунад.
Боргири мулукро шояд,
Ба зару зевараш биёрояд.
Чун наёбад риёзате дарх(в)ар,
Бошад он курра аз харе камтар.
Бобати бори осиё бошад,
Доим аз ёр дар ано бошад.
Гоҳ бори ҷуҳуду гаҳ тарсо,
Мекашад дар анову ранҷу бало.
Одамӣ низ к-аш риёзат нест,
Пеши доно варо ифозат нест.
Алафи дӯзах асту тарсон аст,
Бо ҳаҷар дар ҷаҳим яксон аст.

Мар варо ҳаст ҷони хавфу ҳарос,
Хонда дар насс ҳам вуқудуннос.
Нафс фармонпазиру фармондеҳ,
Ақл имоншиносу имондеҳ.
Акси хур з-об бар ҷидор шавад,
Сақф аз нақши ӯ нигор шавад.
Он ҳам аз акси офтоб шумор,
Он дувум акси об бар девор.
Ҷон нарӯяд зи бими маҳҷурӣ,
Хоки даргоҳ ҷуз ба дастурӣ.
Они ӯянд дар макону замон,
Аз «кун»-и амр то даричаи ҷон.
Гуфта аз баҳри хидмати даргоҳ,
Амр бо ақлҳо «атеъуллloҳ».
Нафси рӯянда то ба гӯянда,
Ҳама чун бандаанд ҷӯянда.
Сӯи он куфр зишту дин некӯст,
Ки зи дин нақш бинад ,аз хар пӯст.
Гарчи бе ӯ-т қасду нирӯ на,
Кори дин бе ту неву бе ӯ на.
Кори дин худ на сарсарӣ корест,
Дини ҳақро ҳамеша бозорест.
Дини ҳақ тоҷу афсари мард аст,
Тоҷ номардро чи дарх(в)ард аст?!
Дин нигаҳ дор, то ба мулк расӣ,
В-ар на бе дин бидон, ки ҳеч касӣ.
Роҳи дин рав , ки роҳи дин чу равӣ,
Ҳамчу шох аз бараҳнагӣ нанавӣ.
Эй хушо роҳи дину амри Худой,
Аз гили тирарӯ барор ду пой.
Дар раҳи ҷабру ихтиёри Худой,
Бе туву бо ту нест кори Худой.
Ҳама аз коркарди Аллоҳ аст,
Некбахт он касе, ки огоҳ аст.
Андар ин раҳ зи доду дониши хеш
Раҳ раву раҳбарӣ куну мандеш.

## Фӣ -л- кароматиxvii

Аз дарунаш чу бӯи ҷон ёбанд,
Безабонон ҳама забон ёбанд.
Дилаш аз банди мулк бирбоянд,
Малакути ҷаҳон-ш бинмоянд.
То кунад ақлаш аз паи розе
Гирди майдони ишқ парвозе.
Дилу ҷонаш нуҳуфта шуд ҳақҷӯй,
Шуд забонаш ба ҳақ «Аналҳақ»-гӯй.
Роҳи дин санъату иборат нест,
Ҷуз харобӣ дар ӯ иморат нест.
Чун ту гаштӣ хамӯши мантиқӣ,
В-ар бигӯӣ ба сони битриқӣ,
Мард бояд, ки чун Халил бувад,
То зи ҳақ зилли ӯ залил бувад.
Заҳра дорад замона аз бимаш,
Як нафас дам занад ба таълимаш?
Мӯсиеро, ки хуфтаи кавн аст,
Фарри авнаш ҳалоки Фиръавн аст.
Арш чун фарш зери пой орад,
Чуғд бошад, вале ҳумой орад.
Хоҷаи ину он сарой шавад,
Бандаи мухлиси Худой шавад.
Мар варо ақл рӯй бинмояд,
Танаш аз нури худ биёрояд.
Лутфи ҳақ сояш афканад дар дил,
Пас бигӯяд, ки «Кайфа маддуз-зилл».
Чун зи зил ҷони ӯ биёбад ламс
Рӯй бинмоядаш «Ҷаалнаш-шамс».
Ҳар киро тавба з-ӣн шароб диҳанд,
Бӯю рангаш ба боду об диҳанд.
Беш бинмоядаш ба ҳисси забун
Фалаку табъу ранги бӯқаламун.
Роҳи дур аз дили дирангии туст,
Куфру дин аз паи дурангии туст.

Лақаби рангҳо маҷозӣ кун,
Хур зи дарёи бениёзӣ кун.
То аз он наъраҳо ба гӯш навӣ,
«Ваҳдаҳу ло шарика лаҳ» шунавӣ.
Беш савдои рангҳо напазӣ,
Гар кунад Исии ту рангразӣ.
Ҳар чӣ хоҳӣ, зи ранг бардорӣ,
Дар яке хум занӣ, бурун орӣ.
Ба ҳақиқат шунав, на аз сари ҷаҳл,
Нест ин нукта бобати ноаҳл.
К-ин ҳама рангҳои пурнайранг,
Хуми ваҳдат ҳама кунад якранг.
Пас чу якранг шуд ҳама ӯ шуд,
Ришта борик шуд чу як мӯ шуд.

**Фил-убудият**[xviii]

Чанд пурсӣ, ки бандагӣ чӣ бувад,
Бандагӣ ҷуз фигандагӣ чӣ бувад?
Банди ӯ дор, то бувӣ банда,
Варна ҳастӣ ту аз дари ханда.
Нестоне, ки бар дараш ҳастанд,
На камар бар дараш кунун бастанд.
Балки аз модари синину шуҳур
Худ камарбаста зодаанд чу мӯр.
Ҷумла аъзотро ба банд дарор,
Молу асбоб ҷумлагӣ биспор.
Банди ӯ дор бар ҳама аъзо,
То нагардӣ зи банд хира ҷудо.
Бандагӣ нест ҷуз раҳи таслим,
В-ар надонӣ , бихон ту қалби салим.
Мадеҳ аз дасташ аз барои ниҳод,
Ҳамаро ҳеч кас ба ҳеч надод.
Ҳар киро нест чашми ибрат кӯр
Набувад ҳамчу мурғу ваҳшу сутур.

Сӯи он к-аз ризо ҳаким бувад,
Ҷунбиши ахтарон ақим бувад.
Бандагӣ дар сарои мабдаъи кул
Аҷзу заъф асту истионату зул.
Давр дур аст дар бало хӯрдан,
Банда будан зи банда парвардан.
Чун шавад ҳикмати қидам соқӣ.
Ту кунӣ ихтиёр дар боқӣ.
Ҳаст дар дин ҳазору як даргоҳ,
Камтараш он ки бе ту дорад роҳ.
Гар чу занбӯрхона хоҳӣ тан,
Пеши тири қазо сипар бифган.
Ҳар киро хаста кард тири қазо,
Напазирад варо ҷариҳа даво.
Захми тири қазо сипаршикан аст,
Ҳеч кас худ зи захми ӯ набираст.
Нараҳӣ, эй фузулии раъно,
Ҷуз ба бедаступоӣ аз дарё.
Он ки дилҳои ошно доранд,
Дил зи чуну чаро ҷудо доранд.
Пеши осеби тири аҳкомаш,
Ҳамчу сайданд монда дар домаш.
Ки набиштаст бар ту суду зиён,
Амри «Қуллан ясибано» бархон.
К-аз паи ҷон-т ҳукми яздонӣ
Шаб набишт, он чи рӯз мехонӣ.
Аз паи ҷими ҷаҳлу ақли сақим
Дили ту танг шуд чу ҳалқаи мим.
Мухбири ботин аст зоҳири ҳукм,
Ҳокии аввал аст охири ҳукм.
Хештанро ба об деҳ, ки зи мо
Нашавад илми ошино дарё.
Чун зи боло бало ниҳад ба ту рӯй,
Рав ту , Аллоҳ гӯю оҳ магӯй.
Ҳукми ҳақ чун суи ту кард нигоҳ,
Ҳону ҳон, зуд баста кун раҳи оҳ.

То надорад-т оҳ саргардон,
Оҳро ҳам зи роҳ вогардон.
Бо қазо суд кай кунад ҳазарат,
Хун магардон ба беҳуда ҷигарат.
Дасту лаб зери ҳукми мабдаъи кул,
Панҷаи сарв созу ғунчаи гул.
Сузиён бош кадхудояшро,
Устухон бош мар ҳумояшро.
Ҳар чи ҷуз ҳақ бувад, ту он мапзир,
Дил зи ағёр ҷумлагӣ баргир.
Рӯй чун шамъ пеши ӯ хуш дор,
Камар аз обу тоҷ аз оташ дор.
Ту чароғӣ ба пеши меҳри баланд,
Ҷон ҳамедеҳ чун ӯву хуш механд.
Ҷон ба рағбат супор, к-аз инкор
Нест ҷонро дар он сарой шумор,
К-он ки дам бо сари бурида кашад,
Бори ҳукмаш ба нури дида кашад.
Сар напечад зи ҳукму амри Худой,
Бинишинад хамӯш дар як ҷой.
Оташеро ҳамекунад таслим
Доғи Намруду боғи Иброҳим.
То нагаштӣ ба сӯи хеш гадой,
Набувад сӯи ту Худой Худой.
Ҳадафи тири ҳукми ӯ ҷон кун,
Садафи дурри ишқаш имон кун.
Шаръи мақлубро макон гӯӣ,
Арши мақлубро куҷо ҷӯӣ?
З-он ки донад Худой рамзи сухун,
Ғамзи ӯ ғамзҳо тақозо кун.

**Ат тамсилу фӣ қиссати Иброҳими-л-Халили алайҳи-с-салом**[xix]

Он шунидӣ, ки то Халил чӣ гуфт,
Вақти оташ ба Ҷабраил нуҳуфт?

Кард берун сар аз даричаи ҷон,
К-эй бародар,ту дур шав зи миён.
Гуфт бо Ҷабраил андар сир,
Раббӣ юсрӣ-кунон дар амри усир.
Гашта аз манҷаниқи ҳукм раҳо,
Гирдгардон чу гӯй гирди ҳаво.
Гуфт: Пас, ман далели роҳи туам,
Ҷабраилам, ки некхоҳи туам.
Дар чунон ҳоли пурнаҳеб Халил
Аз сари эътимоду ҳифзи вакил
Гуфт: Ҳарчанд поям , эй дилбанд,
Ҳаст бар гардани заиф ба банд,
Дур кун як замон зи хештанам,
То бар ӯ бе ту як нафас бизанам.
Исмати ӯ далели ман на бас аст,
Илми ӯ Ҷабраили ман на бас аст.
Бе ту дар даргаҳаш ту ҳозир шав,
Чашм бардӯзу пас ту нозир шав.
Як су андоз ҳаззи худ зи миён,
То биёбӣ ту лаззати имон.
Чун ба ишқ аз чанорат оташ ҷаст,
Оташ аз оташе бидорад даст?
Чун Халил они хештан бигузошт,
Оташ аз феъли хеш даст бидошт.
Гарчи Намруд оташе афрӯхт,
Оташаш чун алаф наёфт насӯхт.
Чун инонро ба дасти ҳукм супурд,
Оташи сиюҳаштрӯза бимурд.
Бардамид аз миёни оташу дуд,
Чун садои нидои Ҳақ бишунуд.
Абҳари аҳду савсани таҳқиқ,
Сунбули суннату гули тавфиқ.
Оре, оре, чу дӯст он бошад,
Нори Намруд бӯстон бошад.

## АЛ –БОБУ-С-СОНӢ[xx]

**Филкаломи закара калом ул- мулк-л алом ясҳалул маром** [xxi]

**Дар сирри Қуръон**

Сирри Қуръон Худо накӯ донад,
З-ӯ шунав, з-он ки худ ҳам ӯ донад.
Чун набошад зи маҳрамон бинҳуфт,
Сирри Қуръон забон чӣ донад гуфт?!
Кас бинашнохт ҷуз ба дидаи ҷон
Ҳарфпаймойро зи қуръонхон.
Ман нагӯям агарчи Усмонӣ ,
Ки ту Қуръон ҳаме накӯ донӣ.
Ҳаст дунё мисоли тобистон,
Халқ дар вай ба сони сармастон.
Дар биёбони ғафлатанд ҳама,
Марг ҳамчун шубону халқ рама.
Андарин бодияй ҳавову ҳавон
Реги гарм аст ҳамчу оби равон.
Ҳаст Қуръон чу оби сарди Фурот,
Ту чу осии ташна дар арасот.
Ҳарфу Қуръон ту зарфу об шумар,
Об мехӯр ба зарф дарманигар –,
К-они кин з-он намоядат автон,
Ки тамуз асту меҳр дар саратон.
З-он бимондат ниҳод бе рӯза,
К-об сард асту кӯза пирӯза.
Сирри Қуръони пок бо дили пок,
Дард гӯяд ба савти андуҳнок.
Ақл кай шарҳу басти ӯ донад,
Завқи сир сирри ӯ накӯ донад.
Гарчи нақши сухан на аз сухан аст,
Бӯйи Юсуф даруни пираҳан аст.
Буд дар Миср монда Юсуфи хуб,
Бӯ ба Канъон расида зӣ Яъқуб,

Ҳарфи Қуръон зи маънии Қуръон,
Ҳамчунон аст, к-аз либоси ту ҷон.
Ҳарфро бар забон тавон рондан,
Ҷони Қуръон ба ҷон тавон хондан.
Садаф омад ҳуруфу Қуръон дурр,
Нашавад моили садаф дили ҳур.
Ҳарфи ӯ гарчи хубу манқуш аст,
Кӯҳ аз ӯ ҳамчу аҳн манфуш аст.
Аз дарун кун самоъ Мӯсовор,
Н-аз бурунсӯ чу зери мусиқор.
Ҷон чу он хонд, луқма чарб кунад,
Дил, ки бишнуд, хирқа зарб кунад.
Лафзу овозу ҳарф дар оёт,
Чун се чӯбак зи косҳои набот.
Юсуф арчи на хубу нағз бувад,
Пӯстат пардадори мағз бувад.
Ҳикмат аз хубси ту суруд ояд,
Нубӣ аз ҷаҳли ту фуруд ояд.
То дар ин турбате, ки тартиб аст,
То бар ин марказе, ки таркиб аст,
Ба басар бед бин, ба дил Тубо,
Ба забон ҳарф хон, ба дил маъно.
Бикун аз баҳри ҳурмати Қуръон
Ақлро пеши нутқи ӯ қурбон.
Ақл набвад далели асрораш,
Ақл оҷиз шудаст дар кораш.
То дар ин оламе, ки пурсайд аст,
То дар ин маркабе, ки пуркайд аст,
Ту нагаштӣ ба сирри ӯ воқиф,
Нарасидӣ ҳанӯз бар мавқиф.
То ҳавохоҳию ҳаводорӣ,
Кӯдакӣ кун, на марди ин корӣ.
Чун ҷаҳони ҳаво хирад бигрифт,
Некии маҳз ҷои ӯ бигрифт.

Дев бигрехт ҳам ба дӯзахи оз,
Ёфт ангуштарӣ Сулаймон боз.
Он гаҳе бу, ки субҳи дин бидамад,
Шаби ваҳму хаёлу ҳис бирамад.
Чун бубинанд мар туро беайб
Рӯйпӯшидагони олами ғайб,
Мар туро бар сарои ғайб оранд,
Парда аз пеши рӯй бардоранд.
Сирри Қуръон туро чу бинмоянд,
Пардаҳои ҳуруф бикшоянд,
Хокӣ аҷзои хокро бинад,
Пок бояд ки покро бинад.
Шуд ҳазимат зи сирри ӯ шайтон,
Чӣ аҷаб, гар рамид аз Қуръон!
Дар димоғе, ки кибри дев дамад,
Фаҳми Қуръон аз он димоғ рамад.
З-истимоъ Қуръон битобад гӯш,
В-аз паи сирри сура нозад ҳуш.
Сӯи сирри набӣ наёрад ҳуш,
Ҷуз дилу ҷонат аз забони хамӯш.
Ҳуш агар гӯшмоли Ҳақ ёбад,
Сирри Қуръон зи сура дарёбад.

## ДАР ЭЪҶОЗИ ҚУРЪОН

Эй ба дарё ба каф каф оварда,
В-аз малак сурати саф оварда.
Мағзу дур з-он ба даст новардӣ,
Ки ба гирди садаф ҳамегардӣ.
З-ин садафҳои тира даст бидор,
Дурри софӣ зи қаъри баҳр дар ор.
Гавҳари бесадаф даруни дил аст,
Садафи бегуҳар даруни гил аст.
Қимати дур на аз садаф бошад,
Тирро қимат аз ҳадаф бошад.

Он ки донад бидида фахр аз қаър
Бишиносад зи дурри дарё баър.
В-он ки дар шатту шатри ин дарёст,
На сазовори луълуи волост.
Сатри Қуръон чу шатри имон аст,
Ки аз ӯ роҳати дилу ҷон аст.
Сифати лутфу иззати Қуръон
Ҳаст баҳри муҳити олами ҷон.
Қаъри ӯ пур зи дурру пур гавҳар,
Соҳилаш пур зи уду пуранбар.
З-ӯст аз баҳри ботину зоҳир,
Муншааб илми аввалу охир.
Пок шав, то маонии макнун
Ояд аз пардаи ҳуруф бурун.
То бурун н-ояд аз ҳадас инсон,
Кай бурун ояд аз ҳуруф Қуръон?
То ту бошӣ зи нафси худ маҳҷуб,
Бо туву ақли ту чи зишту чи хуб.
Накунад хира дурию дерӣ,
Об дар хоб ташнаро серӣ.
Нашавад дил зи ҳарфи Қуръон беҳ,
Нашавад буз ба бичбиче фарбеҳ.
Ту, ки дар банди килку анқосӣ
Чеҳраро аз ниқоб чӣ-шносӣ?
Набувад хоса дар ҷаҳони сухан
Рангу бӯи сухан чу ҷони сухан.
Гар ҳаме ганҷи дил-т бояду ҷон,
Шав, ба дарёи «Фасра ва-л –Қуръон».
То дар ӯ гавҳари яқин ёбӣ,
То дар ӯ кимиёи дин ёбӣ.
Чун қадам дарниҳӣ дар он иқлим,
Кунадат абҷади вафо таълим.
Чун бихонӣ ту абҷади динро,
Аббу ҷад дон ту Шамсу Парвинро.

Сирати содиқон чунин бошад,
Абҷади ошиқон ҳамин бошад.
Пардаи рӯи рӯз торик аст,
Назми ин нукта сахт борик аст.
То биёбӣ ту дурҷи дури ятим
То бидонӣ ту зарри ноб зи сим,
Дар ҷаҳон чист сирри раббонӣ,
Дар миён чист рамзи рӯҳонӣ.
То намояд ба ту чу меҳру чу моҳ
Рӯи хуби худ аз ниқоби сиёҳ,
Чун арӯсе, ки аз ниқоби тунук,
Бадар ояд латиф рӯҳу сабук.

## ДАР ВАҶД ВА ҲОЛ

Дар тариқе, ки шарти ҷонсипарист,
Наъраи беҳуда хариву тарист.
Марди доно ба ҷон самоъ кунад,
Ҳарфу зарфаш ҳама видоъ кунад.
Ҷон аз ӯ ҳаззи хеш баргирад,
Корҳо ҷумлагӣ зи сар гирад.
Бо муриди ҷавон суруду шабақ,
Ҳамчунон дон, ки марди ошиқу дақ.
Ҳол, к-он аз муроду зарқ бувад,
Ҳамчу Фиръавну бонги ғарқ бувад.
Бонги ӯ ҳол ғарқ суд накард,
Оташи оштиш дуд накард.
Алъамон , эй муханнаси малъун,
Баҳри майвизи бод додӣ кун.
Ҳар кӣ дар маҷлисе се бонг кунад,
Дон, к-аз андешаи ду донг кунад.
Варна оҳи муриди ишқалфанҷ,
Ҳамчу морест хуфта бар сари ганҷ.
Аждаҳо, к-ӯ зи ганҷ бархезад,
Мӯҳраи комаш оташ ангезад.
Ких-ких андар фақир чист?- Харӣ.
Чик-чик андар чароғ чист?- Тарӣ.

Обу равған чу дар ҳам омезад,
Нур дар сафви равған овезад.
Таф чу равған зи пеш баргирад,
Нами бегона бонг даргирад.
Оҳ раънoии табиати туст,
Роҳи биноии шариати туст.
Ойинай равшан аст роҳи шумо,
Пардаи ойина-ст оҳи шумо.

**Ат-тамсилу фӣ хилқати Одам ва Исо ибни Марям алайҳимо-с-салом[xxii]**

Падари одам андар ин олам
Ҳаст аз он дам,ки зодаи Марям.
Тан , ки тан шуд, зи ранги одам шуд.
Ҷон , ки ҷон шуд, зи бӯйи он дам шуд.
Ҳар киро он дам аст, одам ӯст,
Ҳар киро нест нақш, олам ӯст.
Одам он дам, ки аз қадар дарёфт,
Дил хабар ёфт, сӯи ҷон биштофт:
«Ки аз ин дам хабар ч-гуна диҳӣ?»
Гуфт:«Ҳастам зи ҷому ҷома тиҳӣ»
Ҷомаву ҷоми мо тиҳӣ з-он аст,
К-ин гаронмоя сахт арзон аст.
Ҳама хоҳӣ, ки бошӣ, ӯро бош,
Бори ӯ сӯи хеш ҳеч мабош.
Барпарида зи доми носуте,
Дархазида ба доми лоҳуте,
Дида хатҳои хиттаи малакут,
Ҳамчу Исо ба дидаи лоҳут.
Он ки дар банди ин ҷаҳон овехт,
Суд кард, ар зи лашкараш бигрехт,
К-ин ҷаҳонест мояи ғаму ранҷ,
Хонда оқил варо сарои сипанҷ.
Раҳбарат бод баҳри сурату ҷон,
Ин ҷаҳон ақлу он ҷаҳон имон.

Хунук он кас , ки ақл раҳбари ӯст,
Ҳар ду олам ба тавъ чокари ӯст.
Хунук он кас, ки нақши хеш бишуст,
На кас ӯро, на ӯ касеро ҷуст.
Ҳамчу нақши зиёд сӯи басич,
Набувад ҷуз якеву он як ҳеҷ.
Хештанро яке махон дар деҳ,
К-он яке нест ҳеҷ аз он як беҳ.
Ту якею валек ҳам з-аъдод
Ном дорию бас,чу нақш зиёд.
Чун даромад висолро ҳола,
Сард шуд гуфтугӯи даллола.
Гарчи даллола мабнии кор аст,
Гоҳи хилват туро гаронбор аст.
З-он ки бошад зи рӯи ақлу назар,
Ду ҳазимат ба вақти худ се зафар.
Пас, ту эй булфузули булғорӣ,
Чун дар ин рӯд бар пулу ғорӣ?

**Дар фатрат ва ҷаҳолат гӯяд. Ва ситоиши пайғомбарон алайҳимуссалом кунад. Зикру-л-анбиёи хайрун мин ҳадисил- ҷуҳало** [xxiii]

Анбиё ростони дин буданд,
Халқро роҳи рост бинмуданд.
Чун ба ғарби фано фурӯ рафтанд,
Боз худкомагон барошуфтанд.
Пардаҳо баст зулмат аз шаби ширк,
Бӯсаҳо дод куфр бар лаби ширк.
Ин чалипо чу шохи гул дар даст,
В-он чу нилуфар офтобпараст.
Ин санам карда солу маҳ маъбуд,
В-он ҷудо монда аз ҳама мақсуд.
Ин шумурда зи ҷаҳл бе бурҳон
Бадӣ аз деву некӣ аз Яздон.

Хокпошони оташошомон,
Обкӯбони бодпаймоён,
Ин чу бода зи мағз ақлзудой,
В-он чу накбо зи сар амомарабой.
Ин васанро Худои худ хонда,
В-он шаманвор дин барафшонда.
Ин яке сеҳру он дигар танҷим,
Ин яке дар умеду он дар бим.
Ҳама нохубсиратон буданд,
Ҳама аъмобасиратон буданд.
Ом қонеъ шуда бар эмани дин,
Хос машғул дар нишемани дин.
Дини ҳақ рӯи худ ниҳон карда,
Ҳар яке дини бад аён карда.
Бидъату ширк пар баровардa,
Зиндиқа ҷумла сар баровардa.
Ин ба талқини ҳарзае дар банд,
В-он ба тахйили беҳуда хурсанд.
Гӯши саршон ҳавас шунуда зи рев,
Ҳазаёншон ҳудо намуда зи дев.
Шуда наздики ому донишманд
Сафаҳу ғайбату фузулӣ панд.
Хос дар банди лаззату шаҳавот,
Ом дар банди ҳазлу туроҳот.
Мундарис гашта илми дини Худой,
Ҳамагон жожхою ёфадарой.
Иззи худ ҷуста дар баҳонаи илм,
Ақл пӯшида дар миёнаи илм.
Ростиҳо зи бими банду тилисм
Рӯй пӯшида чун алиф дар бисм.
Хосагон чун ба хона боз шуданд,
Ома ҳам бо сари маҷоз шуданд.
Он яке рафта бар раҳи Мӯсо,
В-он дигар муқтадои ӯ Исо.

Кеши Зардушт ошкора шуда,
Пардаи раҳм пора- пора шуда.
Мулки Тӯрону мулкати Эрон
Шуда аз ҷаври якдигар вайрон.
Ҳабаша тохта суи Ясриб,
Фил бо Абраҳа зи мурғ ҳариб.
Хонаи Каъба гашта бутхона.
Бигирифта ба ғасб бегона.
Атбаҳу Шайбаҳу лаъин Бӯҷаҳл,
Як ҷаҳон пур зи нокасу ноаҳл.
Оламе пурсибоъу деву сутур,
Сад ҳазорон раҳу чаҳу ҳама кӯр.
Бар чапу рост ғӯлу пеш наҳанг,
Роҳбар гашта кӯр ҳамраҳи ланг.
Хуфтаи ҷаҳлро зи пурхобӣ,
Каждуми ҳумқ карда заббобӣ.
Пурзалолат ҷаҳону пурнайранг,
Бар хирадманд роҳи дин шуда танг.
Бонг бардошта саҳаргоҳон
Сагу хар дар ҷаҳони гумроҳон.
Эй Саноӣ, чу баргирифтӣ килк,
Дурри маънӣ кашидӣ андар силк.
Чун бигуфтӣ санои Ҳақ аввал,
Пас бигӯ ҳамди Аҳмади мурсал.
Чун зи тавҳид гуфта шуд тарафе,
Гуфт хоҳам зи анбиё шарафе,
Хоса наъти расули бозпасин,
Он зи пайғамбарон беҳину гузин.

## АЛ – БОБУ-С -СОЛИС [XXIV]

### Андар наъти пайғамбари мо Муҳаммади Мустафо (а) ва фазилати вай бар ҷамеъи пайғамбарон

### Андар бидояти камоли нубувват

Одаму он ки шаммати ҷон дошт,

Пои домон-ш бар гиребон дошт.
Одам аз модари адам зода,
Ӯ чароғе бад-ӯ фиристода.
Ғайби Яздон ниҳода дар дили ӯ,
Оби ҳайвон сиришта дар гили ӯ.
Дидаи ӯ ба гоҳи манзили хоб
То суи арш баргирифта ниқоб.
Ҷони ӯ буда дар тариқати ҳақ,
Гавҳари ҳазрати ҳақиқати Ҳақ.
Дида аз чашми дил ба нури Аҳад,
Аз даричай азал сарои абад.
Карда аз бар ба мактаби мардӣ,
Сурати сирати ҷавонмардӣ.
Ман нагӯям , ки ғайбдон бувад ӯ,
Гарчи аз чашмҳо ниҳон бувад ӯ.
Ғайбдон дар машимаи куну кон,
Нест ҷуз холиқи макину макон.
На забонаш ба вақти нашри ҳакам,
Гуфт: «Лав таъламуна, мо аълам».
З-он ки бинмуд Ҳақ ба ону дилаш,
Рамзҳои ҳақиқати азалаш.
Рафта аз иқтидош то айюқ
Зишту некӯву лоҳиқу масбуқ.
Подшо бар ҷаҳони одам ӯст,
Роҳбар сӯи мулки аъзам ӯст.
Тинаташ зинати ҷаҳон омад,
Соҳаташ роҳати равон омад.
Чун забонро ба нома кард равон,
То шавад Касрӣ орамидаравон.
Ба шақоват чу рушд кард раҳо,
Аз саодат бағӣ бимонд ҷудо.
Чунки айнаш фитод бар унвон,
Заҳр шуд нӯши ҷони Нӯширвон.
Шаръи ӯ чун нишаст бар Айюқ,
Шуд гусаста инони иззи юқ.

Шуд зи тобаш нишонаи касро,
Сари айвони торуми Кисро.
Пойкӯбон арӯси ишқи азал,
Сарнигун уфтода Лоту ҳабал.
Дода додаш ҳама халоиқро,
Иззи маъшуқу зилли ошиқро.
Мулки танро харобӣ аз кинаш,
Мулки ҷонро иморат аз динаш.
Ҷазъу лаълаш зи баҳри иззу шараф,
Гӯшҳо карда ҳамчу гӯши садаф.
Рӯз то равшан асту шаб сияҳ аст,
Зулфу рӯяш шафеъи ҳар гунаҳ аст.
Аз паи зиқа додан аз лаби ӯ,
В - аз паи зодагони маркаби ӯ.
В - аз паи сурату дилу ҷонаш,
Пеши ҳукми хитобу фармонаш,
Ақли кул буда дар дабистонаш,
Нафси кул гоҳворачунбонаш.
Ҷавҳари ин саройро араз ӯ,
Лек арзи биҳиштро ғараз ӯ.
Девро буда рӯзи Бадру Ҳанин,
Сураташ сураи маъузаттин.

**АНДАР КАРОМАТИ НУБУВВАТ**

Гар малак дев шуд гаҳе одам,
Дев дар аҳди ӯ малак шуд ҳам.
Ҳеч соил ба хушнудию ба хашм,
Ло дар абрӯи ӯ надида ба чашм.
Нури бинанда дурри гӯянда,
Ҷуз аз он дур наҷуста ҷӯянда.
Куфри ашҳод карда бар мӯяш,
Ақли дарюза карда аз кӯяш.
Хокпошон фалакнигор аз вай,
Нимикорон тамомкор аз вай.

Лабу дандони ӯ ба манъу ато,
Буда дандонаи калиди сахо.
Лаби ӯ карда дар масолики райб,
Рӯйи дилҳо суйи даричаи ғайб.
Халқро ӯ раҳи савоб диҳад,
Сояро моя офтоб диҳад.
Шарафаш баҳри қилу қолеро,
Даҳя кардастҶабраилеро.
Ҷабраил аз кароматаш дар роҳ,
Бар малак ҷумла гашта шоҳаншоҳ.
Чашмравшан шуда зи вай одам,
Ҷони ӯ аз чун ӯ писар хуррам.
Мутафаррид ба хиттаи малакут,
Муставаҳҳид ба иззати ҷабарут.
Тиби зикраш ғизои рӯҳи малак,
Тӯли умраш мадори даври фалак.
Қадри ӯ боми осмони барин,
Хулқи ӯ доми Ҷабраили амин,
Тӯҳфае буда аз замони баланд,
Зодаву зубдаи ҷаҳони баланд.
Падари мулкбахши олам ӯст,
Писари некбахти одам ӯст.
Одам аз вай писар падар гашта,
В-аз наҷобат варо писар гашта.
Ҷони ӯ барпарида з- обу зи гил,
Дӯстро дида аз даричаи дил.
Даври кун дар замон фузун зи гилаш,
Шарқу ғарби азал даруни дилаш.
Халқ аз ӯ баргирифта иззу шараф,
Ӯ чу дур буд, анбиё чу садаф.

**Фасл физ-зуҳди вал ҳикмати вал мавъизати ван-насиҳат**

…Оташе барфурӯз ошиқвор,
Хонаро дарбисӯзу дуд барор.

То зи дуди ту суд чархи кабуд,
Тарзабон, зардрӯй гардад зуд.
Чор такбир кун чу хайруннос,
Бар кӣ? Бар чор табъу панҷ ҳавос.
Шохи дандонаи муҳол бизан,
Бехи бутхонаи хаёл бикан.
Дар раҳи Ҳақ балои ҳастӣ рӯб,
Ҳар чӣ ҷуз ҳастии Худой, бирӯб.
Дар ҷаҳоне, ки табъ бар кор аст,
Деви лоҳавлгӯй бисёр аст.
Чун зи лоҳавли ту натарсад дев,
Нест масмӯъ лоба назди хидев.
Деви динро зи эътимод ба қавл,
Мунҳазим кун ба силии Лоҳавл.
Деви дин он гаҳе зи ту бирамад,
Ки зи ту ганди маъсият надамад.
Лек ҳастӣ ту дар ҳама кирдор,
Гандаву бетаҳора чун мурдор.
Як ҷаҳонанд зери ин афлок,
Ком пурзаҳру хона пуртарёк.
Чун замин пур базаҳ шавад, фалаканд,
Чун ҷаҳон бемаза шавад намаканд.
Ин ҳама доиёни Аллоҳанд,
Боз онҳо, ки доии ҷоҳанд.
На намак, балки шӯраи хоканд,
З-он ҳама бебаранду бебоканд.
Ҳама аз оби ин дурӯза ниҳод
Тозаву тар чу рӯдаи пурбод
Ҳама чун нутқи гунг бемаънӣ,
Ҳама чун бонги ной пурдаъвӣ.
Сӯи ҷон ҳамчу неши занбӯранд,
Сӯи дил ҳамчу атсаи мӯранд.
З-он ҳама дасту пои ошӯбанд,
Ки сару синаи хирад кӯбанд.

Бахри ноне ҳазор бонг кунанд,
То ду тассу магар ду донг кунанд.

**Фӣ-р- роиҳати-л- кариҳати ало ғайбати ахи-л-муслим**[xxv]

Гуфт рӯзе муриди худро пир,
Ки зи ғайбат макун ту чеҳра чу қир.
Кошки маъсият бидодӣ ганд,
То ки мағтобро шудӣ чун банд.
Ҳеч ҷамъе ба ғайба наншастӣ,
Ҳар касе мӯҳри ғайба нашкастӣ.
В-ар нишастӣ зи роиҳоти кареҳ,
Ганда гаштӣ миёни ҷамъу сафеҳ.
З-он хиҷолат дигар ба ғайбати кас,
Назадӣ назди халқ ҳеҷ нафас.
Ҳаст ғайбат ба сони лаҳми ахиҳ,
Нахурад лаҳми ах марди ваҷеҳ.
Ба ҷуз аз аблаҳу зариру сафеҳ
Нанамояд шара ба лаҳми ахиҳ.
Эй бародар, ҳазар кун аз ғайбат,
Аз яқин соз тӯша, н-аз райбат.
Нахӯрад лаҳми ах гаҳи гуфтор,
Ҷуз ки мурдорхори чун кафтор.
Гуфт кам кун, сабук ба кор дарой,
Чун дарой аст хира ёфасарой.
На зи «Ло таъману» сипар бифкан,
На зи «Ло тақнату» қафас бишкан.
Ҳамчу мардон дарой дар таку пӯй,
Тахтаи гуфт з-оби рӯй бишӯй.
Алами лашкари ҷафо бифкан,
Қалами нақшбанди тан бишкан.
Накунад сабр нафси ту нопок,
К-оби ӯ оташ асту ёдаш хок
Ки сапеду сиёҳи дафтари ҷоҳ
Дида дорад сапеду нома сиёҳ.

Дари гуфтори беҳуда дарбанд,
Ба қазои Худой ту хурсанд.
Чун нагӯӣ, сапеднома шавӣ,
Растӣ аз ранҷу хешкома шавӣ.
В-ар бигӯӣ, бимонӣ андар ранҷ,
Бишнав ин панду хира бод масанҷ.
Шер гардан ситабр аз он дорад,
Ки расулӣ ба хирс нагзорад.
Раҳиӣ, дар раҳи раҳоӣ бош,
Аз худӣ дур шав , худоӣ бош.
Чи шавӣ чун сутуру деву дада,
Чормех андар ин гадойкада.
Нест дар вай зи маънӣ олату соз,
Ҳама хом асту гандагӣ чу пиёз.
Гар наӣ чарх, баргузаштан чист,
Гирди ин хоктӯда гаштан чист?
Дар ҳавас оламӣ, набинӣ суд,
Аз ҳаво зиндаӣ, бимирӣ зуд.
Кор кун, кор, бигзар аз гуфтор,
К-андар ин роҳ кор дорад кор.
Гуфт кам кун, ки ман чи хоҳам кард,
Гӯй : Кардам. Магӯ, ки хоҳам кард.

**Ат тамсилу фӣ-л- муҷоҳидат**[xxvi]

Гуфт рӯзе мурид бо пире,
Ки дар ин роҳ чист тадбире.
Кори ин роҳ бар муомала нест,
Дар раҳи ҷаҳд худ муҷодала нест.
Кор тавфиқ дорад андар роҳ,
Нарасад кас ба ҷаҳд сӯи Илоҳ.
Пир гуфто: Муҷоҳидат кардӣ,
Шарти шаръаш ба ҷой овардӣ,
Ҷумлагӣ бандагӣ ба сар бурдӣ,
Пой дар шарти шаръбифшурдӣ.

Шуд яқинам, ки ноҷавонмардӣ,
Дар раҳаш бадзанӣ, на бадмардӣ.
Он чи бар туст, рав, ба ҷо овар,
В-аз суханҳои ҷоҳилон бигзар,
Бандагӣ кун, ту ҷаҳди худ мекун,
Роҳ рав , роҳу пеш мори сухун.
Ҷаҳд бар тусту бар Худо тавфиқ,
З-он ки тавфиқ ҷаҳдрост рафиқ.

**Фӣ-л-иҷтиҳоди ва талабу-т-тақво**[xxvii]

Абдулоҳи Равоҳа ёри расул,
Карда будӣ варо Расул қабул,
Буд ёри гузида дар ҳама кор,
Ихтиёри Муҳаммади мухтор.
Бари Саййид ҳуқуқи сӯҳбат дошт,
Як замон хидматаш фурӯ нагзошт.
Он замоне, ки Ҷабраили амин
Оят овард бар расули гузин,
Ки бувад уммати туро ночор,
Бар ҷаҳаннам ба ҷумла роҳгузор.
Неку бад вориданд бар оташ,
Хоҳ хушдил нишину хоҳ нох(в)аш.
Чун шунид ин ҳадис Абдуллоҳ,
Гуфт:Дармонда гиру воғусоҳ.
Рафт дар хонаву бурун н-омад,
Иваз аз оби чашм хун омад.
Зан варо гуфт: Хезу берун рав,
Тухмҳое, ки киштаӣ бидрав.
Айб бошад ба хона- андар мард,
Мардро кору шуғл бояд кард.
Мард гуфто :Чу ин шунидам ман,
Тамаъ аз хештан буридам ман.
Ҷаҳди он кард боядам лобуд,
Ки кунам ҳоҷире чу кӯҳи Уҳуд.

Ки заиф аст мар маро таркиб,
Ҳаст дарди наҳибу нори маҳиб.
Магар аз шаръ чорае созам,
То дар оташ чу рӯй нагдозам.
Оят омад дигар, ки ёфт фараҷ,
Он киро ҳилат аст, «сумма нунаҷ».
«Аллази аттақу» варост наҷот,
Зинда донаш, агарчи аз амвот.
Гуфт: Бе тақвӣ аз гаронборем,
Роҳи тақвӣ магар ба даст орем.
Роҳи тақвӣ равему megaндешем,
Ки зи ёрон ба манзиле пешем.
К-он ки бе тақвияст дар раҳи дин,
Одамӣ нест,ҳаст деви лаъин.

**Ат-тамассул фӣ-т-тақво. Суоли Мӯсо алайҳи-с-салом аниллоҳи азза ва ҷалла қола: Айю шайин халақту афзалу мина-л-ашёи [xxviii]**

Дар муноҷот бо Худо Мӯсо
Гуфт: аё кирдигор, ё мавло,
Аз ҳар он-ч офаридӣ аз ҳар лавн,
Чист беҳтар зи халқҳо дар кавн?
Гуфт, к-аз халқҳо, аё Мӯсо,
Нест беҳтар ба олам аз тақво.
Сари ҳар тоате яқин тақвост,
Муттақӣ шоҳи ҷаннатулмаъвост.

**Аҷ ҷаҳлу доъун било давоин вал ҳумқа ҳафратун било умқин [xxix]**

Доиёне, ки зодаи замананд,
Бештар дар ҳавои хештананд.
Аз худӣ хеш з-ин ҷаҳон бартар,
В-аз бадӣ аз аҷал гулӯбуртар.
Ҳама чун аз китоб феҳристанд,
Ҷуз туро сӯи хеш нафристанд.

Рӯяшон чун пиёзи лаъл накӯст,
Чун накӯ бингарӣ, бувад ҳама пӯст.
Чун пиёз аз либос ту бар ту,
Лек чун сир гандаву бадбӯ.
Аз ятимону бевагони диёр
Карда доим бутунашон пурнор.
То забон дар ҷадал қавӣ карданд,
Ақлро ошиқи ғавӣ карданд.
З-ин кадугарданони бепарубол,
Чун каду зудболу зудзавол.
Пасту боло чу нуқта ҷоҳи ҳама,
Тангмайдон чу қутб роҳи ҳама.
Гашта моҳир вале ба ҷалд задан,
Мустаҳиққи сиёту ҷилд задан.
Ҳушашон дар сарои бефарёд
Боз чун гӯши карри модарзод.
Карда аз баҳри ҷоҳу молу мадад,
Сар зи шар, дил зи дул, ҷасад зи ҳасад.
Аз паи касби судраву сура
Саддақаллоҳгӯю бӯмарра.
Шокир аз феълашон шуда Заҳҳок,
Пеши Ҳорут дарнишаста ба хок.
Аз паи шарти шаръ баргашта,
Ташнаи хун ба якдигар гашта.
Қасд карда ба хуни содадилон,
Инчунин нокасону мустаҳилон.
Аз паи сайди омию хомӣ
Сохта шаръу сидқро доме.
Ҳама андар бадӣ беҳӣ дида,
Ҳама аз бод фарбеҳӣ дида.
Гарчи бо якдигар чу асҳобанд,
Суфаҳо бар мисоли симобанд.
Ҳамчу симоб бар кафи мафлуҷ
Аз паи моли халқу ҳирси фуруҷ.
Ба карам коҳилу ба зар моил,
Ҷаҳлашон пеши илмашон ҳоил.

Пеши мардони дин чӣ лоф зананд,
Ки аёли ятиму бевазананд.
Чун ҳарису ҳасуду дурӯянд,
Ба гаронӣ ба якдигар пӯянд.
Ҳар кӣ аз худ зад аз фузулӣ рой,
Даст аз ӯ шуст шаръи бори Худой.
Ҳама аз ҷоҳу мол дар шаву ой,
Ҳама Юсуффурӯши нобиной.
Ҳама бемағзу душмани анбар,
Ҳама бемору айбҷӯи ҳунар.
Ҳама зиштони оинадушман,
Ҳама хаффоши чашмаи равшан.

**Ат-тамсилу фӣ асҳоби ғафлати ва-л- ҷуҳҳол**[xxx]

Ёфт оина зангие дар роҳ
В-андар ӯ рӯи хеш кард нигоҳ.
Бинии пахч диду ду лаби зишт,
Чашме аз оташу рухе з-ангишт.
Чун бар ӯ айбаш оина нануҳуфт,
Бар заминаш зад он замону бигуфт,
К-он ки ин зиштро Худованд аст,
Баҳри зиштиш бар раҳ афгандаст.
Гар чу ман пурнигор будӣ ин,
Кай дар ин роҳ хор будӣ ин-?!
Бе каси ӯ зи зиштхӯии ӯст,
Зулли ӯ аз сиёҳрӯии ӯст.
Инчунин ҷоҳиле суи доно
Ин-т раънову ин-т нобино.
Нест ин ҷо чу мар хирадро барг
Марг беҳ бо чунин ҳарифон, марг.

**Ат-тамсилу фӣ назари-с-суъи ва аҳволи д дунё** [xxxi]

Масалат ҳамчу мард дар киштист,
З-он туро феъл солу маҳ зиштист.

Он ки дар киштӣ асту дар дарё,
Назараш каж бувад чу нобино.
Зан чунон оядаш ба хира чунон,
Сокин ӯ асту соҳил аст равон.
Менадонад, ки ӯст дар рафтан,
Соҳил осуда аст аз ошуфтан.
Марди дунёпараст аз ин сон аст,
Ҳамчу кӯдак заифу нодон аст.
Ту ба гуфтор ғаррайӣ шабу рӯз
Лек маълуми ту нагашт ҳанӯз.
Беш машнав зи неку бад гуфтор
Он чи бишнидаӣ, ба кор дарор.
Эй надида зи заҳмати х(в)ари ту
Рӯҳи Исо ба хоб ҷуз хари ту.
Иззи илм аст нахвату будит
Кибру уҷб аст хашму хушнудит.

## АНДАР МАЗАММАТИ УЛАМО

Илм дорӣ амал на, дон, ки харӣ,
Бори гавҳар барию коҳ х(в)рӣ.
Астар ар ҳаст бадрагу золим,
Хар беҳ, эй хоҷа аз чунин олим.
Донишат ҳаст, кор бастан ку?
Ханҷарат ҳаст, саф шикастан ку?
Бӯй аз он кӯй худ наёбӣ аз он,
К-ин фалон мазҳаб асту он беҳмон.
Ту равон карда аз батар қар-қар,
К-он фалон мулҳид он фалон кофар
Дарнигар, хоҷа, дар гиребонат,
То ба ҷо мондааст имонат?
Ғами худ хур, зи дигарон мандеш
Тубраи хештан бинеҳ дар пеш.
Ин ҳама мазлимат чи бояд бурд,
Гар яқинӣ, ки мебибояд мурд.

## СИТОИШИ ИЛМ ВА ОЛИМ ВА ТАЛАБИ ИЛМ

Илм бо кор судманд бувад,
Илм бе кор пойбанд бувад.
Илм дорӣ, вале ба суду рибо,
Мӯлаъӣ, лек бар фасоду зино.
Илми мухлис даруни ҷон бошад,
Илми дурӯй бар забон бошад.
Чун қаламдор гуфт ҷуфти қидам
В-ар надорӣ ту нун бувӣ на қалам.
Тозагий дониш аз савоб омад,
Фараҳи моҳ з-офтоб омад.
Моҳ бе офтоб торикист
В-арчи он ҷо масофа наздикист.
Ҳар ки ӯ оташест об нигор,
Дон, ки ӯ ҳаст рӯз дар кирдор.
З-он ки иқболи ома наҳмати ӯст,
Қимати ӯ ба қадри ҳиммати ӯст.
Ҳақ фаромуш макун ба давлати нав
З-он ки дар дасти гозур аст гарав.
Илм бо ту нагӯяд эч сухан,
З-он ки гаҳ мард бошию гаҳ зан.
Рехта оби рӯзгори ту ҳақ
Ҷомаи зарқи халқ карда халақ.
Бухлу ҷудат барои мардуми кӯй,
Рӯзу шаб дӯст хоҳу душман ҷӯй.
Дили ӯ ҷони марди ғамгин аст,
Ҳеҷ айбаш макун, ки бедин аст.
Ҷуз ба қавли туву ту дар олам,
Хуру хаффошро кӣ дид ба ҳам?
Бар сари ман мазан, ки бар поям,
З-он ки ман олимам, чунин боям.
В-ар ту биншастаӣ макун фареҳӣ,
З-он ки ту фитнаӣ, нишаста беҳӣ.
Ҳар куҷо давлат асту барнойӣ,
Ту бад-он кас мачах, ки бар нойӣ.

Субҳ кай пеши офтоб астӣ,
Дар дари тундию шитоб астӣ.
Хуми рӯйин чарост бар курсӣ?
Чун аз ӯ мушкиле намепурсӣ.
На ҳар он кас, ки курсие дорад,
Мушкили соиле бурун орад.
Сухани беҳуда зи ифрот аст
Ҳар кӣ дорад хуме, на Суқрот аст.
Фазли Яздон-т беҳ, ки миннати ҳез,
Дами исот беҳ, ки куҳли азиз.
Ба яке бом гӯш чун дорӣ,
Ба ду хона хурӯш чун дорӣ.
Ба яке хона худ надорӣ тоб
В-аз вуҷуди ту хона гашта хароб.
Хасми ӯ гар хато кунад тадбир
Рӯзгораш ато кунад тавфир.
Қоф кӯҳ асту бас гарон бошад,
Ҳар кӣ аҳмақ бувад, чунон бошад.
Бар дили халқ кофи кибру газоф
Набувад ҳеҷ камтар аз куҳи Қоф.
Хасми худро ту чун ҳабиб мадон
Марди масрӯъро табиб мадон.
Мушкиле к-аблаҳе ҷавоб диҳад
Зираҳе дон, ки бод з-об диҳад.
Худ надорад ба ҳеҷ тадбире
Зираҳи об тоқати тире.
Кай ситонад ҳакими фарзона
Доруи саръро зи девона?!
Чун набошад ба роҳ печопеч
Оқил аз чашми бад натарсад ҳеҷ.
Хизрӣ аз ғӯл чашм чун дорад,
Он ки ӯ Хизре аз дарун дорад?
Гар туро нест ҳоиле дар роҳ
Гом дарнеҳ ҳадис кун кӯтоҳ.
Ҳаст бар лавҳи модату муддат
«Бо»-у «то» ақлу ҷон, алиф-ваҳдат

То фуруд омад аз раҳи фармон,
Ақл бар нафсу нафс бар инсон.
Олами музлам аз нузулаш нур
Ёфт, рахшанда шуд чу талъати ҳур.
Наъту фазли расул шуд гуфта,
Дурри ақли фаъол кун суфта.

## БОБИ ЧАҲОРУМАЛ-БОБУ-Р-РОБЕЪ

**Фӣ сифати-л-ақли ва аҳволиҳи ва афъолиҳи ва ғояти иноятиҳи ва сабаби вуҷудиҳи. Зикрул ақли авҷабун лианна натоиҷиҳи аъҷабу. Ман ло ақлун лаҳу, ло динун лаҳу, қола ан-набию салаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам: Аввалу мо халақал лоҳу таъоло ал ақлу. Андар ситоиши ақл ва оқилу маъқул**

Ҳар чӣ дар зери чарх неку баданд,
Хӯшачинони хирмани хираданд.
Чун даромад зи боргоҳи азал,
Шуд бад-ӯ рост кори илму амал.
Ҳам калиди умур дар дасташ,
Ҳам раҳи амр баста дар ҳасташ.
Мояи неку сояи бад ӯст,
Сабаби буду ҳасту бошад ӯст.
Дар ҳуруфе, ки пардаи нақл аст,
Охири шаръ аввали ақл аст.
Аз барои салоҳи давлату дин,
Чашми ақл аввалест охирбин.
Мар туро ақл ҷумла бинмояд,
Он чи рафт, он чи ҳаст в-он-ч ояд.
Сухани ақл савту ҳарфӣ нест,
З-он ки торикӣ аз шигарфӣ нест.
Ҳар куҷо нутқи ақл барзад дам,
Ҳарфу овоз дарҳазад ба адам.
Ақл ҳам гавҳар асту ҳам кон аст,
Ҳам расул асту ҳам нигаҳбон аст.

Хушкбанде надид некӯтар,
Ҳеҷ хомӯш аз ӯ сухангӯтар.
Ҷисмро ҷону бурдборӣ деҳ,
Нафсро илм бахшу ёрӣ деҳ.
На зи рӯи фусуни афсона
Сухане гӯямат ҳакимона.
Машриқу Мағрибе, ки ақли туруст,
Фавқ не, тахт неву не чапу рост.
Машриқи офтоби ақли азал,
Мағриби ӯ Худои азза ва ҷалл.
Дурбине шиносад ин маънӣ,
К-аз хирад ҳамчу ҷаҳл бар дар не,
К-андар ин манзили фиребу ҳавас
Ҳаст баҳри шикасти банду қафас.
Ақл дар манзили азал з-аввал,
Охираш аввал асту ҳамчу азал,
Ки бар ин рӯй пушти дин омад,
Ончунон буд в-ин чунин омад.
З-он дар ин боргоҳи андуҳу ғам
Аз паи шодии банӣ Одам
Иллати фаҳму ваҳму ҳуш омад,
Ки бараҳна бараҳнапӯш омад.
Ғайбро баҳри давлати ду сарой
Гоҳ пӯшида, гаҳ сареҳнамой.
Шуда бе ҳеҷ айбу райбу шахе,
Ақлу маъқулу оқил ин се яке.
Ақл дар роҳи ҳақ далели ту бас,
Ақл дар ҷойгаҳ Халили ту бас.
Ҷанг дарзан ба ақл, то бираҳӣ,
В-арна гардӣ ба ҳар раҳе чу раҳӣ.
«Кун макун»дарпазирад аз фармон,
Пас ба ҷон гӯяд ин бикун,макун он.
Хонда аз қадри соибони араб
Зоти ӯро мудаббир ул-ақраб.
Ақли фаъъол номи ӯ карда,
Панҷ ҳисро ғуломи ӯ карда.

Ҳиссу атбоъ хонда ӯро мир,
Нафси куллӣ варо ба сони вазир.
Файзи ӯ нақшҳои ҷофишӯй,
Феъли ӯ нафсҳои софиҷӯй.
Файзи ӯ дар сафо сакинаи рӯҳ,
Фазли ӯ дар вафо сафинаи Нӯҳ.
Аз паи маслиҳат, на баҳри ҳавас,
Бештар майли ӯ бувад ба ду кас.
Ё ба таъйиди хусрави одил,
Ё ба тавҷиди олими омил.
Арчи ӯ ҷавҳар, ин ду кас аразанд,
Лекин ӯро мутобеъи ғаразанд.
Бар муҷаррад риояташ беш аст,
Бар халифат инояташ беш аст.
З-он ки бе ин ду мулку дин набувад,
Ҳар куҷо он набошад, ин набувад.
Унс дорад ҳамеша бо зуҳҳод,
З-он ки зуҳҳод бартар аз уббод.
Ҷавҳаре ҳамчу ақл бояду бас,
К-аз паи нафс кам занад чу нафас.
Вориси расми шаръу дин бошад,
Аз азал то абад чунин бошад.
Зираконро дар ин сарои куҳан
Ҳеҷ ғамхорае мадон чу сухан.
Ақлро гар сӯи ту ҳаст қарор,
Ҷони ҳикматфазойро магузор.
Аз ҷаҳолат туро раҳонад ақл,
Ба ҳақиқат туро расонад ақл.
Мар туро ақл дастгир бас аст,
Ақл роҳи туро хафир бас аст.
Ақл мар нафсро диҳад пайғом,
К-эй зи ман мар туро дуруду салом.
Ҳар кӣ мар ақлро биянбӯяд,
Аз ҳадисаш ҳама нукат рӯяд.

Марди оқил ҳамеша тандор аст,
Марди ҷоҳил залилу ғамхор аст.
Дили ҷоҳил зи тамъ бошад пур,
Тамаъ аз моли халқ ҷумла бибур.
Ози худро ба зери пой дарор,
Ақлро ҷӯю ҷаҳлро бигзор.
Оз чун аждаҳост мардумхор,
То надорӣ ту ози худро хор.
Оз монанди хуку хирс шинос,
Оз бигзору аз касе маҳарос.
Синаи ту дар ин ҳавас доим
Чун сароб асту ваҳм аз ӯ ҳоим.

**Фӣ анна-л-ақла султону-л-халқи ва ҳуҷҷати-л-ҳаққи**[xxxiv]

Ақл султони қодири хушхӯст,
Он-к сояй Худой гӯянд, ӯст.
Соя бо зот ошно бошад,
Соя аз зот кай ҷудо бошад.
Соя ҷуз бандавор кай бошад,
Сояро ихтиёр кай бошад.
Ақли кул тахта зери гул дорад,
Ҳар куҷо амр, амр қул дорад.
Ақл то пешгӯи фармон аст,
Суханаш ҳам қарини Қуръон аст.
Ҳар чи аз боргоҳи фармон нест,
Он ҳама дарди туст, дармон нест.
Ақл бартар зи ваҳму ҳиссу қиёс,
Бартар аст аз фалак ситорашинос.
Дар масолеҳ мудаббири ҷон ӯст,
Дар мамолик дабири Яздон ӯст.
Ақлро аз ақила бозшинос,
Набувад ҳамчу фарбиҳӣ омос.
Ақли кул мар туро раҳонад зуд
Аз қаринии деву оташу дуд.

Раҳматуллаҳ ниҳод оламро,
Ҳуҷҷатулҳақ сарои одамро.
Ақл андар сарои пардаи кун,
Аз барои қабули кун ва макун.
Муқбиле буд, мудбире шуд боз,
Боз иқбол ёфт аз паи роз.
Қобили нури амр шуд ба ҳама,
Дархури худ, на дархури калима.
Ҳар кӣ ӯро мухолиф аз худ ҳаст,
В-он ки ӯро мутобеъ, аз бад раст.
Бо хирад кун чу муштарӣ тадбир,
Чун қамар дин зи баҳри ғалба магир.
Нафси рӯянда дар риояти ӯст,
Нафси гӯянда дар ҳидояти ӯст.
Ӯст аз ҷуд кошифулғуммат,
Ҳазрати ӯ ниҳоят-ул-ҳиммат.
Ақл донад асомии ҳар чиз,
Ӯ кунад дар беҳу батар тамйиз.
Кадхудои тани башар ақл аст,
Аз ҳама ҳол бохабар ақл аст.
Поку мурдор бар яке хон аст,
Ҷуз ба ақл ин куҷо тавон донист?
Ҳар кӣ бо ақл ошно бошад,
Аз ҳама айбҳо ҷудо бошад.
Ёфт оқил зи рӯи фавзу фалоҳ
Дар сарои фасод айни салоҳ.
Сухани оқил аз тариқи қиёс
Дурри дин асту зеҳни ӯ алмос.
Гарчи марди ҳунар биёбонист,
Ҷони ӯ лавҳи сирри раббонист.
Ҳунар аз мард ҳамчу рӯҳ аз тан,
Беҳунар мурдаҷону зиндабадан.
Шарбати ақл бурдбор чашад,
Хар чу беақл буд, бор кашад.

Ақл чун абҷади хақ аз бар кард,
Ҷомаи ботил аз сараш бар кард.
Ҳар кӣ бо ақли хеш ноаҳл аст,
Ҳилми ӯ зӯру илми ӯ ҷаҳл аст.
Ҳар кӣ дар банди қилҳо уфтад,
Ақли ӯ дар ақилаҳо уфтад.
Марди беақл ҷуз хаёлӣ нест,
Беди бебар зи дев холӣ нест.
Мағз ақл асту ахтарон сифланд,
Пир ақл асту хокиён тифланд.
Доя ақл омад аз барои сухан,
Муҷтаҳидро ба гоҳвораи зан.
Ақл ҳам қодир асту ҳам макдур,
Ақл ҳам омир асту ҳам маъмур.
Бартар аз сурату макону маҳал,
Дари дарвозаи ҷаҳони азал.
Ақл шоҳ асту дигарон ҳашаманд,
З-он ки дар мартабат зи ақл каманд.
Ҳама ташрифи ақл з-Аллоҳ аст,
В-арна бечора асту гумроҳ аст.
Ақли кулро ба сони бом шинос,
Нардбонпоя сӯи бом ҳавос.
Ақл тахтасту нафс накшнамой,
Накш амр асту нақшбанд Худой.
Ақлро дод кирдгор ин изз,
В-арна кай дидӣ ин шараф ҳаргиз.
Ақл дар кӯи ишқ нобиност,
Оқилӣ кори Бӯалӣ Синост.
Сӯи ту ақл сулҳ ё кин аст,
Ин-т риш ар суи ту ақл ин аст.
Ақл к-он раҳнамои ҳилати туст,
Он на ақл аст, он ақилати туст.
Аз барои салоҳ душманро
Ақл хонда ҳавоси равшанро.

Мангар он равшанӣ, ки ҳам ба ғурур
Кушт парвонаро чароғ аз нур.
Ақлро ҳар кӣ бо бадӣ омехт,
Лоҷарам ақл ҷасту ӯ овехт.
Он чи ақлат намуд, он раҳ гир,
Руху аспат чу шуд, думи шаҳ гир.
Ошно нест, ҳар кӣ бегонаст,
Ҳар киро ақл нест, девонаст.
Гунг бояд муриди пири ниёз,
То шавад ақли ӯ суханпардоз.
Чун сухангӯй гашт ақли мурид,
Мурда бар дар бимонда дев марид.
Ҳар кӣ дар ақл ҳамчу Салмон шуд,
Дон, ки деви дилаш мусалмон шуд.
Нест аз ақл дар сарои ғурур,
Тапиши тобиш аз дами ангур.
В-аз хирад нест дар хаёли сивой,
Маю шатранҷу narду барбату ной.
Хирад аз баҳри амну амр омад,
Н-аз паи хамру замру қамр омад.
Ақл фармони подшоҳирост,
Н-аз паи лоҳию малоҳирост.
Зоҷири замру ноҳии хамр ӯст,
В-он кӣ бишнидаӣ улуламр, ӯст.
В-ин салотин, ки на—з раҳи динанд,
На салотин, ки он шаётинанд.
Ақл таррору ҳилагар набувад,
Ақл дурӯю кинавар набувад.
Ақл аз ашъор ор дорад, ор,
Ақлро бо дурӯғу ҳарза чӣ кор.
Ақл бар ҳеҷ дил ситам накунад,
Ба тамаъ қасди мадҳу зам накунад.
Ақл ҷуз хоҷаи муҳаққақ нест,
Ақл сӯфичаи мубақбақ нест.

Он ки ӯ обрезу нонталаб аст,
В-он ки ношию в-он ки булаҷаб аст.
В-он ки аз баҳри маҷмаи риндон
Кард таффи тамуз дар зиндон.
В-он ки сармои даймаҳиро боз,
Банд бармениҳад зи рӯи ниёз.
В-он ки доҳию он ки солусист,
В-он ки ғаммозу в-он ки номусист.
В-он ки аз санг шиша пардозад,
В-он ки дар ҳуққа мӯҳра мебозад.
В-он ки ӯ дар замин ҳазорон бор,
Пой бар сар ниҳод чанбарвор.
Ҳаст бисёр з-ин насақ ба ҷаҳон,
Ки ҳисобу шумори он натавон.
Ин ҳама ақлҳои ориятист,
К-аз паи ҷоҳу молу бадниятист.
Ин ҳама зарнамоию хокдиҳанд,
Ҳама атторшаклу нокдиҳанд.
Ҳар даҳое, ки нописандидаст,
Ҳисси инсон зи ақл дуздидаст.
Ҳар чӣ некӯст, гар ба даст бад аст,
Они ӯ нест, гумшудай хирад аст.
Ақлро ҷуз салоҳ набвад кор,
Ақлро дар салоҳ ҳарза мадор.
Ақл худ корҳои бад накунад,
Ҳар чи он нописанд, х(в)ад накунад.
Ақл дар дасти як рамай худрой,
Чун чароғест дар таҳоратҷой.
Хирадӣ буда асли донишу музд,
Зиштномии ӯст муште дузд.
Ақл ҳаргиз ба кизб розӣ нест,
Ақл ҳаргиз вакили қозӣ нест.
Ақл ҷуз ростгӯю ламтур нест,
Ҳиласозандаву гулӯбур нест.

Ақл ҳаргиз хато наандешад,
Бо ману ту бало наандешад.
Ақл дамсози зӯру бӯҳтон нест,
Пардапӯши фалону баҳмон нест.
Карда чун дар ниҳоди пой ба қил,
Дасти Ҳайдар сазои ақли ақил.
Дарди айтому андуҳи атфол,
Оваридаш тамаъ ба байтулмол.
Дод чун хост аз Алӣ Доруш,
Оҳане тофта суи паҳлӯш.
Зӯри ӯ чун надошт гоҳи муқил,
Набинолид зор ақли ақил.
То бидонӣ ба ростӣ на бар ӯй,
Ки дил аз пушти чашм бинад рӯй.
З-он ки андар нигорхонаи ҷон
Аз паи панҷ ҳиссу чор аркон.
Ақл аз ин корҳо карона кунад,
Ақл кай қасди дому дона кунад.
Кирмкирдор гирди хеш тананд,
З-он ки дар банди ҷаҳли хештананд.
Гарчи аз зарқу худъаву талбис,
В-аз паи шодии дили Иблис
Аз гили ту бунафша рӯёнанд,
Тирароёну хирарӯёнанд.
Он ки з-эшон ҳакимтар дар кор,
Дар ниҳон каждум асту пайдо ёр.
Дар сахо кунду дар ҷафо тезанд,
Ҳамчу баҳмони баҳманангезанд.
То туро ақли дурбин чӣ кунад,
Хештанро ба ту ҷуз ин чӣ кунад.
Ақл ҷое ҷамол бинмояд,
Ки мураффиҳ шавад, баросояд.
Нанамояд туро зи хеш нишон,
То ту ӯро макон кунӣ зиндон.

Мар туро ақл чеҳра нанмудаст,
В-ар бинанмуд чеҳра, барсудаст.
Ин к-аз ин рӯй ақли марду зан аст,
Ин на ақл истироқи Аҳриман аст.
Зеҳни қаллобу коҳину соҳир,
Ройи дузду мушаъбиду шоир.
Ин ҳама фитнату даҳову ҳиял
Аз атои Уторид асту Зуҳал.
Худ падид аст то ба маккорӣ,
Чӣ диҳад ҳиндуию таррорӣ.
Диҳиши тиру бахшиши кайвон,
Кӯжпуштат кунанд ҳамчу камон.
Дев аз ин ақл гашт бо шару шӯр,
То ба меҳроқи лаънатӣ шуд кӯр.
Бигзар аз ақлу худъаву талбис,
Ки Азозил аз ин шудаст Иблис.
Хирадеро, ки он далели бадист,
Лаънаташ кун, ки бехирад хирадест.
Ақл донист хӯи бухл аз ҷуд,
Ақл бишнохт бӯи бед аз уд.
Даргузар з-ин киёсати авбош,
Ақли дин ҷӯву пасрави ӯ бош.
Ақли дин мар туро накӯ ёрест,
Гар биёбӣ на сарсарӣ корест.
Ақли дин мар туро чу тир кунад,
Бар ҳама офарида мир кунад.
Ақли дин ҷуз Худо ато накунад,
То набурдат ба ҳақ раҳо накунад.
Нафс бе ақл аҳмақӣ бошад,
Нӯҳ бе рӯҳ заврақе бошад.
Ақли мардон расида то дари ҳақ,
Шуда аз банди неку бад мутлақ.
Сӯи оқил чу деву дад бошад,
Ҳар кӣ дар банди неку бад бошад.

З-он ки худ нест оқилонро барх,
Аз чӣ? Аз ҳафт миру аз нӯҳ чарх.
Чун наме нек дид бад накунад,
З-он ки бад волии хирад накунад.
Волии чарху даҳр кист? – Хирад,
Олими шаръу дод чист? – Хирад.
Нест андар мақоми роҳату ранҷ,
Бар сари ганҷ беҳ зи мор шиканҷ.
Дояи зери ин куҳанбунёд
Нест касро чу ақли модарзод.
Ақли ту рӯзу шаб чу таввофон
Бар сари чорсӯи саррофон
Хира мегардаду ҳамегӯяд,
Ки фалон кун на нек мешӯяд.
Ин фалон хубу он фалон зишт аст,
Ин замин шӯру в-он замин киштаст.
Гули ин хору оби он паст аст,
Дили ин хуфта, ақли он маст аст.
Ин яке Исӣ он дигар хари мул,
Ин сеюм Хизру он чаҳорум ғӯл.
Ин баланд асту он дигар кӯтоҳ,
Сурх ин шуд аз он сапеду сиёҳ.
Ин ҳама беҳудаст, бигзар аз ин,
Шоҳи ҷонро лақаб макун фарзин.
Ту надонӣ тариқи ҳушёрӣ,
Ту хирадро дурӯғзан дорӣ.
Парда аз рӯи ақл бартар каш,
Чи занӣ даст хира бар таркаш.
Чун наӣ марди кори рӯзи масоф,
Шабравиро бимону хира малоф
Сифати оқилон дар ин навбоғ
Кӯҳна нав карданаст пеши чароғ.
З-аввали хилқату ба охири умр,
Буда дар кори ақл ҷоҳилу ғумр.

Кард бояд зи баҳри касби маод
Коса чун кисаи хирад пурдод.
Бар дари ғайб тарҷумон хирад аст,
Шоҳи тан ҷону шоҳи ҷон хирад аст.
Ҳар кӣ баҳри ҳаво хирадро ронд,
Аз ду хар то абад пиёда бимонд.
Гарчи бар бехирад ҳаво чираст,
Бар дари хона ҳар саге шер аст.
Бехирадро бад аст фазлу ҳунар,
З-он ки бошад ҳалоки мӯр аз пар.
Морро чун аҷал фароз ояд,
Ба сари раҳ варо ҷувоз ояд.
Диҳад Эзид гаҳи суолу ҷавоб,
Ҳар касеро ба қадри ақл савоб.
Вайл дар ҷони хештан дорӣ,
Гар хирадро дурӯғзан дорӣ.
В-ар надорем бовар аз Қуръон,
«Вайл» у «Валмурсалот» бар худ хон.
Ақл кардат ба хубрӯӣ ҳаст,
Масх гашт он ки масҳи ақл шикаст.
Ақлро чун биёфтӣ, бинвоз,
Аз дили хеш ҷои ӯ барсоз.

## ДАР ШАРАФИ НАФС ВА АҚЛ

Падару модари ҷаҳони латиф
Нафси гӯё шиносу ақли шариф.
З-ин ду ҷуфти шариф тоқ мабош,
В-андар ин ҳар ду асл оқ мабош.
Бандагӣ кун ҳамеша эшонро,
Мадеҳ аз даст дар парешонро.
Гарашон баъди амр бипрастанд,
Ин ду гавҳар сазои он ҳастанд.
Падару модаре, ки ноз оранд,
Ҳукамо ақлу нафсро доранд.

Моябахши сипеҳру арконанд,
Пешкорони олами ҷонанд.
Сабаби ҷисмат ин ду ҷисмонист,
Иллати рӯҳат он ду рӯҳонист.
Он ду-т аз орзу супурда ба хок,
В-он ду-т аз қадр бурда бар афлок.
Ҳаққи он ду шарифро бигзор,
Ҳаққи ин ҳар ду ҳам фурӯ магзор.
З-он ки аз роҳи Каъба аз сари дод
Уштур ин дод, агар-т зод он дод.
Хирад аз ту туӣ барад ҷовид,
Обро дар ҳаво кашад хуршед.
Хирад омад машотаи ҷонат,
Хирад омад чароғи имонат.
Ҳуққаи ҳақ дар ин ҷаҳон хирад аст,
Сарбамӯҳр асту пойдори худ аст.
Ақл дар коргоҳи кунфаякун,
Аз паи ҷилваи қарору сукун.
Дар азал чун ҳадис бо худ ронд,
То абад ҳамчу кирми пилла бимонд.
Сӯи бозори дин чу ҷустӣ роҳ,
Растӣ, ар ҷастӣ аз маломатгоҳ.
Аз кажӣ дур бошу кож мабош,
Чун наӣ руд, хира нож мабош.
Ки кажӣ нафси шиваогинрост,
Ростӣ ақли офиятбинрост.
Хирад аз бад туро наҷот диҳад,
Хирад аз дӯзахат барот диҳад.
Ҷоҳилӣ куфру оқилӣ дин аст,
Айбҷӯ ону ғайбгӯ ин аст.
Кашад инро ҳаво сӯи сиҷҷин,
Барад онро хирад ба иллийин.
Мангар он то-т бад чӣ фармояд,
Он нигар к-ат хирад чӣ фармояд.

Канад ар оқилат ба ҳақ дар ҳашм,
Беҳ аз он к-ат бибандад аблаҳ чашм.
Ҳама кори ту бод бо уқало,
Дур бодӣ зи сӯҳбати ҷуҳало.

## ҲИКОЯТ ДАР ДОДУ СИТАДИ ХИРАДМАНД

Маън додӣ хуме дирам ба даме,
Боз кардӣ мукос дар дираме.
Гуфт: Ин хӯй назди ман на бад аст,
Ҷуди молу бахилии хирад аст.
Дар саховат чунон ки хоҳӣ, деҳ,
Лекин андар муомалат бистеҳ.
Ситаду додро мабош забун,
Мурда беҳтар, ки зиндаву мағбун.
Мард бошӣ ба гоҳи байъу шаро,
Аз Сурайё наюфтӣ ба Саро.
Ақл дасту забони кӯтаҳ дон,
Орзу раъси моли аблаҳ дон.
Эй хирад карда сарфароз туро,
Сарнигунсоз карда оз туро.
Мард гирди дари хирад гардад,
Тангмайдон ба гирди х(в)ад гардад.
Ҳар куҷо рух ниҳодӣ, эй оқил,
Ту ба обе чу бад надорӣ дил.
Ҳар кӣ тадбири раъйи бад накунад,
Ситаду дод бе хирад накунад.
Бехирадро зи худ набошад суд,
Буди ӯ оташ асту судаш дуд,
Ки аз ӯ тира тирагӣ орад,
Чашмро хира хирагӣ орад.
Ҳокими ақлро дар ин бунёд
Корҳо маҳкам асту дилҳо шод.
З-он ки дар мактаби умуми азал
Аз паи рондани русуми амал

Нутафи ӯ дар осмонаи нақл,
Нуқаташ дар китобхонаи ақл.
Аз хирад хоҷа шав, ки санги сапед
Лаъл шуд зери домани хуршед.
Ӯст баҳри бақои ҷовидон,
Дафтари нақшу хомаи фармон.

## ДАР НАФСИ КУЛЛӢ ВА ПАЙВАСТАН БА АҚЛУ МАЪРИФАТ ГӮЯД

Дар иборат китоб мастур аст,
Рақи маншуру байти маъмур аст.
Ӯст дар сояи паноҳи хирад,
Ҳоҷиби бори боргоҳи хирад.
Кадхудои набии мурсал ӯст,
Ақли сонию нафси аввал ӯст.
Аз паи истифодату таҳқиқ
Ақли кул Мустафову ӯ Сиддиқ.
Доим аз ҷавҳари пазиранда,
Асар аз нури ақлгиранда.
Ҳам диҳандасту ҳам ситонанда,
Ҳам пазирою ҳам расонанда.
Мутавассит миёни сурату ҳуш,
Шуда з-ин сӯ забону з-он сӯ гӯш.
Мард чун ақлро паноҳ кунад,
Ҷирму шаклу сахо чу моҳ кунад.
Муддате гирди ақл баргардад,
Гарчи бошад писар, падар гардад.
Подшоҳе шавад зи мояи ақл,
Офтобе шавад зи сояи ақл.
Ҷавҳараш чун кунад зи нуқсон нақл,
Бартар ояд, яке шавад бо ақл.
Чун шуд аз файзи ақл бар худ шоҳ,
Хилъати шавқ ёбад аз Аллоҳ.
Шавқ чун дар ниҳодаш овезад,
Ақли кулро зи раҳ барангезад.

То кунун ақл буд бар вай мир,
З-ӯ кунун ақл гашт амрпазир.
Чун шавад бар ниҳоди худ молик,
Бишнавад «к- Арҷиъӣ ило раббик».

## ДАР РӮҲИ ҲАЙВОНӢ ГӮЯД

Баъд аз он соликон чу биштобанд,
Илми ҳақ дар ҳадиси ӯ ёбанд.
З-он ки бо илм сурату сифат аст,
Фикраташ бештар зи маърифат аст.
Дар баҳор ар на адли вай будӣ,
Бо гулу бо гулоб кай будӣ.
Ақл ҳамчун баҳори дилҷӯй аст,
К-оби фарзонагеш дар ҷӯй аст.
Боли барно нишоти зан бошад,
Субҳи аввал дурӯғзан бошад.
Шаби барноӣ ар фатир бувад,
Пир чун субҳ мустафир бувад.
Ҳаст дар хонақоҳи раббонӣ
Бар сари шореъи мусалмонӣ.
Аз барои сурури сарви сиҳӣ,
На зи роҳи бадӣ, зи рӯи беҳӣ.

## АНДАР КАМОЛИ АҚЛ

Чор табъаш мурииду ӯ пир аст,
Даҳ ҳавосаш сипоҳу ӯ мир аст.
Ранги пиндоштро зи тахтаи оз,
Рав бишӯяш ба оби зиллу ниёз.
З-он ки андар саводи сояи шаръ
Асли динро барои нуктаи фаръ
Моя дод аз паи даранг туро,
Се қуво чор гуна ранг туро.
Ҷон чу дар олами даранг ояд,
Худ аз ин рангҳош нанг ояд.

Аз паи ҷустани саломати ҷон,
Аспи ҷонро дар ин муҳит марон.
Донад онро, ки аҳли зеҳну закост,
Ки саломат ба соҳили дарёст.
Дасту пои туро ба банди қазо
Ҳаст баста дар ин сипанҷи фазо.
Пас, ту бо дасту пой бастаи ӯ
Рӯи дарё маҷӯ ба пушти каду.
Ошиноро агар намедонӣ,
Хар ба қулзум-дарун чаро ронӣ?
В-ар надонӣ ту ошно, бишнав,
Хира беҳуда бар манора марав.
Дар сабоҳат агарчи устодӣ,
Пеши ман з-ин қибал баристодӣ.
На чу киштӣ шикаст, эй раъно,
Шуд сабоҳат вубол дар дарё.
Ҷуз зи рӯи камоли ақлу хирад?!
Се газ атлас бинеҳ, дирам кӣ харад.
Назди он дил, ки маъдани хирад аст,
Ҳама неки фалак ба ҷумла бад аст.
Дар дилу ҷони он ки ҳушёр аст,
Бар сару чашми он кӣ бедор аст.
Пул бувад бар ду сӯи об сара,
Чун гузаштӣ аз ӯ, чи пул ,чи дара.

## АНДАР ИЗЗАТИ АҚЛ

Иззати ақл ҳаст сӯи равон
Назди равшанзамири покравон.
Дар изофат суи замона латиф,
Ба изофа ба сӯи ақл касиф.
Аввалу охиру азизу залил,
Улвию суфлию қабеҳу ҷалил.
Ғарази амру дояи одам,
Арази нафсу ҷавҳари олам.

Ҳам варои маротиби исмӣ,
Ҳам пазирои сурати ҷисмӣ.
Зоти ӯ гашта мустадир аз нафс,
Ҷунбиши ӯ асарпазир аз нафс.
Мояву пояи мадориҷи исм,
Иллату олати маротиби ҷисм.
Ин ҳама ақлро мусаллам гашт,
Осмон ақлу рӯҳ саллам гашт.

## АНДАР ҶАМОЛИ АҚЛ

Сабаби уммату расулӣ ӯ,
Иллати сурату ҳаюлӣ ӯ.
Ӯ ниҳодаст ҳам ба амри қидам
Сурат андар ҳаюлию олам
К-он вуҷуде, ки безабон бошад,
Аз ҳаюлои ақлу ҷон бошад.

## ДАР ОФАРИНИШИ ҶАҲОН

Аз барои таноҳӣ андар кирд,
Олами ҷисм гӯӣ омад гирд.
Мутасовӣ ниҳод чун гӯе,
Мутафовит на сӯе аз сӯе.
Ҳаст мумтад ҷаҳону андар ҳад
Мутаноҳӣ ҷиҳат бувад мумтад.
Баъд аз он дар вилояти тасвир,
Мартаба нақш дону нақшпазир.
З-аввали ҷону охири марҷон,
Фоилу мунфаил дар ин ду миён.
Дар сарои сифатпазири фано,
Аз паи рафъату қусуру бино.
Ақл дар банди амр бишаста,
Нафс дар шавқи ақл дилхаста.
Сурат аз баҳри моя андар банд
Нӯҳ фалакро ба дасти ҳафт каманд.

В-аз даруни фалак чаҳор гуҳар,
Ҳама дар банду хасми якдигар.
Се маволид аз ин чаҳор аркон,
Чун наботу маодину ҳайвон.
Чун наботӣ ғизои ҳайвон шуд,
Ҳаявон ҳам ғизои инсон шуд.
Нутқи инсон чу шуд ғизои малак,
То бад-ин рӯй боз шуд ба фалак.
В-арна дар олами яқину гумон,
Хар ҳамон будию ҳаким ҳамон.
Нутқи зебо зи хомушӣ беҳтар,
В-арна дар ҷон фаромушӣ беҳтар.
Дар сухан дур бибоядат суфтан,
В-арна гунгӣ беҳ аз сухан гуфтан.
Гунги андар ҳадис камовоз
Беҳ, ки бисёргӯи беҳудатоз.
Кард ақлат насиҳате муҳкам,
Ки накӯгӯй бош ё абкам.
Гар насиҳат қабул кардӣ ту,
Фазлро кай фузул кардӣ ту.

## АНДАР МАРОТИБИ АҚЛ

Ҳаст аъзо чу шаҳру пешаварон,
Ақл дастуру дил дар он султон.
Хашм шаҳнасту орзу омил,
Ин яке золим, он дигар ҷоҳил.
Омил ар ҳеҷ шарт бигзорад,
Хирад ӯро ба шаҳна биспорад.
Шаҳна гар ҳеҷгун сиголад бад,
Ин муваккал бар-ӯ бувад зи хирад.
Нафси султон агар бувад одил,
Бо тану ақлу ҷон шавад бедил.
Тарҷумони дил аст нутқу забон,
Марзбони тан аст суду зиён.

Тарҷумон чун зи рӯи даври замон
Пушт ёбад зи қуввати султон
Гар биёбанд аз ин ки гуфтам, баҳр,
Хуш бувад подшову хуррам шаҳр.
В-ар ҳама толибони ком шаванд,
Молики мулки нотамом шаванд.
Гар на дар амру ақлу дил бошанд,
Ҳама ҳам хору ҳам хиҷил бошанд.
Ақлу дилро агар мутеъ шаванд,
Дар ҳазизи фано рафеъ шаванд.

## ДАР ЗИКРИ ҚУВОИ ҲОССА ВА ҲОФИЗА

Нафс, к-ӯ мар туро чу ҷондор аст,
Бе ту дар ҷисми ту басе кор аст.
Гарчи он панҷ шаҳна бекоранд,
Се вакил аз дарун-т бедоранд.
Он кунад ҳазму ин кунад қисмат,
Он барад сиқлу ин ниҳад неъмат.
Он намояд раҳ, ин кунад тадбир,
Ин шавад ҳофиз, он кунад таъбир.
Он набинӣ, ки чун ба хоб шавӣ,
Фориғ аз заҳмату азоб шавӣ.
Аз барои фароғату хобат,
В-аз барои салоҳу асбобат.
Андар ин хокдон зи оташу бод,
З-оби рӯйи ту бурд хок нажод.
То туро бар сарири сирри хирад
Бинишонад зи баҳри роҳати х(в)ад.
Ту баросудаву хирад бар кор,
Ту бихуфта дарун-т ӯ бедор.

## АНДАР ҶАМЪИ БАЙНИ АҚЛУ ШАРЪ

Ақлу чашму паямбарӣ нур аст,
Он аз ин, ин аз он на бас дур аст.

Ин ки дар дасти шаҳвату хашманд,
Чашми бенуру нури бечашманд.
Нури бечашм шохи бебар дон,
Чашми бенур ҷисми бесар дон.
Ин тавозуънамой пуртаблис,
В-он такаббурфазой чун Иблис.
Ин зи дасти амир чиз диҳад,
В-он зи куни раис тиз диҳад.
Нест ҷуз шаръу ақлу ҷону димоғ,
Халқро дар ду хитта чашму чароғ.
Чун туро аз хирад ҳаво ба дил аст,
Хандат ояд, зи ҳар чӣ, ҷуз ҷадал аст.
Чун хирад сӯи ҳар диле пӯяд,
В-аз дили ҳар касе сухан гӯяд.
Аз паи маслиҳат дар ин бунёд,
К-аввалаш оташ асту охир бод.
Қаҳрамон чун амини яздонист,
Баҳрамон чун нигини инсонист.
Ақл ҷуз доду ҷуз карам накунад,
Ки улуламр худ ситам накунад.
Ақл чун баргушод зоғи ҳавас,
Даркашад чун тазарв сар дар хас.
Рокибе, к-аз хирад инон дорад,
Асби анҷом зери рон дорад.
Чеҳраеро, ки рӯзи бад набувад,
Ҳеҷ машшота чун хирад набувад.
Аз хирад бадгуҳар нагирад фар,
Кай шавад санги бадгуҳар гавҳар?!
Мадеҳ, эй пур, рӯзи нек ба бад,
Бохирад рӯз кун, на бо дили хв(а)д.
Бохирад бошу аз ҳаво бигрез,
Ки ҳаво атласест рангомез.
Кавн бе таҷрибат фасод бувад,
Таҷрибат ақли мустафод бувад.

Хирад аз баҳри отифат бошад,
Хатми умраш бад-ин сифат бошад.
Хирад аз баҳри бирру эҳсон аст,
З-он ки худ хилқаташ аз инсон аст.
Ҳарфи бад бар забон забун бошад,
Ҳар кӣ бодин бувад, на дун бошад.
Мулки ақл аз уқуди конӣ беҳ,
Подшоҳӣ зи посбонӣ беҳ.
Ақлро ҳеҷ мадҳ натвон гуфт,
Ҷуз бад-ӯ дурри мадҳ натвон суфт.
Шав раҳо кун ҷаҳони фониро,
То бидонӣ ҷамоли боқиро.
Он касе, к-ӯ ба мулки ақл расид,
Ду ҷаҳонро чунон ки ҳаст, бидид.
Аз барои ҳусули неъмати дил,
Дар дил овез хок бар сар гил.
Эй Худованди холиқи субҳон,
Ман, раҳиро ба мулки ақл расон.
Сухани ақл чун тамом омад,
Илмро дар ҷаҳон низом омад.

## АЛ-БОБУ-Л-ХОМИС[xxxv]

### Фӣ фазилати-л-илм, зикру-л-илми арбаҳу лиан фазлаҳу арҷаҳ [xxxvi]

Илм сӯи дари илоҳ барад,
На суи молу нафсу ҷоҳ барад.
Он чи донистаӣ, ба кор дарор,
Пас, дигар илм ҷӯй аз дари кор.
Ҳилм бояд нахуст, пас илмат,
Бар хур аз илми хонда бо ҳилмат.
Илм бе ҳилм хони кӯй бувад,
Илм бо ҳилм оби рӯй бувад.
Ҷони беилм дил бимиронад,
Шохи бебор рев гиронад.

Ҷоҳил аз ҷоҳу мол ҷӯяд суд,
Музди оҷил ба оҷил орад зуд.
Марди бе илм лифи дурд бувад,
Дур зи баҳри бузург хурд бувад.
Ҳар киро илм нест, гумроҳ аст,
Дасти ӯ з-он сарой кӯтоҳ аст.
Мардро илм раҳ диҳад ба наим,
Мардро ҷаҳл дарбарад ба ҷаҳим.
Илм бошад далели неъмату ноз,
Хунук онро, ки илм шуд дамсоз.
Рӯзгоранд аҳли илму ҳунар,
Синашон чарху нукташон ахтар.
Сабри мардон чу ҷуфт шуд бо илм,
Чун бидонанд, хулқ бошаду ҳилм.
Илм аз ҳилм некпай гардад,
Санг бе санг лаъл кай гардад!

**Аттамсилу фӣ вазъи-ш-шайъи биғайри мавзиъиҳи**[xxxvii]

Он шунидӣ, ки аблаҳе бархост,
Саргузашт аз муҳаннасе бархост,
Ки бигӯ саргузаште, эй баҳмон,
Гуфт: Рав, рав мазаҳ макун, ҳала, ҳон.
Касе аз ҳез саргузашт наҷуст,
Ҳезро кунгузашт бояд гуфт.
Гӯш сӯи ҳама суханҳо дор,
Ҳар чи з-он беҳ, даруни ҷон бингор.
Ҳар чӣ моя сафо, бад-он, деҳ рӯй,
Ҳар чӣ моя кадар гузар кун з-ӯй.
Ҳуҷҷати Эзид аст дар гардан
Хондани илму кор нокардан…
Махар он ишва к-андар он бунёд,
Ишва тан пур кунад, вале аз бод.
Машқи пур боде аз сару дилу тан,
Ресмоне шавӣ ба як сӯзан.

Дар ҷаҳони хароби бефарёд
Кас гирифтори боди ишва мабод!
Қибла аввал зи қубла бозшинос,
То бидонӣ ту фарбиҳӣ з-омос.
Чанд аз ин дар нифоқу муҳтолӣ,
Чашмҳо дарду лофи каҳҳолӣ.
Ҳар кӣ мағрури бонги ғӯлон аст,
Аҷалаш зери умми ғелон аст.
Илмат аз ҷону молат аз тани туст,
Он ду маъшуқа, ин ду душмани туст.
Пок шав, то зи аҳли дин гардӣ,
Ончунон бош, то чунин гардӣ.
Раҳравонро зи нутқ набвад соз,
Пили фарбеҳ бувад заифовоз.
Илмдон кадхудои ду ҷаҳон аст,
В-он ки нодон ҳақиру ҳайрон аст.
Ҳукамо бор ҷумла барбастанд,
Ҳама рафтанду з-ин ҳавас растанд.
Ту дилу гил дар ин ҷаҳон бастӣ,
Эй на ҳушёр, чун чунин мастӣ?!
Илмдон хосаи Худо омад,
Илмхон шӯху наргадо омад.
Баҳри дин бо сафеҳ рой мазан,
Раги қифол баҳри пой мазан.
Бад зи некон саломатӣ нашавад,
Каҳ зи беҷода қиматӣ нашавад.
Он киро иллате бувад дар пушт,
Чун бинолад зи панҷаву ангушт.
Чун ту бар сар ниҳӣ варо марҳам,
Нафизояд зи марҳамаш марҳам.
Он ҳакимон, ки рӯй бинмоянд,
Бар гилу бар дилат набахшоянд.

**Фӣ-л-ҷоҳил ва язунну-л- олим**[xxxviii]

Рофизиро авом дар тафи кин
Мезананд аз паи ҳамияти дин.

Яке аз раҳгузар даромад зуд,
Беш аз он зад, ки он гуруҳ зада буд.
Гуфтам: – Ар мезананд эшонаш
Баҳри ашколи куфру имонаш
Ту чаро боре эй ба дил сандон,
Бехабар кӯфтӣ дусад чандон?
Ҷурми ӯ чист? Гуфт: – Бишнав нек,
Ман зи ҷурмаш хабар надорам лек.
Сунниён мезаданду ман ба думаш,
Рафтаму баҳри музд ҳам задамаш.
Илм хондӣ, нагаштӣ аҳли ҳунар,
Ҷаҳл аз ин илми ту басе беҳтар.
Илмро ҳар кӣ нест омода,
Масалаш чун каҳ асту беҷода.
Сангу беҷода гар зи табъу сиришт,
Бартар ояд зи хоку хирману кишт.
Гарчи дар ҷазби коҳ кард басич,
Каҳраборо зи каҳ чӣ хезад? – Ҳеч.
Олами илм оламест фарох,
Баҳ-баҳ онро, ки шуд дар ӯ густох.
Олами илм оламест шигарф,
Нест ин хитта хиттаи хату ҳарф.
Чун туро илми дил бимиронад,
Ки туро худ ба одамӣ хонад.
Илм хон, гар-т з-одамист раге,
З-он ки шуд хоси шаҳ ба илм саге.
Аз сифоти сагӣ тиҳӣ кун раг,
В-арна дар растахез хезӣ саг.
Нанг дорад басе ба табъу ба дил,
Саги олим зи одами ҷоҳил.
Чун набошад чу хар сарафганда,
Тизи хар беҳ зи риши харбанда.
Илми дин боми гулшани ҷон аст,
Нардбон ақлу ҳисси инсон аст.
Аз паи дӯстрову душманро,
Илм ҷонро беҳу амал танро.

Сӯи олам на сӯи соҳиби зан,
Дониши ҷон беҳ аз тавониши тан.
Ҳалқаи доми ту тавониши тан,
Ҳаст шабҳо ба рӯз обистан.

**Ат тамсилу фи-л-олим ва мутааллим**[xxxix]

Аз амал марди илм бошад дур,
Масали ин муҳандису муздур.
Он ситонад муҳандиси доно
Ба яке дам, ки панҷ маҳ банно.
В-он кунад дар ду моҳ банно гирд,
Ки набинад ба солҳо шогирд.
Боз шогирд он чашад зи сурур,
Ки наёбад ба умрҳо муздур.
Музди ин кам зи музди он з-он аст,
К-ин ба тан карду он ба ҷон донист.
Он накарда, бидида қисмашро,
В-ин бикарда, бимонда исмашро.
Буда бинад касе, ки ҷонвар аст,
Он ки нобуда бинад, он дигар аст.
Ҳар кӣ шуд ҷон зи илмаш осуда,
Буда донисту дид нобуда.
Ҷони олим бувад маолибин,
Дидаи ҷоҳил аст ҳолибин.
З-он ки нозиракону тарророн,
Гул фиристанд сӯи гилхорон.
Боз олим чу бинадаш бо гил,
Сард гардонадаш гил андар дил.
Лаззати гил ба дил-ш сард кунад,
Дилаш аз гил ба ҳила фард кунад.
Аз паи маслиҳат бар-ӯ хандад,
Ких-кихе дар бурути ӯ бандад.
Чун туро аз тарӣ дили батарист,
Он ки шири харат диҳад, зи харист.
Неки нодон дар асл некӯ неҳ,
Бади доно зи неки нодон беҳ.

Кори яксоларо баҳо ду дирам,
Илми яклаҳзаро баҳо олам.
Он кашад зину он кашад з-он бор,
Ки амал маркаб асту илм савор.
Олимон худ каманд дар олам,
Боз омил миёни олим кам.
Аз сухангӯй қол пурс, на ҳол,
Аз зиреҳгар зиреҳ талаб, на ҷувол.
Зоди ин роҳ аҷзу хомӯшист,
Қуввату қути мард камкӯшист.
Раҳравонро чу дард роҳбар аст,
Он киро дард нест, кам зи хар аст.

**Ат тамсилу фи-л-муҳаббати ва-ш-шукр**[х1]

Он яке хира з-уштуре пурсид,
Ки мар ӯро чунон мусаххар дид.
Ки чаро бо чунин қаду қомат
Кӯдакеро ҳамекунӣ тоат?
Ҳайкалат бас шигарф гоҳи талоъ,
Кӯдаконро чаро шавӣ матвоъ.
Додаш уштур ҷавобу гуфт: Эй мард,
Ман шудастам чунин мутобеъи дард.
Ман худ аз кӯдак арчи бехабарам,
Ба маҳору расан ҳаменигарам.
Дарди кирд аст мар маро карде,
Ман шудастам мутобеъи дарде.
Ҳар киро дард роҳбар набувад,
Мардро з-он ҷаҳон хабар набувад.
Мардро дарди ишқ роҳбар аст,
Оташи ишқ мӯниси ҷигар аст.
Гарчи ҳоҷӣ маносикомӯз аст,
Ба амал илми ӯ раҳафрӯз аст.
Пусти олим ба захр олудаст,
В-аз дарунаш ба мушк андудаст.

Олим он кас бувад, ки маънии бикр,
Оварад ӯ бурун зи андуҳу фикр.
Гар муҳаддис бувад, надимаш дон,
В-ар муҳаққиқ бувад, ҳакимаш хон.
Дар раҳ аз обҳои ҷонкоҳат,
Пул нигаҳбон бувад, на ҳамроҳат.
Лоҷарам дид боядат ночор
Андар ин раҳ работиён бисёр.
З-он ҳама ҳеҷ ҳамраҳӣ маталаб,
Тӯша ҷӯй аз пайи худу маркаб.
Хирад аз баҳри обу нон набувад,
Ҳамраҳи ҳаҷ нигоҳбон набувад.
Нотиқи ақл, сидқи доно беҳ,
Мустамеъ дар амал тавоно беҳ.
Кори беилм бору бар надиҳад,
Тухми бемағз бас самар надиҳад.
Марди дин то ба ҷусти динор аст,
Ҳамчу ноқа дурусту бемор аст.
Илмро чун ту хонӣ аз бозӣ,
Олати ҷоҳу сози раҳ созӣ.
Кашад он илм ҷон-т дар амвоҷ,
Бадали тоҷ дин кунад тороҷ,
Боз агар илм мар туро хонад,
Бар буроқи бақот биншонад.
Илм к-аз баҳри дину дод бувад,
Оташу обу хоку бод бувад.
Илмҷӯе, ки дар табоҳӣ буд,
Рӯи ӯ чун дар об моҳӣ буд.
Илм, к-аз баҳри роғу боғ бувад,
Ҳамчу мар дуздро чароғ бувад.
Илм,к-аз баҳри ҳишмат омӯзӣ,
Ҳосилаш ранҷ дону бадрӯзӣ.
З-он ки ҷонофарин чу ҷон набувад,
Илмхон ҳамчу илмдон набувад.

Нек хонад, валек бад гардад,
Раҳ барад, лек гирди худ гардад.
Н-аз паи кор дошт илм Иблис,
Дошт баҳри такаббуру талбис.
Қадри дини ту дев беҳ донад,
Ки диҳад ишва, дин-т бистонад.
Ту зи Иблис камтарӣ, эй хар,
З-он ки ту динфурӯшӣ, ӯ динхар.
Чун ту дар доми ӯ баровезӣ,
Аз Худою расул бигрезӣ.
Ҳар киро маст кард гуфтораш,
То абад кас надид ҳушёраш.
Он касе аз Худой бар нахурад,
Ки ҳадису ҳадас яке шумарад.
Илм дар мазбала фурӯ н-ояд,
Ки қидам бо ҳадас накӯ н-ояд.
Рӯзи аввал чи бенаво, чи наво,
Шаби охир чи подшаҳ, чи гадо.

## ҲИКОЯИ ШИБЛӢ (Р) ДАР ИХЛОС ВА РИЁ

Шиблӣ он гаҳ, ки кард аз худ сайд,
Буд рӯзе ба назди пир – Ҷунайд.
Дидаҳо карда бар ду рух чу ду ҷӯй,
«Ё муродӣ ва ё муродӣ» -гӯй.
Пир гуфташ: Хамӯш бош, хамӯш,
Бар дари ӯ бирав, сухан мафрӯш.
Дар раҳи ӯ суханфурӯшӣ нест,
Дар раҳаш беҳтар аз хамӯшӣ нест.
Дар раҳаш ранҷ нест, осонист,
Безабонӣ ҳама забондонист.
Бигзар аз қолу ҳол пеш овар.
Қол қайд аст, з-ӯ сабук бигзар.
Он касоне, ки бастаи ҳоланд,
Баргузашта зи қилу аз қоланд.

Дар муноҷоти безабонон ой,
Ҳар чӣ хоҳӣ, бигӯю лаб магшой.
Бигзар аз қолу гуфтаҳои муҳол,
Зарраи сидқ беҳтар аз сад қол.
Раҳи тақлиду қайд, рав, бигзор,
В-аз ҳавасҳо ба ҷумла даст бидор.
Гар муроди ту ӯст, худ донад,
Пас, гар ӯ нест, ин-т настонад.
Аз ҳавас, гуфт, рух ба даъвӣ неҳ,
Чун ҷарас бонгу ҳеҷ маънӣ не.
Марди маънӣ сухан надорад дӯст,
З-он ки будаст мағзҳоро пӯст.
Аз муқаллид маҷӯй роҳи савоб,
Нардбонпоя кай бувад маҳтоб?!
Ҳар кӣ аз илм сидқ ҷуст, бибурд,
Ҳар кӣ аз вай даҳо гузид, бимурд.
Кӣ кунад беҳ, чу нест як ҳозиқ,
Пирро фолиҷу ҷавонро диқ.
Нест як марди содиқ андар кор,
Лек ҳастанд муддаӣ бисёр.
Илм ҷаст аз даруни аҳли савоб,
Ҳамчу дар ҷӯи хурд равшан об
Ки ба ҳар ҷо расад чу дандонаш,
Бидиҳад бар мизоҷи ӯ ҷонаш.
Зар ба тайёр кор ёбад сахт,
Барг бошад гувоҳи ҷони дарахт.
Илм дар мағзату амал дар пӯст
Ҳамчу нури чароғу равғани ӯст.
Илм он ҷо чу рух ба халқ орад,
Музди дониш ба халқ нагзорад.
Дониш он хубтар зи баҳри басиҷ?
Ки бидонӣ, ки менадонӣ ҳеҷ.
Гар барои Худост андак, бас,
В-аз паи молу ҷоҳ ин-т ҳавас.

**Ҳикоят фи-л-аҷз ва-с-сукут**[xli]

Шиблӣ аз пири рӯзгор Ҷунайд
Кард некӯ суоле аз паи сайд.
Гуфт: Пиро, ниҳоди ҷумла улум
Мар маро кун дар ин замон маълум,
То бидонам, ки роҳи уқбо чист,
Марди ин роҳ з-ин халоиқ кист.
Гуфт: Баргир, Хоҷа, зуд қалам,
То бигӯям туро зи сирри қидам.
Шиблӣ андар замон қалам бардошт,
В-ончи ӯ гуфт, як ба як бардошт.
Гуфт: Бинвис аз ин сухан «Аллоҳ»,
Чунки бинвишт, шуд сухан кӯтоҳ.
Гуфт: Дигар чӣ? Пир гуфт: Ҷуз ин,
Худ ҳамин аст, кардаам талқин.
Илмҳо ҷумла зери ин калимаст,
Ҳаст сурат яке, валек ҳамаст.
Илми ҷумла ҷаҳон ҷуз ин машнос,
Бишунав фарқи фарбеҳӣ з-омос.
Ин бидону зи қилу қол гурез,
Ҷумла ин асту з-он дигар парҳез.
Раҳравоне, ки чашми сар доранд,
Дида бар пушти роҳбар доранд.
Рӯй дар халқ муқтадо на равост,
Ки на роҳи Худой роҳи ҳавост.
Ту бад-ӯ додаиву ӯ ба ту рӯй,
Ҳар ду ҳамраҳ чу ҳалқаҳо дар мӯй.
Ба ҳаво ӯ туро, ту ӯро дӯст,
Бутпарастий ту бутпарастии ӯст.
Он кӣ ҳаргиз набуд бо худ ёр,
Ӯст аз ранҷи илм бархурдор.
Неку бад майли ту на аз хоб аст,
Баду неки ту ҳамчу ҷуллоб аст.
Кай диҳад мар бухорро таскин,
К-оташ андар дил аст, эй мискин.

Оташи дин зи ҳикмати чапу рост,
Нашавад ҷуз ба бодбезан кост.
Дил тиҳӣ кун зи оташи пиндошт,
Ки кафе хоки боду об надошт.
Сохта роҳро ҳама асбоб,
Сӯи манзил расида дар таку тоб.
Бе рафиқ инчунин раҳи ҳоил,
Рафтаву карда ҷисмро бисмил.
Ҳама дарбохта зи худ алвон,
Нафс рафта, бимонда ҷону равон.
Карда ин нафсҳо ба ҷумла фидӣ,
Сохта-з қолабу нуфус ғадӣ.
Рӯҳ софӣ бимонда тан рафта,
Сидқ монда ба ҷою фан рафта.
Маънии корро ҷуҳина шуда,
Айни арвоҳро бусина шуда.
Чун шудам фориғ аз тариқи ҷавоз,
Ишқро з-ин сипас кунам оғоз.

## Фасл фӣ зикри-л-ишқ ва фазилатин ва сифати-л-ишқи ва-л-ошиқи ва-л- маъшуқ [xlii]

### Зикру-л-ишқи юриҳу-л-қулуби ва юзилу-л-куруб [xliii]

Дилбари ҷонрабой ишқ омад,
Сарбуру сарнамой ишқ омад.
Ишқ бо сарбурида гӯяд роз,
З-он ки донад, ки сар бувад ғаммоз.
Хезу бинмой ишқро қомат,
Ки муаззин бигуфт: Қад қомат.
Ишқ гӯяндаи ниҳонсухан аст,
Ишқ пӯшидаи бараҳнатан аст.
Оби оташфурӯз ишқ омад,
Оташи обсӯз ишқ омад.
Ишқ бе чормехи тан бошад,
Мурғи доно қафасшикан бошад.

Ҷон, ки дур аз ягонагӣ бошад,
Дон, ки чун мурғи хонагӣ бошад.
К-аш сӯи улв худ сафар набувад,
Пар бувад, лек авҷпар набувад.
Ҳимматаш он бувад, ки дона х(в)арад,
Қувваташ он ки гирди хона парад.
Бандаи ишқ бош, то бираҳӣ
Аз балоҳову зиштиву табаҳӣ.
Бандаи ишқ ҷони ҳур бошад,
Марди киштӣ чӣ марди дур бошад.
Сари киштӣ зи орзу дон пур,
Қаъри дарёст ҷои толиби дур.
Азми хушкӣ бар аспу бар хар кун,
Чун ба дарё расӣ, қадам сар кун.
Марди дурҷӯйиро ба дарёбор
Ҷону сар дон ҳамеша пойафзор.
Сафари обро ба сар шав пеш,
Андар омӯз ҳам зи сояи хеш.
Нест дар ишқ ҳаззи худ мавҷуд,
Ошиқонро чӣ кор бо мақсуд?
Ишқу мақсуд кофирӣ бошад,
Ошиқ аз коми худ барӣ бошад.
Ошиқ он аст, к-ӯ зи ҷону зи тан
Зуд бархезад ӯ нагуфта сухан.
Ҷону танро басе маҳал наниҳад,
Ганҷро сиккаи дағал наниҳад.
То бувад ҷаъфарӣ ба лавн чу моҳ,
Наниҳад бадраҳои сими сиёҳ.
Кирдгори латифи холиқи бор,
Ҳаст худ поку пок хоҳад кор.
Бар садаф дур чу ёфт, ҷон-т бинеҳ,
В-арна хармӯҳраро зи даст мадеҳ.
Ҳолат аз сояи ҳавост, бирав,
Лоф гаҳ барги тоъатат ба ду ҷав.
Хиттаи хок лавҳу бозирост,
Олами пок покбозирост.

Бехудонро зи ишқ фоида аст,
Ишқу мақсуди хеш беҳуда аст.
Ошиқон сар ниҳанд дар шаби тор,
Ту бар онӣ, ки чун ниҳӣ дастор.
Ишқ оташнишони беоб аст,
Ишқ бисёрҷӯи камёб аст.
Ишқ чун даст дод ,пушт шикаст,
Пои ошиқ ду дасти чарх бибаст.
Эй дареғо, ки бо ту ин маънӣ,
Натавон гуфт, з-он ки ҳаст ғавӣ.

## ҲИКОЯТ ДАР КАМОЛИ ИШҚ ВА ОШИҚӢ

Ошиқеро яке фасурда бидид,
Ки ҳамемурду хуш ҳамехандид.
Гуфт, к-охир ба вақти ҷон додан
Ханда-т аз чист в-ин хуш истодан?
Гуфт: Хубон чу парда баргиранд,
Ошиқон пешашон чунин миранд.
Ишқро раҳнамою раҳ набувад,
Дар тариқат сару кулаҳ набувад.
Ишқу маъшуқ ихтиёрӣ нест,
Ишқ з-он сон ки ту шуморӣ, нест.
Ишқро кас вуҷуд нашносад,
Ҳар дилеро ватан напармосад.
Гар накӯ бингарӣ, на ҷои шак аст,
Ишқро раҳ варои нӯҳ фалак аст.
Ошиқӣ худ на кори фарзона-ст,
Ақл дар роҳи ишқ девона-ст.
Дар раҳи ишқ коинот ҳама
Ситад аз аҷзи худ барот ҳама.
Аршу фарш аз ниҳоди ӯ ҳайрон,
Боз гашта зи роҳ саргардон.
Кас надода нишон зи ҷавҳари ишқ,
Ҳеҷ кас нонишаста ҳамбари ишқ.

Нақди ишқ аз сарои арвоҳ аст,
На зи ашхосу шаклу ашбоҳ аст.
Роҳ ноёфта биёфтан аст,
Ишқ бе хештан шитофтан аст.
Куфру дин ақли нотамом бувад
Ишқ бо куфру дин кадом бувад?
Ҳар чӣ дар коинот ҷузву куланд,
Дар раҳи ишқ тоқҳои пуланд.
Уду беде, ки сӯхтӣ ҳамбар,
Дуд агар ду, якест хокистар.
Бед бо мевадору хору ханданг,
Ҳамаро оштӣ кунад якранг.
Пеши он кас, ки ишқ раҳбари ӯст,
Куфру дин ҳар ду пардаи дари ӯст.
Марди суратпарастро гаҳи кор
Кафш дастор дон, камар зуннор.
Ҳар чи он нақши даври гардун аст,
Аз сарозери ишқ берун аст.
Ишқ бартар зи ақлу аз ҷон аст,
Лимаъаллоҳ вақти мардон аст.
Ақл мардест хоҷагиомӯз,
Ишқ дардест подшоҳисӯз.
Тифлро бози ишқ пир кунад,
Пашшаро ишқ бошагир кунад.

**Ат-тамсилу биқиссати Одам(а) ва сабабу ишқиҳи**[xliv]

Дил харидор нест ҷуз ғамро,
Он бинашнидаӣ, ки Одамро
Иззи илмаш сӯи ҷинон овард,
Зилли ишқаш ба хокдон овард
Чун раҳи илм рафт, султон шуд,
Чун раҳи дил гирифт, урён шуд.
Чун ҳама лутфҳо бидид аз Ҳақ,
Ишқ ҷонаш нидо шунид аз Ҳақ:

– Эй, ки зотат чу ақл фарзона-ст,
Ишқ магзор, к-ӯ ҳам аз хона-ст.
Зиракӣ деву ошиқӣ – Одам,
Ин бимон, то бад-он расӣ дар дам.
Ишқ дар пеш гиру дил бигзор,
Ки зи дил хира барнаёяд кор.
Мардро ишқ тоҷи сар бошад,
Ишқ беҳтар зи ҳар ҳунар бошад.
Ошиқӣ бастаи хирад набувад,
Иллати ишқ неку бад набувад.
Одам аз ишқ «эҳбиту манно»
Омад андар ҷаҳони дил танҳо.
Ақл азми иҳотати вай кард,
Ғайрати ишқ пои ӯ пай кард.
Баргузида ду мурғ баҳри ду кор,
Ақл тӯтиву ишқ бӯтимор.
Қадами ақл накди ҳолиҷӯй,
Шӯълаи ишқ лоуболигӯй.
Бошаи ақл саъвагир бувад,
Каргаси ишқ бозгир бувад.
Дар раҳи ишқ мо ҳама тифлем,
Ошиқон софиянду мо сифлем.
Болиғи ақлҳо басе ёбӣ,
Болиғи ишқ кам касе ёбӣ.
Дар ҷаҳоне, ки ишқ гӯяд роз,
Ақл бошад дар он ҷаҳон ғаммоз.
То ту беҳ мондаиву ақли ту боз,
Ту чу кабкию ишқ ҳамчун боз.
Ҳақпажӯҳон, ки роҳи дил сипаранд,
Ақлро лошаи дабар шуморанд.
Муҳдас аз хилқати қидам кӣ бувад,
Рӯзкӯр аз сапедадам кӣ бувад?!
Ишқро ҷони булаҷаб донад,
З-он ки тафсир шаҳди лаб донад.

Сурати ишқ пӯст бошад ,пӯст,
Ишқ бе айну шину қоф накӯст.
Дар раҳи ошиқӣ саломат нест,
Изтироб асту истиқомат нест.
Сифати ошиқон зи ман бишнав,
В-ар надорӣ, мар обрӯ ба ду ҷав.

### Фӣ сифати-л-ишқ[xlv]

Сурати ишқу ақл гуфтор аст,
Маънӣ онро маҳак ва меъёр аст.
Ошиқӣ бехудиву бехешист,
Ишқ аз аърози манзили пешист.
Бинеҳ, ар ҳеч ишқи он дорӣ,
Дар миён ончи бар миён дорӣ.
Бар ту чун субҳ ишқ бартобад,
На ту касро на кас туро ёбад.
Чун битарсӣ ҳаме зи мурдани хеш,
Ошиқе бош, то намирӣ беш,
Ки аҷал ҷони зиндагонро бурд,
Ҳар кӣ аз ишқ зинда гашт, намурд.
Оташи бору барг бошад ишқ,
Малакулмавти марг бошад ишқ.
Ҳар киро ишқи он ҷамол бувад,
Дар дабӣ долу реву дол бувад.
Ҳар кӣ дар банди хештан бошад,
Кай бути ишқро шаман бошад.
Гарчи берун тараб фузун дорад,
Навҳагар ошиқ аз дарун дорад.
Марди ошиқ кабудбар бошад,
Мурғи давлат буридапар бошад.
Дар раҳи халқу ком аҳли ҳунар,
Аз паи ком ҷустану ғамгар.
Ҳаст ҳалвулмазоқ таффи балош,
Ҳаст азбулмасоғ доғи фазош.

Гар ҳаме лаъл боядат, кон кан,
В-ар ҳаме ишқ боядат, ҷон кан.
Чун туро нест ишқи беобӣ,
Маззаи нони хӯрда кай ёбӣ?!
Марди торикҷону равшанрӯй
Гардад аз таффи ишқ ҷавшанрӯй.
Ақлу нафсу табиат аз паи зист,
Ҳама дар ҷанби ишқ донӣ чист?
Нафс нақшеву ақл наққоше,
Табъ гардеву ишқ фарроше.
Ақл чун нақш баст, нафс сутурд,
Ишқ чун рӯй дод ,табъ бимурд.
Халқро то зи ишқ маъзулист,
Ҷустану ҷастан ин ду машғулист.

**Фӣ ишроқ-ил-ишқ**[xlvi]
Инчунин хондаам, ки дар Бағдод
Буд мардеву дил зи даст бидод.
Дар раҳи ишқ мард шуд содиқ,
Ногаҳон гашт бар зане ошиқ.
Буд Баҳрулмаолӣ инро боб,
Зан зи кархоби Даҷла гашт ҳиҷоб.
Ҳар шаб ин мард з-оташи дили хеш
Роҳи Даҷла сабук гирифтӣ пеш.
Убра кардӣ шудӣ, ба хонаи зан,
Бехабар гашта ӯ зи ҷону зи тан.
Бодаи ишқ карда вайро маст,
В-аз вақоҳат сабоҳа карда ба даст.
Чун бар ин ҳол муддате бигзашт,
Оташи ишқ андаке кам гашт.
Хештанро дар он миёна бидид,
Гирди чуну чаро ҳамегардид.
Буд холе бар он рухони чу моҳ,
Мард дар холи зан чу кард нигоҳ

Гуфт, к-ин хол чист, эй маҳрӯй?
Бо ман аҳволи холи хеш бигӯй.
Зан бад-ӯ гуфт, к-имшаб андар об
Манишин, ҷони худ ҳало дарёб.
Хол бар рӯям аст модарзод,
Оташи ишқи ту шарар бинҳод.
То бидидӣ ту хол бар рухи ман,
Пур шудӣ з-ин ҷамоли фаррухи ман.
Мард нашниду шуд ба Даҷла дарун,
Ба таҳаввур бирехт худро хун.
Ғарқа гашту бидод ҷон дар об,
Гашт ҷону танаш дар об хароб.
Мард то буда, монда андар сукр,
Буд роҳи саломат андар шукр.
Чун зи мастии ишқ шуд бедор,
Кард ҷони азиз дар сари кор.
Мардро то бувад шарар дар дил,
Набувад мутталеъ ба ҳосили гил.
Чун шарар кам шавад хабар ёбад,
Он гаҳ аз ақли худ хатар ёбад.
В-он ки ӯ муддаист дар раҳи ишқ,
Шери ӯ ҳаст кам зи рӯбаҳи ишқ.
Ҳаст дар банди лақлақа монда,
Аз дари маъниву хабар ронда.
Холи ӯ ҳоли он ҷавон бошад,
Ки хиҷил гашта аз забон бошад.
Нашунидӣ, ки он азиза чӣ гуфт,
Чун бар-ӯ мард ҳоли худ нанҳуфт.

**Ат-тамсилу фӣ иҳтироқи ишқ ва изҳориҳи**[xlvii]

Рафт вақте зане накӯ дар роҳ,
Шуда аз корҳои мард огоҳ.
Дид марде ҷавон мар он занро,
Кард пайдо дар он замон фанро.

Бар паи зан бирафт мард ба роҳ,
Зан зи пас кард бо карашма нигоҳ,
К-эй ҷавонмард, бар паям ба чӣ кор
Омадастӣ ба хира, рав, бигузор.
Мард гуфто, ки ошиқи ту шудам,
Эй чу Узро, чу Вомиқи ту шудам.
Бими он аст, к-аз ғами ту кунун
Бидавам дар ҷаҳон, шавам Маҷнун.
Шуд вуҷудам бар он ҷамол зи даст,
Шишаи ҷон ба санги ғам бишкаст.
Бо ман акнун на ҳол монду на ҳуш,
Шуд зиёдат маро ҷаҳон фармӯш.
Зоҳиру ботинам ба ту машғул
Гашту шуд аз ҷаҳониён маъзул.
Кард ҳилат бар он зани доно,
З-он ки он мард буд бас коно.
Гуфт: – Гар шуд дилат ба ман машғул,
Шуд вуҷудам дили туро мабзул.
Гуфт зан: – Гар ҷамоли хоҳари ман
Бингарӣ, соате шавӣ алкан.
Ҳамчу моҳ аст дар шаби даҳу чор,
Бингар инак чу сад ҳазор нигор.
Мард кард илтифот зӣ дигарон,
Сӯи ғайре ба ғофилӣ нигарон.
Зад варо як тапонча бар рухсор,
То шуд аз дард чашми ӯ хунбор.
Гуфт: к-эй фанфурӯши дастонхар,
Гар будӣ аз ҷаҳон ба ман-т назар.
В-ар вуҷудат ба ман будӣ машғул,
Набудӣ ғайри ман барат мақбул.
Кулли ту сӯи кулли ман нозир,
Гар будӣ, кай шудӣ зи ман собир?
Ҷуз ба ман илтифот кай кардӣ,
Ғами зишту накӯ куҷо х(в)ардӣ?!

В-ар ниҳодат маро будӣ мутлақ,
Ба дигар кас куҷо шудӣ мулҳақ?!
Сӯи ҷуз ман чу илтифот орӣ,
Аз ҷамоли рухам барот орӣ.
Марди лофӣ, на марди олофӣ,
Нофрангӣ, на рангро нофӣ.
Сустбозору сахтозорӣ,
Харбузахур, на харбузакорӣ.
Сӯхтамағзу хомгуфторӣ,
Судасавдову содабозорӣ.
Ҳар кӣ ӯ муддаӣ бувад дар ишқ,
Ҳаст бедод карда ӯ бар ишқ.
Ишқро роҳ бар саломат нест,
Дар раҳи ишқ истиқомат нест.

## ЗИКРИ МАЪНӢ ВА БУРҲОНИ ИШҚ

Даъвии ишқу ақл гуфтор аст,
Маънии ақлу ишқ кирдор аст.
Ишқро бехудӣ сифат бошад,
Ишқро хуни дил силат бошад.
Ҳар киро ишқ чеҳра бинмояд,
Дилу ҷонаш ба ҷумла бирбояд.
Кас наёяд ба ишқ - бар пирӯз,
Ишқ анқои муғриб аст имрӯз.
Ишқро кистӣ, нагӯӣ ту,
Бар дари ошиқӣ чӣ пӯӣ ту?
Ошиқӣ кори шермардон аст,
На ба даъвист, бал ба бурҳон аст.
Ҳар киро сар беҳ аз кулоҳ бувад,
Бар сари ӯ кулаҳ гуноҳ бувад.
К-он ки дар ишқ шамъи раҳ бошад,
Ҳамчу шамъ оташинкулаҳ бошад.
Кӯдакӣ, рав зи дев чашм бипӯш,
Тифли роҳӣ, ту шав зи худ хомӯш.

Дасти чапро зи дасти рост бидон,
То зи тақлид нашмарӣ имон.
Ишқи мардон бувад ба роҳи ниёз,
Ишқи ту ҳаст сӯи нону пиёз.
Дар раҳи бениёзӣ, эй дарвеш,
Рав ту бегонавор аз паи хеш.
Кӯшиш аз тан талаб, кашиш аз ҷон,
Ҷӯшиш аз ишқ дон, чашиш з-имон.
Баҳри ҷони саодатандешат
Ҳаштхон аст ҳафтхон пешат.
Ишқ чун шамъ зинда хоҳад мард,
Дидаву дил сапеду талъат зард.
Ҳар куҷо ҳусну дилкашӣ бошад,
Ғамза бо шӯхиву х(в)ашӣ бошад.
Ончуноне зи ишқу табъу мизеҷ,
Ки насанҷӣ ба чашми оқил ҳеҷ.
Кай дароӣ ба чашми аҳли хирад?
Ту фурӯшӣ нифоқу нафси хирад.
То ту ӯро фурӯшӣ ин силъат,
Ӯ ба ҳар дам нават диҳад хилъат.
Силъаташ соатест бо туву бас,
Хилъаташ дому дарду банду қафас.
Гар аз ин дому банди ӯ бираҳӣ,
Кафш берун кунӣ, кулаҳ бинихӣ.

## ДАР ИШҚИ МАҶОЗӢ

Дар биҳишт ар на аклу шурб астӣ,
Кай туро зӣ намоз қурб астӣ.
Манбале гуфт бар дараш қоим,
З-он шудастам, ки аклҳо доим.
Дӯстдорони даргаҳаш сумаранд,
Луқмахорони хулди ӯ дигаранд.
Бараи ширмасту мурғи самин,
Чашм дорӣ зи вай биявмиддин.

Дӯстон з-ӯ ҳама лиқо хоҳанд,
Дар дуо з-ӯ ҳама ризо хоҳанд.
Ту зи вай рӯзи арз нон хоҳӣ,
Маю ширу асал равон хоҳӣ.
Майли ту ҳаст ҷумла сӯи таъом,
На ба дорулхулуду дорусалом.
Ҳаззи дунёи ҷуфти ранҷу тааб
Ҳаст малбусу матъаму машраб.
Мункаҳу маскану самоъу лиқо,
Ваъда додаст мар туро фардо.
Ту чу дар банду қайди ҳар ҳафтӣ,
Ба дараш з-он сабаб ҳаме рафтӣ.
Гар надодит ваъда ин ҳар ҳафт,
Зуд пайдо шудӣ туро огафт.
На варо бандаӣ, на дар бандӣ,
Аз дари гиряе чаро хандӣ?
Хештанбин ба вай чу дев мудом,
То ба вай зери чархи оинафом.
То ба зери замонаи куҳан аст,
Нафс дар орзу муроғазан аст.
Мурғи давлат чу хонагӣ набувад,
Зоғ ҳар ҷои буданӣ биравад.
Нафс дар пеши ишқ сагдорист,
Нафс дар роҳи ишқ бекорист.
Ҳам бад-ин пойбанду лутфи ғариб,
Тоҷи сар гашту гӯшмоли адиб.
Ҳаст гуфторат аз чӣ бим орӣ,
Дарди паҳлӯву ранҷи беморӣ.
На чӣ паҳлӯи Оиша бишкаст,
Гуфт: пайғамбараш, ки бурдӣ даст.
Хоракеро, ки мехалад дар пой,
Дастгоҳе бисохтаст Худой.
З-он ки донад карам, ки маҳзи карам,
Бикунад зоеъ он анову алам.

Ту дуо гӯиву иҷобат на,
З-он ки дорӣ дилу инобат на.
З-он ки донад Худой инобатро,
Ҳикматаш монеъ аст иҷобатро.

**Андар маънии дилу ҷон ва дараҷоти он**
**Зикру-л-қалби анфаъу лиан шаънаҳу арфаъ** [xlviii]

Ҷид занад бӯса бар ситонаи дил,
Ҳазл набвад калиди хонаи дил.
Дил ба ришват пазирад аз ҷон нур,
Кай бувад зери дасти ризвон ҳур?
Вазни сар ҳамчу вазни сар сабук аст,
Барги дил ҳамчу барги гул тунук аст.
Бар дари аҳли дил ба вақти таъом,
Гандуме каждуме бувад зи ҳаром.
Чун нашӯӣ ҳаме дил аз ботил,
Рақами козурон манеҳ бар дил.
Дил ки бошад сиёҳ чун пари зоғ,
Сайди товус кай кунад дар боғ?
Дили он кас, ки ҳаст бар тани шоҳ,
Ҷон-шро ҳаст ҷомаи даргоҳ.
Боз чашми ту дар раҳи асбоб,
Ҳаст сӯи шаробу ҷомаи хоб.
Чанд бошӣ ба ғафлат, эй бадраг,
Дили ту дар гилу ту хуфта чу саг.
Чу саг обистанӣ ту, эй ҷоҳил,
Саги девона дорӣ андар дил.
Хӯю табъи бади сагон дорӣ,
Ҳамчу саг тӯша устухон дорӣ.
Саги девонаро бикаш ба азоб,
З-он ки андар раҳи дарангу шитоб
Ҳар киро ӯ газид, ҳам барҷой,
Шавад аз бими гурба саг бачазой.

Заррае нур агар ба даст орӣ,
Бе тааб ҷисри нор бигзорӣ.
В-ар надорӣ ту нур нор шавӣ,
Пеши Парвардгор хор шавӣ.
Аз дари тан туро ба манзили дил,
Нест ҷуз дарди дил дигар ҳосил.
Роҳи ҷисми ту сӯи манзили ҷон,
Ҳоиле дон ту з-ин чаҳор аркон.
Пару боли хирад зи ҷон зояд,
Аз тани тира ҷону дил н-ояд.
Ботини ту дили ту дон ба дуруст,
Ҳарчи ҷуз ботини ту, ботили туст.
Мавзеъи дин дил асту мағзу димоғ,
Ҳамчу базру фатила нури чароғ.
Дил бувад ҳамчу шамс анҷумсӯз,
Ки тавонад намуд чеҳра ба рӯз?
Дил, ки бар нафс меҳтарӣ ёбад,
Бар ҳама сарварон сарӣ ёбад.
На чунон дил, ки аз паи дунё
Бифурӯшад ба андаке уқбо.
Асли ҳирсу ниёз дил набувад,
Мояи дил зи обу гил набувад.
Дил ки бошад чунин амонидӯст,
На дил аст, он ки ҳаст, пораи пӯст.
Дил, ки бошад зи ту амонихоҳ,
Набвад аз ҳоли эзидӣ огоҳ.
Пораи гӯшт ганда бошаду бас,
Ки мар онро ба кас надорад кас.
Бад шавад тан чу дил табоҳ бувад,
Зулми лашкар зи заъфи шоҳ бувад.
Чун сари зулму ҷавр дорад шоҳ,
Баргушояд ба зулм даст сипоҳ.
Ситам андар ҷаҳон, на з-обу гил аст,
Ин ҳама зулмҳо зи кибри дил аст.

Гар дилат нестӣ ба сурати зоғ,
Ҳама товус гирадӣ ба чароғ.
Кӯш то дил-т чун қалам гардад,
Пеш аз он к-ат амал алам гардад.
Ошиқонро барои ҷустани ном,
Н-аз барои ҳусули лаззату ком.
Як итобу ба фарқ фарқади хок,
Як ҳадису ду ҷома дар бар чок.
З-он ҳама корҳот бенур аст,
К-аз ту то нур роҳ бас дур аст.
Бо чунин дил сафар сақар бошад,
Сифла аз гургу саг батар бошад.
Саг биюсанда, гург дарранда-ст,
Сифла солусу лус харбанда-ст.
Пас,дар ин роҳ тӯша аз ҷон соз,
На зи далқу асову анбон соз.
Хештан дарфикан ба завраќи дин,
Ки аз ин раҳ расӣ ба иллийин.

## АНДАР ҶОНУ ДИЛУ ТАН ГӮЯД

Аз дари тан, ки соҳиби кулаҳ аст,
То ба дил садҳазорсола раҳ аст.
Ҳаст бар соликон ба вақти раҳил,
Ҳамчу Мӯсову хасму манзил Нил.
Лек бар вай чу баста гардад кор,
Нор гардад ба оқибат динор.
То Худой он раҳе, ки дар банд аст,
Ҳамчу занҷир дарҳам афкандаст.
Пораи роҳ нек дорӣ пеш,
Аз дари нафс то дар дили хеш.
Роҳи дил мар туро на ин роҳ аст,
Ақл аз он қосир асту кӯтоҳ аст.
Роҳи ҷисми ту сӯи дил ба масал,
Ҳаст чун хайру манзили аввал,

Ки ҳаме ҳар даме зи ранҷурӣ,
Гуфтӣ: Эй Макка, ваҳ, ки бас дурӣ.
Нақши Макка се ҳарфи дилтанг аст,
Ҷуз ба рафтан ҳазор фарсанг аст.
Ҳаст бар соликон ба вақти басеч
Роҳи дилро чу зулфи зангӣ печ.
Лек бар вай чу гарм гашт оташ,
Роҳ гардад чу табъи зангӣ хв(а)ш.
Он ки раҳро ба ҷид нагирад пеш,
Ҳамчу зангӣ бимонад ӯ дарвеш.
В-он ки рафт аз сари тараб дар раҳ,
Ҳамчу зангӣ бувад ба дил аблаҳ.
Дин надорад касе, ки андар дил
Мар варо нест мағзи дил ҳосил.
Инчунин пурхалал диле, ки турост,
Даду доманд бо ту з-ин дил рост.
Пораи гӯшт ном дил кардӣ,
Дили таҳқиқро биҳил кардӣ.
Ту зи дил ғофиливу бехабарӣ,
Дигар аст он дилу ту худ дигарӣ.
Дил бувад роҳи он ҷаҳонии ту,
Лек дилро зада надонии ту.
Пару боли хирад зи дил бошад,
Тани бедил ҷуволи гил бошад.
Хушку бебар бимонда андар гил,
Чун буранд аз дарахти хурмо дил.
Ботини ту ҳақиқати дили туст,
Ҳарчи ҷуз ботини ту ботили туст.
Дин зи дил хезаду хирад зи димоғ,
Дин чу рӯз омаду хирад чу чароғ.
Офтобе бибояд анҷумсӯз,
Ба чароғи ту шаб нагардад рӯз.
Он чунон дил, ки вақти печопеч,
Ҷуз Худой андар ӯ набошад ҳеч.
На чунон дил, ки аз паи талбис,
Ҳаст мурдори гулхани Иблис.

Дил яке манзарист раббонӣ,
Андар ӯ тарҳу фарш нуронӣ.
Аз сари ҷаҳлу рӯи нодонӣ,
Ҳуҷраи девро чӣ дил хонӣ?
Ҳаст меъроҷи дил ба вақти фароғ,
Қоби қавсайни ақлу шаръу димоғ.
Аз дари чашм то ба каъбаи дил,
Ошиқонро ҳазору як манзил.
Хос хонад ҳазору як номаш,
Ом донад ҳазору як домаш.
Он ки буданд хоҷа соҳибдил,
Пеш рафтанд аз ту сад манзил.
Бинишастанд бар бисоти симот,
Ту бимонда пиёда ҳам ба рибот.
Асл ҳазлу мизоҷи дил набувад,
Дӯзахи чашму ози дил набувад.
Дил, ки ӯро сари бад асту беҳ аст,
Дил махонаш, ки он на дил, ки деҳ аст.
Дил, ки бо чизи ин ҷаҳон шуд хеш,
Дон, ки з-он дил дилӣ наёяд беш.
Ин-т ғабне, ки як рама ҷоҳил
Хонда шакли санавбариро дил.
Ин ки дил ном кардаӣ ба маҷоз,
Рав ба пеши сагони кӯй андоз.
Дил, ки бар ақл меҳтарӣ дорад,
На ба шакли санавбарӣ дорад.
Дил, ки бо молу ҷоҳ дорад кор,
Ин саге дону он дуро мурдор.

## АНДАР СИФАТИ ПАРВАРИШИ ДИЛ ГӮЯД

Дил қавӣ кай кунад зи заҳмату бим
Ҷуз шароби муфарриҳи таслим.
Эмин он гаҳ шавӣ зи меҳнату тоб,
Ки хурӣ шарбате зи бодаи ноб.
То нахӯрдӣ шароби дин, мастӣ,
Чун бихӯрдӣ, зи ҳар бало растӣ.

В-он муфарриҳ, ки авлиё созанд,
Дар шифохонаи ризо созанд.
Хури ин ҷо гил аст, аз ӯ баргард,
К-он ки гил хӯрд, рӯш бошад зард.
То бад-ин ҷо зи гил напарҳезӣ,
Кай зи гил сурхрӯй бархезӣ?
Мард гилхораро чу ёд диҳад,
Охируламр ҷон ба бод диҳад.
Нону ҷомай сапеди ин манзил
Нафазояд магар сиёҳии дил.
Дил кунад сахт ҷомаи нармат,
Хуриши хуш барад зи сар шармат.
Ту машав ғарра бар накӯии пӯст,
Ки халақпӯш марди хулқи накӯст.
Нохушӣ хубу нағзу зебо нест,
Хӯи хуш бо кулоҳу дебо нест.
Нафси ҳиссӣ ба хӯрдан арзонист,
Ғазии ҷон зи хони бенонист.
Ғофилон фарбеҳ аз батар з-онанд,
Ки ғами ҷону ҷома кам донанд.
Ҳар дилеро, ки ғам бувад маскун,
На дил аст, он ки ҳаст хонаи хун.
Мард набвад, ки гирди худ пӯяд,
Мард роҳи наҷоти худ ҷӯяд.
То кай аз кунҷи хона? Берун ой
Аз чунин хонае суи саҳрой!
Ман ғуломи гузида мардонам,
Бод доим фидояшон ҷонам.

## АНДАР СИФАТИ ШАБ ГӮЯД

Чун ниҳон шуд зи бахри суди замин
Оташи осмон зи дуди замин.
Даҳр чун дар сарои қирандуд,
Тӯдаи дуда бо талотуми дуд.

Зулмҳои сипеҳри дарёдам,
Гашта дар табъи даҳр мустаҳкам.
Пешдевон даруни дамгаҳ зишт,
Зангиён пойкӯб бар ангушт.
Гашта пардуда тӯдаи ҳомун,
Карда олам ғулола ғолиягун.
Шаб ба сони сиёҳгун дарё,
Ман чу гавҳар, садафниҳод саро.
Хуфта андар канори Аҳриман
Зангие, к-аш зи мушк пероҳан.
Зангиёне ба қир бисришта,
Шаба бо соҷ карда дар ришта.
Дев аз дуда карда худро далқ,
Шаш ҷиҳатро яке намуда ба халқ.
Медамид аз даҳони дуда сиришт,
Дев дар рӯи навбаён ангишт.
Гашта анқоси гавҳари мардум,
Карда анфос роҳи манфаз гум.
Ё ту гуфтӣ, ки аз ҷуволи сиёҳ
Зангие кӯр сурма рехт ба чоҳ.
Нури бисёр андаке карда,
Тирагӣ шаш ҷиҳат яке карда.
Сояи офтоб рафта чу тир,
Қирвонро гирифта андар қир.
Шуд чу шаб зери хок чашмаи х(в)ар
Настаран зори ҳавзи нилуфар.
Чашми наргис ба боғҳо дарбоз,
Лек бегона аз нашибу фароз.
Зуҳал аз авҷи хеш раҳ бинмуд,
Ҳамчу гӯе зи нукра заррандуд.
Муштарӣ гашта аз фалак пинҳон,
Ҳеҷ нанмуд рӯи хеш аён.
Шакли Миррих барфарохта теғ,
Гоҳ пайдову гаҳ ниҳон дар меғ.

Шамс рух дар ҳиҷоб пӯшида,
В-аз сиёҳӣ ниқоб пӯшида.
Зуҳра андар ҳазиз нопайдо,
Гашта аз нури хеш ҷумла ҷудо.
Бо Уторид намонда ҳеҷ рамақ,
Ҳам ба сони давоти худ мутлақ.
Хусрави Шарқ дар шабистон хуш,
Хуфта бар рӯйи нилгун мафруш.
Чарх пирӯзаву ситора бар он,
Чун зари сурху дасти нилгирон.
Шаҳаб андар асир майдонтоз,
Думи Ақраб зи Зуҳра чавгонбоз.
Буда пеши баноти наъши маҳин
Моҳ чун нимҳалқаи заррин.
Дар Сурайё бимонда чашми суҳайл,
Хира чун марди монда андар сайл.
Қутб дар қутри чарх пайваста,
Мутамаккин чу пир оҳиста.
Нолаи беваву хурӯши ятим
Дили Бурҷисро ниҳода ду ним.
Баҳри таъвизи ақди ҳурулин
Фарқадон чун ҳалилаи заррин.
Анҷум андар Миҷарра рост чунон,
Ки садафрезаҳо бар оби равон.
Шуда шакли Миҷарра з-ӯ пайдо
Ҳамчу Мӯсову баҳру захми асо.
Шакли Парвин чу ҳафт муҳраи яшм
Бар яке ҷом менамуда ба чашм.
Ҳамчу шахсам заифшакл Суҳо,
Гоҳ пайдову гоҳ нопайдо.
Гардиши анҷум аз варои асир,
Хайли румӣ ба гирди зангии пир.
Кавкаб аз роҳи Каҳкашон пайдо,
Рост чун ашку чашми нобино.

Чархро карда чун шукуфа ба боғ,
Гови гардун зи шаш пилита чароғ.
Монда сокин чу гавҳар андар дурҷ,
Ҳафт сайёраву дувозда бурҷ.
Ахтару осмон зи кинаи ман
Гашта монанди ашку синаи ман.
Чун зи сармои субҳ зангии зишт
Дам дамид андар оташу ангишт.
Субҳдам дам бурун ҳамезад хайл,
Гуфтаи ҷон ҳамекунад Бӯлайл.
То бурун кард ҳамчу заррин дарқ
Шоҳи гардун сар аз даричаи Шарқ.
Ҳамчу ман зардрӯй шуд олам,
Чун бурун тохт субҳи сурхалам.
Шуд ҷаҳон тоза чун дили доно,
Шаб шуд аз бими рӯз нопайдо.
Анҷум аз бими субҳ резон шуд,
Зангӣ аз румиён гурезон шуд.
Субҳ чун шуд зи нур шод равон,
Густарид ӯ зи нур шодурвон.
Бомдодон пагоҳ аз дари ман,
Ногаҳ омад падид дилбари ман.
Дилбаре, к-ӯ дилу равонбар буд,
Чун ба кофур мушк меандуд.

## АЛ-БОБУ-С-СОДИС

### Фӣ зикри нафси-л-кулли ва аҳволиҳи[xlix]. Зикру нафси-л-кулли назирун носеҳун ва аҳмолаҳу ғурурун фозеҳ[l]

Андаромад чу моҳ дар шабгир,
Анъималлаҳ сабоҳгӯён пир.
Кундҷисмеву сокинарконе,
Тезчашмеву раҳфародоне.
Рӯй чун офтоб нурандуд,
Ҷома чун ҷомаи сипеҳр кабуд.

Ногаҳонӣ ту гуфтӣ омад бар
Офтобе зи ҳавзи нилуфар.
Ё магар боғбони тинати ман
Ногаҳон кишт бар бунафша суман.
Дида чун аз ниҳоди ман пур кард,
То писар дурҷи чарх пурдур кард.
Гуфт чун нутқи пуршакар бигшод,
Кулаҳи хоҷагӣ зи сар бинҳод.
Кайфа асбаҳта, эй писар хонда,
Эй ба зиндони нафс дармонда.
Эй ба чоҳи ғурур монда асир,
Бар ту нафси ҳавопараст амир.
Хез, к-ин хокдон сарои ту нест,
Ин ҳавасхона аст, ҷои ту нест.
Ч-афканӣ беҳуда бисоти нишот
Андар ин садҳазорсола работ?
Гар қабои бақо нахоҳӣ сӯхт,
Баркаш аз тан қабои одамдӯхт.
Хештанро аз ин қафас бираҳон,
Бинмо аз халифатӣ бурҳон.
Бош ганҷур дар нишемани хок,
В-ар на бигзар аз анҷуму афлок.

**Сифати калимоте, ки бо нафси куллӣ равад**
**ва ҷавобҳо, ки ӯ гӯяд**

Гуфтам: Эй Эзидат сиришта зи нур,
В-эй зи акси рухи ту дев чу ҳур.
Эй замон аз ту иду одина,
В-эй замин аз рухи ту ойина.
Сифатат бартар аз нафас бошад,
Васф кардан туро ҳавас бошад.
Бас бадеъӣ ба сурату пайкар,
Нест дар кулли кавн чун ту дигар.
Аз сифат сурати муъоинаӣ,
З-он ки ҳам рӯиву ҳам оинаӣ.

Андар иқлими дин туӣ ҳамвор,
Аз паи роҳи узру шукру шикор.
Тӯбии моябахши боғи Ирам,
Каъбаи подшоҳи хоки ҳарам.
Бас беҳиннафсу бас қавинафасӣ,
Ақлу ҷонӣ, сарӣ, дилӣ, чӣ касӣ?
Ҳаббазо, суратат, ки бас хубӣ,
Хуррамо, шавкатат на маъюбӣ.
Бартар аз ҷавҳарию аз аразӣ,
Ҷумлаи коинотро ғаразӣ.
Гавҳаре, к-аз ту қобили қут аст,
Бурҷи хуршеду дурҷи ёқут аст.
Хӯрдаи шарбҳо зи дасти малак
Ҳамчу пайғамбарон «ҳанийан лак».
Чӣ кунӣ, пеши мудбире пурдард
Дар чунин кунҷ ганҷи бодовард.
Кулбае ҳамчу дев даргаҳи дуд
Кардӣ аз акси рӯй нурандуд.
Ман суҳое надидаам дар чоҳ,
Боду хуршедам ин замону ду моҳ.
Бале, андар сарои ҷисмонӣ
Ту зи ман ин ҳадис беҳ донӣ.
Ин бувад хулқу феъл пиронро,
Ки амирон кунанд асиронро.
Ин чӣ ҷои чу ту ҷаҳонбин аст,
Гуфт: Худ ҷоям аз ҷаҳон ин аст,
Ки иморатсарои ранҷ бувад,
Дар харобӣ мақоми ганҷ бувад.
Ҷои ганҷ аст мавзеи вайрон,
Саг бувад, саг ба ҷои ободон.
Аршу фаршат сарою боргаҳ аст,
Офариниш туро чӣ коргаҳ аст?
Тирагӣ бо иморат аст анбоз,
Нур гирди хароб гардад боз.

Набувад з-ин сарои ранҷу таъаб
Моҳу хуршед ҷуз харобаталаб.
Ки ба хонай дуруст дарн-оянд,
Рахна ёбанду рӯй бинмоянд.
Зирак аз захми даҳр хаста беҳ аст,
Пӯст пурмағз худ шикаста беҳ аст.
Дили зирак миёни лавз бувад,
Дили нодон чу пусти гавз бувад.
Мағз то нозук аст, пӯст накӯст,
Чун қавӣ шуд ҳиҷоб, гардад пӯст.
Санг бояд, чу мард коҳил шуд,
Мағзи нағзат зи санг ҳосил шуд.
Гуфтам: Эй ҷон пур аз накӯйӣ ту,
Аз куҷоӣ маро нагӯйӣ ту.

## ҶАВОБҲО, КИ БО НАФСИ КУЛЛӢ ГӮЯД

Гуфт: Ман дастгирди лоҳутам,
Қоиду раҳнамои носутам.
Дар ҷаҳоне, ки бахт ҷои ман аст,
Ин ҷаҳон ҷумла зери пои ман аст.
Аввали халқ дар ҷаҳон моем,
На ҳама ҷой чеҳра бинмоем.
Бари ноаҳлу сифла кам гардем,
Дар ҷибиллат зи халқҳо фардем.
Назари Ҳақ ба мост аз ҳама халқ,
Хилқати мо ҷудост аз ҳама халқ.
Турбатам гавҳар аст конҳоро,
Мавзеам марҷаъ аст ҷонҳоро.
Ман зи иқлиме омадам андар,
Чун қалам карда по зи тораки сар.
Он замин, к-андар он муборак ҷост,
Ҳамчу хуршеди осмони шумост.
Санги ӯ гавҳар асту хокаш зар,
Баҳри ӯ ангубину кӯҳ анбар.

Қасрҳое дар ӯ баланду шигарф,
Пок чун оташу сапед чу барф.
Бомашон чун фалак Масеҳпазир,
Бумашон ҳамчу нуқта Қорунгир.
В-он гурӯҳе, ки андар ин ҷоянд,
Гавҳаринсар, зумуррадинпоянд.
Пули Ҷайҳунашон сари золим,
Ваҳшгаҳ пояшон дили олим.
Сар ба сони сарон сарафрозон,
Қад чу уммеди аблаҳон ёзон.
Ҳама мустағриқи ҷамоли қидам,
Фориғ аз нақши оламу одам.
Говашон аз барои дафъи алам,
Найзабозӣ кунад чу шери алам.
Кишвараш рӯзу шаб физоянда,
Ӯву ҳар -ч андар ӯст поянда.
Ҳама аз рӯи беғамӣ ҷовид,
Бехабар ҳамчу сояву хуршед.
Андар он боғ ҳар яке з-эшон,
Аз барои қабули дарвешон.
Соҳиби садри сидраи азалист,
Мӯниси Фотима, ҷамоли Алист.
Чӣ сифат гӯям он гурухро ман,
Ҳама андар яқини ҷон бе зан.
Андалебони равзаи унсанд,
Сокинони ҳазираи қудсанд.
Оламе сар ба сар бадеъулҳол,
Нақши ӯ раҳнамои хайрулфол.
Бинӣ он равзаро, агар хоҳӣ,
Кунӣ аз ҷону дида ҳамроҳӣ.
Беуқубат заминаш аз зилу ғам,
Беуфунат ҳавояш аз тафу нам.
Ҳам заминаш зи кӯҳу аз гав дур,
Ҳам ҳавош аз ҳаводису ҷав дур.

Сангрезу гиё-ш оламу ҳай,
Ҳашароти замин-ш Хусраву Кай.
Ҳар чӣ дар саҳни ӯ макон дорад,
То ба сангу кулӯх ҷон дорад.
Ман зи даргоҳи хозини малакут
Ҳуҷҷатам дар хазинаи носут.
Гуфтам: Охир куҷост он кишвар?
Гуфт, к-аз кайю аз куҷо бартар.
Ҷои кай гӯямаш, ки шаҳри Худой
Ҷои ҷон асту ҷон надорад ҷой.
Инчунин нуктаҳо чу гуфт маро,
Хирад андар басар бихуфт маро.
З-он ки андар ҷамоли он зебо,
Монда будам чу нақш бар дебо.
Аҷал аз дасти он лаби хандон,
Сари ангушт монда дар дандон.
Чашм, к-аз сураташ надорад барх,
Дида з-ӯ баркашад ду каргаси чарх.
Маркабе, к-ӯ ба зери рон дорад,
Охир аз роҳи Каҳкашон дорад.
Ҷони мо вола аз ҷалолати ӯ,
Мадраки кас нагашта ҳолати ӯ.
Ишқ дар кӯи ғайб ҳолати ӯ,
Сидқ дар роҳи дин мақолати ӯ.
Ҳеҷ беҳударо бад-ӯ раҳ нест,
З-он ки дар халқҳо чун ӯ шаҳ нест.
Дару даргоҳи ӯ чу маръӣ нест,
Марав он ҷо ба ҷои хеш биист.
Пеши даргоҳи ӯ зи аҳли ҳавас
Мул саворасту гул пиёдаву бас.
Ӯ амирест, к-андар ин бунёд
Аз паи иззи шаръу додани дод
Бар дараш лашкари ҳавас набувад,
В-аз савору пиёда кас набувад.

Рӯҳро карда аз ҷавоҳири нур
Гӯшу гардан чу гӯшу гардани ҳур.
Пардаҳо бошад аз ҳидояти ӯ,
Ҳарфу овоз дар вилояти ӯ.
Рӯзкӯрӣ туро ба худ пазруфт,
К-ат дар ин лофгоҳ ғирҷа гирифт.
То нубиву набӣ зи чун ту сақат,
Ин даромад ба сурат, он дар хат.
Ҷаҳли ту баҳри қолу қилеро
Даҳя кардаст Ҷабраилеро.
Гирди ин пир гард, то аз чоҳ
Поят орад зи чоҳ бар сари гоҳ.
Тифл, к-ӯ баргирад касе гардад,
Тухм, к-ӯ парварад басе гардад.
З-он ки аз қуввати қавоими ӯ,
Баҳри ҷовиди нафси соими ӯ.
Кас чун ӯ кам шунуд дар салафут,
Барзгар дар мазореъи малакут.
Ҷони ман баҳри ин ҳадиси чу нӯш
Чашм бинҳода бар даричаи гӯш.
Нашудам сер аз он сухандон зер,
Ташна з-оби намак нагардад сер.
Ҷон зи дидори дӯст парвардан,
Ҳаст чун шаҳду гулшакар х(в)рдан.
Меъда аз илм з-он нагардад паст,
Ки таъому шараҳ бувад ҳамдаст.
Гуфтамаш бо ту рӯзгор хуш аст,
Бо ту хоҳам, ки бо ту кор хуш аст.
Бе чун ӯ пир дар ҷавонии хеш
Кӣ хурад бар зи зиндагонии хеш.

## АНДАР СИФАТИ МУРИД ГӮЯД

Лаб чу бигшод пири фарзона,
Соя берун гурехт аз хона.

Пирро гуфтам аз сари таҳқиқ,
Эй туро мулки дин ҷадиру ҳақиқ.
Ман, ки бо ту даме бигуфтам ғам,
Ба ҳама умр надҳам он як дам.
Умр бе дӯстон на умр бувад,
Умр бе ёр умри ғумр бувад.
Умр бо дӯсте, ки ӯ яктост,
Як дамеро ҳазорсола баҳост.
Дил зи банди ту хуш бувад ба азоб,
Чӣ аҷаб, к-аз намак хуш аст кабоб.
Ҷон зи рӯи ту дар Ирам бошад,
Дил зи таъиди ту хурам бошад.
Чун ту дар маркази ҳақиқату ҳидқ,
Нест як подшо ба мақъади сидқ.
Аз ту саҳро ҳарирпӯш шавад,
В-аз ту найҳо шакарфурӯш шавад.
Аз ту ёбад калиди қуфли вафо
Сари сандуқи сидқу дасти сафо.
Аз ту беҳуш ҷуфти ҳуш омад,
Ки ҳаюло бараҳнапӯш омад.
Мардум аз нек некхӯ гардад,
Боз чун бад бувад, чун ӯ гардад.

## АНДАР УЗРИ ИНБИСОТ ГӮЯД

Чун хирад дар лабат ба ҷон нигарам,
Чун қалам бар хатат ба ҷон гузарам.
Ойнаи равшанӣ ба дасти хирад,
Кас дар он рӯй дам наёрад зад.
Пеши ту чун синон камар бандам,
Хун ҳаме гиряму ҳаме хандам.
Ҳамчу чанг ар дари ҳавот занам,
Расан андар гулӯ навот занам.
Хоҷа он гаҳ, ки рози мутлақ гуфт,
Расан андар гулӯ «аналҳақ» гуфт,

К-он ки аз бими нафс бигрезад,
Ишқ бо хуни дил даромезад.
Ҳирзи хоҷа пас аз фироқи танаш,
Васли ҳақ буд ҷумлаи суханаш.
Пуштро рӯй бошу хира маҷеҳ,
Бар сари дор дасту пой манеҳ.
З-он ки дар калмани рӯмузи азал,
Хоса, он гаҳ ки ҷон шунид ғазал,
Ҳақ чу мар хоҷаро падид омад,
Параи рамзро калид омад.
Аз нахуст оварида ин пайғом,
Ба пасин офарида ин худком.
Бозпас мондаӣ зи пеши аҷал,
Пасу пешат гирифта ҳирсу амал.
Аз паи нону об мондӣ боз,
Дар ҳиҷоби ниёз тан чу пиёз.
Ч-афканӣ тухми ҳирсу озу ниёз,
Дар гили дил, ки оз н-орад ноз,
К-андар ин харсарой пӯӣ ту,
Ба чӣ монӣ, маро нагӯӣ ту.
Гар ба обу ба нон бимондӣ боз,
Чӣ кунӣ тухми хашму шаҳвату оз.
К-он чи шӯрӣ, занах кунад маҳлуҷ,
В-он чӣ таррӣ туро кунад мафлуҷ.
Ту бипарҳез аз ин ғурури фалак,
Ки надорӣ сари мурури фалак,
К-андар ин ҳуҷра бар тану дилу ҷон
Об аз он гашт бар хирад товон.
Кунҷиде гар диҳад туро гардун,
Дабае бандадат сабук бар кун
Ки тавонад, ки донае кунҷид
Дар дабай равғане ду ман гунҷид?
Ҷону динат ба қаҳр бистонад,
Гар туро дил ба хештан хонад.

Нест бе ранҷ роҳати дунё,
Хунук он кас, ки кард,ҳарду раҳо.

## ДАР ЧАШМ НИГОҲ ДОШТАН ГӮЯД

**Қола аннабиййю (а): ан-назару саҳмун мин сиҳоми-ш-шайтон**[li]

Он чӣ бар тан қабул, бар ҷон рад,
В-он чӣ бар пой нек, бар сар бад.
Мангар андар бутон, ки охири кор
Нигаристан гиристан орад бор.
Аввал он як назар намояд хурд,
Пас аз он лоша ҷусту ришта бибурд.
Тухми ишқ он дувум назар бошад,
Пас аз он рашку ашки тар бошад.

## ҲИКОЯТ

Он шунидӣ, ки дар гаҳи Исо
Хост борон ба ҳоҷат аз мавло.
Рафт бо қавми худ ба истисқо,
Кард ҳар кас зи аҷзи хеш дуо.
Бо иҷобат дуо нашуд мақрун,
Гашт Исо аз он сабаб маҳзун.
Ногаҳ омад нидо, ки муҷримро
Аз миён кун бурун, ки мукримро
Бо гунаҳкор нест роҳи ризо,
Нашавад аз гуноҳ кори дуо.
Бозгаштанд ҷумла он анбӯҳ,
Ки ҷаҳон буд аз он гурӯҳ сутӯҳ.
Ҷуз як аъвар намонд бо Исо,
Ҷони мо бод ҷон-шро ба фидо.
Гуфт Исо: Чаро нарафтӣ ту,
Пушт чун дигарон нахуфтӣ ту?
То ту будӣ, бигӯ гунаҳ кардӣ,
Номаи хештан сияҳ кардӣ.

Гуфт: Рӯзе ҳаме ба раҳгузаре
Сӯи номаҳраме задам назаре.
Ҳам бар он ҷой, к-он назар дидам,
Тамаъ аз ҷони хеш бибридам.
Қадам аз хашм барнакандам ман,
То мар ин чашм барнакандам ман.
Чун зафар ёфт дев бар чашмам,
Чашм кардам сиёҳ чун вашмам.
То зафар ёфт дев бар басарам,
Дидаро дур кардам аз назарам.
Он чи аз ман насиби шайтон буд,
Гашта мар девро ба фармон буд.
Дур кардам зи хештан як роҳ,
То намоям раҳини хашми Илоҳ.
Гуфт Исо: Бигӯй зуд дуо,
Ки туӣ дар замона хоси Худо.
Даст баркард зуд марди амин,
Исӣ андар ақабкунон омин.
Даст бардошт марди динӣ зуд,
Буд Яздон зи феъли ӯ хушнуд.
Дар ҳаво зуд гашт меғ падид,
Абр борон гирифту меборид.
Аз чапу рост селҳо бархост,
Рӯдҳо раҳ гирифт аз чапу рост.
Ҳар киро баргузид Яздонаш,
Бар замона равост фармонаш.
Гар ту фармони ҳақ барӣ, фармон
Бидиҳӣ бар замона чун шоҳон.
Назаре, к-он набоядат мангар,
То наёбӣ ту аз замона хатар.
Ҳар кӣ ӯ нангарад ба ношоист,
Накашад ранҷу ғам ба нобоист...
Ошиқӣ ҷуз ба ихтиёр хатост,
Оҳи ошиқ ба ихтиёр куҷост?

З-оби пушт обрӯй бигрезад,
К-оби пушт оби рӯйҳо резад.
Кард пурбодат андар ин олам
Андуҳи оби пушту нони шикам.
Ин-т чобуксавори дар таку тоз,
Ки пиёда бимонд бо маҳмоз.

## АНДАР СИФАТИ ХУБРӮИ БАДХӮЙ

Он ки бо нақшҳои зебоянд,
Тахтаи кӯдакону дебоянд.
Тамаъ ӯро зи рӯи зебо чист,
Пораи чӯбро зи дебо чист?
Ҳар киро рӯи хуб хӯи дад аст,
Рӯи некӯ далели хӯи бад аст.
Рӯи некӯ ба қадри худ бадхӯст,
З-он хирад хубро надорад дӯст.
Бар касе, к-аш на дин, на оин аст,
Рӯи некӯ кадуи рангин аст.
Ҳар киро бар ҷамол бадниятист,
Дон, ки ҳуснаш чу моҳи ориятист.
Чун чароғанд, лек пажмурда,
Ба наме зинда в-аз даме мурда.

## АНДАР ШАРҲИ ХУБУ ЗИШТ ГӮЯД

Хубро аз барои дасти фарох
Ҷовидон шох-шох резад шох.
Зиштро аз барои ҳасрати чиз
Дасту дил танг чун гузаргаҳи тиз.
Гулханеро кашида андар пӯст,
Ту гаҳаш ҷон лақаб кунӣ, гаҳ дӯст.
Ончунон кард шаҳватат маҳҷуб,
Ки надонӣ ту хукро аз хуб.
Кард бодом дид сими танат,
Дили бирён чу писта дар даҳанат.

Ҳар кӣ дар дасти инчунин дил монд,
То абад пои ӯ фурӯгил монд.
Он бути моҳрӯи симандом,
Чун зарат кард хушраву хушном.
Чун барафшонд зулфи мушкинро,
Ба чӣ дорад чунон дилу динро?
Мору товус рӯю мӯй орост,
Офият Одам асту дил Ҳаввост.
Мору товус, к-омаданд ба ҳам,
Ҳам ба Ҳавво баданду ҳам б-Одам.
В-он ғуломи шигарфи зеборух,
Бути занҷирзулфи деборух.
Бишканад мушк ҷаъди ӯ пуштат,
Дасти ишқаш кунад чу ангуштат.
То ту он рӯи чун гулаш ёбӣ,
Хор пуштат канад зи бехобӣ.
Гарчи пай баргирифт аз сари даст,
Гарданат дасти ӯ чу пой шикаст.
Гарчи бошад зи рӯю мӯй накӯ,
Нони бе нонхуриш хурад бадхӯ.
Бибурад гӯшу бинӣ андар кӯй
Сияҳи чашмашон сапедии рӯй.
Хуштараш аз даруни ӯ кина,
Шуд гил аз акси рӯяш оина.
З-он дили ҳамчу сангаш андар тан
Дили ту хун гириста чун оҳан.
Чун шавад чашми ту чу абр азрақ,
Лаби худ ӯ канад ба ханда чу барқ.

## АНДАР СИФАТИ ШОҲИДОН ГӮЯД

Шоҳиди печ-печро чӣ кунӣ,
Эй кам аз ҳеч, ҳечро чӣ кунӣ?
Эй ду бодоми ту чу гав ба гарав,
Монда аз дасти кӯдакон дар гав.

Чӣ кунӣ бод чун вафоҷӯён
Умр дар ваъдаи накӯрӯён.
Шоҳидони замона хурду бузург,
Чашмро Юсуфанду дилро гург.
Нақши пурофатанд чинивор,
Чашмро гул диҳанду дилро хор.
Боз аз ин дилбарони оламсӯз,
Ишқашон оташ асту дилҳо гӯз.

## ДАР МАЗАММАТИ ШАҲВАТ РОНДАН

Шаҳват ар ҷон-т бора боз кунад,
Бар ту кори бутон дароз кунад.
Гарчи аз чеҳра оламафрӯзанд,
Аз шараҳ дил даранду ҷон дӯзанд.
Ҳама дар банди кори хештананд,
Ошиқон пешашон ҳама шамананд.
Аз паи дурдае равонҳоро,
Чашмашон рахна карда ҷонҳоро.
Бибаранд обрӯи давлати Ҷам
З-он ду зулфу ду абруи пурхам.
Бар ду рух зулфҳо гуво доранд,
Ки наянд одамӣ, париморанд.
Ҳама деванду зан чунон доранд,
Ки зи ҳуро шараф ҳамон доранд.
Мори богесӯянд муште тар,
Заҳр дар яшку муҳра, не дар сар.
Карда аз қуфли зулфмарғулон,
Баҳри дӯлею фитнаи дӯлон.
Сад ҳазорон калиди бо занҷир,
Ҳама пуррчин чу рӯи бадри мунир.
Ҷаъди мафтул ҷонгусил бошад,
Зулфи марғул ғул ба дил бошад.
З-ин накӯён яке зи рӯи итоб,
Пушти ғамро хамедиҳад зи ниҳоб.

## АНДАР СИФАТИ ХУБРӮЁН ВА ШОҲИДОН ГӮЯД

Он нигоре, ки сӯи ӯ нигарӣ,
Ӯ дил аз ту барад, ту дард барӣ.
Рӯй агар ҳеҷ бениқоб кунад,
Роҳ пурмоҳу офтоб кунад.
В-ар кунад ҳар ду банди гесӯ боз,
Се шаби қадр баргушояд роз.
Доягон зулфи ӯ чу тоб диҳанд,
Чиниён нақши худ ба об диҳанд.
Дурҷи дурраш чу нутқ бишкофад,
Шармаш аз гул ниқобҳо бофад.
Шикани зулфаш аз даруни сарой,
Машк даст омаду ҷалоҷилпой.
Гарчи дар пардаҳо тавонад шуд,
З-эч ошиқ ниҳон надонад шуд.
Бӯи ӯ ақлро кунад сармаст,
Рӯи ӯ маргро кунад пасдаст.
Ҳалқаи зулфи ӯ муаммогӯй,
Нақши савдои ӯ сувайдоҷӯй.
Аз лабаш ҷони кӯр кавсарнӯш,
В-аз хаташ чашми ур дебопӯш.
Дев ҳамчун малак шуд аз рӯяш,
Рӯз шаб гашта з-он сияҳ мӯяш.
Рӯю мӯяш беҳ аз шабу рӯз аст,
Шодиафзову маҷлисафрӯз аст.
Мард аз бӯи ӯ ҳаёт барад,
Моҳ аз ҳусни ӯ барот барад.
Чашми сурат зи рафтанаш ҷонбин,
Дасти маънӣ зи доманаш гулчин.
Гоҳ пайдову гоҳ нопайдо,
Ҳамчу нуқта ба чашми нобино.
Хатту холаш чу хатту аҷму набӣ,
Зери ҳар як ҷаҳон -ҷаҳон маънӣ.
Рӯю зулфаш гар ошкорастӣ,
Шабу рӯз ин ки дӯст чорастӣ.

Дар тамошои он дуто гулнор,
Мард бар ҳам фитад чу донаи нор.
Чашм гӯше шавад чу созад чанг,
Гӯш чашме шавад чу орад ранг.
З-он хати мушкранги лаълфурӯш,
Мардуми деҳа гашта дебопӯш.
Рӯз ҳайрон шавад ҳаме зи шабаш,
Бӯса раҳ гум кунад ҳаме зи лабаш.
Ваҳми ошиқ суи лабаш биштофт,
Лаби ӯ ҷуз ба ханда боз наёфт.
Бӯсаи ошиқи равонпардоз
Даҳанашро ба ханда ёбад боз.
На зи ғанҷа ду дида боз кунад,
На зи ханда ду лаб фароз кунад.
Банди зулфаш чу зери тоб омад,
Банди қандили офтоб омад.
Хирмани мушк тӯда бар тӯда,
Хӯшачинон аз ӯ баросуда.
Сурати қаҳру лутфи холу лабаш,
Олами қабзу баст рӯзу шабаш.
Лаъли ӯ дилгушоюю ҷоновез,
Ҷазъи ӯ лаълпошу марҷонрез.
Корхонай рухаш баҳоршикан,
Нордонай лабаш хуморшикан.
Шамъи рух чун зи шарм бифрӯзад,
Оҳувонро карашма омӯзад.
Ҷаъди ӯ ақлу рӯҳро хиргаҳ,
Чашми ӯ чашмро тамошогаҳ.
Ҳар куҷо зулфи ӯ масоф занад,
Зишт бошад, ки нофа лоф занад.
Аз замин бӯи мушк бархезад,
Хуни ошиқ чу зулфи ӯ резад.
Ҷаъдаш аз тоб бар рухи дилхоҳ,
Рост чун холи бебисмиллоҳ.

Дида з-он чашмҳо, ки бардорад,
Ҷуз касе, к-офият басар дорад.
Чашм, к-аз диданаш надорад нур,
Бошад аз рӯи хуб фоида дур.
Қади ӯ дар ду дидаи дилҷӯй,
Ҳамчу сарви баланд бар лаби ҷӯй.
Битавон дид аз латифӣ к-ӯст,
Устухон дар танаш чу хун аз пӯст.
Ҳам гуҳар бо даҳони ӯ арзон,
Ҳам сурин бар миёни ӯ ларзон.
Ҷони ҷон аст нур бар қамараш,
Нури ақл аст лаъли пуршакараш.
Гар бар ӯ анкабутаке битанад,
Дар замон ҳадди зониён-ш занад.

## ҲИКОЯТ

Дид вақте яке пароканда
Зиндае зери ҷомае жанда.
Гуфт: «Ин ҷома сахт хулқон аст»,
Гуфт: «Ҳаст они ман, чунин з-он аст.
Чун наҷӯям ҳарому надҳам дин,
Ҷома лобуд набошадам беҳ аз ин.
Ҳаст поку ҳалолу нангинрӯй,
На ҳарому палиду рангинрӯй.
Чун намозию чун ҳалол бувад,
Он маро ҷавшани ҷалол бувад.
Дарди иллат чу дарди дин набувад,
Марди шаҳват чу марди дин набувад».
Ҳунар ин дорад ин сарои сипанҷ,
Шараҳи понсадаш бувад кам панҷ.
Ишқи ӯ чун сари хато бошад,
Кай туро он зи ҳақ ато бошад.
Хунук он кас, к-аз ӯ бидорад даст,
Набувад ҳамчу мо ғурурпараст.

## АНДАР МАЗАММАТИ ДУНЁ ВА ВАСФИ ТАРКИ Ӯ

Кай бувад ҷуз ба чашми аблаҳваш,
Он ки ӯ ҷону дин ситонад х(в)аш.
Шурби ӯ шар диҳад, хураш хорӣ,
Сими ӯ сам диҳад, зараш зорӣ.
То кай аз лофу аз ситезаи ту,
Ки ма ту ма ҳадисрезаи ту.
Ҳаст бар халқ зери ҷунбиши дур
Чашми гармову чашми сармохур.
Чун бурун шуд зи банди кавну фасод,
Пас биёбад зи эътидол мурод.
Охират ҷӯй з-он ки ҷӯи амал,
Охиратҷӯйрост пур зи асал.
Вар-т дунё хуш аст, ҷои қарор,
Хуш набошад работи мардумхор.
Он хуш ар нафси шаҳвату шараҳ аст,
В-арна ҷои бишахтами табаҳ аст.
Эй супурда, бад-ӯ дилу ҳушро,
Чӣ кашӣ сӯи худ падаркушро
Падаратро бикушт дунё зор,
З-он пурозор дорад ӯ озор.
Кушта фарзанду модару падарат,
Ту бад-ӯ хуш нишаста, к-ӯ ҷигарат
Аждаҳоро ба сӯи хеш макаш,
Ки кашад ҷонтро суи оташ.
Ки тавонад бихонд сураи Тин,
Хушнафас хуфта дар дами танин.
Андар он ҷон, ки сӯзи дин набувад,
Табишу тобиши яқин набувад.
Курра то дар сарои бумарр аст,
То ба сад сол номи ӯ курр аст.
Падару модар он бузургписар,
Мар хитобаш кунанд, ҷони падар.
Гар кунад кӯса сӯи гӯр басеҷ,
Ҷадда чуз навхаташ нагӯяд ҳеҷ.

Дунйӣ аз рӯй зишту чашм на нек,
Ҳамчу бинии зангӣ омад лек.
Карда худро ба сеҳр ҳуроваш,
Чобуку нағзу тарру тозаву х(в)аш.
В-аз дарун сӯи оқилон ҷовид,
Рӯй дорад сиёҳу мӯи сапед.
Чун ҷаҳон дар ҷаҳони номардон
Пойбарҷой бошу саргардон.
Ишқи ӯ бар ту з-он асар кардаст,
К-он сиёҳа сапедтар кардаст.
Ҷом заррину даст пурзангор,
В-андар он ҷом заҳри ҷон авбор!
Ту машав ғарра бар ҷамоли ҷаҳон,
З-он ки наздики оқилу нодон,
Дар ғурураш тавонгару дарвеш,
Рост ҳамчун хаёли ганҷандеш.
Зер бар тар зи муш дар хона,
Ту чу гурбаш ҳамезанӣ шона.
Андар ин муғкада чу аблаҳу маст
Пойи бозе гирифтаӣ бар даст.
В-андар ӯ чор басту ҳафт баланд
Бо ту ҳамшираанду хешованд.
Пас чу одам ту бар тану дилу ҷон,
Ояи «ҳурримат алайкум» хон.
Чун ҷаҳон модару ту фарзандӣ,
Гар найӣ габр ақд чун бандӣ?
Ҳамчу габрон ту аз барои ҷаҳон
Хонда ӯро ду дидаву дилу ҷон.

## АНДАР ТАЛАБИ ДУНЁ

Ҳар кӣ ҷуст аз Худои худ дунё,
Марҳабо, лек набвадаш уқбо.
Ҳар ду набвад ба ҳам, яке бигзор,
З-он сарои нафис даст мадор.
Ҳаст беқадр дунйии ғаддор,
Мар сагонрост инчунин мурдор.

В-он ки аз кирдгор уқбо хост,
Гар мар ӯро диҳем ҷумла, равост.
З-он ки куштор хубкоронрост,
Ҷумла уқбо ҳалолхоронрост.
В-он ки даъвои дӯстйи мо кард,
Аз тану ҷони ӯ барорам гард.
Ҳеҷ агар бингарад суи ағёр,
Зинда ӯро бароварам бар дор.
Донӣ, аз баҳри чист ранҷу ано,
З-он ки «аллоҳа ағйару мино».
Тан худ аз дин ба ком дорад мард,
Ҳар чӣ ҷуз ҳақ,ҳаром дорад мард.

**Андар мазаммати касоне, ки ба ҷома ва луқма мағрур бошанд**

Ҷома аз баҳри аврати омаст,
Хосагонро бараҳнагӣ ҷомаст.
Мар занонрост ҷома андар х(в)ар,
Ҳайдару мард ҷавшан андар бар.
Ҷома бар авратон писандидаст,
Ҷомаи деба офати дидаст.
Мардро дар либоси хулқон ҷӯй,
Ганҷ дар кунҷҳои вайрон ҷӯй.
Мар занонрост ҷома тав бар тав,
Мардро рӯзи навву рӯзии нав.
Чун набошад маломати алфоз,
Бас бувад ҷомаи бараҳна ҳифоз.
Мар занонро бараҳнагӣ ҷома-ст,
Хоса онро, ки шӯху худкомаст.
Нест занро ба ҷома хонаи хуш,
Беҳ зи урёни ҳеҷ авратпӯш.
Авратонанд ҷоҳилон кеҳу меҳ,
Ҳар кӣ пӯшидатар, зи аврат беҳ.
Боқиӣ, дар бақои маънӣ кӯш,
Пунба, рав, боз деҳ ба панбафурӯш.

Чӣ кунад ақл ҷомаи зебо,
Нақши дебо чи донад аз дебо?
Чӣ кушӣ аз паи ҳавас танро,
Гармии ишқ ҷома бас танро.
Дин ба зери кулоҳ дорӣ ту,
З-он ҳавои гуноҳ дорӣ ту.
Бо кулоҳ аз ҳавои тан наҷаҳӣ,
Сар падид ояд, ар кулаҳ биниҳӣ.
Чун сар омад падид дар шабгир,
Пой дарнеҳ, иморат аз сар гир.
Як шабе рав ба вақти шабгирон,
Бо ҳазар дар ниҳон зи харгирон.
Сари худро падид кун зи кулоҳ,
Тавба ин аст аз гузаштагуноҳ.
Чӣ шуд, ар бар сари ту афсар нест,
Хирад андар сар асту бар сар нест.
Нақши онҳо, к-аз аҳли меҳробанд,
Дар ҷариди муҷаррадон ёбанд.
Ай ки нақши кулоҳу сар доранд,
Зану занбилу зӯру зар доранд.
Мутааҳҳил ду пои худ дарбаст,
Сари худро ба дасти худ бишкаст.
Гар зияд в-ар бимирад он бадбахт,
Рахту бахташ бимонд зери дарахт.
Ҳамчунин жандаҷома бояд буд,
Дархури ақли ома бояд буд.
К-он ки аз ақли ома дур афтод,
Оби умраш бидод хок ба бод.

## ДАР ТАЛАБИ ДУНЁ ВА ҒУРУРИ Ӯ ГӮЯД

Зинатуллаҳ на асбу зин бошад,
Зинатуллаҳ ҷамоли дин бошад.
Мурдаӣ з-он шудӣ амири ҳавас,
Дида аз мурдагон кашад каргас.

Дар ҷаҳон мангар аз паи розаш,
Чӣ кунӣ рангу бӯи ғаммозаш,
Ки ту андар ҷаҳони бадсозон
Ҳамчу розӣ ба дасти ғаммозон.
Нест меҳри замона бекина,
Сир дорад миёни лавзина.
Кай сазои ҷаҳони ҷон бошад,
Ҳар киро рӯи дил ба кон бошад.
Сарнагун хезад аз сарои миъод,
Ҳар кӣ рӯй аз хирад ниҳад ба ҷимод.
Ҳар кӣ акнун дар ин кулӯхин гӯй
Аз набиву нубӣ битобад рӯй,
Чун қиёмат барояд аз кӯяш,
Рӯй бошад қафо, қафо рӯяш.
Эй Саноӣ, барои дину салоҳ,
В-аз паи ҷустани наҷоту фалоҳ,
Ҳамчу дарё чу нест ин ҷо ҳур,
Ком пурзаҳр бошу дил пурдур.
З-он ки дар ҷон ба воситай асбоб,
Зифтӣ аз хок русту таррӣ аз об.
Одамӣ чун ғуломи ротиба шуд,
Жожи тайён ба хатти котиба шуд.
Гарчи ҷон ҳамчу об пок омад,
Зар нигаҳдортар зи хок омад.
Варна аркон зи хоки пок астӣ,
Зарнигаҳдортар зи хок астӣ.
Муътиён зифту дил заҳирзада,
Доя бемору тифл ширзада.
Ҳар кӣ дар зиндагӣ бахил бувад,
Чун бимирад чу саг залил бувад.
Беш аз ин баҳри хоҷаву маздур
Натавон рафт дар ҷаволи ғурур.
Ту машав ғарра, к-ӯ сияҳчарда-ст,
К-он сиёҳа сапед баркардаст.

## АНДАР МАЗАММАТИ МОЛДӮСТ

Сифла чун хонд, рав ба меҳмонаш,
Пас чи нонаш шикан, чи дандонаш.
Бар дари коргоҳи табъи лаъим
Н-аз паи эманӣ, ки аз сари бим.
Гарчи занҷир ҳалқа напзирад,
Сифларо дар бизан, ки худ мирад.
Бурда чун тоату дилу динат
Бодаи талху умри ширинат.
Кӯй пурдузду хона пур зи қумош,
Посбонро чу хуш бувад хашхош.
Тамаъи халқу далқ пастии туст,
Завраќи баҳр зарқи ҳастии туст.

## АНДАР МАЗАММАТИ ШАРОБ ГӮЯД

Марди динӣ шароб то чӣ кунад,
Бути чинӣ сароб то чӣ кунад.
Чист ҳосил суи шароб шудан,
Аввалаш шарру охир об шудан.
Кардаӣ ту ба хоки кӯй гарав,
Нархи умраш чу боди хеш ду ҷав.
Ту бад-он об дил магардон х(а)аш,
К-ӯ бад-он об рафт дар оташ.
Ҳамчу Фиръавни шуми гарданкаш,
К-аз раҳи об рафт дар оташ.
В-оташе, к-он бувад-т лавнолавн,
Такя бар оби рӯй чун Фиръавн.
Гарчи бар рӯи қулзум аз зиштӣ
Бар сари баҳр меравад киштӣ.
Масали хамрхорае пайваст,
Назди оқил, к-аз ин миёна биҷаст.
Ҳаст чун ҳуққабози беозор,
Карда ҳангома бар сари бозор.

Дар дил аз сирри ӯ суруре на,
Ҳар чӣ ӯ дод, ҷуз ғуруре на.
Чун кунад арбада, вале шикан аст,
В-ар саховат кунад дурӯғзан аст.
Маст, к-ӯро ду хушсухан бошад,
Нури субҳи дурӯғзан бошад.
Маст чун субҳи козиб аст ба феъл,
Рӯзу шаб ҳамчу ҷозиб аст ба феъл.

## ҲИКОЯТ ВА МАСАЛ

Гуфт Баҳлулро яке доҳӣ
Ҷабҳаи бурд бахшамат, хоҳӣ.
Гуфт: Хоҳам дувист чӯб бар ӯ,
Гуфт: Чӯбат чӣ орзуст, бигӯ.
Гуфт: Зеро ки дар сарои ғурур
Роҳат аз ранҷи дил набошад дур.
Аз паи он ки дар сарои сипанҷ
Ҳеҷ роҳат наёфт кас бе ранҷ.
Андар ин манзили фиребу ғурур
Роҳат аз ранҷи дил набинам дур.
Ҷуббаи мард зуҳду суннати ӯст,
З-он ки тасҳифи ҷубба ҷанати ӯст.
Ҷуббаи бурдро чӣ хоҳам кард,
Ҷуббаи бахш номи ӯ овард.
З-он ки андар сарои роҳату ранҷ
Аз паи номи худ, на аз сари ханҷ.
Ҳар чӣ гардун ба халқ биспурдаст,
Номи ҷумла ба назди ман бурдаст.
Рози ин кулба нафси ғаммоз аст,
Ақли кул ганҷхонаи роз аст.
Чӣ ситонӣ зи дасти он кас қут,
Ки кунад дарс илми моту ямут.

## ҲИКОЯТ

Гуфт марде зи аблаҳӣ розе
Бо яке бадфиол ғаммозе.
Марди ғаммоз пеши ҳар авбош,
Рози он мард кард яксар фош.
Тира гашт аблаҳ аз чунон ғаммоз,
Гуфт бо мард, к-эй бади бадсоз.
Рози ман фош кардӣ, эй нодон,
Ҳамчу пархоши путк бар сандон.
Дили ман кард қасди подошан,
Афганам дар сарои ту шеван.
Навҳа донам яке ба шаст дирам,
В-они ҳафтод низ донам ҳам.
Зоеъ ин ранҷро набигзорам,
Ҳаққи саъят ба ваҷҳ бигзорам.
Бесабаб мар маро биёзурдӣ,
Он чӣ нокарданӣ бувад, кардӣ.
Ба мукофоти он шавам машғул,
То ки аз сар бурун кунӣ ту фузул.
Рафт ногаҳ бар ӯву захме зад,
Марди ғаммоз гашт кораш бад.
Марди ғаммоз кушта шуд ногоҳ,
Кори аблаҳ зи хашм гашт табоҳ.
Подшаҳ мар варо сабук бигирифт,
Ивази вай бикушт, ин-т шигифт.
Бесабаб хира кушта гашт ду мард,
З-он ки нокарданӣ ба ҷаҳл бикард.

## Аттамсилу фӣ акли-р-рибо, окилу-р-рибои каман яъкулу нора-л- лаза[lii]

Гуфт рӯзе ба Ҷаъфари Содиқ
Ҳилаҷӯе, рибодихе, фосиқ
К-аз ҳаромӣ рибо чӣ мақсуд аст,
Гуфт: Зеро ки монеъи ҷуд аст.

З-он рибодеҳ батар зи майхор аст,
К-ин мурувват бар он сахоор аст.
Вақтро охираш агар чарб аст,
Бо Худову расул дар ҳарб аст.
Гар дилат ҳаст бо хирад шуда ҷуфт,
Бишнав аз ҳақ, ки «ямҳақаллаҳ» гуфт.
Андак-андак чу ҷамъ гашт рабӣ,
Биравад ҷумлагӣ, ба хон зи нубӣ.
Ҳирси дунё туро чунон кардаст,
Ки Худоро дилат биёзурдаст.
Сим дорад туро чунон машғул,
Ки натарсӣ ту аз Худову расул.
Гар сад оят бихонӣ аз таҳрим,
Бок н-ояд туро, ки бояд сим.
«Явми юҳмӣ» нахонӣ аз Қуръон,
Вой бар ҷони аблаҳи нодон!

## ҲИКОЯТ

Ба гадое бигуфтам: Эй нодон,
Дин ба дунон мадеҳ зи баҳри ду нон.
Аблаҳона ҷавоб дод аз саф,
К-аз паи ҳирқаву ҷимоъу алаф
Рост хоҳӣ, бад-ин таланг хушам,
Ин кунам беҳ, ки бори халқ кашам.
З-он суи гидя бурд оз маро,
То набошад ба кас ниёз маро.
Ваҳ, ки то дар ҷаҳони пурташвиш
Чанд ханданд аблаҳон з-он риш.
Эй басо риш, к-андар ин хона-ст,
Ки худованди он ба қасрона-ст.
Дили аблаҳ чу ҳирс бартобад,
Бештар ҷӯяд, он ки кам ёбад.
Дунйӣ ар дӯстро ғаму ҳазан аст,
Ошиқи душманони хештан аст.

Гар туро молу ҷоҳу тамкин аст,
Ҳодису ворис аз паи ин аст.
Молат он дон, ки ком ронд аз ту,
К-он чи монд аз ту, он бимонд аз ту.
Он чӣ бидҳӣ, бимонд ҷовидон,
В-он чӣ бинҳӣ, варо ба мол махон.
Дода монад, ниҳода они ту нест,
Рав, бидеҳ, мол беҳ зи ҷони ту нест.
Ҳар чӣ монд аз ту он ба неку ба бад,
Бахшиши марг дон, на бахшиши х(в)ад.
Чун арӯсест зоҳири дунё,
Лек ботин чу золи бемаъно.
Дину дунё ду зидди якдигаранд,
Ҳар куҷо дин бувад ,дирам нахаранд.
Кори дунё ба ҷумла махраҷа дон,
Хештанро зи макри ӯ бираҳон.
Душмани туст, дӯст чун дорӣ,
Деру зудаш ба ҷой бигзорӣ.
Кори дунё ба ҷумла бозӣ дон,
Тарки ӯ иззу сарфарозӣ дон.
Ҳубби дунё туро ба нор диҳад,
Май надода туро хумор диҳад.
Ҳар киро ҳаст андуҳи бешӣ,
Ҳамраҳи ӯст куфру дарвешӣ.
Аз бурун марди мард қут ниҳад,
Дом дар хони анкабут ниҳад.
Сӯфиён дар даме ду ид кунанд,
Анкабутон магас қадид кунанд.
Мо, ки аз дасти рӯҳ қутхӯрем,
Кай намаксуди анкабут хӯрем?
Оби шӯр аст озу ту сафарӣ,
Ташнагӣ беш, ҳар чӣ беш х(в)арӣ.
Ташнагӣ оби шӯр наншонад,
Махӯр он к-ат аз ӯ шикам ронад.

Оби шӯр аст неъмати дунё,
Чун бувад оби шӯру истисқо.
Рух ба дин ору бас кун аз динор,
З-он ки динор ҳаст фардо нор.
Ҳар кӣ анборнеҳ чу мӯр бувад,
На ҳамоно зи ор ур бувад.
Мӯр бошад мудом дар такупӯй,
Биму ранҷу алам зи дунёҷӯй.
Мӯр бошад ҳамеша дар тагутоз,
Мард бошад чу боз дар парвоз.
Мӯри ҳирс аз даруни сина барор,
Чунки он мӯр зуд гардад мор.
Оз дорад бар остонаи хеш
Сад ҳазорон тавонгари дарвеш.
Боз дорад қаноат андар ҷой
Сад ҳазорон гадои бори Худой.
Ҳар кӣ ӯ қонеъ аст, ёри Худост,
В-он ки ӯ томеъ аст, дон, ки гадост.
Озро сурат аз сурур бувад,
Лек сират ҳама ғурур бувад.
Аз бурунаш ба сеҳр зебе дон,
В-аз дарун мояи фиребе дон.
Марди дарвеш худ забун омад,
Бар Худои ғанӣ бурун омад.
Марди дарвешро Худои азиз
Андар ин лофгоҳи бетамйиз
Ба ғанӣ аз барои он н-орост,
К-аз ғанӣ кибру кинаву шар хост.
Ба ғано з-онш ҳақ наёрояд,
К-аз ғано кибру аблаҳӣ зояд.
Кай ғанӣ бо фақир дарсозад,
К-ӯ ба дунёву ин ба дин нозад.
Аз пайи майли дил ба дидаи сар
Ҳеҷ дар моли нокасон манигар.

Ҳар кӣ моли касон ба чашм орад,
Бо Худояш ҳаво ба хашм орад.
Дод пайғом ҳақ ба пайғамбар,
Ки ба дунёву аҳли ӯ мангар.
Дида-т аз нақши душманон полой,
Чашмат аз рӯи дӯстон орой.
То бувад рӯи Бӯзару Салмон,
Чӣ кунӣ нақши ину талъати он?!
Пас, чу дунёт сӯи хеш барад,
Кай паямбар ба сӯи ту нигарад?
Чун паёмбар ба дидаи набавӣ,
Нангарад сӯи ту, ту бар чӣ бувӣ.

## АНДАР НАҚСИ ДУНЁ ГӮЯД

Дунйӣ арчи зи ҳирс дилбари туст,
Даст зӣ ӯ мабар, ки модари туст.
Гар наӣ габр, пас ба хушсуханиш,
Модари туст, чун кунӣ ба заниш?
Ҳамчу қуръа барои фолаш дор,
Гаҳ бияндозашу гаҳе бардор.
Гарчи каждум зи неш бигзояд,
Доруиро ҳамат ба кор ояд.
Мор гарчи ба хосият бадхӯст,
Посбони дарахти сандал ӯст.
Чун зи бонги сагон шавӣ дилтанг,
Санг баргиру деҳ сагонро санг.
В-он сагеро, ки кард пой афкор,
Нони бесӯзанаш мадеҳ зинҳор.
Мӯракеро агар биёзорӣ,
Чира гардӣ ба зулму хунхорӣ.
Аз паи растан аз сарои хасон
Ҳила кун, лек бад ба кас марасон.
Бо хасон худ нишасту хост макун,
Қатъ кардан зи хас равост, макун.

Пас, агар ногаҳе дарафтодӣ,
Созгорӣ беҳ асту дил шодӣ.
Бош бар дасти рост ҳамчу биҳишт,
Дӯзах аз дасти чап шиносу куништ.
Боз бар дасти рост рав чунон,
Бо фурӯдаст дасти дастон мон.
Рост бар дасти рост рав,растӣ,
В-ар на кач рав,чу аҳд бишкастӣ.
Ман надидам саломатӣ зи хасон,
Гар ту дидӣ, саломи ман бирасон.
Чун туро гашт нӯши ваҳдат беш,
Бидеҳ он нӯшро ба ҳиддати неш.

## АНДАР БАЁНИ НАСАБИ ОДАМӢ

**Ман арафа нафсаҳу, фақад арафа раббаҳу**[liii]
Ту ба қувват халифаи ба гуҳар,
Қуввати хешро ба феъл овар.
Одамиро миёни ақлу ҳаво
Ихтиёр аст шарҳи «Каррамно».
Одамиро мадор хор, ки ғайб
Ҷавҳаре шуд миёни растаи айб.
Аз убайдон варои парда чаро
Ихтиёр ихтиёр карда туро?
То ту аз роҳи хашму қаллошӣ,
Ё дадӣ ё баҳимае бошӣ.

## ДАР ҲИРСУ ШАҲВАТУ ХАШМ ГӮЯД

Бар се навъ аз сутуру деву дадаст,
Сару гардан яке ду пою ду даст.
Сагу асб аст бо ту дар маскан,
Он газандасту ин дигар тавсан.
Он мураввиз кун ин муъаллам кун,
Пас дарою ҳадиси Одам кун.

Умр додӣ ба макру шаҳвату зӯр,
Чи ту мардум, чи деву дад, чи сутур.
Бо ҳама ҳасрату фиғону ғирев
Пои ақлат бибастаанд се дев.
Бо се дев ар зи одамӣ, як дам,
Ту ҳамон кун, ки дев бо Одам.
Он ки беранг зад туро найранг,
Дар ту бинҳод ҳирсу шаҳвату ҷанг.
Доъии хайру шар даруни туанд,
Ҳар ду дар неку бад забуни туанд.
Дар раҳи хилқи хубу сирати зишт
Ҳафт дӯзах туиву ҳашт биҳишт.
Ҳама мақсуди офариниши кавн
Туӣ, эй ғофил, аз маъунату авн.
В-аз даруни ту ҳаст аз паи дин,
Сад ҳазор осмон фузуну замин.
Ҷуз беҳӣ ҷонтро баҳо надиҳад,
Ҷуз бадӣ тантро нидо надиҳад.
Хашму шаҳват ба ҳар куҷо хурдаст,
Сабаби нафъи неку дафъи бад аст.
Шаҳват асб асту хашм саг дар тан,
Мӯътадил дор ҳар дуро дар фан.
Мабияфзой ҳар дуро, мабикоҳ,
Дор бар ҳадди эътидол нигоҳ.
З-он ки донад касе, ки роизи хӯст,
К-он чи дар саг накӯ, дар асб накӯст.
Аз паи нафъу дафъу қуввату ҷоҳ
Бо ту хашм асту орзӯ ҳамроҳ.
Он киро хашму орзӯ набувад,
Дар киёсат чунон накӯ набувад.
Наравад ҷуз ки аблаҳу бадхӯй
Дар сафар бесилоҳу бенерӯй.
Одамӣ шуд ба илму ақл азиз,
Набувад пои мизро тамйиз.

Ақлу ҷони ту кадхудои туанд,
Чор табъи ту чор пои туанд.
Кадхудоро чу нест як маркуб,
Гарчи род аст, бошад ӯ маъюб.
Чор поро агар накӯ дорӣ,
Ақаботи маҳиб бигзорӣ.
В-ар надорӣ накӯ, фитода шавӣ,
Зуд-зуд аз ду хар пиёда шавӣ.
Пас, ту монанди кадхудой махусб,
Хира бар пушти чорпой махусб.
Чун ту бо офтобу маҳ хешӣ,
Соя бар ту чаро кунад пешӣ?
В-ар туро ҳаст моҳ, ёрӣ деҳ,
Тӯзӣ аз моҳ дур дорӣ, беҳ.

## ДАР МАЪНИИ ОН КИ ОҚИЛОН БЕҒАМ НАБОШАНД

Маърифатро шараф паноҳи шумост,
Мағфиратро алаф гуноҳи шумост.
Одамӣ баҳри беғамиро нест,
Пой дар гил ҷуз одамиро нест.
Ҳама мақсуди офариниш ӯст,
Аҳли таклифу ақлу биниш ӯст.
Аршу фаршу замон барои вай аст,
В-ин табаҳхокдон на ҷои вай аст.
Ӯ дар ин хоктӯда бегонаст,
З-он ки бо ақл ёру ҳамхонаст.
Хандаву гиря одамӣ донад,
З-он ки ӯ ранҷу беғамӣ донад.
Шодӣ аз аҳли ақл бегонаст,
Одамиро худ андуҳ аз хонаст.
Ғам дар он аст, к-аз таносонӣ
Беғамиро ту ғам ҳамехонӣ.
Ғам туро мехурад зи бехатарӣ,
Ту чунон кас най, ки ғам нах(в)арӣ.

Чун туро хӯрду гашт фарбеҳ ғам,
Ғами ту шуд фузуну мардӣ кам.
Алафи ғам туӣ дар ин олам,
Чун ту рафтӣ, алаф наёбад ғам.

**Андар сифати нафси баҳимӣ ва анвоъи шаҳавот**

Сабаби хашму шаҳват аз луқма-ст,
Офати зеҳну фитнат аз луқма-ст.
Марди шаҳватпарастро дажхим,
Батар аз бутпараст хонд ҳаким.
Бандаи батну лаззату шаҳавот
Батар аз бандаи Узову Манот,
К-ин зи хавф аз бадӣ насозад соз,
В-он зи шаҳват ба бад гарояд боз.
Хашму шаҳват хисоли ҳайвон аст,
Илму ҳикмат камоли инсон аст.
Ту ба гавҳар халифаӣ зи Худой,
Бар хариву сагӣ фуруд маой.
То ту аз хашму орзӯ мастӣ,
Ба Худой, ар ту одамӣ ҳастӣ.
Кардаӣ бо дилу ҷигар дарҳам
Хашми Иблису шаҳвати Одам.
З-ин ду қувват ба гоҳи кому набард
Ба сибоъу баҳима монад мард.
Иффату ҳилм олати хираданд,
Шаҳвату хашм офати хираданд.
Навму яқзе кӣ дид дар як мард?
З-он ки аздод ҷамъ натвон кард.
Ё бувад хуфта, ё бувад бедор,
Ҳар ду дар як савиъа чашм мадор.
Сар ба ҳукми Худои хеш дарор,
То магар одамӣ шавӣ якбор.
Эй зи шаҳват тағор олуда,
Зердасти чаҳор зан буда,

Хашму шаҳват ба зери пой дарор,
Орзуро дар орзу бигзор.
Эй муқим аз ду дев девона,
Шаҳвати ҳезу хашми мардона.
Ҳамчу арра дусар ду нохуш хӯй,
Он-т з-ин сӯ кашадду ин з-он сӯй.
Ин кунад лутф, лек то талбис,
В-он кунад кибр, лек чун Иблис.
Писари хоҷаи ҳама ҳайвон,
Зишт бошад ғуломи ҷомаву нон.
Эй шуда шоҳ бар ҳама ҳайвон,
То кай андӯҳи ҷомаву ғами нон?
Чун туро нест бар Худой вусуқ,
Нест ҷонат ба ризқи ӯ марзуқ.
Мар туро ин ниёз нест кунад,
Дилу ҷони ту оз нест кунад.
Ғофил аз кирдгору аз кораш,
Кардаӣ ихтиёр озораш.
Он чи гуфта макун, бикарда ҳама,
В-он чи гуфта махур, бих(в)арда ҳама.
Ношунида зи манҳии гардун,
Ояти «ар-риҷолу қаввомун».
Мард хӯи бади занон чӣ кунад,
Пунбаву дуку дукдон чӣ кунад?!

## АНДАР ҲАШРУ НАШР

То ту з-ин манзил одамӣ наравӣ,
Дон, ки андар гави сақар гаравӣ.
Бош то халқро барангезанд,
То киянд, аз дарун чунон хезанд.
Гарчӣ ин ҷо Қубоду Парвизӣ,
Чун авонӣ, зи гил саге хезӣ.
В-арчи ин ҷо амирӣ аз зару зӯр,
Бо такаббур зи хок хезӣ мӯр.

В-арчи ин ҷо зи из шаҳаншоҳӣ,
Ёбӣ аз зулм дасткӯтоҳӣ.
В-ар фақеҳӣ, валек шӯрангез,
Дев хезӣ ба рӯзи растохез.
В-ар бувӣ зуҳдвараз, лекин хар,
Ҳезуми дӯзахӣ валекин тар.
В-ар бувӣ қозиву ситамкора,
Рӯзи маҳшар шавӣ ту бечора.
В-ар бувӣ олиму на омил ту,
Дузабонӣ бувӣ, на комил ту.
Чун ту бо сирати баде резӣ,
Дон, ки бо сурати даде хезӣ.
Баду неки ту бар ту бошад меҳ,
В-аз баду неки ту касеро чӣ?
Маънӣ аз хона чун ба кӯй ояд,
Нақши дилҳо ба сӯи рӯй ояд.
Кунад аз баҳри ҷилва мабдаъ чун
Қуввати андаруну қуфли бурун.
Некӣ афзуд оби бозпасон,
Аз бадӣ хок бар сари магасон.
Гар ту некӣ, маро чӣ фоида з-он,
В-ар бадам ман, туро аз он чӣ зиён?
Он қадар бас туро дар ин кулба
Ҳаваси мушу дониши гурба.

## **ФӢ ТАМСИЛ**[LIV]

Дар тамаъ з-ин сагони мазбалапӯй,
Эй кам аз гурба, дасту рӯй бишӯй.
Гурба ҳам рӯйшӯю ҳам дузд аст,
Лоҷарам з-он сарой бемузд аст.
Мушро мӯй ҳаст чун санҷоб,
Лек покӣ наёяд аз дарёб.
Напазирад дибоғат, ар чӣ накӯст,
Нашавад пок ҳамчу дигар пӯст.

Ною чанге, ки гурбагон доранд,
Мушро худ ба рақс нагзоранд.
Берасан дузд хонакан бошад,
Мӯр ҳам дузду ҳам расан бошад.
То тани туст чун дили кафтор,
Лату луташ якест дар гуфтор.
Монда дар пеши ину он ба фусӯс,
Хоякан неву хонакан чу хурӯс.
Чун ба шаҳр он касон, ки хурсанданд,
Камар аз баҳри хоҷагӣ банданд.
Ҳон, қаноат гузин, ки томеъи дун
Дар ду гетист бо азоб алҳун.
Толеъи он ки дин ба ҳирс фурӯхт,
Дар вуболаш ба эҳтироқ бисӯхт.
Дастбурде наёфт аз паи банд
Пои ҳирси ту аз қаноати банд.
Гар беҳӣ, худ равон-т наҳросад,
В-ар бадӣ, зоҳидат бинашносад.

## ДАР ИНСОНӢ ВА ҲАЙВОНӢ ГӮЯД

Ҳаст таркиби нафси инсонӣ
Нафсиву ақливу ҳаюлонӣ.
Аз дилу ҷону неруе фоит,
Ҳадди ӯ ҳаййи нотиқи моит.
Гилу дил дон сириштаи одам,
Ин бар он, он бар ин шуда дарҳам.
Ҳар чи ҷуз мардуманд, якранганд,
Ё ҳама сулҳ, ё ҳама ҷанганд.
Рӯҳи инсон аҷоибест азим,
Одам аз рӯҳ ёфт ин таъзим.
Булаҷаб рӯҳ рӯҳи инсонист,
Ки дар ин девхона зиндонист.
Гоҳ бо амр сӯи ҳақ ёзад,
Гоҳ бо халқ холаке бозад.

Фалаке зери дасти ӯ пайваст,
Ӯ худ аз дасти хеш ҳафт ба даст.
Пой андар тану яке дар ҷон,
Мутаҳаййир бимонда чун марҷон.
Гилу дил одамӣ чу нахчир аст,
Ҳам забун асту ҳам забунгир аст.
Гоҳ оҷиз, заифтан зи табе,
Гоҳ ҳамчун сабуъ пур аз шағабе.
Тан заифу қавидил одамӣ аст,
Офарида тан аз гил одамӣ аст.
Лек дорад миёни гил гавҳар,
Нест аз халқ мар варо ҳамсар.
Эътиқоди туро ба хайру ба шар
Ҷуз қиёмат мабод қиматгар….

## ҲИКОЯТ ДАР ИН МАЪНӢ

Пеш аз одам зи дасткӯтоҳӣ
Дӯстӣ дошт мурғ бо моҳӣ.
Ҳар яке дар мақоми худ сокин,
Он зи фах фориғ, ин зи шаст эмин.
Одамӣ дар замин чу бипрокананд,
Моҳӣ аз меҳри мурғ дил барканд.
Гуфт: Бадруд бошу рав ба фароз,
З-он ки ман зери об рафтам боз,
Ки ба олам ниҳод насле раҳ,
К-аз сари ҳилату зи шарру шараҳ,
Ҳам маро зери об нагзоранд,
Ҳам туро аз ҳаво ба паст оранд.
Ҳамаро ҷумла нест гардонанд,
Бар сибоъу дадон шаҳӣ ронанд.
К-одамиро ба ваҳми дурандеш
Ҷирмаш аз мо кам асту ҷурмаш беш.
Ҳолашон аз барои ҳилаи мост,
Ақлашон аз паи ақилаи мост,

К-аз диноат зи роҳи оҳану най
Гардад анбози ҳақ ба дунё шай.
Одамизода нозанин бошад,
Қаҳру лутфаш барои ин бошад.
Гаҳ ба бонге заифком шавад,
Гаҳ ба донге Худойном шавад.
Ба хасе сахтсар шавад ба миҷоз,
Ба ғаме сустпой гардад боз.
Гоҳ тан баргузорад аз Кайвон,
Гоҳ гардад зи хораке ҳайрон.
Собиқат з-ӯ нуҳуфта дар аввал,
Хотимат з-ӯ ба мӯҳри ҳукми азал.
Гоҳ айвон барад ба чархи чаҳор,
Гоҳ гардад зи ним курм афгор.
Гоҳ маснад ниҳад бари фарқад,
В-аз ҳариру қасаб кунад марқад.
Гоҳ гардад ба хуну хок дафин,
Бистар аз хок в-аз хасак болин.
Собиқат з-ӯ нуҳуфта дар рондан,
Хотамат з-ӯ ба мӯҳр дар хондан.
Он ки мондаст саҳмаш аз тақдир,
В-он ки рафтаст бимаш аз тайсир.
Ин ҳама чист? Санъати тақдир,
В-он ҳама чист? Ҳосили тақсир.

**Андар он ки одамӣ пас аз ашё ва ҷиҳот пайдо шуд**

Аз ҳавову зи табъ дар инсон
Даъвати ақл пастар аз ҳама дон.
Гар пас аз ҷисму ҷон дарояд дин,
Дар маротиб аҷаб чӣ дорӣ ин?
Духтари тифлро паи пайванд
Аввалаш лӯъбат асту пас фарзанд.
Надарояд ба вақти ҷунбиши гул
Гурба дар бонгу он гаҳе булбул.

Донад он, к-аш диле хирадманд аст,
Ки аз ин бонг то бад-он чанд аст.
Фарқ донанд мардуми ҳушёр
Бонги хар з-арғунуну мусиқор.

**Андар баёни зулумӣ ва ҷуҳулии инсон**

Ҳеҷ бадномӣ одамиро беш
Нест аз ҷаҳлу аз залумии хеш.
Чӣ ҳадис аст, ҳар чӣ пеш ояд,
Ҳама аз зулму ҷаҳли хеш ояд.
Ҳақписанд аст олиму одил,
Банда гаҳ золим асту гаҳ ҷоҳил.
Одамӣ бо гунаҳ шикастатар аст,
Пои товус чашмзахми пар аст,
К-он ки гӯяд манам шуда маъсум,
Ӯст бар нафси хештан майшум.
К-он кӣ худро шикастадил бинад,
Хештанро ба дил хиҷил бинад.
Ӯст шоистаи Худои карим,
Эмин аст аз азоби нори ҷаҳим.
Гуфт Довудро Худои ҷаҳон,
Ки манам ёвари шикастадилон.
Ҷони покон хизонаи фалак аст,
Ҷисми некон нишемани малак аст.
Ҷисми ту гарчи нописандидаст,
Шӯхчашмаст, лек хушдидаст.
Одамӣ сар ба сар ҳама оҳуст,
Зан чунон оядаш, ки бас некӯст,
Айб дорад дусадҳазорон беш,
Ҳунараш он, ки аз баҳоим пеш.
Гар бувад зинаташ зи ақлу адаб,
В-арна ҳам бо баҳоим аст насаб.

**Андар накӯҳиши шикамхорӣ**
**ва бисёр хӯрдан**

Аввалин банд дар раҳи Одам
Буд нойи гулӯву табли шикам.
Меҳтарин банд ҳаст нойи гулӯ,
Кунадат табли батн шашпаҳлӯ.
Таблу ной аст асли фитнаву шар,
Ҳар ду бигзор хору худ бигзар.
Ҳар к-аш имрӯз қибла матбах шуд,
Дон, ки фардош ҷой дӯзах шуд,
К-одамиро дар ин куҳанбарзах
Ҳам зи матбах дарест дар дӯзах.
Гар ҳаме номи меъда хум накунӣ,
Кам турук то тариқ гум накунӣ.
Чун сагу гурба оби шарм барад,
То зи халқ обу нони гарм барад.
Камхуриш тухми шарру батнат нест,
Ҳар куҷо батнат аст, фитнат нест.
Камхуриш мард карданӣ бошад,
Марги дунон зи х(в)арданӣ бошад.
Баҳри кам хӯрдан асту беобӣ,
Зеҳни ҳиндуву нутқи аъробӣ.
Ин бувад зирак, он набошад ғумр,
Ин на бемору он на кӯтаҳумр.
Чун хурӣ беш, пил бошӣ ту,
Кам хурӣ Ҷабраил, бошӣ ту.
Камхурӣ зеҳну фитнату тамйиз,
Пурхурӣ тухми хобу олати тиз.
Хиффати зоди роҳиб андар дайр,
Дорадаш дар сафои хотир хайр.
Ҳар кӣ бисёрхор бошад ӯ,
Дон, ки бисёр хор бошад ӯ.
Боз ҳар оқиле, ки камхор аст,
Ба ҳақиқат бидон, ки кам хор аст….

**Фӣ замми ҳубби-д-дунё ва манъи шурби-л-хамр**

Май ҳамехур кунун ба бӯи баҳор,
Бош, то бардамад зи гӯри ту хор.
Эй чу Фиръавни шуми гарданкаш,
Аз раҳи об рафта дар оташ.
Чӣ кунӣ дар миёни ранҷи хумор,
Кори обе, ки оташ орад бор?
З-он чунон хун, ки аз лагад резанд,
Пас зи тобут хум барангезанд.
На ки зинда шавӣ, газанда шавӣ,
Аз лагадмурдае чӣ зинда шавӣ?
Чун чу шерон ба гирди худ начарӣ,
Ҳамчу рӯбоҳ хуни раз чӣ х(в)арӣ.
Ишқ берун барад туро зи х(в)адӣ,
Бехудиро бидон зи бехирадӣ.
Бо хирад майл сӯи мул чӣ кунӣ,
Сипари хор барги гул чӣ кунӣ.
Он ки дорад хирад, нахоҳад мул,
В-он ки бошад ҳазин, набӯяд гул.
Аз паи ҳуш бармагардон майл,
Хоса мастиву хона бар раҳи сайл.
Чун бароте надорӣ андар деҳ,
Лошахурро ба дасти дузд мадеҳ.
Беҳ бувад хоҷаро дар ин бозор,
В-андар ин гулшану дар ин гулзор
Киса холиву шаҳр пурмотам,
Шаръ хасму надим бо маҳрам.
Кӯй пурдузду зӯбаъ асту парӣ,
Ту ҳаме кӯку кӯкнор х(в)арӣ.
Ҳазми худ кун, ки дуздат аз хона-ст,
Хозинат хоин асту бегона-ст.
То кай аз хештан кай будан,
Дил-т нагрифт з-одамӣ будан?
Андар ин сури пур зи шӯру шағаб
Дил пур аз ғам нишину меҳр ба лаб.

Бода хӯрдӣ, валек боке на,
Дӯғ хӯрдӣ, валек бо кина.
Чун шудӣ масти ҳастӣ, эй сода,
Хики бода чу хок афтода.
Чӣ кунӣ бода, к-андар ин фарсанг,
Бор шиша-сту раҳ яху хар ланг.
Хари лангу заъифу бори гарон,
Манзилат- санглоху ту ҳайрон.
Роҳ торӣ, чароғ беравған,
Боди сарсар, ту боди хонашикан.
Сари бемағзу пойи маҳкам не,
Мол ҳамдасту ёр маҳрам не…

**Андар мазамматиафъоли зишт, ки аз хубиҳои баҳимӣ аст**
**Зикру-л-масолиби ли-т-таваққо ло ли-л-қабули ва-т-тилқо**[lvi]

Озро аз даруни худ пайваст,
Хок бар сар бимону бод ба даст.
Озро мор дон, ки дар олам,
Нашавад ҷуз ба хок сер шикам.
Сурати тамъ, к-офати башар аст,
Бӯзина сагдум асту гурбасар аст.
Сурати бухл он, ки зардор аст,
Куни пурҳору тизи ноҳор аст.
Зулмро чун сагону дев ангор,
Наҷису обрезу оташхор.
Хашм дар зери хомаи наққош
Саги лоша-сту деви оташпош.
Сурати орзу чу товус аст,
Боли масъуду пои манҳус аст.
Ҳаст нақши ҳасад суи аҳрор,
Гурги Юсуфдару фариштахор.
Ҳаст шакли риё чу сурати шамъ
Табиш ӯрову тобиш андар ҷамъ.
Ҳаст дар чашми кибр нақшу ҳашам
Шакли канносу акмаву абкам.

Нақши эъҷоб ҳаст дар сина,
Қуббае шашҷиҳат дар оина.
Ҳама дар нафси носипоси туанд,
Ҳама дар пардаи ҳавоси туанд.
Бош, то рӯйбанд бигшоянд,
Бош, то бо ту дар ҳадис оянд.
То киёнро гирифтаӣ дар бар,
То киёнро нишондаӣ бар дар.
То бимирӣ накушта эшонро,
Кам кунӣ мулку милки хешонро.
Чун равӣ дар ҷаҳони поянда,
Бо ту оянд ҷумлагӣ зинда.
Аз паи панҷрӯза роҳгузар
Обрӯи ҳаёти хеш мабар.
Шермардон, ки рух ба хок оранд,
Ба раҳовард ҷони пок оранд.
Ту раҳовард чун бихоҳӣ мурд,
Даду деву сутур хоҳӣ бурд.
Озу кибр асту бухлу ҳиқду ҳасад,
Шаҳвату хашмат аз даруни ҷасад.
Ҳафтдар дӯзаханд дар парда,
Оқилон номашон чунин карда.
Мард, к-аз ҳафти ин сарой наҷаст,
Кай тавонад зи ҳафт он ҷо раст.
Дон, ки дар ҷон-ш тафт бошад тафт,
Ҳар кӣ як ҳафт кард аз ин ҳар ҳафт.
Беш бояд, ки дар хирад бирасӣ,
Пас ба-дон хиттаи абад бирасӣ,
К-андар он хитта з- аҳли нафсу нафас
Марг мирад, дигар намирад кас.

**Ат-тамсилу фӣ шаъни асҳоби-л-ғафлати ва назари-с-суъ lvii**

Он шунидӣ, ки дар тавоф зане
Гуфт бо он ҷавон накӯ сухане.
Чун варо дар тавоф дид он мард,
Гашт лахте зи сабру дониш фард.

Гашт ошиқ ба як назар дар ҳол,
Гуфт бо зан зи ҳоли хеш аҳвол.
Гуфт бо он ҷавон зан аз дониш
Он чунон зан зи мард беҳ донаш,
К-эй ҷавон, нест мар туро маълум,
К-аз кӣ мондӣ дар ин назар маҳрум.
Андар ин мавзеъ, эй ҷавони зариф,
Он беҳ ояд, ки ӯст марди афиф.
Ваҳ ки аз холиқат наёяд шарм,
Ки ба як сӯ фикандаӣ озарм.
Холиқи ту ба ту шуда нозир,
Ту ба дил ношуда бараш ҳозир.
Ин на ҷои таматтуъу назар аст,
Ҷои тарс асту мавзеъи хатар аст.
Кирдгори ту мар туро нигарон,
Ту ба шаҳват мутобеъи дигарон.
Мардро шарм беҳ ба ҳар коре,
Нест чун шарм мар туро ёре.
Шарм дор аз Худои холиқи бор,
В-он гаҳ аз халқ ҳеҷ бок мадор…

## ДАР ТАСВИЯТИ ПОРСӢ ВА ТОЗӢ

Фазли дин дар раҳи мусалмонист,
Ҳунари мулк раҳ фародонист.
Ҳаст мӯҳтоҷи корсозӣ мулк
Чӣ кунад порсию тозӣ мулк.
Аз паи дину шуғлпардозӣ
Ҳеҷ дар баста нест дар тозӣ.
То Умар шамъи тозиён бифрӯхт,
Касрӣ андар Аҷам чу ҳима бисӯхт.
Мулк адл асту дини дилпарвард,
Тозию порсӣ чӣ хоҳад кард?!
Порсӣ баҳри корсозии туст,
Тозӣ аз баҳри курратозии туст.

Гар ба тозӣ касе малак будӣ,
Булҳикам хоҷаи фалак будӣ.
Тозӣ ар шаръро паноҳ астӣ,
Бӯлаҳаб офтобу моҳ астӣ.
Мардро чун ҳунар набошад кам,
Чи зи аҳли Араб, чи з-аҳли Аҷам.
Баҳри маънист қадр тозиро,
Н-аз паи сурати маҷозиро.
Ҳар кӣ шуд ҷони Мустафоро аҳл,
Чӣ кунад ришу сиблати Бӯҷаҳл.
Баҳри маънист сурати тозӣ,
На бад-он то ту хоҷагӣ созӣ.
Рӯҳ бо ақлу илм донад зист,
Рӯҳро порсию тозӣ чист?
Инчунин ҷилфу беадаб з-онӣ,
Ки ту тозӣ адаб ҳамехонӣ.

## ДАР БАЁНИ ОН КИ АДАБ БА ФОРСӢ ВА АРАБӢ НЕСТ

Илм хон, то-т ҷон қабул кунад,
Ки туро фазл булфузул кунад.
Бӯлаҳаб аз замини Ясриб буд,
Лек «қад қомати сало» нашнуд.
Буд Салмон худ аз диёри Аҷам,
Бар дари дин ҳаме фишурд қадам.
Илм, к-аз баҳри худ кунӣ бар даст,
Об хоҳад, чу ташнагӣ пайваст.
Кай шавад баҳри порсӣ маҳҷур,
Тоҷи Мино зи фарқи Салмон дур.
Кард чун аҳли байти худро ёд,
Дили Салмон ба лафзи Мино шод.
Кай расонад ба ҳикмати адабат
Занни тахйилу ҳилату шағабат.
Боз Бӯҷаҳл агарчи наздик аст,
Дӯсте дурдаст торик аст.

Чун туро ҷуз ҳаво умед накард,
Дил сияҳ карду ҷон сапед накард.
Пас дар ин роҳи бо салосилу ғал,
«Чор қул» ҳирзи туст бар сари кал.
Нест ҷуз нубвати раҳи набавӣ,
Нақли наҳвиву шубҳати санавӣ.
Нисбати дин дуруст бояду бас,
З-он ки давлат шикаста шуд зи ҳавас.
Давлат аз рӯи шиддату савлат
Дави имрӯз дону фардо лат.

## АНДАР ХӮРДАНИ ШАРОБ ВА ХАВОСИ ОН ГӮЯД

Мар саронро чу томеъу майхор,
Баҳри чӣ дарди сар диҳам чу хумор.
Май чу бо расм дар ниҳод шавад,
Оташу хоку обу бод шавад.
З-он бар ӯ чор табъ даст наёфт,
Ки суи ҳеҷ кас ба по наштофт.
Ҳаст май дар ниҳоди худ пайваст,
Дар кафи пои ақлу бар сари даст.
Шоҳи май бар ҷамоли тан чираст,
Моҳи ақл аз камоли май хираст….
Ҳаст дар роҳи фикрати оқил,
Аз паи кашфи фитрати ғофил.
Мадади ишрати ҷавонмардон,
Нуқли ҳуррону ноқиди мардон.
Андаке з-ӯ азизу тандор аст,
Боз бисёрхор аз ӯ хор аст.
То ту ӯро хурӣ, азизаш дор,
Чун туро ӯ хурад бимонаш хор.
Дил ба аҳкоми дин супурдан беҳ,
Бода хӯрдан зи вақф хурдан беҳ.
Ҳар ду чун раҳ бигирадат ба сирот,
Пас,чи бода хурӣ, чи вақфи работ.

Дидае, к-он зи тамъ бошад пур,
Карда донад нишони пои шутур.
Обат аз рӯй бурда, ақл аз рой,
Ту суи нон ҳанӯз оташпой.
Он ки нон руст дар дилу ҷонаш,
Бод бе бода хӯрд меҳмонаш.

## АНДАР СИФАТИ НАҚСИ ДУНЁ

Мол бар каф чу пил бар киштист,
Мол дар дил чу об дар киштист.
Моли муслеҳ чу оби зери сафан,
К-ояд аз рафтанаш каромати тан.
В-они мумсик чу об дар фулк аст,
Ки вуҷудаш муқаддами ҳулк аст.
Мардро чун даму дирам бошад,
Он накӯтар, ки ҷуд ҳам бошад.
То ба ин ҷош кас ҷигар нах(в)арад,
То бад-он ҷой ҳасрате набарад.
В-ар чи дар мол ҷуз латофат нест,
Лек будаш бе ин ду офат нест.
К-аз ҳалол аз замона машғулӣ,
В-аз ҳаром аз Худой маъзулӣ....

## ҲИКОЯТ

Он шунидӣ, ки дар вилояти Шом
Рафта буданд уштурон ба чаром.
Шутури маст дар биёбоне
Кард қасди ҳалоки нодоне.
Марди нодон зи пеши уштур ҷаст,
Аз пояш медавид уштури маст.
Мард дар роҳи хеш чоҳе дид,
Хештанро дар он паноҳе дид.
Шутур омад ба назди чаҳ ногоҳ,
Мард бифканд хешро дар чоҳ.

Дастҳоро ба хор зад чун вард,
Пойҳо низ дар шикофе кард.
Дар таҳи чаҳ чу бингарид ҷавон,
Аждаҳо дид боз карда даҳон.
Дид аз баъди меҳнати бисёр,
Зери ҳар пош хуфта ҷуфте мор.
Дид як ҷуфт муш бар сари чоҳ,
Он сапеду дигар чу қир сиёҳ.
Мебуриданд бехи хорбунон,
То дарафтад ба чоҳ марди ҷавон.
Марди нодон чу дид ҳолати бад,
Гуфт: Ё раб, чӣ ҳосил аст ин х(в)ад?
Дар дами аждаҳо макон созам,
Ё ба дандони мор бигдозам?
Аз ҳама бадтар ин ки шуд кинхоҳ
Шутури маст низ бар сари чоҳ.
Охируламр тан ба ҳукм ниҳод,
Эзидаш аз карам даре бугшод.
Дид дар гӯшаҳои хори наҳиф,
Андаке з-он таранҷбини латиф.
Андаке з-он таранҷбин барканд,
Кард покиза дар даҳон афканд.
Лаззати он бикард мадҳушаш,
Магар он хавф шуд фаромӯшаш.
Туӣ он марду ҷоҳат ин дунйӣ,
Чор табъат ба сони ин афъӣ.
Он ду муши сияҳ, сафед, дижам,
Ки бурад бехи хорбун дар дам.
Шабу рӯз аст он сапеду сиёҳ,
Бехи умри ту мекунанд табоҳ.
Аждаҳое, ки ҳаст бар сари чоҳ,
Гӯри танг аст з-он наӣ огоҳ.
Бар сари чоҳ низ уштури маст,
Аҷал аст, эй заифи кӯтаҳдаст.

Хорбун умри туст, яъне зист,
Менадонӣ таранҷбини ту чист?
Шаҳват аст он таранҷбин, эй мард,
Ки туро аз ду кавн ғофил кард.

## ҲИКОЯТ

Хост вақте зи аҷз диндоре
Аз яке молдор диноре.
Он гаҳе молдор беҳинҷор
Мӯҳр бар лаб ниҳода, дил мурдор.
Як-ду бораш чу гуфт соили род,
Молдор инчунин ҷавобаш дод:
Гуфт: Агар ҳақпарастӣ, эй танзан,
Дину дунё зи ҳақ талаб, на зи ман.
Гуфт: Дин ҳаст неку дунё рад,
Нек аз ӯ хоҳаму зи ту бади бад.
Ки маро гуфтаанд аз паи дил,
Ҳақ зи ҳақ хоҳу ботил аз ботил.
Чун ту бар ботиливу ман бар ҳақ,
Аз ту ҷӯям насиби хеш ал-ҳақ.
З-он ки нафс ар чи гавҳарест шариф,
Кори ӯ ботил асту рой сахиф.
Дил бад-ӯ додаам, ки ҳақпарвард
Бозгардад ба сӯи ҳақ пурдард.
Дин наёбӣ, гарат ғами бадан аст,
З-он ки кобини дин талоқи тан аст.

## ҲИКОЯТ

Буд дар Рум булбулу зоғе,
Ҳар дуро ошёна дар боғе.
Зоғ доим ба гирди боғ-дарун,
Мепаридӣ миёни роғ-дарун.
Булбулак шод дар гулистонҳо,
Мезад аз роҳи ишқ дастонҳо.

Зоғро таъна зад, ки хушгӯям,
Зиштрӯию ман накӯрӯям.
Зоғ дилтангу булбулак дилшод,
Кӯдаке рафту домаке биниҳод.
Дарфитоданд ҳардувон ноком,
Зоғу булбул ба тамъи дона ба дом.
Зоғ ғамгин шуду бирафт аз даст,
Шод булбул ба ҷои ӯ биншаст.
Гуфт зоғак ба булбул: Эй булбул,
Гаштӣ охир ту сокин аз ғулғул.
Андар ин раҳ чи булбул асту чи зоғ,
Мар фалакро чи машъала, чӣ чароғ?

## ҲИКОЯТ

Буд дар шаҳри Балх баққоле,
Бекарон дошт дар дукон моле.
З-аҳли ҳирфат фарошта гардан,
Чобук андар муомилат кардан.
Ҳам шакар дошт, ҳам гули хурдан,
Асалу хардалу хал андар дан.
Аблаҳе рафт, то шакар бихарад,
Чунки бихрид, сӯи хона барад.
Марди баққолро бидод дирам,
Гуфт: Шаккар маро бидеҳ ба карам.
Бурд баққол даст зӣ мизон,
То диҳад шаккару барад фармон.
Дар тарозу надид садгон санг,
Гашт дилтанг аз ону кард оҳанг.
Марди баққол дар тарозуи хеш
Санги садгон ниҳод аз каму беш.
Кард аз гил тарозуро посанг,
То шакар бидҳадаш муқобили санг.
Марди аблаҳ магар, ки гил х(в)ардӣ,
Тану ҷонро фидои гил кардӣ.

Аз тарозу гилак ҳаме дуздид,
Марди баққол нарм механдид.
Гуфт: Мискин хабар намедорад,
К-ин зиён асту суд пиндорад.
Ҳар чӣ гил кам кунад ҳаме з-ин сар,
Шакараш кам шавад сари дигар.
Мардумони ҷаҳон ҳама з-ин сон,
Гашта аз баҳри суд ҷуфти зиён.
Хештанро ба бод бардода,
Он ҷаҳонро бад-ин ҷаҳон дода.

## ҲИКОЯТ

Он Сулаймон, ки дар ҷаҳони қадар,
Буд султони вақту пайғамбар.
Барнишаста буд ӯ ба боди сабо,
Сӯи Машриқ шуд ӯ зи Ҷобулсо.
Дид дар роҳ ногаҳ обх(в)аре,
Киштзореву пири барзгаре.
Кишт мекарду нарм метандид,
Гоҳ бигристу гоҳ механдид.
Шуд Сулаймон бад-ӯ ,саломаш кард,
Пир, к-он дид, эҳтиромаш кард.
Гуфт: Ҳай, кистӣ, ки дилшодӣ,
Барнишаста ба маркаби бодӣ.
Гуфт: Эй пир, ман Сулаймонам,
Ҳарду ҳастам, набиву султонам.
Зери амри ман аст мулки замин,
Париву дев бар ясору ямин.
Мулкам, эй пир, марзи белоф аст,
Шарқ то Шарқ, Қоф то Қоф аст.
Подшоҳам ба Руму Чину Яман,
Бодро бин, шуда мусаххари ман.
Гуфт: Ин гарчи сахтбунёд аст,
На ниҳодаш ниҳода бар бод аст.

Ҳар чӣ бодӣ бувад, ба бод шавад,
Ҷон чӣ гуна ба бод шод шавад?!

## ҲИКОЯТ

Гуфт дар вақти марг Искандар,
Ҳамаро хонд кеҳтару меҳтар.
Гуфт: Инак, ду дасти худ бастам,
Ҳин, бигӯед чист дар дастам
Он як гуфт: Ҷавҳаре дорӣ,
В-он дигар гуфт: Гавҳаре дорӣ.
Он яке гуфт: Номаи мулк аст,
В-он дигар гуфт: Хотами мулк аст.
Гуфт: Не, не, ки ҷумла дар ғалатед,
Ҳама роҳи ҳавас ҳаметалабед.
Дар замон ҳар ду дасти худ бикушод,
Гуфт: Дар даст нестам ҷуз бод.
Сол сесад ба ёд дорам ман,
З-он ҳама умр бод дорам ман.

## ҲИКОЯТ

Он шунидӣ, ки бо Сикандари род
Гуфт дар пеши мардумон устод,
К-эй шуда фитна дар ҷаҳонгирӣ,
Ғофил аз рӯзи маргу аз пирӣ.
Бози умри ту чун кунад парвоз,
Набувад бо ту ҳеҷ кас дамсоз.
Ҳар касе гӯшае дигар гирад,
В-арчи шоҳӣ ,ба банда напзирад.
Дар ҷаҳон беҳтар аз камозорӣ
Ҳеҷ коре ту то напиндорӣ.
Умри каргас аз он бувад бисёр,
Ки набинад касе аз ӯ озор.
То аз ӯ ҷонвар наёзорад,
Ҷуз ба мурдор сар фурӯ н-орад.

Боз агар кабкро накуштӣ зор,
Соли умраш фузун шудӣ зи ҳазор.
З-он ки аз каргас ӯ заифтар аст,
Тӯъмаву ҷои ӯ латифтар аст.
Ҳар кӣ хун рехтан кунад оғоз,
Зуд мирад ба сони бошаву боз.
Чун намудам дар ин сухан бурҳон,
Сухан оғоз кардам аз нисён.

## АЛ-БОБУ-С-СОБЕЪ

**Фасл фи-л-ғурур ва-л-ғафлати ва-н-нисёни ва ҳубби-л-амонӣ ва-т-таҳаввури фӣ умури-д-дунё ва нисён-ил-мавти вал баъси вал нашр** [lviii]

### Дар беҳуда хандидан

Хандаи ҳарзакор ғумр бувад,
Хандаи барқро чӣ умр бувад?
Бехи умрат замона барканда,
Чун ҳама аблаҳон туву ханда.
Он киро лаҳду ҳифра канда бувад,
Мар варо худ чӣ ҷои ханда бувад?
Макун, эй дӯст, дар сарои амал,
Ақлро харҷ дар ғурури амал.
На, чу мурдӣ, намонд бӯю нигор,
Пас ту ангор, мурдӣ, он бигзор.
Моҳи нав парру боли ту барканд,
Пас ту бар маҳ маханд, бар худ ханд.
Ҳар шабе, к-он замона бар ту шумурд,
Рӯз аз зиндагонии ту бибурд.
Дар рухи моҳи нав касе хандад,
Ки аз ӯ суди музд барбандад.
Пас ту боре чаро нагирйӣ хун,
К-ат аз ӯ ҷон кам асту дом афзун?...

**Тамсил дар нафси ҷаҳони фонӣ ва қиссаи Луқмони Ҳаким**

Дошт Луқмон яке кариҷе танг,
Чун гулӯгоҳи ною синаи чанг.
Шаб дар ӯ - дар ба ранҷу тоб будӣ,
Рӯз дар пеши офтоб будӣ.
Рӯз ниме ба офтоб андар,
Ҳама шаб з-ӯ ба ранҷу тоб- андар.
Билфузуле суол кард аз вай,
Чист ин хона шаш ба дасту се пай?
Ҳама олам сарою бустон аст,
Ин кариҷат батар зи зиндон аст.
Дар ҷаҳони фарохи бонузҳат
Чӣ кунӣ ин кариҷи пурваҳшат?
Оламе пур зи нузҳату х(в)ашшӣ,
Ранҷи ин тангной аз чӣ кашӣ?
Бо дами сарду чашми гирён пир,
Гуфт: «ҳозо лиман ямута касир».
Дар работе мақому ман гузарӣ,
Бар сари пул сарою ман сафарӣ.
Чун кунам хонаи гил ободон,
Дили ман «инна мо такуну» хон.
Чу дарояд аҷал, чи банда, чи шоҳ.
Вақт чун даррасад чи бом чи чоҳ?
Гурбаи рӯда чун занам шона,
Бар раҳи сел чун кунам хона?
Оҳани сард чанд кӯбам ман,
Хона вайрону чанд рӯбам ман?
Пеши сар-сар чароғ чӣ-фрӯзам,
Пӯстин пеши шер чун дӯзам?...

## ҲИКОЯТИ МАРДИ ЯХФУРӮШ

**Ат- тамсилу фӣ дори-л-ғурур[lix]**

Масалат ҳаст дар сарои ғурур,
Масали яхфурӯши Нишопур.

Дар тамуз он яхак ниҳода ба пеш,
Кас харидор нею ӯ дарвеш.
Ҳарчӣ зар дошт ӯ, ба ях дарбохт,
Офтоби тамуз ях бигудохт.
Ях гудозон шуда зи гармию мард
Бо диле дардноку бо дами сард.
З-он ки умри гузашта боқӣ дошт,
Офтоби тамузияш нагузошт.
Ин ҳамегуфту ашк меборид,
Ки басемон намонду кас нахарид.
Қимати рӯзгори осонӣ,
Ба сари рӯзгор агар донӣ.
Чист ақл? Аввал ин ҷаҳон дидан,
Пас ба ҳасбат ба ин ҷаҳон ридан.
Барги дунё хирад набипсандад,
Марг бар барги ин ҷаҳон хандад.
Чун натарсӣ ту аз аҷал, хурдӣ,
Он зи ғафлат шумор, н-аз мардӣ.
Ту наӣ бар аҷал далер ҳанӯз,
Гӯр гӯр асту шер шер ҳанӯз.

**Тамсил дар аҳволи гузаштагони ҷаҳони бевафо**

Аз саро то ба авҷи чархи асир
Ҳама мирандаанд -дуну амир.
Чӣ ҳадис аст? Мир ҳам мирад,
З-он ки ҷисм аст, марг бипзирад.
Чӣ кунӣ саргузашти тарроре?
Саргузашти аҷал шунав боре.
То бигӯяд чӣ гуна созам чоҳ,
То бигӯяд чӣ гуна сӯзам шоҳ.
То бигӯяд ба ғофилу кару кӯр,
Ба кӣ додам, зи кӣ стадам зару зӯр?
То бигӯяд, ки гарданонро ман
Чун шикастам ба сарварӣ гардан.

То бигӯяд, чӣ тохтам бар тахт,
То бигӯяд, чӣ бохтам бо бахт.
Бахти худ аз чӣ сон нагун кардам,
Тахти ин аз кӣ пур зи хун кардам.
Чӣ наху беххо бикандам ман,
Чӣ шаху шоххо фикандам ман.
Нақши инро никол чун кардам,
Бадри онро ҳилол чун кардам.
Хусравонро чӣ гуна кардам маст,
Қасри шоҳон чӣ гуна кардам паст…
Ҳоли асҳоби Каҳфу Дақёнус
Қиссаи Табхилусу шаҳри Фусус.
То бигӯяд зи Оду Однажод,
Ки ба бодаш чӣ гуна кардам бод.
То бигӯяд зи захми ногоҳон,
Бар сари раҳбарон зи гумроҳон.
З-он даровардани расул аз дар,
З-он бурун кардани фузул аз сар.
З-он бибурдан арӯси некӯрӯй
Ногаҳон аз канори зебошӯй.

**Сифати марги шоҳони Фурс ва бузургони эшон**

З-он мулуки Аҷам, ки дар таърих
Бихрадонрост муъзати тавбих.
З-он суханҳои мулки Кайхусрав,
Рустами Золу Найраму Ҷаму Зав.
Оли Гуштосбу номвар Луҳросб,
В-он ҳама илму ҳикмати Ҷомосб.
Ҳоли Ҷамшеду ҳоли Афридун,
Ҳоли Заҳҳоки кофири малъун.
Саргузашти Сиёвуши мазлум,
Падари беҳифозу он зани шум.
Ҳоли Исфандёру зулми падар,
Ҳоли Афросиёби бастакамар.

Рустами гурду худъаи Суҳроб,
Ки ҷаҳон шуд зи феъли ҳар ду хароб.
З-он ҷафоҳои Баҳмани доно,
Ки чӣ кард аз хуруҷ бо Доро.
З-он мулуки тавоифи узмо,
Ки чӣ гуна шуданд ҷумла ҳабо.
Ҳоли Фирӯзу Ардашери изом,
Ардавони далер бо Баҳром.
З-он хабарҳои оли Сосонӣ,
Рондани коми дил ба осонӣ.
З-он хисоли Сикандари румӣ,
Ки бирафт аз ҷаҳон ба маҳрумӣ.
З-он саярҳои Яздгирди азиз,
Ки шуд аз бахти бад ҳама ночиз.

## АНДАР ЗӮҲДИ РИЁӢ

Зӯҳд варзӣ барои мурдорӣ,
Пас, чӣ гӯӣ, ки ман киям боре.
Ту аз ин зӯҳд тавба ҷӯй насӯҳ,
В-арна бедил равӣ ба олами рӯҳ.
Дар ғами он даме, ки рафт аз даст,
Гирию хун гирйӣ,  ҷояш ҳаст.
Дуру наздик бе ману бо ман,
Сатҳи об аст ҳофизи равған.
Он дабире, ки хӯрд шираи сабр,
Рид чандон, ки шуд чу лолаи дабр.
Бош, то дин-ш бозхост кунад,
То чу хона чи гуна кост кунад.
Ҳар кӣ ҷуёи олами ғайб аст,
Шамъ дар дасту ашк дар ҷайб аст.
Ту на некӣ, на қобили некӣ,
Марди кокову кукуву кикӣ.
Бош, то нақши из намояд зул,
Бош, то узри ҷузв хоҳал кул.

Гулбун аз ҷаври дай намояд хор,
Бош, то гул намоядат ба баҳор.
Фатвӣ андар раҳи футувват нест,
Навбат андар дами нубувват нест.
Чун фалак солу маҳ зи номардӣ
Гирди аҷроми хеш мегардӣ.

## ДАР НАКӮҲИШИ ҲИРС ГӮЯД

Ҳирс бигзору з-оз даст бидор,
Ҳирсу оз аст мояи тимор.
Ҳирсро з-он ки қаҳр хонд Илоҳ,
Оқил аз вай бад-он насохт паноҳ.
Ҳар кӣ ӯ ҳирсро имом кунад,
Хобу хур ҷумлагӣ ҳаром кунад.
Нақши рангину ҳеҷ ҷон на дар ӯ,
Хони заррину ҳеҷ нон на бар ӯ.
Ҳирс нақшест ҳеҷаш андар зер,
Накунад ҳеҷ ҳеҷ касро сер.
Ҳар киро деви ҳирс меҳмон бурд,
Ту ҳақиқат шунав, ки гурсуна мурд.
Ози пурбод чун дар ӯ печӣ,
Кадхудоест хона пурҳеҷӣ.
Ҳар кӣ ӯ озро мутобеъ гашт,
Бигузашт аз салосу робеъ гашт.
Ба ғуруре бибурда хоби ҳама,
Нон надода, бибурда оби ҳама.
Халқ аз ин гирдхони дерина
Дида силиву ҳеҷ серӣ на.
То қиёмат нахӯрда меҳмонаш,
Як шикам нони сер бар хонаш.
Ин дудар дӯзах аз даруни ту боз,
Сураташ сӯи ақл, шаҳвату оз.
З-ин ду гар дар фано напарҳезӣ,
Дар бақо аз дарунашон хезӣ.

## ДАР ШАҲВАТ ВА ОЗ ГӮЯД

Чист дунёву халқу истизҳор,
Хокдоне пур аз сагу мурдор.
Баҳри як хомаш ин ҳама фарёд,
Баҳри як хоктӯда ин ҳама бод.
Ҳаст меҳри замона бо кина,
Сер дорад миёни лавзина.
Аз паи гандуме дар ин олам,
Чанд бошӣ бараҳна чун одам.
Баҳри гандум ту рӯҳ ранҷа мадор,
К-одам аз баҳри гандуме шуд хор.
Дар ҷаҳон бингар аз паи розаш,
Чӣ кунӣ рангу бӯи ғаммозаш.
Ин ҷаҳон з-он ҷаҳон намудор аст,
Лекин он зинда, ин-т мурдор аст.
Чун яке баҳр дониш он ба шараф,
Охираш дурҷи дурру аввал каф.
Хонае дон шикаста зеру забар,
Нақши девор пурдарахту сипар.
На дарахтеш меваоранда,
На сипар марг боздоранда.
Рози дил ҳар ду бар ту бинмуда,
Ту ба ғафлат зи ҳар ду нашнуда.
Монда андар ғурури ӯ шабу рӯз
Ҳамчу одина кӯдакон аз гӯ(в)з.
Сифати умру маргу давлату зист,
Зери даври замона донӣ чист?
Шоҳиди аблаҳу рақиби баҳуш,
Майи ширину мизбони туруш.
Мизбон беҳифозу беозарм,
Хурданӣ ҷумла сарду обаш гарм.
Пас мариз ар-т ҷарб бояд дег,
Об дар дегу равған андар рег.

Рози ин кулба нафси ғаммоз аст,
Ақли кул бозхонаи роз аст.
Начинӣ, баргаш ар-чи бо барг аст,
Пас давидан-ш ҳасрату марг аст.
Ба дари ақл гард, то бираҳӣ
Аз балоҳову зиштиву табаҳӣ.
Мардро ақл беҳ бувад дастур,
В-арна монад чу аблаҳон мағрур….

## ҲИКОЯТ ФӢ АСҲОБИЛ ҒАФЛАТ [LX]

Ончунон шуд, ки дар замини Ҳарӣ
Аблаҳе кард рух ба барзгарӣ.
Гуфт бо ӯ зи рӯи нодонӣ,
Сабукӣ ҷуст дар гаронҷонӣ.
Гар надорӣ ҳаме ту хор маро,
Пунба бе пунбадона кор маро.
Сиблати ӯ ба куни деҳқон беҳ,
В-инчунин риш ҳам ба қусрон беҳ.
З-он ки пеши уқули ҳикматхор
Бас хазидан наёмадаст бакор.
Нест аз нуқта то хати фармон
Ганҷи беранҷу дарди бедармон.
Ҳарчи Яздон диҳад, бар он магузин,
Ҳарчӣ гардун кунад, дар он он манишин.
К-он чи он нест кард, ҳаст кунад,
В-он чӣ ин барфарошт, паст кунад.
Нақши нафси муқим кай бошад,
Ҳар чӣ он нақш кард, битрошад.
Дар саховат ба кӯдакон монад,
Бидиҳад зуду зуд бистонад.
Худ бихандад, ба ту супорад соз,
Худ бигиряд, зи ту ситонад боз.
Зудбахшу сабукситон фалак аст,
Пир бо табъи кӯдакон фалак аст.

Завқи ин хиттаи хатову хатар
Ҳаст монанди ҳавзу нилуфар.
Рӯз бидҳад зи бӯи худ зӯраш,
Чун шаб ояд ҳам ӯ бувад гӯраш.
Рӯз бахшад зи бӯи хешаш қут,
Чун шаб ояд, худаш бувад тобут…

**Фасл фи-л-ҳикмати зикру-л-ҳикмати аҳкаму фаиннаҳо байна-л-коиноти ҳикам** [lxi]

Мардум аз зиракон дижам нашавад,
Меҳр к-аз ақл буд, кам нашавад.
Меҳри ҷоҳил чу муҳра гардон аст,
Меҳр к-аз ақл буд, меҳр он аст.
Бо ҳаво меҳру кин чӣ дарх(в)ард аст,
Ки ҳаво гоҳ гарму гаҳ сард аст.
З-он ки гардону бевафо бошад,
Чун ҳаво меҳр к-аз ҳаво бошад.
Бо ҳаво худ ба неку бад м-омез,
Чун биёмехтӣ, сабук бигрез.
Боз вақти вафо зи неку зи бад
На хирад гардаду на меҳри хирад.
Ҳаст бо ишқ ҳилате дигар,
Суҳбати ишқ иллате дигар.
Дӯзах он ҷо ки парда бардорад,
Муттақӣ дӯстро бинагзорад.
Донад он ҷон, ки нақши айнӣ нест,
Кал ахило чу лайта байнӣ нест.
Туву ман кард одамиро ду,
Бе ману ту ту ман бувӣ, ман ту.
Ту туӣ, ман манам, сари ранг аст,
Ту чунон, ман чунин, сари ҷанг аст.
Бо худӣ ҳарду девваш бошем,
Бе ману ту ману ту х(в)аш бошем.
Хуш бувем андар ин куҳан гулшан,
Чун зи ту ту бирафту аз ман ман.

Туву ман гумраҳист,з-ӯ парҳез,
Дар ману ту ба аблаҳӣ м-овез.
То ту худро бувӣ набошӣ дӯст,
Дон, ки дар вазъ дӯст зишту накӯст.
Душман аз дӯст вақти озу ниёз,
Ҷуз ба суду зиён надонӣ боз.
Дӯстонро ба гоҳи суду зиён
Битавон диду озмуд тавон.

## ҲИКОЯТ ДАР МУҲАББАТ ВА ДӮСТИИ ХОЛИС

Дӯсте дӯстро ба меҳмон шуд,
Дӯст ҳозир набуд, пушаймон шуд.
Гуфт занро, ки кадхудоят ку?
Зан варо гуфт: Гуфтанӣ баргӯ.
Гуфт: Пеш ор кисаи зару сим,
Зан биёварду кард зар таслим.
Мард бикшод кисаи динор,
Баргирифт он қадар, ки буд ба кор.
Мобақӣ ончи буд, занро дод,
Бадар омад зи хона хурраму шод.
Чун шабонгоҳ шӯй боз омад,
Зан бари шӯи худ фароз омад.
Гуфт бо шӯи хеш васф ул-ҳол,
Шод шуд марду ғам гирифт завол.
Ҷумла буд он ниҳода сад динор,
Бист бардошт марду рафт ба кор.
Ба фидо кард зар, ҳар он чи бимонд,
Мустаҳиқро зи ранҷу ғам биraҳонд.
Гуфт: Дарвешро диҳам динор,
Ки маро шод кард некӯ ёр.
Бе ҳузури ман инчунин сара мард,
Моли ман з-они хеш фарқ накард.
Ҷумла дарвешро диҳам молам,
Аз чунин дӯсте чаро нолам?

Ҳаст шукронае кунун дар(х)вард,
З-он ки дар моли ман тасарруф кард.
Дӯстон, эй писар, чунин буданд,
К-аз мурооти ҳам наёсуданд.
Молу ҷон дӯстро фидо карданд,
Роҳати дӯстон ғизо карданд.
Ту ба донге дирам, ки дӯст барад,
Синаат ҳамчу мор пӯст дарад.
Даври айёму тоб додани пӯст,
Гар ба зар хуб шуд, набошад дӯст.
В-ар бигӯӣ ба дӯст барҷаҳ, ҳин,
Гӯядат то куҷо? Бигӯ : Бинишин.
Ёри бад душман аст рӯёрӯй,
Ту аз ин ёр зуд даст бишӯй.
Мардро раҳзане яқин бошад,
Ҳар қарине, ки дуни дин бошад.
Ҳар киро дар батона ёри бад аст,
Дон, ки дар саҳни хона мори ба даст.
Ёри бадро макун ба хашм батар,
Накунад шиша кас руфӯ ба табар.
Шох бебаргу мева хор бувад,
Ёри бедафъу нафъ мор бувад.
Мар туро он рафиқу ёр ояд,
К-ат ба неку ба бад ба кор ояд.
Дӯстоне, ки бедареғ буданд,
Дӯстро ҳамчу теғу меғ буданд.
Ёри ҳамкоса ҳаст бисёре,
Лек ҳамкиса кам бувад ёре.

## ФӢ ЗИКРИ РУФАҚОИ-С- СУЪ [LXII]

Дӯстӣ бо муқомиру қаллош,
Ё макун, ё чу кардӣ, онро бош.
Дӯстӣ к-аз пайи пиёла кунанд,
Надиҳӣ пӯст пӯст кола кунанд.

Дӯст хоҳӣ, ки то бимонад дӯст,
Он талаб з-ӯ ки табъу хотири ӯст.
Бад касе дон, ки дӯст кам дорад,
З-ӯ батар чун гирифт, бигзорад.
Дӯст гарчи дусад, ду ёр бувад,
Душман арчи яке, ҳазор бувад.
Мар туро хасму душмани доно
Беҳтар аз дӯстон ҳама коно.
Аз тақӣ дин талаб, зи раъно лоф,
Аз садаф дур талаб, зи оҳу ноф.
Остин ар зи ҳеҷ хоҳӣ пур,
Аз садаф мушк ҷӯву з- оҳу дур.
Он чи аз ҳисси чашму биниву гӯш,
З-ин бибин з-он бибӯю з-он биниюш.
Н-ояд аз гӯшҳо ҷаҳонбинӣ,
Начашад чашму нашнавад бинӣ.
Аз ҳавос ар биҷӯӣ ин ҳама соз,
Он аз ин, ин аз он наёбӣ боз,
Ки падид аст дар ҷаҳон боре
Кори ҳар марду марди ҳар корӣ.
Гар нахоҳӣ дил аз надомат пур,
Ба баде аз рафиқи нек мабур.
Гарчи сад бор бозгардад ёр,
Сӯи ӯ бозгард чун тӯмор.
З-ин бадон рух ҳаме бигардонӣ,
Бош то қадри ин бадон донӣ.
Дӯстон ганҷхонаи розанд,
Ранҷбардору ганҷпардозанд.
Бо нифоя, сара ба хуфту ба хез
На даромез чусту на бигрез.
На талаб з-ин сутуда дон, на ҳараб,
Ки чунин омад аз ҳакими араб.
Сифати дӯст аз раҳи таҳқиқ,
Аз Алӣ бишнав, ар наӣ зандиқ.

Дӯст нодон бувад, набояд сӯхт,
Бояд ин ҳикмат аз Алӣ омӯхт.
Халқ душман шавад, чу бигрезӣ,
Бадқарин гардӣ, ар даромезӣ.
Чун туро дӯсте падид ояд,
Ақл бояд, ки зуд настояд.
Вақти ишрат аз ӯ ба кам дидан,
Кам шунидан беҳ аз писандидан.
Маталаб, гарчи ҷазмфармонӣ,
Пайке аз мақъадони зиндонӣ.
Он талаб кун, ки донаду дорад,
То ту аз вай, вай аз ту н-озорад.
Дӯстӣ бо мизоҷи бехирадӣ,
Дури дуру ҳам эй дуруст х(в)адӣ.
То набошӣ ҳарифи бехирадон,
Ки накӯкор бад шавад зи бадон.
Бод к-аз лутфи ӯст ҷон пуркор,
Заҳр гардад ҳаме ба сӯҳбати мор.
Ёри бад ҳамчу хордон ба дуруст,
Ки ҳаме доманат бигирад чуст.
Зардрӯе зар аз қарини бад аст,
В-арна сурх аст, то қарини х(в)ад аст.
Сӯҳбати боғҳо ба фасли баҳор,
Бодро ҳар замон кунад аттор.
Равғани кунҷиде, ки будӣ ом,
Шуд зи гулҳо азизу некӯном.
Чун ба гулҳо супурд нафсу нафас,
Равғани кунҷидаш нахонад кас.
Ин бируст аз сабуву он аз зул,
Гул аз ӯ некному ӯ аз гул.
Бо бадон кам нишин, ки бад монӣ,
Хӯпазир аст нафси инсонӣ.
Хушху аз бадхувон сутург шавад,
Гург чун меш хӯрд, гург шавад.

Сӯҳбати некро зи даст мадеҳ,
Ки меҳу беҳ шавӣ зи сӯҳбати меҳ.
Асби тавсан зи асби сокинраг
Гашт ҳамхӯ, агар нашуд ҳамтаг.
Гар бадӣ суратат шавад мастеҳ,
Бади доно зи неки нодон беҳ.
Ҳеҷ сӯҳбат мабод бо омат,
Ки чу худ мухтасар кунад номат.
Сӯҳбати ом оташу пунбаст,
Зиштному табоҳу истинбаст.
Сӯҳбати ома дар биҳишт обод
Марг бошад, ки марги омӣ бод.
Бо ду оқил ҳаво наёмезад,
Як ҳаво аз ду ақл бигрезад.
Бо баду нек ҷисм донад зист,
Ҷон шиносад, ки дӯсту душман кист.
Дӯстеро, ки нест бо ту маҷол,
Ки бигӯяд ҳаром нест ҳалол?
Бо ту то луқма дид ҷону дил аст,
Чун шудат луқма тиру теғу шил аст.
Шикамаш чун дили пиёла бубин,
В-аз даҳонаш дили чу лола бубин.
Бо кулаҳ кай бувад ухуввати пок,
З-он ки гуфтанд ахука ман ва асок.
Ҷомаи хуну гӯшт пӯст бувад,
Айбаи айби дӯст дӯст бувад.
Нест дар ҳеҷ ёр сидқу сафо,
Нест бо ҳеҷ дӯст меҳру вафо.
Чун ба иллат кунад салому алек,
Аз баду неки ту шавад баду нек.
Дусту душман барои ҷон бояд,
Тан бувад, к-аш ғизои нон бояд.
Гар кунӣ чашм ҷуфти бехобӣ,
Дӯсте бо халос кам ёбӣ.

Мар туро з-ӯ вафо нахоҳад хост,
Ки танӯрест бо тарозӯ рост.
Пас, ту акнун ма беҳ, ма бадро бош,
Домани хеш гиру х(в)адро бош,
Ки бувад аҳду ишқи луқма зи нон
Бемадад чун чароғи бевазанон.
Сулҳи душман чу ҷанги дӯст бувад,
Ки аз он мағз он чу пӯст бувад.
Дил дар эшон мабанд к-аз геҳон,
Ҳама одамдаманду марҷонҷон.
Некро аз бадон чӣ ҷоҳ бувад,
З-он ки ақраб ҳубути моҳ бувад.

## ҲИКОЯТ ДАР БЕВАФОӢ

Қиссае ёд дорам аз падарон,
З-он ҷаҳондидагони пурҳунарон.
Дошт золе ба рустои Таков
Меҳситӣ ном духтареву се гов.
Наварӯсе чу сарви навболон,
Гашт рӯзе зи чашми бад нолон.
Гашт бадраш чу моҳи нав борик,
Шуд ҷаҳон пеши пирзан торик.
Дилаш оташ гирифту сӯхт ҷигар,
Ки ниёзе чуз ӯ надошт дигар.
Зол гуфтӣ ҳамеша бо духтар:
Пеши ту бод мурдани модар.
Аз қазо гови золак аз паи х(в)ард
Пӯз рӯзе ба дегаш андар кард.
Монд чун пои мақъад андар рег,
Он сари мурдарегаш андар дег.
Гов монанди деве аз дӯзах,
Сӯи он зол тохт аз матбах.
Зол пиндошт ҳаст Азроил,
Бонг бардошт аз паи таҳвил:

Малакулмавт, ман на Меҳситиям,
Ман яке золи пири меҳнатиям.
Тандурустам ману наям бемор,
Аз Худоро, маро бад-ӯ машумор.
Гар туро Меҳситӣ ҳамебояд,
Шав, мар ӯро бубар, маро шояд.
Духтарам ӯст, ман на беморам,
Туву ӯ, ман-т рахт бардорам.
Ман бирафтам ту донию духтар,
Сӯи ӯ рав, зи кори ман бигзар.
То бидонӣ, ки вақти печопеч,
Ҳеҷ кас мар туро набошад ҳеч.
Бе бало нозанин шумурд ӯро,
Чун бало дид, дарсупурд ӯро.
Ба ҷамоли накӯ аз ӯ буд шод,
Ба хаёли бадаш зи даст бидод.
Ёр набвад, ки бар дари зиндон
Чашм гирёну лаб бувад хандон.
Ёрат он бошад, ар наёрӣ хашм,
Ки зи сар бифганад барои ту чашм.
Гирад ар пурсиши писандида,
Гуфта ногуфта, дида нодида.
Ҳар кӣ вақти бало зи ту бигурехт,
Ба ҳақиқат бидон, ки ранг омехт.
Сӯҳбаташро маҷӯ, марав бари ӯ,
Рав зи равзан биҷаҳ, на аз дари ӯ.
Ман вафое надидаам зи хасон,
Гар ту дидӣ, саломи ман бирасон.

## ДАР СИФАТИ АБЛАҲОН ГӮЯД

Сӯҳбати аблаҳон чу дег тиҳист,
Аз дарун холӣ, аз бурун сияҳист.
Дӯстий аблаҳон зи тақлид аст,
На-з раҳи ақлу дину тавҳид аст.

Бибур аз дӯстии халқ сабук,
Дустии халқ сангу шиша тунук.
Санг дар зарф шиша натвон бурд,
Набувад дӯст бо аробӣ курд.
Чангу ной аст дар сифат нодон,
Тангдил бошаду фарохдаҳон.
З-он ки аблаҳ чу бошадат дилҷӯй,
Оби тӯҳмат давонад андар ҷӯй.
То ба вай тандурусту ҳукми равон,
Дорадат хешу дӯст чун тану ҷон.
Чун шавад мӯе аз ту дигаргун,
Он шавад Мӯсӣ, ин дигар Қорун.
Сӯзи бенур бинӣ аз хешон,
Рост ҳамчун чароғи дарвешон.
Ёри доно чу шуд туро ҳамроҳ,
Бас дарозии роҳ шуд кӯтоҳ.
Чун кам ояд ба роҳ тӯшаи ту,
Нангарад дар кулоҳгӯшаи ту.
Набарорад бувад ба нарму дурушт,
Ки барои шикам бувад хампушт.
Дили ту бо Худою халқ, эй хар,
Чун ҷав аст, эй зи ним ҷав камтар.
Ки яке дона баҳри зар бошад,
Бори як хона баҳри хар бошад.
Аз харии харон табарро кун,
Дили худ бо Худои якто кун.
То дилат маъдани ниёз кунад,
Дари дил пеши ҷон-т боз кунад.
На ҳамегӯядат фалак зи фароз,
К-аз хирад нардбон куну бартоз.
Лек менашнавӣ, ки кар шудаӣ,
Ақл бигзоштӣ, чу хар шудаӣ.
Гар туро гӯши ақл будӣ боз,
Бишунидӣ чу оқилон овоз.

Дар ту зеро сухан муассир нест,
Ки туро з-он ҷаҳон мабашшир нест.
Дар ҷаҳони Худо барой аз хок,
Чӣ кунӣ кулбае, ки он ковок.
Чун китобест сурати олам,
К-андар ӯй аст банду панд ба ҳам.
Сураташ бар тани лаъимон банд,
Сифаташ дар дили ҳакимон банд.
Сураташ хомушу сухан дар вай,
Тани ӯ навву ҷон куҳан дар вай….

## АТ-ТАМСИЛУ ФӢ СИФАТИ-Л-ИНСОН

Он шунидӣ, ки рафт зӣ қозӣ,
То кунад хасми хешро розӣ.
Буд марде дар он миёна гувоҳ,
Ки зи обои худ набуд огоҳ.
Чун гувоҳӣ бидод, қозӣ гуфт,
-К-эй ту бо мардумиву родӣ ҷуфт,
На фалон марди род ҷадди ту буд,
Ки Фараздақ варо ҳаме бистуд.
Аз ато буд кому роҳати рӯҳ,
Шуароро буд аз карам мамдӯҳ.
Мард гуфт: Аз Фараздақу ашъор
Ман надорам хабар, ту ранҷа мадор.
Гуфт қозӣ: Чу ту зи нодонӣ
Манқабатҳои худ намедонӣ,
Қавли ту ман куҷо қабул кунам,
Ман ҳама кор бар усул кунам.
Чун надонӣ Фараздақу на мадеҳ,
Ман надорам шаҳодати ту саҳеҳ.
Ту агар з- одамӣ, чу одам бош,
Роҳи ӯро на бешу на кам бош.
Ҷон ба каф барнеҳу далер осой,
Қасди ин роҳ кун дар ӯ м-осой,

К-ин дурӯза ҳаёт назди хирад
Чи хушу нохушу чи неку чи бад…

**ҲИКОЯТ ДАР ЗУЛМ ВА МАЗЛУМ**

Кӯдаке бо ҳарифи беинсоф,
Гуфт: к-эй сар ба сар дағову хилоф,
Ту дарозиву низ дарёзӣ,
Пас, ҳамон беҳ, ки гавз кам бозӣ.
Андар ин шоҳроҳи биму умед
Донаи ҷисми туст деви сапед.
Шабу рӯз аз паи ғизои танат,
Монда пистони дев дар даҳанат,
Ки ҳавои ҳалокат андешат,
Сари пистон сияҳ кунад пешат.
К-ӯ яке модаре, ки аз сари дард
Кӯдак аз шир боз донад кард.
Кардат ар чӣ чу гавзбун гардан,
Шири пистони ғофилӣ х(в)ардан.
Ногаҳе бинӣ аз дари пистон,
Аҷал ояд, сияҳ канад пистон.
Шир хурдан-т амал дароз кунад,
Аҷалат хӯ зи шир боз кунад.
Дил хурад шири ӯ чу гов сабус,
Назди омӣ чу порсо солус.
Боз кун хӯ зи шир хурдани пур,
Тамаъ аз шири модагов бибур.
Тин, ки Иблис дошт аз вай нанг,
Ту чу динаш гирифта дар бар танг.
З-одамӣ қибла ақлу дин дорӣ,
На наботӣ, ки қибла тин дорӣ.
Набувӣ пеши ҷаҳл дастомӯз,
Бар ҳама орзу шавӣ пирӯз.
Дил зи гил бигсил, ар яқин дорӣ,
Дур кун кин зи дил, чу дин дорӣ.
Гар ту дар хиттаи хатар шабу рӯз
Бо хирад ҳамчу тифл бозӣ гӯз.

Хонаи ҷаъдро бикӯшидӣ,
Ба гаҷу сангу нақш пӯшидӣ.
Сол тӯфону хона ошуфта,
Ту дар ӯ гоҳ масту гаҳ хуфта.
На ки чун жолае фурӯ борад,
Хонаро бар сарат фуруд орад.
Рӯзу шаб гоҳу бегаҳ аз борон,
Ғофил аз роҳи обу новандон.
Чун туро бурд дар сақар тӯфон,
Бар ту ханданд нақшу гаҷ пас аз он.
Бар дукони фиребу талбисат
Дасти хуш ёфтаст Иблисат.
Ҳам зи дасти худат дар ин бунёд
Пой дар гил бимонду сар бар бод.
Ҳаст аз ӯ амру наҳю ору маёр,
Аз ту бишаст умри дастафзор.
Ончи суд ояд ӯ барад ба дуруст,
В-он чи бошад зиён, замонаи туст.
Ногирифта ба ришват аз дин нур,
Ройгон деври шуда муздур.

## ЗИКРИ ИНҚИТОЪИ НАСАБ

Одами покро барор аз гил,
Чашм равшан мадор тории дил.
Ба Худой ар бувад зи баҳри шараф,
Аз халифа Худой чун ту халаф.
Гар ту ин ҷо насаб дуруст кунӣ,
Бар худ он роҳи нор чуст кунӣ.
Сабр кун, то дар ин саройи маҷоз,
Аз паи озу ғам на аз паи ноз.
Баркашандат ба дасти офиятӣ,
Охир ин пӯстҳои ориятӣ
То чу аз хоки худ бурун оӣ,
То дар он дам зи об чун оӣ.

Родмардӣ гузин ту бо дили х(в)аш,
Ҳамчу сифла мабош хорикаш.
Аҳли дунё ба хубиву зиштӣ,
Хуфтагонанд ҷумла дар киштӣ.
Бодбон баркашида баҳри сафар,
Хок тира зи обу нор шумар.
Ғофил аз рӯи ҷаҳлу аз идбир,
Аблаҳони саворкуш дар зер.
Кай биистад магар даме ба ғурур
Аблаҳи амр то ба охири сур.
Умр бигзашту ту чунин мағрур,
Аз Худою зи халқ яксар дур.
Ҳар кӣ гашт аз ғуруру ғафлат маст,
Некии он ҷаҳон бидод зи даст.
На шитоб оядат ба кору на сабр,
З-он ки биштофт сабр кард он габр.
Ҳодии раҳ ба ҷуз ҳидоят нест,
В-он тариқ андар ин вилоят нест.
Кай ғами бӯсаву канор хурад,
Ҳар кӣ ӯ кӯку кӯкнор хурад.
Илми дин, к-он ба ғафлате шунавӣ,
Накунад эътиқоду дин-т қавӣ.
Лолаи ғафлатӣ, наӣ банда,
Дил сияҳ, умр кӯтаҳу ханда.
То бинагзашт оқил аз оташ,
Кай барояд зи ҷон-ш хандаи х(в)аш.

**Сифату-л-мағрурин фӣ дори-д-дунё** [lxiv]

Он шунидӣ, ки Ҳомиди Лифоф,
Дар ҳарими ҳарам чу кард тавоф.
Ногаҳе бозхӯрд бар вай пир,
Он ки дар асри худ надошт назир.
Гуфт: Шайхо, бигӯй , то чунӣ,
То ба ранҷи замона марҳунӣ?

Гуфт: Ҳолам саломату хайр аст,
Лафзи ман солу моҳ лозайр аст.
Гуфт: Вайҳак, сухан хато гуфтӣ,
Ҳамчу нодон ба худ барошуфтӣ.
Одамӣ хайр он гаҳе дорад,
Ки сироти дақиқ бигзорад.
Ту ҳанӯз аз сирот нагзаштӣ,
Хайр чун бошад, эй дади даштӣ?!
Баъд аз он дар биҳишт чун рафтӣ,
Аз саломат ту баҳра бигрифтӣ…

**Ат-тамсилу фӣ ҳубби-д-дунё ва ғурурихо**[lxv]

Хоҷаеро ба мардуме дарбаст,
Муттако сохтам, бар ӯ наншаст.
Гуфтамаш: Такяҷой бошад х(в)аш,
Гуфт: Онро ки раста шуд з-оташ.
Кай супорад ба такягаҳ тани хеш,
Ҳар киро гӯру маргу маҳшар беш.
Ин ҳама такяҳо ғаму ҳавас аст,
Такягаҳ раҳмати Худой бас аст.
Инат озод марди динпарвар,
Ин-т маҳкам ҳадиси ҳикматхар.
Эй Саноӣ, сухан дароз макаш,
Кӯтаҳӣ беҳ, намак зи дег бичаш.
Хоҷа танро талоқ нодода,
Дин ҳамеҷӯяд, инат озода.
Ин ҷаҳонрост баҳри мағрурӣ,
Хона вайрону парда занбурӣ.
Ин ҷаҳон дар ҳуливу ҳулла ниҳон,
Гандапирест зишту гандадаҳон.
Ту ба найрангу ранги ӯ магарав,
Суханони музахрафаш машунав.
Чӣ тамаъ дорӣ аз дараш обе,
Чӣ ниҳӣ зери пушта гирдобе.

Сад ҳазорон чу ту ба об барад,
Ташна боз оварад, ки ғам нах(в)арад.
Чун аз ин гандапир гаштӣ дур,
Дасти паймон бидодӣ аз паи ҳур.
Ҳур бо ту чӣ гуна пардозад,
Ҳур бо гандапир кай созад?!
Се талокаш деҳ, ар-т ҳеҷ ҳуш аст,
З-он ки ин гандапир шӯкуш аст.
Ҳайдаре нест андар ин офоқ,
Диҳад ин гандапирро се талоқ…

**Фӣ сифати-н-нафси ва аҳволиҳи** [lxvi]

Дуздхонаст нафси ҳолибин,
З-ӯ нигаҳ дор хонаи дилу дин.
Дузди ногаҳ хасиси дузд бувад,
Дуздхона нафиси дузд бувад.
Чун зафар ёфт дузди бегона,
Набарад ҷуз ки хӯрдаи хона.
Боз чун дузд хона-дар нигарад,
Ҳама колои дур даст барад.
Ту хушӣ з-он ки беши туст қумош,
З-он дигарҳо хабар надорӣ бош.
То кунӣ даст зӣ хазина фароз,
Он чи беҳ боядат, набинӣ боз.
Аз дарунат палангу муш ба ҳам,
Ту ҳамехусбӣ, ин-т ҷаҳлу ситам.
Ғофил аз қайду ҳилати шайтон,
Карда шайтон зи макр қасд ба ҷон.

**Қола аннабийю алайҳиссалом: инна-ш шайтона фи уруқи ибни Одам яҷрӣ маҷра-д-дам** [lxvii]

Дар даруни ту хасм бо ту баҳам,
Лафзи меҳтар, ки яҷрӣ маҷрӣ д-дам.
Чӣ бувӣ чун сутуру деву дада
Чормех андар ин гадойкада?

Кар наӣ ҷомаи ситамкорон,
Пас, чаро бехудӣ чу майхорон?
Бар ҳаво оламе набинӣ суд,
Аз ҳаво зиндаӣ, бимирӣ зуд.
Дили худро зи нанги худ бираҳон,
Ки на нофат бар ӯ бурид ҷаҳон.
Пеши яъҷуҷи нафси худ сад бош,
Пеши афъиш чун зумуррад бош.
Ҳар киро чор табъ шуд фаршаш,
Чор болаш ниҳанд бар аршаш.
Мард к-аз ҳубби ҷоҳу мол бираст,
Рафту бар маснади абад биншаст.
Мард чун ранҷ бурд, ганҷ барад,
Мурғи роҳат зи боғи ранҷ барад.
Ранҷ бардор, то биёбӣ ханҷ,
Ранҷ мор аст хуфта бар сари ганҷ.

## ДАР КОҲИЛӢ ГӮЯД

Бишнав аз боргоҳи мустафавӣ,
То чӣ донӣ зи нуктаи набавӣ.
Сифати коҳилони дин дар роҳ,
Ҳаст лафзи "ман истави явмоҳ".
Асби кавдан ба ғазв нест давон,
В-арна чун хар надораде полон.
Бар тани худ наӣ муғаффили бор,
З-он ки бошад сиёҳ бадкирдор.
Шаръварзӣ наёяд аз мунбил,
Ҳақгузорӣ наёяд аз коҳил.
Он ки ӯ шаръро шавад минқод,
Наравад чун харон ба роҳи инод.
Бандаи шаръ бош, то бираҳӣ,
В-арна гаштӣ ба пеши дев раҳӣ.
Мар туро гар ба сӯи хона барад,
Ашҳабу адҳами замона барад.

Хому гумном рафта аз хона,
Чӣ бувад ҷуз чунину афгона.
Гом зан ҳамчу рӯз равшан бош,
На фисурда чу бому равзан бош.
Об дар гаштан аст хуш чу гулоб,
Чун нагардад бигандад аз тафу тоб.
Дам ба дам тавф кун ба ҳар кӯе,
То бибинӣ магар накӯрӯе.
В-ар накӯгӯиву накӯрой,
Ҳамчу иқбол бош ҳар ҷое.
Бо ҳама халқ рой некӯ дор,
Хӯ накӯ дору рой чун хӯ дор.
Тангхӯӣ нишони идбир аст,
Хӯи бад рӯбаҳу накӯ шер аст.
Хӯи некӯ туро чу шер кунад,
Хӯи бад олам аз ту сер кунад.
Нест дархурд мар маро дилу ҷон,
Ё раб, аз ҳардуам ту бозраҳон.
Чист лаззат зи умри ботаклиф,
Ҳама бо ҳам рақибу хасму ҳариф.
З-ин ҳама халқу з-ин ҳама бунёд,
Бори таклифи хеш бар ту ниҳод.
Гашт з-ин коинот ҷумла ҳусус,
Аҳсан ус- сура мар туро махсус.
Гирди ҳазлу абас чаро гардӣ?
Умри худ дар абас ҳабо кардӣ.
Ки туро ғарра кард бар дунё,
То бидодӣ зи дасти худ уқбо?
Кори худ деру зуд дарёбӣ,
Лек акнун ҳанӯз дар хобӣ.
Ғофилӣ з-ин замонаи ғаддор,
Аз вуҷуди замона даст бидор.
К-ин амонӣ на пойдор бувад,
Ҳасратафзою умрхор бувад.

Чун ману чун ту садҳазорон кушт,
Ношуда сурх як сари ангушт.
Ту дар ин роҳ кӯдаки тифлӣ,
На шароби муварраҳи сифлӣ.
Марди роҳӣ, дарою мардӣ кун,
В-арна раҳ гиру рав, на сардӣ кун.

## МАСАЛ АНДАР ҲОЛИ ИДБОР

Хушдиле аз паи суханпошӣ,
Гуфт идборро:- Куҷо бошӣ.
Гуфт: бошад маро ду ҷои висоқ,
Дили зарроқу маҳбари варроқ.
Гуфт:- дигар куҷот ҷӯяд кас,
Гуфт, к- идборро ду хона на бас.
З-он ки гӯяд хирад дар ин манзил,
Соате аз ҳимори ҷаҳл унзил.
То бувад, дар ду ошёна бувам,
Ё ба бозор ё ба хона бувам.
К-ин бипсанда мардуми дарвеш,
Хурад аз хунбаҳои дидаи хеш.
Он Азозил бо ҳаво пайваст,
З-он варо ҳовияст ҷои нишаст.
Дар ҳаво суд нест, з-он баргард,
То зи буди ту барнаёрад гард.
Хурдҳимат ҳамеша хор бувад,
Аҳл бошад, ки шодхор бувад.
Гар ту аз илм нардбон созӣ,
Ҳарчи хоҳӣ ту зуд дарёзӣ.
Раҳрави раҳравон дар ин роҳ ӯст,
З-он ки фармонпазири Аллоҳ ӯст.

**Фӣ ҳаракати ва тарки-л-автони фӣ талаби-л-охирати, ҳола аннабийю (а): утлубу-л-илма ва лав би-с-Син, ва ҳола (а): софиру тағнаму, ва ло тафхару би-л-ватан** [lxviii]

Карда бар торуки ҳаво гардон,
Гирди худ аз сиёсати мардон.

Сабал аз дидаҳо рабоянда,
Чарбдастон ба тир оянда.
Гӯш дар гӯши дилхурӯш хурӯш,
Тир дар чашми мард мардумпӯш.
Дарзада офтоб ҷома ба нил,
В-осмон пил -пил гашта зи бил.
Мағзи хасмон чу шому тира чу хоб,
Дили хасмон чу деву найза шаҳоб.
Рафт чандон ба зери маркази хун,
К-аз дигар нима лаъл шуд гардун.
Гашта чун хор дар масоф зубун
Хасм дар пои асби хурмогун.

## ҲИКОЯТ

Он шунидӣ, ки пир бо ҳамроҳ
Гуфт чун шуд зи ҳамраҳиш огоҳ:
Аз сару сина бахри сӯҳбати ёр,
Пой созам ба раҳ чу мӯру чу мор.
Гар ту кори сафар ҳамесозӣ,
Ту зи ман хоҳу гир ҷонбозӣ.
Ҳамраҳат бошаму зи дузд ҳарос,
Кам зи саг мар туро надорам пос.
Пас, аҷаб набвад, ар чунин бошам,
Гар кунам бо саге қарин бошам.
Бандам аз ҷидду ҷаҳду ишқу талаб
Бар гиребони рӯз домани шаб.
Худ зи ёрон набошад эҷ муҳол,
К-ин сагӣ кард сесаду нуҳ сол.
Хуфта асҳоби Каҳфу саг бедор,
Пос ҳамроҳ дошт бар дари ғор.
Роҳ чун мору ғор дорад соз,
Ёр дар ғор мор дорад боз.
Мустафоро ба дафъи ҳар макре
Ёр боист ҳамчу Бӯбакре.
Обро гар на оташастӣ ёр,
Хок феъластиву ҳаво осор.

## АНДАР НИГОҲ ДОШТАНИ РОЗУ МАШВАРАТ КАРДАН

Сар чӣ пӯшӣ, ки дар баҳорон гил
Роз пинҳон надорад андар дил.
Бо беҳон рой зан зи баҳри беҳӣ,
К-аз ду ақл аз ақила бозраҳӣ,
К-аз тани дӯст дар сарои маҷоз
Ҷон бурун ояду наёяд роз.
Роз мар дӯстро чу ҷон бошад,
З-он чу ҷон дар дилаш ниҳон бошад.
Роз пинҳон надошт ҳеҷ лабиб
Дар ғаму иллат аз ҳабибу табиб.
Аз табиб ар ниҳон кунӣ ту усул,
Беҳ нагардӣ бимонадӣ маълул.
Ҷумла иллат бигӯву роз магӯй,
В-ончи бишнидаӣ ту, боз магӯй.
Роз дар дил чу мурғу дона бувад,
Роз бар дил чу дудхона бувад.
Дона чун мурғ хурд шуд ночиз,
В-ончи бар дил ниҳод шуд чун тиз…

## ҲИКОЯТ

Он шунидӣ, ки гуфт дамсозе
Бо қарине аз они худ розе.
Гуфт, к-ин роз то нагӯӣ боз,
Гуфт: Худ кай шунидаам зи ту роз?
Шараре буд, к-аз ҳаво пажмурд,
Аз ту зод он замону дар ман мурд.
Сир зи номаҳрамон ниҳон бояд,
В-арна маҳрам чу бишнавад, шояд.
Дӯст маҳрам бувад ба розу ниёз,
Пеши маҳрам бараҳна бояд роз.
Дар раҳи селу рӯдҳо хуфта,
Сухани гуфта беҳ, ки ногуфта.
Роз ҷуз пеши оқилон магшой,
Дили худ ҷуз ба аҳли дил манмой…

## ҲИКОЯТ

Буд андар Сарахс як рӯзе,
Маҷлисе бас баравнақу сӯзе.
Маҷлисе пур зи нолаву шеван,
Гуфт он садри дину фахри заман.
Он чу Мӯсӣ зи шавқ бар сари Тур,
Булмафохир Муҳаммади Мансур.
Ман бад-он маҷлис- андарун будам,
З-он иборат ба дил баросудам.
Ин ҳикоят зи рӯи нукта биронд,
Дурри маънӣ дар ӯ ба рамз афшонд.
Бишнав инро, ки ҳаст кавли садид,
Ки ба ҷое магар ки пиру мурид.
Дарфитоданд чун самоъе буд,
Девро андар он дифоъе буд.
Ваҷд афтод ҳар дуро ба тамом,
Даргузаштанд аз ҳалолу ҳаром.
Пир ме рақс кард дар ҳолат,
З-он ки аз шавқ буд бо олат.
Дид марде мурид оҳиста,
Зер зуннор бар миён баста.
Гуфт, к-эй пир, ин амонати кист,
Баста зуннор бар миёнат чист?
Пир гуфташ, ки эй фузул, нинош,
Сир чу дидӣ, хамӯш бош, хамӯш.
К-ин на зуннор, балки зинҳор аст,
Равзаи рӯҳро чу анҳор аст.
Аз паи қаҳри нафси бединам
Бастани кустӣ аст ойинам.
То бидонад, ки габр беқадр аст,
Кори ӯ пеши садри дин ғадр аст.
Ҳар саҳар, к-ӯ зи хоб бархезад,
Пеши кӯ шарру фитна ангезад.
Ман кунам арза бар вай ин зуннор,
То зи пиндори бад шавад бедор.

Гӯям: Эй габр ,он ки ин дорад,
Аз куҷо ним зарра дин дорад.
З- аҳли норӣ, на дархури нурӣ,
Доми девӣ, на ҳилаи ҳурӣ.
То дар он дам батар зи хеш зи шар,
Нашиносад касе зи ҷумла башар.
Накунад кибру кин наёмезад,
Аз раҳи ҷаҳлу ҳумқ бархезад.
То бад-ин фан зи уҷбу истикбор
Боз дорам варо ба лайлу наҳор.
Ҳам саломат бувад маро зи шараш,
Ҳам ба худ набвад аз батар назараш.

## АНДАР МАВЪИЗАТ ВА НАСИҲАТ ГӮЯД

Сӯҳбати зиракон чу бӯй аз гул,
Иззати носиҳон чу таъм аз мул.
Беғараз панд ҳамчу қанд бувад,
Боғараз панд пойбанд бувад.
Дар машоми хирад чӣ зишт ояд,
Ҳар насиме, ки н-аз биҳишт ояд.
Баҳри андом додани ӯ бош,
Дил чу синдон, забон чу суҳон бош.
Бишиносӣ зи роҳи дидаи рӯҳ,
Фатҳаи дин чу рӯй дод футӯҳ.
Вусъат он ҷо, ки роҳи Яздон аст,
Тангӣ ин ҷо, ки банди инсон аст.
Инна фӣ динино бихону бимон,
Маркабатро бирону тез бирон.
Роҳи Яздон раҳи фарох омад,
Гулшану бӯстону кох омад.
Ҳар машоме, к-аз ин насими биҳишт,
Натавонад шунид, бошад зишт.

## АНДАР СИФАТИ БИЁБОН ГӮЯД

Тангии роҳро сифат бишнав,
Дар раҳе н-озмуда хира марав.

Раҳ чу суфору хор чун пайкон,
Мори рангин дар ӯ чу тӯзи камон.
Тезу гирён кунандат аз гармо,
Умми ғелони ӯ чу ибни Зико.
Хора дар таффи ӯ чу хора сабук,
Шӯра бар санги ӯ чу шора тунук.
Мурда хокаш зи ҳаҷри беобӣ,
Кафанаш карда шӯра симобӣ.
Маҳмаҳаш бо маҳобати арқам,
Чун дами Абязу дили Балъам.
Шуда аз таффи шӯраи бадранг,
Ҳамчу симобреза дар вай санг.
Соя як дам дар ӯ наёсуда,
Ғӯлу Хизраш сароб паймуда.
Нобисуда бари ҳалокашро,
Адҳами рӯзгор хокашро.
Пеши чашму хаёли пуркина,
Хок сурма, сароб ойина.
Абри баҳман дар ӯ самум шуда,
Мор бар хоки ӯ чу мум шуда.
Буда ҳомуни ӯ чу ҳовия рост,
Хок ҳамчун дили Муовия рост,
Ки нарафтӣ зи саҳми он ҳомун
Хизр беобу бе алел бурун.
Хизр бе раҳбар андар он саҳро
Натавонист рафт бар амё.
З-он ки аз рӯи ҳақду пуркинӣ,
Роҳ чун пушти оина чинӣ.
Қамар он ҷо тариқ гум карда,
Шамс дар вай шуоъ биспурда.
Ҷазъ дар чашмҳош хонорой,
Ғӯл бар гӯшҳо фуқоъгушой.
Аз паи қуту қуввати мардум,
Гандумаш пур зи неш чун каждум.

Наргис андар хаёл буд чунин,
Офтобе миёнаи Парвин.
Чашмаи офтоб абролуд,
Ташти шамъе миёни тӯдаи дуд.
Гарчи аз баҳри меҳри дилдоре,
Шаш дирам сохт кард диноре.
Қулзуми қиру қор то иброҷ
Барфишонда талотуми амвоҷ.
Саҳни беамни ӯ чу хонаи бим,
Монда беоб ҳамчу рӯйи ятим.
Боди сардаш зи дил бурида умед,
Реги гармаш ба марг дода навид.
То самумаш симоми гӯш омад,
Дасти ӯ пойбанди ҳуш омад.
Каждум аз хори ӯ кунад мисвок,
Мори афъӣ дар ӯ наёбад хок.
Хоки ӯ рӯйи об нодида,
Гили ӯ пушти мардуми дида.
Нон надид он ки з-оби ӯ шуд шод,
Ҷон набурд он, ки дил бар ӯ бинҳод.
Таби зард аст риштаи чаҳи ӯй,
Марги сурх аст рафтани раҳи ӯй.
З-ин биёбон басе туро беҳтар,
Хонаву оби сарду деги кибар.

## АНДАР ТАСАВВУФ ВА ЗУҲД

### Зикру-т-тасаввуфи алзама ала-л-ҳақиқати лианна фиҳи наҷоту-л-халиқат [lxix]

Он ки дар банди молу асбобанд,
Ҳама ғарқа миёни гирдобанд.
В-он касон, к-аз буруни дар монданд,
Дон, ки дар дасти хеш дармонданд.
Ома дил дар ҳавои ҷон бастанд,
З-он ки аз дасти ҷаҳл сармастанд.

Хоса дар олами муоинаанд,
Ҳамчу симобу рӯй оинаанд.
Ҳама дасти ниҳолкан доранд,
Ҳама мурғи қафасшикан доранд.
Аз паи мулки дин на аз паи милк,
Рӯйзардони дилсапед чу килк.
Пурниёзони бениёзонанд,
Ростбозони покбозонанд.
Қаддашон пеши амр болида,
Кашфро зери кафш молида.
Ҷомашон аз паи риёзати пӯст,
Ҳамчу табъи лаъим хоридӯст.
Сарашон аз барои дор баланд,
Нардбонпояи ҳисори баланд.
Ҳама бо андалеб дилхешанд,
Ҳама симурғи хонаи хешанд.
Ҳамаро дар ҷаҳон на рӯҳу на ҷисм,
Даргирифта чу кӯдакон аз бисм.
Исм хонда, ба феъл омада боз,
Ҳама хомӯшу сайдҷӯй чу боз.
Заҳри қаҳр аз миёни ҷон доранд,
Шаккари шукр бар забон доранд.
Гарди кӯи маломате рӯбанд,
Ҳалқаи ҷони давлате кӯбанд.
Аз паи зайфи осмони ҷалол,
Ҳама шабрав ба сони тайфи хаёл.
Ошиқи марг ҳар як аз паи барг,
Хештанро кашида з-эшон марг.

## ДАР СИФАТИ АҲЛИ ТАСАВВУФ

Ҳар гадое, ки бинӣ аз кам-кам,
Подшоҳест бо хиюлу алам.
Ҳама дурдикашон, вале безарф,
Ҳама муқрӣ, вале на савту на ҳарф.

Чун сари ишқи он ҷаҳон доранд,
Ҳамчу шамъанд, сар зи ҷон доранд.
З-он ки то-шон умед набваду бим,
Ҷонашон тан хурад чу шамъи муқим.
Пеши амраш чу килк барҷаста,
Сар қадам кардаву миён баста.
Саг дарад пӯстини дарвешон,
В-арна чарх аст бандаи эшон.
Бош, то рӯзи ҳашр бархезанд,
Ҳама дар домани дил овезанд.
То бубинӣ ту хоса бар дари ёр
Пеши ҳар як ҳазор мартабадор.
Ҳаракат рафта аз ишораташон,
Ҳарфҳо часта аз ибораташон.
Мунтаҳои умедашон то ӯ,
Қиблашон ӯву унсашон бо ӯ.
Ҳама хоҳӣ ки бошӣ, ӯро бош,
Рав бараш, сӯи хеш ҳеҷ мабош.
Жолаи зил зи дил марон ҳаргиз,
К-аз раҳи зил расӣ ба гулшани из.

**ДАР ТАЛАБ КАРДАН АЗ ДАРИ ДИЛҲО**

Дари дил кӯб, то расӣ ба Худой,
Чанд гардӣ ба гирди бому сарой?!
Аз дари кор агар даройӣ ту,
Дон, ки бар боми дин баройӣ ту.
Дил кунад сӯи осмон парвоз
Боми динро ба нардбони ниёз.
Нардбоне, ки сӯи боми дил аст,
Пояи арш зери ӯ хиҷил аст.
Тунгҳои шакар марез ба боғ,
Ки ҳама боғ тӯтианд чу зоғ.
Тӯтиёне чу зоғ пеши ту-дар,
Ту фурӯ рехта ба тунги шакар.

Дар ниҳоду мизоҷи хеш нигар,
Лутиёнро чу тӯтиён машмар.
Ин замон тӯтиён ҷигархоранд,
Лекин алкан ба гоҳи гуфторанд.
Заҳри ҷонро ба ошёна барад,
Шаккарат бо зубоб хона барад.
Марҷаъи ҷон зи заҳри умргазой
Бозгашти шакар таҳоратҷой.
Ҳеҷ бошӣ, чу ҷуфти фардӣ ту,
Ҳама бошӣ чу ҳеҷ гардӣ ту.
Гар ҳаме юсуфит бояду ҷоҳ,
Ранҷҳо каш бибар риёзати чоҳ.
Чун Сулаймон ту мулкро шоӣ,
Ки чу Юсуф ба ҳусн зебоӣ.
Шодмон бошу чеҳраро бифрӯз,
Хештанро ба нори ҷаҳл масӯз.
Рав, бурун неҳ зи хеш ҳастии хеш,
Иззи худ дон ҳамеша пастии хеш.
Гар шавӣ солу маҳ бар ин минҳоҷ,
Барниҳад бар сари ту гардун тоҷ.
Аҷали нафс дар гадоӣ дон,
Асли ӯро зи подшоӣ дон.
Ҳамчу мардон сабук ба кор дарой,
То бубинӣ ҳазор шоҳ гадой.
Андар ин раста баҳри растани х(в)ад,
Он фурӯш, эй писар, ки кас нахарад.
Чун суолат гузид мард муҳол,
Мар туро касб хубтар зи суол.
К-аз салоҳат силеҳу ҳастии туст,
Чун амал ҷои бутпарастии туст.
Чун дил аз кам задан-т шод шавад,
Ончӣ он ҳасти туст, бод шавад.
Қомати умри хешро хам деҳ,
Дидаи хушки хешро нам деҳ.

Хами қомат, ки нампазир бувад,
Сад камон пеши ӯ чу тир бувад.

## ФӢ ЗАММИ-Т-ТАМЪИ ВА-Л-ҲИРСИ[LXX]

Дили худро зи тобу тобиши тамъ
Тофта-в тафта дор, чун дили шамъ.
К-он фатила, ки барфурӯзандаш,
То нашуд тофта, насӯзандаш.
Он баношуд, валек чун сурхоб
Равад аз баҳри обрӯ бар об.
Валӣ он аст, к-ӯ зи худ бицҳад,
Пой бар оби рӯи хеш ниҳад.
В-арна ӯ обро ҳаво дорад,
Дили ӯ бекулаҳ қабо дорад.
Гарчи худро ба об биспорад,
Мар ҳаборо ҳаво нигаҳ дорад.
Гар баду неку меҳру кин бошад,
Ҳар чӣ ҷуз дин, ҳиҷоби дин бошад.
Дар раҳи дин танат ҳиҷоби ту аст,
Ҳастии ту барат ниқоби ту аст.
Ҳастии хешро зи раҳ баргир,
То шавӣ бар ниҳоди ҳастӣ мир.
Бехудонро зи худ чӣ фоида аст,
Ишқу мақсуди хеш беҳуда аст.
Бехудӣ мулки лоязолӣ дон,
Мулкате нася нест, ҳолӣ дон.
Ҳар кӣ мақсудро талабкор аст,
Дар раҳи сидқ сахт бекор аст.
Дил зи мақсуди хештан баргир,
Ҳукмро бошу корат аз сар гир.
Нашавӣ бар ниҳоди худ солор
Ба намозу ба рӯзаи бисёр.
З-он ки ҳарчанд кард баргардӣ,
З-ин ду ҳар лаҳза хоҷатар гардӣ.

Гар ҳаме лакҳанат кунад фарбеҳ,
Сер хӯрдан туро зи лакҳан беҳ.
Сифати дӯстони ҳарҷоӣ,
Чист ҷуз тирагиву раъноӣ.
Дӯстонро расад, ки дар раҳи роз,
Тиравойӣ кунад бари ғаммоз.

**Андар баёни ҳоли сӯфӣ ва ситоиши сӯфиён фармояд**
**Аломату асҳоби-т-тасаввуфи ан ло ясъалу ло янҳару ло юдаххир** [lxxi]

Тоза андар баҳори ҳақ сӯфист,
Сарв бар ҷӯйбори ҳақ сӯфист.
Сурати сарв чист зӣ ома,
Ростқад, тозарӯй, хушкома.
Сӯфиёне, ки косапардозанд,
Чашми таҳқикро ҳама гозанд.
Марди сӯфӣ тасаллуфӣ набувад,
Худ тасаввуф такаллуфӣ набувад.
Сӯфиёне, ки аҳли асроранд,
Дар дили нору бар сари доранд.
Сӯфӣ он аст, к-аз таманниву хост,
Гашт безору як раҳе бархост.
Се нишон аст марди сӯфиро,
Хоҳ басриву хоҳ кӯфиро.
Аввал он, к-ӯ суол х(в)ад накунад,
Бад бувад худ, суоли бад накунад.
Дуввум он -к ар касе аз ӯ хоҳад,
Моҳазар бидҳадаш, ки мешояд.
Накунад ботил он ба манну азо,
Ки биёбад аваз ба рӯзи ҷазо.
Сеюм он, к-аз ҷаҳон шавад берун,
Набувад мудахар варо афзун.
Сози таҷҳизи ӯ зи неку зи бад,
Ҳеҷ гуна муъад набошад х(в)ад.

Шодмона бувад ба гоҳи раҳил,
Набувад хор ҳамчу марди маъил.
Бувад озод, аз он чӣ бигзирад,
В-он чӣ бидҳанд, халқ напзирад.
Ҳар чӣ бояд зи кирдгори ҷаҳон,
Хоҳаду халқ аз ӯ бувад ба амон.
Бувад аз банди ҷоҳу мол озод,
Рух ба сӯи ҷаҳони бефарёд.
Ҳама бехонумону безану ҷуфт,
На мақоми нишасту маъдани хуфт.
Ҳама беборномаву дилшод,
Ҳама кӯтоҳҷомаву озод.

## ҲИКОЯТ ДАР ҲАҚИҚАТИ ТАСАВВУФ

Сӯфие аз Ироқ бо хабаре,
Ба Хуросон расид зӣ дигаре.
Гуфт: Шайхо, тариқатон бар чист,
Пиратон ин замон нагӯӣ, кист?
Роҳу ойинатон маро бинмой,
Дурҷи дуррат ба пеши ман бигшой.
Чист ойину расму роҳи шумо,
Ба кӣ бошад ҳама паноҳи шумо?
Он хуросонӣ ин дигарро гуфт:
Эй шуда бо ҳама муроде ҷуфт,
Он насибе, ки андар он сухanem,
Бихӯрем ин насибу шукр кунем.
В-ар наёбем, ҷумла сабр кунем,
Орзуро ба дил -дарун шиканем.
Гуфт марди ироқӣ: Эй сарамард,
Инчунин сӯфиӣ нашояд кард.
К-ин чунин сӯфии беимон,
Андар иқлими мо кунанд сагон.
Чун биёбанд устухон, бих(в)аранд,
В-ар на собир буванду даргузаранд.

Гуфт: Баргӯй, то шумо чӣ кунед,
Ки ба дил- дар зи андуҳу ҳазанед?
Гуфт: Мо чун бувад кунем исор,
В-ар набошад ба шукру истиғфор.
Ҳам бар ин гуна рӯз бигзорем,
Буда нобуда рафта ангорем.
Роҳи мо ин бувад, ки бишнудӣ,
Инчунин шав, ки ҳам ту бар судӣ.

**Ат тамсилу фӣ таълими-л-аби-л- ғофил ли ибни-л-ҷоҳил фи-т- тасаввуф**[lxxii]

Писаре дошт шайх ноҳамвор,
Ганҷпардозу ранҷ нобардор.
Пир рӯзе зи баҳри насху ниёз
Гашт розӣ ба сулҳи нону пиёз.
Бар сари маҷмаъ аз сари озор,
Гуфт: Пуро, сар аз кабуд барор.
Рав, чу зар боядат сафеҳӣ кун,
В-ар сарит орзу, фақеҳӣ кун.
В-ар зару сар ҳаме бихоҳӣ рост,
Молу ҷони падар ба ҷумла турост.
То туро касбу ҷоҳу ҷой диҳад,
З-он ки ин сӯфиӣ Худой диҳад.
Ӯ ҳидоят диҳад, ту ҷаҳд бикун,
Кор кун кору бармаёр сухун.
Ҷон надид аз ҷаҳони пурдардӣ
Бо ту ҷуз накди ноҷавонмардӣ.
Бо чунин накди зифу рӯй на хуб
Юсуфе кай фурӯшадат Яъқуб?!
Нараҳад як насибаҷӯй аз нор,
З-он ки ришватдеҳ аст ришватхор.
Ту ба сафву сифот сӯфӣ бош,
Пӯст гӯ кӯфииву кӯфӣ бош.
Бош ҳамчун чароғ дар мотам,
Марг бо далқу сӯг ҳар се ба ҳам.

Пеши мурдан бимир, то бираҳӣ,
В-арна мурдӣ, аз ӯ ба ҷон наҷаҳӣ.
Ҳамчунин бош дар ниқоби сиришт,
То нарезад ҷамолат оби биҳишт.
Сӯи асл аз сарои меҳнату доғ,
Бо либоси кабуд рав чу чароғ.
Чун надорӣ манохӣ андар пеш,
Зӣ ҳисоби хирад биҷӯ, м-андеш.
Муфлисӣ моя соз, то бираҳӣ
Аз балоҳову зиштиву табаҳӣ.
Ошиқон он замон, ки рой оранд,
Ҳар ду олам ба зери пой оранд.
Малакут инчунин гадоеро,
Ҷон диҳанд аз паи ризоеро.
Ҳар кӣ бартар зи ҷон макон дорад,
Хона бар фарқи фарқдон дорад.
Ҳар кӣ бартар зи ҷон мақар дорад,
Кай фурудаш ниҳад, чу бардорад.
Хештанро фидои ёрон кун,
Кишти бегона пур зи борон кун.
Худ або пӯшу хаз ба ёрон деҳ,
Ҷав ту хур, гандуме ба эшон деҳ.
Сақаре гурсунаст бар гузарат,
Молу ҷоҳ аст ҳезуми сақарат.
Гарчи ҳастат чунин сақар дар пеш,
Ҳезуми ӯ машав в-аз ӯ мандеш.
Ҳезуми ин сақар зи ҷоҳ бувад,
В-он чи дорӣ, ба ҷоҳ чоҳ бувад.
Гарчи ҳастӣ кунун зи ғафлат х(в)аш,
Сарнагун дарфитӣ дар он оташ.
Гарчӣ Намруд оташе бар кард,
На чу оташ алаф наёфт нах(в)ард.
Чун шунид ӯ хитоби ҳақ бо нор,
Сарду хуштабъ шуд чу донаи нор.

Зар надорӣ, чӣ ғам хӯрӣ зи амир,
Хар надорӣ, чӣ тарсӣ аз харгир.
Эй фурӯмоягони шатти қидам,
В-эй фурӯмондагони баҳри адам,
Бош, то даррасад баҳори шумо,
То чӣ гулҳо дамад зи хори шумо.
Дасти машшотаи баҳори азал,
То чӣ орояд аз арӯси амал.
Лек он раҳ бибин, ки дорӣ пеш
Аз дари нафс то дари дили хеш.
Ҳар кӣ аз ҷоҳи хеш дармонад,
Чӯби раддаш ба садри ҳақ ронад.
В-он касоне, ки марди ин роҳанд,
Аз ниҳоди замона огоҳанд.
Бинию ш ин ҳадиси безарқе,
Дил манеҳ бар фурӯғи ҳар барқе.
Сифату ҳоли сӯфиён ин аст,
Роҳи дин ину сидқи ҷон ин аст.

## АНДАР СИФАТИ СУРАТИ ОЛАМ

Ту ба гавҳарварои ду ҷҳонӣ,
Чӣ кунам қадри худ намедонӣ.
Бо занон нек ҳамнабардӣ ту,
Бо чунин зӯрмардӣ мардӣ ту?
Чӣ кам аст, эй бузургзода туро,
Дар гушодасту хон ниҳода туро.
Гар ту худро дар ин сарои ғурур
Аз сари ҷаҳлу бухл дорӣ дурр,
Панҷ навбат занӣ чу ақлу чу ҷон,
Бар сари ҳафт чарху чор аркон.
В-ар қабои фано бияндозӣ,
Ба қабила бақои ҳақ тозӣ.
Гар кунӣ бар ҷаҳон ту шабгире,
Ду салому чаҳор такбире.

Ин хасисони гунбади даввор,
Мурдагонанд зидагонихор.
Чӣ кунӣ дар ҷаҳони бимораш,
З-он ки бепурсиш аст бемораш.
Баргузар, к-ин сарой пурваҳал аст,
Нардбонпоя умру бом аҷал аст.
Ҳар кӣ бар матни ин сарой расид,
Боз дасташ ба дидагон бикашид.

## АЛ БОБУ СОМИН [lxxiii]

**Зикру-с-султони ястанзилу-л-амон [lxxiv]**

**Ямдаҳу-с-султону-л-азими молику рикоби-л-умами султону салотини-олами ямину-д-давлати ва амину-л-миллати каҳфу-л-исломи вал муслимина Або ал-Ҳорис Баҳромшоҳ ибни Масъуд Нуруллоҳ мазҷаа [lxxv]**

**Фӣ танбеҳи-л-мулки ва калимати-л-ҳаққи биғайри-л-мудоҳанат [lxxvi]**

Эй зи инсофу адл болотар,
Аз уло ройи туст волотар.
Сухане гӯямат, ба ҳақ бишнав,
Хира бар роҳи тангу тира марав.
Ҳар кас аз рӯи урфи худ оянд,
Мар туро солу моҳ бистоянд.
З-он суханҳои хуб ғарра машав,
Ҳамчу тардоманон ба адл манав.
Адлро чанд шарт лобуд ҳаст,
Чун набошад, ба шарт аҳд шикаст.
Ҳар кас аз баҳри интифоъ туро,
Меситояд зи гуна-гуна ҷудо.
Ал-амон-ал-амон, машав ғарра,
Ки наярзанд дастае тарра.
Ман мудоҳин наям чу дигар кас,
Пеш н-орам зи турраҳот ҳавас.
Гар шабе дар ҳама ҷаҳон ранҷур
Ҳаст як тан, ту нестӣ маъзур.

Гар саге, золиме, баде, шуме,
Бирасонад бадӣ ба мазлуме.
Ту шавӣ рӯзи ҳашр з-он маъхуз,
В-он замон ҳасратат надорад суз.
Адл рафту ба ҷуз фасод намонд,
Дар ҳама олам эътимод намонд.
Ҳеҷ касро ту устувор мадор,
Кори худ кун, касе ба ёр мадор.

## ҲИКОЯТИ ЗАНИ ДОДХОҲ БО СУЛТОН МАҲМУД

Он шунидӣ, ки буд чун дарх(в)ард,
Он чи бо мири мозӣ он зан кард.
Шоҳи шоҳон, ямини дин Маҳмуд,
Ки аз ӯ гашт зинда родию ҷуд,
К-он зан ӯро ҷавоб дод дурушт,
Ки ба дандон гирифт аз ӯ ангушт.
Омиле дар Нисову дар Бовард,
Қасди амлоку чизи он зан кард.
Хонаи зан ба қасд ҷумла бибурд,
Чун барад ҷомаи аробӣ курд.
Зан гирифт аз тааб раҳи Ғазнин,
Бишнав ин қиссаву аҷоиб бин.
Кард онҳӣ зи қисса султонро,
Ба шафеъ оварид Яздонро,
Ки зи ман омили Нисо амлок
Бистаду ман шудам зи ранҷ ҳалок.
Шоҳ чун ҳоли пирзан бишунид,
Пирзанро заъифу оҷиз дид.
Гуфт: Бидҳед номае, гар ҳаст,
То зи амлоки зан бидорад даст.
Нома бистад зану сабук овард
Шодмона ба омили Боворд.
Ки ба зан ҷумла мулк боз диҳад,
Зани бечораро ҷавоз диҳад.

Бо худ андеша кард омили шум,
Ки кунам ҳукми зан чу ҳукми садум.
Зан дигарбора бар раҳи Ғазнин,
Наравад ман надорамаш тамкин.
На ба зан боз дод як ҷав хок,
На зи шоҳу Илоҳаш андуҳу бок.
Зан дигарбора рои Ғазнин кард,
Бинигар, то чӣ саъбу лаъб овард.
Қисса бар шоҳ дошт бори дигар,
Хост аз шоҳи хуброй назар.
Ба тазаллум зи омили Бовард
Бихурӯшиду навҳа пеш овард.
Гуфт султон, ки номае бидиҳед,
Расму оини бад дигар маниҳед.
Гуфт зан: Нома бурдаам як бор,
Лек нагрифт номаро бар кор.
Буд султон дар он замон машғул,
Сухани пирзан накард қабул.
Гуфт султон, ки бар ман он бошад,
Ки диҳам нома, то равон бошад.
Гар бар он нома ҳеҷ кор накард
Он амиде, ки ҳаст дар Бовард,
Зор бихрӯшу хок бар сар кун,
Пеш м-овар ҳадиси бесарубун.
Зан сабук гуфт сокин: Эй султон,
Чун набурданд мар туро фармон.
Хок бар сар маро набояд кард,
Набувад хок мар маро дарх(в)ард.
Хок бар сар касе кунад, ки варо
Набувад бар замона ҳукм раво.
Бишунид ин сухан зи зан султон,
Шуд пушаймон зи гуфти худ ба замон.
Гуфт, к-эй пирзан, хато гуфтам,
К-аз ҳадиси ту ман барошуфтам.

Хок бар сар маро ҳамебояд,
На туро, к- инчунин ҳамешояд,
Ки маро мамлакат бувад чандон,
Ки дар он мулк бошадам фармон.
Ба Аёз он замон сабук фармуд,
Ки сухан беш аз ин надорад суд.
З-ин ғуломон сабук яке бигзин,
Ки равад зӣ Насо чу боди барин.
Ки бувад мар варо саворе бист,
Бингарад, к-ин амиди аблаҳ кист.
Кор бар марди бад бигирад сахт,
Пас мар ӯро фурӯ кунад ба дарахт.
Нома дар гардани вай овезад,
То зи бад ҳар касе бипарҳезад.
Бас мунодӣ занад ба шаҳр-дарун,
К-он ки аз ҳукми шоҳ рафт бурун,
Сар бипечиду золу осӣ гашт,
Гирди худроиву маосӣ гашт.
Мар варо ин сазо бувад ночор,
То надорад ризои султон хор.
Рафт мире бад-ин муҳим дар ҳол,
Гашт марди фасодҷӯ ба накол.
Омили аблаҳ аз чунин кирдор
Ҷон ба беҳуда кард дар сари кор.
Баъд аз он ҳукми шоҳ нофиз гашт,
Шер бо гӯр об хӯрд ба дашт.
Шоҳро ҳукм чун равон бошад,
Олам аз адли ӯ ҷинон бошад.
Пас агар ҳукми ӯ набошад ҷазм,
Накунад ҳеҷ кас ба мулкаш азм.
Амри султон чу амри Яздон аст,
Сояи эзид аз паи он аст.
Лафзи меҳтар, ки гуфт аз пай шоҳ,
Ҳаст султон ҳамеша зиллуллоҳ.

## ҲИКОЯТ ФӢ АФВИ-Л-МАЛИК ВА АДЛИҲИ

Аҳнафи Қайс баҳри ҷамъи асир
Гуфт, к-ин бастагон бари ту, амир,
Гар ба ҳаққанд баста, ҳилмат кӯ?
В-ар худ аз ботиланд, илмат кӯ?
Афв к-он ҳаст асли диндорӣ,
Аз барои чӣ рӯз медорӣ?
Ту зафар хостӣ, Худоят дод,
Ӯ зи ту афв хост, н-орӣ ёд.?!
Ҳаст назди Худою  халқ, эй шоҳ,
Шукри қудрат қабули узри гуноҳ.
Илми ӯ нӯши ҳилмашон бичашид,
Илми ӯ бори ҷурмашон бикашид.

## ДАР ВАСФИ БАДОН ГӮЯД

Ман надонам зи ҷумлаи ашрор,
Пургуноҳе чу бегуноҳозор.
Ҷуз сияҳрӯй вақти бедодӣ
Накунад ҳамчу зангиён шодӣ.
Шуғли давлат, ки аз ситамсозӣ,
Чӣ бувад,ҷуз, ки гургу харрозӣ.
Чун зи доду зи рои хешӣ шод,
Чун кунӣ бар фуруди худ бедод.
Ҳар кӣ андар ҷаҳон ситамҷӯянд,
Даду девони одамирӯянд.
Халқ соясту шоҳ буд поя,
Сояи каж каж афканад соя.
Рӯзгор ар дарад в-агар дӯзад,
Аз дили шоҳи одил омӯзад.
Сояи Эзид аст шоҳи карим,
Рост бошу мадор аз кас бим.
Баду неке, ки дар сутуру дад аст,
Аз дили шоҳи неку шоҳи бад аст.
Гардад аз доди шоҳи касроваш
Сайри бустон чу шири пистон х(в)аш.

Шавад ар ҷаври шаҳ кунад дидор,
Марди бозорӣ аз тара безор.
Ҳар кӣ ӯ бегуноҳ тарсонад,
Дон, ки дар ҷои тарс дармонад.
Золим ар молу ҷони халқ бибурд,
На ҳам охир-ш мебибояд мурд.
Гарчи имрӯз з-аблаҳӣ ситаҳад,
Гӯру маҳшар ҷавоби ӯ бидиҳад.
Нест бар золим аз тану зану мол,
Ҷуз магар хун-ш эч чиз ҳалол.
Шоҳи ғамхор ноиби хирад аст,
Шоҳи хунхор мард нест, дад аст.
Марди ғамхор марди дин бошад,
Ҳар ки ӯ ғам хурад,чунин бошад.
Ранҷадоранда кам зияд чу магас,
Ҳаст камранҷ, аз он зияд каргас.
Шараҳаш ҳеч ҷон чу ранҷа надошт,
Адли ӯ ҷони ӯ бад-ӯ бигзошт…

## ҲИКОЯТ ДАР АДЛИ СУЛТОН

Гуфт рӯзе ҳикояте пире,
Ки маро буд нишонаи тире.
К-андар он рӯзгор шоҳе буд,
Олами адлро паноҳе буд.
Доду инсофу адл густурдӣ,
Ҳар касе бар зи бири ӯ х(в)ардӣ.
Гуфт: Рӯзе ба раҳзане дар тохт,
Дид дар банд карда колаву сохт.
Бандие чанд дид баста ба банд,
Дузд гирёну бандиён з-он ханд.
Зуд наздики роҳзан рафташ,
Дурри таҳқиқи роҳзан суфташ.
Гуфташ ин хандаву гиристан чист,
В- инчунин молу банд бастаи кист?

Гуфт: Морост ин гиристан зор,
Ки чунин неъмат аз ямину ясор
Гирд карданд аз ҳарому ҳалол,
Ҷамъ карданд зарру колаву мол.
Рахти барбодгашта дар банданд,
Бар худу одилон ҳамеханданд.
Зулм шуд адлу рӯз шуд шаби мо,
З-он ҳаме нашнаванд ё раби мо.
Одилонем, лек бо фани хеш,
Банд бардоштем аз тани хеш.
Ҳар ки ӯ адли хеш бигзорад,
Золимеро Худой бигморад.
То барорад зи молу ҷон-ш димор,
Зулми ӯро ба зулм созад кор.

## ҲИКОЯТ ДАР ҲИЛМУ БУРДБОРИИ НӮШИРВОН

Ҳоҷибе бурд ҷоми Нӯширвон,
Дид он шоҳу кард аз ӯ пинҳон.
Дили хозин зи бими шаҳ бархост,
Ҷом ҷустан гирифт аз чапу рост.
Хозин аз бими ҷони худ ба шитоб
Ҳар касеро ҳаменамуд азоб.
Ҷони хозин битофт аз пайи ҷом,
Гашт аз бими шоҳ хуношом.
Бо умеду ба роҳату ғаму дард
Ҳар касеро мутолибат мекард.
Шоҳ гуфташ: Маранҷу бод масанҷ,
Бегунаҳро мадор дар ғаму ранҷ.
Дили худро ба ҷои худ боз ор,
Бегунаҳро бад-ин гунаҳ м-озор.
Чист беҳтар зи хира ҷӯшидан,
Пардаи бар гуноҳ пӯшидан,
К-он ки бардошт ҷом надҳад боз,
В-он ки донист фош накнад роз.
Шоҳ рӯзе миёни раҳгузаре

Дузди худро бидид бо камаре.
Кард ишорат ба ханда бе боре,
К-ин аз он ҷом ҳаст? Гуфт: Оре.
Он-т бахшудан, ин-т бахшидан,
Он-т пошидан, ин-т пӯшидан.
Габре аз дузд баргирифт онро,
Ним аз он бас бувад мусалмонро.
Чӣ кунӣ пас, чу дастрас дорӣ,
Туву озурдану ситамкорӣ.
Қафас аз ҷаври ту чу бишкастам,
Рустамӣ ту, ман аз ситам растам.
Ҳеҷ кӯтаҳ мадор аз ину аз он
Ба зиёну ба суд дасту забон.
Ба забон мехарош ҷонҳоро,
Ба табар метарош конҳоро.
Охируламр аз ин харошу тарош,
Бонги маргат шавад ба олам фош.
Золиме, к-ӯ ба ҷавр шуд мавсуф,
Ҷаври ӯ шона гашту ҷони ту суф.
Гирди ӯ баҳри нону об магард,
Хун-ш хур, гар ҳалол хоҳӣ х(в)ард.
Хуни сурат ҳаме нагӯям ман,
Ту баҳона маресу куфр матан.
Хуни ӯ хур ту аз дуои саҳар,
Ки дуои саҳар беҳ аз ханҷар.
Шоҳ чун одил аст, бояд буд
Бо сипоҳу раъият аз пайи суд.
Рӯзи равшан ба ҷуд кӯшидан,
Шаби торӣ ба роз пӯшидан.

## ДАР АДЛИ ПОДШОҲ ВА СИФАТИ ОН

Адл кун, з-он ки дар вилояти дил,
Дари пайғамбарӣ занад одил.
Дар шубонӣ чу адл кард Калим,
Дод пайғамбараш илоҳа карим.

То шубонӣ накард бар ҳайвон,
Кай шубон гашт бар сари инсон?
Адл дар дасти он ки додгар аст,
Новаки маргро қавӣ сипар аст.
Маргро ҳеҷ н-ояд аз одил,
З-он ки дорад зи адли одил дил.
Шоҳи пурдил ситезакор бувад,
Шоҳи баддил ҳамеша хор бувад.
Шоҳи одил миёни неку бад аст,
Тезу золим ҳалоки халқу х(в)ад аст.
Бар миёна бувад шаҳи одил,
Набувад шерхӯ, на уштурдил.
Мулкро шоҳи золими пурдил
Беҳ зи султони оҷизи одил.
Доди кас шоҳи оҷизи бодод,
Натавонад ситад, наёрад дод.
Шоҳи ҷобир зи мулку дин танҳост,
Ҷон ба инсофи табъ дар танҳост.
Дили шаҳ чун зи аҷз хуноб аст,
Ӯ на шоҳ аст, нақши гармоба-ст.
Адли шаҳ неъмати Худованд аст,
Ҷаври ӯ пойи халқро банд аст.
Шоҳи одил чу киштии Нӯҳ аст,
Ки аз ӯ амну роҳати рӯҳ аст.
Шоҳи ҷоиз чу мавҷи тӯфон аст,
З-ӯ харобии хонаву ҷон аст.
Бошад андар харобу ободон
Адли шаҳ ғайсу ҷаври шаҳ тӯфон.
Толиби шоҳи одил аст ҷаҳон,
Ту ният хуб кун ,ҷаҳон бистон.
Ҳар кӣ дорад ба доду дин олам,
Ба Худо, ар бувад зи Маҳдӣ кам.
К-ӯ на Маҳдӣ ба сустаҳдӣ шуд,
Ӯ ба дину ба дод Маҳдӣ шуд.
Ту барӣ шав зи ҷавру бадаҳдӣ,
Кофирам, гар нахонамат Маҳдӣ.

Фарри инсофу зеби шед якест,
Бехи бедоду шохи бед якест.
Сохтанрост шед бар гардун,
Сӯхтанрост бед бар ҳомун.
Бо ситам сури мамлакат шӯрест,
Бе алиф нақши доварӣ дурист.
Подшоҳи мусаллату мағрур
Аз Худою зи халқ бошад дур.
Аз Худою аҷал бе огоҳӣ,
Эмин аз новаки саҳаргоҳӣ.
Эй басо тоҷу тахти марҳумон
Лахт-лахт аз дуои мазлумон.
Эй басо рояти адӯшиканон
Сарнагун аз дуои пирзанон.
Эй басо тирҳои ганҷурон
Шох-шох аз дуои ранҷурон.
Эй басо найзаҳои ҷабборон,
Пор-пор аз дуои ғамхорон.
Эй басо боду буши такнинон
Тарту март аз дуои мискинон.
Эй басо бодгиру тораму тим
Зеру боло зи оби чашми ятим.
Эй басо рафта мулки пурҳунарон
Зор-зор аз дуои бепадарон.
Он чи як пирзан кунад ба саҳар,
Накунад сад ҳазор тиру табар.

## ҲИКОЯТ ДАР АДЛУ СИЁСАТ ВА ҶУДИ ПОДШОҲ

Рӯзе аз рӯзҳо ба вақти баҳор,
Рафт Маҳмуди Зовулӣ ба шикор.
Дид, золе нишаста бар сари роҳ,
Рӯяш аз дуди зулм гашта сиёҳ.
Бар тан аз зулму ҷаври пироҳан
Аз гиребон дарида то доман.
Ҳар замон гуфтӣ, эй малик, фарёд,
Чист ин зулму чист ин бедод?!

Човаше рафт, то кунад дураш,
Дид аз дур шоҳу дастураш.
Ронд Маҳмуд аспро бари зол,
То ҳаме боз пурсад он аҳвол.
К-ин чӣ ошӯбу бонгу фарёд аст,
Боз гӯ,к-аз кӣ бар ту бедод аст?
Гандапири заифи тираравон,
Оби ҳасрат зи дида кард равон.
Гуфт: Золе заифу дарвешам,
Кас наёзорад аз каму бешам.
Писаре дораму ду духтари хурд,
Падари ҳар се шуд ду сол, ки мурд.
Аз ғами нону ҷомаи эшон
Медавам бар тариқи дарвешон.
Хӯшачинам ба вақти кишту дарав,
Арзану боқилову гандуму ҷав.
Сол то сол аз он бувад нонам,
То нагӯӣ, ки ман таносонам.
Бар ман аз чист ҷаври ту пайдо,
Охир имрӯзро бувад фардо.
Чанд аз ин зулму раъят озурдан,
Молу мулки ятимакон хурдан?
Будам андар деҳе меҳе маздур,
Аз барои яке сабад ангур.
Дӣ сари моҳ буду ман зи нишот
Бистадам музд, то равам ба работ.
Панҷ турк омад аз қазо пешам,
Хонд аз эшон яке бари хешам.
Бигирифт он сабад зи гардани ман,
Ман баровардам аз ано шеван.
Дигарӣ омаду задам чӯбе,
То зи ман барнахезад ошӯбе.
Гуфтам: Ин кист в- ин кӣ шояд буд,
К-ӯ баровард аз тани ман дуд?»

Гуфт: Ҷондори шоҳ Маҳмуд аст,
З-ин ҷазаъ мар туро чӣ мақсуд аст?
Бар худу ҷони худ махӯр зинҳор,
Роҳро пеш гиру бонг мадор!
Ман зи гуфтори вай битарсидам,
Роҳи ишкори ту бипурсидам.
Ба сари роҳи ту давидам тафт,
Аз ман орому сабр ҷумла бирафт.
Ман туро ҳоли хеш кардам дарс,
Аз дуои мани заиф битарс.
Гар наёбам зи назди ту ман дод,
Дар саҳар назди ӯ кунам фарёд.
Оҳи мазлум дар саҳар ба яқин
Батар аз тиру новаку зӯбин.
Дар саҳаргаҳ дуои мазлумон,
Нолаи зору оҳи маҳрумон
Бишканад шери шарзаро гардан
Даркаш аз зулм, хусраво, доман.
Он чӣ дар ними шаб кунад золе,
Накунад чун ту хусраве соле.
Гар ту инсофи ман нахоҳӣ дод,
Рӯзе аз мулки худ набошӣ шод.
Ин чӣ берасмиву ситамгорист,
В-ин чӣ фиръавниву чӣ ҷаббористׁ?!
Гар-т дар мулк одиле будӣ,
Бодкоҳе зи ман набирбудӣ.
Охир аз ҳашр ёд бояд кард,
Шоҳро адлу дод бояд кард.
Тахт султон чу ту басе дидаст,
Доду бедоди ҳар кас ашнидаст.
Бигзарад даври умри ту ногоҳ,
Бар сари дигаре ниҳанд кулоҳ.
Хурад ӯ молу ту ҳисоб диҳӣ,
Андар он рӯз чун ҷавоб диҳӣ?

Андар он рӯз кай расад фарёд,
Мар туро ҳеҷ бандаву озод?!
Монд Маҳмуди Зовулӣ ҳайрон
Андар он гандапири чиразабон.
Зор-зор аз ҳадиси ӯ бигрист,
Гуфт: Моро чунин чӣ бояд зист?
То наёрад, ки аз разе ангур
Сӯи хона барад зане муздур.
Рӯзи ҳашр охир ин бипурсандам,
Бингар, аз ҷаҳл ман чӣ хурсандам.
Мулк агар ҳаст ё на, ин чӣ ғам аст,
Бар ман ин ғам зи номи ман ситам аст.
Хасми ман гар ҳамин зани пир аст,
Дар қиёмат маро чӣ тадбир аст?
Зан нагардад агар зи ман хушнуд,
Дар қиёмат чӣ зор хоҳад буд?
Гуфт:- Охир, нигар, киянд эшон,
Ки намоянд ранҷ дарвешон.
Золро пеш хонду гуфт: Бигӯй,
Он чӣ бояд туро мурод, биҷӯй.
Зор бигирист золу гуфт: Эй шоҳ,
Гарчи дастам зи мол шуд кӯтоҳ.
Ба Худо, ар ба ман диҳӣ сад ганҷ,
Барнахезад зи ҷони ман ин ранҷ.
Хусрав аз баҳри адл бояду дод,
Варна ҳар кас зи пушти Одам зод.
То чӣ бояд, ки чун ту бошӣ шоҳ,
Баде аз пушти ман рабояд коҳ.
Хӯрд савганд шаҳрёри ҷаҳон
Ба Худову паямбару Қуръон.
Гуфт ҳар панҷро баровезам,
Асп аз ин ҷой пас барангезам.
Зуд ҳар панҷро биёварданд,
Ҳалқашон сӯи ресмон бурданд.

Ҳар якеро ба гӯшае овехт,
Лашкар аз дидагон ҳаме хун рехт.
Золро гуфт:Ҳон, шудӣ хушнуд,
Аз ту бар раҳзанон насиб ин буд?
Боғе аз хоси худ бад-ӯ бахшид,
То аз ӯ ҷуду адл ҳар ду бидид.
Хусрави комрон чунин бояд,
То аз ӯ мулку дин баросояд.
Ҳар кӣ дар мулку дин чунин бошад,
Дархури ҳамду офарин бошад.
Дасти инсоф то ту бигшодӣ,
Ин ҷаҳон баст киллаи шодӣ.
Гар ту некӣ кунӣ ҷазо ёбӣ,
Дар ҷаҳон ҷовидон бақо ёбӣ.

## ДАР ТААҲҲУДИ УЛАМОИ ДИНДОР

Уламо ҷуз амини дин набуданд,
Чун наёбанд амон,амин набуданд.
Чашми сар мулку чашми сар дин аст,
Он ҷаҳонбину ин ниҳонбин аст.
Ину он ҳарду ёри якдигаранд,
Ҳам хазон, ҳам баҳори якдигаранд.
Мулку динро саре, ки бехирад аст,
Рост чун ҳоли дев, чаҳу намад аст.
Садди хардон зи рӯи лод омад,
Садди давлат сидоду дод омад.
Мулку динро дар ин ҷаҳону дар он
Сидқу адл аст рӯю пуштивон.
Шоҳро чун сидод набвад ёр,
Мулки ӯ бод дон, ба мулк мадор.
Ҳар куҷо сидқ, дину дил зиндаст,
Ҳар куҷо адл, мулк пояндаст…
На бимондаст зинда ҷовидон,
Ҷаври Марвону адли Нӯширвон.

Мулки дуҷҳон ба зери пой орӣ,
Гар ҳаворо зи даст бигзорӣ.
Ҳар кӣ парҳезкору хурсанд аст,
То ду гетист, ӯ Худованд аст.
Чун хирад афсару тақӣ шуд гоҳ,
Хонадат Ҷабраил шоҳаншоҳ.

## ДАР АДЛ НАМУДАН ВА ЗУЛМ КАРДАН

Давлат акнун зи амну адл ҷудост,
Ҳар кӣ золимтар аст мулк ӯрост.
Гар ҳаме мулки ҷовидон хоҳӣ,
Зери фармони худ ҷаҳон хоҳӣ.
Бош чун офтоб ноғаммоз,
Ба забон кӯтаҳу ба теғ дароз.
Ишрат омад, ки мегузин, магузин,
Зафар омад, ки барнишин, манишин.
Ар мухолиф, бишӯй дар як дам
Ҳам ба хуни мухолифон олам.
Чун Умар нафсро ба кор дарор,
Чун Алӣ ҳирсро ба дор барор.
Нафс бо ҳирс ҳар ду душман дон,
Хештанро зи нангашон бираҳон.
Ҳирсро шарбати ҳалоҳил деҳ,
Нафсро ҳамчу мурда дар гил неҳ.
Адлро тозабех кун бар гоҳ,
Зулмро чормех кун дар чоҳ.
Сирати адл сурати ҳунар аст,
Сурати бухл каждуми ҷигар аст.
Сирати зулми шаҳ батар зи куништ,
Сурати адли шоҳ беҳ зи биҳишт.
Шаръ хушк аст, ашки меғаш деҳ,
Куфр ташна-ст, оби теғаш деҳ.
Теғи мардон чу дасти зан набувад,
Мамлакатро равону тан набувад.

Зулм сафрои мулку дин омад,
Рою теғаш сикангабин омад.
Дину давлат бад-ин ду гардад чир,
Хоҷаро раъю шоҳро шамшер.
Мулкро гарчи ақл чун созӯст,
Мулки бетеғ теғи бебозӯст.
Чаккуши теғ баҳри мุште хас
Боди раъби ту теғи эшон бас.
Бишкан аз гурз гардани гардун,
Чун ба кам кун зи саҳм дар ҷон хун.
Шоҳ чун офтобу меғ бувад,
Ҳирзу таъвиз румҳу теғ бувад.
Ҳирзу таъвизу сояи хона
Бобати кӯдак асту девона.

## ДАР ҲУКМ РОНДАНИ ПОДШОҲ

Пояи қадри онҷаҳонӣ ҷӯй,
Сояву фарри осмонӣ ҷӯй.
Ҳиммат андар ниҳод олӣ дор,
Дил зи кори замона холӣ дор.
Даст аз ин обҳои ҷӯй бишӯй,
Шарбат аз оби ҳавзи Кавсар ҷӯй.
Мулки боқӣ камолсоз бувад,
Мулки дунё хаёлбоз бувад.
Нест ин мулки даҳрро ҳосил,
Мулки боқӣ талаб, бар он неҳ дил.
Дил чӣ бандӣ дар ин сарои маҷоз,
Ҳиммати паст кай расад ба фароз?
Ӯст мақсуди ҳар ду олами ту,
З-ӯ тасалло расад бад-ин ғами ту.
Ба сагон мон барои мурдоре
Сояву фарри устухонхорӣ…

## АЛ-БОБУ-Т-ТОСЕЪ [lxxviii]

**Фи-л- ҳикмати ва-л- амсоли ва масолиб шуароъи-л-муддаъин ва мазаммати-л- атиббои ва-л- мунаҷҷимин [lxxix]**

**Фасл фӣ баёни сабили-с-саъодати ва-т-тариқи-л-мустақим [lxxx]**

Чун ту бар заррае ҳисоб кунӣ,
В-ар ба шубҳат бувад итоб кунӣ.
В-ар ҳароме бувад, азоб диҳӣ,
Рӯзи маҳшар бад-он иқоб диҳӣ.
Кай писандӣ зи банда зулму хато,
В-ар ту ронӣ, чаро диҳӣ ту ҷазо?
Чун ҳаволат кунам гунаҳ ба қазо,
Гуфта дар нома куфр: ло ярзо.
Худ гунаҳ мекунему дода ризо,
Пас ҳаволат кунем сӯи қазо.
Эй туро роҳ гашта рою қиёс,
Батар аз роҳу ройи худ машинос.
Роҳи дин аст муҳками танзил,
Шарҳи он Муртазо диҳад таъвил.
Ҷуз аз ин ҷумла турраҳот шумар,
Кори худ кун ба қавли кас мангар.
Подшоҳо, маро бад-ин бимагир,
Худ кунам, худ кашам ҷазову зачир.
Дар сифоти ту зулм натвон гуфт,
Бо саге дар ҷувол натвон хуфт.
Раҳ намудӣ, русул фиристодӣ,
Бар ту ҷоиз куҷост бедодӣ?!
Гар ту бар банда куфр хостаӣ,
В-аз мукофоти он накостаӣ.
Ин маонӣ ба зулм шуд мансуб,
Эй муназзаҳ зи зулму ҷавру уюб.
Он чи моро ба зулм шуд бора,
Бувад аз нафси шуми аммора.

Ӯ туро роҳи рост бинмудаст,
Гар ту бар раҳ равӣ, туро суд аст.
Гар ба бад нафси ту шавад моил,
Ин-т зулме азиму бас ҳоил.
Он ки ӯ аз ту ростӣ хоҳад,
Гӯядат гар бадӣ кунӣ шояд.
Ба бадӣ ҳоҷати расул набуд,
Баҳр бошад ҷаҳону пул набуд.
Ҳар касе аз бад он чи битвонад,
Бо касон дар ҷаҳон ҳамеронад.
Нест ҳоҷат ба номаву пайғом,
Бар ману бар ту гашт кор тамом.
Хоҷа дар хоби ғафлате пайваст,
Рӯзи маҳшар туро кӣ гирад даст?
Аз ту пурсанд рӯзи растохез,
К-эй ба хоб-андарун, яке бархез.
Боз гӯ, то бадӣ чаро кардӣ,
Моли айтому бева чун х(в)ардӣ?
Бегунаҳро чаро ту хун резӣ?
Ту чи гӯӣ, магар ки бистезӣ.
Пеш гирӣ, магар раҳи инкор,
Гардӣ аз кардаҳои худ безор.
Ё бигӯӣ ту хостӣ бар ман,
Бар ту пайдо шавад анову миҳан.
Хезу беҳуда турраҳот магӯй,
Хештанро раҳи салоҳ биҷӯй…

❁ ❁ ❁

Хатми ин байтҳо дуруд расид,
Аҷал андар қафову ақл бидид.
Дид чашмам ба хоб дар як шаб,
Ки зи гуфторҳо бибастам лаб.
Ақл донист вақти рафтани ҷон,
Омадурафт хоҳад ӯ зи миён.
Омадам пеш бохатар сафаре,
Бӯ, ки ёбам аз ин хатар гузаре.

Чун насибам зи даҳр ин омад,
Ин маро байти вопасин омад.
Ноқис омад китоб, аз он ки аҷал
Ҷон рабуду супурд тан ба ваҷал.
Гарчи ин байтҳо тамом нашуд,
Теғи гуфтор дар наём нашуд.
Он чи гуфтам низоми ӯ ба камол,
Ҳаст чун шамсу моҳу оби зулол.
Агар андар ҷаҳон мақом будӣ,
Гуфти ман то абад тамом будӣ.
Чун бирафтам ба узр, маъзурам,
Пеши устоди дин чу муздурам.
Ё Раб, ин узри гуфтаҳо бипазир,
Ба хатоҳову кардаҳом магир.
Ту, ки хонандаӣ, дуогӯ бош,
Диннигаҳдору ҷоиҷонҷӯ бош.
Чун туро ҷои ҷон бурун аз ҷост,
Пок ҷон дор, агар на бими аност.
Ки чу хоки танат ба хок шавад,
Пок бояд, ки ҷои пок шавад.
Ман зи кирдору гуфт тарсонам,
Гӯ, ки гиранд ҳар ду осонам.
Лекин, эй дӯст, рафтанам з-ин сон,
Гар бихоҳӣ ту ҳам кунун осон.
Карди худ гирди худ даровардам,
Он чи кардам, зи даҳр он бурдам.
Ту чунон дон, ки ҳамчунин бошӣ,
Ҷаҳд кун, то муриди дин бошӣ.
Чун туро дин бувад муриди лаҳад,
Ёфтӣ хилъати санои аҳад.

# Қ А С О И Д

## ДАР БАЁНИ ИСТИҒНОИ МАЪШУҚИ ЛОЯЗОЛ ВА ШАВҚИ АРБОБИ ҲОЛ ФАРМОЯД

Эй, дар дили муштоқон аз ишқи ту тӯфонҳо
В-аз ҳуҷҷати бечуне дар сунъи ту бурҳонҳо.
Дар зоти латифи ту ҳайрон шуда фикратҳо,
Бар илми қадими ту пайдо шуда пинҳонҳо.
Дар баҳри камоли ту ноқис шуда комилҳо,
Дар айни қабули ту комил шуда нуқсонҳо.
Дар синаи ҳар маънӣ бифрӯхта оташҳо,
Бар дидаи ҳар даъвӣ бардӯхта пайконҳо.
Бар соҳати об аз каф пардохта мафрашҳо,
Бар рӯи ҳаво аз дуд афрохта айвонҳо.
Аз нур дар он айвон бифрӯхта анҷумҳо
В-аз об бар ин мафраш бингошта алвонҳо.
Мастони ту аз шавқат дар кӯи ту саргардон,
Аз халқ ҷудо гашта хурсанд ба хулқонҳо.
Аз сӯзи ҷигар чашме чун ҳуққаи гавҳарҳо
В-аз оташи дил оҳе чун риштаи марҷонҳо.
Дар роҳи ризои ту қурбон шуда ҷон, в-он гаҳ
Дар пардаи қурби ту зинда шуда қурбонҳо.
Аз риштаи ҷонбозӣ бардӯхта доманҳо,
Дар мотами бебокӣ бидрида гиребонҳо.
Дар кӯи ту чун ояд, он кас, ки ҳамебинад
Дар гирди сари кӯят аз нафс биёбонҳо.
Бас хуш бувад он вақте, к-аз сӯзи дил аз шавқат
Дар роҳи ту мекоранд аз дида гулистонҳо.
Эй пойгаҳи амрат, сармояи дарвешон
В-эй дастгаҳи наҳйат пирояи хазлонҳо.
Сад тири бало паррон бар мо зи ҳар атрофе,
Мо ҷумла бипӯшида аз меҳри ту хафтонҳо.
Бе ришвату бе биме бар кофару бар мӯъмин
Ҳар рӯз барафшонӣ аз лутф ту эҳсонҳо.
Майдони ризои ту пургарди ғаму меҳнат,
Мо рӯфта аз дида он гард зи майдонҳо.

Дар арсаи майдонат пардохта дар хидмат,
Гӯи фалакӣ бурда, қад карда чу чавгонҳо.
Аз нафс ҷудо гашта дар маҷлиси ҷонбозӣ,
Бар тораки бенақшӣ фармуда дилафшонҳо.
Ҳаққо, ки фурӯ н-ояд бе шавқи ту роҳатҳо,
Валлаҳ, ки накӯ н-ояд бе илми ту дастонҳо.
Гоҳи талаб аз шавқат бифганда ҳама динҳо,
Вақти саҳар аз бомат бардошта алҳонҳо.
Чун фазли ту шуд нозир, чӣ бок зи бебокӣ,
Чун зикри ту шуд зоҳир, чӣ бим зи нисёнҳо?
Гар дури ато бахшӣ, онак садафаш дилҳо,
В-ар тири бало борӣ, инак ҳадафаш ҷонҳо.
Эй карда давобахшӣ лутфи ту бар ҳар дарде,
Ман дарди ту мехоҳам дур аз ҳама дармонҳо.
Лутфи ту ҳамебояд, чӣ фоида аз гиря,
Фазли ту ҳамебояд, чӣ суд зи афғонҳо.
Мо ғарқаи исёнем, бахшанда туӣ, ё раб,
Аз афв ниҳӣ тоҷе бар тораки нисёнҳо.
Бисёр гунаҳ кардем, он буд қазои ту,
Шояд, ки ба мо бахшӣ аз рӯи карам онҳо.
Кай ном куҳан гардад Маҷдуд Саноиро,
Нав-нав чу ҳамесозад дар васфи ту девонҳо.

❁ ❁ ❁

Эй азал, доя буда ҷони туро,
В-эй хирад моя дода кони туро.
Эй ҷаҳон карда остин пурҷон
Аз паи наср остини туро.
Солҳо баҳри унс Рӯҳулқудс
Булбулӣ карда бӯстони туро.
Шуста аз оби зиндагонӣ рӯҳ
Аз паи фитна арғувони туро.
Карда Эзид зи корхонаи ақл
Сирату хӯю табъу сони туро.

Тирҳои яқин ба шогирдӣ
Чун камон буда мар гумони туро.
Карда бар рӯи офтоби фалак
Нақши дастону достони туро.
Нури рӯй аз сиёҳии мӯят
Карда маъзул посбони туро.
Аз барои хумор мастонат
Нӯшдон карда бӯсадони туро.
Аз буруни тани ту битвон дид
Аз латифӣ даруни ҷони туро.
Пардадорӣ бидод гӯӣ табъ
Аз паи мағз устухони туро.
Аз наҳифӣ ҳаме набинад ҳеч
Чашми сар сурати даҳони туро.
Аз латифӣ ҳаме наёбад боз
Чашми сар сирати ниҳони туро.
Дар миён аст, ҳар киро ҳастист,
Аз паи нестӣ миёни туро.
Хеч боке мадор, гар раҳ нест
Он камоншакл абрувони туро.
З-он ки тири фалак ҳаме ҳар дам
Зеҳ кунад дар сано камони туро.
То чӣ сон ду лабат раҳо карда
Нотавон наргиси тавони туро.
З-он дуто Исию дуто бемор
Шарм н-ояд ҳаме равони туро.
Аз паи чӣ муолиҷат накунанд
Он ду Исӣ ду нотавони туро?!
Эй вафо ҳамъинон аннои туро
В-эй бақо ҳамнишин нишони туро.
Н-офарид офаридгор магар
Ҷуз зиёни маро забони туро.
Чанд зери лабам диҳӣ дашном,
То бибандам миён зиёни туро.

Мебад-он ориям, ки бархезам
Бӯсаборон кунам лабони туро.
Чанд бимам диҳӣ ба захми синон,
Кай гузорам бад-ин инони туро.
Ту синон тез кун, ки аз дилу чашм
Шуд Саноӣ сипар синони туро.

❂ ❂ ❂

Соқиё, май деҳ, ки ҷуз май нашканад парҳезро,
То замоне гум кунам ин зӯҳди рангомезро.
Мулкати Оли банӣ Одам надорад қимате,
Хоки раҳ бояд шумурдан давлати Парвизро.
Дини зардуштию оини қаландар чанд, чанд?!
Тӯша бояд сохтан мар роҳи ҷономезро.
Ҳар чӣ асбоб аст оташ дарзану хуррам нишин,
Риндию нодоштӣ беҳ рӯзи растохезро.
Зоҳидону муслиҳон мар нузҳати Фирдавсро
В-ин гурӯҳи лоуболӣ ҷони ишқангезро.
Соқиё, занҷири мушкинро зи раҳ бардор зуд,
Бар рухи зардам неҳ он ёқути шаккаррезро.
Гар шаби васлат намояд, мар шаби меъроҷро
Нек монад рӯзи ҳаҷрат рӯзи растохезро.
Шарбати васли ту монад навбаҳори тозаро,
Зарбати ҳаҷри ту монад зулфиқори тезро.
Аҳли даъвиро мусаллам бод ҷаннотуннаим,
Ратл мебояд дамодам масти бегаҳхезро.
Ҷони мо майрову қолаб хокрову дил туро
В-ин сари пурзиллату тазвир теғи тезро.

❂ ❂ ❂

Зоти румӣ маҳрам омад покдил карбосро,
Имтиҳон воҷиб наёмад суфтани алмосро.
Ту камони ростиро бишканӣ дар зери зеҳ,
Тири мақсуди ту кай бинад рухи Бирҷосро.
Мавҷи дарё кай расад дар авҷи дарёи Хазар,
Дар биёбон роҳ камтар гум кунад Илёсро.

Гар ҳаворо менаҷӯӣ, дебаро бистар макун,
Донаҳоро менасангӣ, санг барзан тосро.
Аз якӣ рав, эй ахӣ, пеши раёсат меравӣ
В-аз дигар сӯ, эй валӣ, мепарварӣ ревосро.
Бармахандон бар дурар оби рухи лаблобро,
Бармагирён бар хирад чашми сари Севосро.
Аз барои покбозӣ чок барзан пиларо,
В-аз барои хокбозӣ хок бар зан посро.
То гаронханҷар шавӣ, дар савмаай таҳқиқ бош,
Чун сабуксартар шавӣ, лоҳавла кун ханносро.
Гар ҳаворо чун Сикандар сад ҳамесозӣ, чӣ суд?
Чун Сикандар ҳар замон дар сина кун аҳвосро.
Бебасар чун наргис андар базми ноаҳлон машав,
Рутбати мардум набошад мардуми аҷбосро.
Рӯйи он дорӣ, ки аз Барбар биёрӣ як замон
Он гурӯҳи бад, ки ғорат мекунанд анфосро.
Рангразро гар камоли ҷаҳду ҷид бошад, равост,
Ки ба кӯшиш муддате аҳмар кунад алмосро.
Чун замоне медиҳӣ, дар ҳаққи худ машҳур деҳ
В-он чи собит мекунад, ҳуҷҷат бувад қиртосро.
Аз барои киштане меканд бинӣ пойро
В-аз барои хӯшадуздӣ тез дорӣ тосро.
То тиҳӣ бошӣ ба пеши пурдилон холӣ мабош,
Оташ афзоӣ, чу холӣ мекашӣ дастосро.

❁ ❁ ❁

## МИН ЛАТОИФА АНВОРУҲУ

Дардеҳ, писаро, маи мураввақро
Ёрони мувофиқи муваффақро.
З-он май, ки чу оҳи ошиқон аз таф
Ангишт кунад бар об заврақро.
З-он май, ки кунад зи шӯъла пуроташ
Ин гунбади хонаи муаллақро.
Ҳин, хезу зи акси бода гулгун кун
Ин асби саворхори аблақро.

Дар зери лагад бикӯб чун мардон
Ин торуми барқпӯши азрақро.
Гаҳ соқӣ бошу гаҳ ҳарифӣ кун,
Тартиб фурӯ гузору равнақро.
Як дам хуш бош, то чӣ хоҳӣ кард
Ин зӯҳди музаввири музайяқро.
Як раҳ ба ду бода даст кӯтаҳ кун
Ин ақли дарозқадди аҳмақро.
Бинмой ба зиракони девона
Аз мусҳафи ботил ояти ҳақро.
Бар лола мазан зи чашм сунбулро,
Бар писта манеҳ зи ноз финдақро.
Берун шав аз дурангу ин соат
Ҳамранги ҳарир кун ситабрақро.
Машкан ба тамаъ маро ту, эй мумсик,
Чунонки Ҷарир мар Фараздақро.
Гар тамъи миёнтиҳӣ се ҳарф омад,
Чор аст миёнтиҳӣ мутаввақро.
Дар тахтаи аввал ар бинанвиштӣ
Бе шакли ҳуруф илми мутлақро.
Кам рон боре, ки дар дувум тахта
Чун насх кунӣ хати муҳаққақро.
Дар мавзеъи хушдилону муштоқон
Мавзӯъ фурӯ гузору муштақро.
Шеъри тари мутлақи Саноӣ хон,
Оташ дарзан ҳадиси муғлақро.

❂ ❂ ❂

## ВА АЙЗАН ЛАҲУ

Хез, эй дил, зин барафган маркаби таҳвилро,
Вақф кун бар нокасон ин олами таътилро.
Пок дор аз хатти маънӣ ҳарфи рангу бӯйро,
Маҳв кун аз лавҳи даъвӣ нақши қолу қилро.
Андар ин сафҳои маънӣ дурри маъниро маҷӯй,
З-он ки дар сурно наёбӣ нафхи Исрофилро.

Кай кунад бардошт дарё дар биёбони хирад
Новдони боми гулхансели рӯди Нилро.
Дасти Иброҳим бояд бар сари кӯи вафо,
То набуррад теғи буррон ҳалқи Исмоилро.
Мард чун Исии Марям бояд андар роҳи сидқ,
То бидонад қадри оёту ҳуруф Инҷилро.
Дар шаби торӣ куҷо бинад нишони пои мӯр,
Он ки ӯ дар рӯзи равшан ҳам набинад пилро.
Ҳар касе бар тахти мулкат кай тавонад ёфтан
Ҳамчу гесӯи арӯсон дастаи занбилро.
Аз бурунсӯ равғани ту суд кай дорад туро,
Чун дарунсӯ нур набвад заррае қандилро.
Хезу акнун хез, к-он соат басе ҳасрат хурӣ,
Чун бубинӣ бар сари худ теғи Азроилро.

❁ ❁ ❁

## ДАР ТАВҲИД

Ором дигарбора ҷаҳондор ҷаҳонро,
Чун хулди барин кард заминрову замонро.
Фармуд, ки то чарх яке даври дигар кард,
Хуршед бипаймуд масири даваронро.
Эйдун, ки биёрост мар ин пири харафро,
К-ояд ҳасад аз тозагияш тозаҷавонро.
Ҳар рӯз ҷаҳон хуштар аз он аст, чу ҳар шаб
Ризвон бигушояд ҳама дарҳои ҷинонро.
Гӯӣ, ки ҳаво ғолия омехт ба хирвор
Пур карда аз он ғолияҳо ғолиядонро.
Ганҷе, ки ба ҳар ганҷ ниҳон буд зи Қорун,
Аз хок баровард мар он ганҷи ниҳонро.
Абре, ки ҳаме барф биборид, бибуррид,
Шуд ғарқаи баҳре, ки надид эч каронро.
Он абри дурарбор зи дарё, ки бароянд,
Пур карда зи дурру дираму дона даҳонро.
Азбаски биборид ба обандар лӯълӯъ,
Чун лӯълӯи тар карда ҳама оби равонро.

Ранҷе, ки ҳаме бод физояд зи базидан,
Бар мо бивазид аз қибали роҳати ҷонро.
Кӯҳ он тали кофур бадал кард ба сайфур,
Шодии равон дод мар он шодравонро.
Бар кӯҳ аз он тӯдаи кофури гаронбор
Хуршед сабук кард мар он бори гаронро.
Хоке, ки ҳама тола ситад аз даҳани абр,
То барканад он лолаи хушхуфтаситонро.
Чандон зи ҳаво жола биборид бад-ӯ абр,
То лоластон кард ҳама лоласитонро.
Аз ранги гулу лола кунун боз бунафша
Чун нил шавад, хира кунад гавҳари конро.
Шабгир занад наъра куланг аз дили муштоқ
В-аз наъра задан таъна занад наъразанонро.
Он лаклака гӯяд: ки лакалҳамду лакашшукр,
Ту тӯъмаи ман кардаӣ он мори дамонро.
Қумрӣ ниҳад аз пушт қабои хазу қоқум,
Акнун ки битобиду бипӯшид катонро.
Товус кунад ҷилва, чу аз дур бубинад
Бар фарқи сари ҳудҳуд он тоҷи каёнро.
Мусича ҳамегӯяд: ё розиқу раззоқ,
Рӯзидиҳи ҷонбахш туӣ инсию ҷонро.
Зоғ аз шағаби беҳуда барбандад минқор,
Чун фохта бигшода ба тасбеҳ забонро.
Пайваста ҳумо гӯяд: яккест ягона,
То дар тараб орад ба ҳаво бар варашонро.
Гунҷишки баҳорӣ сифати борӣ гӯяд,
К-аз бум барангезад ашҷори навонро.
«Ҳу» гӯяду «ҳу» сад ба даме сурхкабутар,
Дар гуфтани «ҳу» дорад пайваста лисонро.
Чарғон ба сари чанг даровардa тазарвон,
Тасбеҳ шуда аз даҳани мурғ мар онро.
Шорак чу муаззин ба саҳар ҳалқ кушода,
Он жӯлаку он саъва аз он дода азонро.
Он шишакакон шод аз ин санг бад-он санг,
Поядаву пӯянда мар он пайки давонро.

Он кабки мураққаъсалаби барчидадоман
Аз ғолия гул сохта аз баҳри нишонро.
Бингар ба ҳаво-бар ба чаковак, ки чӣ гӯяд
Хайру ҳасанат бодо хайроту ҳисонро.
Нозидани нозуву навоҳои сарича
Нотиқ кунад он мурдаи бенутқу баёнро.
Он куркӣ гӯяд, ки туӣ қодири қаҳҳор,
Аз марг ҳаме қаҳр кунӣ мар ҳаявонро.
Пайваста ҳаме гӯяд он саршаби ташна:
Бе об малик сабр диҳад мар аташонро.
Мурғобии сурхоб, ки дар об нишинад,
Гӯяд, ки Худоиву созӣ ту ҷаҳонро.
Дар хед чунин гӯяд каррак, ки Худоё,
Ту холиқи халқонӣ сад қарни қиронро.
Гӯянд тазарвон, ки ту онӣ, ки бидонӣ
Рози тани бequввату берӯҳу равонро.
Он боз чунин гӯяд: ё раб, ту нигаҳ дор
Бар уммати пайғамбар имону амонро.
Он каргаси боқувват гӯяд, ки ба қудрат
Ҷаббор нигаҳ дорад ин кавну маконро.
Бингар, ки уқоб аз паи тасбеҳ чӣ гӯяд:
Ороста доред мар ин сирату сонро.
Булбул чӣ музаммир шудаву қумрии қорӣ
Бардошта ҳар ду шағабу бонгу фиғонро.
Ояд ба ту ҳар пос хурӯше зи хурӯсе:
«К-эй ғофил, бигзор ҷаҳони гузаронро».
Овоза баровард, ки, эй қавм, тани хеш
Дӯзах мабаред аз паи баҳмону фалонро.
Дунё чу яке беша шуморед, жаён шер,
Дар беша машӯред мар он шери жаёнро.
Дар ҷустани нон оби рухи хеш марезед,
Дар нор масӯзед равон аз паи нонро.
Эзид чу ба зуннор набастаст миёнтон,
Дар пеш чу худ хира мабандед миёнро.

З-он пеш, ки ҷонтон биситонад малакулмавт,
Аз қабзаи шайтон биситонед инонро.
Маҷдуд, бад-ин ҳол ту наздиктарӣ, з-онк
Пирит ба наҳмор фиристода хазонро.

❁ ❁ ❁

## ВА ЛАҲУ ФӢ ТАВОЗӮЪИ АҲЛИЛҲАҚҚ

Шоҳро хоҳӣ, ки бинӣ, хок шав даргоҳро,
З-обрӯй обе бизан даргоҳи шоҳаншоҳро.
Наъл кун, чун чатр дидӣ ту кулоҳи чархро,
Чок зан, чун рӯи ӯ дидӣ қабои моҳро.
Чун кулаҳ бар сар нишин риндони афсарҷӯйро,
Чун хирад дар ҷон нишон риндони лашкаргоҳро.
Аз барои ғарри дидори Сиёвахшию Шиш
Ҳамчу Бежан банд кун дар чоҳи хорӣ ҷоҳро.
Офиятро сар бизан, баҳри камоли ишқро,
Оқибатро дам бизан баҳри ҷамоли роҳро.
Ҳам ба чашми шоҳ рӯи шоҳ хоҳӣ диду бас,
Дида андар кори шаҳ кун кӯрии бадхоҳро.
Оҳ ғаммоз аст андар роҳи ишқу ошиқӣ,
Банд барнеҳ дар ниҳонхонай хамӯшӣ оҳро.
Аз сари озодмардӣ теғе аз ғайрат бирон,
Ҳам шафоатҷӯйро куш, ҳам шафоатхоҳро.
Дарди ишқ аз марди ошиқ пурс, аз оқил мапурс,
К-огаҳӣ набвад зи обу ҷоҳи Юсуф чоҳро.
Ақл бо фанд аст, маншон ақлро бар тахти ишқ,
Осмон ушшоқро беҳ, ресмон ҷуллоҳро.
Гар сипар бифганд ақл аз ишқ, гӯ бифкан, равост,
Рӯи хотун сурх бояд, хок бар сар доҳро.
Пеш гир андар талаб роҳи дарозоҳанги танг,
Гӯ дил андар шак шикан сабри забонкӯтоҳро.
Дард мӯсовор хоҳӣ, ҷоми фиръавнӣ талаб
Бодҳои офиятсӯзу маломаткоҳро.

Ҳар ғаму шодӣ, ки аз ишқ аст, ҳам ишқ аст аз он,
Бори индаллоҳ бошад тухми Абдуллоҳро.
Коҳ гард андар вафои ишқ, то бар ҷон-т низ
Ҳукм набвад ақли шуғлафзои корогоҳро.
Боди кибр аз сар бинеҳ, дар дил барафрӯз оташе,
Пас бар он оташ бисӯз он обгун даргоҳро.
Чун шудӣ коҳе Саноӣ, ҳам ба гирди коҳ гард,
З-он ки коҳе беҳ, шиносад қадру қимат коҳро.

❀ ❀ ❀

Эй хоҷа, чӣ тафсил бувад ҷонвареро,
К-ӯ ҳеч беҳ аз худ нашиносад дигареро.
Гар беҳ зи худат ҳеч беҳеро ту набинӣ,
Пас, чун ки надонӣ батар аз худ батареро?
Бас ғофилӣ аз мазҳаби риндони харобот,
Ин ғайб тамом аст чу ту хирасареро.
Ҳар гаҳ, ки маро гӯӣ, к-андар ҳама офоқ
Маҳрумтар аз ту нашиносам башареро.
Маҳрумтарам аз туву ин шева надонӣ,
З-ин беш басират набувад бебасареро.
Ман суғбаи тасбеҳу намози ту наям ҳеч,
Ин фазл ҳамегӯӣ, эй хоҷа, дареро.
Инкору қабули ту маро ҳар ду яке шуд,
Беҳуда ҳамегӯӣ з-ин саъбтареро.
Фармони ту бурдан на фаризаст, пас, охир
Мунқод зи баҳри чӣ шавам чун ту хареро?
Чун талъати хуршед аён гашт ба саҳро,
Он ҷо чӣ бақо монад нури қамареро?
Айёми фарохист зи алфози Саноӣ,
Донӣ хатаре нест кунун мӯҳтакареро.
Чун духтари дӯшиза наёяд ба ҷаҳон-дар,
Кам гир зи зуррияти одам писареро.

❀ ❀ ❀

## ДАР ШИКОЯТИ РӮЗГОР ВА БЕВАФОИИ МАРДУМ ФАРМОЯД

Мансух шуд муруввату маъдум шуд вафо,
З-ин ҳар ду монда ном чу симурғу кимиё.
Шуд ростӣ хиёнату шуд зиракӣ сафеҳ,
Шуд дӯстӣ адовату шуд мардумӣ ҷафо.
Гаштаст божгуна ҳама расмҳои халқ
З-ин олами набаҳраву гардуни бевафо.
Ҳар оқиле ба зовияе монда мумтаҳан,
Ҳар фозиле ба доҳияе гашта мубтало.
Он кас ки гӯяд аз раҳи маънӣ кунун ҳаме,
Андар миёни халқ мумайиз чу ман куҷо?!
Девонаро ҳаме нашиносад зи ҳушёр,
Бегонаро ҳаме бигузинад бар ошно.
Бо якдигар кунанд ҳаме кибр ҳар гурӯҳ,
Огоҳ на, к-аз он натавон ёфт кибриё.
Ҳаргиз ба сӯи кибр натобад инони хеш,
Ҳар к-ояте нахуст бихонад зи «Ҳал ато».
Бо ин ҳама, ки кибр накӯҳида одат аст,
Озодаро ҳаме зи тавозӯъ бувад бало.
Гар ман накӯшаме ба тавозӯъ, набинаме
Аз ҳар хасе мазаллату аз ҳар касе ано.
Бо ҷоҳилон агарчи ба сурат баробарам,
Фарқе бувад дар оина, охир, миёни мо.
Омад насиби ман зи ҳама мардумон ду чиз:
Аз дӯстон мазаллату аз душманон риё.
Қавме раҳи мунозиати ман гирифтаанд
Бе ақлу бе кифояту бе дину бе даҳо.
Бар душманон ҳаме натавон буд мӯътаман,
Бар дӯстон ҳаме натавон кард муттако.
Ман чуз ба шахс нестам он қавмро назир,
Шамшер ҷуз ба занг намонад ба гандано.
Бо ман ҳама хусумати эшон аҷабтар аст,
З-оҳанги мӯрча ба суйи ҷанги аждаҳо.

З-эшон набуд бок раҳиро ба заррае,
К-аз обгина зулм наёяд ба осиё.
Гардад ҳаме шикофта дилшон зи хашми ман,
Ҳамчун маҳ аз ишорати ангушти Мустафо.
Чун гирам аз барои ҳакимӣ қалам ба даст,
Гардад ҳама даовии он тоифа ҳабо.
Ночор бишканад ҳама номуси ҷодувон,
Дар мавзее, ки дар кафи Мӯсо бувад асо.
Эшон ба назди халқ наёбанд рутбате,
То табъашон бувад зи ҳама донише хало.
Зеро ки бе матар набувад меғро хатар,
Чунонки бе гуҳар набувад теғро баҳо.
Онам, ки бурдаам алами илм дар ҷаҳон
Бар гӯшаи Сурайё аз маркази Саро.
Бо ақли ман набошад Миррихро тавон,
Бо фазли ман набошад хуршедро зако.
Шоҳон ҳамекунанд ба фазли ман ифтихор,
Ҳурон ҳамекунанд ба назми ман иқтидо.
Бо хотири мунираму бо рои софиям
Калбарқу фид-дуҷийати ва-ш-шамси физ зуҳо.
Олист ҳимматам ба ҳама вақт чун фалак,
Софист назми ман ба ҳама вақт чун ҳаво.
Бар ҳиммати ман аст сахоҳои ман далел,
Бар назми ман бас аст суханҳои ман гуво.
Ҳаргиз надидаву нашунид ин касе зи ман
Кирдори носутудаву гуфтори носазо.
Ин фахр бас маро, ки надидаст ҳеч кас
Дар насри ман мазамммату дар шеъри ман ҳиҷо.
Дар пои нокасон напарокандаам гуҳар,
Аз дасти меҳтарон напазируфтаам ато.
Онро, ки ӯ ба сӯҳбати ман сар дароварад,
Гӯям санои неку шиносам ба дил вафо.
Аз зиллате падид шавад з-ӯ муойина,
Ангорамаш савобу набинам аз ӯ хато.
Аҳли Сарахс менашиносанд ҳаққи ман,
То реҳлате набошад аз ин ҷойгаҳ маро.

Микдори офтоб надонанд мардумон,
То нури ӯ нагардад аз осмон ҷудо.
Он гоҳ қадри ӯ бишиносанд бо яқин,
К-ояд шабу падид шавад бар фалак суҳо.
Андар ҳазар набошад озодаро хатар,
В-андар ҳаҷар набошад ёқутро баҳо.
Шуд гуфтаи Саноӣ чун Каъба назди халқ,
З-ин бештар фузул кӣ ёбад зи ибтидо.
То килки ӯ ба гоҳи фасоҳат равон бувад,
Бозори ӯ ба назди бузургон бувад раво.
Он гаҳ ба коми ӯ нафасе барнаёваранд,
Дар дӯстӣ куҷо бувад ин қоида раво?!
Озори ӯ кашанд ба амдан ба хештан,
Он сон, ки каҳ кашад ба суми хеш каҳрабо.
Дар фазли ӯ кунанд ба ҳар мавзее ҳасад,
Бар нақси ӯ диҳанд зи ҳар ҷонибе ризо.
Оқил, ки ин шунид, бидонад ҳақиқате,
К-ин ҳарфи душманону ҳасудони бенаво.
Чун ҷавҳари сахо шуд наздики аҳли бухл,
Чун унсуре зи зулмат дар ҷанби сад зиё.
То носеҳони ӯ насиголанд ҷуз нифоқ,
То душманони ӯ нанамоянд худ сафо.
В-ар уфтад варо ба ҳама умр ҳоҷате,
Бе ҳуҷҷате кунанд ҳама сӯҳбаташ раҳо.
Мард он бувад, ки дӯстии ӯ бувад ба ҷой,
Лав йусатилҷиболу ва иншақатта-с-само[1].

❁ ❁ ❁

## ДАР МАҚОМИ АҲЛИ ТАВҲИД ФАРМОЯД

Макун дар ҷисму ҷон манзил, ки ин дун асту он воло,
Қадам з-ин ҳар ду берун неҳ, на ин ҷо бошу на он ҷо.
Бар ҳар-ч аз роҳ дур афтӣ, чи куфр он ҳарфу чи имон,
Ба ҳар-ч аз дӯст вомонӣ, чи зишт он нақшу чи зебо.

1. Агар кӯҳ ҳам баланд шавад ва ё осмон таркад.

Гувоҳи раҳрав он бошад, ки сардаш ёбӣ аз дӯзах,
Нишони ошиқ он бошад, ки хушкаш бинӣ аз дарё.
Набуд аз хории Одам, ки холӣ гашт аз ӯ ҷаннат,
Набуд аз оҷизӣ Вомиқ, ки Азро монд аз ӯ азро.
Сухан к-аз рӯи дин гӯӣ, чи ибронӣ, чи сурёнӣ,
Макон к-аз баҳри ҳақ ҷӯӣ, чи Ҷобулқо, чи Ҷобулсо.
Шаҳодат гуфтан он бошад, ки ҳам з-аввал дарошомӣ
Ҳама дарёи ҳастиро бад-он ҳарфи наҳангосо.
Наёбӣ хору хошоке дар ин раҳ чун ба фаррошӣ,
Камар басту ба фарқ истод дар ҳарфи шаҳодат ло.
Чу ло аз ҳадди инсонӣ фикандат дар раҳи ҳайрат,
Пас аз нури улуҳият ба Аллоҳ ой аз илло.
Зи роҳи дин тавон омад ба саҳрои ниёз, ар не,
Ба маънӣ кай расад мардум гузар нокарда бар асмо?
Даруни ҷавҳари сафро ҳама куфр асту шайтонӣ,
Гарат савдои дин бошад, қадам берун неҳ аз сафро.
Чӣ монӣ баҳри мурдоре чу зоғон андар ин пастӣ,
Қафас бишкан чу товусон яке барпар аз ин боло.
Арӯси ҳазрати Қуръон насибат нест ҷуз нақше,
Ки аз хуршед ҷуз гармӣ наёбад чашми нобино.
Бимир, эй дӯст, пеш аз марг агар ме зиндагӣ хоҳӣ,
Ки Идрис аз чунин мурдан биҳиштӣ гашт пеш аз мо.
Ба теғи ишқ шав кушта, ки то умри абад ёбӣ,
Ки аз шамшери Бӯяҳё нишон надҳад кас аз эҳё.
Чӣ дорӣ мӯҳри бадмеҳрӣ, к-аз он беҷон шуд Искандар,
Чӣ бозӣ ишқ бар ёре, к-аз ӯ бемулк шуд Доро?!
Гарат савдои он бошад, к-аз он савдо бурун ойӣ,
Зиҳӣ савдо, ки хоҳӣ ёфт фардо аз чунин савдо.
Сар андар роҳи мулке неҳ, ки ҳар соат ҳаме бошӣ
Ту ҳамчун гӯй саргардону раҳ чун паҳна бепаҳно.
Ту дар киштӣ фикан худро мапой аз баҳри тасбеҳе,
Ки худ Руҳалқудус гӯяд, ки бисмиллоҳи маҷроҳо.
Агар динат ҳамебояд, зи дунёдор дил бигсал,
Ки ҳирсаш бо ту ҳар соат бувад бе ҳарфу бе ово.

Ҳамегӯяд, ки ҳар соат аз ин пирӯзагун хайма
Чӣ бозиҳо бурун орад ҳаме ин пири хушсимо.
Туро дунё ҳамегӯяд, ки дил дар мо набандӣ, беҳ,
Ту худ ме панд нанюшӣ аз ин гӯёи ногӯё.
Гар аз оташ ҳаметарсӣ, ба моли кас машав ғарра,
Ки ин ҷо сураташ мор асту он ҷо шаклаш аждарҳо.
Аз оташ дон ҳавосатро ҳамеша мастию ҳастӣ,
Зи дӯзах дон ниҳодатро ҳамора мавлиду маншо.
Пас, акнун гар суи дӯзах гаройӣ, бас аҷаб набвад,
Ки сӯи худ равон бошад ҳамеша ҷунбиши аҷзо.
Гар имрӯз оташи шаҳват бикуштӣ, бегумон растӣ
В-агарна таффи он оташ туро ҳезум кунад фардо.
Ту аз хокӣ, ба сони хок тан дардеҳ дар ин пастӣ,
Магар гардӣ чу ҷону ақл ҳам волию ҳам воло,
Ки то паст аст хок ин ҷо, ҳама нафъ аст лек он гаҳ,
Балои дидаҳо гардад, чу боло гирад аз накбо.
Зи боди фиқҳу боди факр динро ҳеч накшояд,
Миён дарбанд кореро, ки ин ранг асту он ово.
Магӯ мағрури ғофилро барои амни ӯ нукта,
Мадеҳ маҳрури ҷоҳилро зи баҳри табъи ӯ хурмо.
Чу илмат ҳаст, хидмат кун чу доноён, ки зишт ояд,
Гирифта чиниён аҳрому маккӣ хуфта дар Батҳо.
На савт аз баҳри он омад, ки сӯзӣ мазҳари Зӯҳра,
На ҳарф аз баҳри он омад, ки руздӣ чодари Заҳро.
Туро теғе ба каф донанд, то ғазве кунӣ бо тан,
Ту чун аз вай сипар созӣ, намонӣ зинда дар ҳайҷо.
Ба назди чун ту беҳиссе чи доной, чи нодонӣ,
Ба дасти чун ту номарде чи нарм оҳан, чи рӯҳино.
Туро бас нохуш аст овоз, лекин андар ин гунбад
Хуш овозат ҳамедорад садои гунбади хазро.
Валек он гаҳ хиҷил гардӣ, ки устоде туро гӯяд,
Ки бо Довуди пайғамбар расулӣ кун дар ин саҳро.
Ту чун мӯрию ин роҳ аст ҳамчун мӯи бутрӯён,
Марав зинҳор бар тақлиду бар тахмину бар амё.

Чу илм омӯхтӣ, аз ҳирс он гаҳ тарс, к-андар шаб
Чу дузде бо чароғ ояд, гузидатар барад коло.
Аз ин муште раёсатҷӯи раъно ҳеч накшояд,
Мусалмонӣ зи Салмон ҷӯю дарди дин зи Бӯдардо.
Ба соҳибдавлате пайванд, агар номе ҳамеҷӯӣ,
Ки аз як чокари Исо чунон маъруф шуд Ялдо.
Қадам дар роҳи мардӣ неҳ, ки роҳу гоҳу ҷоҳашро
Набошад то абад мақтаъ, набудаст аз азал мабдо.
Зи баҳри қолаб ӯро аст ин арвоҳи муставфӣ,
Зи баҳри ҳолат ӯро аст ин анфоси муставфо.
Зи баҳри касби он ҷорост ин ҷо куштани Одам,
Зи баҳри зоди он ҷорост ин ҷо зодани Ҳавво.
Ту пидорӣ, ки бар бозист ин майдони чун минӯ
Ту пиндорӣ, ки бар ҳарза-ст ин алвони чун мино.
Вагар н-аз баҳри дин астӣ, дар андар бандаде гардун,
Вагар н-аз баҳри шаръ астӣ, камар бигшояде ҷавзо.
Чу тан ҷонро музайян кун ба илми дин, ки зишт ояд
Дарунсӯ шоҳи урёну бурунсӯ кӯшк дар дебо.
Ба тоат ҷомае нав кун зи баҳри он ҷаҳон, в-арна
Чу марг ин ҷома бистонад, ту урён монию расво.
Худ аз насли ҷаҳонбинон назояд, ҳеч то бошад
Мар ӯро кӯй пуриннину моро хона пуразро.
Набинӣ табъро табъӣ, чу кард ихлос рух пинҳон,
Наёбӣ девро девӣ, чу кард ихлос рух пайдо.
Туро Яздон ҳамегӯяд, ки дар дунё махур бода,
Туро тарсо ҳамегӯяд, ки дар сафро махур ҳалво.
Зи баҳри дин бинагзорӣ ҳаром аз ҳурмати Яздон,
Валек аз баҳри тан монӣ ҳалол аз гуфтаи тарсо.
Гарат нузҳат ҳамебояд, ба саҳрои қаноат шав,
Ки он ҷо боғ дар боғ асту хон дар хони во дар во.
Гар аз заҳмат ҳаметарсӣ, зи ноаҳлон бибур сӯҳбат,
Ки аз доми забунгирон ба узлат раста шуд анқо.
Маро боре, биҳамдиллаҳ, зи роҳи раъфату раҳмат
Ба сӯи хиттаи ваҳдат барад ақл аз хати ашё.

Ба дил н-андешам аз неъмат на дар дунё на дар уқбо,
Ҳамехоҳам ба ҳар соат, чи дар сарро, чи дар зарро,
Ки ё раб, мар Саноиро саное деҳ ту дар ҳикмат,
Чунон к-аз вай ба рашк ояд равони Бӯалӣ Сино.
Магардонам дар ин олам зи бешозию камақлӣ
Чу раъйи ошиқон гардон, чу табъи бедилон шайдо.
Зи роҳи раҳмату раъфат чу ҷони поки маъсумон
Маро аз заҳмати танҳо бикун пеш аз аҷал танҳо.
Забони мухтасарақлон бибанд андар ҷаҳон бар ман,
Ки то чун худ нахонандам ҳарису муфсиду раъно.
Магардон умри ман чун гул, ки дар тифлӣ шавад кушта,
Магардон ҳирси ман чун мул, ки дар пирӣ шавад барно.
Ба ҳирс ар шарбате хӯрдам, магир аз ман, ки бад кардам,
Биёбон буду тобистону оби сарду истисқо.
Ба ҳар чӣ з-авлиё гӯянд раззақнӣ ва ваффақнӣ,
Ба ҳар чи з-анбиё гӯянд оманно ва саддақно.

## ДАР НАСИҲАТ ВА ТАРКИ ТААЛЛУҚ АЗ ХАЛҚ ФАРМОЯД

То кай зи ҳар касе зи паи сим бими мо,
В-аз бими сим гашта надомат надими мо.
То ҳаст сим бо мо, бим аст ёри ӯ,
Чун сим рафт, аз паи ӯ рафт бими мо.
Оянд ҳар ду бо ҳаму ҳар ду ба ҳам раванд,
Гӯӣ бародаранд ба ҳам биму сими мо.
Эй он ки муфлисист балои азими ту,
Сим аст вайҳақ, асли балои азими мо.
Беҳтар бидон, ки ҳаст таманнои ту муҳол,
Сим аст гӯӣ аслу нишоту наими мо.
Гар мо ҳама сиёҳгилемем, турфа нест,
Сими сафед карда сиёҳ ин гилеми мо.
Эй аз наим карда либоси худ аз насиҷ,
Ҳон, то зи рӯи кибр набошӣ надими мо.
Гар огаҳӣ зи кор, вагарна шикоят аст
Ин далқи пора-пораву тасбеҳи ними мо.

Гӯӣ бараҳнапоён бар ман ҳасад баранд,
Ҳар гаҳ ки бингаранд ба кафши адими мо.
Дар ҳасрати насими сабоем, эй сабо,
К-орад сабо насиму наёрад насими мо.
Имрӯз хуфтаем чу асҳоби Каҳф, лек
Фардо зи гӯр бошад Кафҳу Рақими мо.
Олам чу манзил асту халоиқ мусофиранд,
Дар вай музаввар аст мақоми муқими мо.
Ҳаст ин ҷаҳон чу тим, фалак ҳамчу тимдор,
Мо ғалладору озу амал ҳамқасими мо.
Тимори тим доштан аз мо ҳамоқат аст,
Тимор дорад, он ки ба мо дод тими мо.
Мо аз замона умри бақо вом кардаем,
Эй войи мо, ки ҳаст замона ғарими мо.
Дар васфи ин замонаи нопойдори шум
Бишнав, ки мухтасар масале зад ҳакими мо.
Гуфто: Замона моро монанди дояест,
Баста дар ӯ умед разеъу фатими мо.
З-аввал ба меҳри дил ҳамаро ӯ бипарварад
Монанди модарони шафиқу раҳими мо.
Чун муддате барояд, бар мо адӯ шавад,
Аз баъди он ки буд садиқу ҳамими мо.
Гардонд ӯ ба дасти шабу рӯзу моҳу сол
Чун доли мунҳанӣ алифи мустақими мо.
Он гаҳ фурӯ барад ба замин бе ҷиноятe
Ин қомати муқавваму ҷисми ҷасими мо.
Эй муфтахар ба ҳашмату таъзиму рои хеш,
Ёд ор зери хок узоми рамими мо.
Пайваст пеши чашм ҳамедор анқариб
Андомҳои кӯфтаи чун ҳашими мо.
Гӯӣ: Сафеҳ буд фалон, шояд, ар бимурд,
Чун он сафеҳ мурд, намирад ҳакими мо.
Мо зери хок хуфтаву меросхори мо
Дода ба бод хирманҳои қадими мо.

Гӯӣ: Зи баъди мо чи кунанду куҷо раванд
Фарзандакону духтаракони ятими мо?!
Худ ёд н-оварӣ, кӣ чӣ карданду чун шуданд
Он модарону он падарони қадими мо?!
Шуд ақли мо ақим, зи бас бо тағофулем,
Фарёд аз ин тағофулу ақли ақими мо.
Пиндор, к-аз таваллуди ақл аст ломаҳол,
Ин турфа бингаред ба нафси лаими мо.
Гар ҷаннату ҷаҳим надидӣ, бибин, ки ҳаст
Шуғлу фароғ ҷаннати мову ҷаҳими мо.
Райҳони рӯи мо чу фароғ асту фориғӣ
Машғулиясту шуғл азоби алими мо.
Саргашта шуд Саноӣ, ё раб, ту раҳ намой,
Эй раҳнамои халқу Худои алими мо.
Моро агарчи феъли замим аст, ту магир,
Ё раб, ба фазли хеш ба феъли замими мо.
Зуфри зафар ту тез макун дар анои марг
Бар қаҳру раҷми нафс зи деви раҷими мо.

## ДАР МАДҲИ САЙИДАМИД САЙИД-УШ-ШУАРО АБӮТОЛИБ МУҲАММАД ИБНИ НОСИРИ АЛАВӢ

Буте, ки гар фиганад як назар бар оташу об,
Шавад зи ҳусну ҷамолаш мусаввар оташу об.
Карашмае гар аз ӯ бинад обу оташ, ҳеч,
Шавад зи чашмаш бешак муабҳар оташу об.
Зи симу шаккари рӯйю лаб он кунад бо ман,
Накард ҳаргиз бар симу шаккар оташу об.
Лабу ду ораз бо обу нораш охир бурд
Зи таъбу рӯи ман он моҳи дилбар оташу об.
Зи оҳи ман на шигифту зи чеҳраш ар гирад,
Сипеҳр баршудаву чашми ахтар оташу об.
Мазан ту таъна, агар оразу лабаш ҷӯям,
Аз он ки ҷуст Калиму Сикандар оташу об.

Зи хитрати дилу чашми вай андар ин дилу чашм
Ба сони абри баҳорист музмар оташу об.
Ба шаб бихуфта хушу ман зи ҳаҷри ӯ карда
Зи дидаву дил болину бистар оташу об.
Зи дарди фурқати он абри ҳусну шамъи сарой
Чу абру шамъам бар чашму бар сар оташу об.
Бадал гирифт ба вақте нигори ман, ки ҳаме
Кунанд лолаву бода бадал бар оташу об.
Бибин ту, инак, бар лола қатраи борон,
Агар надидӣ бар ҳам муқаттар оташу об.
Ба табъ шодӣ зояд зи зодае, к-ӯро
Падар сабову замин буд модар оташу об.
Зи барқу бод бибинӣ бар осмону замин
Ҳисомвор шудасту зиреҳвар оташу об.
Падид кард тасовири Монӣ абру замин,
Бароварид тамоили Озар оташу об.
Мизоҷу табъи ҳаво гарму нарм шуд, на шигифт,
Агар бизояд аз пашму мармар оташу об.
Чу табъ саййид гардад чаман ба зинату фар,
Чу адл саййид гардад баробар оташу об.
Сари маҳомиди Саййидмуҳаммад, он ки шудаст
Баландҳиммату назмаш ба гавҳар оташу об.
Маҳе, ки гар фиганад як назар ба лутфу ба хашм,
Шавад ба сӯи Сарову Дупайкар оташу об.
Ба нури рояш гашта мунаввар ахтари чарх,
Ба зоти авнаш гашта муаммар оташу об.
Ба назди бахшишу базлаш муҳаққар абру баҳор,
Ба назди ҳашмату ҳилмаш мусаттар оташу об.
Мусаххари Хазар ар гашт боду обу замин,
Мисоли амр варо шуд мусаххар оташу об.
Ба ҳилму хашмаш карданд васф аз он маънӣ
Маҳибу саҳл бувад бар ғазанфар оташу об.
Занад ба амраш, агар ҳеч хоҳад аз хуршед
Ба ҳадди Бохтару ҳадди Ховар оташу об.

Гар обу оташ андар хилофи ӯ кӯшанд,
Зи боду хок бибинанд кайфар оташу об.
Ба ҳукми нофиз нашгифт, агар бурун орад
Зи чӯбу санг чу Мӯсо паямбар оташу об.
Зи боди қудрат агар гашт ҷонвар Исо,
Шавад зи фарраш бе бод ҷонвар оташу об.
Зиҳӣ зи мояи роят мунаввар анҷуму меҳр,
Зиҳӣ зи сояи теғат музаффар оташу об.
Гаҳи мувофиқат ар чун дили ту будӣ чарх,
Будӣ ба чархи барин қутбу меҳвар оташу об.
Шамоли ҷудат бар обу оташ ар навазид,
Чаро ба гуна чу сим асту чун зар оташу об?!
Зи баъсу саъйи ту будаст, варна бе сабабе
Ба табъ хушк чаро омаду тар оташу бод?
Ба садри давлат боистаиву андар х(в)ар,
Чунонки ҳасту бибоисту дарх(в)ар оташу бод.
Ба табъи хеш набинанд ҳеч, агар хоҳӣ,
Ба қадру қадди ту пастию манзар оташу об.
Самуми хашми ту гар барзанад ба абру замин,
Насими хулқи ту гар барвазад бар оташу бод,
Шавад зи хулқат чун мушку анбар оташу об.
Шавад зи қадри ту олитар аз сипеҳр замин,
Равад ба амри ту аз баҳру ахгар оташу об.
Агар на биму умедат будӣ ба баҳру ҳаво
В-агар ба ҳайбату ҳукмат будӣ бар оташу об.
Бар ӯ итобу уқубат Худой кай кардӣ?
Зи баҳри Юнусу қавмаш мусаххар оташу об.
Ба ҳафт кишвар хашмат расиду назм оре,
Ҷудо кӣ дид худ аз ҳафт кишвар оташу об?!
Зи қадру назми ту доранд баҳра, з-он нашуданд
Чу боду хок касифу мудаввар оташу об.
Муоқиб аст ҳасудат ба ду макон, ба ду чиз
Ба сони Фиръавн дар Мисру маҳшар оташу об.
Миёни табъи туву табъи ҳосидат дар назм

Кифоят аст дар он шеър довар оташу об.
Ки чун дарояд дар табъи ту, шавад бешак
Бар он ду табъи дигар кибру мафхар оташу об.
Бариди фикрату килки ту хост бар дари назм
Зи хоку бод аз он аст бартар оташу бод.
Чу бод хотиру табъи ту килкро ҳамроҳ
Бибӯсад, арчи бувад килку дафтар оташу бод.
Агар надорад нисбат ба хонаи ту, чарост
Ба сони хаймаат ҳам хайру ҳам шар оташу об?
Шуд аз баҳои мадеҳат суханвар ахтару килк,
Шуд аз сахои вуҷудат тавонгар оташу об.
Ҷаҳон бигир ба он бодпои хокниҳод,
Ки ҳаст бо таки ӯ кунду музтар оташу об.
Гаҳи масир бувад бар ниҳоди чармаи ту,
Ба назди ақл мусаввар шавад гар оташу об.
Ба пасту боло чун обу оташ аст, магар
Шудаст аз паи ту асппайкар оташу об?
Ба сони сарсар, лекин ба гоҳи тобишу хӯй
Кӣ дид сохта дар табъи сарсар оташу об!
Ҷаҳон надид магар чармаи туро дар так
Ба ҳеч мустақаре соягустар оташу об.
Замона сохт зи ҳафт ахтару чаҳор аркон
Барои зинати базмат ду лашкар оташу об.
Бихоҳ аз он ки бихӯрдӣ, чу табъ худ бидиҳад
Димоғу табъи туро зебу зевар оташу об.
Ба сифват обу ба табъ оташу надида ҷаҳон,
Магар ба ҷоми ту чун ду бародар оташу об.
Ту рӯи шодӣ афрӯзу оби ғам бар аз он
Ҳанию равшан дар ҷому соғар оташу об.
Ки баҳри пираҳане ман гузидам аз дилу чашм
Зи ҷаври чарх чу моғу самандар оташу об.
Дар обу оташи беҳад чаро шавам ғарқа,
Чу ҳаст боз ҳаворо муқаддар оташу об.
Зи хун бибаст дилу чашм пас чу оҳану хок
Чарост дар дилу чашмам муҷовар оташу об?

Валек аз оташу об аст дидаву дили ман
Чу дар санои ту кардам муқаррар оташу об.
Ҳамеша то ба замин асту чарх ганҷу нуҷум,
Ҳамеша то ба Саъир асту Кавсар оташу об,
Сахову лутфи туро банда бод абру ҳаво,
Санову ҳилми туро бод чокар оташу об!
Мабод қоидаи давлати ту зеру забар,
Ҳамеша то ки бувад зеру азбар оташу об!

❁ ❁ ❁

Ё раб, чӣ буд он тирагӣ в-он роҳи дуру нимашаб,
В-аз ҷони ман якборагӣ бурда ғами ҷонон тараб.
Гардун чу рӯи ошиқон дар лӯълуъи макнун ниҳон,
Гетӣ чу рӯи дилбарон пӯшида аз анбар салаб.
Рӯи само гавҳарнигор, офоқро чеҳра чу қор,
Осуда табъи рӯзгор аз шӯришу ҷангу ҷалаб.
Аҷроми чархи чанбарӣ чун лӯъбатони барбарӣ,
Пайдо Суҳайлу Муштарӣ, Хуршеди равшан мӯҳтаҷаб.
Ин ахтарон дар вай муқим, аз ламъ чун дурри ятим,
Ин роҷеъу он мустақим, ин собиту он мунқалаб.
Маҳкам инон дар чанги ман, сӯи нигор оҳанги ман,
Биспарда раҳ шабранги ман гоҳе сареъу гаҳ хабаб.
Боди баҳорӣ хеши ӯ, новарду ҷавлон кеши ӯ,
Саҳрову дарё пеши ӯ чун мӯҳра пеши булъаҷаб.
Аз наъли ӯ пурмаҳ замин в-аз гоми ӯ кӯтаҳ замин,
В-аз ҳанги ӯ огаҳ замин, в-аз табъи ӯ холӣ ғазаб.
Оҳу сурун, зарғомбар, кайвонманиш, хуршедфар,
Хородилу сандонҷигар, рӯинсуму оҳанасаб.
Дар роҳи чун шабранги Ҷам бо шер буда дар Аҷам,
Омухта ҷавлон дар Аҷам, хӯрда рабеъ андар Араб.
Дар манзили Салмову май гаштам ҳаме нохурда май,
Тан ҳамчу андар оби най, дил ҳамчу дар оташ қасаб.
Омад ба гӯшаш ҳар замон овози Хизр аз ҳар макон,
К-Эзид таъолоро бихон дар қаъри қоъи муртаҳаб.

Хаста дили ман дар ҳазан, гуфтӣ маро: Ло таъҷалан,
Чун гуфтаме бо дида ман: инно сабабна-л моа-саб.
Роҳе чунон бигзоштам, боғи Ирам пиндоштам,
Аз сабр тухме коштам, омад ба бар баъдуттааб.
Рӯз омада дармони ман, осуда аз ғам ҷони ман,
Аз хаймаи ҷонони ман омад ба гӯши ман шағаб.
Овози асби ман шунид, он моҳ пеши ман давид,
Васл омаду ҳиҷрон парид, омад нишоту шуд караб.
Бо вай нишастам май ба даст, ӯ бут буду ман бутпараст,
Аз ишқи ӯ ман гашта маст, ӯ маст буд з-оби инаб.
Ҳам ноз дидам, ҳам бало, ҳам дард дидам, ҳам даво,
Ҳам хавф дидам, ҳам риҷо, ҳам хор дидам, ҳам рутаб.
Гаҳ даст ёзидам ҳаме, зулфаш тарозидам ҳаме,
Гаҳ нард бозидам ҳаме, як бӯса буду як надаб.
Бар ман ҳамекард ӯ сано, хандон ҳамегуфт ӯ маро:
Бархон мадеҳи ӯ, куҷо алмадҳу фиҳи қад ваҷаб.

❁ ❁ ❁

Ҳар он рӯзе, ки бошам дар харобот,
Ҳаменолам чу Мӯсо дар муноҷот.
Хушо рӯзе, ки дар мастӣ гузорам,
Муборак бошадам айёму соот.
Маро бе хештан беҳтар, ки бошам
Ба қуррои фурӯшам зӯҳду томот.
Чу аз банди хирад озод гаштам,
Нахоҳам кард пас гетӣ иморот.
Маро гӯӣ: либосотӣ ту то кай?
Хароботӣ чӣ донад ҷуз либосот.
Гаҳе андар суҷудам пеши соқӣ,
Гаҳе пеши муғаннӣ дар таҳийёт.
Падар бар хумми хамрам вақф кардаст,
Сабилам кард модар дар харобот.
Гаҳе гӯям, ки эй соқӣ, қадаҳ гир,
Гаҳе гӯям, ки эй мутриб, ғазал ҳот.
Гаҳе бода кашида то ба мастӣ,
Гаҳе наъра расида то самовот.

Маро Мӯсо нафармояд ба Таврот,
Чу кардам ҳаққи Фиръавнӣ мукофот.
Чу донӣ, к-ин Саноӣ турраҳот аст,
Макун бар вай саломе хоҷа, ҳайҳот!

❁ ❁ ❁

Чи хоҳӣ кард ҷурроию томот,
Тамошо кард хоҳӣ дар харобот?
Замоне бо ғарибон нард бозам,
Замоне кард созам бо либосот.
Гаҳе шаҳрух ниҳам бар нашъи шатранҷ,
Гаҳе шаҳпил хоҳам гоҳи шаҳмот.
Гаҳе ҳамчун лабат дар нолиш оям,
Гаҳе бо сотгине дар муноҷот.
Гаҳе рухро ниҳода бар замин паст,
Гаҳе наъра кашида дар самовот.
Чунон гаштам зи мастию харобӣ,
Ки нашносам иборот аз ишорот.
На мутрибро шиносам аз муаззин
На дастонро шиносам аз таҳийёт.
Шунидам ман, ки шоҳе бандаро гуфт,
Ки ту абди манӣ, пеш ор ҳоҷот.
Ҳамегуфт: эй Саноӣ, ту бинанйӯш,
Ки ман бошам ба по ҳам дар муноҷот.

❁ ❁ ❁

Нахоҳам ман тариқу роҳи томот,
Маро май бояду маскан харобот.
Гаҳе бо май гусорам андуҳи хеш,
Гаҳе бо ҷом бошам дар муноҷот.
Гаҳе шатранҷ бозам бо ҳарифон,
Гаҳе розӣ шавам бо шеъру абёт.
Гаҳе шахрух шавам бо айшу роҳат,
Гаҳе аз ранҷ гардам боз шаҳмот.
Нахоҳам ҷуз маю майхонаву ҷом,
На меҳнат бошад он ҷову на офот.

Ҳамеша то бувам дар хамру дар қимр,
Биёбам роҳате андар мақомот.
Чу толиб бош андар роҳи маъшуқ,
Талаб кардан бувад роҳи ибодот.
Тариқи ишқ он бошад, ки ҳаргиз
Наёбад ошиқ аз маъшуқ ҳоҷот.
Чунин донам тариқи ошиқиро,
Ки напзирад ба роҳи ишқ томот.
Зи чизе чун тавон додан нишоне,
Ки пайдо нест андар вай ишорот.

## ДАР МАДҲИ БАҲРОМШОҲ

Мардию ҷавонмардӣ оину раҳи мост,
Ҷони маликон зинда ба давлатбунаҳи мост.
Рӯзидиҳи сайёра баргашт зиёро,
Дарюзагари соя парру кулаҳи мост.
Гарчи шараҳи ҳар чӣ шаҳ омад, сӯи шарр аст,
Аз даҳр барафгандани шарҳо шараҳи мост.
Барги каҳи мо аз кухи беҷода натарсад,
Гар то ба раҳи Коҳкашон барги каҳи мост.
Он ҷо, ки бувад кӯшиши шатранҷи тавозӯъ,
Дар натъи ҷаҳон ҳар чӣ ки пайдост, шаҳи мост.
В-он ҷой, ки бахшоиши мо дам зад, агар ту
Дар умр гунаҳ бинӣ, он гаҳ гунаҳи мост.
Ҳаққо, ки на бар зиндагии давлату дин аст,
Ҳар азм, ки дар рағми сафеҳон табаҳи мост.
Ҳар ориза к-ояд зи Худованд бари мо,
Дар банда ки он ҷо, ки он ома хаҳи мост.
Мо хозини неку бади ҳаққем, зи мо нест
Он ҷо, ки бигир мо в-он ҷо, ки неҳи мост.
Алминнату лиллаҳ, ки бари давлату миллат
Иқлими ҷаҳон дидаву айюқгаҳи мост.
Чашми малакон зери сапедист, зи бас ашк
Аз бими яке банда, ки зери шабаҳи мост.

Он кас, ки мулукон ба ғуломиш наярзанд,
Як хидмати камтар ҳашами боргаҳи мост.

❁ ❁ ❁

Розе зи азал дар дили ушшоқ ниҳон аст,
З-он роз хабар ёфт касеро, ки аён аст.
Ӯро зи паси пардаи ағёр дувум нест,
З-он мисл надорад, ки шаҳаншоҳи ҷаҳон аст.
Гӯянд аз ин майдон онро, ки даромад,
Кай хоҷа дилу рӯҳи равонат зи равон аст.
Гар моҳи ҳилол ояд, дар наът кусуф аст,
В-ар тири висол ояд, барбаста камон аст.
К-ин гӯй дусад бор ҳазор аз паи маънӣ
Гаштаст, к-аз эшон тафи ангиштнишон аст.
Он кас, ки ридое зи риё бар китф афканд,
Он нест ридо, он ба сифат дон, таласон аст.
Гарчанд нагун аст дар ин парда дили мо,
Медон ба ҳақиқат, ки зи иқбол ситон аст.
Қоф аз хабари ҳайбати ин ҳарф ба таҳқиқ
Чун сини саломат зи паи хоҷа равон аст.
Гӯӣ, ки магар сина пуроташ ҳама дорад,
Ё дидаи ӯ бар сифати баҳри Умон аст?
Ин чист? Чунин бояд андар раҳи маънӣ,
Он кас, ки чунин нест, яқин дон, ки чунон аст.
Назми гуҳари маънӣ дар дидаи даъвӣ
Чун мардумаки дида дар ин муқла ниҳон аст.
Дар роҳи фано бояд ҷонҳои азизон,
К-ин шеъри Саноӣ сабаби қуввати ҷон аст.

❁ ❁ ❁

Роҳи фақр аст, эй бародар, фоқа дар вай рафтан аст,
В-андар ин раҳ нафси кофаркуш зи баҳри куштан аст.
Нафс амморасту лаввомасту дигар мулҳама,
Мутмаинна бо се душман дар яке пироҳан аст.
Хоку боду обу оташ дар вуҷуди худ бидон,
Рав, дар ин маънӣ назар кун, сад ҳазорон равзан аст.

Чор нафсу чор табъу панҷ ҳиссу шаш ҷиҳат,
Ҳафт султон бо даҳу ду ҷумла бо ҳам душман аст.
Нафсро маркаб масозу бо муроди ӯ марав,
Ҳамчу хар дар гил бимонад, гарчи аслаш тавсан аст.
Аз дари дарвозаи мо то ба дорулмулки шоҳ
Ҳафт ҳазору ҳафтсаду ҳафтод роҳу раҳзан аст.
Хоҷа дорад чор хоҳар мухталиф андар вуҷуд,
Номи худро мард карда, пеши эшон чун зан аст.
Дар шариат кай раво бошад ду хоҳар як никоҳ,
Дар тариқат ҳардуро аз худ мубарро кардан аст.
Сӯзанеро пойбанди роҳи Исо сохтанд,
Ҳубби дунё пойбанд аст, ар ҳаме як сӯзан аст.
Ҳеч донӣ, аз чӣ бошад қимати озодамард?
Бар сари хони хасисон даст кӯтаҳ кардан аст.
Бар сари кӯи қаноат ҳуҷрае бояд гирифт,
Ним ноне мерасад, то ними ҷоне дар тан аст.
Гар зи гулшанҳо биронад, мо ба гулханҳо равем,
Ёр бо мо дӯст бошад, гулхани мо гулшан аст.
Эй Саноӣ, фоқаву фақру фақирӣ пеша кун,
Фоқаву фақру фақирӣ ошиқонро маскан аст.

❁ ❁ ❁

Андар дили ман ишқи ту чун нури яқин аст,
Бар дидаи ман номи ту чун нақши нигин аст.
Дар табъи ману ҳиммати ман то ба қиёмат
Меҳри ту чу ҷон асту вафои ту чу дин аст.
Ту бозпасин ёри маниву ғами ишқат
Ҷони ту ки ҳамроҳи дами бозпасин аст.
Гӯӣ: Бибур аз сӯҳбати ноаҳл бари ман,
Аз ҷон бибарам, гар ҳама мақсуди ту ин аст.
Онро ки ғараз сӯҳбати дидори ту бошад,
Ӯро чӣ ғами Тошу чӣ парвои Тагин аст?
Уммеди висоли ту маро умр бияфзуд,
Худ васл чӣ чиз аст, ки уммед чунин аст.
Гуфтам, ки туро банда набошад чу Саноӣ,
Нӯки мижа бар ҳам зад, яъне ки ҳамин аст.

✲ ✲ ✲

Шӯр дар шаҳр фиганд он бути зуннорпараст,
Чун хиромон зи харобот бурун омад маст.
Пардаи шарм дарида, қадаҳи май дар каф,
Шарбати хамр чашида, алами куфр ба даст.
Шуда берун зи дари нестӣ, аз ҳастии хеш
Нест ҳосил шавад онро, ки бурун шуд аз ҳаст.
Чӣ бут аст он бути қаллошдили руҳбонкеш,
Ки ба шамшери ҷафо ҷуз дили ушшоқ нахаст?!
Андар он вақт ки ҷосуси ҷамоли рухи ӯ
Аз паи пардаи пиндору ҳаво берун ҷаст.
Ҳеч абдол надидӣ, ки дар ӯ дарнигарист,
Ки дар он соати зуннор чиҳил гардан баст.
Гоҳ дар хоки харобот ба ҷон боз ниҳод,
Хокиеро, ки аз ин хок шавад хокпараст.
Бар дари Каъбаи томот чӣ лаббайк занем,
Ки ба бутхона наёбем ҳаме ҷои нишаст.

✲ ✲ ✲

## ДАР МАДҲИ ҚОЗИЮЛҚУЗОТ АБДУЛВУДУДИ ҒАЗНАВӢ ФАРМОЯД

Он табъро, ки илму саховат шиор нест,
Аз олимиш фахру зи зуфтиш ор нест.
Ҷуз чашми захми уммату таъвизи бухл нест,
Ҷуз радди чарху обкаши рӯзгор нест.
Он дасту он забон, ки дар ӯ нест нафъи халқ,
Ҷуз чун забони савсану дасти чанор нест.
Бошад чу абри бематару баҳри бегуҳар,
Онро, ки бо ҷамоли накӯхулқ ёр нест.
Дар пеши ҷавҳарӣ чу сафол аст он садаф,
К-андар миёни он гуҳари шоҳвор нест.
Миннат Худойро, ки мар ин ҳар ду васфро
Ҷуз дар мизоҷи пешрави дин қарор нест.
Қозилқузоти Ғазнин Абдулвудуд, он-к
Мар илму ҷудро ҷуз аз ӯ пешкор нест.

Чарх аст илми ӯ, ки мар ӯро фасод нест,
Баҳр аст ҷуди ӯ, ки мар ӯро канор нест.
Дар барру баҳр нест яке санъат аз саҳо,
К-андар банону табъаш аз он сад ҳазор нест.
Бо сираташ дар оташу обу ҳавову хок
Қадри баланду сафвату лутфу виқор нест.
Эй қадри ту расида бад-он парда, к-аз улувв
З-он парда з-астари асари сунъбор нест.
Он чист, к-аз яқини ту онро мизоҷ нест,
В-он кист, к-аз яқини ту онро ясор нест.
Дин аз туву забон-т чаро мешавад қавӣ,
Гар ту наӣ Алию забон Зулфиқор нест?!
Дар ҳафт бахши олам як мубтадеъ намонд,
К-аз Зулфиқор ҳуҷҷати ту дилфигор нест.
Ҷуз дар чаман валии ту чун гул пиёда кист?
Ҷуз бар аҷал ҳасуди ту чун ҷон савор нест.
Наздики илму ройи ту маҳ нурманд нест,
Дар пеши ҳилму санги ту куҳ бурдбор нест.
Он кист, к-ӯ надорад бо ту чу тири дил,
К-ӯ аз синони суннати ту сӯгвор нест.
Як тан намонд дар чамани ҷуди ту, ки ӯ
Чун фохта зи миннати ту тавқдор нест.
Эй шамстабъ, к-аз ту ҷаҳонро гузор нест,
В-эй абрдаст, к-аз ту заминро ғубор нест.
Уммедвор боз суи садрат омадам,
Аз абру шамс кист, ки уммедвор нест?!
Ҷуз шоирони кӯтаҳбинро дар ин диёр
Бар боргоҳи ҷуду каримит бор нест.
Оре, зи нури оташу аз лутфи оби пок
Рафъат ба ҷуз насиби духону бухор нест.
Лекин замонаӣ туву бар ман зи бахти бад
Ҳар-ч аз замона ояд, ҳаққо, ки ор нест.
В-аллаҳ, ки аз либос ҷуз аз рӯи орият
Бар фарқи ман амомаву бар по изор нест.
Корам бисоз аз карам имрӯз, эй карим,
Ҳарчанд корсоз ба ҷуз кирдгор нест.

Гарчи диҳӣ, вагар надиҳӣ сила дар ду ҳол,
Ҷуз гавҳари санои ман ин ҷо нисор нест.
Бошад каримӣ, ар бидиҳӣ, вар-на ройи туст,
Мар бандаро ба ҳеч сифат ихтиёр нест.
Донӣ, ки аз замона ҷуз эҳсону номи нек,
Ҳаққо, ки ҳар чӣ ҳаст, ба ҷуз мустаор нест.
Номи накӯ бимон чу каримон зи дастгоҳ,
Чун шуд яқин, ки умру дувал пойдор нест.
То дӯзаху биҳишт кам аз ҳафту ҳашт нест,
То ҳиссу табъ беш зи панҷу чаҳор нест.
Чандон-т қадр бод, ки онро карона нест,
Чандон-т умр бод, ки онро шумор нест.

❁ ❁ ❁

З-ин пасам бо девмардум пайкару пайкор нест,
Гар бимонам зинда дигар бо ғурурам кор нест.
Ёфтам дар беқарорӣ марказе, к-аз роҳи дин
Ҷуз нишоти ақлу ҷонаш маркази паргор нест.
Ёфтам бо зорӣ андар олами фориғдилон,
К-андар он бозор хӯи хоҷаро бозор нест.
Дар сарои зарби ӯ илло ба номи шоҳи ақл
Бар ҷамоли чеҳраи озодагон динор нест.
Бар гули ҳикмат шунудам бодаи гулгуни ҳукм,
Гоҳи исрофи хуморе бар гуле кас хор нест.
Зери ин мавкиб гузар кун бар ҷаҳон, к-аз рӯи ҳукм
Ҷуз ба шамшери нубувват кас бар ӯ солор нест.
В-андар он мавкабсаворонанд, к-андар размашон
Рустаму Исфандёру Золро миқдор нест.

❁ ❁ ❁

Соқиё, май деҳ, ки ҷуз май ишқро пидром нест,
В-ин диламро тоқати андешаи айём нест.
Пухтаи ишқам, шароби хом хоҳӣ, з-он куҷо?
Созгори пухта, ҷоно, ҷуз шароби хом нест.
Бо фалак осоишу ором чун бошад туро,
Чун фалакро дар ниҳод осоишу ором нест.

Ишқ дар зоҳир ҳаром аст аз паи номаҳрамон,
З-он ки ҳар бегонае шоистаи ин ном нест.
Хӯрдани май наҳӣ шуд з-он низ дар даврони мо,
К-андар ин айём ҳар дасте сазои ҷом нест.
То наяфтад бар умеди ишқ дар доми ҳаво,
К-ин раҳи хос аст, андар вай маҷоли ом нест.
Ҳаст хосу ом, не наздики ҳар фарзонае
Донаи доми Ҳаво ҷуз ҷоми ҷонанҷом нест.
Ҷоҳилонро дар чарогаҳ дом ҳасту дона не,
Ошиқонро боз дар раҳ дона ҳасту дом нест.

❂ ❂ ❂

## ДАР ТАҶРИД ВА ТАВҲИД

Куфру имон ду тариқест, ки он пинҳон нест,
Фарқи ин ҳар ду ба наздики хирад осон нест.
Куфр наздики хирад нест чу имон, ки ба васф
Аҳриманро сифати бартарии Яздон нест.
Гуҳар имон, ки биҷустаст зи аркони сипеҳр,
Дар ду кавнаш ба масал ҷуз дили покон кон нест
Ки сифат кардани имон ба гуҳар сахт хатост,
З-он ки з-аркони сафо қуввати ӯ яксон нест.
Ту агар з-аркон донӣ сифати нуру зиё,
Назди ман ин ду сифат ҷуз асари имон нест.
Нури аслӣ чу фурӯғе диҳад аз даст фурӯғ,
Фаръро асл чу пайдо шуд, ҳеч имкон нест.
Кор на батни ҳадас дораду дорад ҳақи маҳз,
Расми атлолу диман чун талали айвон нест.
Ройгон ин хабар, эй дӯст, ба ҳар кас надиҳанд,
Мушк гарчанд касод аст, чунин арзон нест.
Эй писар, пой дар ин баҳр мазан, з-он ки туро
Маъбару пойгаҳи қулзуми бепоён нест,
К-ин тариқ аст, ки дар вай чу шавӣ тӯша, туро
Ҷуз фано будан, агар Бӯзарию Салмон, нест.
Ин арӯсест, ки аз ҳусни рухаш бо тани ту
Гар Ҳусайнӣ, ҳама ҷуз ханҷару ҷуз пайкон нест.

Дарди ин боди ҳаво дар тани ҳар кас, ки шавад,
Ҳаст дарде, ки ба ҷуз сӯхтанаш дармон нест.
Ҷисму ҷонро ба аразгоҳ ниҳодам, ки маро
Мояи арз дар ин ҷуз ғарази ҷонон нест.
Гар ҳиҷоби раҳат аз ҷисму зи ҷон хоҳад буд,
Рав, ки ҷонони туро майл ба ҷисму ҷон нест.
Ҷисму ҷон бобати ин лӯъбати симинтан нест,
Тӯҳфаи бехабар андархури ин султон нест.
Фард шав з-ин ҳама, то марди аразгоҳ шавӣ,
К-андар ин кӯй ба ҷуз раҳгузари мардон нест.
Чанд гӯӣ, ки маро ҳуҷҷату бурҳон бояд?
Ҳар чӣ ҳақ бошад, беҳуҷҷату бебурҳон нест.
Куштаи ҳақ шав, то зинда бимонӣ, варна
Бо чунин бандагият ҷои ту ҷуз майдон нест.
Аз чӣ бояд-т ба даъвӣ задан ин чандин даст,
Ки ба дасти ту зи сад маънии якдастон нест.
Номи худро чӣ ниҳӣ беҳуда Мӯсии Калим,
Ки гилеми ту ба ҷуз бофтаи Ҳомон нест?!
То дар оташ чу равӣ ҳамчу Бироҳими Халил,
Чун туро ояти Яздон рақами унвон нест?
Ғалатӣ, ҷони падар, ин шакар аз Аскар нест,
Ғалатӣ, ҷони падар, ин гуҳар аз Уммон нест.
Эй басо юсуфрӯён, ки дар ин Миср буданд,
Ки чу Яъқуб падаршон, магар, аз Канъон нест.
Эй басо Йюнусномон, ки дар ин об шуданд,
Ки ҷигаршон ҳама ҷуз сӯхтаву атшон нест.
Мард бояд, ки чу Булқосим бошад ба амал,
Варна олам тиҳӣ аз кардаи Бӯсуфён нест.
Гӯӣ: Аз исми накӯ мард накӯфеъл шавад,
Не, чу бад бошад тан, исм варо товон нест.
Ман Вафо ном басе донам, к-аш ҷуз ба ҷафо
Табъ нозандаву ҷон моилу дил шодон нест.
Оҳан аст, оре, сандон ба ҳама ҷой, валек
Хештан гоҳи тарозу ба бари сӯҳон нест.
Номи оташ на зи гармист, ки оташ хонанд,
Об аз он нест ба ном об, куҷо сӯзон нест.

Ҳафту чоранд, агар расм бувад вақти шумор,
Вақти афъол чаро феълаш ҳамчандон нест?
Ё биё, пок бизӣ, варна бирав, хокӣ бош,
Ки ду маънӣ ҳаме андар сухане осон нест.
Роҳи ин сарви ҷавон дуру дароз аст, эй пир,
Маи ин хоҷа сазои сари сармастон нест.
Ҷон фишон дар сари ин кӯй, ки аз айёрон
Шаб набошад, ки дар он мавсим ҷонафшон нест.
Лаззати нафс бадал соз ту бо лаззати ишқ,
Бигсал аз табъу ҳаво, гар ғаразат ҳиҷрон нест.
Рози ин парда наёбӣ агар аз нафсу ҳаво,
Дар кафи нестии ту алам̣и туғён нест.
То ҳама ҳу нашавӣ, ҳуи ту илло нашавад,
Чун шавӣ ҳу ту, туро он ҳавасу нуқсон нест.
Такя бар шаръи Муҳаммад куну бар Қуръон кун,
З-он куҷо урваи вусқои ту ҷуз Қуръон нест.
Гуфт ин шеър Саноӣ, ки чу Кайвонӣ гуфт:
«Равшании олам ҷуз аз фалаки гардон нест».

❂ ❂ ❂

Дар дил онро, ки рӯшноӣ нест,
Дар хароботаш ошноӣ нест.
Дар хароботи худ ба ҳеч сабил
Мавзеи мардуми мароӣ нест.
Писаро, хез, ҷоми бода биёр,
Ки маро барги порсоӣ нест.
Ҷуръаи май ба ҷону дил бихарам,
Пеши кас май бад-ин равоӣ нест.
Эй хушо, мастиёву бехудиё,
Беҳ аз ин ҳар ду подшоӣ нест.
Май хуру илми қилу қол магӯй,
Войи ту, к-ин сухан малоӣ нест.
Чанд гӯӣ, ки чанду чуну чаро,
З-ин маонӣ туро раҳоӣ нест.
Дар мақоми вуҷуди манзили кашф
Чунию чандию чароӣ нест.

Ту яке гирди дил барою бибин,
Дар дили ту ғами дутоӣ нест?
Ту худ аз хеш кай расӣ ба Худой,
Ки туро худ зи худ ҷудоӣ нест?!
Чун ба ҷое расӣ, ки ҷуз ту шавӣ
Баъд аз он ҳол ҷуз худоӣ нест.
Ту махонам Саноӣ, эй ғофил,
К-ин суханҳо ба худнамоӣ нест.

❁ ❁ ❁

Эй моҳи сиём, арчи маро худ хатаре нест,
Ҳаққо, ки маро ҳамчу ту меҳмон дигаре нест.
Аз дарди ту, эй рафта баногаҳ зи бари мо,
Як зовияе нест, ки пурхун ҷигаре нест.
Он кист, ки аз баҳри ту як қатра наборид,
К-он қатра кунун дар садафи дин гуҳаре нест.
Эй вой бар он к-аз ғами вақти саҳари ту
Ӯро ба ҷуз аз вақти сабӯҳӣ саҳаре нест.
Бисёр ту оиву набинӣ ҳамаро з-он-к
Мо баргузарем, аз ту туро худ хабаре нест.
Он дил, ки ҳаметарсад аз он шӯълаи оташ,
Валлаҳ, ки ба ҷуз рӯза мар ӯро сипаре нест.
Бас кас, ки чу мо рӯза ҳамедошт аз ин пеш,
Имрӯз ба ҷуз хок мар ӯро мақаре нест.
Эй дода ба бод ин маҳи бобаркату бохайр,
Моно, к-ат аз ин оташ дар дил шараре нест.
Бисёр касо, к-ӯ бари иде чу ту мехост,
Имрӯз ҷуз аз ҳасрат аз онаш самаре нест.
Ашке ду-се имрӯз дар ин букъа фурӯ бор,
К-андар чамани умри ту з-ин беҳ матаре нест.

❁ ❁ ❁

## МАДҲИ ЮСУФ ИБНИ АҲМАД ВА МАСЪУДШОҲ КУНАД

Эй банда, раҳи шавқи малак бе хатаре нест,
Аз ҷон қадаме соз, ки беҳ з-ин сафаре нест.

Тирест бало дар равиши ишқ, ки ҳаргиз
Ҷуз дидаи дарвеш мар ӯро сипаре нест.
Аз хеш ғизо соз, пас он гоҳ ба раҳ пӯй,
Зеро ки туро беҳ зи туе ишвахаре нест.
Худро зи миёни худ бардор, азеро-к
Кас бар ту дар ин раҳ зи туи ту батаре нест.
Танро чӣ қабуле ниҳӣ он ҷо, ки зи иззат
Сад ҷони муқаддасро он ҷо хатаре нест.
Куштанд дар ин роҳ басе ошиқ бе теғ,
К-аз хуни яке ошиқ ҳолӣ асаре нест.
Дар баҳри ғамон ғӯта хур аз рӯи ҳақиқат,
К-андар садафи ишқ беҳ аз ғам гуҳаре нест.
Бор аз Худованд маҷаҳ з-он, ки касеро
Дар пардаи асрори худоӣ гузаре нест.
Бар дӯш фикан ғошияи меҳр дар ин кӯй,
Чун гирди миёни ту зи бидъат камаре нест.
Аз абри пушаймонӣ ашке ду фурӯ бор,
К-андар чамани ишқи ту беҳ з-ин матаре нест.
Дар равшании ишқ чӣ хушшӣ бувад онро,
К-андар чамани сунъи Худояш назаре нест.
Кай меваи раҳмат хурад он кас, ки зи аввал
Дар боғи умедаш зи иноят шаҷаре нест.
Эй дар раҳи исён қадаме чанд шумурда,
Боз ой, к-аз ин даргаҳ беҳ мустақаре нест.
Аз кардаи худ ёд кунӣ, гирйӣ, азеро
Бар умр беҳ аз ту ба ту кас навҳагаре нест.
Бар тоати худ такя макун, з-он ки ба илҳом
Аз оқибати кор касеро хабаре нест.
Чун номи баду нек ҳаме аз ту бимонад
Пас беҳ зи накӯномӣ моро ҳунаре нест.
Некию саховат куну машмар, ки чу Эзид
Подошдиҳу муфзилу некӯшумаре нест.
Гирди уламо гард, ба хоса бари он кас,
К-имрӯз ба ҳар шаҳр чу ӯ муштаҳаре нест.

Хуршеди замин Юсуфи Аҳмад, ки заминро
Чун ӯ ба гаҳи илму маҳолид дигаре нест.
Он абри гуҳарпош, ки дар илм чун ӯ ҳеч
Мар чор гуҳарро беҳ аз онаш писаре нест.
Он шоҳи атобахш, ки дар боғи шариат
Бонафътар аз вай ба гаҳи ҷуд саре нест.
Бе хидмати ӯ дар тани як ҷон амале нест,
Бе мидҳати ӯ дар дили як тан фикаре нест.
Номи Умар аз адл баланд аст, вагар не
Як хона надонам, ки дар он ҷо Умаре нест.
Аз рӯзаву аз гиря чу як кому ду чашмаш,
Дар бодияи тақвӣ хушкею таре нест.
Оре, чӣ аҷаб з-он ки чу ҷадду падари ӯ
Касро ба ҷаҳон акнун ҷадду падаре нест.
Илму хирадаш бештар аст аз ҳама, лекин
Дар дида зи бешармию дар сар батаре нест.
Эй қадри ту гашта сафарӣ дар раҳи дониш,
К-ӯро ба ҷуз аз ҳазрати ҷаллат ҳазаре нест.
Дар оби фано ғарқ шуд аз завраҳи кина,
Он дил, ки дар ӯ з-оташи меҳрат шараре нест.
Бигдохт ҳасуди ту чу дар об шакар, з-онк
Дар коми сухан беҳ зи забонат шакаре нест.
Чашми бади мо бод зи ту дур, ки аз лутф
Як чиз надорӣ, ки дар ӯ зебу фаре нест.
Ал миннату лиллаҳ, ки дар ин ҷоҳи ту боре
Нафъ аст ҷаҳонрову касеро зараре нест.
Дар айни биҳиштӣ ту дар ин ҷову дар он ҷо,
К-андар дили ту аз ҳасади кас мақаре нест.
Дорӣ хираду илму сахо, лек бари ақл
Дар табъат аз ин беҳасадӣ беҳ ҳунаре нест.
На ҳар кӣ баромад ба сари курсӣ, имом аст,
На ҳар кӣ кунад бонге, он ҷо ҳашаре нест.
Курсӣ чӣ кунад, он ки надорад хабар аз илм,
Хуршед чӣ суд онро, к-ӯро басаре нест?

Хуршеди ҷаҳон кай шавад аз илми касе, к-ӯ
Дар шаб чу маҳ ӯро бари ихвон самаре нест.
Илму хираду асл ҳамебояд, в-арна
Худ мояи шӯхиро ҳаддею маре нест.
Фатвӣ диҳию илм ҳамегӯй, валекин
Бо кас даҳу панҷет неву шӯру шаре нест.
Ҳар кас набувад чун ту гаҳи илм, азеро-к
Сад баҳр ба наздики хирад чун шумаре нест.
Худ даври беинсофон бигзашт дар ин шаҳр,
Зеро ба ҷаҳон чун шаҳи мо додгаре нест.
Шоҳию чӣ шоҳӣ, ки гаҳи адлу гаҳи илм
Чун ӯ зи Сурайё малике то ба Сарӣ нест.
Он шоҳи музаффар, ки бар ӯ аз сари кӯшиш
Ҷуз бахшиш ӯро зи табиат зараре нест.
Масъуди ҷавонбахти ҷавонумр, ки чун ӯ
Бар нӯҳ фалаку ҳафт замин шоҳу саре нест.
Қадри шаҳи Ғазнин нашиносад ба ҳақиқат
Онро, ки зи аҳволи Хуросон хабаре нест.
Бодо сари ӯ сабзу дилаш шод, ки имрӯз
Мар мулки ҷаҳонро беҳ аз ӯ тоҷваре нест.
Эй хоҷа, чунин дон зи сари ақлу фасоҳат,
К-имрӯз дар ин фан чу Саноӣ дигаре нест…

❁ ❁ ❁

Марҳабо баҳре, ки обаш лаззат аз Кавсар гирифт,
Ҳаббазо коне, ки ҷудаш оламе дар зар гирифт.
Иттифоқи он ду ҷавҳар буд, ки дар офоқ ҷуст,
Асл, вақте Хизр бурду фаръ Искандар гирифт.
Ҷону илму ақл саргардон дар ин фикрат мудом,
К-он ду ҷавҳар буд, к-аз вай оламе гавҳар гирифт.
Чатри ҳиммат то бари ишқи мутаҳҳар боз кард,
Ҳар киро сар дид, бесар карду кор аз сар гирифт.
Дар ҳама бустони ҳиммат ҳеч кас хорӣ надид,
Акси рух бинмуд, бустонҳо гули аҳмар гирифт.
Обу оташро набуд васлат, чу он сӯҳбат наёфт,
Порае з-он об бар оташ зад, оташ даргирифт.

Чун қабуле дид худро з-он кароматҳои хом,
Қибла вайрон кард, то олам ҳама кофар гирифт.
Ҳар кӣ соҳибсадр буд, аз нури ӯ рӯзӣ бибурд,
Сурати дигар намуду сирати дигар гирифт.
Мучримо, тарсо, ки аз фармони Исо сар битофт,
Дил бад-он хуррам, ки рӯзе сумми хар дар зар гирифт.
Чун тачаллӣ кард бар симои чон Синои ишқ,
Он бути сангини озарсанг дар озар гирифт.
Ҳар кӣ дар обод чоне чуст, бечоясту чоҳ,
Ҳар кӣ дар вайрона ранче бурд, ганче баргирифт.
Чун Саноӣ дид сад чо дафтару як дил надид,
Рағми коғаз аз дили озодагон дафтар гирифт.

## ДАР ТАВҲИД

Эй ҳама чонҳо зи ту поянда, чон чун хонамат?
Чун чаҳон нопойдор омад, чаҳон чун хонамат?
Эй ҳам аз амри ту ақлу чон бас андар шавқу завқ,
Дар муночот аз забони ақлу чон чун хонамат.
Ҳар чи дар зери замон ояд, ҳама исм асту чисм,
Ман зи ман бе ҳеч узре дар замон чун хонамат?
Осмонҳо чун замини маркаби дарбони туст,
Бо чунин ичболу рутбат осмон чун хонамат?
Он ки номи ӯ макон омад, надорад худ макон,
Пас ту дорандай маконӣ дар макон чун хонамат?
Бонишон аз рӯи феълӣ, бенишон аз рӯи зот,
Ман чу дар ҳиссу хаёлам, бе нишон чун хонамат?
Он чи дар садр аст дар лӯълӯш кас менангарад,
Ман бурун чун лӯлиён бар остон чун хонамат?
Чун туӣ суди ҳақиқӣ, дигарон савдои маҳз,
Пас, чу муште хас барои сӯзиён чун хонамат?
Илми ту худ боми ақлу Каъбаи нафс асту табъ,
Ман чу ҳачкӯлон ба зери новдон чун хонамат?
Ину он бошад ишорат сӯи ачсоми касиф,
Ту латифӣ дар иборат, ину он чун хонамат?

Он чи дил донад, ҳудус аст, он чи лаб гӯяд, ҳуруф,
Ман зи дил чун донамат ё аз забон чун хонамат.
Аз варои кунфакон омад пас аз таҳйили хеш,
Дар муноҷот аз фузулӣ кунфакон чун хонамат?
Бе забон чун тир хоҳӣ, то туро хонанд бас,
Ман, Саноӣ, бо забоне чун синон чун хонамат?

## ДАР БЕХАТАРИИ ҶАҲОН ВА ПУРХАТАРИИ ОН ФАРМОЯД

Мусулмонон, сарои умр дар гетӣ ду дар дорад,
Ки хосу ому неку бад бад-ин ҳар ду гузар дорад.
Ду дар дорад вуҷуди мард, к-андар аввалу охир
Яке қуфли қазо дорад, яке банди қадар дорад.
Чу ҳангоми бақо бошад, қазо ин қуфл бикшояд,
Чу ҳангоми фано ояд, қадар ин банд бардорад.
Аҷал дар банди ту доим, ту дар банди амал орӣ,
Аҷал кори дигар дорад, амал кори дигар дорад.
Ҳар он олим, ки дар дунё дар ин маънӣ биандешад,
Ҷаҳонро пурхатар бинад, равонро бар хатар дорад.
Ҳар он кас, к-ӯ гирифтор аст андар манзили дунё
На дармони аҷал дорад, на сомони ҳазар дорад.
Камар гирад аҷал онро, ки дар шоҳию ҷабборӣ
Зуҳал меҳри нигин дорад, қамар тарфи камар дорад.
Агар табъи ту аз фарҳанг дорад фарри Кайхусрав,
Вагар шахси ту андар ҷанг зӯри Золи Зар дорад.
Агар ту филмасал моҳию аз гардун сипар дорӣ,
Ба сар умри туро лобуд замона пайсипар дорад.
Аё саргаштаи дунё, машав ғарра ба меҳри ӯ,
Ки бас саркаш, ки андар гӯр хиште зери сар дорад.
Тамаъ дар симу зар чандин макун, гар дину дил хоҳӣ,
Ки дину дил табаҳ кард он, ки дил дар симу зар дорад.
Ҷаҳон пур оташ асту лек бечора дили он кас,
Ки ӯ андар самими дил аз он оташ шарар дорад.
Чи нӯшӣ шарбати нӯшину охир зарбати ҳиҷрон,
Ҳама ранҷат ҳабо гардад, ҳама корат ҳадар дорад.

Ту андар вақти бахшидан ҷаҳоне мухтасар дорӣ,
Ҷаҳон аз рӯи бахшидан туро ҳам мухтасар дорад.
Саноиро мусаллам шуд, ки гӯяд зуҳди пурмаънӣ,
Надонад қимати назмаш, ҳар он к-ӯ гӯши кар дорад.

## ДАР СИФАТИ МАЪШУҚИ РӮҲОНӢ ВА ТАҶАЛЛИЁТИ НУРОНӢ

Дил бе лутфи ту ҷон надорад,
Ҷон бе ту сари ҷаҳон надорад.
Н-ояд зи камоли ақл ақле,
То номи ту бар забон надорад.
Н-ояд зи ҷамоли рӯҳ рӯҳе,
То ишқи ту дар миён надорад.
Ҷуз дар ғами зулфи дилфиребат
Рӯҳулқудус ошён надорад.
Ақл арчи шариф раҳнамоест,
Бе нутқи ту хонумон надорад.
Рӯҳ арчи латиф кадхудоест,
Бе мадҳи ту обу нон надорад.
Зулфи ту яқини оқилонро
Ҷуз дар канафи гумон надорад.
Рӯи ту рухони ошиқонро
Ҷуз дар канафи амон надорад.
Беҷодаи чашми бедилонро
Ҷуз чун раҳи Каҳкашон надорад.
Бо нури ту моҳро каловаш
Чӣ суд, ки ресмон надорад?
Хуршед, ки ёфт хоки кӯят,
Ҳаргиз сари осмон надорад.
Гулнор, ки дид ранги рӯят,
З-он пас дили бӯстон надорад.
Эй он, ки ҷамолат аз гуҳарҳо
Он дорад, он, ки кон надорад.
Аз Юсуф хуштарӣ, ки дар ҳусн
Он дорию Юсуф он надорад.

Дарди ту бар осмони чорум
Ҷуз Исии нотавон надорад.
Рухсори ту қадди гарданонро
Ҷуз чун хами тайласон надорад.
Бо нозу карашмаи ту васлат
Бомест, ки нардбон надорад.
Бе хӯи хуш он латиф рӯят
Боғест, ки боғбон надорад.
Дар олами ишқ ку насиме,
К-аз зулфи ту бӯи ҷон надорад?
Бо ишқи ту ақлро хазинаш
Чӣ суд, ки посбон надорад.
Бо давлати ту сияҳгилеме
Гар суд кунад, зиён надорад.
Хуш эй ки ҷамоли инҷаҳонӣ
Нақшест, ки ҷовидон надорад.
Эй аз паси парда чанд гӯӣ,
К-аз ҳусн фалон нишон надорад?!
Чун рӯй намуд, ҳар кӣ ҳастӣ,
Густох бигӯ: Фалон надорад.
Дар базм бибин, ки чун Уторид
Дорад сухану даҳон надорад.
Дар разм нигар, ки ҳамчу Ҷавзо
Бандад камару миён надорад.
Дорад ҳама чиз ҷон, валекин
Инсоф бидеҳ, чунон надорад.
Эй он ки зи васфи ту Саноӣ
Он дорад, он ки он надорад.
Бе қомати худ мадораш, эро
Тири ту чун ӯ камон надорад.
З-ин гуна гаронӣ аз Саноӣ
Ҳаргиз сабукӣ гарон надорад.
Булбул ба миёни гул чӣ гӯяд:
Ҳай аст яке, ки ҷон надорад.
Мо тоқати адли ту надорем,
К-аз фазл касе зиён надорад.

## ФИ ҒАЗВУН-НАФС ВА МАҲАЛ-ИР-РӮҲ

Мубориз ӯ бувад, к-аввал ғазо бо ҷону тан гирад,
Зи кӯи тан бурун ояд, ба шаҳри дил ватан гирад.
Аз он уқбо наяндешад, бад-ин дунё фурӯ н-ояд,
На ҷурми Булҳикам хоҳад, на ҷои Булҳасан гирад.
Агар хоҳад бақо ёбад, бибояд мурданаш аввал,
Агар маъруфие бошад, ки ҳам аз хештан гирад.
Бибояд рафт бар чархаш, ки то бо маҳ сухан гӯяд,
Бибояд сӯхт чун шамъаш, ки сӯҳбат бо лаган гирад.
Намедонанд ранҷи раҳ, бад-он бар хира мелофанд,
На з-он ваҷҳ аст ин гуфта, ки як раҳ дар даҳан гирад.
Иёр он аст дар олам, ки дар майдони ишқ ояд,
Масофи ҳастию мастӣ ҳама барҳам задан гирад.
Нагардад домани раҳрав ба оби ҳафт дарё тар,
Ҳама ӯ гардад аз маънӣ, чу тарки мову ман гирад.
Чу мард аз ғайр фориғ шуд, зи дунё сар бигардонад,
Сипоҳи фарқи бетартиб пас омадшудан гирад.
Аз он асрори пӯшида, ки ошиқ дорад андар дил,
Агар бар хор бархонад, ҳама олам суман гирад.
Ту гуфтӣ ошиқон дорию кори фосиқон лобуд,
Бадахшон бад ба даст ояд, агар Нӯъмон Яман гирад.
Маро бояд нашояд зад ба пеши ҳеч ошиқ дам,
Ки ҳар соат ғами дунё ба гирдам анҷуман гирад.
Пур аз заҳр аст коми ман, Саноӣ, хушсухан з-онам,
Қиёмат заҳр бояд хӯрд, гар дастам сухан гирад.
Вале мероси устодон аз ин зебосухан дорам,
Ҳусайне бояд аз маънӣ, ки то ҷои Ҳасан гирад.
Дар ин далқи ба сад пора маро табъест пургавҳар,
Чу бигшоям, зи фазли ӯ ҷаҳоне настаран гирад.

✿ ✿ ✿

Касеро, ки сирри ҳақиқат аён шуд,
Маҷози сифоти вай аз вай ниҳон шуд.
Нишон он бувад бар вуҷуди ҳақиқат,
Ки номи вай аз нестӣ бенишон шуд.

Касе, к-ӯ чунин шуд, ки ман васф кардам,
Яқин дон, ки ӯ подшоҳи ҷаҳон шуд.
Малик шуд замину замонро, пас он гаҳ
Чу Исо, ки худ сокини осмон шуд.
Равон гашт фармони ӯ чун Саноӣ,
Мар ӯро, ки гуфт ӯ: чунин шав, чунон шуд.
Халил аз сари нестӣ кард даъвӣ,
Ки сӯзанда оташ бар ӯ бӯстон шуд.
Чӣ арнист аз нафс бар Тӯри Сино,
Қадамгоҳи ӯ ҷумла оби равон шуд.
Набинӣ, ки ҳар к-ӯ зи худ гашт фонӣ,
Қарини қазо гашту соҳибқирон шуд.
Ҳам аз нестӣ буд, ки бо хок муште
Муҳаммад ба ҷанги силоҳи гарон шуд.
Чу дар нестӣ зад даме чанд Исо,
Тани беравон аз дамаш боравон шуд.
Басо кас, ки дар нестӣ касб карданд,
Гумонҳо яқин шуд, яқинҳо гумон шуд.
Касе, к-ӯ зи ҳалли румуз аст оҷиз,
Баёни Саноӣ варо тарҷумон шуд.

## ДАР ЗӮҲДУ МАВЪИЗА

Вуҷуди ишқ ошиқро вуҷуд андар адам созад,
Ҳақиқат нест он ишқе, ки бар ҳастӣ рақам созад.
Насозад ишқ ранг аз ҳеч рӯе баҳри махлуқе,
Ки ранги ишқи берангӣ вуҷуд андар адам созад.
Ҷамоли ишқ он бинад, ки чашми сар кунад бино,
Самои васл он бинад, ки гӯши сар асам созад.
Шифо созад дилу ҷонрову ошиқро шифо сӯзад,
Сақам сӯзад рагу пайрову ошиқро сақам созад.
Ҳар он касро, ки дил чун обнӯс омад ба ду гуна,
Набошад ошиқ, ар ӯ ашк чун оби бақам созад.
Яке бошад яке ҳафдаҳ чу андар маҷлисе мондан,
Чу дасти ишқ мужда бар бисоти хеш кам созад.

Киро дар хона хум надханд чун кӯс аз паи ово,
Бувад беилм, агар дар ошиқӣ худро алам созад.
Алам будан ба ишқандар мусаллам нест ҷуз онро,
Ки ҳамчун кӯс ҷои хурд беруни шикам созад.
Ба боғи бандагӣ бояд чу савсан сарви озоде
Ҳар он к-ӯ вақти киштан ҳамчу гул худро хурам созад.
Киро чун себ вақти сурхрӯӣ дил сияҳ гардад,
Сапед ояд агар рух чун биҳӣ, зарду дижам созад.
Ба меҳри ишқ дар мулки Худо он деҳхудо гардад,
Ки шодихонаи дил дар миёни шаҳр ғам созад.
Киро боди Ирам аз боди андуҳ тоқ гардонад,
Набошад ҷуфти он обе, ки аз оташ Ирам созад.
Чу зеру бам бад-он ошиқ маёлоиву дарёбӣ,
Ки таскини ғам аз ишқи навои зеру бам созад.
Надорад мулки Ҷам дар чашми ошиқ вазн, чун дорад,
Ки дасти ошиқ аз кӯҳнасафоле ҷоми Ҷам созад.
Нишасти ошиқ андар буткада воҷиб кунад, зеро
Ки оҳи ошиқон аз буткада байтулҳарам созад.
Набошад насбу рафъу хафз ошиқро, ки андар ишқ
Ғам он дорад куҷо, дар феъли мустақбал алам дорад.
Арӯси ишқ бекас нест, то ҳар нокас аз кӯрӣ
Кабудӣ-дар кунад, худро ба ишқаш муттаҳам созад.
Бидон, то шаҳди ишқ аз ҳалқи ҳар ноаҳл дур афтад,
Табиби ашк ҳар соат зи шаҳди хеш сам созад.
Нишони шер дар тақвим дол омад аз он маънӣ,
Ҳар он ошиқ, ки шуд чун шер, қад чун дол хам созад.
Дили ҳамчун кабоби ошиқ андар раг бисӯзад чун,
Агарчанд аз китоб аз рӯи тиб қонуни дам созад.
Ҳар он табле, ки ишқ аз таблаи худ сурнае додаш,
Сарони тоҷвар бинад, ки бар хокаш қадам созад.
Чӣ мегӯям, кӣ донад ин, магар он, к-аз дили софе
Саноивор худро бандаи шоҳи Аҷам созад.

## ДАР СИФАТИ БАҲОР ВА ТАҒЙИРИ РӮЗГОР

Боз мутвориравони ишқ саҳрой шуданд,
Боз сарпӯшидагони ақл савдой шуданд.

Боз мастурони ҷону дил падидор омаданд,
Боз маҳҷурони обу гил тамошоӣ шуданд.
Боз наққошони рӯҳонӣ ба сулҳи чор хасм
Аз сарои панҷдар дар хонаоройӣ шуданд.
Боз дар раъносарои табъ тарророни чарх
Баҳри ин навхостгон дар кӯҳнапирӣ шуданд.
Боз бинобудагони ҳамчу наргис дар хазон
Дар баҳор аз бӯи гул ҷӯёи биноӣ шуданд.
Зарду сурхӣ боз даркарданд хушрӯёни боғ,
То дигар раҳ бар сари он лофу раъноӣ шуданд.
Ошиқон дар зери гулбунҳои парвинпоши боғ
Аз банотуннаъш андар шакл ҷавзоӣ шуданд.
Тову тоҳо боз густарданд пирони сипеҳр,
Қумриён чун муқриён дар тӯи қурроӣ шуданд.
Хусрави сайёрагон то рӯй бар боло ниҳод,
Ахтарони қаъри марказ низ болоӣ шуданд.
Аз паи чашми шукуфа растаҳои ахтарон
Бар салои осмон дар тӯтиёсоӣ шуданд.
То иёри ишқ айёрон падид оранд боз
Заргарони нӯҳ фалак дар мардполоӣ шуданд.
То ба акнун лоиён буданд халқон чун зи адл
Як алиф дар ло дарафзуданду олоӣ шуданд.
Ғофилони ишратӣ чун оқилони ҳазратӣ
Хуни раз хӯрдаанду андар хуни доноӣ шуданд.
Аз паи наззораи инсоф чор аркон ба боғ
Ҳар чӣ онҷоист, гӯӣ ҷумла инҷоӣ шуданд.
Чун дами Исо чалипогар шуд акнун булбулон,
Баҳри Ангалюн сароидан ба тарсоӣ шуданд,
Бедилон дар пардаи идбор матворӣ шуданд,
Дилбарон дар ҳалқаи иқбол пайдоӣ шуданд.
Зоғҳо чун бенавоён дам фурӯ бастанд боз,
Булбулон чун тӯтиён андар шакархоӣ шуданд.
Олами пири мунофиқ то мураққаъпӯш гашт,
Хирқапӯшони илоҳӣ зери яктоӣ шуданд.
Рӯзҳо акнун багаҳ хезанд чун мурғон ҳаме,
Рӯзҳо моно чу мурғон ҳам тамошоӣ шуданд.

Ин-т зебо табъи чобук, даст чун машшотагиш
Енчунон зиштон бад-ин хубию зебой шуданд.
Мутрибони ройгон дар ройгонободи ишқ
Бе дилу дам чун Саной чангию ной шуданд.
Далқ то кӯтоҳтар карданд торикони хок,
Равшанони осмон дар нузҳаторой шуданд.

## ДАР БУТЛОНИ ҲУҶҶАТИ ДАҲРИЁН

Эй хирадманди муваҳҳид, покдини ҳушёр,
Аз имоми дини ҳақ як ҳуҷҷат аз ман гӯш дор.
Он имоме, к-ӯ зи ҳуҷҷат бехи бидъатро биканд,
Нахли дин дар бӯстони илм з-ӯ омад ба бор.
Он ки дар пеши саҳобон фазли ӯ гуфтӣ расул,
То қиёмат дод илмаш кори халқонро қарор.
Шамъи ҷаннат хонд Уммарро набӣ як бору бас,
Бӯҳанифаро чароғи умматон гуфт ӯ се бор.
Чун падид омад ба Куфа, Бӯҳанифа – тоҷи дин,
Он ки шуд аз илми ӯ дини Муҳаммад ошкор.
Гуфт: Гардад умматам ҳафтоду се фирқат ба ҳам,
Ҳаст як з-он аҳли ҷаннат, марҷаъи дигар ба нор.
Бӯҳанифа сарвари он қавми аҳли ҷаннат аст,
Мулҳиду аҳли ҳаво аз вай шавад мақҳуру хор.
Маънии се ёр гуфтан Бӯҳанифаро чароғ,
Мозию мустақбалу ҳол аз улумаш дар ҳиҷор.
Он ки рафту ин ки ояд в-он ки бинад рӯи ӯ,
Ҳар серо з-ӯ рӯшноӣ, ҳар серо илмаш ҳисор.
Даҳрие омад ба наздики халифа ногаҳон
Буғздине, мубғизе, шӯхе, палиде, нобакор.
Ин чӣ банд аст аз шариат бар танат гуфт, эй амир,
Ёфтастӣ подшоҳӣ, хуш хуру беғам гузор.
Рӯзаву ақду никоҳу дур будан аз мурод,
Ҳаҷҷу ғазву усраву ин амрҳои бешумор…
Хештан ранҷа чӣ дорӣ, чун ба олам нангарӣ,
То бидонӣ, к-ин қадим асту надорад кирдгор.
Гуфт: Расми шаръу суннат ҷумла тазвиру риёст,
Сар ба сар гетӣ қадим асту надорад кирдгор.

Омадӣ ту бехабар в-аз хеш рафтӣ бехабар,
Н-омад аз рафта яке аз мову рафта сад ҳазор.
Ҳаст олам чун чарогоҳеву мо чун манзилӣ,
Чун бирафт ин манзилӣ, гирад дигар кас марғзор.
Табъу ахшиҷу ҳаюлоро шиносем асли кавн,
Ҳар киро ин мункир ояд, ақли ӯ дорад ғубор.
Хонае дидам ба Юнон дар ҳаҷар карда ба нақш,
Сурати афлоку таърихи бинояш бар канор.
Наср воқеъ дар ҳамал канда, ки таърих ин будаст,
Кист, к-ӯ гӯяд, ки ман донам, мар инро худ шумор.
Ку мунаҷҷим? Ку муҳосиб? Гӯ, биё, маълум кун,
Ибтидо пайдо куну мар интиҳоро ҳуҷҷат ор.
Он ки гуфт: аз гоҳи Одам панҷ понсад беш нест,
Нақш воқеъ дар ҳамал чун кардаанд он ҷо нигор?
Ин ҳама зарқу фусун асту дурӯғу шӯъбада,
Ҳилату найранг донад ин суханро ҳушёр.
Гуфт амиралмӯъминин к-эй марди пурдаъвӣ, бибош,
То биёяд он имоми ростин, фахри диёр.
Гар битобӣ рӯй аз ӯ, гардӣ ҳазимат дар сухан,
Бар сари дорат кунам, то аз ту гиранд эътибор.
Гар зи ту Нӯъмон ҳазимат гираду гардад хамӯш,
Мӯътамад гардӣ марову ҳам ту бошӣ мири бор.
Чокареро номзад кард ӯ, ки Нӯъмонро бихон,
То кунад бо ин ҷадал дар пеши тахти шаҳрёр.
Рафт қосид, чун бидид он кони илму фазлро,
Гуфт: Омад мулҳиде дар пеши хусрав хоксор.
Мечунин гӯяд, ки зарқ аст ин мусулмонию фан,
В-ин шариат чун ридое, к-аш на пуд асту на тор.
Гуфт амир-ал-мӯъминин, то ҳозир ояд пеши ӯ
Дини эзидрову шаръи Мустафоро пушту ёр.
Гуфт қосидро имоми дин: чу бигзорам намоз,
Пеши мир-ал-мӯъминин оям, варо гӯ: Чашм дор!
То намози шом н-омад Бӯҳанифа пеши шоҳ,
Чира гашта даҳрӣ он ҷо, шоҳ буд дар интизор.

Ҳар замон гуфтӣ ба шаҳ он мулҳиди баттоли шум:
Мебитарсад аз ман ӯ, з-он шуд ниҳон аз изтирор.
Кист дар гетӣ, ки ёрад гуфт бо ман з-ин сухан,
Кист дар олам, ки ӯ аз ман надорад алҳазор!
Гуфт: Шоҳо, мебифармо, то биёранд ин замон
Мутрибони хушлиқои хубрӯи номдор.
Он ки медоранд рӯза, гӯяд: Ар ӯрост музд,
Соғаре май бояду маъшуқи зебо дар канор.
Ӯ чи донад рӯзаву тооту иду ҳаҷҷу ғазв,
Иди ӯ ҳар рӯз бошад, рӯза ӯро дар чӣ кор?
Андар ин буданд ногаҳ, к-андаромад марди дин,
Шод гашт аз вай халифа, даҳрияк дармондавор.
Гуфташ аз хиҷлат ки эй Нӯъмон, чаро дер омадӣ?
Дод Нӯъмонаш ҷавобе пурмаонӣ мардвор.
Гуфт: Ҳолӣ, чун шунидам амри шаҳ, бархостам,
Рух ниҳодам сӯи қасру тахти шоҳи тоҷдор.
Чун расидам бар карони Даҷла, киштӣ рафта буд,
Буд нахле мункар он ҷо, тахтҳо шуд бар қатор.
Дарҳам омад киштие, шуд дарзҳояш нопадид,
Худ ба худ биншаст он ҷо бар карони рӯдбор.
Ҳалқаҳои оҳанин дидам зи санг омад бурун,
Андаромад дар мароруу киштие шуд пойдор.
Киштӣ он гаҳ пеш омад, ман нишастам андар ӯ,
З-ин сабаб таъхир афтод, эй писар, маъзур дор.
Гуфт мулҳид: шарм дор, эй Бӯҳанифа, з-ин дурӯғ
Ҳуҷҷате овардаӣ, к-ин кас надорад устувор.
Гуфт он гаҳ Бӯҳанифа, он имоми дини ҳақ,
Мар амир-ал-мӯъмининро, к-эй амири бовиқор.
Хасм мегӯяд, ки сонеъ нест, олам буд қадим,
Ин зи табъ асту ҳаюло, нест инро кирдгор.
Он гаҳе мункир ҳамегардад, ки маснуотро
Сонеъе бояд, магар девона аст ин, гӯш дор,
Тахтаеро сонеъе гуфтӣ, ки мебояд қадим,
Менадорад устуворам, ман раво дорам мадор.

Эй саги зандиқи кофар, харбати машъуми дун,
Менабинӣ фавқу таҳту кӯҳу саҳрову биҳор.
Гоҳ абру гаҳ кушода, гоҳ хушку гоҳ нам,
Гоҳ барфу гоҳ борон, гоҳ равшан, гоҳ тор.
Менабинӣ бар фалак ин хусрави сайёрагон,
Моҳу анҷумро ҳамедорад аз ӯ равшан чу нор?
Ҳафт кавкаб бар фалак гашта мубаййин дар замин,
Дар даҳу ду бурҷ пайдо, баста ин лайлу наҳор.
Моҳ дар афзоишу нуқсону хур бар ҳоли хеш,
Сӯи маснуот шав, он гаҳ саноеъ кун назор.
Эй саги нодон, ба худ-андар нигаҳ кун соате,
То бибинӣ қудраташ, мӯъмин шавӣ, эй дилфигор.
Қудрати ҳақ аҷзи ту, бар ранги рӯят зоҳир аст,
Мекунад озодии мӯи сияҳ кофурвор.
Қатраи об омад андар кӯзае, к-аш сарнигун
Сурате зебо падид овард аз вай беавор.
Одамӣ дар рӯшноӣ санъаташ пайдо кунад,
Кори сонеъ бар хилофи ин бувад, андеша дор.
Дар се торикӣ нигорад сурате чун одамӣ,
Он гаҳе бар вай падид орад хату зулфу изор.
Нутқу гӯёию биноию самъ орад падид,
Ҳафт чашма-дар ба дасте устухони пора-пор.
Оби чашмат шӯр карду оби гӯшат талху хор,
Оби бинӣ мунқабиз, оби даҳонат нӯшбор.
Оби чашмат шӯр аз он омад, ки пеҳ ганда шавад,
Гар набошад талх, зӣ вай роҳ ёбад мӯру мор.
Дар даҳонат об хуш омад, бидонӣ тамъ чист,
Чанд гӯям, з-ин далолаш кун бар ин бар ихтисор.
Сонеъе бояд ҳакиму қодиру қоим ба зот,
То падид ояд зи сунъи вай бутони Қандаҳор.
Табъи нодон кай падид орад ҳакиму файласуф,
Ақл аз ту кай пазирад ин суханро бар мадор?
Ин мухолиф табъҳо бо якдигар чун сохтанд,
Обу оташ, хоку бод, эй мулҳидак, ҳуҷҷат биёр.

Он чи мегӯяд: Бидидам ман ба Юнон хонае,
Ин чи ҳуҷҷат бошад, он ҷо сурате кардаст кор.
Рав, бигӯ: Эзид яке, қоим ба зоту ламязал,
Қодиру мӯътиву доно, холиқи барру биҳор.
Мо набудем, ӯ падид овардамон аз чор табъ,
Мӯҳдас омад чор табъу чор фасли рӯзгор.
Биграв, эй мулҳид, ба Қуръон, қулҳуваллаҳ ёд гир,
Чанд бошад бар сарат аз ҷаҳлу куфру шак фасор?!
Чун шунид ин ҳуҷҷат аз вай, даҳрияк хомӯш гашт,
Кард ҳар як кор ӯро, пас бикардандаш ба дор.
Гуфт Нӯъмон: «Эй халифа, баъд аз ин чун ин макун,
Мулҳидонро пеши худ маншон аз ин пас зинҳор».
Ибни амми Мустафоӣ, теғ аз ӯ мероси туст,
Мезан акнун бар сари мулҳид чу Ҳайдар Зулфиқор.
Ҳар чӣ фармояд туро Қуръону ахбори расул,
Андар ӯ овезу мулҳидро зи маҷлис дур дор.
Гуфт: Пазруфтам зи ту, эй ҳуҷҷати дини Худой,
Шод бош, эй Бӯҳанифа, эй имоми бурдбор.
Эй Саноӣ, шукри ин донӣ, ки битвонӣ гузорд
Дини ислому имоми олими парҳезгор.
Гар Саноӣ мустаҷиб гардад ба оташ бегумон,
З-ин маноқиб раста гардад, эй бародар, гӯш дор.

## ИН ҚАСИДАИ ФАРИДАРО ДАР ТАҲНИЯТИ СУЛҲИ ХОҶА ИМОММУҲАММАД МАНСУРИ САЙФУЛҲАҚ ВА ШАЙХУЛИСЛОМ ФАРМОЯД

Аз хилоф аст ин ҳама шар дар ниҳоди булбашар,
В-аз хилоф аст одамӣ дар ҷанги ҷангу шӯру шар.
Ҷуз хилоф, охир, киро ин даст бошад, к-оварад
Асри оламро ба пою умри мардумро ба сар.
Ин хилоф охир кӣ донад, баргусаст андар даҳон
Чархро банди қабою кӯҳро тарфи камар.
Гар набудӣ теғи Азроилро асл аз хилоф,
Захми ӯ бар ҳеч ҷондоре нагаштӣ коргар.

Бо хилоф ар ёр будӣ фоил андар бадви нақш,
Як ҳаюло кай шудӣ ҳаргиз пазирои сувар?
Тозиён мар бедро ҳаргиз нахонандӣ хилоф,
Гар дар ӯ як зарра ҳаргиз дидаандӣ бӯю бар.
Олимонро аз хилоф аст ин ҳама тоқу ҷимор,
Омилонро аз хилоф аст ин ҳама теғу сипар.
Аз вифоқ Идрис баррафт аз замин то осмон,
Аз хилоф Иблис уфтод аз биҳишт андар сақар.
Аз вифоқ истод бар саҳрои нуронӣ малак,
В-аз хилоф уфтод дар тобути зулмонӣ башар.
Аз хилофи саҷда нокардан надидӣ то чӣ кард
Сад ҳазор озодмарди покро хунҳо ҳадар.
То ба акнун ӯ сарӣ мекард, лек андар Сарахс
Аз паи пайванди шайхаш Сайфи Ҳақ бибрид сар.
Лоҷарам, з-ин сулҳ ҷонҳо осмонӣ шуд ба зер,
Лоҷарам, з-ин кор дилҳо осмонӣ шуд забар.
То ду некӯхоҳ карданд аз паи дин оштӣ,
Кард қалби оштӣ дар қалби бадхоҳон асар.
Лоҷарам, кори қадамшоҳону дамҳошон кунун
Шоҳроҳи дӯзах асту наъраи айнулмафар.
Аҳли бидъатро қиёмат нақд шуд з-ин оштӣ,
Чун бидид ин ҷо чу он ҷо ҷамъ хуршеду қамар.
Гарчи ин бе ӯ тавонад комҳо рондан ба теғ
В-арчи ӯ бе ин тавонад номҳо монд аз ҳунар.
Лек баҳри машваратро бо малик беҳтар вазир
В-аз барои маслиҳатро бо Алӣ беҳтар Умар.
Ришта то яктост, онро зӯри золе бигсалад,
Чун дуто шуд, оҷиз ояд аз гусастан Золи Зар.
Гул, ки танҳо бӯй охир хушк гардонад димоғ
В-ар шакар танҳо хурӣ ҳам, гарм гардад з-ӯ ҷигар.
З-ин ду танҳо ҳеч қувват н-ояд андар ҷону дил,
Қуввати ҷонрову дилро гулшакар беҳ, гулшакар.
Аз барои қуввати дилро шакар бо гул беҳ аст,
Аз барои қуввати динро шумо бо якдигар.

Эй зи зеби халқу хилқат баргу гулро рангу бӯй,
В-эй зи нури ҷоҳу раъят ақли кулро зебу фар.
Он чи андар ҳаққи Юсуф кард Яъқуб аз вафо,
Шайх дар ҳаққи ту он кардаст, донӣ ин қадар.
Ин фидо гӯши ниюшо кард андар ҳаҷри ту,
В-он фидо гар чашми бино кард дар ҳаҷри писар.
Ин зи ҳиммат сулҳ диду боз напзируфт самъ,
В-он зи тӯҳмат васл нодида, қарин шуд бо самар.
Шайх гуфт: Он гӯш, к-андар ҳаҷри ӯ кардам фидо,
Зишт бошад, гар бад-ӯ раҷъат кунам бори дигар.
Дар чунин ҳоле чунин озодмардӣ кард ӯ,
Менадидам дар ҷаҳон пире аз ӯ озодатар.
Эй зи бахшиш бухлро чун кӯҳ карда мағз хушк
В-эй зи кӯшиш хасмро чун абр карда дида тар.
Ботинатро дин ба саҳро оварид аз баҳри сулҳ,
Чун нигаҳ кард, андар ӯ аз беҳ дидаш остар.
Гар намонад дарду гарде дар миён, набвад аҷаб,
Дард бардорад шифову гард биншонад матар.
Дар миёни Юсуфу Яъқуб агар гуфте равад,
Оқилон донанд, к-он гуфтор набвад мӯътабар.
Дар миёни дӯстон гаҳ ҷанг бошад, гоҳ сулҳ,
Дар мизоҷи ахтарон гаҳ нафъ бошад, гоҳ зар.
Душманони бадҷигар кухро бисунбанд аз кулӯх,
Дӯстони некдил хумро бишӯянд аз ҳибар.
Гоҳи улфат дод бояд неши каждумро амон,
Вақти хасмӣ канд бояд коми таннинро зи фар.
Табх то бошад мувофиқ, сарду гармаш мехурон,
Чун мухолиф гашт, ё талхиш деҳ, ё нештар.
Эй дареғо, гӯши ӯ бишнидӣ ар боре кунун:
То ту з-ин алмоси буррон чун ҳамепошӣ дурар.
Ҷон ҳаме ҳозир кунад ҳар бор то аз рӯи ишқ,
Ӯ зи гӯши ҷон ниюшад, дигарон аз гӯши сар.
Эй туро Яздон аз он хон дода неъмат, к-аз шараф
Заллапарвардони он хонанд Нӯъмону Зафар.

Хеч миннат нест касро бар ту, к-ат ҳақ парварид
Гоҳ дар маҳди қабулу гоҳ дар сақфи зафар.
Фахру фарри ин ҷаҳону он ҷаҳон гаштӣ, чу дод
Шират аз пистони фахру мева аз бустони фар.
Ту бузург аз осмонӣ, дигарон аз обу хок,
Ту азиз аз кирдгорӣ, дигарон з-аслу гуҳар.
Мурғ, к-он Эзид кунад, чун меҳр паррад бар сипеҳр,
Мурғ, к-он Исо кунад, бас хор бошад пеши х(в)ар.
Ҷо чаро созад чу мурғи хона бар ҳар хокдон,
Ҳар киро Рӯҳулқудус парварда бошад зери пар.
Фосиқонро заҳматӣ ҳам дар ҳало, ҳам дар мало,
Ошиқонро раҳматӣ ҳам дар сафар ҳам дар ҳазар.
Оламеро дар ҳазар дилшод кардӣ з-ин ҳузур,
Кишвареро з-он сафар озод кардӣ аз сақар.
Он чи бар суратпарастони Ҳарӣ кардӣ аён,
Ҳеч суратбон надорад з-он маъонӣ ҷуз хабар.
Тайласондорони дин буданд он ҷо наъразан,
Хонақаҳдорони ҷон буданд он ҷо ҷомадар.
Ҳанбалӣ чун дид чашмат, чашми ӯ шуд ҳамчу сим,
Ашъарӣ чун дид рӯят, рӯи ӯ шуд ҳамчу зар.
Аз пайи эҳёи шаръу маърифат кардӣ ҷудо
Тирагӣ з-асҳоби ҷабру хирагӣ з-аҳли қадар.
Ин кунун з-«Ал-ҳукма иллаҳ» нақш дорад дар нигин,
В-он дигар з-«Ийёка наъбуд» ҳалқа дорад бар камар.
Зардгӯшони Ҳариро кардӣ аз гуфтори нағз
Чун сияҳчашмони ҷаннат гӯшу гардан пургуҳар.
Дар Ҳарӣ ин соҳирӣ дидӣ, ба Турку Рум шав,
То чалипо сӯхтан бинӣ ту дар Чину Хазар.
Гар на ирқи минбари тустӣ дар ашҷори Ироқ,
Рӯҳи номӣ аррае гаштастӣ андар ҳар шаҷар.
Гар зи сеҳри гуфти ту динро набудӣ парвариш,
Доягӣ ин сеҳр кай кардӣ ба таъсири саҳар?!
То зи рӯи моя мурдумро на аз рӯи насаб
Чор унсур модаранду ҳафт сайёра падар.

Бод амрат дар замин чун чор унсур пешрав,
Бод номат дар замон чун ҳафт сайёра самар.
Бод раъят бетабоҳӣ, бод шахсат беҳудус,
Бод ҷоҳат бетаноҳӣ, бод ҷонат безарар.
Бод ҳамчун даври ҳамкори ту корат мустақим,
Бод ҳамчун дини ҳамноми ту номат муштаҳар!

## ДАР МАДҲИ АБУЛМАФОХИР ХОҶА ҲАКИМ АБӮУМАР УСМОН ИБНИ УМАРИ МУХТОРӢ, ШОИРИ ҒАЗНАВӢ ФАРМОЯД

Нашавад пеши ду хуршеду ду маҳ торӣ тир,
Гар барад заррае аз хотири Мухторӣ тир.
Он ки дар чашми хирадмандию дар гӯши яқин
Пеши андозаи сидқаш ба камон ояд тир.
Он ки пеши қалами ҳамчу синонаш гаҳи захм
Аз паи фоида чун найза миён бандад тир.
Гар ба зар васф кунад барги разонро, пас аз он
Барг заррин шавад аз давлати ӯ дар маҳи тир.
Эй ҷавоне, ки зи маънии нават дар ҳар гӯш
Ҳар замон нур ҳаме нав талабад олами пир.
Сухан аз меҳри ту ороста ояд чун ҷон,
Оташ аз хашми ту омӯхта сӯзад чу саъир.
Он чи фикрат ҳаме аз ақли ту ёбад гаҳи назм,
Ба ҳама умр наёбад садаф аз абри матир.
Ҳар чӣ з-ин пеш зи назми ҳукамо буд озод,
Ҳаст имрӯз ба банди суханони ту асир.
Маънӣ андар сияҳи ҳарфи хатат ҳаст чунон-к
Мадади равшанӣ андар сияҳи чашми басир.
Ровӣ он рӯз, ки шеъри ту саройд, зи дамаш
Боз чун хок аз он шеър шавад нақшпазир.
Аз паи дӯстии назми ту мурғон дар шох
На аҷаб, гар пас аз ин шеър сароянд сафир.
Аз паи ин ки туро мард ҳамебинаду бас,
Маънии бикр ҳаме бар ту кунад ҷилва замир.

Ҳар замон Зӯҳраву Тир аз паи як нуқтаи ту,
Ҳар ду дар маҷлиси шеъри ту қаринанду мушир.
Он бар ин баҳри шаҳи арза кунад духтари бикр
В-ин бар он баҳри тараб захма занад бар баму зер.
Номи он хоҷа, ки бар маҷлиси шеъри ту равад,
То гаҳи сур бувад бар ҳама ҷонҳо тасвир.
Ман чу шеъри ту набинам зи азизӣ суханат,
Нақшдон мушк тақозо кунаду хома ҳарир.
Ҳар касе шеър сароянд, валекин суи ақл
Дур ба хармӯҳра куҷо монаду дарё ба ғадир?!
Зиракон модати овоз бидонанд аз табъ,
Аблаҳон боз надонанд танинро зи зафир.
Сахт ғофил бувад аз ҳайбати дарё дили он-к
Баҳри ахзар шумарад дидаи ӯ чашми зарир.
Матлаи шеъри ту чун матлаи шамс аст, валек
Аъмиёнро чи шаби музламу чи бадри мунир.
Чӣ шавад, гар шавад осема зи ранги маи сирф
Он сабуксор, ки мастӣ кунад аз бӯи асир.
Эй амири суханон, к-аз паи нафъи ҳукамо
Мар туро қуввати таъйиди илоҳист вазир.
Лекин аз бехабарий бехабарон аст, ки ёфт
Сарв пои туву асли тану ҷон тоҷу сарир.
Ту беандеша бигӯӣ беҳ аз он андар назм,
Он чи як ҳафта нависад ба сад андеша дабир.
Чеҳраву зот туро дар ҳунар аз бемасалӣ,
Худ қиёсест бурун аз масали савсану сир.
Ман дар ин мадҳи ту як мӯъҷиза дидам зи қалам,
Он замон, к-аз дили ман буд суи назм сафир.
Гарчи дил дар сифати мадҳи ту ҳайрон шуда буд,
Ӯ ҳамекард ҳама мадҳи ту мавзун ба сарир.
Сифати хулқи ту дар хотири ман буд ҳанӯз,
К-аз ҷивори дами ман бод меафшонд абир.
Ҳам ба ҷонат, ки биёроста ҷонам чу ҷинон,
То забонам бари мадҳи ту ҷарӣ шуд чу Ҷарир.

Шоир ар мадҳи ту гӯяд, чӣ аҷиб дорӣ аз он-к
Аз замин об ба дарё шавад, оташ ба асир.
Эй ҷаҳони ҳунар аз акси ҷамоли ту ҷамил
В-эй ду чашми хирад аз нури ҷабини ту қарир.
Ҳар ду аз хотири некӯ зи паи гуфтани шеър
Чун тарозуи зарем аз қибали вазну хатир.
Даҳр дар шеър назирем надонист, валек
Чун туро дид дар ин шуғл, маро дид назир.
Лек дар ҷумла ту аз давлати некӯшеърӣ,
Чу шаҳон сӯи зарӣ, ман чу харон сӯи шаъир.
Тоқ бар тоқи ту аз баҳри саноӣ чу пиёз,
Ман саногӯи туву монда дар ин ҳуҷра чу сир.
То бари чеҳрагушоён набувад чашм чу дил,
То бари гунашиносон набувад шир чу қир.
Бод бар раҳгузари ҳодиса аз гунаву ашк
Дилу чашми адуватрост чу ҷоми маю шир.
Бод ороста дар мулки сухан то гаҳи ҳашр
Номаи шеър ба тавқеъи ҷавози ту амир.

❁ ❁ ❁

Яке беҳтар бибинад айюҳаннос
Ки ме дигар шавад олам ба ҳар пос.
Даме аз гардиши ҳолоти олам
Намеёбам наҷот аз банди васвос.
Чу дар дил укдаи васвос бошад,
Чӣ донам дидан аз анвоъу аҷнос.
Куҷо монад ҷаҳонро рӯшноӣ,
Чу хуршед уфтад дар укдаи рос?!
Чӣ суд аз орзу, чун нест рӯзӣ,
Даҳаш монад, даҳаш ҷуз ёфа машнос.
Яке бин орамида дар ғино ғарқ,
Яке пӯёну саргашта чу ифлос.
Ба даври тоси кас натвон расидан,
Тавон даври фалак паймудан аз тос.
Туро надҳанд, ҳар-ч аз баҳри ту нест,
Ба ҳар кор ин суханро дор миқёс.

Сикандар ҷуст, лекин ёфт баҳра
Зи оби зиндагонӣ Хизру Илёс.
Басе фарбеҳ намояд, он ки дорад
Намои фарбеҳӣ аз навъи омос.
Ба ревос ар тавон лӯъбат равон кард,
Равон натвон бад-ӯ додан ба ревос.
Халоиқ бар хилофанд аз табоеъ,
Яке аттору дигар боз каннос.
Чу румӣ гӯяд: Аз пӯшиш напӯшам
Ба ҷуз абрешимини поки белос.
Бараҳна зангии беғам бар афсӯс
Ҳамегӯяд: Чӣ гардӣ гирди карбос?
Зи сар бар кардан ин кишт аз дили хок,
Чӣ судаш, чун кунад сар дар сари дос.
Чу дона дидӣ андар хӯша руста,
Бибин хам гашта зери осиё ос.
Сухан, к-аз рӯи ҳикмат гуфт хоҳӣ,
Ҷудо кун носро аввал зи наснос.
Чӣ нос омад, бигӯ ҳақ, эй Саноӣ,
Ба ҳақ гуфтан зи ҳар наснос маҳрос.

❁ ❁ ❁

Эй Худованди қоиму қуддус,
Мулки ту ноқиёсу номаҳсус.
Қоимӣ худ ба худ қиёми ту нест,
Ба қиёме, ки ҳаст зидди ҷулус.
Соҳати синаҳои муштоқон
З-орзуи ту шуд ба давру шумус.
Дар дили орифони ҳазрати ту
Сад ниҳол аз муҳаббати мағрус.
Нури афлок дар ниҳоди қидам
Кунӣ аз роҳи ошиқон матмус.
Ҳашт боғу чаҳор рукни сурур
Ҷаннати адн бо ҳама номус.
Пеши он дил бад-он ки кас бихарад
Ба яке мушт арзану се фулус.

Хоки пои Билоли ҳазрати ту
Гашта аз роҳи дин тоҷи руус.
Хок бар сар дабири ҳазратро,
Чун надонад ҳаме ямини ғамус.
Кардам овора аз масокини изз
Ҳалли манҳусу толеъи манҳус.
Гарчи зоғи сиёҳ гаштастам,
Нагузинам мақом ҷуз новус.
Зоғ гар бишнавад, кунад дарҳол
З-ин суханҳо карашма чун товус.
Шуд муқими Сарахсу андар вай
Ҳамчу дузде ба қалъае маҳбус.
Эй Саноӣ, бувад, ки дар Ғазнин
Менадонанд шоҳро зи арӯс?!

❁ ❁ ❁

Эй бас қадаҳи дурд, ки кардаст дилам нӯш,
Дур аз лабу дандони шумо, бехабарон, дӯш.
Гаҳ бӯса ҳамедод бар он дурд лабу чашм,
Гаҳ рақс ҳамекард бар он ҳолу дилу ҳуш.
Гаҳ ақл ҳамегуфт, ки эй табъ, ту менол!
Гаҳ сабр ҳамегуфт, ки эй оҳ, ту махрӯш!
Дард омада бо дор, ки ҳин, эй сару тан, дод,
Ишқ омада бо неш, ки ҳон, эй дилу ҷон, нӯш.
Дарде, ки ба афсона шунидам ҳаме аз халқ,
Аз илм ба айн омада в-аз гӯш ба оғӯш.
Дар ҳуҷраи чашм омада хуршеди хаёлаш,
Хуршед кӣ дидаст сияҳ карда буногӯш?
Дар ҳасрати он дидаи чун дидаи оҳу
Ин дида на дар хобу на бедор чу харгӯш.
Ҳайрат суи чашм омада, к-эй чашм, ту мангар,
Ғайрат суи гӯш омада, к-й гӯш, ту манюш.
Бо чашми сарам гуфта: Туроему чу мангар,
Дар гӯши дилам хонда: Туроем, ту махрӯш!
Завқ омада дар чашм, ки эй чашм, чунин чашм,
Шавқ омада дар гӯш, ки эй гӯш, чунин гӯш.

Ин худ сифати нақши хаёл аст, чӣ чиз аст,
Ё раб, ки бибинам ба аён он рухи некӯш.
Ӯ булбулабардасту хирад силсиладарпой,
Ӯ ғолиябаргӯшу раҳӣ ғошиябардӯш.
Дар ошиқӣ он ҷо, ки варо пой, маро сар,
Дар бандагӣ он ҷо, ки варо халқа, маро гӯш.
Сад рӯҳ даровехта аз домани курта,
Сӣ рӯз барангехта аз гӯшаи шабпӯш.
Овоза дарафтода ба ҳар ҷо, ки Саноӣ
Дар мактаби ӯ кард ҳама тахта фаромӯш.

❁ ❁ ❁

Аз ҳаллу аз ҳаром гузаштаст коми ишқ,
Ҳастию нестист ҳалолу ҳароми ишқ.
Тасбеҳу дину савмаа омад низоми зуҳд,
Зуннору куфру майкада омад низоми ишқ.
Холист роҳи ишқ зи ҳастӣ бар он сифат,
К-аз рӯи ҳарф пардаи ишқ аст номи ишқ.
Бар натъи ишқ мӯҳра фурӯ боз баҳри он-к
Аз айну шину қоф табаҳ шуд қавоми ишқ.
Чандин ҳазор ҷони муқимон сафар гузид,
Ҷоне ҳанӯз такя назад дар мақоми ишқ.
Ин турфатар, ки ҳар ду ҷаҳон пок шуд зи даст,
Бо ин ҳанӯз гардани мо зери воми ишқ.
Бархост ихтиёру тасарруф зи феъли мо,
Чун кам задем хештан аз баҳри коми ишқ.
Андар куништу савмаа бо биму бе умед
Дарбохтем сад алиф аз баҳри ломи ишқ.
Бардошт пардаҳои ташобуҳ зи баҳри мо,
То кард рӯй сӯи дили мо паёми ишқ.
Мастӣ ҳамекунам зи шароби бало, валек
Ҳар рӯз бартар аст чунин издиҳоми ишқ.
Озода мондаем зи кому ҳавои хеш,
То гаштаем аз сари маънӣ ғуломи ишқ.
Дом аст роҳи ишқу ниҳода ба шоҳроҳ
Бо дому банди халқ Саноӣ ба доми ишқ.

З-он давлате, ки бехабаронро насибаест,
Кам бод номи ошиқу гум бод номи ишқ!
Чун Юсуфи Саид бифармудам ин ғазал,
Бодо давоми давлати ӯ чун давоми ишқ!

## ДАР НАКӮҲИШИ АСҲОБИ ҲОЛ

Бас кунед охир муҳол, эй ҷумлагӣ асҳоби мол,
Дар макон оташ занед, эй тоифай арбоби ҳол.
Зинҳору зинҳор аз гарм рафтан дам занед
З-ин яҷузу лояҷузу хирқаву ҳолу муҳол.
Хирқапӯшон гаштаанд аз баҳри зарқу махрақа,
Динфурӯшон гаштаанд аз орзуи ҷоҳу мол.
Эй Низомуддину фахри миллат, эй шайхушшуюх,
Чанд аз ин ҳолу муҳолу чанд аз ин ҳаҷру висол?
Кай тавон мар зулҷалолу зулбақоро ёфтан
Дар хати хуби текину дар хами зулфи янол.
Пойбанди хайру шарре кай шавад аз роҳи ишқ,
Он ки бо шар ташнаи шавқу камоли зулҷалол.
Аз ду берун нест илло шарбате ё зарбате,
Гар наим ояд манозу в-ар ҷаҳим ояд, манол.
Мард он бошад, ки мутворӣ шавад симурғвор,
Ҳашт ҷаннат зери парру ҳафт дӯзах зери бол.
Нест нуқсоне зи нооварда тоатҳои халқ,
Ҳаст мустағнӣ зи обу гил камоли лоязол.
Эй Ҷунайду Боязид, аз хок сарҳо бар кунед,
То ҷаҳоне пурҷадал бинеду халқе пурҷидол.
Ин миёнро баста андар роҳи маънӣ чун алиф
В-он шуда бешак зи даъвиҳои бемаънӣ чу дол.
Эй дареғо, содиқони гармрав дар роҳи дин,
Найри эшон дидадӯзу ишқи эшон синамол.
Кай хабар дорӣ ту, эй номаҳрами ноаҳли роҳ
Аз ҷафоҳои Суҳайбу аз балоҳои Билол.
Оламе зоғи сиёҳу нест як бози сапед,
Як рама Афросиёбу нест пайдо пури Зол.
То ҳашар карданд шогирдони дунулқиблатайн,
Пардагӣ гаштанд з-ин ғам устодони камол.

Бемаза шуд ишқбозӣ, з-ин ҷаҳони бемаза,
Ошиқонро қаҳт омад з-ин табоҳи тангсол.
В-ин зарифон бин, к-аз эшон танг шуд паҳнои ишқ
В-ин ҷамилон бин, к-аз эшон нанг медорад ҷалол.
Саффи девон бинам, инак, дар масофи Ҷабраил,
Пешаи шерони шарза шуд паноҳи ҳар шағол.
Ишқи Яъқуб ар надорӣ, сабри айюбит ку?
Садри бадр ар нестат боре кам аз қадри ҳилол.
Давлате буд он даволӣ, к-аш Умар дар каф гирифт
В-арна Уммар ҳаст бисёре, намебинам давол.
Ё ҳама ҷон бош ё ҷонон, ки андар роҳи ишқ
Дар яке қолаб набошад ҷону ҷононро маҷол.
Нориён бо се дӯзах сард монда дар тамуз,
Аблаҳон бин, бо ду дарё ғарқ гашта дар сафол.
Дар ҷаҳон озодае ку, то ки бо вай дам занем,
Маҳраму шоиставу аҳлу мурида бемалол.
Кӯи сиддиқон ба дида рафт бояд, н-аз қадам,
Роҳи таҳқиқон ба тоат рафт бояд, на ба бол.
Гар ба уқбо дида дорӣ, к-ут зоди охират?
В-ар ба дунё такя дорӣ, ҳаст дунёро завол.
Сад ҳазорон ранҷи Бӯбакр аз яке ин ҳафр буд
Нӯҳ нӯҳсад сол навҳа кард, то шуд ҳамчу нол.
Гар дами Бӯбакр хоҳӣ, бахшиши як нон-т ку?
В-ар камоли рӯҳ ҷӯӣ, навҳаат ку ним сол?
Буд он гаҳ вақти кон-ул-каъса маҷриҳал-ямин,
Ҳаст акнун гоҳи кон-ул-каъса маҷриҳа-ш шимол.
Косиду фосид шуд он сеҳри ҳароми Сомирӣ,
Ҳаст гуфтори Саноӣ ишқро сеҳри ҳалол.

## ДАР СИТОИШИ ХОҶА ҲАКИМ ҶАМОЛ-УЛ-ҲУКАМО АЛӢ ИБНИ МУҲАММАДИ ҒАЗНАВӢ ГӮЯД ДАР БОБИ МУСҲИЛЕ, КИ ДОДА БУД

Эй ҳалл зи илми ту шуда сад чу масоил
В-эй беҳ шуда аз дасти ту сад иллати ҳоил.
В-эй хоҷаи фарзона, Алӣ ибни Муҳаммад
В-эй ноиби Исо ба дусад гуна далоил.

Ақл аз ту чунон тез, ки савдо зи тахайюл,
Ҷон аз ту чунон зинда, ки аъзо ба мафосил.
Фарзонаи хилқат шавад аз кини ту шайдо,
Девонаи аслӣ шавад аз саъйи ту оқил.
Шахсе, ки бад-ӯ шаммати хулқи ту расидаст,
Чун хулқи ту гул гардад кулли гуҳару гил.
Чун шаммати шоҳиспарам аз боди шамоле,
Шомил шуда аз хулқи ту ҳар ҷой шамоил.
Беғам зи ту хоҳандаву хуррам ба ту маҷлис,
Ёзон ба ту кӯшандаву нозон ба ту маҳфил.
То ақли ту дар олами ҷон рахт фурӯ кард,
Бардошт аз он ҷо сипаҳи ориза маҳмил.
Аз фарри ту дар додани дору равиши моҳ –
Чун муҷтамеъун нурест дар кулли манозил.
Як мусҳили ту рост чу беҷода каҳеро
Меҷазб кунад хилти бад аз бист аномил.
Гар машъалаҳо бӯй зи доруи ту ёбанд,
З-он пас натавонад, ки кунад бод машоил.
Ин зеҳну ҳазоқат, ки ту дорӣ ба табибӣ,
Ҳаргиз нарасад киштии умри ту ба соҳил.
Эй хоки дарат қиблагаҳи ҳосиду носеҳ
В-эй оби рухат саҷдагаҳи шоиру соил.
Аз бими суоли ту адӯи ту чунон аст:
Гӯӣ, ки бар ӯ заҳмате овард таби сил.
Дар дини Муҳаммад чу Умар салбӣ агарчанд,
Бар тарфи забон дорӣ аҳкоми авоил.
Бар фоида халқе зи ду гуна сухани ту:
Чун маънии Зуҷҷоҷу чу тафсири Мақотил.
Ҳаққо, ки раво бошад, к-аз чун ту табибе
Бар чарх мубоҳот кунад хусрави одил.
Будам зи малуле чу тани мардуми кӯҳӣ,
Будам зи ҳузуре чу дили мардуми ғофил.
Худ ҳоли дигар хилт чӣ гӯям, ки зи савдо
Будам чу касе, к-ӯ хурад афюни ҳалоҳил.
Дар гӯши ман аз заъфи дилам вақти шунидан
Чун сури пасин омадӣ овози ҷалоҷил.

Бинмуд маро шӯъбадаҳое, ки набинмуд
Аз садяки он шӯъбада Ҳорут ба Бобил.
З-он фикрати беҳуда, ки дар хотири ман буд,
Яксоата раҳ буд зи ман ба то ба салосил.
Андар шаҷари умр баҳореву зимистон
Нолидӣ аз он заъфу ано дил чу Анодил.
Ман дар ҳади Ғазнину маро фикрати фосид
Гаҳ дар ҳади Чин бурдию гаҳ дар ҳади Мавсил.
Алминнату лиллаҳ, ки кунун он ҳама иллат
Шуд саҳл ба фарри ту аз ин хӯрдани мусҳил.
Таркиби ман афгона шуд аз зоиши иллат,
З-он кас, ки буд аз иллату аз ориза ҳомил.
Мақсуди ман аз умри абад буд ба олам,
Шуд, лоҷарам, аз мусҳилу маъҷуни ту ҳосил.
Барканд ҳама қоидаи иллат аз он ҷо,
Ҷони абадӣ кард бад-он қоида манзил.
Шуд зеҳни ману хотири ман тезу мунаввар,
Чун хотири кӯдак зи мунаққову зи пилпил.
Поканд ба арзу ба сиёнат ҳама хешон-т,
Аз ҳурматат, эй хоҷа, бирав то ба Ҷалоил.
То ботинам аз шарбати ту накс напазруфт,
Ҳаққо, ки нашуд зоҳирам аз фоида комил.
Шуд мӯътадил ин табъ бар он гуна, ки дар табъ
Ме боз надонам мутазод аз муташокил.
Бар кӣ шумарам хулқи ту, эй меҳтари мукрим,
Пеши кӣ кунам шукри ту, эй хоҷаи муфзил?!
То отashу обу гилу бод аст мураккаб,
Ҳар чор худоянд ба наздики муаттил.
Ҳар чор гуҳар доим бадхоҳи туро бод
Бар тораку бар давлату бар дидаву бар дил!
Аъдои ту кам чун масал «устуқада норан»,
Умри ту фузун чун масали «сабъа санобил».

## ДАР НАСИҲАТИ ЯКЕ АЗ АБНОИ ЗАМОН

Кучҷоӣ, эй ҳама ҳушат ба сӯи таблу алам,
Чаро наёрӣ бар рух зи дида оби надам?

Чаро ғурур диҳӣ тантро ба молу ба мулк,
Чаро фурӯшӣ динро ба созу асбу дирам?
Тамом шуд, ки туро хоҷагӣ лақаб доданд,
Камол ёфт ҳама кори ту ба боду ба дам.
Ба зот Эзид агар даст гирадат фардо.
Ғулому асбу силоҳу савору хайлу ҳашам
Чу барзананд бар он табл азли хоҷа дувол,
Ту хоҳ мири Араб бошу хоҳ шоҳи Аҷам.
Ба гӯши хоҷа фурӯ гӯяд он замон маънӣ:
Куҷо шуд он ҳама даъвию лофи ту ҳар дам?
Аз ин ғурури ту то кай, аё забуни қазо?
Ва аз нишоти ту то кай, аё сиришта ба ғам?
Камар ба дасти ту ояд, ҳаме сулаймонвор
Туро тамаъ, ки дар ангушти ту кунад хотам.
Зи кирдгор натарсию бас хароб кунӣ
Ҳазор хонаи дарвешро ба нӯки қалам.
Амини дин-т лақаб гашт, пас, чаро дуздӣ
Гилеми Мӯсии Имрону чодари Марям?!
Зи баҳри даҳ дирами қалбро надорӣ бок,
Ки барканию бисӯзӣ ҳазор байти ҳарам.
Шароби ҷаннату ҳуру қусур металабӣ
Бад-ин мурувввату ҳилму бад-ин сахову карам.
Бад-ин амал, ки ту дорӣ, магар туро надиҳанд
Ба ҳашр ҳечею аз ҳеч низ чизе кам.
Бад-ин қасида зи ман хоҷагон бипарҳезанд,
Чунонки аҳли шаётин зи тавбаи Одам.
Саноӣ, ар ту худотарсию худойшинос,
Туро зи мир чӣ боку туро зи шоҳ чӣ ғам!

## ДАР СИТОИШИ САРҲАНГ МУҲАММАД ИБНИ ФАРАҶИ НАВОБОДӢ

Ҳуҷаста бод баҳоре, баҳори Арсанҷон,
Бар он зарифи сахиву ҷаводу роду ҷавон.
Сипеҳрқадре, к-аз бахту давлати фалакӣ
Мусаххари вай гаштанд ҷумла сарҳангон.

Ягонае, ки ба пеши худойгони замин
Намуд мардумӣ андар диёри Ҳиндустон.
Ба шахси гардон дод ӯ сибоъро даъват,
Ба ҷони аъдо кард ӯ ҳусомро меҳмон.
Зи бахти шаҳ на бас аст ин гушодани қаннуҷ,
Бад-ин шуҷоат шомот бишканӣ осон.
Масал шунидам, к-аз ними мушт сохтаанд
Ҳар он силоҳ, ки аз ҷинси ханҷар асту синон.
Ҳақиқат аст, ки ин мушт, к-ин ҳикоят аз ӯст:
Набуду нест магар мушти он зарифи ҷаҳон.
Муҳаммади Фараҷ, он сарвари навободӣ,
Ки сарвариро садр асту қоидиро кон.
Сутудаи ҳама кас, меҳтарӣ, ҷавонмардӣ,
Ки ифтихори замин асту ихтиёри замон.
Ягонае, ки ба ҳар ҷой, к-ӯ сухан гӯяд,
Ҳадиси аҳли хирад хор бошаду ҳазён.
Камол гардад дар ҷоҳи ӯ ҳаме оҷиз,
Ҷамол монад дар рӯи ӯ ҳаме ҳайрон.
Ду гӯш зӣ сухани ӯ ниҳондаанд сиқот,
Ду чашм дар ҳунари ӯ кушодаанд аъён.
Сахикафе, ки ба як захми зӯр бистонад
Зи яшку панҷаи шери нажанду пили дамон.
Кунад чу сандон дар мушт сӯниши оҳан,
Кунад ба теғ чу сӯниш ба захмҳо сандон.
Чу ҷом ёфт зи соқӣ амал-ш, бӯсад даст,
Чу теғ кард бараҳна, аҷал-ш бӯсад рон.
Надидаам, ки кас оварда пушти ӯ ба замин,
Ҳазор мард бияфганд, дидаам ба аён.
Биёмаданд ба уммеди ҷанги ӯ ҳар мард,
Ба пеши шоҳу бад-ин баст бо ҳама паймон.
Зи бахти нек якеро рабуд сар зи бадан,
Зи мушти хеш дигарро зи тан рабуд равон.
Аз он сипас, ки ҳама «наҳну ғолибун» гуфтанд,
Фиганд дар дилашон «куллу ман алайҳо фон».

Чӣ гуна васфи шуҷоат кунам касеро ман,
Ки нархи ҷон шавад аз зӯри ӯ ҳаме арзон.
Аё сутудатар аз ҳар кӣ дар ҷаҳон мард аст,
Ки аз шуҷоати ту карда ҳосидат нуқсон.
На Юсуфию туро ҳаст рӯй чун хуршед,
На Мӯсиию туро ҳаст найза чун суъбон.
Ҳунар чӣ гуна расад бе баёни ту ба баён.
Ба вақти мардӣ аҳволи теғро меъёр,
Ба гоҳи родӣ асбоби ҷудро мизон.
Ба ту кунанд навободиён ҳаме мафхар,
Ки фахри оламӣ, эй родкаффи хубкамон.
Сипеҳрворат қадр асту талъатат хуршед,
Мунирворат бадр асту бурҷи ту дуккон.
Ҳазор душману аз ту яке гузорат мушт,
Ҳазор лашкару аз давлатат яке даврон.
Шигифт нест, агар ман ба мадҳи ту нарасам,
Ки хокро набувад қадри гунбади гардон.
Аё надими надамро санои ту дору,
Аё муини тарабро сахои ту бустон.
Агар наёмад тар шеъри ман, равост аз он-к
Намонад об суханро, чу ронӣ аз паи он.
Бигуфтам ин қадар аз мадҳати ту бо тақсир,
Басанда бошад дар шеър номи ту бурҳон.
Ту шоирию ба назди ту шеъри ман жож аст,
Кӣ бурд зира бизоат ба маъдани Кирмон?
Валекин, арчи бувад баҳри жарф маъдани об,
Биборад охир ҳам гаҳ-гаҳе бар ӯ борон.
Ҳама дуои ман он аст бар ту, эй сарҳанг,
Ки, эй Худой, мар ӯро ба комҳо бирасон.
Ҳамеша то набувад ҷои дур ба ҷуз дарё,
Ҳамеша то набувад ҷои зар ба ҷуз дар кон,
Бақои ту хоҳам дар давлату саодату изз,
Адӯву ҳосиди ту дар ғами дилу аҳзон.
Ба умри хеш чунон кун, ки хоҳамат гуфтан,
Ба ҷоҳи хеш чунон кун, ки донӣ аз аркон.

Чу абру баҳр бибахшу чу моҳу меҳр битоб,
Чу чарху шер бигарду чу сангу кӯҳ бимон.

## ИН ҚАСИДА ДАР ҚУББАТУЛИСЛОМИ БАЛХ ГУФТА ШУД

Барги бебаргӣ надорӣ, лофи дарвешӣ мазан,
Рух чу айёрон надорӣ, ҷон чу номардон макан.
Ё бирав ҳамчун занон рангею бӯе пеш гир,
Ё чу мардон андарою гӯй дар майдон фиган.
Ҳар чӣ бинӣ ҷуз ҳаво, он дин бувад, бар ҷон нишон,
Ҳар чӣ ёбӣ ҷуз Худо, он бут бувад, дарҳам шикан.
Чун дилу ҷон зери поят натъ шуд, пое бикӯб,
Чун ду кавн андар ду дастат ҷамъ шуд, дасте бизан.
Сар барор аз гулшани таҳқиқ, то дар кӯи дин
Куштагони зинда бинӣ, анҷуман дар анҷуман.
Дар яке саф куштагон бинӣ ба теғе, чун Ҳусайн,
Дар дигар саф хастагон бинӣ ба заҳре, чун Ҳасан.
Дарди дин худ балъаҷаб дардест, к-андар вай чу шамъ
Чун шавӣ бемор, хуштар гардӣ аз гардан задан.
Андар ин майдон, ки худро медарандозад ҷуҳуд
В-андар ин маҷлис, ки бутро мебисӯзад барҳаман.
Ин-т беҳиммат шагарфе, к-ӯ бурун н-ояд зи ҷон
В-онт бедавлат саворе, к-ӯ бурун н-ояд зи тан.
Ҳар хасе аз ранги гуфторе бад-ин раҳ кай расад,
Дард бояд умрсӯзу мард бояд гомзан.
Солҳо бояд, ки то як санги аслӣ з-офтоб
Лаъл гардад дар Бадахшон ё ақиқ андар Яман.
Моҳҳо бояд, ки то як пунбадона з-обу хок
Шоҳидеро ҳулла гардад, ё шаҳидеро кафан.
Рӯзҳо бояд, ки то як мушти пашм аз пушти меш
Зоҳидеро хирқа гардад ё ҳимореро расан.
Умрҳо бояд ки то як кӯдаке аз рӯи табъ
Олиме гардад накӯ ё шоире ширинсухан.
Қарнҳо бояд ки то аз пушти одам нутфае
Булвафои Курд гардад ё шавад Вайси Қаран.

Чанг дар фитроки соҳибдавлате зан, то магар
Бартар ойӣ з-ин сиришти гавҳару сарфи заман.
Рӯй бинмоянд шоҳони шариат мар туро
Чун арӯсони табиат рахти сарданд аз бадан.
То ту дар банди ҳавоӣ, аз зару зан чора нест,
Ошиқе шав, то ҳам аз зар фориғ ойӣ, ҳам зи зан.
Нафси ту ҷӯёи куфр асту хирад ҷӯёи дин,
Гар бақо хоҳӣ, ба дин ой, ар фано хоҳӣ, ба тан.
Ҷонфишону пойкӯбу род зию фард бош,
То шавӣ боқӣ, чу доман барфишонӣ з-ин диман,
К-аз паи мардонагӣ пояндазот омад чанор
В-аз паи тардоманӣ андар ҳаёт омад суман.
Роҳ рав, то дев бинӣ бо фаришта дар масоф,
З-имтиҳони нафси ҳиссӣ чанд бошӣ мумтаҳан.
Чун бурун рафт аз ту ҳирс, он гаҳ дарояд дар ту дин,
Чун даромад дар ту дин, он гаҳ бурун шуд Аҳриман.
Гар ҳамехоҳӣ, ки парҳо рӯядат з-ин домгоҳ,
Ҳамчу кирми пила ҷуз гирди ниҳоли худ матан.
Бори маънӣ банд аз ин ҷо, з-он ки дар бозори ҳашр
Сахт косид буд хоҳад тез бозори сухан.
Бош, то тӯмори даъвиҳо фурӯ шӯяд хирад,
Бош, то девони маъниҳо бихонад Зулминан.
Бош, то аз пеши дилҳо парда бардорад Худой,
То ҷаҳоне Булҳасан бинӣ ба маънӣ Булҳазан.
Аз ҷамоли ҳоли мардон беасар бошад макон
В-аз шуои шамъи тобон бехабар бошад лаган.
Бори номи мову ман дар олами ҳисс асту бас,
Чун аз ин олам бурун рафтӣ, на мо монад, на ман.
Аз буруни парда бинӣ як ҷаҳон пур шоҳу бут,
Чун даруни парда рафтӣ, ин раҳӣ гашт, он шаман.
Пӯшиш аз дин соз, то боқӣ бимонӣ баҳри он-к
Гар бар ин пӯшиш намирӣ, ҳам ту резӣ ҳам кафан.
Ин ҷаҳону он ҷаҳонатро ба як дам даркашад,
Чун наҳанги дарди дин ногоҳ бикшояд даҳан.
Бо ду қибла дар раҳи тавҳид натвон рафт рост,
Ё ризои дӯст бояд, ё ҳавои хештан.

Сӯи он ҳазрат напӯяд ҳеч дил бо орзу,
Бо чунин гулрух нахусбад ҳеч кас бо пираҳан.
Пардаи парҳезу шарм аз рӯи имон бармадор,
То ба захми чашми ноаҳлон нагардӣ муфтатан.
Гирди Қуръон гард, зеро ҳар кӣ дар Қуръон гурехт,
Он ҷаҳон раст аз уқубат, ин ҷаҳон раст аз фитан.
Чун ҳамедонӣ, ки Қуръонро расан хондаст ҳақ,
Пас, ту дар чоҳи табиат чанд бошӣ бо васан?
Чархи гардон ин расанро мерасонад то ба чоҳ,
Гар ҳаме саҳрот бояд, чанг дарзан дар расан.
Гарди сумми асби султони шариат сурма кун,
То шавад нури илоҳӣ бо ду чашмат муқтаран.
Гар арӯси шаръи ӯ аз рух барандозад ниқоб,
Бехато гардад Хитову бехабар гардад Хутан.
Суннии диндор шав, то зинда монӣ, з-он ки ҳаст
Ҳар чӣ ҷуз дин мурдагию ҳар чӣ ҷуз суннат ҳазан.
Мижжа дар чашми Саноӣ чун синони бод тез,
Гар Саноӣ зиндагӣ хоҳад замоне бе сунан.
Бо суханҳои Саноӣ хоса дар зуҳду масал
Фахр дорад хоки Балх имрӯз бар баҳри Адан.

## ТОИФАЕ АЗ ШУАРОИ ХУРОСОН ВА АФОЗИЛИ ИРОҚ ДАР САНАИ САМОНИЯ АШАРА ИН ГӮЯНДАРО ТАШРИФ ДОДАНД БА ҚАСОИД ВА РУБОӢ ВА МУҚАТТАОТ ДАР ҶАВОБИ СИПОСИ ОНҲО

Баски шуниди сифати Руму Чин,
Хезу биё, мулки Саноӣ бибин.
То ҳама дил бинӣ бе ҳирсу бухл,
То ҳама ҷон бинӣ бе кибру кин.
Зар наю кони малаке зери даст,
Ҷав наю асби фалаке зери зин.
Пой наю чарх ба зери қадам,
Даст наю мулк ба зери нигин.
Рахти каёнӣ нею ӯ рӯҳвор,
Тахт бароварда ба чархи барин.

Раста зи тартиби замину замон,
Ҷаста зи таркиби шурӯҳу синин.
Салвати ӯ хилвате андар ниҳон,
Даъвати ӯ давлате андар камин.
Буда чу Юсуф бачаву рафта боз
То фалак аз ҷазбаи ҳаблулматин.
Зери қадам карда аз иқлими шак
То ба ниҳонхонаи айнуляқин.
Карда қаноат ҳама ганҷи сипеҳр
Дар садафи гавҳари рӯҳаш дафин.
Карда бароат ҳама таркиби ақл
Дар канафи нуктаи назмаш мубин.
Бо нафасаш сеҳри намоёни Ҳинд,
Дар ҳавасаш чеҳракушоёни Чин.
Аввалу охир ҳама сар чун инаб,
Зоҳиру ботин ҳама дил ҳамчу тин.
Рӯҳи амин дода ба дасташ, чунон-к
Дода ба Марям зи раҳи остин.
Назм ҳама руқяи деви хасис,
Нуктаи ӯ зодаи Рӯҳуламин.
Кишваре андар талабу дар тараб
Аз накаби роишу ӯ з-он ҳазин.
Бо дили ӯ хок мисоли янол,
Бо кафи ӯ санг нигини тагин.
Ҳикмату хурсандию динаш бишуст,
То чи кунад мулку макону макин.
Дашти Арабро писари Зулязан,
Хоки Аҷамро писари Отбин.
Офияте дораду хурсандие
Ин-т ҳақиқат малики ростин.
Гоҳ валӣ гӯяду ҳаст ӯ чунон,
Гоҳ адӯ гӯяду ҳаст ин чунин.
Ӯ зи ҳама фориғу озоду хуш
Чун гулу чун савсану чун ёсумин.
Хашм набудаст бар аъдош ҳеч,
Чашм надидаст бар абрӯш чин.

Хашм зи душман буваду ҳилм аз ӯ,
К-ӯ зи асир омада, ин аз замин.
Хашмаш дар дин чу зи баҳри ҷигар
Сирка бувад, таъбия дар ангабин.
Кай кулаҳ аз сар биниҳад, то бувад
Иблис аз оташу Одам зи тин.
Муште аз ин ёвадароёни даҳр
Ҷони кадаршон зи анову анин.
Як рама з-ин девнажодони шаҳр
Бо ҳамашон кибру ҳасад ҳамқарин.
Гаҳ чу сурин суст мар ӯро сарун,
Гаҳ чу сарун сахт мар инро сурин.
Бар ҳама пӯшида, ки ҳам з-ин ду ҳол
Меҳтарашон з-ин ду сифат шуд лаин.
Пеши камоли ҳамаро ҳамчу дев
Кӯр шуда дидаи мобайнбин.
В-аз шараҳи луқма шуда ҷумларо
Мазрааи дев такову анин.
Лофи кӣ ҳастем Саноӣ, дигар
Аз ғазалу марсия сеҳрофарин.
Оре, ҳастанд Саноӣ, валек
Аз сарашон ҷаҳл ҷудо карда син.
Гарчи суи суратиён гоҳи шакл
Зери таки хона чӣ дайн аст дин?
Лек дар он аст, ки дорад хирад
Чашмаи ҳайвон зи нами поргин.
Бас ваҳуш омад суи доно раҳим,
Гарчи ҷинон омада назди ҷанин.
К-он чи гузидаст ба назди авом,
Нест суи хос бар он сон гузин.
К-он чи дусад бошаду сӯи шимол
Бист шуморанд ба сӯи ямин.
Гарчи ба лофу ба такаллуф чун ӯ
Назм сароянд гаҳ ону гаҳ ин.
Ин ҳама ҳаққо, ки суи зиракон
Гурба нигоранд, на шер, офарин!

## ИН ҚАСИДАИ ФАҚЕҲАИ МУНАББАҲРО БА НИСБАТИ ТАҚСИРИ ҶАВОБ ГӮЯД

Эй муқтадои аҳли тариқат каломи ту,
Эй ту ҷаҳони сидқу ҷаҳоне ғуломи ту.
Таъсир кард сидқи ту дар синаҳо чунон-к
Шуд бениёз мустамиъ аз шарҳи номи ту.
Номи ту чун барои замон асту ақлу ҷон,
Кай мардуми замона дарояд ба доми ту?!
Чун нафси мову нафси ту куштай ҳусоми туст,
Бурранда бод бар туву бар мо ҳусоми ту!
Эй ботини ту оинаи зоҳират шуда,
Бардошта зи пеши ту лаҳму узоми ту.
Ишқат чу ҷавҳарест, ки бе ту туро муқим
Бо мо нишонда дораду ту дар мақоми ту.
Маъзур дор аз он ки дар ин роҳ мар маро
Парвои ту намонда зи шодӣ саломи ту.
Донам зи рӯи ақл, ки ту сурате наӣ
В-арна ба дида рӯфтаме гарди гоми ту.
Лаб маҳрами рикоби ту монад, ки бӯса дод,
Зеро набуд воқифи вақти каломи ту.
Лек ин замон зи ишқи ту бар наъли маркабат
Дил сад ҳазор бӯса ҳамезад ба номи ту.
Эй омаи русуму ҳама шаҳр хоси ту,
В-эй хосаи Худову ҳама халқ оми ту.
Нафси алиф шудӣ ту зи таҷрид чун зи ишқ,
Пайваста гашт бо алифат айну ломи ту.
Акнун нишонаш он ки зи сина ба ҷои мӯй
Ҷуз ҳарфи ошиқӣ надамонад машоми ту.
Вомест дӯстро зи рахи ишқ бо ту ҷон,
Лекин мабод сӯхта сад сол воми ту.
Чандӣ ту бардавом, чӣ созӣ мудом вом?
Аз воми худ ҷудо шав, инак давоми ту.
Чун пастҳимматони дигар дар тариқи ишқ
Ҳаргиз мабод гоми ту маъмури коми ту.

## ФӢ МАРТАБАТИЛ ИНСОН

Эй, Эзидат аз раҳмат офарида,
Дар сояи лутфат парварида.
Эй нури ҷамолат аз рухи ту
Ангушти ишораткунон бурида.
Овозаи ту дар ҳавои ваҳдат
Пеш аз азалу аз абад хазида.
Арше, ки саросема будӣ з-аввал.
Дар зери қадамҳоят орамида.
Бар фарши хирад гард барнишаста,
То ишқ бисоти ту густарида.
В-андар азал аз баҳри чокарии худ
Лаббайки ҳама ошиқон шунида.
Эй даст фурӯ шуста з-офариниш
Гашта малаке ҳар куҷо, ки дида.
Бе рӯи ту ақле надида субҳе
Аз Машриқи Рӯҳулқудус дамида.
Бе зулфи ту ҷоне надида дине,
Бо куфри Азозил орамида.
Лоғар шуда ақл аз ҳама фузулӣ,
Азбаски зи ту фоқаҳо кашида.
Фарбеҳ шуда рӯҳ аз ҳама маонӣ,
Азбаски дар бӯстони ту чарида.
Он ҷо, ки ту бихонда «Занд»-у «Позанд»
Зардушт ба муҳриқ забон бурида.
Бо доди ту андар ҷаҳон наёбанд
Ҷуз хашми бутон ҳеч пажмурида.
Он ҷо, ки каримият хон ниҳода,
Иблиси туфайлӣ бад-ӯ расида.
В-он ҷо, ки саманди ту сум намуда,
Одам алами хеш хобанида.
Мардум туӣ аз кулли офариниш
Дар оинаи чашми аҳли дида.
Мӯсо ба канори ту барнишаста,
Аз Нилу асо одамаш кашида.

Фарроши ту Нӯҳ аз нахиби тӯфон
Дар завраки иқболи ту давида.
Дар барзгарӣ омада Бироҳим,
Райҳону гул аз оташаш дамида.
Мӯсо ба саққоият буда рӯзе,
Бас бода, ки аз ҷоми ту чашида.
Аз чокарии ту буроқи Исо
Чун шамс ба чорум фалак расида.
Аз лутфи ту ақл андар офариниш
Нохонда туро ном офарида.
Дар пеши қадат чун алиф бигӯям,
Дар комам доле шавад хамида.
Лаъли ту басе тавбаҳо шикаста,
Ҷазъи ту басе пардаҳо дарида.
Дар зулфи ту сесад ҳазор хам аст,
Дар ҳар хами ӯ Юсуфе чамида.
Дар маҷлиси ту Ҷабраил соқӣ
Бар дар-т магасгир бартанида.
Дар растаи суннат Саноӣ аз дил
Дода хираду ишқи ту харида.

❁ ❁ ❁

Аз хона бурун рафтам ман дӯш ба нодонӣ,
Ту қиссаи ман бишнав, то чун ба аҷаб монӣ.
Аз кӯҳ фуруд омад, з-ин пирии нуронӣ,
Пайдош мусулмонӣ дар арсаи билсонӣ.
Чун дид маро, гуфт ӯ: Дорӣ сари меҳмонӣ?
Гуфтам, ки бале дорам, бе сустию каслонӣ.
Гуфто, ки ҳало, ҳин, рав, гар бар сари паймонӣ,
Донам, ки маро з-ин пас навмед нагардонӣ.
Рафтам ба сарое хуш, покизаву султонӣ,
На айб зи ҳамсоя, на бим зи вайронӣ.
Дар вай нафаре дидам, пирони хароботӣ,
Қавме ҳама қаллошон, чун деви биёбонӣ.
Маъруф ба бесимӣ, машҳур ба бенонӣ,
Ҳамчун алифи кӯфӣ аз урию урёнӣ.

Ин бохта дарроа в-он бохта боронӣ,
Ин гуфта, ки бистонӣ, в-он гуфта, ки настонӣ.
Мегуфт яке: Растам з-он зулмати нафсонӣ,
Мегуфт яке дигар: Мо аъзама бурҳонӣ!
Ин гуфт: Ано аввал, кас нест маро сонӣ!
В-он гуфт: Аналохир, то халқ шавад фонӣ!
Мондам мутаҳайир ман з-он ҳол зи ҳайронӣ,
Гуфтам, ки чӣ қавманд ин, эй хоҷаи рӯҳонӣ?
Гуфт: Аҳли харроботанд ин қавм, намедонӣ?
Онҳо, ки ту эшонро қаллош ҳамехонӣ.
Ҳон, то накунӣ инкор, гар бар сари паймонӣ,
К-эшон ҳазаён гӯянд аз мастию нодонӣ.
Аз ин гунаҳе мункир дар мазҳаби эшонӣ,
Бояд ки ту ин асрор аз халқ бипӯшонӣ.
Зинҳор аз ин маънӣ бар халқ сухан ронӣ,
Пиндор, ки нашнидӣ андар ҳади нисёнӣ!
Эй он, ки зи қаллошӣ бар халқ ту тарсонӣ,
Дар зӯҳду ибодат ор чун Бӯзару Салмонӣ.
Дар хидмати ин мардум то тан бинаранҷонӣ,
Ҳаққо, ки ту бар ҳечӣ чун зоҳиди авсонӣ.
Чун шод набошам ман аз раҳмати яздонӣ,
Дидори чунин қавме дорад ба ман арзонӣ.
То дида Саноиро дар маҷлиси рӯҳонӣ,
Бо даст ба дасти ӯ з-ин зуҳд басомонӣ.
Имрӯз бад-он аст ӯ, к-он садри мусулмонӣ,
Чун гуфт зи бехешӣ: Субҳонию субҳонӣ.

## ДАР АНДАРЗ ВА НАСИҲАТ

Эй асли ту зи хоки сиёҳу тан аз манӣ,
Дар сар манӣ макун, ки ба таркиб чун манӣ.
Он к-ӯ зи хок бошад, охир равад ба хок,
Ӯро куҷо расад сухани моию манӣ?!
Аз оҳани музаҳҳаб маъмур карда бош,
То бар маҳакки сирф занад зарри маъданӣ.
Зоҳир чу Боязидию ботин чу Бӯлаҳаб,
Гандумнамой з-аслу чи пӯсида арзанӣ.

Эй, ожада ба сӯзани ҳасрат ҳазор дил
Судат чӣ дорад, он ки мураққаъ баёжанӣ.
Ҳамсояи ту гурсуна ду рӯз ё се рӯз,
Ту баста сар зи тухмаи ҳалвову равғанӣ.
Дил аз гунаҳ бишӯю чунон дон, ки рӯзи ҳашр
Покии дил беҳ аст, ки покизадоманӣ.
Эй омада зи хоку ба хок аст рафтанат,
В-аз сад ҳазор ганҷ ба хок андар оганӣ.
Тамъи бақо чӣ дорӣ, маъҷуни шахси ту
Бод асту оташ асту гили тираву манӣ.
Пиндорӣ, эй ахӣ, ки бимонӣ, ту ҷовидон,
Гар руд нагсалад, раҳи дилгир мезанӣ.
Ғофил мабош, дон, ки зи андоми ту ба гӯр
Созанд мору мӯр рафиқию сарзанӣ.
Бигшой гӯши ақлу нигаҳ кун ба чашми дил
Дар кору бори мардум дар олами данӣ.
Чун сидраи ту бофта аз пунбаи фано,
Дар дил тамаъ қабои бақоро чаро кунӣ?
Он к-аз ту зоду он ки туро зод, рафтаанд
Дар тирагии гӯр зи саҳрои равшанӣ.
Гоҳе ту гулханиро бинӣ, шуда амир,
Рӯзи дигар амири аҷал гашта гулханӣ.
Хуфта ба зери хок на, ло бал ки гашта хок
Аз хокашон ту карда басе зарфи хӯрданӣ.
Дар зери хишт чеҳраи хотуни хиргаҳӣ,
Дар зери санг пайкари сарҳанги ҷавшанӣ.
Донӣ ту, ё надонӣ, к-аз хоки мо ҳамон
Эдун кунанд, к-аз гили эшон ту меканӣ.
Эй бар тариқи ботил пӯён ту рӯзу шаб,
Дода инони хеш ба шайтон зи реманӣ.
Меҳри расули мурсалу меҳри Алию ол
Бар дил гумору гир ба ҷаннот сокинӣ.
Гирди фузулу рухсату таъвил кам давон,
Чун анкабут тори ҳамоқат чаро танӣ?
Бишнос кирдгору нигаҳ дор ҷои хеш
Дини муҳаммадию тариқи муайянӣ.

Девони ту чу зулфи нигорон сияҳ шудаст,
Пас, ҳамчунин Саноӣ ғофил чаро шинӣ?
Ҳарчанд сад ҳазор гуноҳ аст мояшон,
Ҳарчанд, к-аз азоби сақар нест эманӣ,
Аз раҳмати Худой дилаш ноумед нест,
К-ӯ мухтиясту муфлис, раб ғофиру ғанӣ.

## АЗ МУСАММАТОТ

Эй кӯдаки дебосалаб, симинбари беҷодалаб,
Сармояи нозу тараб, ҳурон зи рашкат ботааб.
Зулфу рухат чун рӯзу шаб з-он зулфакони пуршағаб
Афганда андар булъаҷаб ҷону дили ушшоқро.

Зебо нигори нозанин, рух чун гулу бар ёсумин,
Покизагӣ чун ҳури ин, перояи хулди барин.
Бодо бар айлоқ офарин, к-ояд чу ту з-он ҳури ин,
Фахр аст бар Мочину Чин аз баҳри ту айлоқро.

Айёри ёри дилбарӣ, бо ғамзаву ҷон дил барӣ,
Дар сеҳр ҳамчун Сомирӣ, дар лутф чун ҳуру парӣ,
Бас дилбару хушманзарӣ, сангиндилу симинбарӣ,
Дорам фузун эй саътарӣ, дар дил дусад марзоқро.

Дорӣ ту эй сарви равон, бар лолаву бар арғвон
Аз мушку анбар савлаҷон бар чеҳраи чун нордон.
Рухсораи чун гул нишон, бӯи ту ҳамчун варду бон,
Чандин чӣ дорӣ дар ғамон ин ошиқи муштоқро?!

Аз ҳаҷрат эй моҳу х(в)ар, кардӣ маро бе хобу х(в)ар,
Баста дилу хаста ҷигар, лаб хушк дорам, дида тар.
Аҳде, ки кардӣ эй писар, бо ман ту эй ҷони падар,
Зинҳор бар ҷонам мах(в)ар, мушкин тан он мисоқро.

# ҒАЗАЛИЁТ

❁ ❁ ❁

Аҳсанта, зеҳ, эй нигори зебо,
Ороста омадӣ бари мо.
Имрӯз ба ҷои ту касам нест,
К-аз ту ба худам намонд парво.
Бикшой камар, пиёла бистон,
Ороста кун ту маҷлиси мо.
То кай камару кулоҳу мӯза?
То кай сафару нишоти саҳро?
Имрӯз замона хуш гузорем,
Падруд кунем дию фардо.
Ман тоқати ҳаҷри ту надорам,
Бо ту чӣ кунам ба ҷуз мудоро?!

❁ ❁ ❁

Ҷамолат кард, ҷоно, ҳаст моро,
Ҷалолат кард, ёро, паст моро.
Диломо, нигоре, чун ту ҳастӣ
Ҳама чизе, ки бояд, ҳаст моро.
Шароби ишқи рӯи хуррамат кард
Ба сони наргиси ту маст моро.
Агар рӯзе кафи поят бибӯсам,
Бувад бар ҳар ду олам даст моро.
Таманнои лабат шӯрида дорад
Чу мушкин зулфи ту пайваст моро.
Чу сайёди хирад лаъли ту бошад,
Сари зулфи ту шояд шаст моро.
Замона банди шастат кай гушояд,
Чу зулфайни ту муҳкам баст моро.

❁ ❁ ❁

Бандаи якдил манам банди қабои туро,
Чокари якто манам зулфи дутои туро.
Хоки маро то ба бод бар надиҳад рӯзгор,
Ман нанишонам зи ҷон боди ҳавои туро.
Кош рухи ман будӣ хоки кафи пои ту,
Бӯса магар додаме ман кафи пои туро.

Гар бувад, эй шӯхчашм, рои ту бар хуни ман,
Бар сару дида ниҳам рояту рои туро.
Тири ҷафои ту ҳаст дилкаши ҷондӯзи ман,
Ҷаъба зи сина кунам тири ҷафои туро.
Бор наёмад дилам дар шикани зулфи ту,
Гар на ба гардан кашам бори балои туро.
Банда Саноӣ туро бандагӣ аз ҷон кунад,
Кӯи кулоҳи туро, банди қабои туро.

❂ ❂ ❂

Боз бар ошиқ фурӯш он савсани озодро,
Боз бар хуршед пӯш он ҷавшани шамшодро.
Боз чун шогирди мӯъмин дар паси тахта нишон
Он накӯдидори шӯхи кофари устодро.
Боз чун ёқут гардон хосагони ишқро
Дар миёни баҳри ҳайрат лӯълуи фарёдро.
Хештанбинон зи ҳуснат лофгоҳе сохтанд.
Ҳин, бубанд аз ғамза дарҳо кӯи ишқободро.
Ҳар чӣ бедод аст, бар мо рез, к-андар кӯи дод
Мо ба ҷон пазруфтаем аз зулфи ту бедодро.
Гирам аз рӯи вафову бандагӣ як сӯ шавем,
Чун кунем, эй ҷон, бигӯ ин ишқи модарзодро?!
З-ин тавонгарпешагон чизе наяфзояд туро,
К-аз ҳавас бурданд бар сақфи фалак бунёдро.
Қадри ту дарвеш донад, з-он ки ӯ бинад муқим
Ҳамчу каргас дар ҳаво ҳафтод дар ҳафтодро.
Хуш кун аз як бӯсаи ширинтар аз оби ҳаёт
Чун дилу ҷони Саноӣ табъи фаррухзодро.

❂ ❂ ❂

Боз тобе дардеҳ он зулфайни оламсӯзро,
Боз обе барзан он рӯи ҷаҳонафрӯзро.
Боз бар ушшоқи сӯфитабъи софиҷон гумор
Он ду саф ҷодуи шӯхи дилбари ҷондӯзро.
Боз берун тоз дар майдони ақлу офият
Он сияҳпӯшони куфрангези имонсӯзро.
Сар баровар данд муште гӯша гашта чун камон
Боз дар кор ор нӯки новаки кинтӯзро.

Рӯзҳо чун умри бадхоҳи ту кӯтоҳӣ гирифт,
Порае аз зулф кам кун мояи даҳрӯзро,
Оина баргиру бингар, гар тамошо боядат
Дар миёни рӯи наргис бӯстонафрӯзро.
Лаб зи ҳам бардор як дам то ҳам андар тирмоҳ
Осмон дар пешат андар ҷул кашад наврӯзро.
Навгирифтонро ба бӯсе баста гардон баҳри он-к
Дона додан шарт бошад мурғи навомӯзро.
Баршикан доми Саноӣ з-он дуто бодом, аз он-к
Домро бодоми ту чун санг бошад гузро.

❁ ❁ ❁

Май деҳ, эй соқӣ, ки май беҳ дурди ишқомезро,
Зинда кун дар майпарастӣ суннати Парвизро.
Моя деҳ аз бӯи бода боди анбарбезро,
Дар кафи мо родӣ омӯз абри гавҳарбезро.
Эй хам андар хам шикаста зулфи ҷономезро,
Баршикан барҳам чу зулфат тавбаву парҳезро.
Чангро оҳанг баркаш роҳи мастангезро,
Роҳи мастангез барзан масти бегаҳхезро.

❁ ❁ ❁

Ҷодувон хидмат кунанд он чашми рангомезро,
Зангиён саҷда баранд он зулфи ҷоновезро.
Тавбаву парҳез кардам, нангарам з-ин беш ман
Зулфи ҷоновезро ё чашми сеҳрангезро.
Гар лаби ширини он бут бар лаби Ширин будӣ,
Ҷони Монӣ саҷда кардӣ сурати Парвизро.
Бо чунон зулфу чунон чашми диловез, эй аҷаб,
Ҷой кай монад дар он дил тавбаву парҳезро.
Ҷони мо майрову қолаб хокрову дил туро
В-ин сари таннози пурвасвос теғи тезро.
Шарбати васли ту монад навбаҳори тозаро,
Зарбати ҳаҷри ту монад зулфиқори тезро.
Шарбати васлат намонад мар-шаби меъроҷро,
Нек монад рӯзи ҳаҷрат рӯзи растохезро.

Эй ки дарё ҷом карда шарбати оми туро,
Рахшро Рустам басу гӯри барӣ Парвизро.
Ҳар кӣ ӯ дар ишқи ту пеш аст чун ман лаҳзае
Гӯиё менашнавад фарёд ҳам бархезро.
Оташи ишқи Саноӣ тез кун, эй соқиё,
Дардиҳедаш оби ангури нишотангезро.

❁ ❁ ❁

Чанд ранҷонӣ нигоро ин дили муштоқро,
Ё саломат худ мусаллам нест мар-ушшоқро.
Ҳар киро бо ишқи хубон иттифоқ омад падид,
Муштарӣ гардад ҳамеша меҳнати меҳроқро.
З-он ки чун султони ишқ андар диле маъво гирифт,
Маҳв гардонад зи мардум одаму ахлоқро.
Ҳар кӣ беавсоф шуд, аз ишқи он бут бар хурад,
К-он санам тоқ аст андар ҳусну хоҳад тоқро.
Заррае аз ҳусни ӯ дар Миср агар пайдо шудӣ,
Дил рабудӣ Юсуфи Яъқуб ибн Исҳоқро.
Гар сари мижгон занад барҳам ба он дам он нигор,
Пайкарон беҷон кунад мар Дайламу Қифчоқро.
Ҳар кӣ руи ӯ бидид, аз ҷону дил дарвеш шуд,
Зарсиголӣ кас надид он шуҳраи офоқро.

❁ ❁ ❁

Марди беҳосил набояд ёри ботаҳсилро,
Ҷони Иброҳим бояд ишқи Исмоилро.
Гар ҳазорон ҷон лабашро ҳадя орам, гӯядам:
Назди Исо тӯҳфа чун орӣ ҳаме Инҷилро?
Зулф чун пурчин кунад, хорӣ намояд мушкро,
Ғамза чун барҳам занад, қимат физояд Нилро.
Чун висоли ёр набвад, гӯ, дилу ҷонам мабош,
Чун шаҳу фарзин набошад, хок бар сар филро.
Аз ду гаштам тез гардад соҳирӣ Иблисро
В-аз лабонаш кунд гардад теғ Азроилро.
Гарчи Замзамро падид овард ҳам номаш ба пой,
Ӯ ба мӯе ҳам равон кард аз ду чашмам Нилро.

Ҷону дил кардам фидои хоки пояш, баҳри он-к
Аз барои Каъба чокар буд бояд милро.
Оби хуршеду маҳ акнун бурда шуд, к-ӯ барфурӯхт,
Дар хами зулф аз барои ошиқон қандилро.
Эй Саноӣ, гар ҳавои хубрӯён мекунӣ,
Аз нахустат сохт бояд даббаву занбилро.

❁ ❁ ❁

Соқиё, дил шуд пур аз тимор, пур кун ҷомро,
Бар кафи мо неҳ се бода гардиши аҷромро.
То замоне бе замона ҷоми май бар каф ниҳем,
Бишканем андар замона гардиши айёмро.
Ҷону дил дар ҷом кун, то ҷон ба ҷом-андар ниҳем,
Ҳамчу хуни дил ниҳода, эй писар, сад ҷомро.
Дом кун бар тарфи бом аз ҳалқаҳои зулфи хеш,
Чунки ҷон дар ҷом кардӣ, танг даркаш ҷомро.
Коси Кайковус пур кун з-он Суҳайли шомиён,
Зери хатти ҳукм даркаш мулки Золу Сомро.
Чархи бееромро андар ҷаҳон ором нест,
Банд кун дар майпарастӣ чархи бееромро.

❁ ❁ ❁

Соқиё, донӣ, ки махмурем, дардеҳ ҷомро,
Соате ором деҳ ин умри бееромро.
Мири маҷлис чун ту бошӣ, бо ҷамоат дарнигар,
Хом дардеҳ пухтарову пухта дардеҳ хомро.
Қолаби фарзанди Одам озро манзил шудаст,
Андуҳи пешию бешӣ тира кард айёмро.
На биҳишт аз мо тиҳӣ гардад, на дӯзах пур шавад,
Соқиё, дардеҳ шароби арғувонифомро.
Қилу қоли Боязиду Шиблию Кархӣ чӣ суд?
Кор кори хеш дон, андарнаворд айёмро.
То замоне мо бурун аз хоки одам дам занем,
Нангу номе нест бар мо ҳеч хосу омро.

❁ ❁ ❁

Ман киям, к-андешаи ту ҳамнафас бошад маро,
Ё таманнои висоли чун ту кас бошад маро.
Гар бувад шоистаи ғам хӯрдани ту ҷони ман,
Ин насиб аз давлати ишқи ту бас бошад маро.
Гар на ишқат сояи ман шуд, чаро ҳар гаҳ, ки ман
Рӯй бартобам аз ӯ, пуён зи пас бошад маро.
Ҳар нафас, к-онро ба ёди рӯзгори ту занам,
Ҷумлаи олам туфайли он нафас бошад маро.
Ҳар замон з-уммеди васли ту дили худ хуш кунам,
Боз гӯям: На, чӣ ҷои ин ҳавас бошад маро.
Чун хаёли хоки поят менабинад чашми ман,
Бар висоли ту чӣ гуна дастрас бошад маро?

❁ ❁ ❁

Нест бе дидори ту дар дил шикебоӣ маро,
Нест бе гуфтори ту дар дил тавоноӣ маро.
Дар висолат будам аз сафрову аз савдо тиҳӣ,
Кард ҳиҷрони ту сафроию савдоӣ маро.
Ишқи ту ҳар шаб барангезад зи ҷонам растахез,
Чун ту бигрезиву бигзорӣ ба танҳоӣ маро.
Чашмаи хуршедро аз зарра нашносам ҳаме,
Нест, гӯӣ, заррае дар дида биноӣ маро.
Аз ту ҳар ҷое нанолам, то ту ҳарҷоӣ шудӣ,
Нест ҷои нола аз маъшуқи ҳарҷоӣ маро.
Гоҳи пирӣ омад аз ишқи ту бар рӯям падид,
Он чи пинҳон буд дар дил гоҳи барноӣ маро.
Кард маъзулам замона гоҳи доноию ақл,
Бо балои ту чӣ суд аз ақлу доноӣ маро?!

❁ ❁ ❁

Эй ба бар карда бевафоиро,
Мунқатеъ карда ошноиро.
Бари мо имшабӣ, қаноат кун,
Бинамо хулқи анбиёиро.
Эй рухат бистурад зи моҳу зи меҳр
Хубию лутфу рӯшноиро.

Зуд дар гарданам фикан далқе,
Баркаш ин румию баҳоиро.
Чангию барбатӣ ба гоҳи нишот
Ҷумла ёрӣ диҳанд ноиро.
З-он ду зулфайни халлухӣ дар гӯш
Мунҳазим кардаӣ хитоиро.
Оташӣ назди мост, хезу биёр
Обию хокию ҳавоиро.
Бор надҳанд назди мо ба сабӯҳ
Ҳеч бегонаи мароиро.
Чун бувад ёр зишти пурмаънӣ,
Чӣ кунам ҷаври ҳаркуҷоиро?
Чу шудӣ ҳаст, ҷои хоб бисоз
В-аз миён бонг зан Саноиро.

❂ ❂ ❂

Марҳабо, марҳабо, барой, ҳилоло,
Осмонро намой кулли камоло.
Чанд аз ин парда, з-офтоб бурун ой
Ҷони моро бихар зи дасти хаёло.
Андар ой, андар ой, то бишносем
Аз ҷамоли ту ҳолро зи муҳоло.
Эй ҳама рӯй, бархиром ба манзар
То раҳад дида з-ин шаб ҳама ҳоло.
Ашҳаби субҳ даргурезад аз шарм,
Чун биҷунбад зи аблаҳи ту даволо.
Равшаниро нишон бар авҷи шараф бар,
Тирагиро фиган ба бурҷи вуболо.
Эй зи пардаи замона омада ин ҷо,
Марҳабо, марҳабо, таъолу таъоло.
Ақлу динмон бубар, туро́ст мубоҳо,
Ҷону дилмон бубар, туро́ст ҳалоло.
То Саноӣ чу дид, гӯяд: эй маҳ,
Ҳаббазо, ваҷҳакал, муборак фоло.

* * *

Эй ҳама хубӣ дар оғӯши шумо,
Қиблаи ҷонҳо бару дӯши шумо.
Эй тамошогоҳи ақли нурпош
Дар миёни лаъли хомӯши шумо.
В-эй амонатҷои чархи сабзпӯш
Бар карони чашмаи нӯши шумо.
Оҳувон дар базму шерон дар шикор,
Бандаи он хоби харгӯши шумо.
Оби мушку боди анбар бурд пок
Бӯи шамшоди қасабпӯши шумо.
Кори мо кардаст дарҳам чун зиреҳ
Ҷавшани мушкини пурҷӯши шумо.
Чанд хоҳад гуфт моро: нӯш, нӯш!
Он лаби нӯшони майнӯши шумо.
Чандамон чун чашми худ хоҳед маст,
Эй ба беҳушӣ ҳама ҳуши шумо.
Сад чун ӯ дар ошиқиҳо бошаде
Ҳамчу ӯ ҳайрону мадҳуши шумо.
Ҳалқа чун доранд бар чашмаш ҷаҳон,
Эй Саноӣ ҳалқадаргӯши шумо.
Чун Саноӣ ошиқе то кай бувад
Бо чунин ёре фаромӯши шумо?

* * *

Эй зи ишқат рӯҳро озорҳо,
Бар дари ту ишқро бозорҳо.
Эй зи шукри миннати дидори ту
Дидаро бар гардани дил борҳо.
Фитнаро дар олами ошӯбу шарр
Бо сари зулфайни ту асрорҳо.
Ошиқон дар хидмати зулфи туанд,
Аз камар барсохта зуннорҳо.
Нестам бо дарди ишқат лаҳзае
Холӣ аз ғамҳову аз теморҳо.
Бар умеди рӯи чун гулбарги ту
Мениҳам ҷонрову дилро хорҳо.

То Саноӣ бар ҳадиси чарби туст
Ғарра чун кафтор бар гуфторҳо.
Дорад аз боди ҳавас обе ба рӯй
Бо хаёли хоки кӯят корҳо.

❁ ❁ ❁

Эй аз бунафша сохта бар гул мисолҳо,
Дар офтоб карда зи анбар кулолҳо.
Ҳорути ту зи мӯъҷиза дорад далелҳо,
Морути ту зи шӯъбада дорад мисолҳо.
Ҳар рӯзи бомдод бароию барзанӣ
Аз мушки суда бар сумани тоза холҳо.
Эй кошки зи хоста муфлис набудаме,
То кардаме фидои ҷамоли ту молҳо.
Не бар умеди васл гузорам ҳаме ҷаҳон,
Охир кунад Худой дигаргуна холҳо.
Хоҳам, ки чун Саноӣ дар ишқи рӯи ӯ
Дар хок хуфта бошам бо меҳр солҳо.

❁ ❁ ❁

Мо боз дигарбора бирастем зи ғамҳо,
Дар бодияи ишқ ниҳодем қадамҳо.
Кандем зи дил бехи ҳавоҳову ҳавасҳо,
Додем ба худ роҳи балоҳову аламҳо.
Аввал ба такаллуф бинавиштем кутубҳо
В-охир зи таҳайюр бишикастем қаламҳо.
Лаббайк задем аз сари даъвӣ чу Саноӣ,
Бар ақл задем аз ҷиҳати аҷз рақамҳо.
Асбоби санамҳост, чу аҳром гирифтем,
Дар шарт набошад, ки парастем санамҳо.

❁ ❁ ❁

Фарёд аз он ду чашмаки ҷодуи дилфиреб,
Фарёд аз он ду кофари айёри бонаҳеб.
Ин ҳамбари ду таркаши дилгири ҷонситон
В-он пеши ду шамомаи кофур ё ду себ.

Бар дӯши ғошиякаши ӯ Зӯҳра меравад
Чун Кайқубоду Қайсар понсадш дар рикеб.
Юсуф набуда ҳаргиз чун ӯ ба некуӣ
Чун Сомирӣ ҳазораш чокар гаҳи фиреб.
Осеби ошиқию ғами ишқу гумраҳӣ
То рӯи ӯ бидид пас он тарфҳову зеб.
Ғамхона баргузиду раҳи ишқу гумраҳӣ,
Ҳар рӯз мебарорад навъе дигар зи себ.
Бистурду гуфт, чунки Саноӣ ҳама зи ҷаҳл
Бинвишт дар ҳавои ғами ишқ сад китеб.

❁ ❁ ❁

Аз он май хӯрдану ишқ аст доим кори ман ҳар шаб,
Ки бе ман дар харобот аст доим ёри ман ҳар шаб.
Бутамро айшу қаллошист бе ман кор ҳар рӯзе,
Хурӯшу нолаву зорист бе ӯ кори ман ҳар шаб.
Ман он раҳбони худномам, ман он қаллоши худхомам,
Ки дастуре бувад Иблисро кирдори ман ҳар шаб.
Бараҳнапою сар з-онам, ки доим дар хароботам,
Ҳамебошад гарав ҳам кафшу ҳам дастори ман ҳар шаб.
Ҳама шаб масту махмурам ба ишқи он бути кофар,
Муғон доим баранд оташ зи байтуннори ман ҳар шаб.
Маро гӯяд, ба ишқ-андар чаро чандин ҳаменолӣ,
Нигори ман чу бинад чашми гавҳарбори ман ҳар шаб
Дусад зуннор дорам бар миён баста, ба Рум-андар
Ҳамебофанд руҳбонон магар зуннори ман ҳар шаб.

❁ ❁ ❁

Дӯш маро ишқи ту аз ҷома барангехт,
Беадад аз дидагонам ашк фурӯ рехт.
Даст яке кард бо сабурию хобам,
Он зи дил, ин аз ду дида яксара бигрехт.
Бод ҷудо кард зулфакони ту аз ҳам,
Мушки сияҳ бо гули сапед баромехт.
Мушк ҳамебехт зулфи ту ҳама шаб дӯш,
Ашк ҳамебехтам, чу мушк ҳамебехт.

Бас бувад ин боди сард, бода нахоҳам,
К-аш дили мискин ба доми зарра даровехт.

❁ ❁ ❁

То нақши хаёли дӯст бо мост,
Моро ҳама умр худ таманност.
Он ҷо, ки ҷамоли дӯстон аст,
Валлаҳ, ки миёни хона саҳрост.
В-он ҷо, ки муроди дил баромад,
Як хор беҳ аз ҳазор хурмост.
Гарчи нафаси ҳаво зи мушк аст
В-арчи салаби замин зи дебост.
Ҳарчанд шукуфа бар дарахтон
Чун ду лаби дӯст пурсурайёст.
В-арчанд миёни кӯҳу лола
Чун дида миёни рӯи ҳурост,
Чун давлати ошиқӣ баромад,
Инҳо ҳама аз миёна бархост.
Ҳаргиз нашавад ба васл мағрур
Ҳар дида, ки бар фироқ биност.
Акнун ки зи боғ зоғ кам шуд,
Булбул зи гул ошёна орост.
Бар ҳар сари шох андалебест,
З-ин шукр, ки зоғ кам шуду кост.
Фарёд ҳамекунад ба шодӣ:
Имрӯз замона навбати мост!

❁ ❁ ❁

Эй мусулмонон, маро дар ишқи он бут ғайрат аст,
Ишқбозӣ нест, к-ин худ ҳайрат андар ҳайрат аст.
Ишқ дарёи муҳиту оби дарё оташ аст,
Мавҷҳо ояд, ки гӯӣ кӯҳҳои зулмат аст.
Дар миёни лаҳҷааш сесад наҳанги доварӣ,
Бар канори соҳилаш сад аждаҳои ҳайбат аст.
Киштияш аз он даҳону лангараш аз собирӣ,
Бодбонаш рӯ ниҳода сӯи боди офат аст.

Мар-маро бе ман дар он дарёи жарф андохта
Бар мисоли родмарде, к-аш либоси хуллат аст.
Мурда будам, ғарқа гаштам, эй аҷаб, зинда шудам,
Гавҳаре омад ба дастам, к-аш ду гетӣ қимат аст.

❂ ❂ ❂

Моҳрӯё, дар ҷаҳон овозаи овози туст,
Корҳои ошиқон носохта аз сози туст.
Ҳар куҷо назмест ширин, қиссаҳои ишқи туст,
Ҳар куҷо насрест зебо, номҳои нози туст.
Боз ишқат ҷумла бозонро чу теҳу сайд кард,
Ҳаст олиҳиммат он бозе, ки сайди бози туст.
Сад ҳазорон дил фидо бодо дилеро, к-ӯ зи ишқ
Солу моҳу рӯзу шаб машғулу шоҳидбози туст.
Дилбаро дилҳои мардон ҷумла мулки ғанҷи туст,
Гулрухо, ҷонҳои покон ҷумла мулки нози туст.
Осмони тунду саркаш зердасту роми туст,
Рӯзгори тунду тавсан дояи анбози туст.
Ҳар куҷо чашмест бино, боргоҳи ишқи туст,
Ҳар куҷо гӯшест воло, ошиқи овози туст.

❂ ❂ ❂

То гули сурх рӯй бинмудаст,
Булбул аз хуррамӣ наёсудаст.
Дер гоҳ аст, то чу ман булбул
Ошиқи бӯстону гул будаст.
Рӯзу шаб гар бинағнавад, чӣ аҷаб?
Пеши маъшуқ кас бинағнудаст.
Ман ғуломи забони он булбул,
К-ӯ гули лаъл дӯш бистудаст.
Гӯш кар дорад аз самоъу тараб,
Ҳар кӣ овози ӯ бинашнудаст.
Сатре андар миёни саҳни чаман
Зери пои ману ту набсудаст.
Соқиё, вақти гул чу гул май деҳ,
Вақти гул тавба кас нафармудаст.

❂ ❂ ❂

Ин чӣ ҷамол асту ноз, к-аз ту дар айёми туст,
В-ин чӣ камол аст боз, к-аз шарафи номи туст.
Ҷони ҳама ҷонҳо Кавсару Тасним шуд,
Нуқли ҳама ақлҳо пиставу бодоми туст.
Сурмаи чашми сипеҳр турбати даргоҳи туст,
Ҳалқаи гӯши суруш садмаи пайғоми туст.
Такягаҳи ҷону дил гаҳ руху гаҳ зулфи туст,
Бӯсагаҳи чашму лаб гаҳ дару гаҳ боми туст.
Тақвияти оқилон лутф ба тақдири туст,
Тарбияти ошиқон ноз ба андоми туст.
То ту ба шӯхӣ гарӣ, пухта шавад кори хом,
К-он ки дар ин рӯзгор сӯхта бар хоми туст?
Лаҳву ҳавасро ҳаме ишқ шумурданд халқ,
Ишқ на он аст. Чист? Он ки ба ҳангоми туст.
Ком бурун неҳ яке, к-аз паи бӯсиданаш
Мардумаки дидаҳо мунтазири гоми туст.
Табъи Саноитро тавсане андар сарост,
Роизи ӯ то туӣ, тавсани ӯ роми туст.

❂ ❂ ❂

То ҳилоли ошиқон аз турраи шабранги туст,
Войи мискин ошиқе, к-ӯро дил андар чанги туст.
Ошиқи мискин чӣ донад кард бо найранги ту,
Ҷодуи Бобил асири чашми пурнайранги туст.
Нофаи оҳу ғуломи зулфи анбарбӯи туст,
Анбари соро раҳини хатти сабзоранги туст.
То нуҳуфта мушк бошад мар-туро дар зери сим,
Дастҳои ошиқон якбора зери санги туст.
Ман ба ранги ту надидам ҳеч касро дар ҷаҳон,
Бар ту ошиқ бод, ҳар к-ӯ дар ҷаҳон ҳамранги туст.

❂ ❂ ❂

Рӯҳи ман андар гулу райҳони туст,
Ҳуши ман андар дуру марҷони туст.
Чавгон баргир, ки дар рӯзгор,
Гӯй дар афганда ба майдони туст.

Кофир гаштам ба якборагӣ,
То алами куфр бар имони туст.
Эй лабу дандони ту лаълу гуҳар,
Роҳати ҷон он лабу дандони туст.
Моҳи занахдони ту он кас, ки дид,
Бандаи он чоҳи занахдони туст.
Гарчи набахшӣ ту ба ман бӯсае
Ҳар чӣ маро ҳаст, ҳама з-они туст.
Ар бизанӣ, в-ар бинавозӣ маро
Ҳар чӣ кунӣ, фармон фармони туст.
Турфа ғизолеву Саноӣ ба дом,
Гарчи ҷаҳонест, ғазалхони туст.

❁ ❁ ❁

Муштарӣ бар фалак назораи туст,
Зӯҳра дар ҳусн пешкораи туст.
Дидаи ман ҳамеша, эй дилбар,
Фитнаи рӯи моҳпораи туст.
Аз накӯию дилбарӣ, ҷоно,
Моҳи нав пешкору ёраи туст.
Бар сари некувон ту солорӣ,
Ҳар чӣ накӯст як саворaи туст.
Чӣ-нгарӣ хештан дар оина,
К-оина дар ҳади назораи туст.
Ту ҷавондавлатию мӯҳташамӣ
Кас надонам, ки бар ситораи туст.

❁ ❁ ❁

Моҳи шаби гумраҳон орази зебои туст,
Сарви дили ошиқон қомати раънои туст.
Ҳиммати каррубиён шӯъбадаи дасти туст,
Сурмаи рӯҳониён хоки кафи пои туст.
Ройи ҳама зиракон бастаи тақдири туст,
Ҷони ҳама ошиқон сағбаи савдои туст.
Васли ту Симурғ гашт бар сари кӯҳи адам,
Хотири бехотирон маскану маъвои туст.

Бар фалаки чорумин Исии мавқуфро
Вақти хуруҷ омадаст, мунтазири рои туст.
Мӯсӣ чун маст гашт, арбада оғоз кард,
Сабр ба ғоят расид, вақти таҷаллои туст.

❂ ❂ ❂

З-он чашми пур аз хумори сармаст
Пурхун дорам ду дида пайваст.
Андар аҷабам, ки чашми он моҳ
Нохӯрда шароб чун шавад маст.
Ё бар дили хаста чун занад тир
Бе дасту камону қабзаву шаст.
Бас кас, ки зи ишқи ғамзаи ӯ
Зуннор чаҳор карду барбаст.
Бурд ӯ дили ошиқони офоқ,
Печид бар он ду зулфи чун шаст.
Чун донист ӯ, ки фитна бархост,
Мутворӣ шуд, ба хона биншаст.
Як шаҳр аз ӯ ғирев доранд,
З-он нест шигифт, ҷои он ҳаст.
Доранд ба пои дил аз ӯ банд,
Доранд ба фарқи сар аз ӯ даст.
То азми ҷафо дуруст кард ӯ,
Дасти ҳама ошиқон-ш бишкаст.

❂ ❂ ❂

Дӯст чунон бояд, к-они ман аст,
Ишқи ниҳонӣ чӣ? Ниҳони ман аст.
Ошиқи маъшуқ чу мо дар ҷаҳон
Нест дигар, он чи гумони ман аст.
Ҷони ҷаҳон хонд маро он санам,
То бизиям, ҷони ҷаҳони ман аст.
Кист дар ин олам, к-ӯро дигар
Ёри вафодор чунони ман аст.
Ҳол бубин, пеш бипурс аз ҳама,
То ту нагӯӣ ба забони ман аст.

Дӯш маро гуфтӣ, к-они туам,
Они ман аст, арчи на они ман аст.

❁ ❁ ❁

Бар ду рух ҳам куфру ҳам имон туростt,
Бар ду лаб ҳам дарду ҳам дармон турост.
Гар дусад Яъқуб дорӣ, зебадат,
К-он чи Юсуф дошт, садчандон турост.
Хандаи ту чун дами Исост, к-ӯ
Ҳар чӣ дар лаб дошт, дар дандон турост.
Чанд гӯӣ к-ону кон як раҳ бубин,
К-он чи дар кон аст, дар аркон турост.
Чанд гӯӣ ҷону ҷон як дам биханд,
К-он чи дар ҷон аст, дар марҷон турост.
Аз латифӣ он-т ҷон хонад аз он-к
Ҳар чи онро они ту хандон турост.
Ҳар замон гӯӣ ҳаме чавгони ман,
Гӯй аз они кист, гар чавгон турост.
Чун ҳамедонӣ, ки майдон они туст
Гӯй ҳам медон, ки дар майдон турост.
Банда гар хуб аст, гар зишт, они туст,
Ошиқ ар донову ар нодон, турост.
Сурат ар бо ту набошад, гӯ, мабош,
Хок бар сар ҷисмро, чун ҷон турост.
Ман туро ҳаргиз бинагзорам, валек
Гар ту бигзорӣ маро, фармон турост.
Ҳеч мурғ осон Саноиро наёфт,
Давлати мурғе, ки ин осон турост.

❁ ❁ ❁

Чун бидидам буткада, бебут дилам оташкадаст,
Фурқати номеҳрубонӣ оташам дар ҷон задаст.
Ҳар кӣ пеш ояд маро, гӯяд, чӣ пеш омад туро?
Бар фироқи ман бигиряд, гӯяд ин мискин шудаст.
Эй фироқ, аз ман чӣ хоҳӣ, чун бинафрӯшӣ маро?
Ҷои дигар соз манзил, на ҷаҳон танг омадаст.

То магар сангин дилатро раҳмат ояд бар дилам,
Сангро раҳмат набошад, ин ҳадиси беҳудаст.

❂ ❂ ❂

Он лаби ту оламе боз ба ҳам баршикаст,
Равнақи ёқут бурд, қимати шаккар шикаст.
Нури рухи хуби ту равнақи муъмин фузуд,
Куфри сари зулфи ту гардани кофар шикаст.
Зулфи ту аз зангиён мамлакати Занг бурд,
Рӯи ту аз румиён лашкари Қайсар шикаст.
Ақли маро кору бор ҳусни ту барбод дод,
Сабри маро хонумон ишқи ту дар сар шикаст.
Шавқи ту бо ошиқон хӯрд ба соғар шароб,
Бо қадаҳи сабрашон дар сари соғар шикаст.
Буд Саноӣ яке тоибу дар ҳусни ту
Тавбаву савгандро ҷумла ба ҳам даршикаст.

❂ ❂ ❂

Роҳи ишқ аз рӯи ақл аз баҳри он бас мушкил аст,
К-он на роҳи сурату пой аст, к-он роҳи дил аст.
Бар бисоти ошиқӣ аз рӯи ихлосу яқин,
Чун бибозӣ ҷону тан, мақсуд он гаҳ ҳосил аст.
Зинҳор аз рӯи ғафлат ин сухан бозӣ мадон,
З-он ки сар дарбохтан дар ишқ аввалманзил аст.
Фарқ кун дар роҳи маънӣ кори дил бо кори гил,
К-ин, ки ту машғули онӣ, эй писар, кори гил аст.

❂ ❂ ❂

Эй пурдур гӯши ман зи чангат,
В-эй пургул чашми ман зи рангат.
Ҳангоми самоъ бартавон чид
Тунги шакар аз даҳони тангат.
Чун чанг ба чанг барниҳодӣ,
Ояд зи ҳазор Зӯҳра нангат.
Чун шӯх наӣ ба сони наргис,
Кай бода диҳад чу бод рангат?!

Ҳам сурати оҳуӣ ба дида,
З-ин аст такаббури палангат.
Дар сулҳ чӣ гунаӣ, ки боре
Шаҳрест пур аз шакар зи ҷангат.
Эй чашми хушат маро чу дида,
Як рӯз мабод ожрангат.

✿ ✿ ✿

То хаёли он бути қассоб дар чашми ман аст,
З-ин сабаб чашмам ҳамеша ҳамчу рӯяш равшан аст.
То бидидам домани пурхун-ш, чашми ман зи ашк
Бар гиребон дорам, он-ч он моҳро дар доман аст.
Ҷой дорад дар дили пурхунам он дилбар муқим,
Ҷома пурхун бошад он касро, ки дар хун маскан аст.
Бо ман аз рӯи табиат гар наёмезад, равост,
Аз барои он ки ман дар обу ӯ дар равған аст.
Гар забон бо ман надорад чарб ҳам, набвад аҷаб,
К-он чи онро дар забон боист, дар пироҳан аст.
Ҷони оромаш ҳаме бахшад ҷаҳонеро ба лутф,
Гарчи кораш ҳамчу гардун куштан асту бастан аст.
Аз тариқи хосият бигрезад аз оҳан парӣ,
Он парирӯй аз шигарфӣ рӯзу шаб бо оҳан аст.
Ҳар ғамеро ӯ зи ман ҷоне бадал хоҳад ҳаме,
Пас бад-ин қимат мар-ӯро як ҷаҳон ҷон бар ман аст.
Тарсам он ороми дил бо ман нагардад ром, аз он-к
Кӯдаке бас тундхӯю куррае бас тавсан аст.
Бар висолаш дил ҳаме натвон ниҳод, аз баҳри он-к
Гар маро рӯзе аз ӯ сур аст, соле шеван аст.
Ҳар чӣ з-он хуршедрӯ ояд, ҳама дод асту адл,
Ҷаври мо з-ин гунбади фирӯзаи беравзан аст.
Ҳар замон ҳиҷрони нав зояд ҷаҳон аз баҳри ман,
Худ ҷаҳон гӯӣ ба ҳаҷри ошиқон обистан аст.
Ҷомаҳои ҷон ҳамедӯзам зи васлаш, то маро
Тан чу тори ресмону дил чу чашми сӯзан аст.
Аз паси ҳаҷри фаровон чун надидам дар раҳаш,
Он бутеро, к-офати офоқу фитна барзан аст.

Гуфтам: Эй ҷон, аз паи як васл чандон ҳаҷр чист?
Гуфт: Ман қассобам ин ҷо, гар дар он ҷо гардан аст.
Гарчи бошад бо Саноӣ чун гули раъно дӯрӯй,
Дар санои ӯ Саноӣ даҳзабон чун савсан аст.

❂ ❂ ❂

Эй ҷони ҷаҳон, кибри ту ҳар рӯз фузун аст,
Лекин чӣ тавон кард, ки вақти ту кунун аст.
Нашгифт, агар кибри ту ҳаргиз нашавад кам,
Чун хубии дидори ту ҳар рӯз фузун аст.
Олам зи ҷамоли ту пуровоза шуд имрӯз,
Зеро ки ҷамоли ту зи андоза бурун аст.
То зулфи ту тобу гираҳу банду шиканҷ аст.
Дар чашми ту макру ҳиялу зарқу фусун аст.
То ман рухи чун чашмаи хуршеди ту дидам,
Чашмам зи ғами ишқи ту чун чашмаи хун аст.
Эй рафта зи наздики Саноӣ, хабарат ҳаст,
К-аз ишқи ту ҳоли мани дилсӯхта чун аст?
Аз меҳри ту чун нуқтаи хун аст дилам, з-он-к
Бар моҳ туро ғолияи доирагун аст.

❂ ❂ ❂

Дорам сари хоки поят, эй дӯст,
Оям ба дари сароят, эй дӯст.
Онҳо, ки ба ҳусн сарфарозанд,
Нозанд ба хоки поят, эй дӯст.
Чун ройи ту ҳаст куштани ман,
Розӣ шудаам ба роят, эй дӯст.
Чун хуни худат мубоҳ кардам,
Дигар чӣ кунам ба ҷоят, эй дӯст?
Донӣ, натавон кашид аз ин беш
Бори ситаму ҷафоят, эй дӯст.
Ман худ чӣ кунам, ки васл ҷӯям?
Султони ҷаҳон гадоят, эй дӯст.
Дар саҷдаи ту Саноии ту
Тозон шуда дар қафоят, эй дӯст.

Гар ёбад аз амри ту иҷозат,
Аз даргаҳи ту дарояд, эй дӯст.

❁ ❁ ❁

Рӯи ту, эй дилфурӯз, гар на чу моҳ аст,
Зулфи сияҳ з-ӯ чу бадр дуто ҳаст?
Рӯи чу моҳи ту гарчи мояи нур аст,
Зулфи сиёҳи ту гарчи айни гуноҳ аст.
Шоҳи бутонию ошиқон-т сипоҳанд,
Моҳи заминию осмон-т кулоҳ аст.
Расм чунон аст, ки маҳ роҳ намояд,
Чун, ки зи моҳи ту халқ гумшудароҳ аст?
Мӯи сапедам зи ашки сурх чу хун аст,
Рӯи умедам зи ранҷи ишқ сиёҳ аст.
Ҳоли ту, эй моҳрӯй, чист, ки боре
Дур зи рӯи ту ҳоли банда табоҳ аст.

❁ ❁ ❁

Гар ту пиндорӣ, ки ҷуз ту ғамгусорам нест? – Ҳаст,
В-ар чунон донӣ, ки ҷуз ту хостгорам нест? – Ҳаст.
Ё ба ҷуз ишқи ту аз ту ёдгорам ҳаст? – Нест.
Ё қадам дар ишқи ту сахт устуворам нест? – Ҳаст.
Ё ба ҷуз бедодии ту корзорам ҳаст? – Нест.
Ё ба бедоди ту бо ту корзорам нест? – Ҳаст.
Ё сапеду равшан аз ту кору борам ҳаст? – Нест.
Ё сиёҳу тира аз ту рӯзгорам нест? – Ҳаст.
Ё бар уммеди висолат шаб қарорам ҳаст? – Нест.
Ё дар андӯҳи фироқат дил фигорам нест? – Ҳаст.
Ё фироқатро ба ҷуз нола шиорам ҳаст? – Нест.
Ё висолатро шабу рӯз интизорам нест? – Ҳаст.
Ё ҷуз аз ту дигаре андар канорам ҳаст? – Нест.
Ё зи ту тимору дарде беканорам нест? – Ҳаст.
Гар дигар ҳамчун Саноӣ сайди зорам ҳаст? – Нест.
Ё агар шерест ӯ, он гаҳ шикорам нест? – Ҳаст.

❁ ❁ ❁

Кори ту пайваста озор аст, гӯӣ, нест? – Ҳаст.
З-ин сабаб кори дилам зор аст, гӯӣ, нест? – Ҳаст.
Хасми ту бозори ман бишкасту бо хасм, эй санам,
Мар – туро пайваста бозор аст, гӯӣ, нест? – Ҳаст.
То ба хирвор аст шаккар лаъли нӯшини туро
Дар дилам ишқат ба хирвор аст, гӯӣ, нест? – Ҳаст.
Турраи тарроди ту дил дуздад аз мардум ҳаме,
Шуд яқин, к-он турра таррор аст, гӯӣ, нест? – Ҳаст.
Моҳрӯё, то ту кардӣ рояти сӯҳбат нигун,
Рояти сабрам нигунсор аст, гӯӣ, нест? – Ҳаст.
Бӯсаеро з-он лаби чун лаъли нӯшинат ба ҷон
Чокари мискин харидор аст, гӯӣ, нест? – Ҳаст.
Наргиси хунхори ту пайваста хун резад ҳаме,
Наргисат бас шӯху хунхор аст, гӯӣ, нест? – Ҳаст.

❁ ❁ ❁

Эй соқӣ, май биёр пайваст,
К-он ёри азиз тавба бишкаст.
Бархост зи ҷой зӯҳду даъвӣ,
Дар майкада бо нигор биншаст.
Бинҳод зи сар риёву томот,
Аз савмаа ногаҳон бурун ҷаст.
Бикшод зи пой банди таклиф,
Зуннори муғона бар миён баст.
Май хӯрду маро бигуфт: Май хӯр,
То битвонӣ, мабош ҷуз маст.
Андар раҳи нестӣ ҳамерав,
Оташ дарзан, ба ҳар чӣ зӣ ҳаст.

❁ ❁ ❁

Сабаби ошиқӣ на некӯист,
Офати дилбарон на маҳрӯист.
Ишқи зоту сифот ширкат нест,
Бут парастидан аз сияҳрӯист.
Ишқ ҳам ошиқ асту ҳам маъшуқ
Ишқ дурӯя нест, якрӯист.

Мояи ишқ бенасибӣ дон,
Ҳар кӣ гӯяд ҷуз ин, самаргӯист.
Қатъ кардам сухан, тамом нашуд,
Роҳати ошиқон зи камгӯист.

❁ ❁ ❁

Наргисинчашмо, ба гирди наргиси ту тир чист?
В-он сиёҳӣ андар ӯ пайваста ҳамчун қир чист?
Гар сиёҳӣ нест андар наргиси ту, гирди ӯ
Он сияҳмижгони заҳролуди ҳамчун тир чист?
Гар шаробу шир хоҳӣ рехта бар арғувон,
Панҷаҳои дасти рангин пуршаробу шир чист?
Гар мисоли дасти шоҳи Занг дорад зулфи ту,
Пас, ду дасти шоҳи зангӣ баста дар занҷир чист?
Ояте бинвиштаӣ гирди лаби ёқутранг,
Андар он оят бигӯ, то маънии тафсир чист?
Дил туро додам, таваккул бар Худои додгар,
Рӯй кардам сӯи ту, то бар сарам тақдир чист?
Мар маро гар кушт хоҳӣ, пас бикуш якборагӣ
Ман киям, дар куштани ман ин ҳама таъхир чист?
Мар маро чун зер кардӣ дар фироқи рӯи хеш
В-он гаҳе гӯӣ хурӯшу нолаи чун зер чист.
Эй Саноӣ, дар фироқаш собириро пеша гир,
Ҷуз сабурӣ кардан андар ошиқӣ тадбир чист?

❁ ❁ ❁

Ҳар кӣ дар хиттаи мусалмонист,
Муталошӣ чу нафси ҳайвонист.
Ҳар кӣ Исост, ӯ зи Марям зод,
Ҳар кӣ ӯ Юсуф аст, Канъонист.
Фарқ бошад миёни лому алиф,
Ин чӣ ошӯбу ҳашву ломонист?
Чӣ гаронӣ кунӣ зи кофаи коф,
Ин гаронӣ зи баҳри арзонист.
Тани худро иморате фармой,
К-ин иморат насиби деҳқонист.

То Саноӣ зи хок сар барзад,
Дар Хуросон ҳама таносонист.
Фитнаи рӯзгори ӯ шудаанд,
Гар Ироқию гар Хуросонист.

❂ ❂ ❂

Ишқ бозичаву ҳикоят нест,
Дар раҳи ошиқӣ шикоят нест.
Ҳусни маъшуқро чу нест карон,
Дарди ушшоқро ниҳоят нест.
Мабар ин зан, ки ишқро ба ҷаҳон
Ҷуз ба дил бурданаш вилоят нест.
Рояти ишқ ошкоро беҳ,
З-он ки дар ишқ рӯю роят нест.
Олами илм нест олами ишқ,
Рӯъяти ишқ чун ривоят нест.
Ҳар кӣ ошиқ шиносад аз маъшуқ,
Қуввати ишқи ӯ ба ғоят нест.
Ҳар чӣ дорӣ, чу лаъл бояд бохт
Ошиқиро диле кифоят нест.
Ба ҳидоят наёмадаст аз куфр,
Ҳар киро куфр чун ҳидоят нест.
Кас ба даъвӣ ба дӯстӣ нарасад,
Чун зи маънӣ дар ӯ сироят нест.
Нек бишнос, к-ончи мақсуд аст,
Ба ҷуз аз тӯҳфаву иноят нест.

❂ ❂ ❂

Чун дарди ошиқӣ ба ҷаҳон ҳеч дард нест,
То дарди ошиқӣ начашад мард, мард нест.
Оғози ишқ як назараш бо ҳаловат аст,
Анҷоми ишқ ҷуз ғаму ҷуз оҳи сард нест.
Ишқ оташест дар дилу обест дар ду чашм,
Бо ҳар кӣ ишқ ҷуфт аст, з-ин ҳар ду фард нест.
Шаҳдест бо шарангу нишотест бо тааб,
Доруи дарднок аст онро, ки дард нест.

Он кас ки ишқ бозад, ҷон бозаду ҷаҳон,
Бинмой ошиқе, ки рух аз ишқ зард нест.

❁ ❁ ❁

Маъшуқа аз он зарифтар нест,
З-он ишварфурӯшу ишвахар нест.
Шаҳрест пур аз шигарф, лекин
З-ӯ ҳеч буте шигарфтар нест.
Фарзанд басест чархро, лек
Инсоф бидеҳ, чун ӯ дигар нест.
Марямкадаҳо басест, лекин
Касро чу Масеҳ як писар нест.
Он кист, ки пеши тири болош
Чун найза ҳама танаш камар нест?
В-он кист к-аз офтоби рӯяш
Чун кон ҳама хотираш гуҳар нест?
Чун ӯ қамаре қимори дилро
Дар зери вилояти қамар нест.
Шамшеркашони чашми ӯро
Ҷуз дидаи ошиқон сипар нест.
Дар тоби ду зулфаш аз балоҳо
Ё раб, зинҳор то чӣ дар нест.
Аз булаҷабон наёядаш рӯй,
Рӯяш гӯён, ки рӯйгар нест.
Сам заҳр бувад ба лафзи тозӣ,
З-ӯ ҳеч хатир бо хатар нест.
Ҷуз оташи ишқи он санам ҳеч
Дар кӯраи ҷони мо қақар нест.
Дандону лаби чу симу мимаш
Ин нодира бин, ки ҷуз шакар нест.
Дар ишқу балош ҷону дилро
Ҳаққо, ки ҷуз аз ҳазар ҳазар нест.
Шодию ғам аст ишқу моро
Ғам ҳаст, валек он дигар нест.
Аз радду қабул дилбаронро
Чӣ суд, ки ҳеч бе ҷигар нест.

Ӯ симбар асту сим аз ӯст,
Гар зар набувад туро, хатар нест.
Моро чӣ зи сими ӯ, ки моро
Рӯи чу зар асту зӯри зар нест.
Ҳаққо, ки зарифи рӯзгорон
Гар ҳаст, ҳарифи мо дигар нест.
Моро кулаҳе ниҳод ишқаш,
К-он бар сари ҳеч тоҷвар нест.
Андар талабаш суи Саноӣ
Ғам тоҷи сар асту дарди сар нест.

❁ ❁ ❁

Эй Саноӣ, хоҷагӣ бо ишқи ҷонон шарт нест,
Ҷон ба тири ишқ хаста, дил ба кайвон шарт нест.
«Раббӣ, арнӣ» бар забон рондан чу Мӯсо вақти шавқ,
Пас ба дил гуфтан: «Анал аъло» чу Ҳомон шарт нест.
Аз паи ишқи бутон мардонагӣ бояд намуд,
Гар чу зан беҳимматӣ, пас, лофи мардон шарт нест.
Чун аналлаҳ дар биёбони Худо бишнидаӣ,
Пас, ҳаросидан зи чӯбе ҳамчу суъбон шарт нест.
Аз паи мардонагӣ хоҳӣ, ки дар майдон шавӣ,
Давр кардан гирди гӯе ҳамчу чавгон шарт нест.
Чун ҷамоли Юсуфе ғоиб шудаст аз пеши ту,
Пас, нишастан эмин андар шаҳри Канъон шарт нест.
В-ар ҳаме даъвӣ кунӣ, гӯӣ, эй сабри ҷамил,
Пас, фиғону гиря андар байти аҳзон шарт нест.
Чун ҳаме донӣ, ки манзилгоҳи ҳақ ҷуз арш нест,
Пас, маҳор уштур кашидан дар биёбон шарт нест.

❁ ❁ ❁

Ишқи рухи ту бобати ҳар мухтасаре нест,
Васли лаби ту дархури ҳар бехабаре нест.
Ҳарчанд нигаҳ мекунам аз рӯи ҳақиқат,
Як лаҳза туро сӯи дили мо назаре нест.
То пои ту аз доираи аҳд бурун шуд,
Дар ҳастии хешам ба сари ту, ки саре нест.

Бар ту бадале н-ораму дигар накунам ёд,
Ҳарчанд ки ороми ту ҷуз бо дигаре нест.
Дар банди хасӣ в-ин аҷабе нест, ки имрӯз
Асбе, ки ба кор ояд, бе доғи харе нест.
Хасмам ба бадӣ гуфтани ман лаб чу кушояд,
Ман, банда, муқиррам, ки худ аз ман батаре нест.
Бисёр ҷафоҳот расидаст ба рӯям,
Алминнату лиллаҳ, ки туро дарди саре нест.
Бисёр самарҳост дар офоқ, валекин
Дилсӯзтар аз ишқи ману ту самаре нест.
Бисёр гузар кард дар офоқ Саноӣ,
Афтод ба доми туву аз ту гузаре нест.

❂ ❂ ❂

Кори дил боз, эй нигорино, зи бозӣ даргузашт,
Шуд ҳақиқат ишқу аз ҳадди маҷозӣ даргузашт.
Гар ба бозӣ-бозӣ аз ишқат ҳаме лофе задам,
Кор бозӣ-бозӣ аз лофу зи бозӣ даргузашт.
Андак-андак дил ба роҳи ишқат, эй бут, гарм шуд,
Чун зи ман пешӣ гирифт, аз аспи тозӣ даргузашт.
Суд кай дорад кунун, гар гӯяд: Эй ғозӣ, бидор,
Тир чун аз шаст шуд, аз дасти ғозӣ даргузашт.
Чашми хунхори ту аз қаттоли саҷҷӣ даст бурд,
Зулфи дилсӯзи ту аз таррори розӣ даргузашт.
Бениёз ар доштӣ хушдил Саноиро, кунун
Ин ниёзу хушдилию бениёзӣ даргузашт.

❂ ❂ ❂

Зинҳор, ин ёдгор аз даст рафт,
Дар ғами ту рӯзгор аз даст рафт.
Чун маро дил буд бо ӯ барқарор,
Дил шуду бо дил қарор аз даст рафт.
Симу зар будӣ marову ақлу ҳуш,
Дар ғами ту ҳар чаҳор аз даст рафт.
Пои ман дар доми ту бас сахт монд,
Гар нагирӣ даст, кор аз даст рафт.

Ёр будӣ мар маро аз рӯи меҳр,
Ёрӣ акнун кун, ки ёр аз даст рафт.
Ин ҳама хор аст, к-андар ошиқӣ
Чун Саноӣ сад ҳазор аз даст рафт.

❂ ❂ ❂

Ишқ аз ин маъшуқагони бевафо дил баргирифт,
Даст аз ин мушти раёсатҷӯи дун сар баргирифт.
Олами пургуфтугӯю дар миён дарде надид,
Аз дари Салмон даромад, домани Бӯзар гирифт.
Ин-т беҳиммат, ки дар бозори сидқу маърифат
Рӯй аз Исо бигардониду сумми хар гирифт.
Сомирӣ чун дар сарои офият бигшод лаб,
Аз барои фитнаро шогирдии Озар гирифт.
Нони Искандар хурию хидмати Доро кунӣ,
Хоку сим аз ҳирс пиндорӣ, ки оби зар гирифт.
Булаҷаб бозист дар ҳангоми мастӣ бози факр,
К-аз миёни хушкрӯде моҳиёни тар гирифт.
Солҳо Маҷнун тавофе кард дар куҳсори дӯст,
То шабе маъшуқаро дар хона бе модар гирифт.
Он чи аз мастию кӯтоҳӣ шабе оҳанг кард,
То сари зулфаш нагирад, зуд аз ӯ сар баргирифт.
Хоҷа аз мастӣ шабе бар пои чокар бӯса дод,
То напиндорӣ, ки чокар қимати дигар гирифт.
З-ин аҷоибтар, ки чун дузд аз хазинат нақд бурд,
Дидбони кӯр гӯши посбони кар гирифт.
Ин мураффаъҳову ин солусҳову рангҳо
Амри маъруф аст, к-аз вай ҷонҳо озар гирифт.
Дев баддин аст, лекин бар дари дин раҳ занад,
Заҳри мо захр аст, лекин маъдане шаккар гирифт.
Эй Саноӣ, ҳон, ки то нафребадат деви лаин,
К-аз фиреби дев олам ҷумла шӯру шар гирифт.
Ҳар дуогӯе дари шашпанҷи ӯ додӣ ба хоб,
Чун Саноӣ зери ҳафт ахтар раҳи шашдар гирифт.

❁ ❁ ❁

Аз рӯи ту бо шукуфа нам нест,
В-аз зулфи ту бо бунафша хам нест.
Дар буткадаҳои Чину Мочин
Монанди ту лӯъбат, эй санам, нест.
Гар ростии қалам бувад хуб,
Аз қадди ту росттар қалам нест.
В-ар нақши Ирам бадеъ бошад,
Чун рӯи ту нақш дар Ирам нест.
Пайваста ба ҳам бувад ғаму дил,
Назди туву назди мо ба ҳам нест.
Он ҷо, ки манам, ғам асту дил нест
В-он ҷо, ки туӣ, дил асту ғам нест.
Ҷуз гунаи зарду ашки сурхам
Бар ҷомаи ишқи мо алам нест.

❁ ❁ ❁

Эй пайки ошиқон, гузаре кун ба боми дӯст,
Баргард бандавор ба гирди мақоми дӯст.
Гирди сарои дӯст тавофе куну бубин
Он бору борномаву он эҳтишоми дӯст.
Хоҳӣ, ки нархи мушк шикаста шавад ба Чин,
Барзан ба зулфи пуршикани мушкфоми дӯст.
Бархост ихтиёру тасарруф зи феъли мо,
Чун кам задем хештан аз баҳри коми дӯст.
Хоҳӣ, ки бори анбар бахшӣ ту аз Сарахс,
З-он ҷо маёр ҳеч асар, ҷуз паёми дӯст.
Хоҳӣ, ки бори аскар бандӣ зи шаҳри Марв,
З-он ҷо маёр ҳеч хабар ҷуз саломи дӯст.
Хоҳӣ, ки корвони саломат бувад туро,
Ҳамроҳи хеш кун ба суи мо саломи дӯст.
Бар донаҳои гавҳари ӯ ошиқӣ мабоз,
То ҳамчу ман нажанд намонӣ ба доми дӯст.
Бо худ биёр хоки сари кӯи ӯ ба ман,
То бар сараш ниҳам ба азизӣ чу номи дӯст.
Бино мабод чашми ман, ар сӯи чашми ман,
Беҳтар зи тӯтиё набувад гарди гоми дӯст.

Гар дӯстро ба иззати ман хуш бувад ҳаме,
Эй ман, раҳии ғурбату в-эй ман ғуломи дӯст.
Аз молу ҷону дини ман гар ком ҷӯяд ӯ
Беком бодам, ар кунам он ҷуз ба коми дӯст.

❁ ❁ ❁

Тавбаи ман ҷазъу лаълу зулфу рухсорат шикаст,
Дӣ, ки будам рӯзадор, имрӯз ҳастам бутпараст.
Аз таронай ишқи ту нури набӣ мавқуф гашт,
В-аз муғони ҷоми ту қандилҳо барҳам шикаст.
Рамзҳои лаъли ту дасти ҷавонмардон кушод,
Ҳалқаҳои зулфи ту пои хирадмандон бубаст.
Абруи мақрунат, эй дилбар, камон андаркашид,
Новаки мижгонат, эй ҷонон, дилу ҷонам бихаст.
Бо чунон мижгону абрӯ, бо чунон рухсору лаб,
Буд натвон ҷуз сабуру ошиқу махмуру маст.
Порсоиро бувад дар ишқи ту бозор суст,
Подшоҳиро бувад дар васли ту миқдор паст.
Ҷуз барои ту насозам ман зи фарқи хеш пой,
Ҷуз ба ёди ту наорам сӯи ратлу ҷом даст.
Шодию ором набвад, ҳар киро васли ту нест,
Ҳар киро васли ту бошад, ҳар чӣ бояд, ҷумла ҳаст.

❁ ❁ ❁

Эй лӯъбати соқисифат, эй хуштар аз оби ҳаёт
Ҳастӣ дар ин охирзамон ин мункиронро мӯъҷизот.
Ҳам дида дорӣ, ҳам қадам, ҳам нур дорӣ, ҳам зулам,
Дар ҳазлу ҷидд, эй мӯҳташам, ҳам Каъба гардӣ, ҳам мамот.
Ҳусни туро бинам фузун, хулқи туро бинам забун,
Чун омад аз ҷаннат бурун чун ту нигоре бебарот?
Дар норам аз гулзори ту, безорам аз озори ту,
Як дидан аз дидори ту хуштар зи кулли коинот.
Ҳар гаҳ ки бикшоӣ даҳан, гардад ҷаҳон пурнастаран,
Бар ту сано гӯяд чу ман регу матар, сангу набот.
Олӣ чу Каъба кӯи ту, на хоки пои рӯи ту,
Бар ду лаби хушбӯи ту ҷонро ба дил дорад ҳаёт.

Бурҳони ин нӯшин лабат чун рӯз гардонад шабат
В-он холҳо бар ғабғабат тобон чу аз гардун банот.
Моро ба лаб даъват кунӣ, бар мо сухан ҳуҷҷат кунӣ,
Вақте ки ҷон ғорат кунӣ, чун сӯфиён дардеҳ салот.
Боз ар ба киштӣ оҷизӣ бинмой бар лаб мӯъҷизе,
Чун аз азӣ набвад азӣ «ло»-ро бизан бар рӯи лаб.
Ғамҳот бар мо ҷумла шуд, Бағдод ҳамчун Ҳулла шуд,
Як дида ин ҷо Даҷла шуд, як дида он ҷо шуд Фурот.
Эй чун малак, эй чун парӣ, бар Сомирӣ кун соҳирӣ,
То бар ту хонам як саре «албоқиёт-ус-солиҳот».
Ҷони Саноӣ мар-туро аз вай ҳазар кардан чаро?
Аз вай гузар набвад туро ҳам дар ҳаёту ҳам мамот.

❂ ❂ ❂

Гар ту пиндорӣ, туро лутфи худоӣ нест? – Ҳаст.
Бар сари хубони олам подшоӣ нест? – Ҳаст.
В-ар чунон донӣ, ки ҷони покбозонро зи ишқ
Бо ҷамоли хоки поят ошноӣ нест? – Ҳаст.
В-ар гумон-т ояд, ки гоҳи дил рабудан дар самоъ
Рӯю овозат ҳалоки порсоӣ нест? – Ҳаст.
В-ар ту андешӣ, ки гоҳи гавҳар афшондан зи лаъл,
Аз лабат камбудагонро раҳнамое нест? – Ҳаст.
В-ар хаёл орӣ, ки чун бардорӣ аз рух зулфро,
Аз ту қандили фалакро рӯшноӣ нест? – Ҳаст.
В-ар чунон донӣ туро рӯзи қиёмат аз Худой,
Аз паи хуни чу ман ошиқ ҷазое нест? – Ҳаст.
В-ар ту бигсолӣ, ки бо ин ҳусну хубӣ мар-туро
Хӯи бадаҳдию расми бевафоӣ нест? – Ҳаст.
В-ар ҳаме донӣ, ки бар хоки сари кӯят зи хун
Сад ҳазорон қатра аз чашми Саноӣ нест? – Ҳаст.

❂ ❂ ❂

Рӯзе дили ман маро нишон дод,
В-аз моҳи ман ӯ хабар ба ҷон дод.
Гуфто: бишунав нишони моҳӣ,
К-ӯ номаи ишқ дар ҷаҳон дод.

Хуршеди раҳии ӯ назебад,
Маҳ бӯса варо бар остон дод.
Як рӯз маро бихонду бинвохт
В-он гоҳ ба васли ман забон дод.
Бардошт пиёлаву дамодам
Май дод марову бекарон дод.
Ман донистам, ки май балоест,
Лекин чӣ кунам, маро чу з-он дод.
Аз бода чунон маро биёзурд,
К-аз сар бигирифту дар миён дод.

❁ ❁ ❁

Эй кавкаби олидараҷ, васлат ҳаромасту ҳараҷ,
Эй рукни тоат ҳамчу ҳаҷ, ас-сабру мифтоҳ-ул-фараҷ.
Ошиқ басе гӯяд ҳаме, рухро ба хун шӯяд ҳаме,
Шоир чунин гӯяд ҳаме, ас-сабру мифтоҳ-ул-фараҷ.
То кай бувад розам ниҳуфт, ғам хонаи сабрам бируфт,
Луқмон чунин дар сабр гуфт: ас-сабру мифтоҳ-ул-фараҷ.
То кай кашам бедод ман, то кай кунам фарёд ман,
Рӯзе биёбам дод ман, ас-сабру мифтоҳ-ул-фараҷ.
Айюб бо чандин бало, к-андар бало шуд мубтало,
Пайваста ин будаш дуо: ас-сабру мифтоҳ-ул-фараҷ.
Яъқуб, к-аз ҳаҷри писар чандин балош омад ба сар,
Қавлаш ҳаме буд сар ба сар, ас-сабру мифтоҳ-ул-фараҷ.
Юсуф, ки андар чоҳ шуд, коми дили бадхоҳ шуд,
Аз чоҳ сӯи ҷоҳ шуд, ас-сабру мифтоҳ-ул-фараҷ.
Вомиқ ба Азро чун расид, Арва ба Афро чун расид,
Асъад ба Асмо чун расид, ас-сабру мифтоҳ-ул-фараҷ.
То ҷонам аз ту хаста шуд, то дил ба меҳрат баста шуд
Гуфтори ман пайваста шуд, ас-сабру мифтоҳ-ул-фараҷ.
Аз ту ба дил озурдаам, чун тан куноғе кардаам,
Дар пеши дил овардаам, ас-сабру мифтоҳ-ул-фараҷ.
Мардум кӣ бошад дар ҷаҳон, бо ғам намонад ҷовидон?
Ҳам бигзаронад андуҳон, ас-сабру мифтоҳ-ул-фараҷ.
Панди Саноӣ гӯш кун, ғам чун расад, рав, нӯш кун,
Чун шодӣ ояд, ҳуш кун, ас-сабру мифтоҳ-ул-фараҷ.

❁ ❁ ❁

Маъшуқа ба сомон шуд, то бод чунин бод,
Куфраш ҳама имон шуд, то бод чунин бод.
З-он лаб, ки ҳаме заҳр фишондӣ ба такаббур,
Акнун шакарафшон шуд, то бод чунин бод.
Он ғамза, ки бад будӣ бо муддаии суст,
Имрӯз батар з-он шуд, то бод чунин бод.
Пайдош ҷафо будӣ, пинҳонш латофат,
Пайдош чу ниҳон шуд, то бод чунин бод.
Чун гул ҳама тан будӣ, то бод чунин бод.
Чун бода ҳама ҷон шуд, то бод чунин бод.
Деве, ки бар он куфр ҳаме дошт мар ӯро
Он дев мусулмон шуд, то бод чунин бод.
То лоҷарам аз шукр Саноӣ чу Саноӣ
Машҳури Хуросон шуд, то бод чунин бод!

❁ ❁ ❁

Ҳар замон аз ишқи ҷононам вафое дигар аст,
Гарчи ӯро ҳар нафас бар ман ҷафое дигар аст.
Ман бар ӯ соат ба соат баста з-онам, к-аз ҷамол
Ҳар замон ӯро ба ман аз ту аное дигар аст.
Ар ки дил ӯро барӣ, хуш дорад ӯ чун офият,
Лек чашмаш дар ҷаҳонсӯзӣ балое дигар аст.
Гар қазо муставлию қодир шавад бар ҳар касе,
Бар мани бечораошиқ ӯ қазое дигар аст.
Боди зулфаш аз хушӣ меоварад бӯи абир
Хоки пояш аз азизӣ тӯтиёе дигар аст.
Аз латифӣ офтоби дигар аст он дилфиреб,
Аз заифӣ ошиқаш гӯӣ ҳабое дигар аст.
Як замон аз ранҷи ҳиҷронаш дилам холӣ мабод,
К-ӯ маро ҷуз васли ӯ роҳатфазое дигар аст.

❁ ❁ ❁

То нигори ман зи маҳфил пой дар маҳмил ниҳод,
Доғи ҳасрат ошиқонро сар ба сар бар дил ниҳод.

Дилбарон бедил шуданд, он гаҳ ки ӯ барбаст бор,
Ошиқон доданд ҷон, чун пой дар маҳмил ниҳод.
Рӯзи ман чун тира зулфаш гашт аз ҳиҷрони ӯ
Чун бидидам, к-он ғуломаш рахт бар бозил ниҳод.
З-он ҷамоли ҳамчу моҳаш ҳар чӣ буд аз тирашаб,
Шуд ҳазимат, чун нигорин рух суи манзил ниҳод.
З-оби чашми ошиқон он роҳ шуд пуробу гил,
То ба манзил н-орамид ӯ, гоми худ дар гил ниҳод.
Роҳи ӯ пургул ҳамешуд, к-аз фироқи худ ҳаме
Дар ду дида оламе аз ишқи худ пилпил ниҳод.
Чокар аз ғам дил зи меҳрат баргирифт, аз баҳри он-к
Бо асил-ул-мулки Хоҷа Асъади муқбил ниҳод.

❁ ❁ ❁

Ин на зулф аст, он ки ӯ бар орази рахшон ниҳод,
Ҷаври Заҳҳок аст, к-ӯ бар адли Нӯширвон ниҳод.
Гар занад бар заҳр бӯса, заҳр гардад чун шакар
Ё раб, он чандин ҳаловат дар лабе битвон ниҳод?!
Тавбаву парҳези моро тобаш аз ҳам боз кард,
То ба амдан зулфро бар он рухи тобон ниҳод.
Дидамаш як рӯз шодону хиромон аз кашӣ,
Ҳамчу моҳе, к-аш фалак як рӯз дар даврон ниҳод.
Гуфтам: Эй, масти ҷамол, он ваъдаи васли ту ку?
Хуш бихандид он санам, ангушт бар марҷон ниҳод.
Гуфт: Мастам хонию бар ваъдаи ман дил ниҳӣ,
Содадил мардо, ки дил бар ваъдаи мастон ниҳод!

❁ ❁ ❁

То кай кунам аз турраи таррори ту фарёд
То кай кашам аз ғамзаи ғаммози ту бедод?!
Як шаҳр зану мард ҳаме боз надонанд
Фарёди ман аз хандаву бедоди ту аз дод.
Он рӯз, ки зулфайни нигуни ту бididанд,
Гаштанд туро банда чу ман бандаву озод.
Ҳушёр нашуд, ҳар кӣ зи гуфтори ту шуд маст,
Ғамнок нашуд, ҳар кӣ зи дидори ту шуд шод.

Ман бо рухи чун лолаву бо орази чун мушк
Бо қомати чун тир зи васли ту кунам ёд.
Ту зар кунӣ аз лолаву кофур кунӣ мушк
Чавгон кунӣ аз найза, зиҳӣ ҷодуи устод.
Вайрон кунӣ он дил, ки дар ӯ созӣ манзил,
Ҳаргиз нагузорӣ, ки бувад манзилат обод.
Эй манзили ту гашта зи ошӯби ту вайрон,
Он шаҳр, к-аз ӯ хостӣ, обод ҳаме бод.
Ҷайҳун шуда чашми ман аз он зулфи сумансо,
Барбод шуда зулфи ту аз қомати шамшод.
Машҳури ҷаҳон гашта Саноӣ зи ғами ту,
Аз рӯи чу хуршеди ту, эй турфаи Бағдод.
Ту мояи хубӣ шудӣ, эй мояи хубон,
Афганда дар ин хаста дилам ишқи ту бунёд.
Сад раҳмату сад шодӣ бар ҷони ту, эй бут,
Модар, ки туро зод, бар ӯ низ дуо бод!

❂ ❂ ❂

Айём чу ман ошиқи ҷонбоз наёбад,
Дилдода чу ӯ дилбари танноз наёбад.
Аз рӯи ниёз ӯ ҳамаро рӯй намояд,
Як дилшуда ӯро зи раҳи ноз наёбад.
Бигдохт маро турраи таррораш аз он сон,
Пешам ба дусад ғамзаи ғаммоз наёбад.
Чунон шудам, эй ҷон, зи наҳифию низорӣ,
К-аз ман ба ҷуз аз гӯши ман овоз наёбад.
Рафтаст бари дӯст, наёяд бари ман дил,
Донад, ки чун ӯ як бути дамсоз наёбад.
Гаштаст дил огоҳ, ки ман ҳеч намондам,
З-он боз наёяд, ки маро боз наёбад.

❂ ❂ ❂

Он кас, ки зи ошиқӣ хабар дорад,
Доим сари неш бар ҷигар дорад.
Ҷонро ба қазои ишқ биспорад,
Тан пеши балову ғам сипар дорад.

Гаҳ дасти бало фарози дил гирад,
Гаҳ санги тааб ба зери сар дорад.
Пайваста чу ман фикандатан гардад,
Дилро зи ҳавои нафс бардорад.
Бигсаста шавад зи шаҳр в-аз маскан,
Ҳар дам задане ғами дигар дорад.
В-он дида ба дасти ғайр бардӯзад,
К-ӯ ҷуз ба ҷамоли ҳақ назар дорад.
Эй ёри муқомири хароботӣ,
Табъи ту тариқи мухтасар дорад.
Бинмоӣ ба ман касе, ки ӯ чун ман,
Дар кӯи муқомирӣ мақар дорад.
Ё аз раҳи гумраҳон нишон ҷӯяд,
Ё аз дили бедилон хабар дорад.

❂ ❂ ❂

Дилам бо ишқи он бут кор дорад,
Ки ӯ бо ошиқон пайкор дорад.
Ба дасти ишқбозе дарфитодам,
Ки ӯ ошиқ чу ман бисёр дорад.
Дили ман ошиқи ишқ асту шояд,
Ки аз ман ёр дил безор дорад.
Киро маъшуқ ҷуз ишқ аст, аз он аст,
Ки ӯ оинаи зангор дорад.
Яке боғ аст ин пургул, валекин
Ҳама пиромани ӯ хор дорад.
Набинад ҳаргиз он кас хобро рӯй,
Ки ишқ ӯро шабе бедор дорад.
На ҳамвор аст роҳи ишқи он кас,
Ки бо ҷон ишқро ҳамвор дорад.
Ғами ҷонон харад ва ҷон фурӯшад
Касе, к-ӯ раҳ бад-ин бозор дорад.

❂ ❂ ❂

Онро, ки Худой аз қалами лутф нигорад,
Шояд, ки бар ӯ заҳмати машшота наёрад.

Машшота чӣ ҳоҷат бувад онро, ки ҳаме ҳусн
Ҳар соату моҳе зи гиребон-ш барорад.
Ангуштнамои ҳама дилҳо шавад, арчи
Нохунш набошад, ки сари хеш бихорад.
Бо захмати шона чи кунад чанбари зулфе,
К-андар шаби ӯ ақл ҳаме рӯз гузорад.
Машшота на хом ояд ҷое, ки бад-он ҷой
Наққоши азал бар сифаташ хома гузорад.
Кай зишт шавад рӯи накӯ, ар бинашӯянд,
Кай хушк шавад тӯбӣ, агар абр наборад.
Эй он ки ҳаме барзгари дев дар ислом
Дар мазрааи ҷони ту ҷуз лоф накорад.
Машшотаи ту чун ту бувӣ деви ту лобуд.
Ҳам нақши туро бар дилу бар ҷон бинигорад.
К-он кас, ки мар ӯро набувад ҷилвагар аз ишқ,
Шаҳд аз лаби ӯ ҷону хирад заҳр шуморад.
В-онро, ки қабулаш накунад олами иқбол,
Гар гулшакаре гардаду касро нагуворад.
Ҳаққо, ки ба ҳар дам сақаре нақд бубинӣ,
Гар ҳеч туро ҳусн ба хӯи ту супорад.
Ҳар рӯз дигар лом кашӣ аз паи хубӣ,
З-ин лом чӣ судат, ки алиф ҳеч надорад.
Он ҷо, ки чун ӯ ҷонталабе ёфт Саноӣ,
Ҷонро бигузорад, чу туеро нагузорад.

❁ ❁ ❁

Бо ман бути ман теғи ҷафо охта дорад,
Сабр аз дили ман ҷумла бурун тохта дорад.
Ӯро дилам оромгаҳ асту аҷаб аст ин,
К-оромгаҳи хеш барандохта дорад.
Сад машъала аз ишқ барафрӯхта дорам,
То сад алам аз ҳусн барафрохта дорад.
Ҷонам бубарад, то надабе нард бибозам,
Зеро ки дилам дар надабе бохта дорад.
Ҷуз ман, ки зи сабр аз паи ӯ сохта будам,
Аз оташи дуди дил бигдохта дорад.

Аз дил камари ишқи ту бастам ба қиморе,
Дар гардани ҷон тавқ на чун фохта дорад.
Сад силсила дорад зи шабаҳ сохта бар сим,
Он силсила гӯӣ паи ман сохта дорад.

❂ ❂ ❂

Нури рухи ту қамар надорад,
Ширинии ту шакар надорад.
Хуш бошад ишқи хубрӯе,
К-аз хубии худ хабар надорад.
Дорандаи Шарқу Ғарб султон
Моно, ки чу ту дигар надорад.
Ризвону биҳишти ҳақ, яқинам,
Чун ту ба сазо писар надорад.
Хубӣ, ки бад-ӯ расид натвон,
Боғе бошад, ки дар надорад.
Бо зар бизияд ба коми ошиқ,
Пас, чун кунад ӯ, ки зар надорад?
Бе васли ту будӣ ошиқонат
Чун шахс бувад, ки сар надорад.
Рав, хубӣ кун, чунонки хубӣ,
К-ин хубии дайр бар надорад.
Ҳарчанд насиҳати Саноӣ
Назди ту басе хатар надорад.

❂ ❂ ❂

Манам, ки дил накунам соате зи меҳри ту сард,
Зи ёди ту набувад фард, агар бувам зи ту фард.
Агар замона надорад туро мусоиди ман,
Замонарову туро кай тавон мусоид кард?
Ҷуз он ки қибла кунам сурати хаёли туро,
Ҳамегузорам бо оби чашму бо рухи зард.
Ҳама дареғу ҳама дарди ман зи тусту ба ту
Бибод гарми ту гарму бибод сарди ту сард!
Ман он касам, ки маро оламе пур аз хасманд
Ҳамебароям бо оламе ба ҷангу набард.

Гар аз ту оҷизам, ин ҳолро чӣ гуна кунам,
Ба пеши хасмон мардам, ба пеши ишқ на мард.
Равону ҷонию маҳҷур ман зи ҷону равон,
Ба як дил андар з-ин бештар набошад дард.
Агар ҷаҳон ҳама бар фарқи ман фуруд ояд,
Ба ним зарра наёбад ба рӯи ман-бар гард.
Дареғам он, ки ба фасли баҳору лолаву гул
Ба ёди рӯи ту дарду дареғ бояд х(в)ард.

❁ ❁ ❁

Зулфи пуртобат маро бетоб кард,
Чашми пурхобат маро бехоб кард.
Бо тани ман кард нури оразат,
Он чи бе тори қасаб маҳтоб кард.
Анбарин зулфат чу чавгон хам гирифт,
То дилам чун гӯй дар табтоб кард.
В-он лаби уннобгунат таъна кард,
То сиришгам сурх чун унноб кард.
Гар аҷаб буд он, ки ишқи ту маро
Масту ҳолик бе набиди ноб кард.
Ин аҷабтар он ки ишқат ройгон
Чашми ман пурлуълуву хушшоб кард.
Меғи рӯи хуби чун хуршеди ту
Чашмаи хуршедро меҳроб кард.
В-оташи рӯи туро чун саҷда бурд,
Ҳамчу абдолон гузар бар об кард.

❁ ❁ ❁

Ошиқӣ то дар дили мо роҳ кард,
Ағлаби анфоси моро оҳ кард.
Буд ҳар боре дилам ошиқ ба тавъ,
Бурду зери пои ишқ икроҳ кард.
Айши чун нӯши маро чун заҳр кард,
Сабри чун кӯҳи маро чун коҳ кард.
Боз дар шаҳри мусулмонон муғе
Кард моро баставу ногоҳ кард.

Аз тани борики ман зуннор сохт,
В-аз дили сангинам оташгоҳ кард.
Бо ҳама меҳнат, ки дидам ман зи ишқ,
К-ӯ маро беқадру обу ҷоҳ кард.
Нек хоҳам ишқро, гарчи маро
Ӯ ба коми душману бадхоҳ кард.

❁ ❁ ❁

Суол кард дили ман, ки дӯст бо ту чӣ кард,
Чарот бинам бо ашки сурху бо рухи зард?
Дароз қисса нагӯям, ҳадис ҷумла кунам,
Ҳар он чи гуфт, накарду ҳар он чи кишт, нах(в)ард.
Ҷафо намуду набахшуду дил рабуду надод,
Вафо бигуфту накарду ҷафо нагуфту бикард.
Чу пешам омад, кардам салом, рӯй битофт,
Чу остин-ш гирифтам, гирифту гуфто: Бард!
На чорае, ки дил аз дӯстиш боз кашам,
На ҳилае, ки тавонам-ш боз роҳ овард.
Бар интизори миёни ду ҳол мондастам,
Кашид бояд ранҷу чашид бояд дард.
Аё Саноӣ, лӯълӯ зи дидагон-т мабор,
Ки дар ақилаи ҳиҷрон сабур бояд мард.

❁ ❁ ❁

Рӯи хубат ниҳон чӣ хоҳӣ кард,
Шӯриши ошиқон чӣ хоҳӣ кард?
Мушкзулфию наргисинчашмӣ,
То бад-он наргисон чӣ хоҳӣ кард?
Хунам аз дидагон биполудӣ,
Ранҷи ин дидагон чӣ хоҳӣ кард?
Ҳар замон бар ту бозандешам,
То ту андар ҷаҳон чӣ хоҳӣ кард?
Нақши оби равон мабош, бипош,
Нақши оби равон чӣ хоҳӣ кард?
Мижа тирею абрувон чу камон,
Пас, ту тиру камон чӣ хоҳӣ кард?

Дил бибурдию қасди ҷон кардӣ,
Яла кун ҷон, ту ҷон чӣ хоҳӣ кард?
З-он камар тарф бар миёни ман аст,
Бори он бар миён чӣ хоҳӣ кард?
Эй чу ҷону дилам ба ҳар васлат,
Васлати ошиқон чӣ хоҳӣ кард?
Ошкор аст ҳусн бар рухи ту,
Аз хат ӯро ниҳон чӣ хоҳӣ кард?
Бар рухи ман зи оби дидаи хеш
Ҳамчу лола нишон чӣ хоҳӣ кард?
Дар дилам дарди дил шуоъ гирифт,
Бар рухам хунфишон чӣ хоҳӣ кард?
Чун Саноӣ саге ба кӯи ту-дар
Наъраи посбон чӣ хоҳӣ кард?

❁ ❁ ❁

Нозро рӯе бибояд ҳамчу вард,
В-ар надорӣ, гирди бадхӯӣ магард.
Ё бигустар фарши зебоию ҳусн,
Ё бисоти кибру ноз андарнаворд.
Некуию лутф, гӯ, бо тоҷу кибр
Каъбатайну мӯҳра, гӯ, бо тахтамард.
Дар сарат бод асту бар рӯ об нест,
Пас, миёни мову ту з-ин аст гард.
Зишт бошад рӯи нозебову ноз,
Саъб бошад чашми нобинову дард.
Ҷавҳарат з-аввал набудаст инчунин,
Бо ту кибру ноз кард, ин кор кард.
Зар зи маъдан сурхрӯй ояд бурун,
Сӯҳбати ноҷинс кардаш рӯйзард.
Кай кунад нохубро бедод хуб,
Чун кунад номардро кофур мард?
Ту ҳама бодию моро бо ту сулҳ,
Мо туро хоку туро бо мо набард.
Лек аз ёди ту моро чора нест,
То дар ин хок аст моро обх(в)ард.

Ноз бо мо кун, ки дарбояд ҳаме
Ин ниёзи гармро он нози сард.
В-ар сано хоҳӣ, ки бошад ҷуфти ту,
Бо Саноӣ чун Саноӣ бош фард.
Дар ҷаҳон имрӯз бардобарди туст,
Бориде бошад туро гуфтан, ки бард.

❁ ❁ ❁

Сӯҳбати маъшуқ интизор наярзад,
Бӯи гулу лола захми хор наярзад.
Васл нахоҳам, ки хаҷр қоидаи ӯст,
Хӯрдани май меҳнати хумор наярзад.
З-он си дарёи ишқ гар ҳама суд аст,
Он ҳама суд офати гузор наярзад.
Ин ду-се рӯзи ғами висолу фироқат
Ин ҳама ошӯби кору бор наярзад.
Рӯз шавад дар шуморам аз ғами ҷонон,
Худ амали ошиқӣ шумор наярзад.

❁ ❁ ❁

Ишқи он маъшуқ хуш бар ақлу бар идрок зад,
Ишқбозиро бикарду хок бар афлок зад.
Бар ҷамоли чеҳраи ӯ ақлҳоро пираҳан
Наъраи ишқ аз гиребон то ба доман чок зад.
Ҳусни ӯ Хуршеду Моҳу Зӯҳра бар фитрок баст,
Лутфи ӯ дар чашми обу боду оташ хок зад.
Оташи ишқаш ҷанибатҳои зар чун даркашид,
Оби ҳайвонаш ба хидмат чанг дар фитрок зад.
Шоҳи ишқаш чун яке бар кадхудои Рум тохт,
Гуфтӣ, Афридун даромад, гурз бар Заҳҳок зад.
Заҳри ӯ оби рухи тарёк бурду пок бурд,
Дарди ӯ бар лашкари дармон заду бебок зад.
Дарди ӯ дида чу афсар бар сари дармон ниҳод,
Заҳри ӯ чун теғ дил бар тораки тарёк зад.
Ҷодуи устод пеши хоки пои ӯ басе
Бӯсаҳои сарнигун бар пояш аз идрок зад.

Ақлу ҷонро ҳамчу шамъу машъала кард, он гаҳе
Оташи бебокӣ андар ақлу ҷони пок зад.
Май Саноиро ҳам ӯ доду ҳам ӯ з-он пас ба ҷурм
Сарнигун чун хӯша карду ҳад ба чӯби ток зад.

❂ ❂ ❂

Зиҳӣ маҳрух, зиҳӣ зебо, баномэзад, баномэзад,
Зиҳӣ хушгӯ, зиҳӣ воло, баномэзад, баномэзад.
Ғубори наъли асби ту бидида даркашад: Ҳурро!
Зиҳӣ сират, зиҳӣ симо, баномэзад, баномэзад.
Зи шарму рӯю дандонат хиҷил парвину маҳ ҳар шаб,
Зиҳӣ Зӯҳра, зиҳӣ Ҷавзо, баномэзад, баномэзад.
Зи хиҷлат сарви қаддатро ҳамегӯяд пас аз саҷда,
Зиҳӣ қомат, зиҳӣ боло, баномэзад, баномэзад.
Ман аз ишқи ту аз хубӣ ба олам дар самар гашта,
Зиҳӣ Вомиқ, зиҳӣ Азро, баномэзад, баномэзад.
Биҳишт аз рашки кӯи ту ниҳон кардаст рӯи худ
Зиҳӣ ризвон, зиҳӣ ҳуро, баномэзад, баномэзад.
Саноиро зи савдоят диле девона монд аз кул
Зиҳӣ Маҷнун, зиҳӣ шайдо, баномэзад, баномэзад.

❂ ❂ ❂

Чӣ рангҳост, ки он шӯх дида н-омезад,
Ки то магар дилам аз сӯҳбаташ бипарҳезад.
Гаҳе зи тирагарӣ нуктае дарандозад,
Гаҳе ба булаҷабӣ фитнае барангезад.
Ба хеч вақт ба бозӣ карашмае накунад,
Ки сад ҳазор дил аз ғамза дарнаёвезад.
Гаҳе к-аз ӯ ба нуфурам, бари ман ояд зуд,
Гаҳаш чу хонам, бо ман ба қасд бистезад.
Хабар надорад аз он, к-аз балош нагрезам
Ки ҳеч ташна зи оби ҳаёт нагрезад.
Ҳазор шарбати захр ар зи дасти ӯ бихурам,
Зи ишқи наъраи «ҳал ман мазид» бархезад.
На аз ғам аст, ки чашмам ҳаме зи роҳи мижа
Ҳазор дарё полунавор мебезад.

Зи баҳри хасм ҳаме сурма созад аз дида,
Чу дуд ёфт, зи баҳри Саноӣ омезад.
Ба ҳар кӣ мардуми чашмам нигаҳ кунад, ҷуз аз ӯ,
Ҷинояте шумурад, об аз он сабаб резад.
Ҷавоби он ғазали Хоҷа Бӯсаъид аст ин:
«Маро дилест, ки бо офият наёмезад».

❁ ❁ ❁

Дигар гар дӣ раво бошад, дилам ғамгин чаро бошад,
Ҷаҳон пур хубрӯёнанд, он кун, к-ат раво бошад.
Туро гар ман бувам, шояд, вагарна ҳам раво бошад,
Туро чун ман фаровонанд, маро чун ту куҷо бошад.
Ҷафоҳои ту назди ман мукофоташ ба ҷо бошад,
Валекин он кунад ҳар кас, ки аз аслаш сазо бошад.
Нагӯянд, эй мусулмонон, ҳар он к-ӯ мубтало бошад.
Набошад мубтало, илло худованди бало бошад.
Чунин гирам, ки ин олам ҳама яксар туро бошад,
На охир ҳар фарозеро нишебе дар қафо бошад.
Саноӣ аз ғами ишқат саноӣ гашт, эй дилбар,
Магӯед, эй мусулмонон, хато бошад, хато бошад.

❁ ❁ ❁

Дил ба тӯҳфа ҳар кӣ ӯ дар манзили ҷонон кашад,
Аз вуҷуди нестӣ бояд, ки хат бар ҷон кашад.
Дарнавардад мафраши озодагӣ аз рӯи ақл
Рахти бадбахтӣ зи дил аз хонаи аҳзон кашад.
Гарчи душвор аст кори ошиқӣ аз баҳри дӯст,
Аз муҳаббат бар дилу ҷон рахти ишқ осон кашад.
Раҳраве бояд, ки андар роҳи имон пай ниҳад,
То зи дил паймонаи ғам бар сари паймон кашад.
Дину паймону имомат дар раҳи имон якест,
Мард ку, то фазли дин андар раҳи имон кашад?
Лашкари лоҳавлро банди қатеъят бигсалад
В-аз тафовут бар шуоъи шаръ шодурвон кашад.
Халқи пайғамбар куҷо, то аз бузургони Араб
Ҷавру ранҷи носазоён аз паи Яздон кашад.

Содиқе бояд, ки чун Бӯбакр дар сидқу савоб
Захми мору бими душман аз буни дандон кашад.
Ё на чун Уммар, ки дар ислом баъд аз Мустафо
Аз Араб лашкар зи Ҷайҳун сӯи Туркистон кашад.
Порсой ку, ки дар меҳробу мусҳаф бегуноҳ
То зи ғавғо сӯзиши шамшер чун Усмон кашад.
Ҳайдари каррор ку, к-андар масоф аз баҳри дин
Дар сафи Сиффин ситам аз лашкари Марвон кашад.

❁ ❁ ❁

То лаби ту он чӣ беҳтар, он барад,
Кас надонам, к-аз лаби ту ҷон барад.
Дил харад лаъли туву арзон харад,
Ҷон барад ҷазъи туву осон барад.
Кист он, к-ӯ пеши ту саҷда набурд,
Банда боре аз буни дандон барад.
Зулфи ту чавгон ба даст омад падид,
Сабр кун, то гӯй дар майдон барад.
Мурдани мардон кунун омад падид,
Бош, то шабранг дар ҷавлон барад.
Ман киям, к-аз ту тавонам бурд боз,
Нори ту, гар ту туӣ, султон барад.

❁ ❁ ❁

Онӣ, ки чу ту гардиши айём надорад,
Султон чу ту маъшуқи дилором надорад.
Чун донаи ёқути ту гул дона надорад,
Чун доми буногӯши ту беҳ дом надорад.
Боде навазад дар ҳама офоқ, ки аз мо
Сӯи лаби ту номаву пайғом надорад.
Доде надиҳад ишқи ту моро, ки дар он дод
Бе доди ту афрохта самсон надорад.
Медарнарасам дар ту ба сад ҳилаву афсун
Гӯӣ қадами давлати ман гом надорад.

❁ ❁ ❁

Моро зи маҳи ишқи ту соле дигар омад,
Дур аз раҳи ҳаҷри ту висоле дигар омад.
Дар дида хаёле, ки маро буд зи рухи ту,
Якбора ҳама рафту хаёле дигар омад.
Бар маркаби шоиста шаҳаншоҳи шукӯҳат
Бар тахти дили ман ба ҷамоле дигар омад.
Шуд нақс камоле, ки маро буд ба сурат,
Дар олами таҳқиқ камоле дигар омад.
Бар табли талаб мезадам аз ҳирс даволе,
Ногоҳ бар он табл даволе дигар омад.
Аз сина ниҳоли амал аз бим бикандам,
Бо меваи инсоф ниҳоле дигар омад.
Бар ишва зи ман рафт ба таъриз наколот,
Осуда ба тасреҳ наколе дигар омад.
Дар васфи сафо Ҳайдари иқбол ба чашмам
Бар Дулдули давлат ба далоле дигар омад.

❁ ❁ ❁

Бар маҳ аз анбар ҳаме маъшуқи ман чанбар кунад,
Ҳеч кас дидӣ, ки бар маҳ чанбар аз анбар кунад?
Гаҳ зи мушки суда нақш орад ҳаме бар офтоб,
Гаҳ абири бехта бар лолаи аҳмар кунад.
Гарди зангораш падид омад ҳаме бар барги гул,
Тарсам, имсолаш бунафша аз суман сар бар кунад.
Эй дареғо, он парирӯ аз ниҳеби чашми бад
Савсани озодаро дар зери сисанбар кунад.
Ҳар кӣ дид он хатти навруста бад-он ёқути сурх
Оҷиз ояд, гар сифоти ранги нилуфар кунад.
Хез, то якчанд бар дидори ӯ бода хурем,
Пеш аз он к-аш рӯзгори бевафо кайфар кунад.
Мӯҳрабозӣ дорад андар лаб, ки ҳамчун булаҷаб
Гаҳ ақиқи конию гаҳ дурру гаҳ шаккар кунад.
Чашми ҷоноҳанҷи дилалфанҷи ҷодубанди ӯ
Ҷодуе донад магар, к-аз ҷазъи ман абҳар кунад.
Офарин бодо бар он рӯе, ки гар бинад парӣ,
Бегумон аз рашки рӯяш хокро бистар кунад.

Инчунин дилбар, ки гуфтам дар сифоти ишқ ман,
Гаҳ ду чашмам пур зи обу гаҳ зи хум пурзар кунад.
Гоҳ чун удам бисӯзад, гаҳ гудозад чун шакар,
Гаҳ чу зери чангам андар чанг ромишгар кунад.
Гаҳ кунад бар ман ҷаҳон ҳамчун даҳони хеш танг,
Гаҳ танам чун мӯи хеш он лоларух лоғар кунад.
Гоҳ чун зарра нишонад мар-маро андар ҳаво,
Гаҳ рухам аз ашки чашмам заъфарони тар кунад.
Эй мусулмонон, фиғон з-он дилрабои мустаҳил,
К-ӯ ҷаҳон бар ҷони ман чун Садди Искандар кунад.

❁ ❁ ❁

Гар шабе ишқи ту бар тахти дилам шоҳӣ кунад,
Сад ҳазорон моҳ он шаб хидмати моҳӣ кунад.
Боди лутфат гар ба дорулмулки инсон барвазад,
Ҳар якеро бар мисоли Юсуфи чоҳӣ кунад.
Ман чи саг бошам, ки дар ишқи ту хуш як дам занам,
Одаму Иблис як ҷо чун ба ҳамроҳӣ кунад.
Ҳар кӣ аз тасдиқи дил дар хештан кофир шавад
Бе хилофи сурати имон-ш дилхоҳӣ кунад..
Бо худ ар дар куфру дин ояд касе, маҳбуб нест,
Мухтасар он аст, кор аз рӯи огоҳӣ кунад.
Хуфтаи бедор бингар, оқили девона бин,
К-ӯ зи рӯи маърифат бе васл аллоҳӣ кунад.
То дар ин дорӣ, ба ҷуз бар ишқ дорой макун,
Ошиқи он кор худ з-оҳи саҳаргоҳӣ кунад.
Соҳире дон мар Саноиро, ки ӯ дар кӯи ақл
Ишқбозӣ бо хаёли турки хиргоҳӣ кунад.

❁ ❁ ❁

Мадумон дӯстӣ чунин накунанд,
Ҳар замон асби ҳаҷр зин накунанд.
Чангу озору хашм якбора
Мазҳабу эътиқоду дин накунанд.
Чун касеро ба меҳр бигзинанд
Дигареро бар ӯ гузин накунанд.

Дар рухи дӯстон камон накашанд,
Дар дили ошиқон камин накунанд.
Чун манеро ба ҷо раҳо кардан?
Дили бегонаро раҳин накунанд.
Рӯзу шаб ихтиёри меҳр кунанд,
Солу маҳ орзуи кин накунанд.
Чун вафо хубтар бувад, ки ҷафо
Он кунанд ихтиёру ин накунанд.
Бар самоъи ҳазин хуранд шароб,
Лек ушшоқро ҳазин накунанд.
Зулф пурчин зи баҳри фитнаи халқ
Ҳамчу зулфи бутони Чин накунанд.
Ин ҳама мекунию пиндорӣ,
Ки туро халқ пӯстин накунанд.
Макун, эй лӯъбати паризода,
Ки паризодагон чунин накунанд.
Ҳама, шоҳу гадову миру вазир
Баҳри дунё ба тарки дин накунанд.

❁ ❁ ❁

Гар солу умри ман ба сар ояд, раво бувад,
Анде, ки соли ишқ ҳамеша ба ҷо бувад.
Поёни ошиқӣ на падид аст то абад,
Пас солу моҳу вақт дар ӯ аз куҷо бувад?
Эй вою ҳасрато, ки агар ишқ як нафас
Дар солу моҳи умр зи ҷонам ҷудо бувад.
Эй омада ба тамъи висоли нигори хеш,
Нашнидаӣ, ки ишқи парирӯ бало бувад.
Парвонае заиф кунад ҷон фидои шамъ,
То пеши шамъ як назарашро сано бувад.
Дидори вай ҳамон бувад у сӯхтан ҳамон,
Гӯӣ бақои вай ҳама андар лиқо бувад.
Онро, ки зиндагиш ба ишқ аст, марг нест,
Ҳаргиз гумон мабар, ки мар ӯро фано бувад.

❂ ❂ ❂

Рӯи ӯ моҳ аст, агар бар моҳ мушк афшон бувад,
Қадди ӯ сарв аст, агар бар сарв лоластон бувад.
Гар раво бошад, ки лоластон бувад болои сарв,
Бар маҳи равшан раво бошад, ки мушк афшон бувад.
Дил чу гӯйу дӯст чун чавгон бувад ушшоқро,
То занахдонаш чу гӯйу дӯст чун чавгон бувад.
Гар зи ду Ҳорути ӯ дилҳо нажанд ояд ҳаме,
Дарди дилҳоро зи ду ёқути ӯ дармон бувад.
Ман ба ҷон марҷону луълуъро харидорӣ кунам.
Гар чу дандону лаби ӯ луълуъу марҷон бувад.
Рози ӯ дар ишқи ӯ пинҳон намонад, то маро
Рӯйи зарду оҳи сарду дидаи гирён бувад.
З-он ки ғаммозони ман ҳастанд ҳар се пеши халқ,
Ҳар куҷо ғаммоз бошад, роз кай пинҳон бувад?
Бар канори хеш Ризвон парварад ӯро ба ноз,
Ҳур бошад, ҳар кӣ ӯ парвардаи Ризвон бувад.
Ҳар замон гӯям ба ширинию покӣ дар ҷаҳон
Чун лабу дандони ӯ, ё раб, лабу дандон бувад?

❂ ❂ ❂

Аз ҳар чӣ гумон бурд дилам, ёр на он буд,
Пиндор буд он ишқу яқин ҷумла гумон буд.
Он ноз такаллуф буду он меҳр фусун буд,
В-он ишқ маҷозӣ буду он суд зиён буд.
Бар рӯй рақам шуд, шараре к-аз дилу ҷон тофт
В-аз дида бурун омад, дарде ки ниҳон буд.
Тавҳиди ман он зулфи бишӯлидаи ӯ буд,
Имони ман он рӯи чу хуршеди ҷаҳон буд.
Рӯзе, ки рақам буд бар ӯ давлати ислом,
Зулфе, ки дар ӯ муртадию куфр нишон буд.
Бинмуд руху Рум ба якбор бишӯрид,
Оини буту бутгарӣ аз дидани он буд.
Пас зулф барафшонду ҷаҳон куфр пароканд,
Алҳақ, зи чунон зулф мусалмон натавон буд.
Кӯе, ки дар ӯ пои азизон ҳама сар буд,
Роҳе, ки дар ӯ васли накӯён ҳама ҷон буд.

Аз хуни ҷигар селу зи дилпора дар ӯ хок,
Манзилгаҳаш аз оташи сӯзони дамон буд.
Бас ҷони азизон, ки дар он роҳ фано шуд,
Гӯру лаҳад он ҷо даҳани шери жаён буд.
Чун Каъбаи омол падид омада аз дур
Гуфтанд: Расидем, сари роҳ аз он буд.
Бар даргаҳи ту хору зи дидори ту навмед,
Бар хок нишастанд, ки ифлос баён буд.
Берун зи хаёле набуд он ҷо, ки назар буд,
Афзун зи ҳадисе набуд он ҷо, ки гумон буд.

❁ ❁ ❁

Бо ӯ дилам ба меҳру муваддат ягона буд,
Симурғи ишқро дили ман ошёна буд.
Бар даргаҳам зи шамъи фаришта сипоҳ буд,
Арши маҷид ҷоҳи маро остона буд.
Дар роҳи ман ниҳод ниҳон доми макри хеш,
Одам миёни ҳалқаи он дом дона буд.
Мехост, то нишонаи лаънат кунад маро,
Кард, он чӣ хост, одами хокӣ баҳона буд.
Будам муаллими малакут андар осмон,
Уммеди ман ба хулди барин ҷовидона буд.
Ҳафсад ҳазор сол ба тоат бибудаам,
В-аз тоатам ҳазор-ҳазорон хизона буд.
Дар лавҳ хондаам, ки яке лаънатӣ шавад,
Будам гумон зи ҳар касу аз худ гумон набуд.
Одам зи хок буду ман аз нури поки ӯ,
Гуфтам ягона ман бувāму ӯ ягона буд.
Гуфтанд моликон, ки накардӣ ту саҷдае,
Чун кардаме, ки бо манаш ин дар миёна буд?!
Ҷоно, биёву такя ба тооти худ макун,
К-ин байт баҳри биниши аҳли замона буд.
Донистам оқибат, ки ба мо аз қазо расид,
Сад чашма он замон зи ду чашмам равона буд.
Эй оқилони ишқ, маро ҳам гуноҳ нест,
Раҳ ёфтан ба ҷонибашон бе ризо набуд.

❂ ❂ ❂

Ошиқ машавед, агар тавонед,
То дар ғами ошиқӣ намонед.
Ин ишқ ба ихтиёри кас нест,
Донам, ки ҳамин қадар бидонед.
Ҳаргиз набаред номи ошиқ,
То дафтари ишқ барнахонед.
Оби рухи ошиқон марезед,
То об зи чашми худ наронед.
Маъшуқа вафои кас начӯяд,
Ҳарчанд зи дида хун чаконед.
Ин аст ризои ӯ, ки акнун
Бар рӯи замин яке намонед.
Ин аст сухан, ки гуфта омад,
Гар нест дуруст, бармахонед.
Бисёр ҷафо кашид, охир,
Ӯро ба муроди ӯ расонед.
Ин аст насиҳати Саноӣ:
Ошиқ машавед, агар тавонед.

❂ ❂ ❂

Беҳуда чӣ шинед, агар марди масофед,
Хезед ҳаме, гар зи дари дӯст тавофед.
Аз ҷониби худ ҳар ду ҷаҳон ҳеч маҷӯед,
Ҷуз ҷониби маъшуқ агар сӯфии софед.
Чун моя ҳаме дар паи як суд бидодед,
Он гоҳ кунам ҳукм, ки дар сарфи сарофед.
То барнаканӣ ҷону дил аз ғайри дилором,
Даъвӣ макунед сафвату беҳуда малофед.
Доред сар, эй тоифа, дасте ба ҳам оред,
В-арна саратон додам, хезед, муофед.

❂ ❂ ❂

Мири хубонро кунун маншури хубӣ даррасид,
Мамлакат бар вай саҳӣ шуд, мулк бар вай орамид.

Нома он номаст, к-акнун дилбаре хоҳад навишт,
Парда он пардаст, к-акнун ошиқе хоҳад дарид.
Дилбаронро ҷон ҳаме бар рӯи ӯ бояд фишонд,
Навхатонро май ҳаме бар ёди ӯ бояд чашид.
Офати ҷонҳои мо шуд хатти дилбандаш, валек
Офати ҷонро зи бутрӯён ба ҷон бояд харид.
Гӯӣ акнун рост шуд ваш-шамс андар осмон,
Ояти «вал-лайл» карду «ваз-зуҳо» андаркашид.
Гар зумуррад гирди беҷодаш падид омад, чӣ шуд,
Хуррамӣ бояд, ки андар сабза зеботар набид.
Ҳар чӣ умраш беш гардад, беш гардонад замон
Чун ғазалҳои Саноӣ тарӣ андар вай падид.
Кай табаҳ гардонадаш ҳаргиз ба дасти рӯзгор,
Сурате, к-Эзид барои ишқбозӣ офарид.

❁ ❁ ❁

Лашкари шаб рафту субҳ андар расид,
Хезу маҳрӯё, фаро овар набид.
Чашми масти пурхуморат боз кун,
К-аз нишотат сабрам аз дил барпарид.
Мутриби сармастро овоз деҳ,
Чун зи майхона асир андар расид.
Пур макун ҷом, эй санам, имшаб чу дӯш,
К-ат ҳама ҷома чакона барчакид.
Нест гӯӣ он ҳикоят, ростӣ,
Хуни дил бар гирди чашми мо давид.
Кист, к-аз ишқат на бар хок уфтод,
Кист, к-аз ҳаҷрат на ҷома бардарид.
Чун хатат туғрои шоҳаншоҳ ёфт
Аз фано хат кард, олам баркашид.
Аз Саноӣ зортар дар ишқ кист?
Ё чу ту дилбар ба зебоӣ кӣ дид?

❁ ❁ ❁

Эй ёр, бетакаллуф моро набид бояд
В-ин қуфли ранҷи моро имшаб калид бояд.

Ҷому самоъу шоҳид ҳозир шуданд, боре
В-ин ҳирқаҳои даъвӣ бар ҳам дарид бояд.
Имону зоҳидиро барҳам шикаст бояд,
Зуннори роҳибиро аз ҷон харид бояд.
Аз рӯи он санавбар моро чароғ бояд,
В-аз зулфи он ситамгар моро газид бояд.
Ҷоме баҳои ҷоне бистон зи дасти дилбар,
Омад мурод ҳосил, акнун мурид бояд.
Чун мутрибони хушдил гаштанд ҷумла ҳозир,
Пое бикӯфт бояд, байте шунид бояд.
Эй соқии суманбар, дардеҳ ту бодаи тар,
Зеро сабӯҳи моро «ҳал мин мазид» бояд.
Аз бодаи ту мастанд, эй дӯст, ин азизон,
Ранҷу анои мастон акнун кашид бояд.
Соле бирафт, ногаҳ рӯзе ду ид дидам,
Он ҳар ду ид имрӯз хуштар зи ид бояд.
Аз бӯстони раҳмат ҳолӣ карона ҷӯед,
Чун дар сарои ҳиммат меорамид бояд.
Аз гуфтани иборат гар ибрате нагирӣ,
Дар гардани ишорат маънӣ газид бояд.
То дар макони амнӣ, харпушта зан, фуруд ой,
Чун вақти кӯчат омад, пое кашид бояд.
Ин ҷо бубанд муҳкам, к-он ҷо кушода гардӣ,
Он ҷо, ки то наёяд, ин ҷо ҷакид бояд…

❁ ❁ ❁

Мусулмон нестам, ҷоно, гарам ҷон бе ту кор ояд,
Куҷо бе васли марҷони ту мар-ҷонро қарор ояд.
Маро марҷон лабат бояд, чӣ хоҳам кард марҷонро?
Чу омад васли марҷонат, маро ҷон сад ҳазор ояд.
На марҷонро зи марҷонат ҳаме ҷонон дареғ ояд,
Вале марҷон-тро ҷонон, зи марҷон бу-к ор ояд.
Замоне ҷонам ар, ҷоно, зи марҷонат ҷудо монад,
Ту дарёҳои марҷон бин, ки мар ҷонро нисор ояд.
Мадеҳ ҷони Саноиро ба дасти ҳаҷри марҷонат,
Ки чун вай дар ҳама олам кутуб дар ишқи ёр ояд.

* * *

Ҳар киро дар дил хумори ишқу барноӣ бувад,
Кори ӯ дар ошиқӣ зорию расвоӣ бувад.
Ин манам зоре, ки аз ишқи бутон шайдо шудам,
Оре, андар ошиқӣ зорию шайдоӣ бувад.
Эй нигорин, чанд фармоӣ шикебоӣ маро?
Бо ғами ишқат куҷо дар дил шикебоӣ бувад.
Мар маро гуфтӣ: Чаро бар рӯи ман ошиқ шудӣ?
Ошиқӣ, ҷоно, на худкомию худроӣ бувад.
Шуд дилам сафроӣ аз дасти фироқи ин ҷамол,
Он ки сафроӣ нашуд дар ишқ, савдоӣ бувад.
Он кӣ як соат дил овурду бибурду боз дод,
Бар ҳақиқат дон, ки ӯ дар ишқ ҳарҷоӣ бувад.
Аз суханҳои Саноӣ сер кай гарданд худ,
Ҷуз касе, к-ӯ дар раҳи таҳқиқи биноӣ бувад.
Аз ҷамоли Юсуфӣ серӣ наёбад ҷовидон,
Ҳар киро бар ҷону дил ишқи Зулайхоӣ бувад.

* * *

Ҷоно, зи ғами ишқи ту ман зорам, ман зор,
Аз тӯдаи сисанбар дар борам, дар бор.
Ҳарчанд ки безор шудам ман зи ҷафоҳот,
З-ин мояи безорӣ безорам, безор.
То дар кафи андӯҳ бимондаст дили ман,
З-ин меҳнату андӯҳ бар озорам, озор.
Аз баҳри ризои дили ту аз дилу аз ҷон
Эй дӯст, ба ҷони ту, ки оворам, овор.
Эй рӯи ту чун рӯзу ду зулфайни ту чун шаб
Пайваста шаб аз ишқи ту бедорам, бедор.
Эй нуқтаи хубию накӯӣ, ба ҳама вақт
Гардандаи ишқи ту чу паргорам, паргор.
Бекор наям аз ғамат, эй моҳ, шабу рӯз,
Бар даргаҳи савдои ту бар корам, бар кор.
Дар каъбаи тимор агарчанд муқимам,
Эй ёр, чунон дон, ки ба хамморам, хаммор.

Аз ишваи ишқи ту агар маст шудам, маст,
Аз хӯрдани андӯҳи ту ҳушёрам, ҳушёр.
Аз ҳаҷри ту наздики Саноӣ чу рухи ту
Андар чамани ишқ ба гулзорам, гулзор.

❁ ❁ ❁

Моро мадор хор, ки мо ошиқему зор,
Бемору дилфигору ҷудо монда аз нигор.
Моро магӯй сард, ки мо ранҷ дидаем
Аз гашти осмону зи осеби рӯзгор.
З-ин саъбтар чӣ бошад, з-ин бештар, ки ҳаст
Беморию ғарибию тимори ҳаҷри ёр.
Ранҷи дигар махоҳу бар ин-бар фузун маҷӯй,
Моро бас аст, ин ки бар ӯ омадаст кор.
Бар мо ҳалол гашт ғаму нолаву хурӯш,
Чунонки шуд ҳаром маи нӯши хушгувор.
Моро ба назди ҳеч касе зинҳор нест,
Хоҳем зинҳор ба рӯзе ҳазор бор.

❁ ❁ ❁

Зиҳӣ ҳусну зиҳӣ ишқу зиҳӣ нуру зиҳӣ нор,
Зиҳӣ хатту зиҳӣ зулфу зиҳӣ мӯру зиҳӣ мор.
Ба наздики ман аз ишқ, зиҳӣ шӯру зиҳӣ шарр,
Ба даргоҳи ту аз ҳусн зиҳӣ кору зиҳӣ бор.
Ба болову камаргоҳу ба зулфайну ба мижгон
Зиҳӣ тиру зиҳӣ тору зиҳӣ қиру зиҳӣ қор.
Яке гулбуне аз рух гулат ақлу гулат ишқ,
Зиҳӣ беху зиҳӣ шоху зиҳӣ баргу зиҳӣ бор.
Биҳишт аз туву гардун, ҳавос аз туву аркон,
Зиҳӣ ҳашту зиҳӣ ҳафту зиҳӣ панҷу зиҳӣ чор.
Бар ин фарқу бар ин дасту бар ин рӯю бар ин дил
Зиҳӣ хоку зиҳӣ боду зиҳӣ обу зиҳӣ нор.
Миёни хираду рӯҳ ду зулфайну ду чашмат
Зиҳӣ ҳаллу зиҳӣ иқду зиҳӣ гиру зиҳӣ дор.
Ҳама дилсӯхтагонро зи сар(и) зулфу занахдон-т
Зиҳӣ ҷоҳу зиҳӣ чоҳу зиҳӣ банду зиҳӣ бор.

Ба наздики Саноист зи ишқи туву ғайрат,
Зиҳӣ ному зиҳӣ нангу зиҳӣ фахру зиҳӣ ор.

❁ ❁ ❁

Ҳаме барорад мушкин хаташ сар аз гулзор,
Чу ними доира ду зулфи доиракирдор.
Ҳамепечад зулфаш чу мор бар рухи ӯ
Ҳар оина чу бар оташ бувад, бипечад мор.
Ду зоғ лолапарастанд гирди лоласитон,
Ба барқи лола фурӯ бурда қиргун минқор.
Гаҳе бунафша чаранду гаҳе суман сипаранд,
Гаҳе нигоргаранду гаҳе тирози нигор.
Гаҳе чу силсила гарданду гоҳ чун чавгон,
Гаҳе мушаъбаду гаҳ пойкӯбу гаҳ аттор.

❁ ❁ ❁

Эй ниҳода бар гул аз мушки сиёҳ печон чу мор
Ҳин, ки аз олам баровард он ду мори ту димор.
Рӯи ту дар ҳар диле афрӯхта шамъу чароғ,
Зулфи ту дар ҳар тане ҷон сӯхта парвонавор.
Ҳар куҷо бӯест, хаттат тохта он ҷо сипоҳ,
Ҳар куҷо рангест, холат сохта он ҷо қарор.
Оташи ишқат бибурда оламеро обрӯй,
Боди ҳиҷронат нишонда кишвареро хоксор.
То туро бар ёсамин руст аз бунафша барги вард,
Ошиқонро заъфарон руст аз суман бар лолазор.
Юсуфи аср ар наӣ, пас, чунки андар ишқи ту
Хунфишон Яъқуб бинам ҳар замоне сад ҳазор.
Моҳро монӣ, ғалат кардам, ки мар хуршедро
Нурманд аз хоки пои туст нуронӣ узор.
Корвони ишва бигзоранд ғаввосони даҳр
Гар наҳанги ишқи ту бихромад аз дарёи кор.
Гар барандозӣ ниқоб аз рӯи рӯҳафзои худ
Рахт бардорад зи кайҳон заҳмати лайлу наҳор…

❁ ❁ ❁

Ҳар кӣ ӯ маъшуқ дорад, гӯ чу ман айёр дор,
Хушлабу ширинзабон хушайшу хушгуфтор дор.
Ёри маънидор бояд, хоса андар дӯстӣ,
То тавонӣ, дӯстӣ бо ёри маънидор дор.
Аз азизӣ гар нахоҳӣ то ба хорӣ уфтӣ,
Рӯи некӯро азизу молу неъмат хор дор.
Моҳи Туркистон басе аз моҳи гардун хубтар,
Маҳ зи Туркистон гузин ва-з моҳи гардун ор дор.
Зулфи анбарбор гиру ҷоми моломол каш,
Дӯстӣ бо ҷому бо зулфайни анбарбор дор.
В-ар ҳаме хоҳӣ, ки гардад кори ту ҳамчун нигор,
Чун Саноӣ хештан дар ишқи ӯ бар кор дор.

❁ ❁ ❁

Эй ман ғуломи ишқ, ки рӯзе ҳазор бор,
Бар ман ниҳад зи ишқи буте сад ҳазор бор.
Ин ишқ ҷавҳарест бад-он ҷо, ки рӯй дод,
Бар ақли зиракон бизанад роҳи ихтиёр.
Ҷуз ишқу ихтиёр ба майдони ному нанг
Номардро зи мард кӣ кардаст ошкор?
Ҷуз дарди ишқ ғамзаи маъшуқро кӣ кард
Бар ҷони ошиқон батар аз захми зулфиқор?
Ин даст ишқрост, ки дар пои некувон
Ҳар соат ар бихоҳад, ҷонҳо кунад нисор.
Дар ишқ нест заҳмати тамйиз, баҳри он-к
Дар боғи ишқи дӯст ба нархи гул аст хор.

❁ ❁ ❁

Эй Саноӣ, хезу дардеҳ он шароби бехумор,
То замоне май хурем аз дасти соқӣ бешумор.
Аз нишоти он ки доим дар сарам мастӣ бувад,
Умрҳо хуш бигзаронам бар умеди ғамгусор.
Ҳаст хуш бошад касеро, к-ӯ зи худ бошад барӣ,
Хуш бувад мастию ҳастӣ, хоса бар рӯи нигор.
Ман ба ҳақ боқӣ шудам, акнун ки аз худ фониям,
Ҳон, зи худ фонии мутлақ шав, ба Ҳақ шав устувор.

Дил зи худ бардор, эй ҷон, то ба Ҳақ фонӣ шавӣ,
Он ки аз худ фориғ омад, фард бошад пеши ёр.
Ман ба худ қодир наям, зеро ки ҳастам з-обу гил,
Чун бувам ҷое, ки ҳастам чун ятиме дилфигор?!

❁ ❁ ❁

Зинҳор, эй ёри гулрух, зинҳор,
Бегунаҳ бар ман макун тезӣ чу хор.
Лолаи худрӯям, аз фурқат макун
Ҳуҷраи ман з-ашки хун чун лолазор.
Чун шугуфа гирди бадаҳдӣ магард,
То магар боқӣ бимонад чун чанор.
Чун бунафша хуфтаам дар хидматат,
Пас, мадорам чун бунафша сӯгвор.
З-он ки ҷонҳоро фироқат чун суман
Як-ду ҳафта беш надҳад зинҳор.
Бош бо ман тоза чун шоҳиспарам,
То нагардам ҳамчу хайрӣ дилфигор.
Аз сари лутфу зарифӣ хуш бизӣ,
Ҳамчу савсан то зиӣ озодавор.
Ҳамчу сисанбар бипажмурдам зи ғам,
Як раҳ аз абри вафо бар ман бибор.
Чун нахӯрдам бодаи васлат чу гул,
Ҳамчу наргис пас мадорам дар хумор.
Эй ҳамеша тозаву тар ҳамчу сарв,
Ашкам аз ҳиҷрон макун чун гуланор.
Ҳавзҳо кун гулбунонро аз арақ,
То чу нилуфар дар ӯ гирам қарор.
З-он ки аз баҳри Саноӣ ҳар замон
Бар фарози сарву тарфи ҷӯйбор
Булбулу қумрӣ ҳамегӯянд хуш,
Зинҳор, эй ёри гулрух, зинҳор.

❁ ❁ ❁

Ҳар киро дар дил бувад бозори ёр,
Умру ҷону дил кунад дар кори ёр.

Хоса он бедил, ки чун ман як замон
Бар замин нашкебад аз дидори ёр.
Кабкро бин, то чӣ гуна шуд хиҷил
З-он карашма кардану рафтори ёр.
Бингар андар гул, ки ришват чун диҳад
Хун шавад лаъл аз паи рухсори ёр.
Дар ҷаҳон фирдавси аъло дорад, он-к
Як нафас будаст дар пиндори ёр.
Дар ҳама олам надидам лаззате
Хуштару ширинтар аз гуфтори ёр.
Ҳамчу санг ояд маро ёқути сурх
Бе лаби ёқути шаккарбори ёр.
Боди нӯшин дӯш, гуфтӣ, ногаҳон
Чини зулф ошуфт бар гулнори ёр.
З-он қабил имрӯз мушколуд гашт
Хонаву бому дару девори ёр.
Рашки лаълу луълуъ андар кону баҳр
З-он ақиқу луълуъи шаҳвори ёр.
Шуд дилам мискин мани дар ғам нажанд,
Ман надонам пеш аз ин ҳинҷори ёр.
Даст бар сар монд чун каждум дилам
З-он ду зулфайни сияҳ чун мори ёр.
Ҳушу ақлам бурдаанд аз дил тамом
Он ду наргис бар рухи чун нори ёр.
Мар Саноиро фитад ин нодира,
Чун Муиззӣ гуфт аз ахбори ёр:
«Он чи ман мебинам аз озори ёр,
Барбигӯям, бишканам бозори ёр».

❁ ❁ ❁

Чун рух ба сароб орӣ, эй маҳ, ба шароб-андар,
Иқболгиё рӯяд дар айни сароб-андар.
В-ар рои кабоб орӣ аз шукр шикореро
Алҳамдкунон ояд ҷонаш ба кабоб-андар.
Ҷуллоби хирад бошад ҳар гаҳ, ки ту дар маҷлис
Аз шарм баромезӣ шаккар ба гулоб-андар.

Рози «Аранӣ раббӣ» дар сина падид ояд,
Гар захм занад моро чашми ту ба хоб-андар.
Ҷонҳо ба шитоб орад лаълат ба даранг андар,
Дилҳо ба даранг орад лаълат ба шитоб-андар.
Ҳар лаҳза яке Исо аз парда бурун орӣ,
Марямкадаҳо дорӣ гӯӣ ба ҳиҷоб-андар.
Лутфи ту баромезад покӣ ба нигоҳ андар,
Қаҳри ту барангезад деве ба шаҳоб-андар.
Мову туву қаллошӣ, чӣ бок ҳаме бо ту,
Ронад писари Марям харро ба халоб-андар.
Ҳар рӯз биҳиште нав моро бидиҳӣ з-он лаб,
Дандон назанӣ бо мо ҳаргиз ба савоб-андар.
Донӣ, ки хароботем аз зилзилаи ишқат,
Кам рои хироҷ ояд шаҳро ба хароб-андар.
Моро зи миёни мо чун кард бурун ишқат,
Акнун ҳама худ хон, худ, моро ба хитоб-андар.
Мо гар ту шудем, эй ҷон, нашгифт, ки дар қувват
Дурроҷ уқобе шуд, чун шуд ба иқоб-андар.
Эй гавҳари рӯҳи мо, дар ҳам шуда бо ишқат
Чун бӯй ба бод-андар, чун ранг ба об-андар.
Ё раб, чи лабе дорӣ, к-аз баҳри салоҳи мо
Ҷуз об намебошад бо мо ба шароб-андар.
Аз дил чи кунӣ вақте дар ишқ суолеро
Дар гӯши талаб ҷонро чун шуд ба ҷавоб-андар.
Шеъре ба суҷуд ояд ашъори Саноиро,
Ҳар гаҳ ки ту бисроӣ шеъраш ба рубоб-андар.

❁ ❁ ❁

Дар шаҳр мард нест зи ман нобакортар,
Модар писар назод зи ман хоксортар.
Муғ бо муғон ба тавъ зи ман ростгӯйтар,
Саг бо сагон ба табъ зи ман созгортар.
Аз муғ ҳазор бор манам зишткештар,
В-аз саг ҳазор бор манам зиштко́ртар.
Ҳарчанд донам ин ба яқин, к-аз ҳама ҷаҳон
Касро зи ҳоли ман набувад кор зортар.

Ин аст ҷои шукр, ки дар мавқифи ҷалол
Навмедтар касе бувад уммедвортар.

❂ ❂ ❂

Ба вақти ёсумин, эй ёсуминбар,
Сурохӣ дар миёни ёсумин бар.
Ба ёди гул аз ин пас то расад гул,
Шароб андар миёни ёсумин бар.
Тараб кун, чун шудӣ маст, эй нигорин
Ҳариф андар миёни ёсумин бар.
Кунун бар гирд-гирди боғи хуррам,
Чу булбул дар миёни ёсумин бар.
Зи ишқи ёсумин булбул шабу рӯз,
Ҳаме бингар, миёни ёсумин бар.
Агар бидрид хоҳӣ ҷомаи ишқ,
Бирав, андар миёни ёсумин-бар.

❂ ❂ ❂

То кай аз номус ҳайҳот, эй писар,
Бомдодон ҷоми май ҳот, эй писар.
Соғаре пур кун зи хуни раз маро,
К-ин дилам хун шуд зи ғамҳот, эй писар.
Хуш бизӣ бо дӯстон, як дам бизан,
Дил бипардоз аз муҳиммот, эй писар.
Бар нишоту хуррамӣ як дам бизан,
Вақф кун айёму соот, эй писар.
Ҳар куҷо дилдодаи оворае
Бинӣ, ӯро кун муроот, эй писар.
Чанд бар тооти мо роҳат кунӣ,
Нест моро барги тоот, эй писар.
Ошиқони мастро вақти сабӯҳ
Суд кай бахшад мақолот, эй писар.
Ҳар замон хонӣ хароботӣ маро,
Чанд бошӣ з-ин муҳолот, эй писар?
Кошкӣ як дам гузорандӣ маро
Дар сафи аҳли харобот, эй писар.

❁ ❁ ❁

Моҳи маҷлис хонамат ё сарви бустон, эй писар,
Сарви майдон хонамат ё шоҳи майдон, эй писар?
Оби ҳайвон дорӣ андар дурру марҷон, эй писар,
Дурру марҷон хонамат ё оби ҳайвон, эй писар?
Боғи хандонӣ ба ишрат, моҳи тобонӣ ба лутф
Боғи хандон хонамат ё моҳи тобон, эй писар?
Ромиши ҷонӣ ба лутфу фахри ҳуронӣ ба лутф,
Фахри ҳурон хонамат ё ромиши ҷон, эй писар?
Дарду дармонӣ ба ғамза, шаккару шаҳдӣ ба лаб,
Шаҳду шаккар хонамат ё дарду дармон, эй писар?
Куфру имонӣ ба рӯю зӯҳду фисқӣ дар сухан,
Зӯҳду фисқат гӯяме, ё куфру имон, эй писар?
Аҳду паймон дорию бадаҳду бадпаймон ҳаме,
Бевафо гӯям туро ё аҳду паймон, эй писар?

❁ ❁ ❁

Ҳар замон чанг бар канор магир,
Дили мискини ман шумор магир.
Як замон дар канор гир маро,
В-ар нагирӣ, зи ман канор магир.
Ҷуз ба меҳри ту майл нест маро,
Ҷуз маро дар замона ёр магир.
Гар нахоҳӣ, ки беқарор шавам,
Ҷуз ба наздики ман қарор нагир.
Бар Саноӣ зи даҳр бедод аст,
Ту кунун табъи рӯзгор магир.
Ба ҳама умр агар кунад гунаҳе,
Як гунаҳро аз ӯ ҳазор магир.

❁ ❁ ❁

Сукути маънавиёнро биёву кор бисоз,
Либоси муддаиёнро бисӯзу дур андоз.
Сукути маънавиён чист? Аҷзу хомӯшӣ,
Либоси муддаиён чист? Гуфтугӯи дароз.
Маро, ки фитнаву парвонаи бало карданд,
Ҳазор машъалаи шамъ бо дилам анбоз.

Ба гирди хеш ҳамепарраму ҳамегӯям,
Гаҳе бисӯзад охир фазолика парвоз.
Киромхонаи дилро ҳамеша дар боз аст,
Накард ҳеч кас ин дар ба рӯи халқ фароз.
Ба бурда шод мабошу зи монда тира машав,
Бирав, бибоз, биёру ҳаме бибозу бибоз.

❁ ❁ ❁

Кард маро ишқи ту дарво ҳанӯз,
К-аз ту дилам нест шикебо ҳанӯз.
Сангдило, ин дили бадмеҳри ман
Ишқи туро ҳаст муҳайё ҳанӯз.
Чашми ман аз дида зи андӯҳи ту
Ҳаст ба монандаи дарё ҳанӯз.
Он чи ғамат кард ниҳон бо дилам,
Ҳаст маро бар рух пайдо ҳанӯз.
Пир шудам дар ғамат, эй моҳу ту
Ҳамчу гули тозаву раъно ҳанӯз.
Фард шудам аз дилу ҷон, эй парӣ,
То кай аз ин ваъдаи фардо ҳанӯз?

❁ ❁ ❁

Бо тобиши зулфу рухат, эй моҳи дилафрӯз,
Аз шоми ту қадр ояду аз субҳи ту Наврӯз.
Аз ҷунбиши мӯи ту барояд ду гул аз мушк,
В-аз тобиши рӯи ту барояд ду шаб аз рӯз.
Даргард яке гирди дили мову дар он дил
Гар ҷуз ғами худ ёбӣ, оташ зану бифрӯз:
Ҳарчанд ҳама дафтари ушшоқ бихондем,
Бо ин ҳама дар ишқи ту ҳастем навомӯз.
Дар мамлакати ошиқӣ аз пиставу бодом
Зулфи ту ҷаҳонгир шуд, он ғамза ҷаҳонсӯз.
То дидаи мо ҷуз ба ту ором нагирад,
Аз бӯса-ш мӯҳре кун, в-аз ғамза-ш бардӯз.

Бо ҳаҷри ту ҳар шаб зи паи васли ту гӯям:
Ё раб, ту шаби ошиқу маъшуқ макун рӯз.

❁ ❁ ❁

Дилбари ман айни камол асту бас,
Чеҳраи ӯ асли ҷамол асту бас.
Бар сари кӯи ғами ӯ мардро
Ҳар чӣ нишон аст, вубол асту бас.
Дар раҳи ӯ ҷустани мақсуд аз ӯ
Ҳам ба сари ӯ, ки муҳол асту бас.
Аз ҳама хубӣ, ки биҷӯӣ зи дӯст,
Бӯсае аз дӯст ҳалол асту бас.
Чанд ҳамепурсӣ: Дини ту чист?
Дини ман имрӯз суол асту бас.
Назди ту иқбол давом асту изз
Назди ман иқбол завол асту бас.
Ҳоле ёбам, чу кунам ёд аз ӯ
Дини ман он соат ҳол асту бас.
Парда манам, пеш чу бархостам,
Аз паси он парда висол асту бас.

❁ ❁ ❁

Чун ту намудӣ ҷамол, ишқи бутон шуд ҳавас,
Рав, ки аз ин дилбарон хор ту дорию бас.
Бо рухи ту кист ақл, ҷуз ки яке булфузул,
Бо лаби ту кист ҷон, ҷуз ки яке булҳавас.
Куфр муаттал намуд зулфату дини ҳаким,
Нони муаззин бибурд рӯяту оби асас.
Бо руху бо зулфи ту дар сари бозори ишқ
Фитна ба майдон-дар аст, офият андар ҷарас.
Рӯи ту аз дил бибурд манзалату қадри ноз,
Мӯи ту аз ҷон бибурд тӯшу тавону ҳавас.
Ҷазъи ту бар ҳам гусаст бар ҳама мардон зиреҳ,
Лаъли ту бар ҳам шикаст бар ҳама мурғон қафас.
Дар бари ту бо самоъ бехатарон чун наҷиб,
Бар дари ту бо хурӯш бехабарон чун ҷарас.

Дояи ту ҳусни туст, мебарадат чаппу рост,
Сояи ту ишқи мост, медавадат пешу пас.
Ҳастии дарёи ҳусн аз паи ӯ ҳамчунон
Наъл паи туст дурр, тоҷи сари туст хас.
Кард маро ҳамчу субҳ рӯи чу хуршеди ту,
То ҳама бе ҷон занам дар раҳи ишқат нафас.
То ба ҳам овард сар он хати чун мӯрча,
Бар ҳама чизе нишаст ишқи ту ҳамчун магас.
Ҷони ҳама ошиқон бар лаби ту таъбияст,
Эй ҳама бо ту ҳама, бе лаби ту ҳеч кас.
Унси Саноӣ бас аст хоки сари кӯи ту,
Нури рухи Мустафо бас бувад унси Анас.

❁ ❁ ❁

Эй ман ғуломи рӯи ту, то дар танам бошад нафас,
Дармони ман дар дасти туст, охир, маро фарёд рас!
Дар достони ишқи ту пайдо нишони ишқи ман,
Дар корвони ишқи ман олам пур аз бонги ҷарас.
Некӯ бинашносам зи зишт дар ишқат, эй ҳуросиришт,
Ар бе ту бошам дар биҳишт, ояд ба чашмам чун қафас.
Аз наздат ар фармон бувад, ҷон доданам осон бувад,
Дорам зи ту, то ҷон бувад дар дил ҳаво, дар ҷон ҳавас.
Чашмам ба сони лолаҳо ашкам ба сони жолаҳо,
Ҳар соат аз бас нолаҳо бар ман фурӯ бандад нафас.
Эй бут, шаман пешат манам, ҷонам туию тан манам,
Гар кофару гар мӯъминам, меҳроби ман рӯи ту бас.
Ҳарчанд бегоҳу багаҳ камтар кунӣ бар ман нигаҳ,
З-ин карда бошам солу маҳ майдони ишқатро фарас.
Гар ҳури ҷаннат филмасал ояд бари ман бо ҳулал
Ман бо ту нагзинам бадал, ҷуз ту нахоҳам ҳеч кас.
Парҳез аз бадгӯи ту, з-он камтар ояд сӯи ту,
Пас, чун кунам к-ин кӯи ту як дам набошад бе асас.

❁ ❁ ❁

Эй зи мо сер омада, бидруд бош,
Мо на хушнудем, ту хушнуд бош.

Кушта моро гар фироқат, эй санам,
Ту ба хуни куштагон маъхуз бош.
Ғарқа дар дарёи ҳиҷрони туам,
Дилбаро, дарёб моро, зуд бош!
Ҳаҷри ту моро зиёниҳо намуд,
Ту ба васлат дигаронро суд бош.
Дар фироқат кори мо аз даст шуд,
Гар нагирӣ дасти мо, бидруд бош.
Дар нишоти компронию тараб
Дар ҷаҳон чандон ки гардун буд, бош!
Эй Саноӣ, дар шабистони ғамаш
Гарчи ҳамчун нор будӣ, дуд бош.

❁ ❁ ❁

Эй зи хубӣ маст, ҳон, ҳушёр бош,
В-ар зи мастӣ хуфтаӣ, бедор бош.
Аз шароби шавқи рӯят оламе
Гашта мастонанд, ҳон, ҳушёр бош.
Хештандорӣ кун андар корҳо,
Хасм бар кор аст, ҳон, бар кор бош.
Зинҳоре дорам андар гарданат
Зинҳор, эй бут бар он зинҳор бош.
Чун зи хасмон хештандорӣ кунӣ,
Даст бурдӣ бар ҷаҳон, солор бош.
Бар дару девори худ эмин мабош,
Барҳазар ҷон аз дару девор бош.
Кори ту бояд, ки бошад бар низом,
Корҳои ошиқон, гӯ, зор бош.
Гар Саноӣ аз ту бархурдор нест,
Ту зи бахти хеш бархурдор бош.

❁ ❁ ❁

Эй Саноӣ, дил деҳу дар банди коми худ мабош,
Роҳ рав чун бандагон, чун мурда бар манзил мабош.
Чун напошӣ оби раҳмат, нори заҳмат кам фурӯз
В-ар набошӣ хоки маънӣ, оби беҳосил мабош.

Роҳати ёрон набошӣ, офати эшон машав,
Сирати ҳақ чун набошӣ, сурати ботил мабош.
Дар миёни орифон ҷуз нуктаи равшан магӯй,
Дар китоби ошиқон ҷуз ояти мушкил мабош.
Дар манои қурб ёрон ҷон агар қурбон кунанд,
Ҷуз ба теғи меҳри ӯ дар пеши ӯ бисмил мабош.
Гар ҳамехоҳӣ, ки бо маъшуқ дар ҳавдаҷ бувӣ,
Бо адӯву хасми ӯ ҳамвора дар маҳмил мабош.
Гар шавӣ ҷон, ҷуз ҳавои дӯстро маскан машав
В-ар шавӣ дил, ҷуз нигоҳи ишқро қобил мабош.
Рӯй чун зӣ Каъба кардӣ, ройи бутхона макун,
Душманони дӯстро ҷуз ҳанзали қотил мабош.
Дар ниҳоди туст бо ту душмани маъшуқи ту,
Монеи ӯ гар наӣ, боре бад-ӯ мойил мабош.

❁ ❁ ❁

Чӣ расм аст он ниҳодан зулф бар дӯш,
Намудан рӯзро дар зери шабпӯш.
Гаҳ аз бодом кардан ҷаъбаи неш,
Гаҳ аз ёқут кардан чашмаи нӯш.
Баровардан барои фитнаи халқ,
Ҳазорон субҳдам аз як буногӯш.
Ту хуршедӣ, аз он пеши ту оранд
Фалакро аз маҳи нав ҳалқа дар гӯш.
Париву сарву хуршедӣ, валекин
Қадаҳ гиру камар банду қабо пӯш.
Гулу маҳ пеши ту бар минбари ҳусн
Ҳама омӯхта карда фаромӯш.
Саноиро харидастӣ тану ҷон,
Агар сад ҷон диҳандат, боз мафрӯш.

❁ ❁ ❁

Аз фалак дар тоб будам дию дӯш,
В-аз ғазаб бетоб будам дию дӯш.
Бо лаби хушк аз сиришки дидагон
Дар миёни об будам дию дӯш.

Гоҳ май хӯрдам, гаҳ аз баҳри дуо
Рӯй дар меҳроб будам дию дӯш.
Бе рухи ту дар миёни баҳри об
Бо набиди ноб будам дию дӯш.
Аз камоли ҳаҷр дар саҳрои дард
Тир дар партоб будам дию дӯш.
Сӯҳбати дидори ту ҷустам ҳаме,
Гарчи бо асҳоб будам дию дӯш.
Бе ту ларзону тапон бар рӯи хок,
Рост чун симоб будам дию дӯш.

❁ ❁ ❁

Эй ҷаҳонафрӯз дилбар, эй бути хуршедваш,
Фитнаи ушшоқи шаҳрӣ, шамсаи хубони каш.
Гоҳи он омад, ки аз васли ту бистонем дод
З-ин ҷаҳони ҳиласозу рӯзгори кинакаш.
Бодае хоҳем талху маҷлисе созем нағз,
Мутрибе ноҳидтабъу соқие хуршедваш.
Дар ҷаҳон моро кунун шаш чиз бояд, то бувад
Захми мо бар каъбатайни хуррамӣ имрӯз шаш.
Хонаи гарму ҳарифе зираку чанге ҳазин,
Соқии хубу шароби равшану маҳбуби х(в)аш.

❁ ❁ ❁

Дилам бурд он диляроме, ки дар чоҳи занахдонаш
Ҳазорон Юсуфи Миср аст пайдо дар гиребонаш.
Парирӯе, ки чун дев аст бар рухсору зулфайнаш,
Зиреҳ мӯе, ки чун тир аст бар ушшоқ мижгонаш.
Ба як дам мекунад зинда чу Исо мурдаро з-он лаб,
Дами Исост пиндорӣ миёни лаълу марҷонаш.
Ҳаловат аз шакар кам шуд, чу қимат оварад нӯшаш,
Аз ин ду чашми гирёнам аз он лабҳои хандонаш.
Надорад лаб кас аз ёқуту марвориди тар дандон,
Гарам бовар намедорӣ, биё, бингар ба дандонаш,
Ки то ҳар гавҳаре бинӣ, ки аксаш дар шаби торе,
Фурӯ резад чу меҳру моҳ бар ёқути гӯёнаш.

Агар пироҳани моҳам ба монанди фалак омад,
Аз он андар гиребонаш бувад хуршеди тобонаш.
Ва ё хуршед пиндорӣ ба пироҳан ҳаме ҳар шаб,
Фуруд ояд зи гардуну барояд аз гиребонаш.
Нишасти мо агар кӯҳ асту ӯ чун моҳ бар гардун,
Чаро ҳар ду ба ҳам бинам аз он рухсори рахшонаш.
Балову ғорати дилҳост он зулфайни ӯ, лекин
Ҳазорон дил чу ӯ ҷамъ аст дар зулфи парешонаш.

❁ ❁ ❁

Чун ниҳӣ зулфи тофта бар гӯш,
Чун ниҳӣ ҷаъди бофта бар дӯш,
Аз дили ман рамида гардад сабр,
В-аз тани ман парида гардад ҳуш.
На аҷаб, гар хурӯши ман бифузуд,
То шуд он орази ту ғолияпӯш.
Моҳ дар осмон сиёҳ шавад,
Халқи олам бароваранд хурӯш.
То ба вақти сапедадам як дам
Нағунудам ба дар ниҳода ду гӯш.
Хори ман гардад аз висоли ту гул,
Заҳри ман гардад аз ҷамоли ту нӯш.

❁ ❁ ❁

Дар ишқи ту, эй нигори хомӯш,
Бифрӯз маро ғамону шуд ҳуш.
Ман ишқи туро ба ҷон харидам,
Ту меҳри маро ба ёва мафрӯш.
Ҳаргиз нашавад ғамат зи ёдам,
Ту низ маро макун фаромӯш.
Шуд хоб зи чашми ман рамида,
То ҳаст ғами туам дар оғӯш.
Моро чӣ кашӣ ба чашми оҳуй,
Моро чӣ диҳӣ ту хоби харгӯш.
Овехта шуд дилам нигунсор
Ҳамчун сари зулфат аз бари дӯш.

То оби рухам фироқи ту рехт,
Омад дили ман зи дард дар ҷӯш.
То кай зи ту хоҳам истионат,
Як рӯз ҳадиси банда бинюш.
Гар заҳри ҳалоҳил аз ту ёбам,
Бо ёди ту заҳр боядам нӯш.
Имшаб бичаҳам зи ҷаври ишқат
Гар з-он ки наҷастам аз ғамат дӯш.

❁ ❁ ❁

Зи ҷазъу лаълат, эй симинбуногӯш,
Дилам пурнеш гашту табъ пурнӯш.
Ду ҷодуи каминсози камонкаш,
Ду наққоши шакарпоши гуҳарнӯш,
Ки пеши ину он ҷонрову дилро
Ҳазорон ғошияст имрӯз бар дӯш.
Чу бинам-т он дуто лаъли пур аз кибр,
Чу бинам-т он дуто ҷазъи пур аз ҷӯш,
Бад-ин гӯям: зиҳӣ хомӯши гӯё!
Бад-он гӯям: зиҳӣ гӯёи хомӯш!
Басо зуҳҳоди гетиро, ки бурдӣ
Бад-он лабҳои чун май мояи ҳуш.
Басо шерони оламро, ки додӣ
Зи чашми оҳувона хоби харгӯш.
Занӣ гулрову мулро хок дар чашм,
Чу андар маҷлис оӣ зулф бар дӯш.
Зи мастӣ боз карда банди курта,
Зи шӯхӣ kaҷ ниҳода тарфи шабпӯш.
Зи чашмат хона-хона дил шавад хун,
Зи лаълат чашма-чашма хун шавад нӯш.
Гурезад дар адам ҳар рӯзу ҳар шаб
Зи шарми рӯю мӯят чун дию дӯш.
Ту ҷонӣ, гар найӣ дар бар, аҷаб нест,
Ки ҷон дар ҷон дарояд, не дар оғӯш.
Нигоро, аз сари озодмардӣ
Ҳадиси дардноки банда бинюш.

Маро чун аз валӣ бихридаӣ дӣ,
Кунунам бар адӯ имрӯз мафрӯш.
Маро гуфтӣ: Фаромӯшам макун низ,
Ту рӯй аз баҳри ин махрошу махрӯш.
Ки гашт аз баҳри ҷазъу ёди лаълат
Саноиро фаромӯшӣ фаромӯш.

❀ ❀ ❀

Эй бас қадаҳи дурд, ки кардаст дилам нӯш
Дур аз лабу дандони шумо бехабарон дӯш.
Гаҳ бӯса ҳамедод бар он дурд лабу чашм,
Гаҳ ракс ҳамекард бар он холу дилу ҳуш.
Гаҳ акл ҳамегуфт, ки эй табъ, ту менол!
Гаҳ сабр ҳамегуфт, ки эй оҳ, ту махрӯш!
Дард омада бо дод, ки ҳин, эй сару тан, дод,
Ишқ омада бо неш, ки ҳон, эй дилу ҷон нӯш.
Дарде, ки ба афсона шунидам ҳаме аз халқ,
Аз илм ба айн омада в-аз гӯш ба оғӯш.
Дар ҳуҷраи чашм омад хуршеди хаёлаш,
Хуршед кӣ дидаст сияҳ карда буногӯш.
Дар ҳасрати он дидаи чун дидаи оҳу
Ин дида на дар хобу на бедор чу харгӯш.
Ҳайрат суи чашм омада, к-эй чашм, ту мангар,
Ғайрат сӯи гӯш омада к-эй гӯш, ту манюш.
Бо чашми сарам гуфта: туроему ту мангар,
Дар гӯши дилам хонда: туроем, ту махрӯш!
Завқ омада дар чашм, ки эй чашм, чунин чашм,
Шавқ омада дар гӯш, ки эй гӯш, чунин гӯш.
Ин худ сифати накши хаёлист, чӣ чиз аст
Ё раб, ки бубинам ба аён он рухи некӯш.
Ӯ булбула бар дасту хирад силсила дар пой
Ӯ ғолия бар гӯшу раҳи волия бар дӯш.
Дар ошиқӣ он ҷо, ки варо пой, маро сар,
Дар бандагӣ он ҷо, ки варо ҳалқа, маро гӯш.
Сад рӯҳ даровехта аз домани курта
Сӣ рӯз барангехта аз гӯшаи шабпӯш.

Овоза дарафтода ба ҳар ҷо, ки Саноӣ
Дар мактаби ӯ кард ҳама тахта фаромӯш.

❁ ❁ ❁

Бар ман аз ишқат шабехун буд дӯш,
Оби чашмам қатраи хун буд дӯш.
Дар дил аз ишқи ту дӯзах менамуд,
Дар канор аз дида Ҷайҳун буд дӯш.
Эй тавонгар ҳамчу Қорун аз ҷамол,
Ошиқ аз ишқи ту Қорун буд дӯш.
Эй ба рух моҳи замин бе рӯи ту,
Мӯниси ман моҳи гардун буд дӯш.
Бе ту дӯш аз умр нашмурдам ҳаме,
К-аз шумори умр берун буд дӯш.
Чун шаби дӯшин шабе ҳаргиз мабод,
К-аз ҳама шабҳо ғам афзун буд дӯш.

❁ ❁ ❁

Ало, эй дилрабои хуш, биё, к-омад баҳоре хуш,
Шароби талх моро деҳ, ки ҳаст ин рӯзгоре хуш.
Сазад, гар мо ба дидорат биёроем маҷлисро,
Чу шуд ороста гетӣ ба бӯи навбаҳоре хуш.
Ҳаме бӯем ҳар соат , ҳаме нӯшем ҳар лаҳза
Гул андар бӯстоне нав, мул андар марғзоре хуш.
Гаҳе аз дасти ту гирем чун оташ маи софӣ,
Гаҳе дар васфи ту хонем шеъри обдоре хуш.
Кунун дар интизори гул сарояд ҳар шабе булбул,
Ғазалҳои латифи хуш ба нағматҳои зоре хуш.
Шавад саҳро ҳама гулшан, шавад гетӣ ҳама равшан,
Чу хуррам маҷлиси олию боди мушкборе хуш.

❁ ❁ ❁

Эй ҷавр гирифта мазҳабу кеш,
Ин кибр фурӯ неҳ аз сари хеш.
Ҷуз хуб магӯ аз он лаби хуб,
Ҷуз хубию лутф ҳеҷ м-андеш.

То дур шудӣ зи пеши чашмам,
Ишқат чи санам ниҳода аз пеш.
Ҳар соат сабри ман шавад кам,
Ҳар соат дарди ман шавад беш.
Аз кешу тариқатам чӣ пурсӣ?
Ишқ аст маро тариқату кеш.
Гуфтам, бизиям ба ком бе ту,
Ҳаргиз назияд ба ком дарвеш.
То бо ту ҳариф шуд Саноӣ,
Бегона нишаст аз ҳама хеш.

❁ ❁ ❁

Он каждуми зулфи ту, ки зад бар дили ман неш,
Аз зарбати он захм дили нозуки ман реш.
Он ҷо, ки бувад анҷумани лашкари хубон,
Номи ту бувад аввалу пои ту бувад пеш.
Бингар, ки ҳаме бо ману бо ту чӣ кунад чарх,
Бар ҳар ду ҳаме чун шумарад макру фани хеш.
Ҳар шаб, ки кунад ишқ шикебоии ман кам,
Ҳам даргузарад хубию зебоии ту беш.
Эй рӯи ту Қорун шуда аз ҳусну малоҳат,
Аз ҳаҷри ту Қорунаму аз васли ту дарвеш.
Худ чун бувад охир ба ғами ҳаҷр гирифтор
Он кас, ки ба аввал набувад оқибатандеш?

❁ ❁ ❁

То ба бустонам нишондӣ бар бисоти инбисот,
Ногаҳонам дар бар овардиву мондӣ дар бисот.
Баргушод аз қаҳру лутфат лашкари қаҳрат камин,
То ба дилҳо-дар нигун шуд рояти унсу нишот.
Ман зи баҳри дӯстиҳо ҷону дил кардам сабил,
То бувам, корам ҷиҳоду то зиям, шуғлам работ.
Ихтилоти ишқи ту бо ҷони ман бошад ҳаме,
То бувад хуни маро бо хок рӯзе ихтилот.
Дар сарои дӯстӣ он беҳ, ки фарше афганам,
Хишти ӯ бошад зи ҷону хуни ӯ бошад малот.

То агар боре набошам бар бисоти дӯстон,
Хок бошам зери пои чокарон андар самот.
Эҳтиёту ҳазм кардам дар балову дарди ишқ,
Теғи тақдир омаду шуд пок ҳазму эҳтиёт.
Раҳ надонам ҷуз ба лутфат, гар кунӣ лутфе, сазост,
Раҳ надонад ҷуз ба пистон тифли хурд андар қумот.
Ҳар кӣ бигзорад сирот, ояд ба даргоҳи биҳишт,
Ман намебинам биҳишту беш рафтам сад сирот.
Аз дил омад бар Саноӣ: кас мабод андар ҷаҳон,
Гар намонад бар бисоти қурби шоҳон бе нишот.

❁ ❁ ❁

Ҳар муддаийе зи Қоф то Қоф,
Беҳуда зи ишқи ту занад лоф.
Сағба накунад малак рухатро
Сарфа набарад касе зи сарроф.
Шуд нури рухони ту равонсӯз,
Шуд кони камоли ту ҷигаркоф.
Эй шӯҳраи ту шаҳони олам,
В-эй ошиқи ту мулуки атроф.
Ҷавз аст туро зи лутф то каъб,
Дарёст маро зи ишқ то ноф.
Авсофи ту чун кунад Саноӣ,
К-аз ҳусн бурун шудӣ зи авсоф.

❁ ❁ ❁

Эй он, ки туро дар ту туӣ нест тасарруф,
Он беҳ, ки нагӯӣ ту суханро зи тасаввуф.
Дар кӯи тасаввуф ба такаллуф магузар ҳеч,
Зеро ки ҳаром аст дар ин кӯй такаллуф.
Дар ишваи хешӣ туву ин моя надонӣ,
Эй дӯст, туро аз ту туӣ нест тахаллуф.
Роҳест ҳақиқат, ки дар ӯ нест такаллуф,
Зинҳор макун дар раҳи таҳқиқ таваққуф,
То чанд ҳаме хонӣ «Минҳоҷ ба меъроҷ»
«Эҳёи улуми дин» бо «Шарҳи таарруф».

Менашнавад имрӯз Саноӣ ба ҳақиқат,
Бигрифт ба асрор раҳи ишқу таannуф.
Гар з-ин ки агар нашнавӣ, эй дӯст, аз ин пас
Бар шоҳиди Юсуф накунӣ қиссаи Юсуф.

❁ ❁ ❁

Эй зулфи ту банду доми ошиқ
В-эй рӯи ту нозу коми ошиқ.
Дар ҷустани ту басе ҷаҳонҳо
Бигзашта ба зери коми ошиқ.
Бинмой ҷамоли хешу бифзой
Дар манзалату мақоми ошиқ.
Аз шарбати лутфи хеш тар кун
Охир як рӯз коми ошиқ.
В-аз бораи васли хеш пур кун
Як шаб, санамо, ту ҷоми ошиқ.
Акнун ки ҳама ҷаҳон бидонист
Аз ишқи ту нангу номи ошиқ.
Бишнав ҷоно, ту аз Саноӣ,
То бигзорад паёми ошиқ.
Бар ошиқ агар салом накнӣ,
Боре бишунав саломи ошиқ.

❁ ❁ ❁

Чок зад ҷони падар, дасти сабо домани гул,
Хез, то ҳар ду хиромем ба пиромани гул.
Тира шуд абр чу зулфайни ту бар чеҳраи боғ,
То биёрост чу рӯи ту рухи равшани гул.
Ҳама шаб фохта то рӯз ҳаменолад зор
Зи ғами гул чу ман аз ишқи ту эй хирмани гул.
З-он ки гул бандаи рухсори хуши хуррами туст,
Дар ҳавои рухи ту дасти ману домани гул.
Гул бурун кард сар аз шох ба дил бурдани халқ,
То басе ишвагарӣ кард ҳаво бар тани гул.
То гули оrази ту дид, фурӯ рехт зи шарм
Бо гули оrази ту рост наёяд фани гул.

❁ ❁ ❁

Хештандорӣ кунед, эй ошиқон бо дарди ишқ,
Гарчи мо боре наем аз ишқбозӣ марди ишқ.
Мо ҳама даъвӣ кунем аз ишқу ишқ аз мо ба ранҷ,
Ошиқ он бояд, ки аз маънӣ бувад дарх(в)арди ишқ.
Ишқи фардӣ ҳаст қоим гар бар ӯ ҷонҳо бизад,
Покбозе к-ӯ, ки бошад ошиқу ҳамнарди ишқ.
Гарди ишқ он гоҳ бинӣ, к-оби рухро кам занӣ,
Оби рух дарбоз, то рӯзе расӣ дар гарди ишқ.
Хирасар то кай занӣ ҳамчун занон лофи дурӯғ,
Ночашида шарбати васлу надида фарди ишқ.
Ҳар кӣ ӯро нест оҳи сарду ҷони гармрӯ,
Бенасиб омад ҳаме чун ман зи гарму сарди ишқ.
Эй Саноӣ, тавба бояд кардан аз маънӣ туро,
Гар барояд мавкиби риндону бурдобурди ишқ.
Ашки сурхи ошиқону рӯи зарди бедилон
Гар надидастӣ, биё, бингар ба сурху зарди ишқ.

❁ ❁ ❁

То дили ман сайд шуд дар доми ишқ,
Бода шуд ҷони ман андар ҷоми ишқ.
Он бало к-аз ошиқӣ ман дидаам,
Боз чун афтодаам дар доми ишқ.
Дарзамонам масту бесомон кунад
Ҷоми шӯрангези дардошоми ишқ.
Ман худ аз биму балои ошиқӣ
Бар забон менагзаронам номи ишқ,
Эй аҷабтар, к-аз ҳама халқи ҷаҳон
Назди ман бошад ҳама ороми ишқ.
Ҷону дину дил ҳаме хоҳад зи ман
Ин будаст аз сӯи ҷон пайғоми ишқ.
Ҷону дину дил фидои ишқ бод,
То магар як раҳ барояд коми ишқ.

❁ ❁ ❁

То ҷаҳон бошад, нахоҳам дар ҷаҳон ҳиҷрони ишқ,
Ошиқам бар ишқу ҳаргиз нашканам паймони ишқ.

То ҳадиси ошиқию ишқ бошад дар ҷаҳон
Номи ман бодо навишта бар сари девони ишқ.
Хатти қаллошӣ чу ишқи некувон бар ман кашанд
Шарт бошад, барниҳам сар бар хати фармони ишқ.
Дар миёни ишқ ҳоле дорам аз хушшӣ чунон-к
Ҷон барафшонам ҳаме аз хуррамӣ бар ҷони ишқ.
Дар хами чавгони зулфи дилбарон андохт дил
Ҳар кӣ бо хубон саворӣ кард дар майдони ишқ.
Ман дар ин майдон саворӣ кардаам, то лоҷарам
Кардаам дил ҳамчу гӯй андар хами чавгони ишқ.
Дар ҷаҳон бурҳони хубӣ шуд бути дилдори ман,
То шуд ӯ бурҳони хубӣ, ман шудам бурҳони ишқ.

❁ ❁ ❁

Аз ҳаллу аз ҳаром гузаштаст коми ишқ,
Ҳастию нестист ҳалолу ҳароми ишқ.
Тасбеҳу дину савмаа омад низоми зӯҳд
Зуннору куфру майкада омад низоми ишқ.
Холист роҳи ишқ зи ҳастӣ бар он сифат,
К-аз рӯи ҳарф пардаи ишқ аст номи ишқ.
Бар наъти ишқ мӯҳра фурӯ боз, баҳри он-к
Аз айну шину қоф табаҳ шуд қавоми ишқ.
Чандин ҳазор ҷони муқимон сафар гузид
Ҷоне ҳанӯз такя назад дар мақоми ишқ,
Ин турфатар, ки ҳар ду ҷаҳон пок шуд зи даст
Бо ин ҳанӯз гардани мо зери вомиишқ.
Бархост ихтиёру тасарруф зи феъли мо
Чун кам задем хештан аз баҳри коми ишқ.
Андар куништу савмаа бе биму бе умед
Дарбохтем сад алиф аз баҳри ломи ишқ.
Бардошт пардаҳои ташобуҳ зи баҳри мо
То рӯй дод сӯи дили мо паёми ишқ.
Мастӣ ҳамекунам зи шароби бало, валек
Ҳар рӯз бартар аст чунин издиҳоми ишқ.
Озода мондаем зи кому ҳавои хеш,
То гаштаем аз сари маънӣ ғуломи ишқ.

Дом аст роҳи ишқу ниҳода ба шоҳроҳ
Бо дому банди халқ Саноӣ ба доми ишқ.
З-он давлате, ки бехабаронро насибаест,
Гум бод номи ошиқу гум бод номи ишқ.
Чун Юсуфи Саид бифармудам ин ғазал,
Бодо давоми давлати ӯ чун давоми ишқ.

❁ ❁ ❁

Эй булбули васли ту тарабнок,
В-эй ғамза-т заҳру ханда тарёк.
В-эй ҷони дусад ҳазор ошиқ,
Овехта аз дуволи фитрок.
Афлок тавонгар аз ситора
Дар ҷанби ситораи ту мағлок.
Дар банди ту сарзанони гардун,
Бо тавқи ту гарданони сарнок.
Аз баҳри шумориши ситора
Пешонии моҳ тахтаи хок.
Аз зулфи ту сад ҳазор манзил
То рӯи ту ваҳмаи хатарнок.
Эй нақши нигини ту лаамрук,
В-эй хилъати хилқати ту лавлок.
Бар рӯи хати ту рӯҳи покон,
Аз ақл бишуста тахтаҳо пок.
Бо нақши ту гуфта нақшбандат
Лавлока лама халақту-л-афлок.
Аз рашки ту офтоби чун субҳ
Ҳар рӯз қабои нав кунад чок.
Бо тобиши ту ба моҳи найсон
Гашта маи сирф ғӯра бар ток.
Аз гарди рикоби ту Саноӣ
Монандаи маркаби ту чолок.
Бокеш на аз касон аҷаб нест,
Они ту в-онгаҳ аз касаш бок.

⁂

Ман кистам, эй нигори чолок,
То ҷома кунам зи ишқи ту чок?
Кай заҳра бувад маро, ки бошам
Зери қадами саги туро хок?
Сад дил дорӣ ту чун дили ман
Овехта сарнигун зи фитрок.
Дар ишқи ту ғам маро чу шодӣ
В-аз дасти ту заҳр ҳамчу тарёк.
Дар роҳи ризои ту ба ҷонат
Гар ҷон бидиҳам, наёядам бок.
Аз ҳар чӣ бар ӯ нишони ту нест,
Безор шудастам аз дили пок.
Шӯрида сари ду зулфи ту ҳаст
Шӯри дили мардуми ҳаваснок.
Дар кори ту шуд сари Саноӣ
З-ин нест туро хабар ҳамонок.

⁂

Эй бути сангдили симтанак,
Дилбари хушшаки ширинсуханак.
Ҳабаши зулфаки турконаи ту
Танг чун чашмаки туркондаҳанак.
Чӣ кашӣ зери қабо мӯи самур,
Ки туро тан ҳама ҳазз асту фанак.
Чун кунад аз тани нозук-т салоҳ,
Ки гарон аст бар ӯ пираҳанак.
Дили мискини ман аз дур бидӯхт
Он сияҳкаждумаки нешзанак.
Чун фурӯзанд зи заргун камарат
Ман супорам-ш аз ин дил хаванак.

⁂

Дар зулфи ту доданд, нигоро, хабари дил,
Маъзурам, агар омадаам бар асари дил.
Ё дил бари ман бозфирист, эй бути маҳрӯ,
Ё роҳи маро боз намо ту ба бари дил.

Не, не, ки агар нест туро ҳеч сари мо,
Мо бе ту надорем дили хешу сари дил.
Чандин сари андешаву тимор кӣ дорад
То кай ҷигари ёр хурад гаҳ ҷигари дил?
Бе ишқи ту дилро хатаре нест бари мо,
Ҳарчанд ки саъб аст нигоро, хатари дил.
То дил камари ишқи ту барбаст ба шодӣ,
Бастем ба ҷон бар ғами ишқат камари дил.

❂ ❂ ❂

Эй соқӣ, бихезу пур кун он ҷом,
К-афтода дилам зи ишқ дар дом.
То ҷом кунам зи дида холӣ
В-аз хуни ду дида пур кунам ҷом.
К-айём чу мо басе фурӯ бурд,
То кай бандем дил бар айём.
Хезему равем аз паси ёр,
Гирем ду зулфи он дилором.
Гардем муҷовири харобот,
Чандон бихурем бодаи ҷом.
К-аз мастию ошиқӣ надонем,
К-андар куфрем, ё дар ислом.
Гар дӣ гуфтем хосагонем,
Имрӯз шудем ҷумлагӣ ом.
Имрӯз замона хуш гузорем,
То фардо чун бувад саранҷом.

❂ ❂ ❂

Ҳар шаб намози шом бувад шодиям тамом,
К-ояд расули дӯст, ҳало, назди мо хиром.
Хуршеди ҳар касе, ки шаб ояд, фурӯ равад,
Хуршеди мо барояд ҳар шаб намози шом.
Рӯзи фироқ рафту баромад шаби висол,
Эй рӯз, мунқатеъ шаву эй шаб, аладдавом.
Эй дӯст, то ту бошӣ, андӯҳ кай бувад,
То ҷон бувад ба тан, ту Худованду ман ғулом.

Ҳар гаҳ ки хидмат оям, эй дӯст, пеши ту,
Шодӣ ҳалол гардад, андӯҳу ғам ҳаром.
Ман бандаи сабо шудам аз ҷону дил ҳаме,
К-ӯ оварад ба назди ман аз назди ту паём.
Ин аст ҳоли банда Саноӣ, ки гуфтамат:
Алҳукму лак, ҳабибатӣ, мин баъда вассалом.

❁ ❁ ❁

Баски ман дилро ба доми ишқи хубон бастаам,
В-аз нишоти ишқи хубон тавбаҳо бишкастаам.
Хастаи ӯро, ки ӯ аз ғамза тир андохтаст,
Ман дилу ҷонро ба тири ғамзаи ӯ хастаам.
Ҳар куҷо шӯридаеро дидаам чун хештан,
Дӯстиро доман андар домани ӯ бастаам.
Дӯстонам бар сари коранд дар бозори ишқ,
Ман чу маъзулон чаро дар гӯшае биншастаам?!
Чун ба зоҳир бингарӣ дар кори ман, гӯӣ, магар
Бо саломат ҳамнишинам в-аз маломат растаам.
Ин саломатро, ки ман дорам, маломат дар қафост,
То напиндорӣ, ки аз доми маломат ҷастаам.
Ту бад-он мангар, ки ман ақди нишоти хешро
Аз ҷафои дӯстон аз дидагон бигсастаам.
Бош то бар гардани айём бандад бахти ман
Уқдаҳои нав, ки аз дурри сухан пайвастаам.

❁ ❁ ❁

Дилбаро, то номаи азл аз висолат хондаам,
Эй басо хуни дило, к-аз дида бар рух рондаам.
Бар нишон ҳаргиз надидам бар дили бераҳми ту
Гарчи ҳар тире, ки андар ҷаъба буд, бифшондаам.
Зан мабар, ҷоно, ки ман баргаштаам аз ошиқӣ,
Ё дил аз дасти ғами ҳиҷрони ту бирҳондаам.
З-он ҳаме камтар кунам дар ишқ фарёду хурӯш,
К-оташи дилро ба оби дидагон биншондаам.
Ҳаққи хидматҳои бисёри маро зоеъ макун
З-он ки рӯзе хонда будам, гарчи акнун рондаам.

Ҳам ту рас фарёди ҳолам ҳурмати деринаро,
Раҳм кун бар ман, нигоро, з-он ки бас дармондаам.

❁ ❁ ❁

Барнадорам дил зи меҳрат, дилбаро, то зиндаам
В-ар чи озодам, туро, то зиндаам, ман бандаам.
Меҳри ту бо ҷони ман пайваст гашт андар азал,
Нест рӯи растагорӣ з-ӯ маро, то зиндаам.
Аз ҳавои ҳар кӣ ҷуз ту ҷону дил биздудаам
В-аз вафои ту чу нор аз нордон огандаам.
Ишқи ту бар дину дунё, дилбаро, бигзидаам,
Хоҷагӣ дар роҳи ту бар роҳи хок афгандаам.
То бидидам дурҷи марвориди хандони туро,
Бас ақиқо, к-аз дареғ аз дида бипрокандаам.
То ба ман бар лашкари андӯҳи ту бигшод даст,
Аз салоҳу некномӣ дастҳо бифшондаам.
Даст дасти ман буд аз аввал, ки дар ишқ омадам,
Кам задам, то лоҷарам дар шашдара дармондаам.

❁ ❁ ❁

Санамо, то бизиям, бандаи дидори туам,
Ба тану ҷону дилу дида харидори туам.
Ту маҳу сол камарбаста ба озори манӣ,
Ман шабу рӯз ҷигархаста зи озори туам.
Гарчи аз ҷаври ту сер омадаам то бизиям,
Бикашам ҷаври ту, зеро ки гирифтори туам.
З-он накардӣ ту ҳаме сохт бари ман, ки туро
Огаҳӣ нест, ки ман сӯхтаи зори туам.
Гарчи ороиши хубони ҷаҳонӣ ба ҷамол,
Ба сари ту, ки ман ороиши бозори туам.
На аҷаб, гар бикашам талхии гуфтори туро,
З-он ки ман шефтаи хубии дидори туам.
Дузди шабрав манам, эй дилбару андар ғами ту
Чун Саноӣ зи паи васли ту айёри туам.
Гарчи ушшоқ дилосудаи гуфтори мананд,
Ман ҳамасола дилозурдаи гуфтори туам.

* * *

Гуфтам, аз ишқаш магар бигрехтам,
Худ ба доми ту кунун овехтам.
Гуфтам, аз дил шӯр биншонам, магар
Шӯр наншондам, ки шӯр ангехтам.
Банди ман дар ишқи он бут сахт буд,
Сахттар шуд банд, то бигсехтам.
Ошиқон бар сар агар резанд хок,
Ман ба ҷои хок оташ рехтам.
Бар баногӯши сиёҳи мушкранг
Аз ғамаш кофури ҳасрат рехтам.
Оҷизам бо чашми рангомези ӯ
Гарчи аз сад гуна ранг омехтам.

* * *

Ало, эй соқии дилбар, мадор аз май тиҳӣ дастам,
Ки ман дилро дигарбора ба доми ишқ барбастам.
Маро фасли баҳори нав ба рӯй овард кори нав
Дилам бирбуд ёри нав, бишуд кори ман аз дастам.
Агарчи дил ба нодонӣ ба ӯ додам ба осонӣ,
Надорам з-он пушаймонӣ, ки бо ӯ меҳр пайвастам.
Чу рӯи хуби ӯ дидам, зи хубон меҳр бибридам,
Зи ҷавраш парда бидридам, зи ишқаш тавба бишкастам.
Чу боре з-ин ҳавас дурӣ, чу ман донам на ранҷурӣ
Ба ман деҳ бодаи сурӣ, магар як раҳ кунӣ мастам.
Кунун аз бода паймудан нахоҳам як дам осудан,
Ки натвон ҷуз чунин будан дар ин савдо, ки ман ҳастам.

* * *

Ман насиби хеш дӯш аз умри худ бардоштам,
К-аз суман болину аз шамшод бистар доштам.
Доштам дар бар нигореро, ки аз дидори ӯ
Пояи тахти худ аз хуршед бартар доштам.
Наргису шамшоду савсан, мушку симу моҳу гул,
То ба ҳангоми саҳар ҳар ҳафт дар бар доштам.
Барниҳода бар бари чун симу савсан доштам,
Лаб ниҳода бар лаби чун ширу шаккар доштам.

Дасти ӯ бар гардани ман ҳамчу чанбар буду ман
Дасти худ дар гардани ӯ ҳамчу чанбар доштам.
Бомдодон чун нигаҳ кардам, басе фарқе набуд,
Чанбар аз зар дошт ӯ, савсан зи анбар доштам.
Чун муаззин гуфт як Аллоҳу акбар, кофирам,
Гар умеди он дигар Аллоҳу акбар доштам.

❁ ❁ ❁

Туро дил додам, эй дилбар, шабат хуш бод, ман рафтам,
Ту донӣ бо дилу дилбар, шабат хуш бод, ман рафтам.
Агар васлат бигашт аз ман, раво дорам, раво дорам,
Гирифтам ҳаҷрат андар бар, шабат хуш бод, ман рафтам.
Бибурдӣ нури рӯзу шаб, бад-он зулфу рухи зебо,
Зиҳӣ ҷоду, зиҳӣ дилбар, шабат хуш бод, ман рафтам.
Ба чеҳра асли имонӣ, ба зулфон мояи куфрӣ,
Зи ҷаври ҳар ду офатгар, шабат хуш бод, ман рафтам.
Миёни оташу обам, аз ин маънӣ маро бинӣ,
Лабони хушку чашми тар, шабат хуш бод, ман рафтам.
Бад-он розӣ шудам, ҷоно, ки аз ҳолам хабар пурсӣ,
Аз ин охир бувад камтар, шабат хуш бод, ман рафтам.

❁ ❁ ❁

Он ҳури рӯҳвашро бар ақл арза кардам
В-он шурбҳо, ки додӣ, бар ёди ту бих(в)ардам.
Ёқути нафс киштам аз гавҳари нафисат,
К-обод кард чун ақл аз чархи лоҷвардам.
Гирдам ба бодасорӣ гардӣ ҳаме, валекин
Борони ту биёмад, бифшонд ҷумла гардам.
Гуфтӣ, ҷавоб хоҳам, шарти карам набуд ин,
Нагзоштан чу мардон дар мадҳи хеш фардам.
Гар қитъа хуш наёмад, маъзур дор, азеро
Ҳам ту аҷул будӣ, ҳам ман аҷул мардам.
Ман тавба карда будам з-ин ҳарзаҳо, валекин
Чун ҳукми ту биёмад, з-ин тавба тавба кардам.

❁ ❁ ❁

То ба рухсори ту нигаҳ кардам,
Айш бар хештан табаҳ кардам.
То раҳи кӯи ту бидонистам,
Бар рух аз хуни дида раҳ кардам.
То сари зулфи ту рабуд дилам,
Рӯз чун зулфи ту сияҳ кардам.
Даст бар дил ҳазор бор задам,
Хок бар сар ҳазор раҳ кардам.
Кирдгорат зи баҳри фитна нигошт,
Нек дар кори ту нигаҳ кардам.
Гунаҳ он кардам, эй нигор, ки дӯш
Сифати рӯи ту ба маҳ кардам.
Узри дӯшина хостам имрӯз,
Тавба кардам, агар гунаҳ кардам.

❁ ❁ ❁

Чанд рӯзе дар ин ҷаҳон будам,
Бар сари хок бод паймудам.
Бидавидам басеву дидам ранҷ,
Як шаб аз ози хеш нағнудам.
На якеро ба хашм кардам ҳаҷв,
На якеро ба тамъ бистудам.
Ба ҳавову ба шаҳвати нафасе
Ҷони покизаро наёлудам.
Ҳар замоне ба тамъи осоиш,
Ранҷ бар хештан наяфзудам.
В-охирам чун аҷал фароз омад,
Рафтаму тухми кишта бидрудам.
Ёр шуд гавҳарам ба гавҳари хеш,
Боз растам зи ранҷу осудам.
Ман надонам, ки ман куҷо рафтам,
Кас надонад, ки ман куҷо будам.

❁ ❁ ❁

Бадардам, бадардам, ки андеша дорам,
К-аз он ёсуминбар тиҳӣ шуд канорам.

Ба вақте ки давлат бипайваст бо ман
Бипайваст ҳаҷраш ба ғам рӯзгорам.
Кӣ донад, ки ҳолам чӣ гунаст бе ту,
Кӣ донад, ки шабҳо ҳаме чун гузорам?!
Хаёлаш рабудаст хоб аз ду чашмам,
Гирифтан-ш бояд ҳаме устуворам.
Зи ман бурд нармак ҳаме ҳушёрӣ,
Кунун бо ғами ӯ на бас ҳушёрам.
Агар ғамгинонро ғам андар дил омад,
Чаро ғамгинам ман, чу ман дил надорам?!
Чу он гавҳари пок аз ман ҷудо шуд,
Сазад, гар ман аз чашм ёқут борам.
В-агар ман напоям ба озодмардӣ,
Бубинанд мардум, ки чун беқарорам.
Ҳаме дод надҳад замона меҳонро,
Агар дод додӣ, нарафтӣ нигорам.
Ба ҷон аз ғами ҳаҷр зинҳор хоҳам,
Диҳад ҳаҷр, гӯӣ, ба ҷон зинҳорам.

❁ ❁ ❁

Эй ёр, сари меҳру мурооти ту дорам,
Эй давлати дил, хидмату тооти ту дорам.
Тооту мурооти туро фарз шиносам,
Ҷону дилу дин вақфи мурооти ту дорам.
Ҳоҷоти ту гар ҳаст ба ҷону дилу динам,
Ҷону дилу дин аз паи ҳоҷоти ту дорам.
Як бор муноҷоти ту дар васл шунидам,
Бори дигар уммеди муноҷоти ту дорам.
Ҳарчанд ба бад қасд кунӣ, ҷону сари ту
Гаҳ ҳеч ба бад қасду мукофоти ту дорам.
Гар савмааи хеш харобот кунӣ ту,
Ман рӯй ҳама сӯи хароботи ту дорам.
Шашдар куну шаҳмот бибар ҷону дили ман,
К-ин ҳар ду бари шашдару шаҳмоти ту дорам.

❁ ❁ ❁

Рӯзе, ки рухи хуби ту дар пеш надорам,
Он рӯз дили халқу сари хеш надорам.
Чандин чӣ кунӣ ҷавру ҷафо бо мани мискин,
Чун тоқати ҳаҷрат мани дарвеш надорам.
Дар миҷмараи ишқу ғамат сӯхта гаштам,
З-ин беш сари гуфту камобеш на дорам.
То силсилаи ишқи ту барбаст маро даст,
Ҷуз силсила бар даст дили реш надорам.
З-он ғамзаи ғаммози ғамафзои ту бар ман
Ислом шуду қибла шуду кеш надорам.

❁ ❁ ❁

Алҳақ, на дурӯғ, сахт зорам,
То фитнаи он бути аёрам.
Ман пор шароби васл хӯрдам,
Имсол ҳанӯз дар хуморам.
Соҳибсари дарду ранҷ гаштам,
То бо ғами ишқ ёри ғорам.
Қаттолтарини дилбарон аст,
Қаллоштарини рӯзгорам.
В-аз дарду фироқу ранҷу ҳаҷраш
Аз дидаву дил дар обу норам.
Бо ҳусну ҷамол ёр ҷуфт аст,
Бо дарду хаёлу ранҷ ёрам.
Бо оташи ишқи сӯзнокаш,
Бингар, ки ҳамеша созгорам.
Гар манзили ишқи ӯ дароз аст,
Алҳамд Худойро, саворам,
Дар шодии ишқи ӯ ҳамеша
Ман бар сари ганҷи садҳазорам.
Мангар ту, буто бидон, ки имрӯз
Чун мӯи ту ҳаст рӯзгорам.
Фардо, санамо, ба давлати ту
Гардад чу рухи ту хуб корам.
Як роҳ ту бош дастгирам,
Як рӯз ту бош ғамгусорам.

То чанд Саноии навонро
Чун хар ба занах фурӯ гузорам?!

❁ ❁ ❁

Май деҳ, писаро, ки дар хуморам,
Озурдаи ҷаври рӯзгорам.
То ман бизиям, пиёла бодо
Бар даст зи ёр ёдгорам.
Май ранг кунад ба ҷомам-андар,
Бас хун, ки зи дида мебиборам.
Аз ҳалқаву тобу банди зулфат
Ҳам мӯъмину бастаи зунорам.
Эй моҳ, дар оташам чӣ дорӣ,
Чун бо ту зи нор нест орам.
То мондаам аз ту бар каноре,
Ҷӯй аст зи дида бар канорам.
Хоҳам, ки шикояти ту гӯям,
Аз бими ду зулфи ту наёрам.
Гар моҳи рухони ту барояд,
Аз ман бибарад дилу қарорам.
Имрӯз, ки дар кафам набид аст,
Андӯҳи ҷаҳон, буто, чӣ дорам?
Мавлои пиёлаи бузургам,
Фармонбари даври бешуморам.
Дар муғкадаҳо бувад мақомам,
Дар мастабаҳо бувад қаторам.
Аз шаҳнаи шаҳр нест бимам,
Дар хонаи ҳаҷр нест корам.
Ҳарчанд зи бахти бад бадардам,
Ҳарчанд ба чашми халқ хорам,
Бо руду суруду бодаи ноб
Айёми ҷаҳон ҳамегузорам.

❁ ❁ ❁

Фироқ омад, кунун аз васл бархурдор чун бошам?
Ҷудо гардид ёр аз ман, кунун бе ёр чун бошам?

Ба чашм ар нестам ганҷи ақиқу луълую гавҳар,
Ақиқафшону гавҳарбезу луълуъбор чун бошам?
Касе, к-ӯ баст хоби ман дар об афганд пиндорӣ,
Чу хобам шуд табаҳ, дар об ҷуз бедор чун бошам?
Бути ман ҳаст дилдорею зудозору ман доим
Дилозурда зи ишқи ёри зудозор чун бошам?
Даҳонаш ними динор асту динор аст рӯи ман
Чу аз динор бебаҳрам, рухи динор чун бошам?
Зи бехобӣ ҳамехонам ба амдан ин ғазал ҳар дам,
Ҳама шаб мардумон дар хобу ман бедор чун бошам?

❁ ❁ ❁

Раво дорӣ, ки бе рӯи ту бошам?
Зи ғам борик чун мӯи ту бошам?
Ҳама рӯзу ҳама шаб мӯътакифвор
Нишаста бар сари кӯи ту бошам?
Ба ҷӯи ту ҳама обе равон аст,
Сазад, гар ман ҳавоҷӯи ту бошам.
Агар чашмам зи рӯят боз монад,
Ба ҷон ҷӯяндаи рӯи ту бошам.
Агар зулфайн чавгон кард хоҳӣ,
Маро бипзир, то гӯи ту бошам.
Ба боғи сӯҳбатат дилшоду хуррам
Замоне бар лаби ҷӯи ту бошам.
Нигорино, ту бо чашми ғизолӣ
Раҳо кун, то ғазалгӯи ту бошам.

❁ ❁ ❁

Гар ман, эй дӯст, аз ту ноз кашам,
Аз ҳақиқат на аз маҷоз кашам.
Ҷаври ту ҳар касе зи ноз кашанд,
Мани бечора аз ниёз кашам.
Дил чу хӯкардаи ҷамоли ту шуд,
Ман чӣ гуна дил аз ту боз кашам.
Ҳоли ман банда он замон хуштар,
Ки ба ҳоле зи ту фароз кашам.

В-ар Саноӣ ба ҷумла з-онӣ ту нест,
Ҷон-ш чун шамъ дар гудоз кашам.

❁ ❁ ❁

Ман кӣ бошам, ки ба тан рахти вафои ту кашам,
Дида ҳаммол кунам, бори ҷафои ту кашам.
Малакулмавти ҷафои ту зи ман ҷон набарад,
Чун ба дил бори Сирофили вафои ту кашам.
Чӣ кунад арш, ки ӯ ғошияи ман накашад,
Чун ба ҷон ғошияи ҳукму ризои ту кашам.
Чун занон рашк баранд, эминию офиятӣ
Бар балое, ки ба ҷои ту барои ту кашам.
Начашам в-ар бикашам, бода зи дасти чу чашам,
Накашам в-ар бикашам, таъна барои ту кашам.
Гар хурам бода, ба ёди кафи дасти ту хурам
В-ар кашам сурма, зи хоки кафи пои ту кашам.
Ҷуз ҳаво наспарам, он гаҳ ки ҳавои ту кунам,
Ҷуз вафо нашмарам, он гаҳ ки ҷафои ту кашам.
Бӯи ҷон оядам, он гаҳ ки ҳадиси ту кунам,
Шохи из рӯядам, он гаҳ ки балои ту кашам.
Бар Худой, ар ту ба дину хирадам қасд кунӣ,
Ҳар дуро гӯш гирифта, ба сарои ту кашам.
В-ар ту бо ман ба тану ҷону дилам ҳукм кунӣ,
Ҳар серо рақскунон пеши ҳавои ту кашам.
Ман худ аз нисбати ишқи ту Саноӣ шудаам,
Кай тавонам, ки хате гирди санои ту кашам.

❁ ❁ ❁

Чу донистам, ки гардандаст олам,
Наёяд мардро бунёд муҳкам.
Пас он беҳтар, ки мо дар вай муқимем
Шабону рӯз бо ҳам масту хуррам.
Маро з-он чӣ, ки чунон гуфт Иблис,
Маро з-он чӣ, ки чунин кард Одам?!
Ту гӯӣ: Май бихур! Ман мехурам май,
Ту гӯӣ: Кам мазан! Ман мезанам кам.

Фитодӣ ту ба Каъба, ман ба Ховар,
Ало, то чанд аз ин дурию дарҳам?!
Ману хуршеду маъшуқу маю лаъл,
Туву рукну мақому оби Замзам.
Туро кардам мусаллам Кавсару хулд,
Мусаллам кун маро боре ҷаҳаннам.
Ба фирдавс аз чи тоат шуд саги Каҳф?
Ба дӯзах аз чи исён рафт Балъам?
Ту гар ҳастӣ чу Балъам дар ибодат,
Ман охир аз саге камтар наям ҳам.
Саранҷоми ману ту рӯзи маҳшар,
Надонам, чун бувад, валлоҳу аълам.
Сухан гӯӣ ту ҳамвора зи ислом
Ҳама исломи ту салвоту саллам.
Задан дар кӯи маънӣ дам наёрӣ,
Ҳама пиромани даъвӣ занӣ дам.

❁ ❁ ❁

Мусаллам кун дил аз ҳастӣ, мусаллам,
Дамодам каш қадаҳ ин ҷо, дамодам.
На з-он майҳо, к-аз он мастӣ физояд,
Аз он майҳо, ки аз ҷон кам кунад ғам.
Ҳарифонат ҳама якрангу дилшод,
Чи Бистомию Иброҳими Адҳам.
Ҷунайду Шиблию Маъруфи Кархӣ,
Ҳабибу Одаму Исои Марям.
Маи шавқи малак нӯш аз ҳақиқат,
Ки то гардад дилу ҷони ту хуррам.

❁ ❁ ❁

Эй дидаи ту ҳаёти ҷонам,
Нодиданат офати равонам.
Дилсӯхтаӣ ба оташи ишқ,
Бифрӯз ба нури васл ҷонам.
Бе ишқи висоли ту набошад
Ҷуз ном зи айш бар забонам.

Акнун ки дилам рабудӣ аз ман
Бе рӯи ту буд чун тавонам?!
Дардест маро дар ин дил аз ишқ,
Дармон-ш ҷуз аз ту менадонам.
Бар бӯи ту з-орзуи рӯят
Ҳамвора ба кӯи ту давонам.
То гӯш ҳамешунид номат,
Ҷуз номи ту нест бар забонам.
То лола шудат ҳиҷоби лӯълӯъ,
Лӯълӯст ҳамеша бар рухонам.
Гулнор биҳӣ шудам зи тимор
В-ин ашк ба ранги нордонам.
Шуд холи рухи ту, эй нигорин,
Шӯри дилу нури дидагонам.
Эй ишқи ту дар дилам худованд,
Ман бандаи ишқи ҷовидонам.
Васфи ту шудаст, моҳрӯё,
Аз ваҳм буруну аз гумонам.
Пеш ой, бутову бода пеш ор,
Биншон бари хеш як замонам.
Аз дасти ту гар чашам шаробе,
То ҳашр чу Хизр зинда монам.

❁ ❁ ❁

Эй чеҳраи ту чароғи олам,
Бо дидани ту куҷо бувад ғам.
Шуд хулд ба рӯи ту сароям,
Бе рӯи ту хулд шуд ҷаҳаннам.
Эй шамсаи некувон ба хубӣ
Чун ту дигаре назод одам.
Кӯи ту шудаст боғи ушшоқ,
Боранда бар ӯ зи дидаҳо нам.
Бандест ниҳон зи банди зулфат,
Бар ҷону дили раҳит муҳкам.
Ҳар рӯз ҳаме шавад ба навъе
Ҳусни ту фузуну сабри ман кам.

Гар буд маро парӣ ба фармон
В-ар бошад мулку милкати Ҷам.
Барзад натавон ба шодкомӣ
Бе рӯи ту, эй нигор, як дам.
Эй ҷони ману ду дида бар ман,
Чун дидаи мӯр гашт олам.
Охир ба сар ояд ин шаби ҳаҷр
В-ин субҳи висол бардамад ҳам.
Гар бар лабам ояд он лабонат,
Ҳаргиз назанам ман оташин дам.

❁ ❁ ❁

Дар роҳи ишқ, эй ошиқо, хоҳӣ шифо, хоҳӣ алам,
К-андар тариқи ошиқӣ якранг бинӣ бешу кам.
Рӯзе биёяд дар миён, то ишқро банди миён,
Исо биёяд тарҷумон, то зинда гардонад ба дам.
Чун дида кӯтаҳбин бувад, ҳар нақш ҳурулин бувад,
Чун ҳосили ишқ ин бувад, хоҳӣ шифо, хоҳӣ алам.
Як ҷуръа з-он май нӯш кун, сирре зи ҳарфе гӯш кун,
Ҷонро аз он мадҳуш кун, кам кун ҳадиси бешу кам.
Дардат бувад, дармон шумар, душворҳо осон шумар,
Дар ошиқӣ яксон шумар, шери фалак шери алам.
Аз хештан озод зӣ, аз ҳар балое шод зӣ,
Ҳар ҷо ки бошӣ, род зӣ, чун ёфтӣ аз ишқ шам.
Рӯ кун шароби рангро, в-аз сар бинеҳ найрангро
Бас кун ту ному нангро, бар фарқи Фарқад зан қадам.
Бар сӯзи дил дамсоз шав, аввалқадам ҷонбоз шав,
Аз сирри маънӣ боз шав, шакли ҳуруф ангор кам.
Баркан ридои кибриё, бар тоқ неҳ кибру риё,
Хоҳӣ вафо, ҳоҳӣ ҷафо, чун дӯст бошад мӯҳташам.
Ошиқ ки ҷоми май кашад, бар бод рӯи вай кашад.
Ҷуз Рахши Рустам кай кашад ранҷи рикоби Рустам.
Чун аз паи дилбар бувад, шояд, ки ҷон чокар бувад,
Чун Зӯҳра хунёгар бувад, аз ҳур ёбад зеру бам.
То кай аз ин солусу заҳ, аз банди чор аркон биҷаҳ,
Сар сӯи кулли хеш неҳ, то нур бинӣ бе зулам.

Аз кулли одам шав барӣ, бигзар зи чархи чанбарӣ,
То ҳеч чизе нашмарӣ тоҷи Қубоду тахти Ҷам.
Гар боядат ҳарфе аз ин, то гардадат айнулиақин,
Шав мидҳати хуршеди дин бар дафтари ҷон кун рақам.

❁ ❁ ❁

Омад бари ман ҷаҳону ҷонам,
Унси дилу роҳати равонам,
Бархостамаш, ба бар гирифтам,
Бифзуд ҳазор ҷон ба ҷонам.
Аз қадди баланду зулфи пушташ,
Гуфтам, ки магар ба осмонам.
Чун сар биниҳод дар канорам,
Рафт аз бари ман ҷаҳону ҷонам.
Фарёд маро зи бонги муъзин,
Ман бандаи бонги посбонам.

❁ ❁ ❁

Ба сифат гарчи нақши беҷонам,
Ба нигореву ошиқе монам.
Гаҳ чу ушшоқ ҷуфти сад мотам,
Гаҳ чу маъшуқ ҷуфти сад ҷонам.
Ба ду рангам чу рӯю мӯи нигор,
З-он ки ҳам куфраму ҳам имонам.
Гар ба шаклам нигаҳ кунӣ, инам,
В-ар ба хаттам нигаҳ кунӣ, онам.
Гаҳ чу болои ошиқон кӯжам,
Гаҳ чу лабҳои ёр хандонам.
Гаҳ хамида чу қадди ушшоқам,
Гаҳ шикаста чу зулфи ҷононам.
Сифати қадду зулфи маъшуқам,
Тоҷи сарҳои ошиқон з-онам.

❁ ❁ ❁

Ҳар гаҳ, ки ба ту дарнигарам, хира бимонам,
Ман рӯи туро, эй бут, монанд надонам.

Ҳар гаҳ, ки барои̅ ба сари кӯ ба тамошо,
Хоҳам, ки дилу дидаву ҷон бар ту фишонам.
Ҳиҷрон-т димор аз мани бечора баровард,
Гар даст нагири̅ ту маро, зинда намонам.
Гар ҳеч гузар ёбам як рӯз бар он кӯй
Ҳаргиз нашавам мурдаву ҷовид бимонам.
Гар давлат ёри̅ кунаду бахт мусоид,
Ман фарқи сар аз чархи фалак даргузаронам.
Як раҳ назаре кун ба Санои̅, ту нигоро,
Эй чашму чароғи ману эй ҷону ҷаҳонам.

❁ ❁ ❁

Аз ишқ надонам, ки киям ё ба ки̅ монам,
Шӯридатанам, ошиқи сармасту ҷавонам.
Аз баҳри талаб кардани он ёри ҷафоҷӯй
Дилсӯхта, пӯянда шабу рӯз давонам.
Бо кас натавонам, ки бигӯям ғами ишқаш,
На низ касе донад ин рози ниҳонам.
Даҳ соли фузун аст, ки ман фитнаи ӯям,
Умре сипари̅ гашт, ман андӯҳхуронам.
Азбаски ҳамеҷӯям дидори фалонро,
Тарсам, ки бидонанд, ки ман ёри фалонам.
Аз нола, ки менолам монандаи нолам,
В-аз мӯя, ки мемӯям, чун мӯи навонам.
Эй войи ман, ар ман зи ғами ишқ бимирам,
В-эй войи ман, ар ман ба чунин ҳол бимонам.

❁ ❁ ❁

Дигар бор, эй мусулмонон, ситамгар гашт ҷононам,
Гаҳе ранҷе ниҳад бар дил, гаҳе беҷон кунад ҷонам.
Ба дарди дил шудам хурсанду ҷуз ӯ нест дилбандам,
Ба ранҷи тан шудам рози̅, ки ҷуз ӯ нест ҷононам.
Ба бози̅ гуфтамаш рӯзе, ки дил баркан кунун аз ман,
Бибурдаст, эй аҷаб, ҳаргиз ҷуз ин як бор фармонам.
Шафеъ орам киро дигар, киро гӯям, киро хонам,
К-аз ин бозии нохуш ман пушаймонам, пушаймонам.

Кунун наздики ӯ пӯям, вафову меҳри ӯ ҷӯям,
Магар бар ман бубахшояд, чу бинад чашми гирёнам.
Дилу ҷони Саноиро ба шӯхӣ бурд он кофар,
Кунун ҷуз зулфи ӯ бар рух зи дасти ӯ пушаймонам.
Ҳама кас чораи аҳволи худ донад дар ин савдо,
Мани мискини бечора намедонам, намедонам.

❂ ❂ ❂

Бе ту як рӯз буд натвонам,
Бе ту як шаб ғунуд натвонам.
Ёр ҷуз ту гирифт натвонам,
Номи ҷуз ту шунуд натвонам.
Чун туро дархури ту бистоям,
Дигаронро сутуд натвонам.
Кишти дигар бутон надорад бар,
Кишти бе бар дуруд натвонам.
Гар бутони замона ҷамъ шаванд,
Бар ту касро фузуд натвонам.
Ҷуз ба фарри ту, эй амири бутон,
Гӯи давлат рабуд натвонам.
Ҳама шодии ман зи дидани туст,
Ҷуз ба ту шод буд натвонам.
Ба забон ҳоли дил ҳамегӯям,
Гар ҳаме дил рабуд натвонам.

❂ ❂ ❂

Рӯзе ман охир ин дилу ҷонро хатар кунам,
Густохвор бар сари кӯяш гузар кунам.
Лаббайки ошиқӣ бизанам дар миёни кӯҳ
В-аз ҳоли хеш оламиёнро хабар кунам.
Ҷома бидаррам аз ваю даъвии хун кунам,
Шаҳре аз ин хусумат зеру забар кунам.
Ё тоҷи васл бар сари уммед барниҳам,
Ё мардвор сар ба сари кор дар кунам.

❁ ❁ ❁

Эй мусулмонон, надонам, читораи дил чун кунам?

Ё магар савдои ишқи ӯ зи сар берун кунам?
Ошиқиро дӯст дорам, ошиқонро дӯсттар,
Сад ҳазорон дил барои ошиқӣ пурхун кунам.
Сӯхтам дар ошиқӣ, то сохтам бо ошиқон,
Оҷизам дар кори худ, ё раб, надонам чун кунам.
Оташе дорам дар ин дил, гар шароре барзанам,
Оби дарёҳо бисӯзам, оламе ҳомун кунам.
Оби дарёҳо бисӯзад, кӯҳҳо ҳомун шавад,
Ман зи дида хун бибoрам, обҳо афзун кунам.
Маскани ман дар биёбон, мӯниси ман оҳувон,
Ҳар куҷо ман пай занам, аз хуни дил Ҷайҳун кунам.
Гар шабе худ тавқ гардад дасти ман дар гарданаш,
Тавқи фармонро чу маҳ дар гардани гардун кунам.

❁ ❁ ❁

Бе ту, эй ороми ҷонам, зиндагонӣ чун кунам?
Чун ту пеши ман набошӣ, шодмонӣ чун кунам?
Ҳар замон гӯянд: дил дар меҳри дигар ёр банд
Подшоҳӣ карда бошам, посбонӣ чун кунам?
Доштӣ дар бар маро, акнун ҳамон бар дар задӣ,
Чун зи ман сер омадӣ, рафтам, гаронӣ чун кунам?
Гар бихонӣ в-ар биронӣ, бар манат фармон равост,
Гар бихонӣ, банда бошам, в-ар биронӣ, чун кунам?
Ҳар шабе гӯям, ки хуни худ бирезам дар фироқ
Боз гӯям, ин ҷаҳону он ҷаҳоне чун кунам?
Будам андар васли ту соҳибқирони рӯзгор,
Чун фироқ омад, кунун соҳибқиронӣ чун кунам?
Ҳаст оби зиндагонӣ дар лаби ширини ту,
Бе лаби ширини ту ман зиндагонӣ чун кунам?
Сохтам бо ошиқон, то сӯхтам дар ошиқӣ,
Пас, кунун бе рӯи хубат комронӣ чун кунам?
Ҳам қазои осмонӣ дар ту дар ҳаҷрам фиганд,
Дилбаро, ман дафъи ҳукми осмонӣ чун кунам?
Бар ҷаҳони васл боре бандаро маншур деҳ,
То-т бинмоям, ки ман фармонравонӣ чун кунам?

Ман чу Мӯсо мондаам андар ғами дидори ту,
Ҳеч донӣ, то илоҷи «Лантаронӣ» чун кунам?
Нестам Хизри паямбар, ҳаст он мафхар маро,
Чораву дармони оби зиндагонӣ чун кунам?
Мар маро гӯӣ, ки пиронро ба банди ошиқӣ,
Пир гаштам дар ҳавои навҷавонӣ, чун кунам?
Мар маро гӯянд: Чашм аз вай бияфган, хуш бизӣ,
Хок дар чашми Саноӣ, ман синонӣ чун кунам?

❁ ❁ ❁

То кай зи ту ман азоб бинам?
Гар сулҳ кунӣ, савоб бинам.
Шабгир зи хоб суст хезам,
Он шаб, ки туро ба хоб бинам.
Ёди ту хурам ба сотгине,
Ҷое, ки шароби ноб бинам.
Имшаб чӣ бувад, ки ҳозир оӣ,
То ман ба шаб офтоб бинам.
То кай зи ғами фироқи рӯят
Ҷону дили худ кабоб бинам.

❁ ❁ ❁

Бе чеҳраи ту ҷаҳон набинам,
Як чеҳра дигар чунон набинам.
Ҳиҷрони турову ишқи моро
То ҳашр ҳаме карон набинам.
Монандаи сарви бӯстонӣ,
Ман чун ту ба бӯстон набинам.
Ҳар гаҳ ки ҳали сухан сароӣ,
Бинам сухану даҳон набинам.
В-он гоҳ, ки ту камар бибандӣ,
Бинам камару миён набинам.
Гӯянд маро, ки бевафоӣ,
Бинам хабару аён набинам.
Каждум бигазида бар рухонат
Каждум бинам, нишон набинам.

Девона яке чу ман набинӣ,
Гар рӯи ту як замон набинам.

❁ ❁ ❁

Аз хулди барин ёд кунам, рӯи ту бинам,
В-ар фитнаву дин ёд кунам, мӯи ту бинам.
Бар симу суман вақф кунам ҷону дили хеш,
К-он орази симини сумансои ту бинам.
Аз дур бад-он зулфи ту чавгон бикунам даст,
То зулфи ту чавгону дилам гӯи ту бинам.
Хоҳам, ки набошад гулу лола ба кафи ман,
К-он тоза гули лолаи худрӯи ту бинам.
Хоҳам, ки бало гардад бар гирди сари ман,
Ҳар гаҳ ки ман он зулфи балоҷӯи ту бинам.
Чашмам ҳама дил гардад, чун аз ту кунам ёд,
Дил чашм кунам яксара, чун рӯи ту бинам.

❁ ❁ ❁

Бе сӯҳбати ту ҷаҳон нахоҳам,
Бе хушнудит ҷон нахоҳам.
Гар ҷону равони ман бихоҳӣ,
Як дам заданат амон нахоҳам.
Ҷонро бидиҳам ба хидмати ту,
Ман хидмати ройгон нахоҳам.
Ризвону биҳишту ҳури инро
Бе рӯи ту ҷовидон нахоҳам.
Бар ман ту нишони хеш кардӣ,
Ҳаққо, ки ҷуз ин нишон нахоҳам.
Бегона бувад миёни мо ҷон,
Бегона дар ин миён нахоҳам.
Ман ишқи ту кардам ошкоро,
Ишқи ту туӣ, ниҳон нахоҳам,
Ҳар гаҳ, ки маро ту ёр бошӣ,
Ман ёрии ину он нахоҳам.
Ту судию дигарон зиёнанд,
То суд бувад, зиён нахоҳам.

Акнун ки маро аён яқин шуд,
З-ин пас ба ҷуз аз аён нахоҳам.

❁ ❁ ❁

Эй ду зулфат дарозу боло ҳам,
В-эй ду лаълат ниҳону пайдо ҳам.
Шӯх танҳо кӣ хонд чашми туро?
Чашми ту шӯх ҳасту раъно ҳам.
Суғбаи ту ҳазор нодон ҳаст,
Чӣ аҷаб, сад ҳазор доно ҳам.
Бастаи туст табъи ногӯё,
Ман чӣ гӯям, забони гӯё ҳам.
Дурри дарё ғуломи хандаи туст,
Эй шакарлаб, чи дур, Сурайё ҳам.
Кӯҳи оташ ҳамеша ҳамраҳи туст,
Кӯҳи оташ магӯ, ки дарё ҳам.
Аз қаринон накӯтарӣ чун моҳ,
На, ки чун офтоби танҳо ҳам.
Чанд гӯӣ, Саноӣ они ман аст,
Бо ҳама кас палосу бо мо ҳам.

❁ ❁ ❁

Эй бурда ба як назар зи роҳам,
Дарёб маро, ки бас табоҳам.
Ман роҳ ба дигаре надонам,
Зеро ки туӣ ҳама паноҳам.
Ман ошиқаму гуноҳам ин аст,
Бар дор макун бад-ин гуноҳам.
Чун дил бубарӣ, сафед бошад,
Гар низ кунӣ ба ҷон сиёҳам.
Бе ишқи ту бекулоҳ будам,
Дар ишқ туӣ сару кулоҳам.
Чун зарра агар танам бикоҳад,
Як зарра зи ишқи ту накоҳам.
Ҳаргиз набувад богоҳу бегоҳ
Ҷуз хоки дарат қароргоҳам.

Ҳарчанд ту гӯӣ: Эй Саноӣ,
Ҳаст аз ту дареғ гарди роҳам.

❁ ❁ ❁

Эй ба рухсор куфру имон ҳам,
В-эй ба гуфтор дарду дармон ҳам.
Зулфи пуртоби ту чу қомати ман
Чанбар аст, эй нигору чавгон ҳам.
Хира монд аз лаби ту беҷода
Ба сари ту, ки лаълу марҷон ҳам.
Аз рухи ту далели исбот аст
Олами ақлрову бурҳон ҳам.
Дар раҳи ту зи ранҷи куҳсор аст
Беканора зи ғам биёбон ҳам.
Бар сари кӯи ошиқӣ сабр аст
Истода залилу ҳайрон ҳам.
Бар дилу ҷони банда ҳукм турост,
Эй шаҳаншоҳи ҳусн, фармон ҳам.
Чанд гӯӣ, ки аз ту баргардам,
Бо ҳама бозӣ асту бо ҷон ҳам.

❁ ❁ ❁

Лаббайкзанони ишқ моем,
Аҳром гирифта дар вафоем.
Дар кӯи қаландарию тадриҷ
Дар гумзадан уфтода моем.
Ҷуз рӯҳ тавофгаҳ надорем,
К-аз бодияи ҳаво бароем.
Гар дархури хидматат набошем,
Саққоии роҳро бишоем.
Мо дар ғами ту, ту ҳам нагӯӣ,
К-охир ту куҷову мо куҷоем.
Бар мо ғами ту чу осиё гашт,
Дар сабр чу санги осиёем.
Оҳиста, ки ошиқони ишқем,
Нармак, ки ғарибаки шумоем.

Бибридани роҳро чу бодем,
Афкандаи сояро ҳумоем.
Дар ишқи ту мардвор кӯшем,
Охир на Саноию саноем.

❁ ❁ ❁

Хуршед туию зарра моем,
Бе рӯи ту рӯй кай намоем.
То кай ба ниқобу парда, як роҳ
Аз кӯй барой, то бароем.
Чун ту санаму чу мо шаман нест,
Шаҳрею гуле, туию моем.
Охир на зи гулбуни ту хорем,
Охир на зи боғи ту гиёем.
Гар дастаи гул наёяд аз мо,
Ҳам ҳезуми дегро бишоем.
Боде дорем дар сар, эрок
Дар пеши саги ту хоки поем.
Оби рухи мо мабар, аз эрок
Бо хоки дари ту ошноем.
Аз хоки дари ту кай шикебем,
То ошиқи чашму тӯтиёем.
Як рӯз напурсӣ аз зарифӣ,
К-охир, ту куҷову мо куҷоем.
З-омадшуди мо макун гаронӣ,
Пиндор, ки дар ҳаво ҳабоем.
Бил, то кафи пои ту бибӯсем,
Ангор, ки меҳри лолакоем.
Барфоб ҳамедиҳӣ ту моро,
Мо аз ту фуқаъ ҳамекушоем.
Бо синаи чоки ҳамчу гандум
Гирди ту равон чу осиёем.
Бар дар задаӣ чу ҳалқа моро,
Мо рақскунон, ки дар сароем.
В-андар ҳама деҳ ҷаве на моро,
Мо лофзанон, ки деҳхудоем.

Аз шери фалак чӣ бок дорем,
Чун бо саги кӯят ошноем.
Моро саги хеш хон, ки то мо
Гӯем, ки шери чарх моем.
Пурсанд зи мо: Киед? Гӯем:
Мо ҳечкасони подшоем.
Ту бар сари кори хеш мебош,
То мо ҳала худ ҳамедароем.
К-аз ишқи ту, эй нигори чангӣ,
Акнун на Саноием, ноем.

❁ ❁ ❁

Моро маяфканед, ки мо худ фитодаем,
Дар кори ишқ тан ба бало дарниҳодаем.
Оҳистагӣ маҷӯй ту аз мову рою ҳуш,
К-акнун ба шуғли бедилӣ андар фитодаем.
Мо бедилему бедил ҳар чӣ кунад, равост,
Дилро ба ёдгор ба маъшуқ додаем.
Аз мо ба ҳар ҳадис ба озор чун кашад,
Мо мардумони бедилу бемакру содаем.
Хасмони мо агар дари хубӣ бибастаанд,
Мо дар вафош чандин дарҳо кушодаем.
Гар бад кунанд бо мо, мо некуӣ кунем,
Зеро ки покнисбату озодазодаем.

❁ ❁ ❁

Дилбаро, мо дил ба чанголи бало биспурдаем,
Раҳм кун бар мо, ки бас ҷаҳонхаставу дилмурдаем.
Эй басо шаб, к-аз барои дидани дидори ту
Аз сари кӯи ту бар сар сангу силӣ хӯрдаем.
Бандагӣ кардему дидем аз ту мо подоши хеш
Зардрухсорему аз ҷаврат ба ҷон озурдаем.
Мо аҷаб хорем дар чашми ту, эй ёри азиз,
Гӯӣ аз Руму Хазар наздат асир овардаем.
Аз барои куштани мо чанд тозӣ асби кин,
К-аз ҷафоят мурдаву дил дар ғамат парвардаем.

То тавалло кардаем аз ошиқӣ дар дӯстит,
Чун Саноӣ аз ҳама олам табарро кардаем.

❁ ❁ ❁

Аз паи ту зи адам мо ба ҷаҳон омадаем,
Н-аз барои тарабу лаҳву фиғон омадаем.
Ишқ напзирад ҳастию парастидани нафс,
Мо аз ин маънӣ беномунишон омадаем.
То кай аз нисбати беасл ҳаме лоф занем,
К-аз ғурури худу бехуд ба зиён омадаем.
Монда дар банди замонему замон моро на,
Дар маконем, на аз баҳри макон омадаем.
Ҳар касе роҳ аз ин раҳ ба қадам месипарад,
Мо дар испардани ин роҳ ба ҷон омадаем.

❁ ❁ ❁

То мо ба сари кӯи ту ором гирифтем,
Андар сари дилсӯхтагон ном гирифтем.
Дар оташи тимори ту то сӯхта гаштем,
Дар кунҷи харобот маи хом гирифтем.
Аз мадрасаву савмаа кардем канора,
Дар майкадаву мастаба ором гирифтем.
Якчанд ба осоиши васли ту ба ҳар вақт
Аз бодаи осуда ҳаме ҷом гирифтем.
Имрӯз чӣ, ар сӯҳбати мо гашт бурида
Ин низ ҳам аз сӯҳбати айём гирифтем.

❁ ❁ ❁

Чашм равшан бодамон, к-аз худ раҳоӣ ёфтем,
Дар мағоки хоки тира рӯшноӣ ёфтем.
Гарчи мо дур аз тамаъ будем якчанде, кунун
Аз қаноат пойгоҳи подшоӣ ёфтем.
Мо аз ин ботилхурони ошно бегонаем,
Пушт баркардему бо ҳақ ошноӣ ёфтем.
Ҳаргиз аз бори ҳасад хаста нагардад пушти мо,
К-аз қул иллаҳ сумма зарҳум мӯмиёӣ ёфтем.

Хоки пои камзанон шуд тӯтиёи чашми мо,
Кори сармон буду охир кори пое ёфтем.
Сар фурӯ бурдем, то бар сарварон сарвар шудем,
Чокарӣ кардем, то кори киёӣ ёфтем.
Порсоён ҳар замон нопорсо хонандамон,
Мо аз он бар порсоён порсоӣ ёфтем.
Гар ҳамехоҳӣ, ки бошӣ подшову порсо,
Шав, гадоӣ кун, ки мо ин аз гадоӣ ёфтем.
Мо-гадоёнро зи нодонӣ накӯҳиш чун кунӣ,
К-ин сано аз синаи поки Саноӣ ёфтем.

❁ ❁ ❁

Рав, рав, ки дил аз меҳри ту бадаҳд гусастем
В-аз доми ҳавои ту биҷастему бирастем.
Чунон ки ту аз сӯҳбати мо сер шудастӣ,
Мо низ ҳам аз сӯҳбати ту сер шудастем.
Аз тарфи дилу оташи ишқат бираҳидем,
Дар сояи девори сабурӣ бинишастем.
В-ар з-он ки ту дил бурдӣ, мо низ набурдем,
В-ар з-он ки ту нагшодӣ, мо низ бубастем.
Аз ишваи ишқи ту биҷустем яке дам
В-аз хоки хумори ту ҳамасола чу мастем.
Шабҳои фироқи ту надидем ниҳоят,
Аз рӯзи висоли ту магар бод ба дастем.
Гар субҳи зафар ёбем, эй мояи шодӣ,
Дар хобу хаёли ту ба ҷуз он напарастем.
Чунонки ту бибридӣ , мо низ буридем,
Чунонки ту бишкастӣ, мо низ шикастем.
З-ин беш нахоҳам, ки кунӣ ёди Саноӣ
Бо мот чӣ кор аст, чунонем, ки ҳастем.

❁ ❁ ❁

Сар бар сари ошиқӣ ниҳодем,
Дар меҳнату ранҷ уфтодем.
Танро ба балову ғам супурдем,
Дилро ба умеди ишқ додем.

Якчанд чу мурғ дар ҳавоят
Тайрон кардему пар гушодем.
Чандин ки тавон, ҷафо ҳамекун
Чун дил ба ҷафои ту ниҳодем.
Ғамхора шудем дар раҳи ишқ,
В-аз хӯрдани ғам ҳамеша шодем.
Қисса чӣ кунам, ки дар раҳи ишқ
Бо меҳнату ғам чунон ки шодем.
Дар ҳазрати ишқи хубрӯён
Бар тораки сар биистодем.
Медод хоҳад Саноӣ аз ишқ,
Аз ҷустани ин ҳадис бодем.

❁ ❁ ❁

Мо фӯтаву фӯтапӯш дидем,
Тасбеҳи мароиён шунидем.
Бар маснади зоҳидон гузаштем,
Дар олами олимон давидем.
Ҳам сокини хонақоҳ будем,
Ҳам хирқаи сӯфиён даридем.
Ҳам меҳнати қолу қил бурдем,
Ҳам шарбати тайласон чашидем.
Аз ин ҳама ҷуз нишоти бозор
Ранге ба ҳақиқате надидем.
Бигзидем ёре аз харобот,
Бо ӯ ба мурод орамидем.
Дил дар ғами рӯи ӯ фигандем,
Сар бар хати рои ӯ кашидем.
Ӯ нест касею мо на бас кас,
З-ин рӯй ба якдигар суридем.

❁ ❁ ❁

На сим, на дил, на ёр дорем,
Пас, мо ба ҷаҳон чӣ кор дорем?
Ғафлатзадагони пурғурурем,
Ҳиҷлатзадагони рӯзгорем.

Эй дил, ту зи симу зар чӣ гӯӣ,
Мо ҷумла зи баҳри ёр дорем.
Аз даст бидода дастаи гул,
Дар пой ҳазор кор дорем.
Ҳил, то нафасе ба ҳам барорем,
Чун умри азиз хор дорем.
Андар буна сад шутур бидидем,
Акнун ғами як маҳор дорем.

❁ ❁ ❁

Хез, то май хурему ғам нах(в)арем
В-андуҳи рӯзи н-омада набарем.
То тавонем кард бо ҳама кас
Родмардию мардумӣ сипарем.
Қасди озори дӯстон накунем,
Пардаи рози душманон надарем.
Нашнавем, он чи ношунуданияст,
З-он чи ногуфтанист, даргузарем.
Мо, ки хоҳем ҷуст айби касон,
Айби худ бар худӣ ҳамешумарем.
Эй, ки гуфтӣ, ки оқибат бингар,
Мо на мардони оқибатнигарем.
Бандаи некувони лоларухем,
Ошиқи дилбарони симбарем.
Шаб набошем ҷуз ба мастабаҳо,
Рӯз ҳар сӯ ба гулхане дигарем.
Майкашону муқомирони даға
Ҳама аз мо беҳанду мо батарем.
Покбозони ҳар ду оламро
Ба гаҳи бохтан ба ҷав нахарем.
Дӯстдори нигору сурх маем,
Душмани оли модару падарем.
Падаронро Худой музд диҳод,
На чу мо кас, ки нохалаф писарем.

❁ ❁ ❁

Хез, то доман зи чархи ҳафтумин бартар кашем,
Ҳафт кишварро ба даври соғаре андар кашем.
Ҳафт гардун мухтасар бошад ба пеши марди ишқ
Шояд, ар доман зи қавни мухтасар бартар кашем.
Нафси мо хасме азим андар ниҳоди роҳи мост,
Ғазви акбар бошад, ар дар рӯи ӯ ханҷар кашем.
Пои мо дар доми ишқи хубрӯён баста шуд,
З-ин қибал дарду балои ошиқӣ бар сар кашем.
Қасри Қайсар в-они Кисро гар набошад, гӯ мабош,
Мо ба мардӣ ҳалқа дар гӯши дусад Қайсар кашем.
Гар нашинад гарди кӯи дӯст бар рухсори мо,
Хатти азл аз ҷону дил бар мушку бар анбар кашем.
Ин ҳама тардоманонро хушк бодо дасту по,
Хез, то хатти фано гирди Саноӣ даркашем.
Дар кулоҳи ӯ агар пашмест, оташ дарзанем,
Ақлу ҳуши хештан як дам ба мастӣ даркашем.

❁ ❁ ❁

Мо қадди туро бандатар аз сарви равонем,
Мо ҳадди туро сағбатар аз ақлу равонем.
Бе рӯи ту лабхушктар аз пайкари тирем,
Бо мӯи ту дилтиратар аз нақши камонем.
Берун зи руху зулфи ту мо қибла надорем,
Беш аз лақабу номи ту тавҳид нахонем.
Дар раҳравиши ақли ту мо кеҳтари ақлем
В-аз парвариши лафзи ту мо меҳтари ҷонем.
Аз тақвияти ҷазъи ту хурдему бузургем,
В-аз тарбияти ақли ту пирему ҷавонем.
Дар кӯи умеди ту в-андар раҳи имон
Аз нестию ҳастӣ барбаста миёнем.
Як бор барандоз ниқоб аз рухи рангин,
То дил ба ту бахшему хирад бар ту фишонем.
В-ар низ дар ин парда ҷамоли ту бубинем,
Шояд ки бар уммеди ту ин моя тавонем.
Гар з-оташи ишқи ту чу шамъ аз раҳи таҳқиқ,
Сӯзем ҳаме хуш-хуш то ҳеч намонем.

То аз рухи чун рӯзи ту бе воситаи касб
Чун моҳ зи хуршеди фалак моя ситонем.
Моро ғараз аз хидмати ту ҷуз лаби ту нест,
На дар паи ҷонем, на дар банди ҷаҳонем.
Шояд ки шабу рӯз ҳама мадҳи ту гӯем,
Дар номаи иқбол ҳама номи ту хонем.
З-он бода, ки хоҷа-з кафи иқболи ту хӯрдаст,
Дардеҳ ту Саноиро, чун куштаи онем.
Фархунда ҳакиме, ки дар иқлими Саноӣ
Бигзашт зи андозаи хубию надонем.

❁ ❁ ❁

Гарчи аз ҷамъи бениёзонем,
Ошиқи ишқу ишқбозонем.
Мӯниси мунсифи хароботем,
Каъбаи каъбатайнбозонем.
Гоҳ сӯзон дар оташи ишқем,
Гоҳ аз сӯзи руд созонем.
Ҳамчу мурғ аз қафас шикаста шудем,
Ҳамчу шамъ аз ҳавас гудозонем.
Гарчи кабкем дар мамолики хеш
Монда дар ҷустуҷӯи бозонем.
Марғзори висол ёфтаем,
Чун Саноӣ дар ӯ гузоронем.
Зоҳидо, хезу дар намоз овез,
З-он ки мо хоки бениёзонем.
Гар ту аз тавъу тоъа менозӣ,
Мо ҳамеша зи шавқ нозонем.

❁ ❁ ❁

Эй бевафо, эй посбон, ошӯб кам кун як замон,
Чандин чаро дорӣ фиғон, эй бевафо, эй посбон.
Гар худ нахуспӣ як замон, эй кофари номеҳрубон
Уфтод кори ман ба ҷон, эй бевафо, эй посбон.
Ҳамроҳи ошиқ гаштаӣ, ё ошиқи саргаштаӣ,
Ҳам ёри дерин гаштаӣ, эй бевафо, эй посбон.

Аз бонги ҳою ҳуи ту камтар шудам дар кӯи ту,
Гашт ин танам чун мӯи ту, эй бевафо, эй посбон.
Ором гиру кам хурӯш, охир ба хуни мо макӯш,
Дар хуни дил моро маҷӯш, эй бевафо, эй посбон.
Охир на ман зори туам, дар дарди бисёри туам,
Зору гирифтори туам, эй бевафо, эй посбон.
Хоки даратро бандаам, доим туро ҷӯяндаам,
Ҳастам бад-ин то зиндаам, эй бевафо, эй посбон.
Бар мо чунин пастӣ макун, тундию бадмастӣ макун,
Ҷавру забардастӣ макун, эй бевафо, эй посбон.
З-он қад алам нолам ҳаме, дар хуни дил полам ҳаме,
Аз ӯ бад-ин ҳолам ҳаме, эй бевафо, эй посбон.
Аз ту Саноӣ хаста шуд, дарди дилаш пайваста шуд,
Бар ҷони ӯ ин баста шуд, эй бевафо, эй посбон.

❁ ❁ ❁

Боз мондам дар балое, алғиёс, эй дӯстон,
Аз ҳавои бевафое, алғиёс, эй дӯстон.
Боз оташ дарзад андар ҷонаму обам бибурд,
Боди дасти хоки пое, алғиёс, эй дӯстон.
Боз дигарбора чун сангиндилон барсохтем,
Аз бути чунин ҷудоӣ, алғиёс, эй дӯстон.
Боз ногаҳ булъаҷабворам паси чодар нишонд,
Офтоберо ҳабое, алғиёс, эй дӯстон.
Бодахорон боз рух доранд зӣ саҳрову нест
Дар ҳама саҳро ғиёе, алғиёс, эй дӯстон.
Ҷодуи фиръавниёнро монад ин дил, к-аз тамаъ
Ҳар дамаш бинам ба ҷое, алғиёс, эй дӯстон.
Хоҳад андар дӣ ҳаме аз шохи хушку мурғи гунг
Ҳар замон баргу навое, алғиёс, эй дӯстон.
Дидаи равшан ҷуз аз ман дар ҳама олам кӣ дод
Дар баҳои тӯтиёе, алғиёс, эй дӯстон.

❁ ❁ ❁

Қавме, ки ба ифлос гарояд дили эшон,
Ҷуз кӯи ҳақиқат набувад манзили эшон.

Вақте ки шавад кор бар эшон ҳама мушкил,
Ҷуз кӯи ҳақиқат набувад манзили эшон.
Гарчанд қадим аст хилофи гилу оташ,
Бо оташи ишқ аст мувофиқ гили эшон.
Бо қофилаи муфлисию марҳалаи ишқ,
Ҷуз бори маломат накашад маҳмили эшон.
Пайдо зи сифот асту ниҳон аст маонӣ
Дар нафси азизу нафаси муқбили эшон.
Ҷуз тарбияту тамшияту сидқу сафо нест
Пирояи сармояи ҷону дили эшон.

❁ ❁ ❁

Ҳама ҷон аст сар то пои ҷонон,
Аз он ҷуз ҷон нашояд ҷои ҷонон.
Ба оби рӯю хуни дил тавон рехт
Барои чун ту ҷон савдои ҷонон.
Хирад донад, ки васфи ӯ надонад,
Азеро нест ҳамболои ҷонон.
Чӣ ҷои даъвии сард аст дар боғ,
Чӣ хоҳад васф сар то пои ҷонон.
Наёяд кас ба оби чашмаи Хизр,
Ҷуз андар нӯши Исозои ҷонон.
Надидӣ дини куфромез? Бингар
Шикан дар зулфи ҷонфарсои ҷонон.
Ҳаме кашфи ҳирадмандон кашафвор
Сар андар худ кашад ёрои ҷоно.
Саноӣ нест бо ҷон зинда, лекин
Зи ҷонон аст ӯ гӯёи ҷонон.

❁ ❁ ❁

Тухми бад кардан набояд коштан,
Пушт бар ошиқ набояд доштан.
Эй санам, ар ту бихоҳӣ бандаро,
З-ин сипас донӣ накӯтар доштан.
Чанд аз ин оёти нахват хондан?
Чанд аз ин роёти уҷб афроштан?

Нақши кин бояд зи сина маҳв кард,
Сурати меҳру вафо бингоштан.
Чанд аз ин шохи вафоҳо сӯхтан?
Чанд аз ин тухми ҷафоҳо коштан?
Хуб набвад бар чу ман бечорае
Лашкари ҷавру ҷафо бигмоштан.
Зишт бошад бо чу ман дармондае
Шарту расми мардумӣ нагзоштан.
Дар сафи риндону қаллошони хеш
Камтарин кас боядам пиндоштан.

❁ ❁ ❁

Не, не, беҳ аз ин бояд бо дӯст вафо кардан,
В-арна кам аз ин бояд оҳанги ҷафо кардан.
Ё зишт бувад, гӯӣ, дар кеши накӯрӯён
Як аҳд ба сар бурдан, як қавл вафо кардан.
Ҳам гуфтану ҳам кардан аз сӯхтагонояд,
На аз чу шумо хомон ногуфтану нокардан.
Бовар накунам қавлат, зеро ки туро дар дил
Як бодия раҳ фарқ аст аз гуфтану нокардан.
Ҳосил набувад касро аз ишқи ту дар дунё
Ҷуз нома сияҳ кардан, ҷуз умр ҳабо кардан.
Худ ёд надорад кас аз зулфи тую чашмат
Як тор ато додан, як тир хато кардан.
Аз бултаамӣ то кай бӯсе ба раҳӣ додан
В-аз булаҷабӣ то кай гӯше ба риё кардан.
То чанд ба тарророӣ моро ба забону дил
Якбора бале гуфтан садбора бало кардан.
То чанд ба чолокӣ моро ба қабулу рад
Як моҳ раҳӣ хондан, як сол раҳо кардан.
Гар фавт шавад рӯзе бадаҳдии якрӯза,
Воҷиб шумарӣ ӯро чун фарз қазо кардан.
Гар бӯсае андешам бар хоки сари кӯят,
Сад шаҳр тамаъ дорӣ дар вақти баҳо кардан.
Дар маҷмаъи бутрӯён ту бӯсадареғӣ худ,
Ё расми бутон набвад аз бӯса сахо кардан?

Ё хуб набояд шуд, то кас нашавад фитна,
В-арна чу шудӣ, боре хубӣ ба сазо кардан.
Ё фитна набояд шуд, то ҳам ту раҳӣ, ҳам мо
В-арна ту шудӣ, ҷоно, к-ин қоида нокардан.
Ҳар лаҳза яке дунро сад толи бақо гӯӣ,
З-эшон чӣ ба каф дорӣ з-ин толи бақо кардан?
Чун ҳаст Саноиро иқболу сано аз ту
Воҷиб набувад ӯро маҳҷури саро кардан.
Бо ин адабу ҳурмат ҳаққо, ки раво набвад
Савдои шумо пухтан, сафрои шумо кардан.

❁ ❁ ❁

Эй бародар, дар раҳи маънӣ қадам ҳушёр зан,
Дар сафи озодагон чун дам занӣ, бедор зан.
Шав, хирадро ҷисм созу ақли раъноро бисӯз,
Теғи маҳв андар сарои нафси истикбор зан.
Гардан андар роҳи маънӣ чанд гаҳ афроштӣ,
Теғи маъниро кунун бар халқи даъвидор зан.
Гом зан мардонавору бигзар аз мавту ҳаёт,
Аз ду гун андаргузар, лаббайк маҳрамвор зан.
Аз либоси куфру имон ҳар ду берун ой зуд,
Бурдборӣ ҳамчу Иброҳими Адҳамвор зан.
Соликон андар саломат асби шодӣ тохтанд,
Як қадам андар маломат гар занӣ, бедор зан.

❁ ❁ ❁

Эй ҳавои ёр, як раҳ ту ҳавои ёр зан,
Оташе бифрӯзу андар хирманиағёр зан.
Табл аз ҳастии хеш андар ҷаҳон то кай занӣ?
Бар дари ҳастӣ яке аз нестӣ мисмор зан.
Бо маи талхи муғона домани ифлос гир,
Озро бар рӯи он қуррои даъвидор зан.
Зоҳидон ар такя бар зӯҳду сиёми худ кунанд,
Ту чу мардон такя бар хамру бари хаммор зан.
Дур шав аз сӯҳбати худ бар дари суратпараст,
Бӯса бар хоки кафи пои зи худ безор зан.

Чун хури май, бо ҳарифи маҳрами пурдард хур,
Чун занӣ дам бо надими зираки ҳушёр зан.
К-аз буруни ҳафт чарху чор табъ аст ин сухан
Боргоҳаш ҳам бурун аз ҳафту ҳашту чор зан.
То ту андар банди табъи даҳру чарху кавкабӣ,
Кай бувад ҷоиз, ки гӯӣ, дам қаландарвор зан.
Қилу қолу донишу тимор пиндори раҳанд,
Хок бар чашми ҳама темораи пиндор зан.

❂ ❂ ❂

Эй рухи ту баҳору гулшани ман,
Ҳамчу ҷон аст ишқ дар тани ман.
Рост чун зулфи ту бувад торик
Бе рухи ту ҷаҳони равшани ман.
Ҳамчу хуршеду моҳ дартобад
Ҳусни ту рӯзу шаб зи равзани ман.
Дасти ту тавқи гардани дигаре,
Ғами ишқи ту тавқи гардани ман.
Моҳро роҳ гум шавад бар чарх,
Ҳар шабе аз хурӯшу шевани ман.
Гар ту як раҳ ҷамол бинмоӣ,
Барзанад бо биҳишт барзани ман.
Хоки поят барам чу сурма ба кор
Гарчи додӣ ба бод хирмани ман.
Ранҷа кун пои хешу кӯтаҳ кун,
Дасти ҷавру бало зи домани ман.
Родмардӣ кунӣ, бадар набарӣ,
Бинихӣ бори халқ бар тани ман,
Чун дароӣ зи дар ту ҳам, ба замон
Бардамад лолазору савсани ман.
То Саноӣ туро ҳамегӯяд:
Эй рухи ту баҳору гулшани ман.

❂ ❂ ❂

Эй нигори дилбари зебои ман,
Шамъи шаҳрафрӯзи шаҳророи ман.

Ҷуз барои диданат дида мабод,
Рӯшноӣ дидаи бинои ман.
Ҷону дил кардам фидои меҳри ту,
Хоки поят бод сар то пои ман.
Аз ҳама халқон диломомам туӣ,
Эй латифи чобуки зебои ман.
Чун қазиби хайзурон гаштам низор
Дар ғамат, эй хайзуронболои ман.
Раҳмат орӣ бар ману дастам гирӣ,
Гар наёрӣ раҳм бар ман, вoйи ман.
Зор менолам зи дарди ишқ зор,
З-он ки то ту бишнавӣ овойи ман.

❁ ❁ ❁

Гар кор ба ҳазм астӣ, Искандараме ман,
В-ар мӯъҷиза шеър астӣ, пайғамбараме ман.
Бо ин ҳама гар ишқи яке моҳ набудӣ,
Андар ду ҷаҳон шоҳи баландахтараме ман.
Моҳию чӣ моҳӣ , ки зи ҳиҷрон-ш яке ҷон
Гар ман ба ғамаш награваме, кофараме ман.
Гар бандаи хӯи бади худ нестӣ он моҳ,
Ҳаққо, ки ба фирдавс ҳаме чокараме ман.
Гар нестӣ он ранҷ, ки ӯ реш даровард,
Вегаҳ, ки дар ин вақт чӣ гӯяд дараме ман.
Гар тир ба рӯе занадам аз сари тангӣ
Аз шодии тираш ба ҳаво барпараме ман…
Пас дар ғами он кас, ки зи гул хор надонад,
Умр аз чӣ кунам бод, ки рашки хураме ман.

❁ ❁ ❁

Эй дӯст, раҳи ҷафо раҳо кун,
Тақсири гузаштаро қазо кун.
Бар даргаҳи васли хеш моро
Бо ҳоҷиби борат ошно кун.
Дар сурати ишқи мо, нигоро,
Бадхӯиро зи худ ҷудо кун.

Охир рӯде ба рӯи мо зан,
Охир коре барои мо кун.
Ҷоно, ту нигори хушлиқоӣ,
Бо мо дили хеш хушлиқо кун.
Ман дил кардам зи ишқ якто,
Ту риштаи дӯстӣ дуто кун.
Акнун ки ту ташнаи балоӣ,
Розӣ шудаам, ҳало, бало кун.
В-арна ту, ки суғбаи балоӣ
Тан дардодам, бирав, ҷафо кун.
Филҷумла, ҳамеша бо Саноӣ
Коре, ки кунӣ ту, бериё кун.

❁ ❁ ❁

Аё меъмори дин, аввал дилу динро иморат кун,
Пас он гаҳ хезу риндонро саҳаргоҳе зиёрат кун.
Харобот, эй хароботӣ, ба айни ақл чун дидӣ?
Ниҳон аз гӯшае моро ба айни сар ишорат кун.
Бикаш хат бар ҳама олам зи баҳри ринди майхона,
Зиёрат ринди ҳазратро бирав масҳу таҳорат кун.
Ҷаҳони куфру имонро зи сӯзи ишқ бар ҳам зан,
Иёри нек бар каф гиру як соат иборат кун.
Ба симу зар хароботӣ ҳаме бо ту фурӯ н-ояд,
Ту бо ринди хароботӣ ба ҷону дил тиҷорат кун.
Ҳароратҳои нафсонӣ бисӯзад дин-тро рӯзе,
Агар дар роҳи дин мардӣ, илоҷи ин ҳарорат кун.
Зи даъвӣ гар кулаҳ дорӣ, Саноиро кулоҳе неҳ,
Зи маънӣ гар зиён бинӣ, иборатро кафорат кун.

❁ ❁ ❁

Ин кӣ фармудат, бирав, бар ошиқон бедод кун,
Дӯстонро ранҷа дору душманонро шод кун?
Ҳуснро бунёд афгандӣ чунон муҳкам, ки ҳаст
Ҷузви «ябқо ваҷҳа раббук» нақш бар бунёд кун.
Мулки ҳуснат чун нахоҳад монд бо ту ҷовидон,
Чанд аз ин бедод хоҳад буд, лахте дод кун.

Эй амал тақдир карда бар ту даврони фалак,
Соате аз азми маъзулони олам ёд кун.
Пеши мо гашти замона хирмани ғамтӯда кард,
Хирмани ғамҳои моро бар, бар оташ бод кун.
Аз барои ин ҷаҳону он ҷаҳон, эй дилрабой,
Дасти он дорӣ, бихар, моро зи ҳаҷр озод кун.

❁ ❁ ❁

Соқиё, бархезу май дар ҷом кун,
Дар хароботи хароб ором кун.
Оташи нопокӣ андар чарх зан,
Хоки тира бар сари айём кун.
Сӯҳбати зуннорбандон пеша гир,
Хидмати Ҷамшеди озарфом кун.
Бо муғон андар сафоле бода хур,
Даст бо зардуштиён дар ҷом кун.
Чун туро гардуни гардон ром гашт,
Маркаби норостиро ром кун.
Номи риндӣ бар тани худ кун дуруст,
Хештанро лоуболӣ ном кун.
Хештанро гар ҳамебояд-т ком
Чун Саноӣ муфлису худком кун.

❁ ❁ ❁

Ҷоно, дили душманон ҳазин кун,
Бо худ шабаке маро қарин кун.
Теғи ишрат зи бода баркаш,
Асби шодӣ ба зери зин кун.
Ман хотам кардаам ду бозӯ,
Худро ба миёни ин нигин кун.
То ҷони ман аз рухат насӯзад,
Рух зери ду зулфи худ дафин кун.
То айши адӯ чу заҳр гардад,
Бо мо суханон чу ангабин кун.
Бе бода мабошу бе раҳӣ ҳеч,
Кӯрий ҳама душманон чунин кун.

❁ ❁ ❁

Чашмакон пеши ман пуроб макун,
Дилам аз ошиқӣ кабоб макун.
Дӯст якке кунанд, он ки ду дӯст
Носавоб аст, носавоб макун.
Зангро пеши чашми Рум макун,
Рудро пеши дил сароб макун.
Ба кас аз ибтидо расул мабош,
Руқъае оядат, ҷавоб макун.
Ба сабурӣ тавон расид ба дӯст,
Ба ҳам андар мазан, шитоб макун.
На худоӣ, чунин муҷиб мабош,
Даъвии халқ мустаҷоб макун.
Бо Саноӣ чунин тавонӣ буд,
Варна шав, хештан азоб макун.

❁ ❁ ❁

Даъвии дин мекунӣ, бо нафс дамсозӣ макун,
Синаи гунҷишк ҷӯӣ, даъвии бозӣ макун.
Макри марди марғазӣ аз ғӯл нашносӣ, бирав,
Ҳамнишин, таррориёни гурбузи розӣ макун.
Эй зи кашшӣ нопазируфта сияхрӯёни куфр,
Бо накӯрӯёни дини пок таннозӣ макун.
В-ар ҳамехоҳӣ кунӣ бозӣ ту бо ҳурони хулд,
Пас, дар ин бозори дунё бузинабозӣ макун.
Дасти дафзан гурзи Рустам кай тавонад кор баст,
Аз рукӯи машғала даъвии баззозӣ макун.
Бодия норафтаву нодида рӯи кофирин,
Хештанро ном гаҳ ҳоҷию гаҳ ғозӣ макун.
Эй Саноӣ, чун ғуломи рангу бӯянд ин ҳама
Баргузар з-ин гуфтугӯю ҳеч ғаммозӣ макун.

❁ ❁ ❁

Эй, дил, ар мавлои ишқӣ, ёди султонӣ макун,
Дар раҳи озодагон бисёр вайронӣ макун.
Ҳамраҳи Мӯсову Ҳорун бош дар майдони ишқ,
Фарши фиръавнӣ масозу феъли ҳомонӣ макун.
Бе ҷамоли хуб лоф аз Юсуфи мисри мазан,
Бе фироқу дард ёди пири канъонӣ макун.

Дар хароботе, ки ин гӯяд, ки фосиқ шав, бишав,
В-андар он масҷид, ки он гӯяд, мусулмонӣ макун.
Пеши яъҷуҷи ҳаво садди Сикандарвор бош,
В-ар ҷинон ҷӯӣ, ғулувв андар ҷаҳонбонӣ макун.
Он ишороте, ки аз ишқаш хабар ёбӣ, макун,
В-он ибороте, ки аз ёдаш ҷудо монӣ, макун.
Чун зи мору мурғу деву дад бимонӣ, бок нест,
Чун зи неъмулабд вомонӣ, сулаймонӣ макун.
Порсӣ некӯ надонӣ, ҳаққи озодӣ маҷӯ,
Пеши устоди сухан даъвий забондонӣ макун.
Чун мусаллам Замзаму хонӣ туро шуд, з-он сипас
Қиссаи дарё раҳо кун, мадҳати хонӣ макун.
Аз Саноӣ ҳоли кори некувон баррас ба ҷидд
Марди майдон бош, тан дар мадҳ, арзонӣ макун.

❁ ❁ ❁

Эй намуда ошиқӣ бар зулфу чоки пираҳан,
Ошиқӣ, оре, валекин бар муроди хештан.
То туро дар дил чу Қорун ганҷҳо бошад зи оз,
Чанд гӯӣ аз Увайсу чанд гӯӣ аз Қаран?
Дар диёри ту натобад з-осмон ҳаргиз Суҳайл,
Гар ҳамебояд Суҳайлат, қасд кун сӯи Яман.
Аз муроди хеш бархез, аз муридӣ ишқро
Дар Яман сокит нагардӣ, то ки бошӣ дар Хутан.
Орзу хӯрдан дигар, ин орзу кардан дигар,
Ҳар ду бо ҳам кард натвон ё васан шав ё шаман.
Бе ҷамоли Юсуфу бе сӯзи Яъқуб аз газоф,
Тӯтиёӣ н-ояд аз ҳар боду аз ҳар пираҳан.
Бода бо Фиръавн хур аз ҷоми ишқи мӯсавӣ,
Бо Алӣ дар байъат ой, захр пошӣ бар Ҳасан.
Пои ин майдон надорӣ, ҷомаи мардон мапӯш,
Барги бебаргӣ надорӣ, лофи дарвешӣ мазан!

❁ ❁ ❁

Сабр кам гашту ишқ рӯзафзун,
Киса бесим гашту дил пурхун.
Медиҳад дард, мениҳад миннат,
Ёр моро аҷаб гирифт забун.

Санъаташ солу моҳ ишваву зарқ,
Суханаш рӯзу шаб фунуну фусун.
Пушт кӯжу танам заиф шудаст,
Пушт чун нуну дил чу нуқтаи нун.
Ақл бо ишқ дарнамегунҷад,
З-ин дили хаста рахт бурд бурун.
Ҳолам ин асту ҳирсу ишқам беш,
Рост гуфтанд, к-ал-ҷунуна фунун.

❁ ❁ ❁

Гар нашуд ошиқ ду зулфи ёр бар рухсори ӯ,
Чун зи мо пинҳон кунад ҳар соате дидори ӯ?!
Ғамзаи ғаммози ӯ чун мерабояд ҷону дил,
Гар нашуд ҷоду ба рух бар турраи таррори ӯ.
Як замон дар ҳаҷру васли ӯ шавад хуррам дилам,
Ин чи офат рафт, ё раб, бар ман аз дидори ӯ.
Рӯзу шаб ранҷур дорад ҷони ҳар бедил чу ман
Лолаи рухсори ӯву наргиси бемори ӯ.
Сад ҳазорон чун Саноӣ дар сари кори ту шуд,
Чу шавад, ман низ бошам хунфишон дар кори ӯ?!
Номи ман аз дафтари ушшоқи олам маҳв беҳ,
Гар бинолам ҳеч вақте аз ҷафо(в)-озори ӯ.
Гар наёбам васли рӯяш, бошад аз вай ин қадар,
Умр, ё раб, мегузорам дар ғаму тимори ӯ.

❁ ❁ ❁

Ҳалқаи арвоҳ бинам гирди ҳалқай гӯши ту,
Офтобу моҳ бинам ҳомили шабпӯши ту.
Бедилонро наргиси гӯёи ту хомӯш кард,
Ошиқонро кард гӯё пистаи хомӯши ту.
Талхи ту ширинтар аст аз шаҳду шаккар вақти кин,
Чун бувад ҳангоми сулҳу васли рӯят нӯши ту.
Хоби харгӯш омад аз ту ошиқонатро насиб
З-ин қибал сухра канад бар шеру бар харгӯши ту.
Мурғвор андар ҳавои ту ҳамепаррад дилам
Бар умеди он ки созад ошён оғӯши ту.

❁ ❁ ❁

Эй шодию ғам зи сулҳу ҷанги ту,
В-эй доду ситад зи симу санги ту.
Эй офату роҳати шабу рӯзам,
Чашму даҳани фароху танги ту.
Бар нофаи мушку боғи гул доим
Бо рашку ҳасад зи бӯю ранги ту.
Узри ту агарчи лангу ман пайваст
Хурсанд шудам ба узри ланги ту.
Хуш шуд ҷигарам чу нофаи оҳу
Аз ҳасрати хатти мушкранги ту.

❁ ❁ ❁

Ошиқам бар лаъли шаккархои ту,
Фитнаам бар қомати раънои ту.
Моҳ бар роҳ уфтод аз рӯи ту
Сарв шуд шарманда  аз болои ту.
Ҷони ман шуд маскани ранҷу бало,
То дили мискини ман шуд ҷои ту.
Пӯст дар тан хушк дорам ҳамчу чанг
Аз ҳавои чанги рӯҳафзои ту.
Мурдаро зинда кунӣ з-овои хеш,
Пас, дами Исо шудаст овои ту?
Боз бинмо рӯи худ, эй моҳрӯй,
Гар паи васлат бувад савдои ту.
Ту диҳӣ бӯса ҳаме бар чанги хеш,
Ман диҳам бӯса ҳаме бар пои ту.
Гар Саноӣ гаҳ-гаҳе тавба кунад,
Тавбаи ӯ бишканад лабҳои ту.

❁ ❁ ❁

То бидидам зулфи анбарсои ту
В-он ҳуҷиста талъати зебои ту.
Ҷону дил наздат фиристодам нахуст,
Омадам бе ҷону дил дар вои ту.
Бедилу бе ҷон надорад қимате,
Бингар ин беқимат андар ҷои ту.
Остин пурхуну дида пурсиришк
Чашм хира дар рухи зебои ту.

Мушку анбар борад андар кулли кавн
Чун фишонӣ зулфаки раънои ту.
Менаёрам дид дар боғи тараб
Сарв аз рашки қаду болои ту.
Менаёрам дид андар тирашаб
Маҳ зи рашки рӯи рӯҳафзои ту.
Чун бурун оям зи зиндони фироқ,
То наёрандам хату туғрои ту?
Бас биҷӯям ман турову оқибат
Кушта гардам охир андар пои ту.

❂ ❂ ❂

Эй хоб, зи чашми ман бурун шав,
Эй меҳр, дар ин дилам фузун шав.
Эй дида, ту хуни ноб мерез,
Эй қадри кашида, сарнигун шав.
Оташ ба сифоти хеш дарзан,
Аз ҳастии хештан бурун шав.
Гар масҷидро ҳаменахоҳӣ,
Бо меҳтари туниён бутун шав.

❂ ❂ ❂

Гар ба кӯи ошиқӣ бо мо ҳам аз як хонаӣ,
Бо ҳама кас ошно, бо мо чаро бегонаӣ?
Мо чу андар ишқи ту якрӯй чун оинаем,
Ту чаро дар дӯстӣ бо мо дусар чун шонаӣ?
Шамъи худ хонӣ ҳаме морову мо дар пеши ту
Пас, туро парвои ҷон аз чист, гар парвонаӣ.
Ҷуз ба умре дар раҳи мо рост натвон рафт аз он-к
Ҳамчу фарзин каҷравӣ, дар роҳи нофарзонаӣ.
Ошиқӣ аз банди ақлу офият ҷастан бувад,
Гар чунинӣ, ошиқӣ, в-ар нестӣ, девонаӣ.
З-он зи васли мо надорӣ як дам осоиш, ки ту
Рӯзу шаб савдои худ ронӣ, даме моро наӣ.
Ёрат, эй бут, садр дорад з-он азиз асту ту з-он
Дар лагадкӯби ҳама халқӣ, ки дар остонаӣ.
Ҳар куҷо саҳрост, гарму равшан аст аз офтоб
Ту аз он афсурда мондастӣ, ки андар хонаӣ.

Ту барои мо ба гирди доми мо гардӣ, валек
Доми моро дона беш асту ту марди донаӣ.
Бар худӣ ошиқ на бар мо, эй Саноӣ, баҳри он-к
Рӯзу шаб марди фусуну шӯъбада, в-афсонаӣ.

❂ ❂ ❂

Ғолия бар оҷ баромехтӣ,
Мӯрча аз оҷ, барангехтӣ.
Бар гули сурх, эй санами дилрабой,
Рағми маро мушки сияҳ бехтӣ.
Рӯз фурӯзанда ба раъйу маро
Бо шаби торик барангехтӣ.
Ашку рухи ман чу ақиқу зар аст
То шабаҳ аз сим даровехтӣ.
Бо дили ман нарди ҷафо бохтӣ,
Бар сари ман гарди бало бехтӣ.

❂ ❂ ❂

Санамо, он хати мушкин, ки фароз овардӣ,
Бар гул аз ғолия гӯӣ, ки тароз овардӣ.
Гарчи хуб аст ба гирди рухи ту зулфи дароз,
Хат басе хубтар аз зулфи дароз овардӣ.
Гар ниёз аст раҳиро ба хати хуби ту боз,
Ту раҳиро ба хати хеш ниёз овардӣ.
Қиблае сохтӣ аз ғолия бар сими сапед,
То бад-он қибла бутонро ба намоз овардӣ.
Пеши халқ аз ҷиҳати шӯъбадаву булъаҷабӣ
Наргису булъаҷаби шӯъбадабоз овардӣ.
Чанд гӯӣ, ки дилат пеши ту боз овардам?
Ин сухан беҳудаву ҳазлу маҷоз овардӣ.
Дилам афрӯхта буд аз тарабу шодию ноз,
Ту диле сӯхта аз гарму гудоз овардӣ.

❂ ❂ ❂

Дилам бурдию ҷон бар кор дорӣ,
Ту худ ҷои дигар бозор дорӣ.
Набошад ошиқат ҳаргиз чунин кас,
Агарчи ошиқи бисёр дорӣ.

Зи ранҷи ғайратат бемор бошам,
Чу ту бо дигарон дидор дорӣ.
Азизат хонам, эй ҷони ҷаҳонам,
Аз он аст, инчунинам хор дорӣ.
Касе, к-ӯ ошиқи рӯи ту бошад,
Сазад, ӯро низору зор дорӣ.
Ду чашмам ҳар шабе то бомдодон,
Зи ҳиҷрат хештан бедор дорӣ.
Шудам маҳҷуру ранҷури ту, зеро-к
Ту хӯи олами ғаддор дорӣ.
Туро дорам азиз, эй моҳ, чун гул,
Чаро беқиматам, чун хор дорӣ.
Нигар, то кай маро аз доғи ҳиҷрон
Лабе хушку диле пуркор дорӣ.
Ту худ танҳо ҷаҳонро мебисӯзӣ,
Чаро бар хур балоро ёр дорӣ.
Бикун раҳме бад-ин ошиқ, агар ҳеч
Умеди раҳмати ҷаббор дорӣ.
Саноиро чунон бояд, к-аз ин пас
Зи васли хеш бархурдор дорӣ.

❁ ❁ ❁

Рӯи чу моҳ дорӣ, зулфи сиёҳ дорӣ,
Бар сарв моҳ дорӣ, бар сар кулоҳ дорӣ.
Холи ту бӯса хоҳад, лекин хам аз лаби ту,
Ҳам бӯсаҷой дорӣ, ҳам бӯсахоҳ дорӣ.
Зулфи ту бар дили ман банде ниҳод муҳкам,
Гуфтам, ки банд дорам, гуфто: Гуноҳ дорӣ.
Як раҳ бипурс, ҷоно, з-он зулфи мушкбӯят,
То бар гули мувадцат чун хобгоҳ дорӣ.
Дил ҷойгоҳ дорад, андар миёни оташ,
Ту дар миёни он дил чун ҷойгоҳ дорӣ?
Масти санои ишқат дар маҷлиси Саноӣ
Гар ҳеч ақл дорӣ, ӯро нигоҳ дорӣ?

❁ ❁ ❁

Чаро зи рӯи латофат бад-ин ғариб насозӣ,
Ки бас ғариб набошад зи меҳ ғарибнавозӣ.

Зи баҳри як сухани ту ду гӯши мо суи он лаб,
Ситеза бар дили мову ду чашми ту суи бозӣ.
Чӣ офатӣ ту, ки шабҳо миёни дида чу рӯзӣ,
Чӣ фитнаӣ ту, ки шабҳо миёни рӯҳ чу розӣ.
Чу ман зи оташи ғайрат ниҳоди Каъба бисӯзам,
Ту аз миёни ду абрӯ ҳазор қибла бисӯзӣ.
Пас аз фароз набошад ҷуз аз нишеб, валекин
Ҷаҳони ишқи ту дорад пас аз фароз фарозӣ.
Гудохт мояи сабрам зи бонги шаккари лафзат
Гаҳи итоб намудан ба порсию ба тозӣ.
На он аҷаб, ки шунидам, ки сабр нӯш гудозад,
Аҷабтар он, ки бидидам зи нӯш сабр гудозӣ.
Зи бӯсаи ту намояд замона номаи шоҳӣ,
Зи ғамзаи ту физояд ҷаҳон китоби мағозӣ.
Чу рӯю мӯи ту бинад хирад чӣ гӯяд? гӯяд:
Зиҳӣ ду мӯъмини ҷоду, зиҳӣ ду кофари ғозӣ.
Ҷамолу ҷоҳу саодат чу ёфтӣ зи замона,
Биноз бар ҳама хубон, ки зебадат, ки бинозӣ.
Бақову молу ҷамолат ҳамеша бод чу ишқат,
Ки ҳеч умр надорад чу ишқ умрдарозӣ.
Чу шуд ба назди Саноӣ яке ҷафову вафоят,
Расид кор ба ҷону гузашт умр ба бозӣ.

❁ ❁ ❁

Эй гули обдори наврӯзӣ,
Диданат фаррухию фирӯзӣ.
Эй фурӯзанда аз рухонат ҷон,
Оташи ишқ то кай афрӯзӣ?!
Дили бадхоҳ сӯз андар ишқ,
Чунки дилҳои ошиқон сӯзӣ?
Аз лаб омӯз хуб мазҳаби хуб,
Аз ду зулфин на тунбаломӯзӣ.
Эй дарида дили ман аз ғами ишқ
З-он лаби чун ақиқ кай дӯзӣ?
Аз даҳонат, ки оби ҳайвон аст,
Чун Саноӣ набудие рӯзӣ.

* * *

Эй Саноӣ, чу ту дар банди дилу ҷон бошӣ,
Кай сазовори ҳавои рухи ҷонон бошӣ?
Дурри дарё ту чӣ гуна ба каф орӣ, ки ҳаме
Ба лаби ҷӯй чу атфол ҳаросон бошӣ.
Чун ба тарки дилу ҷон гуфт наёрӣ, он беҳ,
Ки шавӣ дур аз ин кӯю таносон бошӣ.
То ту фармонбари чавгони саворон нашавӣ,
Нест мумкин, ки ту андархури майдон бошӣ.
Кор бар бурдани чавгон набувад санъати ту,
Ту ҳамон беҳ, ки асири хами чавгон бошӣ.
Ба асоею Калиме ки ту дорӣ, писаро,
Ту ҳамехоҳӣ, чун Мӯсии Имрон бошӣ?
Хоҷаи мо ғалате кардаст ин роҳ магар,
Худ на бас он, ки намирию мусулмон бошӣ.

* * *

Ба даргоҳи ишқат чи номе, чи нанге,
Ба назди ҷалолат чи шоҳе, чи шанге.
Ҷаҳон пур ҳадиси висоли ту бинам
Зиҳӣ, норасида ба зулфи ту чанге.
Ҳамоно ба саҳро гузар кардаӣ ту,
Ки саҳро зи рӯят гирифтаст ранге.
Зи акси рухи ту ба ҳар марғзоре
Зи дебои чинӣ гушодаст танге.
Шигифт оҳуи ту, ки сайди ту созад
Ба ҳар чашмзахме диловар паланге.
Зи ҷаъдат камандею шаҳре пиёда
Ҷаҳоне савору зи чашмат ханге
Агар хоҳӣ, арвоҳи мурғони улвӣ
Фуруд орӣ аз шохи тӯбӣ ба санге.
Ба ту кай расад ҳаргиз аз роҳ гуфте,
Бари нору нурат кӣ дорад даранге.
Киям ман, ки аз нӯши васли ту гӯям,
Напӯяд паи шер рӯбоҳи ланге.
Ман он ошиқам, к-аз ту хушнуд бошам
Зи нӯше ба заҳре, зи сулҳе ба ҷанге.

❁ ❁ ❁

Ало, эй лӯъбати соқӣ, зи май пур кун маро ҷоме,
Ки пайдо нест корамро дар ин гетӣ саранҷоме.
Кунун чун тавба бишкастам, ба хилват бо ту биншастам,
Зи май бояд, ки дар дастам нихӣ ҳар соате ҷоме.
Набояд хӯрд чандин ғам, бибояд зистан хуррам,
Ки аз мо андар ин олам нахоҳад монд ҷуз номе.
Ҳамехур бодаи софӣ зи ғам он беҳ, ки кам лофӣ,
Ки ҳаргиз олами ҷофӣ нагирад бо кас ороме.
Манеҳ бар хатти гардун сар зи умри хештан бар х(в)ар,
Ки умратро аз ин хуштар нахоҳад буд айёме.
Чаро бошӣ чу ғамноке, мадор аз муфлисӣ боке,
Ки ногоҳон шавӣ хоке, надида аз ҷаҳон коме.
Матарс аз кори нобуда, махур андӯҳи беҳуда,
Дил аз ғам дор осуда ба коми худ бизан гоме.
Туро даҳр аст бадхоҳе нишаста дар камингоҳе,
Зи ғаддорӣ ба ҳар роҳе бигустарда туро доме.

❁ ❁ ❁

Хусрави Мозандарон ояд ҳаме,
Ё Масеҳ аз осмон ояд ҳаме.
Ё зи баҳри маслиҳат Рӯҳуламин
Сӯи дунё з-он ҷаҳон ояд ҳаме.
Ё Сикандар бо бозургони Ироқ
Сӯи Шарқ аз Қайрувон ояд ҳаме.
Реги Омӯю дарозий роҳи ӯ
Зери помон парниён ояд ҳаме.
Оби Ҷайҳун аз нишоти рӯи дӯст
Асби моро то миён ояд ҳаме.
Ранҷи ғурбат рафту тимори сафар,
Бӯи ёри меҳрубон ояд ҳаме.
Ин аз он вазн аст, гуфта Рӯдакӣ:
Ёди Ҷӯи Мӯлиён ояд ҳаме.

❁ ❁ ❁

Ту офати ақлу ҷону динӣ,
Ту рашки парию ҳури инӣ.
То чашми ту рӯи ту набинад,
Ту низ чу хештан набинӣ.

Эй дар дилу ҷони ман нишаста,
Як ҳол ду ҷой чун нишинӣ?
Сарвию маҳе аҷоибӣ ту,
На бар фалакӣ, на бар заминӣ.
Бе рӯи ту ақли ман на хуб аст,
Дар хотами ақли ман нигинӣ.
Бар меҳри ту дил ниҳод натвон,
Ту аспи фироқ карда зинӣ.
Гаҳ ёри қадимро биронӣ,
Гаҳ ёри навомада гузинӣ.
Ин ҷавру ҷафот на кунун аст,
Дерест, буто, ки ту чунинӣ.
Эй бӯқаламуни хешу динам,
Гаҳ куфри манию гоҳ динӣ.

❁ ❁ ❁

Эй зубдаи рози осмонӣ,
В-эй ҳуллаи ақли пурмаонӣ.
Эй дар ду ҷаҳон зи ту расида
Овозаи кӯси «Лан таронӣ».
Эй Юсуфи аср ҳамчу Юсуф
Афтода ба дасти корвоне.
Лаъли ту ба ғамза куфру динро
Пардохта махзани амонӣ.
Лаъли ту ба бӯса ақлу ҷонро
Барсохта ақли ҷовидонӣ.
Бо офати зулфи ту кӣ бинад
Як лаҳза зи умр шодмонӣ.
Бо оташи ишқи ту кӣ ёбад
Як қатра зи оби зиндагонӣ.
Мӯсо чӣ кунад, ки бе ҷамолат
Накшад ғаму ғурбати шубонӣ?!
Фиръавн ки бувад, ки бо камолат
Кӯбад дари мулки ҷовидонӣ?!
Он гӯяму он чу сӯфиёнат,
Не, не, ки ту подшоҳи онӣ.
Ҷон хонам, ҷон ту ошиқонат,
Не, не, ки ту кадхудои ҷонӣ.

Аз ҷумлаи ошиқони ту нест
Як тан чу Саноию ту донӣ.
Зебад, ки сабук надорӣ ӯро
Гар гаҳ-гаҳаке кунад гаронӣ.

❁ ❁ ❁

Ҳар кӣ бар рӯи ту бошад ошиқ, эй ҷони ҷаҳон
Бо ҷаҳони ҷон набошад буд ӯро ҳеч кор.
Олами кавну фасод аз куфру дин оростаст,
Олами ишқ аз дили бирёну чашми ашкбор.
Дар ҷаҳони ишқ аз ин рамзу ҳикоят ҳеч нест,
К-ин музахрафпайкарон гӯянд бар сарҳои дор.
Вой, агар дасте барорад дар ҷаҳон инсофи ту,
Дар ҳама саҳрои ҷон як тан намонад пойдор.

Бар ту кас дарменагунҷад то лӣ иллаллаҳ чу ло
Ҳоҷибе дорад кашида теғ дар айвони нор.
Лофгӯёни аналлаҳро бубин дар ишқи хеш
Бар бисоти ишқ бинҳода ҷабини ихтиёр.
Ман на танҳо ошиқам бар ту, ки бар ҳафт осмон
Кушта ҳаст аз ишқи ту чандон, ки н-ояд дар шумор.
Ман шиносам мар туро, к-аз ҳафтумин чарх омадам
Баччаи ишқи туро парварда дар дӯшу канор.
Мардумон якчанд аз тақвову дин ронанд кор,
З-ин пас андар аҳди мо на пуд мондасту на тор.
Ин ду чун бигзашт, боз озарму дин омад шиор,
Гар мунозеъ хоҳӣ, эй Маҳдӣ, фуруд ой аз ҳисор.
Боз якчанде зи рағбат буду раҳбат буд кор
В-ар мутобеъ хоҳӣ, эй Даҷҷоли якрав, сар барор!

# ТАВЗЕҲОТ

[i] Тамсил дар хусуси он ки ин нобино дар асл нобино буд. Ҷамоъати нобиноён ва аҳволи фил.Ин масал баъдан дар адабиёти ирфонӣ паҳн шуда, чунончи, Мавлонои Румӣ низ аз Саноӣ илҳом гирифта дар «Маснавӣ» овардааст.
[ii] Тамсил дар баёни дӯстдорони ҳақиқат
[iii] Тамсил дар бораи гурӯҳе, ки закот медиҳанд
[iv] Тамсил дар баёни қавме, ки аҳволро мешиносанд «гуфтугӯи писар бо падару модар»
[v] Дар мухолифати ду олам
[vi] Муқил- яъне фақир.
[vii] дар баёни иттиҳод
[vii] ҳар касе, ки ба тоати ӯ имон овард, пас ба гумроҳии ошкоро афтод
[ix] ҳар ки дар дунё парҳез кард, мулки бебало дарёфт
[x] Дар сифати зуҳд ва зоҳид
[xi] Дар муҳаббати дунё ва сифати аҳли он
[xii] Дар баёни ихлос ва мухлисон аз хатари азим
[xiii] Дар баёни қазову қадараш ва амру офаринишаш
[xiv] Дар инкори сифати мазмумаи Аллоҳи таъоло
[xv] Дар тамсили он касе, ки вай маро сарзаниш ва омӯзонд
[xvi] Тамсил дар маънои онҳое, ки ҳамчун ҳайвон, балки онҳо пасфитраттаранд
[xvii] дар кароматаш
[xviii] дар парастиш
[xix] тамсил дар баёни қиссаи Иброҳими Халилуллоҳ алайҳиссалом
[xx] Боби дуввум
[xxi] дар зикри сухани соҳибмулки ҳамадон, ки расидан ба ҳадафро осон гардонад
[xxii] Тамсил дар офаринишии Одам ва Исо ибни Марям алайҳимассалом
[xxiii] зикри пайғамбарон беҳ аз суханони ҷоҳилон аст
[xxiv] Боби севум
[xxv] дар баёни ғайбати бародари муслим
[xxvi] тамсил дар ҷаҳду кӯшиш
[xvii] дар иҷтиҳод ва талаби парҳезгорӣ
[xviii] тамсил дар баёни парҳезгорӣ, суоли Мӯсо алайҳиссалом аз Худои бузургу тавоно, гуфт: кадом чизе беҳтар аз ашё офарида шуд?
[xxix] ҷаҳл бемориест, ки даво надорад ва аҳмақӣ чоҳест, ки умқ надорад
[xxx] тамсил дар баёни асҳоби ғофилон ва ҷоҳилон
[xxxi] тамсил дар баёни бадкорон ва аҳволи дунёдорон
[xxxii] дар сифати ақл ва аҳволу афъоли вай ва ғояти ғамхорӣ ва сабаби вуҷуди он
[xxxiii] зикри ақл воҷиб аст, зеро натиҷааш воҷиб аст, ҳар касе ки ақл надорад, дин надорад. Гуфт пайғамбар(с): Он чи аввал офарида шуд, ақл аст
[xxxix] дар баёни он ки ақл султони халқ ва ҳуҷҷати ҳақ аст
[xxxv] дар фазилати илм, зикри илм, илм судбахштар аст, зеро фазилаташ бартар аст
[xxxvi] дар баёни илм ва дараҷаи илм ва мутааллим ва пурсанда ва масъул, парвардгор мегӯяд: ва касоне, ки дараҷаи илмро мегиранд ва инчунин гӯяд: бигӯ оё касоне, ки медонанд ба касоне, ки амал мекунанд баробар ҳастанд. Пайғамбар (с) гуфт: олимон ворисони пайғамбаранд, инчунин гуфт: илмро агарчи дар Чин бошад талаб кунед. Ва гуфт: илм ду бахш дорад, илми баданҳо ва илми динҳо
[xxxvii] Тамсил дар вазъи чизе ки дар мавзеъаш нест
[xxxviii] дар баёни ҷоҳил ва шубҳаи ӯ аз олам
[xxxix] тамсил дар баёни олам ва таҳсилкарда
[xl] тамсил дар муҳаббат ва шукр

[xli] Ҳикоят дар аҷз ва сукут
[xlii] Фасл дар зикри ишқ ва фазилати он ва сифати ишқу ошиқ ва маъшуқ
[xliii] зикри ишқи накҳатбахши қалбҳо ва зоилкунандаи андӯҳ
[xliv] Тамсили қиссаи Одам(а) ва сабаби ишқи ӯ
[xlv] Дар сифати ишқ
[xlvi] Дар ишроқи ишқ
[xlvii] тамсил дар баёни сӯзиши ишқ ва изҳори он
[xlviii] арафаъ (зикри қалб фоидабахштар аст, зеро дараҷоти он болотар аст
[xlix] дар зикри нафси куллӣ ва аҳволи ӯ
[l] зикри нафси куллӣ огоҳкунандаи роҳнамо ва беэътинoияш ғурури нанговар дорад
[li] Набӣ(а) гӯяд): назар саҳме аз саҳмҳои шайтон аст
[lii] тамсил дар хӯрдани рибо, хӯрдани рибо мисли он касест, ки шӯълаи оташро хӯрдааст
[liii] ҳар касе худро шинохт Худоро шинохт
[liv] дар тамсил
[lv] дар мазаммати дӯстии дунё ва манъи шаробхорӣ
[lvi] дар зикри тӯҳмат ба парҳезгорон на қабул аст ва на талқин
[lvii] Тамсил дар шаъни асҳоби ғафлат ва назари бадкор
[lviii] асл дар боби ғуруру ғафлат ва фаромӯшӣ ва дӯстдории ормонҳо ва ба умури дунё дилбезор будан ва фаромӯши марг ва рӯзи бозхосту эҳё
[lix] тамсил аз олами ғурур
[lx] Ҳикоят дар бораи ҳамсӯҳбатони ғофил
[lxi] фасл дар ҳикмат ва зикри ҳикмат ҳукум шавад, зеро ки байни коинот ҳукмест мисли дӯстдорандагон ва душманон мисли дармону дард
[lxii] дар зикри дӯстони бад
[lxiii] тамсил дар сифати инсон
[lxiv] сифати мағрурон дар дори дунё
[lxv] тамсил дар муҳаббати дунё ва ғурураш
[lxvi] дар сифати нафс ва аҳволи он
[lxvii] пайғамбар (а) гуфт: дар ҳақиқат шайтон дар болои раги гардани одам аст ва бо маҷрои хун гардиш мекунад
[lxviii] дар баёни харакат ва тарки олам дар талаби охират. Пайғамбар(а) гӯяд: илмро агар дар Чин бошад, талаб кунед. гуфт(а): сафар кунед ғанимат ба даст овbooред ва ба ватани худ фахр накунед
[lxix] зикри тасаввуф ҳақиқатро устувор мекунад, зеро дар он наҷоти инсоният аст
[lxx] дар мазаммати тамаъкорон ва ҳарисон
[lxxi] нишонаи асҳои тасаввуф он аст, ки на суол кунанд ва на дурруштӣ кунанд ва на захира мекунанд
[lxxii] тамсил дар таълими падари ғофил ибни ҷоҳил дар тасаввуф
[lxxiii] Боби ҳаштум
[lxxix] зикри султон то ба амонат нигаҳдорӣ шавад
[lxxv] Султони бузурги молики душмандори уммат, султони салотини олам, паймони давлат ва амини миллат, паноҳгоҳи ислом ва мусалмонон Абӯҳорис Баҳромшоҳ ибни Масъуд Навваралооҳу мазҷаъаҳу мадҳ мешавад
[lxxvi] дар огоҳии мулк ва сухани ҳаққи бемадҳ
[lxxvii] ҳикоят дар боби мулк ва адолат
[lxxviii] Боби нуҳум
[lxxix] дар ҳикмат ва амсол ва бӯҳтони шоирон ва муддаъиён ва мазаммати табибон ва мунаҷҷимон
[lxxx] фасл дар баёни роҳи саъодат ва роҳи рост
[lxxxi] дар тӯҳмати шоирони муддаъӣ
[lxxxii] дар баёни гуноҳи дурӯғгӯён
[lxxxiii] дар зикри авом ва аҳли бозор ва ҷоҳилон

# ФЕҲРАСТИ БАЪЗЕ ЛУҒОТ, ИСТИЛОҲОТ ВА ТАРКИБОТ

## (А)

**Аҳрор** – (ҷамъи ҳурр) озодагон, ҷавонмардон.

**Аҳмади тозӣ** – Пайғамбари Акрам (с).

**Аҳнаф ибни Қайс** – сарвари қабилаи Тамим

**Ахзар** – сабр, киноя аз дарё ва осмон ва низ номи дарё.

**Аз ин даст** – ин гуна.

**Аз сари** – аз рӯи, ба сабаби

**Аз сари ҳазл** – ба шӯхӣ.

**Асҳоби суффа** – гурӯҳе аз ёрони фақир ва бовафои Муҳаммад(с).

**Асном** – (ҷамъи санам), бутҳо.

**Аъвар** – якчашм.

**Афвоҷ** – ҷамъи фавҷ, гурӯҳҳо.

**Ақориб** – наздикон.

**Акҳол** – ранги зиндагӣ.

**Акҳол** аз дидагон кушудан – хун гиристан.

**Алқон** – забонбандшуда.

**Анбоз** – шарик.

**Андар охт** – дар он рахна андохт.

**Абдуллоҳ ибни Умар ибни Хаттоб** – яке аз хулафои рошидин

**Абдуллоҳи Равоҳа** – аз ёрони бовафои Пайғамбари Акрам(с).

**Абдуллоҳи Забир** –набераи аммаи Расули (с) ва ҳазрати Алӣ.

**Абра кардан** – убур кардан.

**Атиқ** – Лақаби Абӯбакр.

**Араз** – он аст, ки вуҷудаш дар зимни вуҷуди дигаре ёфта шавад, муқобили ҷавҳар.

**Арафот** – саҳро ва кӯҳе дар шимоли Макка.

**Азз** – азиз.

**Азозил** – шайтон.

**Азм** – оҳанг, мақсад.

**Асир** – душвор.

**Асас** – посбон.

**Асоба** – пешонибанд.

**Асбаҳ** – хешони падарӣ.

**Асмат** – муҳофизат.

**Азимуррум** – румиёни бузург.

**Афоф** – покдоманӣ.

**Афиф** – покдоман.

**Ақориб** – каждумҳо; наздикон.

**Ақила** – пойбанд.
**Алил** – бемор.
**Аммори Ёсир** – яке аз саҳобаҳои Пайғамбар(с).
**Амри Ос** – ҳамдасти Муовия дар муқобили Алӣ(а).
**Айш** – зиндагонӣ.
**Айни туроб** – худи хок.
**Айнайн** – ду чашм.

**(Б)**

**Бахшудан** – афв кардан; ато додан.
**Бадр** – моҳи шаби чаҳордаҳ.
**Бадсоз** – бадрафтор.
**Бадаст** – ваҷаб.
**Бадфиъол** – бадкирдор.
**Бар ифрат** – ба фаровонӣ.
**Барҷаҳ** – амр аз ҷастан, бидав.
**Барг** – сару сомон.
**Бишой** – шоиста бошӣ.
**Басар** – чашм.
**Бат** – мурғобӣ.
**Битонат** – дӯсти наздик.
**Бақеъ** – гӯристоне дар Мадина.
**Балъам** – марде аз бани Исроъил.
**Балво** – ошӯб.
**Банди фармон** – фармонбардор.
**Бинагзинад** – напазирад.
**Бутуроб** – кунияи Ҳазрати Алӣ(а).
**Ба ваҷҳ** – чунон ки лозим аст.
**Ба тафт** – фавран.
**Ба чаро** – дар ҳоли чаридан.
**Ба чи фан** – ба чӣ ҷиҳат.
**Ба хона дар** – миёни хона.
**Беборӣ** – беминнат.
**Бечун** – бемонанд.
**Беҳифозӣ** – нохештандорӣ.
**Бехирадбахшой** – афвкунандаи гунаҳкорон.
**Бедбун** – дарахти бед.
**Берон** – вайрон.
**Байъ ва широ** – фурӯшу харид.
**Бе меғ** – бидуни абр.
**Боб** – дарвоза.
**Бобат** – мутааллиқ, марбут.
**Бод санҷидан** – кори беҳуда ва беҳосил кардан.
**Бодубуд** – ғуруру худбинӣ.
**Борӣ** – номи Худованд, некӯкор.
**Бор Худоё** – Худои мутаъол.

**Бор хостан** –иҷозати вуруд хостан.
**Баракаллоҳ умрак** – Худой умратро муборак гардонад.
**Бора** – аспи тануманд.
**Боз хӯрдан** – бархӯрд кардан.
**Боғӣ** – ситамгар, золим.
**Боқлӣ** – боқила.
**Болон** – қад кашида

**(В)**

**Воғусо** – фарёдрасӣ.
**Вомиқ ва Узро** – номи ошиқу маъшуқа.
**Васан** – бат.
**Ваҷд** – хушҳолӣ.
**Ваҷиҳ** – обрӯманд.
**Вашм** – холкубӣ.
**Вазифа** – рӯзӣ.
**Вақоҳат** – бебокӣ.
**Вақти оташ** – ба оташ афкандани Иброҳим.
**Вакил** – Худованд.
**Вайҳак** – вой бар ту.

**(Г)**

**Гоз** – анбӯр; қайчӣ.
**Гузарӣ** – роҳи гузар.
**Гаронбор** – он ки бораш сангин аст.
**Гурм** – андӯҳ.
**Гарм шудан** – хашмгин шудан.
**Гарм кардани асп** – давонидан.
**Гузида Расул** –Муҳаммад(с).
**Гандапир** – пиразани солхӯрда.
**Гӯрхона** – қабр.
**Гавз, гирду** – чормағз

**(Ғ)**

**Ғозӣ** – ғазокунанда.
**Ғояти ҳусн** – ниҳоят зебо.
**Ғулл** – гарданбанди ғафс.
**Ғаммоз** – суханчин.
**Ғавр** – тафакур кардан дар коре.
**Ғур** – ноҳияи миёни Ҳироту Ғазнин.
**Ғайба** – ғайбат, бадгӯӣ.

**(Д)**

**Доҷ(доҷӣ)** – торик.
**Додпаноҳ** – додгустар.
**Дорҷ** – хорӣ.
**Донге дирам** – пули кам.
**Дабарон** – сурати фалакӣ.
**Дади даштӣ** – чаҳорпои биёбонӣ.

**Дар ҷувол шудан** – фиреб кардан.
**Дурд** – таҳнишин. шумор.
**Дар навардӣ суханаш** – дигар суханашро магӯ.
**Дижам** – андӯҳгин.
**Дасткутоҳӣ** – дастрасӣ надоштан; бечорагӣ.
**Дақал** – хурмо.
**Дил бад кардан** – тарсидан.
**Дами сард** – оҳи сард.
**Дамиёт** – шаҳре дар Миср.
**Давол** – чарм.
**Дуди зулм** – осори ситам.

**(З)**

**Заҷр** – ситам, азоб; дилтанг.
**Заҷрӣ** – дилтангӣ.
**Зарир** – нобино.
**Заъифҳол** – тангдаст.
**Зоду бисуд** – ҳасту нести сармоя.
**Золак** – пир.
**Зовулӣ** – Зобулӣ.
**Забун** – хор.
**Заҳир** – андӯҳ.
**Зафтӣ** – бахил.
**Зумра** – гурӯҳ.
**Занбил** – кина.
**Зангӣ** – сиёҳпӯст.
**Зинҳор хӯрдан** – паймон шикастан.
**Зиҳи далқ** – бандаи ҷома.
**Заҳра** – ҷуръат.
**Зии** – сӯй.
**Зин** – зинат,ороиш.
**Зуларҳом** – хешон.

**(И)**

**Ибром** – исрор, пофишорӣ.
**Иблис** – шайтон.
**Иҷобат** – қабул кардан; посух додан.
**Истеҳқор** – ночиз шуморидан.
**Истихфоф** – сабук шуморидан.
**Истисқо** – об талабидан, борон хостан.
**Ишкор** – шикор.
**Имом** – пешво.
**Инобат** – бозгашт, тавба, рӯй ба Худо овардан.
**Илал** – бемориҳо.
**Иллийин** – мақоми воло дар биҳишт.

**(К)**

**Коинан ман кона** – ҳар чӣ буда бошад, куллан.

**Кобин** – маҳрияи зан.
**Качкӣ** – кошкӣ.
**Кор доштан** – аҳамият доштан.
**Кор рондан** – анҷом додани кор.
**Коно** – нодон.
**Кадхудо** – соҳибхона.
**Кудия** – гадоӣ.
**Каррор** – ҳамлакунанда.
**Карх** – номи мавзеъ дар Бағдод.
**Курича** – хонаи кучак.
**Кифоф** – каме хӯроку нӯшок.
**Кила** – пардаи нозук.
**Кӯтаҳдаст** – камбағал, навмед.
**Кавн** – ҳастӣ.
**Кавнайн** – ду ҷаҳон.
**Кӯҳи Ӯҳуд** – кӯҳе дар назди Мадина.

**(Қ)**

**Қоили сидқ** – ростгӯ.
**Қоимму лайл** – истодан дар шаб.
**Қоид** – роҳнамо
**Қоф** – кӯҳи афсонавӣ.
**Қубба** – гунбад.
**Қидам** – қадим дар муқобили ҳадис.
**Қурс** – гирдаи нон.
**Қарин** – наздик, ҳамнишин.
**Қаз** – абрешим.
**Қасим** – шарик.
**Қасаба** – шаҳр.
**Қазо** – тақдир.
**Қуфлу пара ниҳодан** – хомӯш нишастан.
**Қалтабон** – даюс.
**Қалами «Қуръон» -** тақдири Илоҳӣ.
**Қамари наибон** – моҳ.
**Қут** – рӯзӣ.
**Қум** – номи шаҳр ва ҷомеъа.
**Қаҳистон** – ноҳияе дар ҷануби Хуросон.
**Қиёми шаб** – нимаи шаб; намози шаб
**Қиёму қууд** – бархостан ва нишастан.
**Қайси Осим** – Қайс ибни Осим – асҳоби Пайғамбар(с).
**Қайсар-Сезар** – шоҳи Рум.

**(Л)**

**Ло таъману** – дар амон мабошед.
**Ло тақнату** – навмед машавед.
**Лоф** – худситоӣ.
**Лоф пошидан** – газофагӯӣ.

**Ло зайра** – газанду боке нест.
**Лондан** – ҷунбондан.
**Лаҳма ахиҳ** – гӯшти бародар.
**Лаъин** – нафриншуда.
**Лафзи Сайид** – сухани Пайғамбар(с).
**Луқмон** – Ҳакими машҳур.
**Лиллоҳи харрук** – Худой хайрат диҳад.
**Лавн** – ранг.
**Лайлатулқурбо** – шаби Меъроҷ.

**(М)**

**Маъво** – маскан.
**Мубдаъ** – офаридашуда.
**Мутарассид** – каминкунанда.
**Муттақӣ** – парҳезгор.
**Мусла кардан** – гӯшу бинӣ буридан.
**Муҷрим** – гунаҳкор.
**Маҷосс** – набз.
**Мӯҷиб** – посухдиҳанда.
**Маҳфил** – гирдиҳамоӣ.
**Маҳан** – ғаму ранҷ.
**Махоил** – пиндорҳо.
**Муханнас** – хунсо; номард.
**Мудбир** – бадбахт.
**Марғу** – нафин.
**Мураффаҳ** – осуда.
**Мусораъат** – шитоб кардан.
**Мустаманд** – зор.
**Мустахар** – фармонбардор.
**Мусриъ** – тезрав.
**Машум** – шум.
**Машкӯҳ** – тарсидан.
**Мушир** – ройзан.
**Мусораат** – гуштӣ гирифтан.
**Масоф** – ҷамъи масоф, майдон.
**Мазбут** – маълум.
**Матбахӣ** – мансуб ба ошпазхона.
**Матнус** – аз миён рафта.
**Муотиб** – сарзанишкунанда.
**Маъзур** – баҳонадор.
**Маъзул** – барканор.
**Маъсият** – гуноҳ .
**Муаллам** – марди мазҳабӣ.
**Маън** – Маън ибни Заидат – шоири умавӣ.
**Мағбун** – фирефташуда.
**Муғтоб** – ғайбаткунанда.

**Мағрур** – фирефта.
**Миғфар** – кулоҳ.
**Мафтун** – дилдода.
**Мақоми маълум** – ҷойгоҳ.
**Мақъад** – замингир.
**Мақалмавт** – малакулмавт.
**Микос** – чона задан.
**Мукрим** – гиромӣ.
**Макрамат** – ҷавонмардӣ.
**Малаксират** – фариштахӯ.
**Малаксимо** – фариштарӯ.
**Малмус** – ламсшуда.
**Мулавван** – ранг-ранг.
**Мумтаҳан** – озмуда.
**Мунофиқ** – дурӯя; имони рӯякидор.
**Мунофиқ ба феъл** – дурӯй.
**Манқабат** – ҳунар.
**Мавло** – Худои таъоло.
**Меҳтар** – Пайғамбари Акрам(с).
**Мусориат (бо син)** – шитоб, суръат гирифтан.
**Мусориат (бо сод)** – гӯштӣ гирифтан, мубориза кардан
**Мӯҳр шикастан** – кушодани дари баста.
**Муҳиб** – саҳмгин.
**Мир Ҳайдари Каррор** – Ҳазрати Алӣ(а).
**Мири адл** – амири одил.
**Мири кӯй** –сардори маҳалла.
**Меғ** – абр.

**(Н)**

**Найбун** – буттаи най.
**Нузҳат** – хуррамӣ.
**Насаб** – нажод.
**Нафас задан** – ҳарф задан.
**Нафур** – гурезон.
**Наққош** – нақшофарин.
**Нуктаҳо** – пандҳо.
**Намози қоид кардан** – нишаста намоз хондан.
**Намб** – гуна.
**Наққош** – нақшофарин.
**Нӯҳ** – номи паямбар.
**Навӣ** – наво.
**Ниҳод** – поя; ботин.
**Наҷа-ал-мухиффун** – сабукборон  раҳоӣ ёфтанд.
**На доно** – нодон.
**Наҳр-ул-муъалло** – бузургтарин.
**Нуҳуфт** – хилватхона.

**Нуҳуфт** – пинҳонӣ.
**Наҳй** – манъ кардан,боздоштан.
**Ниҳеб** – тарс.
**Нор** – оташ.
**Нори ҷаҳим** – оташи дӯзах.
**Номҳои бузурги мӯҳтарам** – некӯтарин номҳо.
**Ной** – най.

**(О)**

**Обдаст** – об барои вузӯ; шустани даст.
**Обхӯр** – чашмасор.
**Оиқ** – монеъ
**Омурғ** – суду баҳра ва сармоя.
**Оташи дил** – сӯзи ишқ.
**Охӯри чарб будан** –дастурхони пурнеъмати дунёдорон.
**Офтоби карам** – киноя аз Паёмбари Акрам (с).
**Оғуфт** – ранҷу озор.
**Оҳани сард кӯбидан** – кори беҳуда кардан.

**(П)**

**Пайкар** – дар баъзе мавридҳо ба маънои ситеза.
**Пахч** – паҳн.
**Печопеч** – тангӣ.
**Печидан бар ангушт** – дастовез.
**Пай кардан** – соқи дасти пойи чаҳорпойро қатъ кардан.
**Пурниҳеб** – ваҳшатнок.
**Писари Мулҷам** – Абдурраҳмон б. Мулҷами Муродӣ.
**Писари Ҳинд** – Муовия ибни Абӯсуфиён.
**Посанг** – он чи барои такмили санги тарозу.
**Пок** – ҳама.
**Пушт хуфтан** – пушти хам.
**Пӯда** – пӯсида.
**Пуз** – пӯза.
**Пӯстин пеши шер дӯхтан** – кори нашуданӣ кардан.

**(Р)**

**Равзан** – шикоф
**Раззоқ** – рӯзирасон.
**Разин** – устувор.
**Раҷим** – рондашуда .
**Раҳил** – кӯч кардан.
**Раҳзани яқин** – буррандаи пайванди одамӣ бо Ҳақ.
**Раҳин** – дар гаравмонда
**Раъно** – зани болобаланд; шӯх,пурноз.
**Рафраф** – фарши нарм.
**Ранг омехтан** – фиребкорӣ
**Рауф** – меҳрубон.
**Роҳи ишкор** – роҳе, ки ба шикор меравад.

**Роҳиб** – тарсо.
**Ройиҳот** –ҷ. роиҳа, бӯйҳо.
**Рабби яссир** – Худоё осон кун.
**Рух бартофтан** – рӯй гардондан.
**Рӯҳ** – мухаффафи Рӯҳуллоҳ.
**Рӯҳуллоҳ** – Ҳазрати Исо(а).
**Рӯзбор** – қиёмат.
**Райбот** – гумони бад.
**Риш малон** – риш маҷунбон.

**(С)**

**Сабақ бурдан** – бурдани мусобиқа.
**Сабук** – фавран.
**Савлат** – ҳамла бурдан.
**Савмаъа** – дайр.
**Саддод** – ростӣ.
**Сапеднома** – солеҳкор.
**Сарофил** – Исрофил.
**Сарои фузул** – дунёи фонӣ.
**Сар накашидан** – саркашӣ накардан.
**Сарамард** – марди хуб.
**Сарират** – хулқу хӯй.
**Сатр** – пӯшонидан.
**Сафарӣ** – мусофир.
**Саҳм** – тир.
**Сияр** – сират.
**Сияри сабил** – роҳпаймоӣ.
**Синаи чанг** – миёнаи сози мусиқӣ.
**Саим-уд-даҳр** – фаровон рӯзадор
**Саъб** – сахт.
**Сахо** – саховат.
**Сахткамон** – пурзӯр.
**Сибоҳа** – шино
**Сидра** – муҳаффафи сидратулмунтаҳо.
**Сидратулмунтаҳо** – қабати ҳафтуми осмон
**Сидқ** – ростӣ.
**Сирот** – роҳи дақиқу борик.
**Сироти дақиқ** – Пули сирот.
**Сипар афкандан** – таслим шудан.
**Сипанҷи сарой** – дунё.
**Сибоъ** – даррандагон
**Соил** – гадо.
**Соъӣ** – суханчин.
**Сутур** – чорпо.
**Сукр** – мастӣ.
**Самт** – риштаи марворид.

**Садгони санг** – санге, ки сад мисқол вазн дорад.
**Суннат** – намози мустаҳҳабӣ.
**Се пай** – се по.
**Соҳибхабар** – маъмури огоҳӣ; Набии Акрам(с).
**Соъ** – паймонаи андозагирии ғалла.
**Сӯҳбат** – ҳамнишинӣ.
**Сухра** – санги бузурге дар масҷиди Ақсо ва пойгоҳи меъроҷи Пайғамбар(с); санги бузург
**Сумма нунаҷҷи** – сипас раҳояшон хоҳам кард.
**Сурайё** – ситораи Парвин, осмон

**(Т)**

**Табдил** – дигаршавӣ.
**Тараҳҳум** – раҳматуллоҳ алайҳ гуфтан; раҳм кардан
**Тардоманӣ** – гунаҳкорӣ.
**Ташвир** – хиҷлату шармсорӣ.
**Тасаъуд** – боло рафтан.
**Такаллуф** –заҳмат ва ташвиш кашидан.
**Таланг** – ниёз ба гадоӣ.
**Таматтӯъ** – баҳра.
**Тамкин** – сабр,бурдборӣ.
**Тандидан** – ҷунбидан.
**Тангмайдон** – кӯтоҳфикр.
**Таҳаввур** – бебокӣ.
**Тираравон** – андӯҳгин.
**Тез** – хашмгин.
**Теғи дидорӣ** – шамшери тез.
**Тира** – торик; хашмгин
**Тифл** – кӯдаки хурдсол.
**То** – мабодо.
**Торӣ** – торик.
**Тозона** – тозиёна.
**Тоғӣ** – тӯғёнгар.
**Томеъ** – тамаъкор, озманд.

**(У)**

**Уварон** – якчашмаҳо.
**Уммар** – Умар ибни Хаттоб.
**Уқбо** – охират.
**Уҷрат** – музд.
**Уҳуд** – номи кӯҳе наздики Мадина.

**(Ф)**

**Фай** – ғанимат
**Фасад** – хун аз раг задан.
**Фатарзо** –ишора ба ояте аз сураи «Зуҳо»;розӣ шудан. хушнудшавӣ;
**Фахх** – дом.

**Фарозгардан** – бастан.
**Фарач** – кушоиш.
**Фард** – танҳо.
**Фард** – тиҳӣ.
**Фарҷ** – намози воҷиб.
**Фидӣ** – фидо.
**Форуқ** – лақаби Умар ибни Хаттоб
**Фузул** – беҳудагӯй.
**Фустот** – пойтахти Мисри қадим.

**(Х)**

**Халал** – нобасомонӣ, айб.
**Халида** – маҷрӯҳ.
**Халқон** – халқҳо.
**Халуқ** – навъе атр
**Хасот** – фурӯмоягон
**Х(в)ай** – араќи бадан
**Х(в)ешкома** – хушкома.
**Хир-хир** – ҳарза.
**Хира ҷӯшидан** – шӯридан.
**Холиқ-ул-Акбар** – Худои бузург.
**Хоки сукун** – хок.
**Холиҷой** – ҷои холӣ.
**Хурсанд** – қаноат.
**Хушӯъ** – фурӯтанӣ.
**Хозин** – хизонадор
**Хорбун** – хор.
**Хулқон** – кӯҳнаҳо.
**Хулқи ҳисон** – хулқи нек.
**Хоҷаи уқбо** – Паёмбари Акрам(с).
**Хуни худ хӯрдан** – ба куштан додан.
**Хӯй боз кардан** – тарки одат кардан.

**(Ҳ)**

**Ҳадд** – марз.
**Ҳадди Ғӯр** – қаламрави ноҳияи Ғӯр.
**Ҳадис** – мавзӯи баҳс.
**Ҳадиси сард** – суханони сахт.
**Ҳадису ҳадид** – шамшерзанӣ.
**Ҳазан** – андӯҳ .
**Ҳазар** – парҳез.
**Ҳарам** – Маккаи муаззама.
**Ҳас** – барангехтан
**Ҳотами Асамм** – Абӯабдурраҳмон Ҳотам ибни Юсуф.
**Ҳоҷиб** – пардадор.
**Ҳомили «Қуръон» -** Ҳофизи оёти «Қуръон».
**Ҳабл** – ресмон.

**Ҳабба** – миқдори кам.
**Ҳариф** – ҳамнишин
**Ҳаҷҷом** – маканда, ҷарроҳ, хунгир.
**Ҳашр** – қиёмат.
**Ҳашмат** – шукӯҳ.
**Ҳазз** – баҳра.
**Ҳало** – хон.
**Ҳалакалмусқалун** – сангборон, нобуд шудан.
**Ҳамон-т** – барои ту.
**Ҳамрух** –шабоҳат.
**Ҳамкиса** – дӯстони ҳақиқӣ.
**Ҳашвора** – оҳиста.
**Ҳинҷор** – роҳ.
**Ҳавдаҷ** – каҷова.
**Ҳасаб** – вологуҳарӣ.
**Ҳин** – ҳамин.
**Ҳурра** – озодзан.
**Ҳусом** – шамшер.
**Ҳуқуқи сӯҳбат** – имтиёзи сӯҳбат.
**Ҳилм** – афв, бурдборӣ.
**Ҳилла** – кӯй, маҳал.
**Ҳимл** – бор, вазнинӣ.
**Ҳайдар** – шери шарза, лақаби Алӣ(а).
**Ҳайдари** сонӣ – монанди Алӣ(а).
**Ҳилат** – чора.
**Ҳилаҷӯ** – он ки дунболи ҳилаҳои шаръист.
**Ҳазоҳиз** – майдони ҷанг.
**Ҳузабр** – шери жаён.
**Ҳишом** – Ҳишом ибни Абулмалик ибни Марвон халифа.

**(Ч)**

**Чобукӣ** – шитоб, чолокӣ.
**Чор табъ** – мизоҷҳои чоргона.
**Човаш, човуш** – фаррош.
**Чаром** – чарогоҳ.
**Чархи тезгард** – осмон.
**Чашме аз оташ** – сурхчашм.
**Чашдию чунӣ** – чигунагӣ.

**(Ҷ)**

**Ҷобулсо** – номи шаҳр дар Мағриб.
**Ҷондор** – нигоҳбон.
**Ҷабборӣ** – ситамгарӣ.
**Ҷабраил** – Рӯҳуламин.
**Ҷабҳат** – пешонӣ.
**Ҷавқ** – даста.
**Ҷавлон** – давр задан.

**Ҷавҳар** – худии худ.
**Ҷаҳони қадар** – сарнавишт
**Ҷадал** – душманӣ
**Ҷаҳим** – дӯзах.
**Ҷаъфар** – Ҷаъфар ибни Абутолиб.
**Ҷаъфари Содиқ(а)** – Имоми шашуми шиаҳо.
**Ҷамоли аср** – зебоии рӯзгор.
**Ҷамр** – тикаи оташ, лахча.
**Ҷамал** – шутур.
**Ҷумла варост** – ҳама моли ӯст.
**Ҷаннат-ул-маъво** – биҳишти барин.
**Ҷурӯҳ-ул-қисос** – қисоси захмҳо.
**Ҷустӣ фурқат** – ҷудо монад.
**Ҷуҳдулмуқилл** – андакмоя.

**(Ш)**

**Шаёнидирам** – сикаҳои тилло.
**Шед** – рӯшноӣ.
**Шамоил** – тасвир.
**Шаммате** – андаке.
**Шаҳна** – доруға.
**Шарза** – хашмгин.
**Шараҳ** – ҳирс.
**Шаст** – чангаки моҳигирӣ.
**Шағаб** – доду фарёд.
**Шаҳоват** – хушиҳои нафсонӣ.
**Шикорад** – шикор кардан.
**Шореъи дин** – Пайғамбари Акрам(с).
**Шӯи Батул** – Ҳазрати Амир(а).

**(Э)**

**Эҳсон** – некӣ, некӯкорӣ.
**Эътимод** – пуштибонӣ хостан.
**Эмин** – ором, бо амният.

**(Я)**

**Ясор** – чап.
**Яктеғ** – рост.
**Ямин** – рост.
**Яминуддин** – дасти рости дин.

## МУНДАРИЧА

Ҳаким Саноӣ симои бузурги назму ҳикмати ирфонӣ .........5
Ҳадиқатул-ҳақиқа ва шариатут-тариқа
(Порчаҳо аз маснавӣ) ..........................................................31
Қасоид ...........................................................................255
Ғазалиёт .........................................................................335
Тавзеҳот .........................................................................464
Феҳрасти баъзе луғот, истилоҳот ва таркибот.................466

"АХТАРОНИ АДАБ" (СИЛСИЛА)
ИБОРАТ АЗ 50 ҶИЛД

## Ҷилди 17

САНОИИ ҒАЗНАВӢ

# МУНТАХАБИ АШЪОР

Муҳаррири ороиш *Р. Шералӣ*
Муҳаррири саҳифабандӣ *М. Саидова*
Тарроҳ *Ҳ. Холов*
Ҳуруфчини компютер *Р. Ализода*

Ба матбаа 11.11.2011 таҳвил гардид. Чопаш 27.12.2011 ба имзо расид. Коғази офсет. Чопи офсет. Ҳуруфи адабӣ. Андозаи 60х90$^{1}/_{16}$. Ҷузъи чопӣ 30,0. Адади нашр 5000 нусха. Супориши № 109/11.

Нашриёти "Адиб"-и Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734018, ш. Душанбе, кӯчаи Неъмат Қаробоев, 17а.

Дар матбааи нашриёти «***Истеъдод***» чоп шудааст.
734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 36.
Тел.: 221-95-43. E-mail: istedod2010@mail.ru.